РАҲИМ
МУСУЛМОНИЁНИ ҚУБОДИЁНӢ

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Китоби дарсӣ

барои донишҷӯёни донишкадаҳои
филологии мактабҳои олӣ

• Чопи якум: Душанбе: Маориф, 1990; 335 с.; 5000 нусха
• Чопи дуюм: Душанбе: ҶДММ "Торус", 2025; 542 с.; 150 нусха

ТДУ 891.550
ТКБ 83.3 тоҷ
М-88

Назарияи адабиёт [матн] китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишкадаҳои филологии мактабҳои олӣ / Муаллиф: Мусулмониён, Р.Қ., Душанбе: ҶДММ "Торус", 2025. – 540 с. Таҳияи М.Раҳимӣ. нашри дуюм.

Муҳаррир: Зиё Абдулло
Муҳаррири техникӣ: М. Атозода
Мусаҳҳеҳ: М. Раҳимӣ

Нашри дуюми китоб тағйиру иловаҳои зиёди муаллифро дар бар гирифта, барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ, муҳаққиқон ва суханпажуҳон дастури муҳим мебошад.

Китоб фарогири намунаҳои шеърии адабиёти муосири Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон буда, бо шаффофияти адабӣ ва таҳлилҳои васеи суханшиносӣ метавонад ҳамчун дастури омӯзиши шеъру сухан барои ҳавзаи забони тоҷикӣ – форсӣ хидмат кунад.

ISBN 978-99985-67-57-3

© Мусулмониён, Р.Қ. 2025.

ДЕБОЧА

Дар донишкадаҳои филологии мактабҳои олӣ, дар қатори забоншиносон, мардумшиносон ва рӯзноманигорон, адабиётшиносонро низ ба камол мерасонанд. Бо нияти тарбияи дурусту ҳаматарафаи мутахассисони адабиёти бадей, фанҳои "Мадхали адабиётшиносӣ", "Шеършиносӣ", "Таърихи нақди адабӣ" таълим дода мешаванд, ки бо назариёти адабӣ вобастаанд. Азбаски назарияи адабиёт дар системаи илмҳои филологӣ мақоми намоёнеро ишғол менамояд ва бинобар он ки дониши мустаҳками назарӣ нишони камолоти суханшинос ҳисоб меёбад, ин илм дар синфҳои боло омӯхта мешавад.

Дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон ин илмро тақрибан сӣ сол, яке аз адабиётшиносони фаъоли ҷумҳурӣ, узви вобастаи Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳиб Табаров сабақ додааст. Ҳудуди бист сол инҷониб ин кор ба уҳдаи муаллифи ин сатрҳо буд. Эҳтиёҷоти шогирдон тақозо намуд, ки Барномаи тадриси илми назарияи адабиёт таҳия шавад (онро соли 1985 Донишгоҳ ба табъ расонид). Инак, дар асоси он Барнома ин *китоби дарсӣ* сохта шуд.

Дар таълифи ин китоб рисолаҳои адабиётшиносони тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Холиқ Мирзозода, Субҳон Давронов, Валӣ Самад, Ҳамроқул Шодиқулов, Садрӣ Саъдиев, Юсуф Акбаров, Атахон Сайфуллоев ва дигарон, ки зери унвони умумии "Китобхонаи назарияи адабиёт" (Ирфон, 1974-76) ба табъ расида буданд, китобҳои дарсии профессорон Геннадий Поспелов ва Леонид Тимофеев, ҳамчунин асарҳои таҳқиқотии донишмандони дигар истифода шудаанд.

Нуктаи дигар ин аст, ки "Назарияи адабиёт" дар Эрон тадрис намешавад, ҷои онро "Нақди адабӣ" гирифтааст, агарчи ин илм умумӣ нест, хусусӣ аст.

Дар таҳия ва таҳрири ин китоб, донишмандону адибон ва ҳамкорони иззатманд – дорандаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шодравон Лоиқ Шералӣ, доктори илмҳои филологӣ Абдунабӣ Сатторзода, шодравон Ардашер Каримов, профессорон Асадулло Саъдуллоев, Абулҳай Маҳмадаминов ва Рустами Ваҳҳобниё кӯмак расонданд, ки мусанниф барояшон миннатдории самимона изҳор медорад.

Аз хонандагони муҳтарам дархост мешавад, ки андешаҳои худро ҷиҳати беҳбудии минбаъдаи ин китоб ба нигоранда бифиристанд ва ё тавассути матбуот маълум кунанд.

Маълум аст, ки дар ганҷинаи халқамон гуфтаҳои пурбаҳои назарии адабӣ фаровонанду парешон. Мутаассифона, ин дурдонаҳо алҳол як ҷо фароҳам оварда, мураттабу мавзун карда нашудаанд. Табиист, қисме аз онҳо дар ин китоб бори аввал истифода шудаанд, боистӣ, ки бештар истифода шаванд. Дур нест, ки чизе носавоб омада, ё нопурра тафсир дода ё дурре дур монда бошад. Ба ин маънӣ низ нигоранда ниёзманди кӯмаки устодону шогирдони азиз аст.

Душанбе, 1988 – Теҳрон, 2008

КИТОБИ ҶОМЕЪ ВА СУДМАНД

Китоби "Назарияи адабиёт"-и устод Раҳими Мусулмониён, ки дар соли 1990 аз тарафи нашриёти "Маориф" ба чоп расидааст, то кунун муҳимтарин ва метавон гуфт, ягона китоби мукаммали илмию таълимии назарияи адабиёт мебошад. Назарияи адабиётро ба таъбири дигар "фалсафаи адабиёт" низ номидаанд, зеро агар фалсафа дар нисбати тамоми улум мақоми куллиётро дошта, ёфтаҳои ҳамаи донишҳои башариро ҷамъбаст ва хулоса намояд, назарияи адабиёт ба навбати худ дар доираи улуми адабӣ ҳамин мақомро дорад. Аз ин ҷост, ки фасли алоҳидае аз китоби дарсии назарияи адабиёт ба таърифу таъбири илмҳои адабиётшиносӣ аз қабили таърихи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ, китобшиносӣ ва сарчашмашиносӣ, вожагии онҳо, ҳадафи онҳо ва мавзуъҳои мавриди омӯзиши онҳо ихтисос ёфтааст. Ҳамчунин мавзуъҳои куллии забони адабиёт, бадеият, ҷанбаҳои ҳунарии адабиёт, таносуби шакл ва мазмуни осори адабӣ, муштаракоти назарӣ ва амалии миёни адабиёт ва анвои дигари ҳунарҳои бадеъ (санъатҳо), робитаи адабиётшиносӣ бо илмҳои дигар, меъёрҳои пазируфтаи каломи бадеъ, ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ, созмон ва сохтори меъёрии осори бадеъ, таносуби ҳунари адабӣ ва воқеият, шеваҳои ҳунарии инъикоси воқеият дар адабиёт (шеваҳо, методҳо, ҷараёнҳои адабӣ), таносуби анъана ва навоварӣ, шартҳои арзишии асари бадеӣ, рисолатҳои иҷтимоии адабиёт, ҷанбаҳои инсонмеҳварии адабиёт, маърифати адабӣ ва вожагии он ва ғайра дар чаҳорчӯби барномаи омӯзишии фанни "Назарияи адабиёт" фаро гирифта мешавад. Возеҳ аст, ки бо ин тафсил тақрибан мавзуе марбут ба доираи улуми адабӣ аз ин доираи омӯзиш хориҷ намемонад. Бинобар ин назарияи адабиётро барҳақ метавон ба унвони асоситарин илми поя (фундаменталии) адабиётшиносӣ ва умуман

филология тавсиф ва омӯзиши ҳарчи муфассалтар ва амиқтари ин фанро аз муҳимтарин аҳдофи барномаи омӯзишии филология ба ҳисоб овард.

Бо таваҷҷуҳ бар ҳамин аҳамияти мубрами фанни назарияи адабиёт аст, ки он дар ду давра вориди барномаи омӯзиши донишҷӯён дар факултетҳои адабиёти (филологияи) донишгоҳҳои олӣ гардидааст. Дар давраи аввал ба номи "муқаддимаи адабиёт" ин фан ба донишҷӯёни соли аввал омӯзонда мешавад, ки дар асл он давраи мухтасаре аз ҳамин назарияи адабиёт мебошад, ки ба сурати муҷаз сарфаслҳои давраи комили фанни назарияи адабиётро дар бар мегирад. Зеро ин донишҳо барои донишҷӯён зимни омӯзиши дигар донишҳои адабӣ ва филологӣ зарурӣ ҳастанд. Давраи дувум дар соли хатми донишгоҳ ин фан мустақиман ба унвони "Назарияи адабиёт" ба сурати муфассал тадрис мешавад. Зеро дар ин давра донишҷӯён барои фаро гирифтани масъалаҳои амиқу печидаи назарияи адабӣ бо фаро гирифтани донишҳои зарурии филологӣ ва умуман улуми инсонӣ (гуманитарӣ), аз ҷумла мантиқ ва фалсафаву ҷомеашиносӣ, малакаҳои лозимро доро мегарданд.

Китоби дарсии "Назарияи адабиёт"-и устод Раҳими Мусулмониён дар заминаи дастовардҳои пажӯҳишии амиқу муфассали илмию назарии худи муаллиф ва ҳамчунин устодони собиқадори дигари факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, хусусан кафедраҳои таърихи адабиёт ва адабиёти муосир ва танқиди адабӣ, ки баъдтар ба унвони "Назарияи адабиёт ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ" тағйири ном кард, таълиф гардида, сатҳи нави донишҳои адабиётшиносиро дар худ таҷассум намудааст.

Устод Раҳими Мусулмониён сарфи назар аз он ки дар кафедраи адабиёти муосир ва нақди адабӣ асосан ба омӯзиши мундариҷоти адабиёти даврони шуравӣ таваҷҷуҳ мешуд, аз ибтидои фаъолияти илмӣ таҳти роҳбарии узви вобастаи

академияи илмҳои Тоҷикистон устод Соҳиб Табаров ба таҳқиқу пажӯҳиши сарчашмаҳои назарӣ ва илми бадеъ, хусусан, "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дар ҳавошии он дигар сарчашмаҳои назарӣ шуғл варзида, ҳамзамон ин сарчашмаи муҳими илмӣ-назарии адабиётшиносиро бо тавзеҳоту шарҳу басти муфассали илмӣ ба чоп расонд. Чун ин таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом шуда буд, асари мазкур дар шумори асарҳои таҳқиқотии нодире қарор гирифт ва дар муҳити илмии шарқшиносии ҷаҳон пазируфта гардид. Аз ҷумла дар Эрон ҳам чун ягона нашри илмии ин асари муҳим ба ҳуруфи форсӣ чоп шуд.

Дар ин давра дар ҳавзаи кафедраи адабиёти классикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон низ як силсила сарчашмаҳои илмию назарии адабӣ аз сарчашмаҳои Юнони бостон ва ҳакимони Шарқ чун Ибни Сино, Насириддини Тусӣ то адибону донишмандоне чун Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммад Авфии Бухорой, Низомии Арӯзӣ, Мавлоно Ҷомӣ, ҳамчунин Рашиди Ватвот (аз тарафи ховаршинос Н.Ю.Чалисова) ва ғ. ба чоп расид, ки барои рушду таҳаввули назариёти адабӣ ёрии фаровон расонд. Чанд нашри китоби машҳури устод Турақул Зеҳнӣ "Санъати сухан" ва маҳбубияти он миёни хосу ом низ нишонаи боло рафтани завқи адабӣ ва шавқу алоқаи донишҷӯён ва адабиётдӯстон ба улум ва саноеъи адабӣ буд.

Ин ҷараён дар матни таҳаввули фарогири худшиносии миллӣ сурат мегирифт ва сарҷӯйҳои онро шодоб мекард. Муҳтавои ин китобҳо хоҳу нохоҳ омӯзандаро ба суйи арзишҳои миллии маънавӣ ҳидоят менамояд. Худи истилоҳоти илмии адабиётшиносӣ дар муҳите, ки ағлаби истилоҳот бегона буд, ишорате, балки таъкиде ба истиқлоли фикрӣ ва адабӣ дошт.

Нависандаи китоби "Назарияи адабиёт" танҳо таърифи падидаҳо ва меъёрҳои адабиро ба донишомӯз пешкаш наменамояд, балки дар ҳар фурсати мусоид бо эҳсоси зарурат

ба шарҳу басти моҳияти ин падидаҳо ва меъёрҳо онҳоро аз дидгоҳи худ нақд мекунад ва назари худро дар хусуси онҳо баён менамояд. Ин шеваи нигориш китобро аз маҳдудаи як асари сирф таълимӣ фаротар бурда, ба донишҷӯён малакаҳои андешаи илмию таҳқиқотиро ёд медиҳад. Аз ҷумла дар мавриди имтиёзоти эстетикаи (зебошиносии) миллии адабӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, навовариҳо, аз ҷумла дар системаи классикии аруз, ҷанбаи миллии тоҷикии аруз, навоварӣ дар жанрҳои адабӣ ва ғ. бо назарҳо ва дидгоҳҳои муҳаққиқонаи муаллифи китоб дучор меоем.

Дар поёни муқаддимаи нашри аввали "Назарияи адабиёт" муаллифи он устод Раҳими Мусулмониён дар идомаи дархост ҷиҳати такмили минбаъдаи ин китоб аз донишмандони ҳамкор менависад: "Махфӣ нест, ки дар ганҷинаи халқамон гуфтаҳои пурбаҳои назарии адабӣ фаровонанду парешон. Мутаассифона ин дурдонаҳо алҳол як ҷо фароҳам оварда, мураттабу мавзун карда нашудаанд. Боистӣ, ки бештар истифода шаванд. Дур нест, ки чизе носавоб омада, ё нопурра тафсир шуда ё дурре дур монда бошад. Ба ин маънӣ низ нигоранда ниёзманди кумаки устодону шогирдони азиз аст."

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки чунон ки пештар ишора шуд, таъкиду майли нигорандаи ин китоб аз аввал ҳам бештар рӯйи арзишҳо ва афкору дидгоҳҳои дорои асолати таърихии миллӣ аст ва ҳанӯз ҳам таъкидаш рӯйи ҳамин нукта аст ва мехоҳад ҳамин ҷанбаро тақвият намояд. Албатта, ин ҷо дар он солҳо ба сароҳат наметавонист бинависад, ки баъзе мафҳумҳо ва меъёрҳои дорои аслу бунёди сиёсиро баночор дар китоб ҳифз кардем. Аммо дар солҳои баъдӣ, хусусан даврони истиқлоли Тоҷикистон ин маҳдудиятҳо аз миён рафта ва муаллиф метавонист, китобро бо тафаккури озоди таҳлилии миллӣ такмил намояд. Ба эҳтимоли қавӣ ба ҷуз мавод ва мутолиоти тоза фурсате ҳам ба муаллиф даст дода, ки ин кори муҳимро ба анҷом расонад.

Инак, нашри ҷадиде аз ин китоби муҳим ва бунёдии дарсӣ омода шуда ва ба ҳиммати фарзанди фарзонаи устод бону Манижа Раҳимӣ бо таҳрири шоир Зиё Абдулло ба дасти чоп дода мешавад. Ин китоб барои донишҷӯён ва устодони ҳамаи донишгоҳҳои филологияи мо ва умуми аҳли илму адаб дорои аҳамияти фаровон мебошад.

Рустам Ваҳҳобзода

МУҚАДДИМА

Филология – калимаи мураккаби юнонӣ буда, маъноаш *суханшиносӣ* аст. Илмҳои филологӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) адабиётшиносӣ, 2) забоншиносӣ. Тафовути ин ду, пеш аз ҳама дар он аст, ки агар предмети омӯзиши илмҳои адабиётшиносӣ фақат адабиёти бадеӣ бошад, илмҳои забоншиносӣ бо таҳқиқи забони адабиёти бадеӣ маҳдуд намегардад, ин гурӯҳ боз забони гуфтугӯӣ, таърихи забон, лаҳҷаҳо ва дигар ҷиҳатҳои забони халқро меомӯзад.

1. *АДАБИЁТШИНОСӢ.* Сухани инсон, ба истиснои сухани муқаррарии гуфтугӯӣ, аз ду қисми асосӣ иборат аст: 1) сухани бадеӣ, 2) сухани илмӣ. Баёни хусусиятҳои сухани бадеиро ба мавриди дигар (боби VIII) вогузошта, ин ҷо нишонаҳои асосии сухани илмӣ хотиррасон хоҳад шуд.

Сухани илмӣ се нишонаи муҳим дорад: 1) далел, 2) муҳокимаю муқоиса, 3) хулоса. Яъне, муҳаққиқ аввал далелу ҳуҷҷатҳоро гирд меорад, пас, онҳоро муҳокима менамояд ва ахиран, ба хулоса меояд. Бояд таъкид кард, ки сифати илмии асари илмӣ ба сифати ҳар яке аз марҳилаи номбаршуда вобаста аст: агар далели мавзуъ кофӣ бошад ва ҷамъбаст асоснок ояд, дараҷаи илмии асар баланд хоҳад буд. Ва агар не, паст мешавад.

Ҳамин тариқ, бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки асосу устухони илм *ҳуҷҷату далел* мебошад.

Ҳамчунин, бояд донист, ки ҳар як илм ҳатман предмети омӯзиш дорад, яъне, ин ё он соҳаро меомӯзад. Масалан, илми таърих таърихи кишварҳо, халқҳо, қавмҳоро меомӯзад; геология дар бораи канданиҳои фоиданок, мавқеи ҷойгиршавӣ ва таърихи пайдоишу таҳаввули онҳо баҳс мекунад. *Адабиётшиносӣ илмест, ки мавзуи баҳси он адабиёти бадеӣ мебошад.*

Адабиётшиносӣ адабиёти бадеиро аз ҷиҳатҳо ва тарафҳои гуногун таҳқиқ мекунад. Бинобар ин, адабиётшиносӣ аз чанд илм фароҳам омадааст. Илмҳои адабиётшиносиро, бинобар мавқеъ ва истиқлолашон дар системаи илмҳои мазкур, ба ду гурӯҳ тақсим кардаанд:

1) илмҳои асосии адабиётшиносӣ;
2) илмҳои ёвари адабиётшиносӣ.

Илмҳои асосӣ ё худ мустақили адабиётшиносӣ иборатанд аз: таърихи адабиёт, нақди адабӣ ва назарияи адабиёт. Ин илмҳо тарафҳои хеле муҳими адабиёти бадеиро меомӯзанд ва ҳар яке чун илми мустақил вуҷуд дорад.

Илмҳои ёридиҳандаи адабиётшиносӣ (масалан, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, китобшиносӣ) илмҳои мустақил нестанд, балки вазифаи онҳо ба ин ё он илми асосии адабиётшиносӣ хизмат расондан аст.

а. Илмҳои асосии адабиётшиносӣ.

Таърихи адабиёт. *Илме, ки чигунагии пайдоиш ва раванди ташаккулу инкишофи адабиёти бадеии хаттии ин ё он халқро мураттаб меомӯзад, таърихи адабиёти ҳамон халқ номида мешавад.*

Таърихи адабиёт тамоми асарҳои ҳаҷман хурду бузургеро фаро мегирад, ки адибон дар ҳамаи жанрҳо, дар тӯли давраҳои мавҷудияти халқ эҷод кардаанд.

Таърихи адабиёт илми мушаххас аст: таърихи адабиёти ин ё он халқро (дар давраи муайян, ё дар тамоми давраҳояш) меомӯзад. Чунончи, таърихи адабиёти тоҷик се марҳилаи умдаро дарбар мегирад:

1) адабиёти қадим (аз Авасто то асри VIII);
2) адабиёти асрҳои миёна (аз асри VIII то соли 1920);
3) адабиёти давраи навин.

Дар таснифоти таърихи адабиёт ду чиз ҳамчун меъёр хизмат карда метавонад: 1) қонунияти сохти иҷтимоии халқ; 2) хусусиятҳои умумии марҳилавии адабиёти бадеӣ.

Дар натиҷаи ягонагии сохти иҷтимоӣ ва ваҳдати марому мақсад, адабиёти миллӣ хусусиятҳои нави муштарак пайдо кард.

Барои илми таърихи адабиёт ду хусусият хос аст: *яке* – мушаххасии (конкретияти) предмети омӯзиш, *дигаре* – вусъати доираи он предмет.

2. *Нақди адабӣ.* *Илме, ки асари бадеӣ ва ё силсилаи асарҳоро дар гармогармиаш таҳлил карда, арзиши аслии онро муайян менамояд, нақди адабӣ номида мешавад.* Ин илмро, ки ҳоло аксаран *танқиди адабӣ* гуфта мешавад, дар адабиётшиносии классикии тоҷику форс *нақди адабӣ* ва *нақди шеър* меномиданд.

Ба доираи мавзуи баҳси илми нақди адабӣ инҳо кашида мешаванд:

1) як асари нав таълифшуда;
2) силсилаи асарҳои тозаи адиб;
3) марҳилаи ҷории эҷодиёти як адиб;
4) хусусиятҳои муҳимтарини мундариҷавию ғоявӣ, тематикиву услубӣ ва ҷанбаҳои дигари мушаххаси адабиёт дар 4-5 соли охир.

Муҳимтарин нишонаи илми нақди адабӣ ***фаврият*** аст. Мунаққиди адабӣ, ки ӯро дар адабиётшиносии гузашта *ноқиди сухан* ва ё *суханшинос* мегуфтанд, вазифадор аст, ки асари бадеӣ ё силсилаи асарҳои ин ё он нависандаро **ф а в р а** н таҳлил карда, ҳусну қубҳи онро ошкор намояд.

Хусусияти дигари нақди адабӣ – ниҳоят конкрету равшан ва танг будани ҳудуди предмети омӯзиш аст. Мунаққид ҳамагӣ якчанд ва ё як асарро меомӯзад.

Мақсади нақди адабӣ ду ҷиҳат дорад: 1) пеш бурдани адабиёти бадеӣ; 2) баланд бардоштани мафкура ва завқи эстетикии аҳли ҷомеа. Яъне, дар сурати аз тарафи мунаққид ошкор шудани ҳусну қубҳи асар, ҳам нависанда ба бурду

бохти эҷоди худ мутаваҷҷеҳ мешавад, ҳам хонанда ба марому матлаби аслии муаллиф эътибор медиҳад.

3. *Назарияи адабиёт.* *Ин илм хусусиятҳои умумии дохилии адабиёти бадеӣ, қонунияти инкишоф ва вазифаҳои иҷтимоии онро меомӯзад.* Ба доираи баҳси назарияи адабиёт масъалаҳои муҳими эҷоди бадеӣ – ҳамчун тасвир (образу образнокӣ), ваҳдати мундариҷаю шакл, масъалаҳои сужету композитсия, аломатҳои ҷинсию жанрии асарҳои бадеӣ, услуб, метод ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Нишонаи марказии илми назарияи адабиёт – умумият (ё худ муштаракият) аст, яъне, ин ҷо ҳодисаю ҳолат ва ё чизҳои ҷудогона мушаххасу фардӣ не, балки ҳодисаю ҳолат ва ё дигар чизҳои умумию муштарак ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Илми адабиётшиносӣ аз таърихи адабиёт ва танқиди адабӣ фарқи қатъӣ дорад, зеро ин ҷо чаҳор хусусияти хос, яъне: вусъати предмети омӯзиш ва мушахассии он, маҳдудияти предмет ва фаврияти омӯзиш дар мақоми аввал қарор надорад. Дар назарияи адабиёт мавқеи муҳимро таҳқиқи хусусият ва қонунияти муштараку умумии тамоми адабиёт ишғол менамояд. Агар доираи фаъолияти муаррихи адабиёт ва нақди адабӣ бо омӯзиши як асар ва ё эҷодиёти як адиб маҳдуд шуда тавонад, чунин доира барои фаъолияти назариячии адабиёт кифоя намекунад.

Назарияи адабиёт дар масъалаи предмети омӯзиши худ аз нақди адабӣ ва таърихи адабиёт фарқи куллӣ дорад: ин ҷо на асарҳои алоҳида, балки нишонаю хусусиятҳои умумӣ омӯхта мешаванд. Бинобар ин, назарияи адабиёт нисбат ба илмҳои дигари адабиётшиносӣ дар назари аввал илми мавҳуму муҷаррад (абстракт) менамояд. Вай мисли асал аст, ки зарра-зарра аз ҳар як асари бадеиву ҳодисаи адабӣ ҷамъ меояд.

Назарияи адабиёт дар ҳаёти ҷомеа дорои аҳамияти калон аст, зеро дар сурати сари вақт кашф шудани хусусиятҳои

назарии адабиёт, аз як сӯ муҳити адабӣ равнақ ёбад, аз сӯи дигар доираи назари худшиносии аҳли ҷомеа васеъ мегардад. Бесабаб нест, ки равнақи назарияи адабиёту ҳунар ба сатҳи болоравии фарҳанги мардум хеле вобаста аст ва яке хоҳу нохоҳ омили дигаре мешавад.

Б. Илмҳои ёвари адабиётшиносӣ.

1. Матншиносӣ. Асоси адабиёти бадеӣ дар ҳамаи давраҳо ва дар ҳама гуна ҳолатҳо, матни асари бадеист. Матни асари бадеӣ ҳамеша дар як ҳолат боқӣ намонда, балки тағйир меёбад. Тағйироти матни асари бадеӣ бо ду роҳ сурат мегирад: 1) аз ҷониби худи муаллиф; 2) бо қалами бегонагон – ҳамчун котиб, муҳаррир, мусаҳҳеҳ, муҳаққиқ, хайрхоҳ, бадхоҳ, хонандаи бетараф ва амсоли инҳо.

Табиист, ки нависанда асари худро таҳрир карда метавонад: онро аз ягон ҷиҳат такмил медиҳад, тасҳеҳу ихтисор мекунад ва ғ. Баъзе нависандагони бузург тамоми умр ба матни асарашон қалам мезананд. Муроди онҳо ин аст, ки асари бадеӣ то ҳадди имкону тавоноӣ, мазмунан пурраву муъҷаз, аз ҷиҳати ғоя равшану бурро, аз нуқтаи назари бадеиёт баландтару пуртаъсиртар сурат гирад.

Ин ҳодиса, яъне, матни асари худро такмилу тасҳеҳ кардани адиб ҳодисаи муқаррарии айнист (объективист). Аз ин роҳ матни асар дар аксари мутлақи мавридҳо сифатан бурд мекунад, камол меёбад.

Асари бадеӣ баъди таълиф ёфтанаш дастраси умум мегардад, метавон гуфт, ба мероси маънавии халқ табдил меёбад. Ба тарзи дигар гӯем, асар аз ихтиёри муаллиф то андозае берун рафта, моли умум мешавад. Дар натиҷа, имконияте фароҳам меояд, ки одамони бегона ба матни асар даст расонанд: муҳаррир ҳангоми ба нашр омода намудани матни асар онро таҳрир мекунад, котиб калимаю ибораи душворхон ё номафҳумро ба дилхоҳи худ табдил медиҳад,

хонанда мувофиқи завқу фаҳмиши худ чизеро илова ё ихтисор менамояд, шахси бадхоҳ чизи номатлуберо қасдан мегузорад ва ғ.

Ин роҳи тағйироти матни асар, ба истиснои тасҳеҳоти муҳаррир, ки аз назари муаллиф гузашта бошад, нописандида аст, зеро чунин тасарруф ва дахолатҳо ба матни асари адиб ба таври зеҳнӣ (субъективона), яъне, аз зери қалами одамони бегона содир мешавад. Аммо бояд донист, он маслиҳатҳое, ки муҳаррир ва ё шахси дигари бегараз ба соҳиби асар додааст ӯ писандидааст, ба ҷумлаи тасарруфоти нораво дохил намешавад. Адиб дар роҳи беҳбудии асари худ аз эроду маслиҳатҳои дигарон ҳам фоида мебарад ва ин гуна тасҳеҳот иродаи худи муаллиф ҳисоб меёбад.

Он соҳаи адабиётшиносие, ки бо таҳқиқи тағйироти матни асари бадеӣ машғул аст, матншиносӣ ном дорад.

Вазифаи матншиносӣ омӯхтани матни асар аст. Мақсади ин илм – муайян намудани матни аслие мебошад, ки муаллиф офаридааст ва он тасарруфоте аст, ки дигарон содир кардаанд.

Аҳамияти матншиносӣ зиёд аст, чунончи тавассути он раванди такомулоти ҷаҳонбинӣ, завқ ва маҳорати нависанда равшан мешавад, арзиши аслии асари бадеӣ муайян мегардад, матни аслии асар, ки иродаи муаллиф бошад (ва ё матни нисбатан саҳеҳтари он) ба майдон меояд.

Азбаски асоси адабиёти бадеӣ матн аст, пойдевори илмҳои адабиётшиносиро низ матншиносӣ ташкил медиҳад. Агар матни саҳеҳи асари бадеӣ таҳия нашуда бошад, таҳлили асари бадеӣ ҳам муътамад намешавад.

Дар таърихи тамаддуни тоҷик матншиносӣ ривоҷе дошт. Чунончи, дар натиҷаи дахолати котибону хонандагон матни "Шоҳнома" дар асри XV ба тағйироти зиёди нохуш дучор омад. Донишмандони Ҳирот, бо супориши Бойсанғур Мирзо, матни асари безаволи Фирдавсиро тасҳеҳ карданд. Мисоли дигар: Хоҷа Абдулатиф ал-Аббосӣ дар нимаи аввали асри

XVII матни интиқодии "Ҳадойиқ-ул-ҳақоиқ" (ё "Илоҳинома")-и ҳаким Саноиро таҳия кардааст. Вай қадимтарин нусхаи асарро ба асос гирифта, тартиби байтҳоро мувофиқи он гузошта, ҳамаи фарқу бадалҳоро тибқи нусхаҳои дигар барқарор мекунад. Барои осон шудани хониш, ҳатто навъҳои ҳарфи *йо*-ро ишора мекунад (*йо*-и ваҳдат, *йо*-и феълӣ, *йо*-и номаълум), аломати *коф*-у *гоф*-ро ҳам мегузорад. Ин суханшинос ба аломатҳои *ҳаракат*-у *сукунат*-и тамоми калимаҳои кӯҳнашуда (мувофиқи фарҳангу луғатҳо) ишора менамояд, то хонанда ба ғалат роҳ надиҳад. Абдуллатиф тафсири худро "Латоиф-ул-ҳадоиқ мин нафоис-ул-дақойиқ" меномад. Ба ин меҳнати Абдуллатиф, ки баҳори соли 1038/1629 анҷом ёфт, баъзе муосиронаш таъна мезананд, ки ӯ дар ҳаққи достони Саноӣ беҳурматӣ кардааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқи матншинос муқаддимаеро воҷиб медонад ва соли 1042/1632-33 онро навишта, аз ҷумла мегӯяд: агар ба қадри кори ӯ ҳоло нарасанд, баъд хоҳанд расид. Чун далели дурустии кори худ Абдуллатиф суханони Саноиро меорад:

Ҳарза н-овардаам ман ин тасниф,
Ҷону дил кардаам дар он таълиф.
Ресмон кардаам тану ҷонро,
То ба сӯзан бикандаам конро.

Ҳамин матншиноси варзида муқаддимаи Мансури Саноиро ҳам тасҳеҳ кардааст.

2. Сарчашмашиносӣ. Адабиётшиносӣ сарчашмае дорад, ки бидуни он вуҷуд дошта наметавонад. Ин сарчашма асарҳои бадеианд, ки дар давраҳои гуногун фарзандони халқ эҷод кардаанд. *Сарчашмашиносӣ – илми адабиётшиносист, ки тамоми манбаъҳои адабии мавҷудаи ҳамаи давраҳои адабиёти ин ё он халқро мураттаб менамояд ва меомӯзад.* Масалан, сарчашмаҳои адабиёти тоҷикро чунин тасниф кардан мумкин аст:

1) асарҳои умдаи адибон, ки дар шакли китобҳои ҷудогона, девонҳо, куллиёту хамсаҳо ва амсоли инҳо мавҷуданд;
2) тазкираҳо, баёзҳо, ҷунгҳо, маҷмуаҳо;
3) луғатҳо, фарҳангҳо, қомусҳо;
4) асарҳои илмии адабиётшиносӣ;
5) асарҳои таърихшиносӣ, ҷуғрофӣ, илмӣ, таълимӣ;
6) маноқибҳо, дигар китобҳои динӣ;
7) катибаҳо.

Ҳар муаррихи адабиёт пеш аз омӯзиши таърихи адабиёти ин ё он давра, сарчашмаҳои адабии онро муайян ва танзим мекунад. Агар сарчашмаҳо нопурра фаро гирифта ва ё ноқис омӯхта шуда бошанд, асари илмӣ ҳам нопурра ва ноқис хоҳад шуд.

Ҷолиб аст, ки солҳои зиёде дар бораи мавҷудияти адабиётшиносии тоҷику форс фикри устуворе гуфта намешуд. Сабаб дар он буд, ки аз як тараф, муҳимтарин сарчашмаҳои афкори назарии адабиётшиносӣ, ҳамчун асарҳои Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълум набуданд, аз тарафи дигар таълифоти Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ ва дигар донишмандони адабиёт маълум бошанд ҳам, дуруст омӯхта нашудаанд.

3. Китобшиносӣ. *Он соҳаи адабиётшиносие, ки бо тартибу танзими адабиёти бадеӣ ва адабиёти илмии доир ба соҳаи мушаххаси он машғул мебошад, китобшиносӣ ном дорад.*

1) он метавонад феҳрасти осори адибони ҷудогонаро (ҳатто як давраро) тартиб диҳад;
2) метавонад феҳрасти тематикӣ созад (масалан, инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар адабиёти навини тоҷик ва ё адабиёт роҷеъ ба ҷадидия);
3) феҳрасти адабиёти ин ё он марҳиларо тартиб медиҳад (чунончи, адабиёти тоҷик дар замони ҷанги бузурги ватанӣ);
4) феҳрасти ҷомеи адабиётро месозад (монанди "Ал феҳраст"-и Ибни Надим, "Қомус-ал-аълом"-и Шамсиддини Сомӣ), ки хусусияти энсиклопедӣ доранд.

РОБИТАИ АДАБИЁТШИНОСӢ БО ИЛМҲОИ ДИГАР

Адабиётшиносӣ, бинобар предмети омӯзиши худ (ки адабиёти бадеисту тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро инъикос менамояд) бо як қатор илмҳои дигар вобастагӣ дорад. Аммо робитаи адабиётшиносӣ бо илмҳои дигар яксон нест, гуногундараҷа аст. Ин гуногуниву нобаробарӣ ба доираву моҳияти предмети омӯзиши ҳар илме марбут мебошад.

Баъзе илмҳоро, мувофиқи дараҷаи робитаашон бо адабиётшиносӣ кӯтоҳ зикр хоҳем кард.

1. Забоншиносӣ. Тавре ки ишора шуд, агар адабиётшиносӣ пурра ба адабиёти бадеӣ бахшида шуда бошад, забоншиносӣ қисман ба он такя мекунад. Чунончи, яке аз вазифаҳои марказии забоншиносӣ – муайян намудани меъёри забони адабии миллӣ аст, дар ин масъала адабиёти бадеӣ нақши асосиро ҳамчун манбаи нофеъ ва қотеъ мебозад. Азбаски мавзуи омӯзиши ҳам адабиётшиносӣ, ҳам забоншиносӣ (пурра не, балки умда) адабиёти бадеӣ аст, миёни ин илмҳо робитаи узвӣ мавҷуд аст.

Адабиёти бадеӣ "санъати сухан" аст, яъне, он чунон навъи санъатест, ки ба воситаи забон шакли моддӣ мегирад. Маҳз барои ҳамин адабиётшинос дар айни замон бояд забоншинос ҳам бошад, зеро агар ӯ забони асари бадеиро хуб нашиносад, сараро аз сақат ҷудо карда наметавонад, аз уҳдаи объективона таҳлил кардани он асар ва баҳои сазовор додан намебарояд.

Масалан, Саид Нафисӣ, Маликушшуаро Баҳор, Бадеуззамони Фурӯзонфар барин донишмандони мумтози эронӣ дар шарҳу тафсири калима ва таъбирҳои бисёри адабиёти асрҳои X-XII оҷизӣ кашида, ба хатоҳо роҳ додаанд ва ин хатоҳоро донишманди дигари эронӣ Аҳмадалии Раҷоӣ ошкор кардааст.[1]

[1] Ниг.: *Аҳмадалии Раҷоӣ.* Лаҳҷаи бухорой. Машҳад, 1342.

Забони форсӣ аввал дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, пас дар мавзеъҳои дигар – Эрон, Ҳиндустон ва ғ. паҳн шудааст.

Аҳмадалии Раҷоӣ, назокати забони тоҷикиро аз модараш омӯхтааст, ки ӯ аслан бухорой будааст. Мисоле дигар: донишманди маъруф Е.Э. Бертелс гуфта: ҳиротиён бо ғазалфурӯшӣ ҳам машғул мебошанд. Дар ҳоле, ки аҳли Ҳирот *ғазлифурӯшӣ* мекунанд, *ғазлӣ* - навъе матоъ мебошад. Дар натиҷаи ғалат фаҳмидани ибора хулосаи нодуруст ҳам ба миён омадааст, ки гӯё дар Ҳироти асри XV одамоне будаанд, ки ғазалҳоро дар коғазҳо китобат карда, дар дӯконҳо мефурӯхтаанд. Ё худ, Арманush Козмоян ифодаи устод Рӯдакӣ харпадарат-ро, ки "падаркалон", "бобо" маънӣ дорад, ба русӣ "твой отец осел" тарҷума кардааст. Олимони озарбойҷонӣ ҳам калимаи мураккаби шайх Низомӣ "бедортарак"-ро "бедортурк" хонда ва тарҷума карда, ба хатоҳои дурушти ҷиддӣ ва хулосаҳои ғайриилмӣ роҳ додаанд.

Робитаи ногусастании адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ равшан нишон медиҳад, ки якеро хуб надониста, дар соҳаи дигар муваффақ шудан имконпазир нест. Дараҷаҳои нобаробари комёбиҳои адабиётшиносон ва забоншиносони тоҷик ин фикрро тасдиқ менамоянд.

2. *Илмҳои санъатшиносӣ.* Адабиёти бадеӣ, тавре ки дар мавридаш муфассалтар баён хоҳад шуд, ба мисли мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, кино, театр ва амсоли инҳо, навъи алоҳида ва махсуси санъат ба шумор меравад. Аз ин рӯ, табиист, ки илми омӯзандаи адабиёти бадеӣ бо илмҳои дигари санъатшиносӣ алоқамандию ҳамбастагии мустаҳкам дорад.

Илмҳои гуногуни санъатшиносӣ ғайр аз қонунияти дохилию махсуси предмети омӯзиши худ, мақсад ва ҳадафҳои муштарак ҳам доранд, ки масъалаи инъикоси ҳақиқат, тимсоли инсон ва муҳити ӯ, маърифати ҳусн ва ғ. дохил

мешаванд. Мақсади олии тамоми навъҳои санъат, аз ҷумла, адабиёти бадеӣ, офариниши сурати одами баркамол ва ба ин восита, парвариши завқи шоистаи аҳли ҷомеа мебошад.

Азбаски навъҳои санъат вазифаи умумию муштарак доранд, баъзе қонуниятҳои дохилӣ, аз қабили тасвиру муҳокот, таносубу гармония мушобеҳ мебошанд, ва ҳамин тариқ илмҳои онҳо низ узван вобастаи ҳамдигаранд. Аз тарафи дигар, асари бадеӣ бинобар зиндагиро ҳаматарафа дарбар карданаш, чун заминаи ҳунарҳои махсуси театру кино, рассомию мусиқӣ ва ғ. хидмат менамояд. Аз ин рӯ, агар муҳаққиқи адабиёти бадеӣ илмҳои дигари санъатшиносиро ба андозаи кофӣ нашиносад, таҳлили адабии ӯ ба талабот ҷавоби пурра дода наметавонад.

Дар навъҳои гуногуни санъат гоҳе мавзуъҳо, ҳатто сужету образҳои муштаракро вохӯрдан мумкин аст. Масалан, дар асоси "Марги судхӯр"-и устод С. Айнӣ балет, асарҳои рассомию ҳайкалтарошӣ бунёд ёфтаанд. Ё худ, дар асоси корнома ва шахсияти Восеъ романи Сотимхон Улуғзода, либреттои устод Мирзо Турсунзода ва Абдусалом Деҳотӣ, асари мустақили ҳайкалтарошӣ, расмҳое ба вуҷуд омадаанд. Адабиётшиноси ҳақиқӣ бояд ногузир аз қонуният ва осори муҳимтарини навъҳои дигари санъат бохабар бошад.

3. Илмҳои ҷамъияткушоӣ. Адабиётшиносӣ бо таърихшиносӣ, иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, илмҳое, ки ҷамъияти инсониро аз ин ё он ҷиҳати мушаххас меомӯзанд, қаробатҳое дорад. Нукта ин аст, ки асоси ҷамъиятро ҳамеша *инсон* ташкил медиҳад ва худи ҳамин инсон (албатта, бо муҳиташ) дар маркази тасвири адабиёти бадеӣ қарор гирифтааст.

Илми таърих, ба воситаи санаду ҳуҷҷатҳо, пайдоиш ва инкишофи ин ё он халқе, таҳаввули синфҳо ва муборизаи онҳо, хусусиятҳои ому хоси сохти ҷомеа, чигунагии мафкураи ҷамъиятӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳити ҳаёти онро таҳқиқ

менамояд. Ҳамин масъалаҳо дар адабиёти бадеӣ, махсусан дар асарҳои бадеии таърихӣ низ инъикос ёфта метавонанд. Аммо нависанда он масъала ва ҳодисаҳои таърихро ба воситаи тасвир, дар шакли ҷамъбасти типӣ ҷилвагар менамояд. Масалан, муборизаи халқи тоҷик ба муқобили арабҳои истилогар ҳам дар таълифоти илмии академик Бобоҷон Ғафуров нишон дода шудааст, ҳам дар қиссаи бадеии Сотимхон Улуғзода "Ривояти суғдӣ" инъикос ёфтааст. Олим ҳодисаи пуркулфати таърихро ба воситаи фактҳо равшан карда бошад, нависанда онро ба туфайли силсилаи образҳо ва сужети пухтаи бадеӣ намоиш додааст.

Интишори образи турк, ки рамзи бемеҳрӣ ва зулми маҳбуб (маҳбуба) аст, аз робитаи қавии адабиёт ба ҳаёти таърихии халқ равшан гувоҳӣ медиҳад.

Илми иқтисод – ҳаёти моддии аҳли ҷомеа, тарзи истеҳсолот ва манбаи даромад, роҳҳои хароҷот ва амсоли онҳоро меомӯзад. Табиист, ки адиби пешқадам ба чунин масоили ҳаётан муҳим эътибор надода наметавонад. Ба ёд овардани повести "Марги судхӯр"-и устод Айнӣ, ки роҳу усулҳои даромади муфт рӯёндани судхӯрони ҷамъияти таназзулкардаи феодалиро дақиқкорона тасвир кардааст, кофист.

Одамон мувофиқи моҳияту табиати сохти ҷомеа ва синфи иҷтимоии худ соҳиби ҳаққу ҳуқуқи муайяне мебошанд ва ё аз онҳо маҳруманд. Илми ҳуқуқшиносӣ бо омӯзиши ҳамин ҳуқуқҳо ва умуман низоми ҷамъиятӣ ва давлатӣ машғул мебошад. Агар шикоятҳои дардомез ва ҳаҷвҳои тунду тези Рӯдакию Ибни Сино, Фирдавсию Носири Хусрав, Низомии Арӯзию Масъуди Саъди Салмон ва даҳҳо дигаронро ба хотир орем, равшан мегардад, ки дар адабиёти халқӣ адибон садои оммаи халқро аз беҳуқуқӣ, бедодӣ, нобаробарӣ ва зулму тааддии замони антагонистӣ ифода кардаанд. Як байти ҳаким Носири Хусравро ба ин маънӣ мисол овардан кофист:

Чарост неъмати мунъим киштӣ-киштӣ?
Чарост меҳнати муздур дарё-дарё?

Этнография, психология, антропология, физиология барин илмҳои дигар ҳам ҳастанд, ки инсонро меомӯзанд. Аммо бояд донист, ки ин илмҳо инсонро аз ин ё он ҷиҳати мушаххас меомӯзанд. Масалан, этнография (русумшиносӣ) урфу одат, хислат, одобу русум, тарзи либоспӯшӣ ва дигар ҷиҳатҳои хоси халқе ва ё қавми алоҳидаеро дар давраи муайяни таърихӣ меомӯзад; психология ҳолатҳои рӯҳии одамро муайян мекунад; антропология бо таҳқиқи сурату қиёфаи одамон ё халқи алоҳидае машғул бошад, физиология тартиб ва сохти физиологии бадани одамро таҳқиқ менамояд.

Таърихи адабиёти халқҳо фаровон нишон медиҳад, ки расму оинҳо, ҳолатҳои рӯҳӣ, қиёфа ва узвҳои бадан дар адабиёти бадеӣ низ инъикос меёбанд, аммо ин инъикос – инъикоси бадеӣ буда, ба воситаи образи бадеӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, бояд таъкид кард, ки адабиётшиносӣ бо бисёр илмҳои омӯзандаи одам вобастагӣ дорад.

Нуҷум (ситорашиносӣ), табиатшиносӣ барин илмҳо ҳам ҳастанд, ки дар бораи муҳити инсон баҳс мекунанд. Дар системаи образҳои адабиёти халқҳои олам, аз ҷумла адабиёти классикии тоҷику форс ҷирмҳои осмонӣ ва наботот ҷои махсусеро ишғол менамояд. Масалан, аз шоирони асрҳои X-XII касеро ёфтан душвор аст, ки чизеро аз наботот ба силки ташбеҳу тавсиф накашида бошад. Бинобар ин, нуҷумро надониста, аз наботот бохабар набуда, адабиёти классикиро дуруст сарфаҳм рафтан, масалан, осори Анварию Хайёмро бехато тафсир кардан мумкин нест.

4. Баъзе илмҳои дигар – ҳамчун *ҳисоб, ҳандаса, тиб, топонимика* ҳастанд, ки предмети омӯзишашон бевосита инсон нест. Аммо адабиётшиносӣ бинобар метод ва

системаҳои илмии онҳо бо ин илмҳо робита дорад. Нукта ин ҷост, ки дар адабиёти бадеӣ *симметрия, гармонияву таносуб* чун қонун амал мекунанд ва барои пурра зоҳир кардани ҳақиқати ин масъалаҳо адабиётшинос ба илмҳои ҳисобу ҳандаса эҳтиёҷ дорад.

Дар адабиёти тоинқилобии тоҷику форс *муаммо, лугз, абҷад, таърих* барин санъат ва усулҳо мавҷуданд, ки ҳал кардани онҳо бе ёрии ҳисоб, ҳандаса, мантиқ ва ғ. имконпазир нест.

Дар адабиётшиносии муосир усули математикии таҳлили асари бадеӣ равнақ дорад. Ҳоло дар андозагирии дақиқи вазн, ҳисоби андомади[1] қофияҳо, калимаҳо, овозҳо, санъатҳо ва ғ. аз дастоҳҳои махсуси техникӣ ҳам истифода менамоянд. Бояд таъкид кард, ки дар адабиётшиносии тоҷик истифодаи он то ҳоло ба таври бояду шояд сурат нагирифтааст.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт: адабиётшинос бо бисёр илмҳо робитаи бевосита ё бавосита дорад. Сифати асари илмӣ дар ҳамон сурат баланд мегардад, ки асари бадеӣ (ё асарҳои бадеӣ) аз маҷмуи қонибҳо, яъне, мукаммалу ҳаматарафа таҳлил шуда бошад. Адабиётшиноси комил бояд аз илмҳои забоншиносӣ, санъатшиносӣ, таърих, иқтисодиёт, ҳуқуқ, этнография, ҳисоб ва ғ. баҳраманд бошад.

Мақоми назарияи адабиёт дар системаи илмҳои адабиётшиносӣ

Назарияи адабиёт дар системаи илмҳои адабиётшиносӣ мақоми махсус ва калонеро ишғол мекунад. Мақому мартабаи вайро ҳолатҳои зерин муайян менамоянд:

Тавре ки дар боло ишора шуд, ҳар як илми дигари адабиётшиносӣ дорои предмети муайяни худ мебошад, яъне,

[1] Ин маъниро, одатан, "чандомад" ва "басомад" мегӯянд, аммо дар назари мо *андомад* созгортар аст, зеро адади номаълумро бетараф ифода менамояд (ба унвони мисол, ифодаҳои машҳури "сиву анд" аз китоби Рашиди Ватвот ва "ҳазору сесаду анд" аз ривояти мардумӣ).

ҳам дар таърихи адабиёт, ҳам дар нақди адабӣ, ҳам дар матншиносӣ ва ғ. пешакӣ муайян мегардад, ки кадом асар ё эҷодиёти кадом нависанда, ё худ адабиёти кадом марҳалаи таърих таҳқиқ мешавад. Аммо илми назарияи адабӣ бо омӯзиши фактҳои адабии як асар, ё эҷодиёти як нависанда, ҳатто асарҳои як давраи муайяни таърих маҳдуд шуда наметавонад: назарияшинос ҳатман бо дарёфти ин ё он хусусият ва ё қонунияти умумӣ ва муштараки давраҳои гуногуни адабиёт бояд машғул бошад.

Доираи омӯзиши илмҳои дигари адабиётшиносӣ ҳатман равшан ва маҳдуд мебошад, аммо доираи таҳқиқи назарияи адабиёт дар ҳар сурат фарох аст. Барои мисол, ба таълифоти академик Абдулғанӣ Мирзоев мурочиат мекунем. Доираи хронологии таҳқиқи ӯ дар монографияи ҷомеи "Биноӣ" (1956) камтар аз сад сол (нимаи дувуми асри XV ва ибтидои садаи XVI)-ро ташкил додааст. Аммо ҳамин муаллиф барои равшан кардани назарияи ғазали тоҷику форс дар рисолаи ҳаҷман хурди "Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV" (1958) тамоми эҷодиёти ғазалсароёни шаш асри мазкурро аз назар гузарондааст.

Назарияшинос ҳатман ба таҷрибаҳои адабии *тамоми* давраҳои гузашта такя менамояд. Ба тарзи дигар, агар предмети таҳқиқи дигар илмҳои адабиётшиносӣ *мушаххас* бошад, мавзуи баҳси назарияи адабӣ *кулли ом* аст.

Чунон ки ишора шуд, ҳар як илми адабиётшиносӣ бо илмҳои дигар алоқамандие дошта, бештар назарияи адабиёт дорои ин гуна ҳамбастагӣ мебошад. Вобастагии назарияи адабиёт бо илмҳои дигар на танҳо бештар, балки қавитар ҳам ҳаст. Масалан, магар моҳияти жанрҳои адабӣ, вазни шеър, қофия, радиф ва амсоли инҳоро бидуни донистани табиати забони тоҷикӣ, қонунияти сарфу наҳви он, завқу табъ ва этнографияи халқи тоҷик кушодан мумкин аст? Ҳаргиз. Оё системаи тасвирҳои адабиёти классикии тоҷику форсро бе

вуқуфи комил аз таърихи халқи тоҷик ва фалсафаи вай сарфаҳм рафтан мумкин аст? Не.

Таърихи адабиёт, нақди адабӣ ва дигар илмҳои адабиётшиносӣ низ бешубҳа бо адабиёту фарҳанги халқҳои дигари мутамаддин алоқаманд ҳастанд. Аммо бояд такрор кард, ки ин гуна алоқамандиро назарияи адабиёт доро мебошад.

Бинобар ин, муҳаққиқи назарияи адабиёт, барои дурусту бехато муайян намудани хусусиятҳои назарии адабиёти қобили таъсир, бояд бохабар бошад. Муваффақиятҳои назариячиёни бузург – ҳамчун Халил ибни Аҳмад, Абӯалӣ ибни Сино, Гегел ва дигарон мисоли равшани ҳамин фикр аст. Мувофиқи шаҳодати олимон, Халил ибни Аҳмад ҳангоми кашфи назарияи вазни арӯз, баъзе китобҳои санскрит ва паҳлавӣ, аз ҷумла, "Китоби корванд"-ро зери даст доштааст. Форобӣ, Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ, ки ҳар яке дар ошкор кардани қонунияти адабиёти бадеӣ нобиғаанд, аз мероси маънавии Юнони қадим, махсусан осори Арасту, нағз бохабаранд. Ниҳоят, файласуфи бузурги олмонӣ Гегелро бояд хотиррасон кард, ки ба туфайли хуб донистани мероси адабӣ, таърих ва афкори фалсафии халқҳои олам (аз ҷумла адабиёти классикии тоҷику форс) дар таълиф ва танзими эстетикаи худ ба бозёфтҳои ҳайратовар ноил шудааст. Бозёфтҳое, ки ҳанӯз кӯҳна нашудаанд ва кӯҳна ҳам нахоҳанд шуд.

Таърихчаи афкори назарӣ. Пеш аз оғози баррасии масъалаҳои бевоситаи назарияи адабиёт, ба сайри таърихии он назаре андохтан воҷиб аст.

Ҳангоме навъҳои санъат, аз ҷумла адабиёти бадеӣ, пайдо мешаванду инкишоф меёбанд, қонунияти назарии онҳо низ якбора худи ҳамон замон пайдо шуда, минбаъд инкишоф меёбанд. Ба ин маънӣ, дар таърихи тамаддуни умумиинсонӣ, азбаски адабиёти бадеӣ таърихи хеле қадима дорад, назарияи он низ қадимист, решаи он ба қаъри ҳазорсолаҳо рафта мерасад.

Юнон ва Рими қадим. Тамоми навъҳои асосии санъат, ҳамчун ҳайкалтарошию рассомӣ, меъморию наққорӣ, мусиқию театр, сухани бадеӣ ва ғ. ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расида буданд. Донишмандоне ҳам ба миён омаданд, ки барои ошкор сохтани қонунияти умумии назарии анвои санъат камар бастанд. Муваффақиятҳои Афлотун, ки асоси эстетикаи идеалистиро гузоштааст ва махсусан Арасту, ки "Поэтика"-и оламшумули худро эҷод кардааст, бузург мебошад.

Арастуи Стагирӣ (384-322) таҷрибаи эҷодии чандинасраи шоирону нависандагон ва драматургҳои юнониро бо камоли диққат ва ҳушёрӣ омӯхта, як силсила қонунҳои эҷоди бадеиро кашф намуд. Ба қавли Н.Г. Чернишевский "Арасту нахустин шахсест, ки мафҳумҳои эстетикаро дар системаи мустақил баён намудааст".[1] Ақидаҳои адабию эстетикии Арасту дар осори ӯ "Поэтика", "Риторика", ки аз нуқтаи назари илми мо хеле кам омӯхта шудаанд, дарҷ ёфтаанд.

Ҷои асосиро натанҳо дар омӯзиши назарияи Арасту, балки умуман дар таърихи афкори адабию эстетикӣ, бешубҳа, "Поэтика" ишғол менамояд. Ин асар, мувофиқи феҳрастҳои атиқа, аз ду китоб иборат будааст: яке масъалаҳои умумӣ, таҳлили муфассали фоҷеа ва мухтасари *ямб* (ё: лирикаи ҳаҷвӣ)-ро фаро мегирифтааст. Дар ҳамин қисмати боқимондаи "Поэтика" ҳам тасарруфот, махсусан дар сохти асар ҳис карда мешавад.

Баъзе кашфиёти Арастуро аз назар гузаронидан вочиб аст.

Қонунияти тасвирӣ (образнокӣ)-и **адабиёти бадеӣ** (мимесис – тақлид). Мувофиқи ақидаи ин донишманди юнонӣ, адабиёт – муҳокоти зиндагист, яъне, нависанда ҳақиқати воқеиро инъикос менамояд. Дар боби IX мегӯяд: "шеър назар ба таърих ҳам фалсафитар асту ҳам чиддитар",

[1] *Н.Г.Чернышевский.* Полн. собр. соч., т. 2 – соч., 1949, с. 267.

зеро таърих дар бораи "чизи дарвоқеъ рухдода" мегӯяду шеър – "дар бораи "чизе, ки рух додани он мумкин буд", "хоҳ бинобар эҳтимол, хоҳ бинобар зарурат" (Поэтика, IX). "Муаррих ва шоир, - мегӯяд мутафаккири номбурда – аз ҳамдигар барои он фарқ мекунанд, ки яке бо назм сухан мегӯяду дигаре ҳамвор. Охир, асари Ҳеродотро ҳам бо назм навиштан мумкин буд, дар ҳар сурат – хоҳ манзуму хоҳ мансур – ин асари таърих хоҳад буд". Доир ба зарурати илм, предмети баҳси он, табиати ин предмети баҳс Арасту фикрҳои ҷолиб баён намудааст. Аз ҷумла, мегӯяд: "Ҳамаи мо чунон мепиндорем, ки чизи шинохтаамон дигар хел буда наметавонад; баръакс, дар бораи он ки дигар хел буда метавонад, мо намедонем (...). Ҳамин тавр, предмети илм – зарурат аст; вай бинобар ҳамин, адабист, зеро ҳамаи он чизе, ки ҳатман аз рӯи зарурат вуҷуд дорад, адабӣ мебошад; чизи адабӣ бошад, сохта нест ва коста ҳам намегардад" (VI, 3).

Муҳокот, тавре Арасту дар боби II-юми "Поэтика" мегӯяд, се навъ мешавад: хуб, бад ва миёна. "Азбаски ҳамаи муҳокоткунандагон, ба одамони амалкунанда муҳокот мекунанд, амалкунандагон бошанд, ногузир ё хубанд ва ё бад (зеро хулқ тақрибан ҳамеша аз ҳамдигар (маҳз) бо олиҳиммати ва ё дунҳиммати фарқ карда, маҳз бо ҳамин муайян мегардад), ё беҳтар аз мо, ё бадтар, ва ё ҳамчун мо. Рассомон низ чунинанд: Полигнот беҳтаринҳоро тасвир мекунад, Павсон бадтаринҳоро, аммо Дионисей – мо баринҳоро".[1] Поёнтар хоҳем дид, ки ин назарияи Арастуро дертар хоҷа Насириддини Тӯсӣ тасҳеҳу такмил кардааст.

Таъсири қалбии асари бадеӣ (катарсис – тағйирот). Назар ба қавли Арасту, аз шиносоӣ бо асари фоҷиавӣ дар қалби хонандаю тамошобин покшавие ҳосил мегардад. Ҳар як асари барҷастаи бадеӣ, сарфи назар аз ҷинсу жанр, методу услуб ва

[1] *Аристотель.* Сочинения, т. 4, с. 647.

давру замони таълифи худ, дар дилу ақли одам дигаргуние ба амал меорад, дар нияту омоли минбаъдаи кас тағйироте (бештар ё камтар) ҳатман рӯй медиҳад.

Тарзи тасвир. Мувофиқи гуфтаи Арасту, шоир "ашёро бояд ончунон тасвир кунад, ки онҳо буданд ва ё ҳастанд, ё ончунон ки дар бораашон мегӯянду гумон мекунанд, ё ончунон ки онҳо бояд бошанд". Мувофиқати ду навъи тарзи тасвири бадеиро Арасту дар мисоли эҷодиёти Софокл ва Еврипид кӯтоҳ ва фаҳмо ифода кардааст. Софокл одамонро "ончунон, ки бояд бошанд" тасвир мекунад, аммо Еврипид – "ончунон ки ҳастанд" (Поэтика, б. 25).

Мавқеи таҷриба дар санъат ва илм аз ҷониби Арасту хеле хуб таъкид ёфтааст: "Аммо илм ва санъатро, - мегӯяд ӯ, - инсон ба туфайли таҷриба ҳосил мекунад. Зеро таҷриба санъатро офаридааст, чунон ки Пол (суфастой, шогирди Горгий – Р.М.) мегӯяду дуруст мегӯяд, аммо бетаҷрибагӣ - ҳодисаро". Арасту моҳият ва таносуби ҷузъу куллро пай бурда, изҳори ақида мекунад, ки "таҷриба – маърифати чизҳои фардият, аммо санъат – маърифати умумӣ". "Санъат, - аз рӯи фаҳмиши мутафаккир, - гоҳе пайдо мешавад, ки дар натиҷаи як қатор таҷрибаҳо роҷеъ ба чизҳои монанд як назари умумӣ муқаррар гашта бошад".

Арасту ба масъалаи *табиати предмети тасвири шеър* дахл карда гуфтааст, ки "барои шеър афзалтар чизи номумкини боварибахш аст, назар ба чизи мумкини ғайри боварибахш" (боби XXV).

Роҷеъ ба *фазилати шеър* аз наср, донишманди номбурда менависад, ки "ҳама шеърро, назар ба наср, беҳтар дар хотир нигоҳ медоранд, зеро назм дорои шумора мебошад, ки чен карда мешавад" (Риторика, III, 9).

Дар бораи *услуб* муаллиф мегӯяд, ки фазилати он дар ***фаҳмо*** ва ***равшан*** будани он аст. Ӯ воситаҳои услуби гармро баён карда, мақоми баланди ташбеҳу киноярро таъкид менамояд.

Дар бораи бисёр масъалаҳои дигари эҷоди бадеӣ – ҳамчун *забон, характер, тафриқаи вазн, қонунияти фоҷеа* ва *ҳамоса, сохти устухонбандии фоҷеа, ягонагию яклахтии асар* ва ғ. Арасту фикрҳои гаронбаҳо баён кардааст, ки баъд аз вай дастгирӣ ва такмил ёфтанд.

Шӯҳрати осори Арасту, махсусан "Поэтика"-и вай бемисол аст. Ин асар аввал ба сурёнӣ, баъд ба арабӣ тарҷума шуд. Аз тарҷумаи арабӣ "Поэтика" дар асри XIII ба лотинӣ гардонда шуд, ки соли 1481 ба табъ расид. Асарро В. Валла аз асли юнониаш дубора тарҷума кард ва соли 1498 чоп шуд. "Поэтика" ба забони русӣ дар зарфи тақрибан сад сол панҷ бор, бо заҳмати Б.И.Ординский (1854), В.И. Захаров (1885), В.Г. Аппелрот (1893), Н.И. Новосадский (1927) ва М.Л. Гаспаров (1978) тарҷума ва нашр гардидааст. "Поэтика" барои тамоми давраҳои баъдина, аз ҷумла барои замони мо ҳам, арзиши баланди худро нигоҳ доштааст. Суханони Н.Г. Чернишевский: "барои назарияи ҳозира ҳам боз қимати бисёри зинда дорад",[1] ҳоло ҳам кӯҳна нашудаанд.

Ақидаҳои назарияи адабии Арасту аз ҷониби донишмандони Рим, беш аз ҳама Горатсий тарафдорӣ ва такмил шудааст.

Квинт Горатсий Флакк (65-8 то мелод) – шоири қасидасаро ва маддоҳи Август буд. Ӯ бо суханшиносӣ ҳам машғул буд ва "Илми шеър" ном рисолае ба ёдгор гузошт, ки то замони мо расидааст. Шеъри машҳури "Кохи ёдгор" аз ҳамин муаллиф мебошад. "Илми шеър", аслан, "Нома ба Пизонҳо" ном дорад. Дар китоби дарсии Гуляев, Богданов ва Юдкевич "Теория литературы в связи с проблемами эстетики" (М., 1970, с.10) рисола "Ҳунари шеър" ("Искусство поэзии") номида шудааст. "Илми шеър" манзум аст.

Горатсий ба аҳамияти маданию ҷамъиятии шеър таъкид кардааст.

[1] *Н.Г.Чернышевский.* Полн. собр. соч., т. 2 – соч., 1949, с. 284.

Махсусан, масъалаҳои содагии драма, қисмҳои он диққати муаллифро бештар ҷалб намудаанд. Мувофиқи фикри Горатсий, драма бояд аз панҷ қисм (акт) иборат бошад, ки ин чиз рӯҳи нормативиро тақозо менамуд. Як таънаи Горатсий ҷолиб аст, ки ба адибони мухолифгӯ дахл дорад. Ӯ қатъиян муқобили чунин тамоили муболиғапардозист, ки масалан, дулфинро дар ҷангал ва гурозро дар мавҷи дарё тасвир кунанд. Муаллифи "Илми шеър" ба адибон чунин маслиҳат медиҳад: "Агар ту аз қудрати эҷоди худ тавонӣ, ки симои пеш аз ин номаълумеро биофарӣ, бикӯш, то онро ҳамон тавре нигоҳ дорӣ, ки дар аввал, мувофиқи табъи дил қарор дода будӣ".

Шарқи асрҳои миёна. Истилои араб, ки ба ҳаёти моддию маънавии халқҳо харобиҳои вазнин овардааст, ба равиш ва доираи тафаккури мардум таъсири ҷиддӣ расонд. Дар натиҷаи ин истило, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр ва баъзе кишварҳои дигар бо ташаккул ва тарвиҷи сохти феодалӣ иттифоқ афтодааст, забони арабӣ тарғиб ва дини ислом паҳн карда мешавад. Адибону донишмандони халқҳои истилошуда бо мероси маънавии баъзе халқҳо, чунончи Юнони қадим, шинос шуданд.

Осори донишмандони Юнон ва Рими қадим, аз ҷумла "Поэтика"-и Арасту, ба воситаи тарҷумаҳои суриёнию арабӣ, мавриди мутолиа ва ҳусни таваҷҷуҳи олимони тоҷику форс қарор гирифтанд. Баъзе муаллифон, масалан Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ бар асари шиносоӣ бо афкори Арасту ақидаҳое гуфтаанд, ки онҳоро давом ва инкишофи назарияи адабии мутафаккири бузурги Юнони қадим шумурдан мумкин аст. Азбаски афкори адабию эстетикии гузаштагони мо пурраю ҳаматарафа омӯхта нашудааст, ин ҷо дар асоси мушоҳидаҳои пешакӣ баъзе мулоҳизаҳо баён хоҳанд шуд.

Афкори назарии адабӣ дар асрҳои миёна дар ду равия сурат пазируфтааст, ки шартан равияи *адабии эстетикӣ* ва *хоси назарӣ* номидаем.

1. Равияи *адабии эстетикӣ*, ки дар асрҳои IX-XIII дар осори мутафаккирон вуҷуд доштааст, бо афкори даврaҳои қадим, равшантар аз ҳама бо ақидаҳои юнониён, хеле вобаста аст. Фикрҳое, ки Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ дар рисола ва фаслу бобҳои ҷудогонаи осори худ дойр ба масъалаҳои эҷодӣ гуфтаанд, муҳимтарин ҷиҳатҳои назарии адабиёти бадеиро дарбар мегиранд. Ин файласуфҳо ба табиати тасвиркории шеър ва нақши тахайюл дар он, ду тарзи тасвир (ки дар адабиётшиносии имрӯза "метод" ё худ "типи инъикос" мегӯянд), фарқи ҳунари сухан аз баъзе навъҳои дигари санъат, чигунагии забони адабиёти бадеӣ, робитаи узвии адабиёт бо талаботи муҳити иҷтимоии замон ва завқи эстетикии халқ ва ғ. ҳоҳе равшану муфассал ва гоҳе иҷмолан дахл кардаанд.

Фарқи қатъии ин равия эътирофи он аст, ки ҷавҳари адабиёти бадеиро **тахайюл** ташкил медиҳад. Тахайюл бошад, воситаи тасвир (офариниши образ) мебошад.

Аммо ин равия дар асри XIII қатъ мегардад. Он баъд аз Насириддини Тӯсӣ на танҳо аз инкишоф мемонад, балки идома ҳам намеёбад. Зиёда аз ин, нуктаҳои асосии ин равия ва муаллифони он ба маломати Ҷомӣ барин суханвару сухандони бузург ҳам дучор мешавад. Сабаби ин ҳолат, шояд ба "бегона" (юнонӣ) будани рукни равияи номбурда вобаста аст. Феодализм, ки ҳангоми пайдоиши худ баъзе пешқадамиҳо дошт, чунончи барои омӯзиши мероси маънавии халқҳои дигар ба донишмандон имконе дод, минбаъд, баробари тараққиёти худ тамоми ҷиҳатҳои мусбатро аз миён бурд. Аз тарафи дигар, равияи мутафаккирон, ки тахайюл ва андешаю мулоҳизаро мепарварид, яъне, ба категорияи мундариҷа бевосита алоқаманд буд, ба табиати схоластикии феодализми Шарқ мухолиф омад.

Баъзе масъалаҳои назарии адабӣ, ки мавриди назари донишмандони гузашта қарор гирифтаанд, баррасӣ хоҳад шуд.

Таърифи шеър. Шайхурраис дар китоби "Шифо" мегӯяд: "Шеър суханест хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда; ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад".[1] Муаллиф дар маркази таърифи мазкур ифодаи *хаёлангез*-ро гузоштааст, ки он аз чандин маънӣ холӣ намебошад: аввал ин ки сухани шеър сухани муқаррарӣ набуда, балки сухани *мухайял* мебошад (сухани образдор); дигар ин ки сухани шеър аз қудрати тахайюли гӯянда бунёд ёфтааст; сеюм ин ки шеър хонандаро ҳам ба хаёл меорад, фикри вайро ба таҳрик илқо менамояд.

Абӯалӣ ибни Сино дар таърифи боло сифатҳои *мавзуну баробарӣ*-ро ҳам зикр кардааст, ки ифодаи аввалӣ аз рӯи ҳиҷову тақтеъ мураттаб омадани мисраъҳои шеърро фаҳмонад, ифодаи дувум мувофиқи як вазне баробар будани кулли мисраю байтҳои шеърро нишон медиҳад. Зарурати қофияро бошад, Шайхурраис дар асоси таълимоти суханшиносони арабизабон ишора кардааст. Аз ин ишораи Шайхурраис чанд натиҷа гирифтан, ва ё ба тахмин омадан мумкин аст, чунончи: 1) "шеър" фақат аз назм иборат нест (балки ба маънии васеи худ, метавонад насри бадеиро ҳам фаро гирад); 2) дар шеъри қадимии тоҷику форс қофия чун тариқи қатъӣ (система) истифода намешуд; 3) қофия дар шеъри Юнони қадим ҳам лузуми шеър ҳисоб намеёфт. Ин алломаи асримиёнагии тоҷик дар ҷои дигар равшан гуфтааст, ки "гоҳе суханони мансур мухайял аст, вале вазни шӯре надорад, зеро ки сода ва бидуни гуфтор аст" (Фанни шеър, с. 82).

Сайфии Бухорой мегӯяд: "Чун шеър каломест мавзун, ва ҳар мавзунеро ночор аст аз мизоне зиёдат ва нуқсони онро ба он мизон тавон донист. Ва мизони шеър ба илми арӯз маълум мешавад. Пас, ҳар кас ки дар боби шеър дахл мекунад, хоҳ ба гуфтани он шеър ва хоҳ ба шинохтани он, бар ӯ лозим бошад, ки арӯз бидонад".

[1] *Фанни шеър.* – Душанбе: Ирфон, 1985, с. 72.

Як тафовути шеър аз илм ин аст, ки доираи аввалӣ ом асту доираи сонӣ – хос. Насири Тӯсӣ гуфтааст: "Пас, маводи шеъриёт аз ҳама омтар бувад, чи маводи ҷадалию бурҳонӣ ва дигар асноф дар вай истеъмол тавон кард, ба сабаби иқтизои тахайюл, на ба сабаби иқтизои тасдиқ".[1]

Муҳаммад б. Мунаввар мегӯяд: "Як рӯз қаввол пеши Шайхи мо (Абӯсаиди Абулхайр) ин байт мехонад:

Андар газали хеш ниҳон хоҳам гаштан,
То бар лаби ту бӯса диҳам, чун-ш бихонӣ.

Шайх аз қаввол пурсид, ки ин байт кирост? Гуфт: Имора гуфтааст. Шайх бархоста ва бо ҷамоати сӯфиён ба зиёрати хоки Имора рафт".

Дар бозори Нишопур канизе ин шеър мехонд:

Имрӯз дар ин шаҳр маро ёре не,
Оварда ба бозору харидоре не.
Он кас ки харидор буду роям не,
В-он кас, ки бад-ӯ рой харидорам не.

Абӯсаид баҳо доду канизро озод кард".

Шайхурраис беҳуда *хаёлангези*-ро дар оғози таърифи боло нагузоштааст. Ӯ таъкид мекунад, ки "мантиқиро ба ҳеҷ як аз вазну баробарӣ ва қофия назар нест,[2] магар бубинад, ки чи гуна сухан хаёлангезу шӯронанда мешавад" (Фанни шеър, с. 72). Агар ба таъбири имрӯза гӯем, дар маркази санъати сухан тасвир ва воситаи офариниши образ қарор гирифтааст. Ин маъниро мутафаккири бузург бори дигар муфассалтару равшантар таъкид мекунад: "Мантиқӣ ба шеър аз он рӯй

[1] *Асрори сухан,* с. 141.
[2] *Пуриё Муаллим.* Мактаби ирфон дар Хуросон. – "Кайҳон", 1372, 31 шаҳревар.

менигарад, ки хаёлро барангезад ва бишӯронад. Ва мухайялу шӯрангез – сухане аст, ки нафс ба он мутеъ шавад ва бе ҳеҷ гуна тааммулу андеша ва ихтиёр аз умуре шоду хурсанд шавад ва аз умуре дигар гирифтаву андӯҳгин гардад" (Фанни шеър, с. 73).

Ба масъалаи қонунияти образнокии адабиёти бадеӣ ҳанӯз Абӯнасри Форобӣ нозук ишорае карда, аз ҷумла гуфта буд: "Тамсил бештар истеъмол мешавад ва истеъмоли он дар шеър аст. Пас маълум шуд, ки қавли шеърӣ тамсил аст" (Фанни шеър, с. 63).

Насириддини Тӯсӣ се таърифи шеърро дарҷ намудааст:

1) *таърифи қудамо* (ё назари мантиқӣ): "Ва аммо қудамо шеър – каломи мухайялро гуфтаанд; ва агарчи мавзуни ҳақиқӣ набудааст" (Фанни шеър, с. 152). Боз: "Назари мантиқӣ хос аст ба тахайил; ва вазнро аз он ҷиҳат эътибор кунад, ки ба ваҷҳе иқтизои тахайил кунад. Пас, шеър, дар урфи мантиқӣ – каломи мухайял аст";

2) *таърифи мутааххирон*: "Ва дар урфи мутааххирон каломи мавзуни муқаффо; чи ба ҳасаби ин урф – ҳар суханро, ки вазне ва қофияте бошад, хоҳ он сухан козиб ва агар ҳама ба мисли тавҳиди холис, ё ҳазёноти маҳз бошад, онро "шеър" хонанд. Ва агар аз вазну қофия холӣ бувад ва агарчи мухайял бувад, онро шеър нахонанд" (Фанни шеър, с. 151-152);

3) *таърифи муҳаққиқони мутааххирон* (ё худ таърифи ҷомеъ): "Ва муҳаққиқони мутааххирон шеърро ҳадде гуфтаанд: ҷомеи ҳар ду маънӣ, бар ваҷҳи атамм. Ва он ин аст, ки гӯянд: шеър – каломест мухайял, муаллаф аз ақволе мавзуни мутасовии муқаффо" (Фанни шеър, с. 150-151).

Таърифи аввал, ки тибқи он танҳо тахайюл ба эътибор гирифта мешавад, ба мутафаккирон тааллуқ дорад; таърифи дувум, ки фақат вазну қофияро эътироф менамояд, азони суханшиноси касбист; ва таърифи севум, ки ҷомеъ мебошаду ҳам мухайялӣ ва ҳам мавзунию муқаффоиро дар назар дорад, яқинан ба худи Насириддини Тӯсӣ мансуб аст. Ба ихтилофи

назарҳо дар масъалаи мазкур ранги мутлақ додан раво нест, зеро ин ихтилоф на аз тангии назар, балки аз гуногунии *меъёри* таъриф рӯй додааст, яъне, агар суханшиносон ба *шеър* чун як **навъи сухан** нигоҳ карда бошанд, мутафаккирон ба он чун як **навъи** мустақили **санъат** баҳо додаанд, зеро "назм" аз "наср" бо вазну қофияаш фарқ мекунад ва барои шеър (ба маънии *адабиёти бадеӣ*) муҳокот (образнокӣ) ҳатмист.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи 7-уми "Баҳористон" хулосаи ҳамаи таърифҳои болоро зикр карда, дар охир тарзе сухан меронад, ки майли ӯро ба ҷониби ақидаи суханшиносон пай бурдан душвор нест: "Шеър, дар урфи қудамои ҳукамо – каломест муаллаф аз муқаддамоти мухайяла, яъне, аз шаъни он бошад, ки дар хаёли сомеъ андозад маониеро, ки муҷиби иқбол бошад бар чизе, ё эъроз аз чизе, хоҳ фи нафсиҳи содиқ бошаду хоҳ не; ва хоҳ сомеъ эътиқоди сидқи он дошта бошад, ё не – чунон ки гӯянд; хамр – лаълест музоб, ё: қутест сиёл; ё: асал – чизест талх, ё шӯр – қайкардаи занбӯр.

Ва мутаохирони ҳукамо ба он вазну қофияро эътибор карданд. Фа-аммо дар урфи ҷумҳур ҷуз вазну қофия дар он муътабар нест. Пас, шеър – каломе бошад мавзуну муқаффо. Ва тахаюл, ва адами тахаюл, ва сидқу адами сидқро дар он ҳақиқат эътибор не".[1]

Тафсири мухайял дар осори мутафаккирон ҷои муҳимеро ишғол менамояд. Ибни Сино дар "Донишнома" гуфтааст: "... мухайилот он муқаддимотеанд, ки нафсро бичунбонанд, то бар чизе ҳирс орад, ё чизе нафрат гирад, ва бояд, ки нафс донад, ки дурӯғанд. Чунон ки касе гӯяд касеро, ки ин чиз, ки ту ҳамехӯрӣ, сафрое баровардааста; ва он чиз ангубин бувад. Ҳарчанд донад, ки дурӯғ аст, табъ нафрат гирад ва нахоҳад. Пас, ҳақ ва машҳур низ мухайял бувад, валекин мухайяли сирф ин чунин бувад" (Фанни шеър, с. 71).

[1] *Баҳористон.* – Душанбе: Дониш 1972, с. 93.

Муаллифи "Донишнома" боз мегӯяд, ки "агар муқаддимоти рост андар шеър афтад, ё машҳур, на аз баҳри ростиро ба кор омада бошад, ки аз баҳри мутахайилиро" (Фанни шеър, с. 72). Яъне, дар асари бадеӣ чизи росту машҳур на барои тасдиқу исботи ҳамин чиз, балки барои офариниши образ нақл мешавад.

Ақидаи Шайхурраисро дар бораи чигунагии тахайюл ва таъсири он ба нафси хонанда Насириддини Тӯсӣ идома ва инкишоф додааст. Мегӯяд: "Мухайял – каломе бувад, ки иқтизои инфиоле кунад дар нафс, ба баст ё қабз, ё ғайри он, бе иродат ва равият, чи иқтизои тасдиқ ғайри иқтизои тахайил бувад. Ва бошад, ки як сухан бар ваҷҳе иқтизои тасдиқи танҳо кунад ва бар ваҷҳе дигар иқтизои тахайюли танҳо" (Фанни шеър, с. 152).

Мувофиқи ақидаи Хоҷаи Тӯсӣ, миёни чизи ғарибу номаълум ва мухайялӣ таносуби роста мавҷуд аст, зеро баландии дараҷаи аввалӣ боиси афзунии дараҷаи сонӣ мешавад. Ӯ навиштааст: "аммо тахайилот, ба сабаби он ки ғайримашҳур бувад, маҳсур натавонад бувад, чи ҳарчи ғарибтару мустабдаътару лазизтар - мухайялтар". Маҳз аз ҳамин сабаб, осори ҳаҷвию мазҳакавӣ шавқу рағбати зиёди хонандаро бедор мекунанд. Муаллиф фикри худро давом дода навиштааст: "Ва ба ин сабаб бувад, ки музоҳик ва наводир аввал бор, ки истимоъ афтад (шунида шавад) лазизтар бошад. Ва бошад, ки батакрор – иқтизои нафрати нафс кунад аз он" (Фанни шеър, с. 155).

Ҳарчанд истеъмоли тахайюл роҳҳои зиёд дорад, он дар назари донишмандон муътабар мебошад. "Ва асли тахайил, ки мантиқиро назар бар он аст, - менависад Насириддини Тӯсӣ, - ҳамеша муътабар бошад ва агарчи туруқи истеъмол бигардад" (Фанни шеър, с. 152).

Муҳокот, ки тавассути тахайюл сурат мебандад, дар маркази таълимоти мутафаккирон меистад ва қонуни асосии умуман эҷоди бадеиро ташкил медиҳад. "Муҳокот" дар

таълифоти донишмандони гузаштаи мо чун истилоҳи устувори эстетикӣ қарор гирифтааст, ки маъниҳои *намоиш, тасвир, акс, инъикос, таҷассум, сурати бадеӣ* ва *образ*–ро дарбар гирифтааст. Хулосаи мазкур аз гуфтаҳои Абӯалӣ ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ ва дигар муаллифони пешин бармеояд. Масалан, Шайхурраис гуфтааст: "Намоишу муҳокот аҷобате дорад, ки ростгӯй надорад, чунки рости машҳур гӯё дастраси ҳама аст ва тозагӣ надорад; ва ростеро, ки надонандаш, ба он таваҷҷуҳе нахоҳанд кард. Агар гуфтори ростеро аз шакли маъмулӣ дур кунанд ва ба он чизе бияфзоянд, ки нафс бо он унс гирад, он гоҳ ҳам муфиди тасдиқ мегардад ва ҳам хаёлро бармеангезад. Бисёр вақт мешавад, ки ҷанбаи хаёлӣ ва шӯронандагии он аз бовар карданаш боз дорад ва нагузорад, ки таваҷҷуҳе бад-он шавад" (Фанни шеър, с. 73-74).

Моҳияти муҳокотро Насириддини Тӯсӣ хеле равшан баён кардааст: муҳокот – тасвири чизест, ки он чизи тасвиршуда бо асли (воқеии) худ айнан як хел намебошад. "*Муҳокот*, - мегӯяд Хоҷаи Тӯсӣ, - *эроди мисли чизе бувад, ба шарти он ки ҳувва-ҳувва (вай-вай) набошад, монанди ҳайвони мусаввар табииро*" (Фанни шеър, с. 156).

Асари бадеӣ, ҳамон навъе ки мутафаккирон мегӯянд, бинобар *муҳокотӣ* будан ба бахшидани лаззат қодир мебошад. Сабаби лаззатбахштар будани асарҳои ҳаҷвию мазҳакавӣ дар ҳамин аст. "Муҳокот, - мегӯяд Насириддини Тӯсӣ, - лазиз бувад аз ҷиҳати таваҳҳуми иқтидор бар эҷоди чизе, ва аз ҷиҳати тахайили амре ғариб. Ва ба ин сабаб муҳокоти сувари қабеҳ ва мустакраҳ ҳам лазиз бувад" (Фанни шеър, с. 157).

Муҳокот, ҳамон навъе ки Арасту ҳам гуфта буд, се навъ мешавад: ё ба некӣ нигаронида мешавад, ё ба бадӣ ё ба миёна. "Ғараз аз муҳокот, - менависад Насириддини Тӯсӣ, - мутобиқат бувад бар яке аз се чиз: муҷаррад, ё муқорини таҳсин, ё муқорини тақбеҳ. Ва мутобиқати муҷаррад – монанди муҳокоти наққош бувад сурате маҳсусро (ҳисшаванда); ва ба таҳсин –

монанди муҳокоти ӯ сурати фариштаро; ва ба тақбеҳ – монанди муҳокоти ӯ бувад девро" (Фанни шеър, с. 158). Аз ин се навъи муҳокот ду навъаш – батаҳсину батақбеҳ, бинобар ғайривоқеӣ будани худ, бештар лазиз мебошанд, ки Хоҷа Насириддини Тӯсӣ таъкид кардааст: "Муҳокоти шеърии батаҳсину тақбеҳ лазизтар ояд, чунон ки дар мадҳу ҳачв афтад" (Фанни шеър, с. 158).

Таъсири муҳокот асосан дар се самти фаъолияти инсон: андеша, гуфтор ва рафтор сурат мегирад. Муҳаммадрафеи Шерозӣ мегӯяд: "Пурбаҳотарин зеваре, ки ҷамоли камоли инсониятро лоиқу сазо, ва фохиртарин хилъате, ки ба қомати қобилияти одамӣ мувофиқу бароз аст, муҳосират ва мутолиаи таъриху ашъор ва мудовимат дар таҳсили камолот аст".[1]

Насириддини Тӯсӣ ҳам, мисли Горатсий дар муҳокот аз ҳақиқати воқеӣ дур нарафтани шоирро талаб намудааст. "Ғалати шоир – мегӯяд ӯ, - суъи муҳокот бувад монанди ғалати мусаввир, ки аспро, масалан, панҷа кунаду шерро сум" (Фанни шеър, с. 160).

Гоҳе сухан бидуни муҳокоти ошкоро, бе ёрии санъатҳои маънавӣ низ ҳусневу малоҳате ва шеъриятеро пайдо мекунад. Чунончи Робия гуфтааст:

Даъватам он аст бар ту, к-эзидат ошиқ кунад,
Бар бути сангиндили номеҳрубон чун хештан.
То бидонӣ дарди ишқу доги меҳру ғамхӯрӣ,
Чун ба ҳаҷр андар бипечӣ, пас бидонӣ қадри ман.

Табиати хоссаи санъатро дар масъалаи таносуби ҷузъ ва кулл, ба истилоҳи имрӯз тасвироти типиро ибни Рушд нишонрас ифода кардааст: "Дар як чиз чизи бисёре нишон дода мешавад" (Фанни шеър, с. 108).

[1] *Мирзо Муҳаммад б. Муҳаммадрафеъ Маликулкуттоби Шерозӣ.* Тазкирот-ул-хавотин. – Бомбай, 1889, с. 177.

Масъалаи *тарзи тасвир* аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарини эҷоди бадеӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ, ба он донишмандони замони гузашта эътибори ҷиддӣ додаанд. Ҳанӯз Абӯнасри Форобӣ хусусиятҳои хоси навъҳои суханро баён карда, *кизб*-ро чун ҷавҳари хоси шеър ба қалам додааст. Ӯ менависад: "Қавлҳо ночор ё бакуллӣ содиқанд, ё козиб; ё баръакс, дар тасдиқу такзиб баробаранд. Пас, қавли бакуллӣ содиқ ногузир қавли бурҳонӣ аст. Қавли ҷадалӣ (диалектикӣ) аст. Қавли содиқи билмусовот – қавли хитобӣ, қавли дар камтарин маврид содиқ – қавли суфастоӣ аст. *Қавли* бакуллӣ козиб *ночор қавли шеърӣ* аст". Пас, аз ин тақсимот маълум мешавад, ки "қавли шеърӣ он аст, ки ба бурҳонӣ ва ба ҷадалӣ ва ба хитобӣ ва ба муғолитавӣ тааллуқ надорад" (Фанни шеър, с. 63-64).

Мувофиқи ақидаи мутафаккирони асримиёнагӣ дар адабиёти бадеӣ хоҳу нохоҳ тахайюл истифода мешавад, аммо дар баъзе асарҳо нақши вай маҳдуд мегардад, ки дар натиҷа чизи тасвиршуда аз асли воқеии худ чандон дур намеравад, вале дар гурӯҳи дигар хаёл зиёд кор фармуда шуда, муҳокот аз асли худ то ба дараҷаи ғайрибоварибахш дур меафтад.

Доир ба ин Шайхурраис гуфтааст: "Чу намоиши дурӯғи чизе ва ҳикоят аз он, чи хеле ки ҳаст, сабаби ҷунбиши нафс ва шӯрондани он мегардад; бо ин ки ба дурӯғ вонамуд шудааст, тааҷҷубовар нест, ки тавсифи он дар шакле ки воқеан ҳаст ё ин ки ба ростӣ намоиш дода шудааст, боз ҳаракате дар нафс эҷод кунад. Балки намоиши рост мебоист бештар ҳаяҷоновар бошад, магар ин ки мардум ба ангезиши хаёл нисбат ба тасдиқу бовар кардан мутеътаранд. Ва аксари онҳо, агар (чизҳои) шоистаи бовариро бишнаванд, инкор кунанд ва аз онҳо бигрезанд" (Фанни шеър, с. 73).

Асаре, ки дар вай нақши тахайюл маҳдуд асту муҳокот бо асли воқеии худ дар ҳаҷму ҳудуд ва сифату моҳият мувофиқ мебошад, асари рост ё худ *сидқист;* аммо асаре, ки баръакс, дар натиҷаи истиқлолу касрати тахайюл ҳақиқати бадеӣ аз ҳақиқати

воқеӣ хеле дур бурда шудааст, асари *кизбӣ* мебошад. Ҳар яке аз ин навъҳо дорои афзалияту маҳдудият аст, чунончи аввалӣ қобили эътимод асту муассир нест, аммо дувумӣ муассир асту қобили эътимод намебошад. Дар ин бора Насириддини Тӯсӣ мегӯяд: "Ва нуфуси аксари мардум тахайюлро мутеътар аз тасдиқ бошад. Ва бисёр касон бошад, ки чун сухане муқтазои тасдиқ танҳо шунаванд, аз он мутанаффир шаванд. Ва сабаб он аст, ки тааҷҷуби нафс аз муҳокот бештар аз он бувад, ки аз сидқ, чи муҳокот лазиз бувад. Ва аммо сидқ агар машҳур бувад, монанди чизе бошад, муқаррар ва мансух аз ҷиҳати зуҳур. Ва агар ғайримашҳур бувад, дар маърази талаби илтизоз ба он илтифоте набошад. Ва бошад, ки содиқи ғайри лазиз ба таҳрифе муқтазои тахайил лазиз шавад. Ва низ бошад, ки илтифот ба тахайил нафсро аз илтифоти тасдиқ боз дорад" (Фанни шеър, с. 152-153).

Оид ба *умумияти адабиёти бадеӣ* дар доираи анвои дигари ҳунар ва *махсусияти* ҳар яке аз онҳо донишмандони асримиёнагии мо ишораҳои арзишманде кардаанд. Чунончи, Абӯнасри Форобӣ гуфтааст: "миёни соҳибони ин ҳунар (шеър – Р.М.) ва рассомон алоқаи маълуме мавҷуд мебошад: метавон гуфт, ки моддаи ҳунари онҳо гуногун бошад ҳам, сурати эҷоду афъолашон ва ғаразашон якест, ё лоақал шабеҳи ҳамдигар. Ҳунари шеър – бо муҳокима арзи вуҷуд мекунад, ҳунари рассомӣ – бо ранг;. дар ҳамин аст тафриқаи онҳо; аммо дар амал ҳарду ҳам як чизро эҷод мекунад ва ҳарду ҳам як ғараз доранд, то дар хаёлу эҳсос одами муҳокотшаванда тасаввур шавад" (Трактат о канонах искусства поэзии, с. 542).

Фарқи адабиёти бадеиро аз соҳаҳои дигари маданияти маънавӣ, масалан хитоба, хоҷа Насириддини Тӯсӣ хеле равшан гуфтааст. "Ҳарчанд хитобат, - мегӯяд ӯ, - шарики шеър бошад дар ин манфиат, аммо хитобат нафъ ба тасдиқ кунад ва шеър ба тахайил" (Фанни шеър, с. 154). Яъне, мурод аз хитоба бовар кунонидани мардум аз мавзуи сӯҳбат бошад, мурод аз шеър – барангехтани хаёл мебошад.

Масъалаи *арзиши тарбиявии шеър ва вобастагии он ба замони конкрет* низ аз назари донишмандони пешин дур намондааст. Шайхурраис гуфта буд, ки "шеърро гоҳе барои тааҷҷуби танҳо месароянд ва гоҳе барои ғаразҳои иҷтимоӣ шеър мегӯянд". Ҳодисаи дар ҷомеаи инсонӣ мақоми баланд доштани шоирро хоҷа Насириддини Тӯсӣ дуруст таъкид кардааст: "Ва аз ҷиҳати қудрат, - мегӯяд ӯ, - баъзе қудамои шуароро бар тасарруфи том дар нуфуси авом, эшон шоирро бо анбиё дар силки мушобиҳат меовардаанд". "Ва дар ин рӯзгор низ, - давом медиҳад Насириддини Тӯсӣ, - ашъори нек аз хатаб (хитобаҳо) дар баъзе манофеъ муассиртар аст" (Фанни шеър, с. 155). Яке аз шоирони бузурги замони муосир Иқбол ба ҳамин маънӣ фармудааст:

Шеърро мақсад агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист!

Ҳар як ҳунарманд фарзанди замони худ буда, мувофиқи бардошти ҷаҳонбиниаш ба масъалаҳои замони худ ҷавоб мегӯяд ва табиист, ки як қисми муҳими ин қабил масъалаҳо дар замони дигар ва ё пеши халқи дигар ё умуман вуҷуд надоранд ва ё ҷавоби бадеии гуфташуда дархури манфиат намебошад. Дар ҳамин хусус Насириддини Тӯсӣ навиштааст: "Ва бар ҷумла русуму одотро дар кори шеър мадхале азим аст; ва ба ин сабаб ҳарчи дар рӯзгоре ё наздики қавме мақбул аст, дар рӯзгоре дигар ва ба наздики қавме дигар мардуд (радшуда) ва мансух (бекоршуда) аст" (Фанни шеър, с. 152).

Таснифоти шеър дар афкори назарии адабии асримиёнагии тоҷику форс аз рӯи ду меъёр сурат гирифтааст: мутафаккирон шеърро аз рӯи *мавзуъ* ва *мундариҷа* ба навъҳо тақсим кардаанд, суханшиносон чунин таснифро аз рӯи қонунияти унсурҳои шаклии адабиёти бадеӣ ба амал овардаанд. Чунончи, Форобӣ мегӯяд, ки "уламои шеършиноси форсу араби замони мо дар ин маънӣ китобҳои бисёр таълиф карда, ашъорро ба навъҳои *ҳаҷв*,

мадҳ, муфохирот, лугз, маҳҳака, газалиёт, васфиёт ва ғайра тақсим кардаанд" (Фанни шеър, с. 64). Суханшиносе ҳамчун Рашидаддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ анвои зерини шеърро нишон додаанд: қасида, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, маснавӣ, тарҷеот, мусаммат, мустазод, муфрадот.

Аз пораҳои боло, чунончи аз суханони Форобӣ, маълум мешавад, ки мутафаккирони гузаштаи мо ба масъалаи забон эътибор додаанд. Доир ба забон Насириддини Тӯсӣ алоҳида таваққуф ҳам кардааст: "Пас, моддаи шеър, - мегӯяд ӯ, - сухан аст ва сураташ ба наздики мутаохирон вазну қофия ва ба наздики мантиқиён - тахайюл" (Фанни шеър, с. 152). Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ин донишманд *имкониятҳои фаровон* ё худ *ғановати таркибии забони адабиёти бадеӣ*-ро таъкид кардааст. Ӯ навиштааст: "Истеъмоли шоир алфозро бар вуҷуҳи мухталиф мумкин бошад. Ва баъзе асомии аснофии алфози мустаъмал ин аст: *мустаълӣ* ва *луғат* ва *зинат* ва *нақл* ва *мавзуъ* ва *мунфасил* ва *мутағайир* ва *маънӣ*" (Фанни шеър, с. 152). Тавре ки дар мавридаш дида хоҳад шуд, ҳодисаи рангорангии таркиби забони адабиёти бадеӣ асоси ба куллӣ мустаҳкам дорад.

Масъалаҳои зиёди дигари эҷоди бадеӣ ҳастанд, ки мутафаккирони пешин ба онҳо дахл намудаанд. Чунончи, ишораи Шайхурраис "ҳар ғаразеро лаҳнест, ки аз ҷиҳати дуруштию нармӣ" (Фанни шеър, с. 81) ба қонуни ягонагии мундариҷаю шакл тааллуқ дорад. Донишманди маъруфи шӯравӣ Б.В. Веймарн дуруст мегӯяд, ки "дар ҷамъияти асримиёнагии "мусулмонӣ" дар тамоми даврaҳои инкишофи он чунон ақидаҳои эстетикие мавҷуданд, ки асоси тасвири бадеии санъатро тасдиқ ва исбот менамоянд".[1]

[1] *Б.В.Веймарн*. К вопросу об эстетических основах изобразительного искусства средневекового Ирана. – Сб.: Искусство Востока и античности. – М.: Наука, 1977, с. 85.

Равияи хоси назариро суханшиносони касбӣ эҷод намудаанд ва он дар таърихи тамаддуни тоҷику форс дар асрҳои X-XI пайдо шуда, дар садаҳои XII-XIII хеле инкишоф ёфта, дар асри XV пурра ва ҳаматарафа рушд кардааст. Юсуфи Арӯзӣ, Ҳасан ибни Қаттони Хуросонӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашидаддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Шарафиддини Ромӣ, Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон доир ба масъалаҳои гуногуни назарии адабӣ – ҳамчун вазн, қофия, анвои шеър, санъатҳои бадеӣ ва ғ. асарҳо таълиф намуда, дар ташаккул ва камолоти поэтикаи нормативию классикии тоҷику форс ҳар яке лоиқи худ ҳисса гузоштаанд.

Дар пайдоиши ин равия адабиётшиносии арабу арабизабон[1] таъсири ҷиддие расондааст, зеро Юсуфи Арӯзӣ, Ҳасан ибни Қаттони Хуросонӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашидаддини Ватвот ва дигарон ҳангоми таълифу танзими назарияи вазну қофия ва баъзе санъатҳои бадеӣ аз осори Халил ибни Аҳмад, Қутайба, Ҷоҳиз ва дигар муаллифони арабизабон баҳраманд будаанд. Ин равия, ки асосан дар таҳқиқи шакли адабӣ қарор дорад, моҳиятан бо табиати феодализм мутобиқ омад ва маҳз барои ҳамин баробари равнақи сохти ҷамъиятии мазкур вусъат пайдо карда, дар замони нуқтаи охирини тараққиёташ, яъне, асри XV ба авҷи аълои инкишофи худ расид. Атоулло Маҳмуди Ҳусайниро ҷамъбасткунандаи равияи хоси назарӣ шумурдан мумкин аст, зеро ба асари "ҷомеъ ва муфиди ӯ" (таъбири Навоӣ) адабиётшиносони асрҳои минбаъда ягон чизи муҳими ҷиддие илова накардаанд.

Дар натиҷаи саъю кӯшиши суханварон ва суханшиносону мутафаккирони асрҳои миёна поэтикаи пуразише ба миён

[1] Ҳар асари ба забони арабӣ навишташуда пурраю батамом азони араб нест. Осори сершуморе мавҷуданд, ки муаллифашон ғайриарабанд ва маводҳо низ танҳо ба ҳаёту адабиёти араб мансуб нестанд.

омад, ки онро ҳам поэтикаи *нормативӣ* ва ҳам поэтикаи *классик* номидан равост.

Нормативӣ – *барои он мешуморем, ки суханварону суханшиносон ҳадду ҳудуди асарро аз ҳайси унсурҳои шакл, яъне, вазн, қофия, теъдоди мисраю байт, банд ва амсоли инҳо ба тарзи қатъӣ муайян кардаанд.* Чунончи, агар байти якуми шеър рамали мусаддаси мақсур (яъне: *фоилотун, фоилотун, фоилун* - ду карат) бошад, ҳамин усули вазнро дар саросари шеър бояд риоят кард, дар ягон мисраъ каму зиёд кардани ягон ҳиҷо мумкин нест; ҳамчунин, дар ягон мисраъ *фоилотун*–ро бо *мафоилун* иваз кардан норавост, ҳарчанд ки ҳарду тақтеи мазкур аз рӯи миқдори ҳиҷоҳо баробаранд: як ҳиҷои кӯтоҳ ва се ҳиҷои дароз. Ё худ: агар байти якуми шеър аз тариқи маснавӣ қофиябандӣ шуда бошад, ҳамин тариқ то охири шеър бояд нигоҳ дошта шавад, ягон мисраъро аз қофия озод овардан мумкин нест. Ва ё худ: агар шеър дар шакли мусаммати мураббаъ дастабандӣ шуда бошад, тамоми бандҳои он бояд ҳатман аз чаҳор мисраъ иборат шавад, ҳеҷ имкон надорад, ки банде, масалан, аз се мисраъ ё панҷ мисраъ таркиб ёбад.

Поэтикаи асримиёнагии тоҷику форсро барои он лоиқи номи баланди классикӣ медонем, ки суханварону суханшиносони бузурги гузашта қолабҳои вазн, жанр, қофия, забон, оҳанг ва ... хулоса, ҳар як компоненти шаклро он қадар дақиқ, борик ва нозук кашф карданд ва онро бо мавзуъ, ғоя, мазмун вобаста намуданд, ки ин вобастагӣ узвӣ шуду аз он зиёдтараш дар шароити тафаккури асримиёнагӣ имкон надошт. Агар поэтикаи вазну жанр, қофияву луғат ва дигар унсурҳои "Шоҳнома"-ро, ки ҳар яке дар мавриди худ ба дараҷаи аъло сурат гирифтааст, ба ёд орем, чигунагии поэтикаи классикӣ равшан мешавад. Созгории олии унсурҳои шаклу мундариҷа дар жанрҳои рубоӣ, ғазал, мусаммат ва ғ. низ мисоли равшани ҳамин фикр шуда метавонанд.

Поэтикаи классикӣ – бузургтарин кашфиёти маънавии халқҳои эронинажод мебошад, ки дар муддати дуру дарози асрҳои X-XV ва даврaҳои минбаъда ба амал омадааст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки адабиётшиносии тоҷик дар асрҳои миёна ташаккул ёфта, як силсила илмҳои ҷудогонаро ҳамчун арӯз, қофия, бадеъ, нақд ва ғ. дарбар гирифтааст. Мутаассифона, баъди садаи XV афкори назарии адабии тоҷику форс аз инкишофи шоистаи худ бозмонд. Дар асрҳои XVIII, махсусан XIX ягон асари суханшиносии барҷаста ба миён наёмад, ки аз пешиниён қадами ҷиддитар пеш гузошта бошад. Сабаби ин ҳолатро бегумон дар инқирози феодализм ва пастии маънавиёти манғитиён бояд ҷуст.

АВРУПО. Дар Аврупои даврaи Эҳё, ки моҳияти марказии мадании таърихиаш зинда кардани анъанаҳои адабиёту санъати қадим буд, афкори адабиётшиносии Арасту ва дигар донишмандони пешин идома ва инкишофи шоистаи худро пайдо кард. Азбаски ин ҳодиса, яъне, пайдоишу равнақи Эҳё бо сабзиш ва нумуи буржуазияи навхез мувофиқ омад, натиҷаҳои баланд ҳосил шуд.

Бузургоне ҳамчун Данте, Бокаччо, Петрарка, Эразми Роттердамӣ, Шекспир, Сервантес, Бэкон ҳам бо осори бадеии худ, ҳам бо ақидаҳои назарии эстетикиашон дар пешрафти тамаддуни умумиинсонӣ хидмати шоиста кардаанд. Масалан, Бэкон дар асари худ "Доир ба арзиш ва такмили илмҳо" бори аввал таърихи адабиётро чун илми мустақил номбар мекунад.

Асари Буало "Ҳунари шеър"-ро (1674) ҷомеи қонунҳои класситсизм мешуморанд. Ӯ мекӯшад, ки қонунҳои абадии "завқи хуб"-ро муқаррар кунад, вай гарави инро дар асоси ратсионализми қатъии қонуни се ягонагӣ: макон, замон ва амал таъин менамояд.

Баъд аз Буало афкори назарии адабӣ дар асарҳои Дени Дидро "Парадокс дар бораи актер", "Салонҳо", Лессинг "Драматургияи Гамбург", махсусан "Лаокоон" ривоҷ меёбанд. Алоқаи адабиёти бадеӣ бо ҳаёти ҷомеа, робитаи адабиёти бадеӣ бо навъҳои дигари санъат ва тафовути онҳо, раванди

таълифи асари бадеӣ ва ғ. аз ҷумлаи масоиле буданд, ки диққати ин донишмандонро ба худ кашидаанд. Воқеан ҳам ин муаллифон оид ба бисёр тарафҳои эҷоди бадеӣ фикрҳое гуфтаанд, ки арзиши худро ҳоло ҳам гум накардаанд.

Тараққиёти бисёр баланди афкори назарии адабии Аврупо дар асри XIX – дар осори Гегел мукаммалтару равшантар ба назар мерасад.

Гарави муваффақиятҳои баҳснопазири ин файласуфи классики немис дар он аст, ки вай тамаддуни халқҳои оламро дар ҳамбастагии таърихию ҷуғрофӣ меомӯзад. Ин усул ба олим имкон медиҳад, ки қонунияти тараққиёти тамаддуни умумиҷаҳонӣ, инчунин методҳои таърихии адабиёту санъатро бегалат муайян кунад. Дар масъалаи ташаккули назарияи омӯзиши ҳатмии халқе аз халқи дигар хидмати ин донишманд бузург аст.

Аз хидматҳои Гегел, бояд инро қайд кард, ки ӯ арзиши маърифати адабиёту санъатро муайян кардааст, яъне, адабиёту санъат воситаи муҳимтарини маърифати ҳусн ҳисоб меёбад. Инсон табиатан мушоҳидакор асту хоҳ нохоҳ ҳусни муҳити худро, зебоии ашёву ҳодиса ва амсоли инҳоро дарк мекунад. Санъат дар шинохтани ин ҳусниёт воситаи тавоное аст. Ин албатта, дар ташаккули назарияи илмии эстетика муваффақияти бузурге буд. Аммо дар идомаи назарияи мазкур нуқсони ҷиддии Гегел ҳам ошкор мегардад. Дар масъалаи дараҷаи ҳусн предметҳои муҳит якхела нестанд. Модоме ки ҳар чиз дараҷаи муайяни ҳуснро дошта бошад, пас, оё чизе ҳам ҳаст, ки ҳусни олӣ дошта бошад? Бале мувофиқи фаҳмиши Гегел, чизи олию мутлақ Худованд аст, бинобар ин, ҳусни олию мутлақ ва қусурнопазир ҷамоли илоҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи олии адабиёту санъат ҳам аз таҷассум ва тарғиби ҳамин ҷамоли мутлақ иборат аст. Ин назарияи идеалистии Гегел, тавре ки хоҳем дид, аз ҷониби инқилобии демократи рус Н.Г. Чернишевский ба таҳлил ва танқиди сахт рӯбарӯ мешавад.

Хидмати дигари арзишманди ин донишманди бузурги немис дар ин аст, ки ӯ қонунияти сегонаи ҷинсии адабиёти бадеиро ошкор намудааст. Гегел дар ҷилди севуми "Эстетика" исбот мекунад, ки осори бадеӣ тибқи қонунияти дохилиашон ба се гурӯҳи мустақил, яъне: ҳамоса, драма ва лирика тақсим мешаванд. Ин назарияи арзишманди Гегелро демократи дигари рус В.Г. Белинский дар асари худ "Тақсимоти шеър ба ҷинсҳо ва навъҳо" идома ва инкишоф медиҳад.

Пешрафти ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва равнақи муҳити адабию фарҳангии асри XIX–и Аврупо боиси он шуданд, ки ҷамолшиносӣ (эстетика) ё худ назарияи санъат рушд карда ба илми мустақил табдил ёфт.

РУСИЯ. Муҳаққиқон мегӯянд, ки дар Русия аввалин мулоҳизаҳо доир ба адабиёт дар асрҳои X-XI баён шудаанд.[1] Асарҳои махсуси назарии адабӣ бошанд, дар охири асри XVI, китобҳои ҷудогонаи "Поэтика" ва "Риторика" – боз ҳам дертар, яъне, дар асри XVII ба вуҷуд омадаанд.[2]

Яке аз китобҳои аввалини нахустноширии рус Иван Федоров (вафот 1583) "Грамматика" буд.

Таърихи шеършиносӣ дар Русия соли 1596 аз китоби Лаврентий Зизаний (тав. тақрибан 1560 – ваф. баъди 1634), "Грамматика словенска", ("Грамматикаи славянӣ") оғоз мегардад. Ин китоб ғайр аз қисмҳои асосии "Орфография", "Просодия", "Этимология" ва "Синтазис" боз фасли иловагии "О метре" ("Дар бораи вазн") ҳам дошт. Зизаний ин ҷо оид ба панҷ тақтеи шеърӣ – *дактил, спондей, трохей (хорей), пиррихий* ва *шамб* (ямб), инчунин се "баҳр" – *ироический, елегиаческий* ва *шамбический* маълумот додааст.

Соли 1619 "Грамматика" ном асари Мелетий Герасимович Смотритский (тав. 1572-ваф. 1630) мунташир мешавад.

[1] Ниг.: *История русской критики*, т. 1. – М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1958, с. 25-28.
[2] Ниг.: *Возникновение русской науки о литературе*. – М.: Наука, 1975, с. 21.

Азбаски китоб забони содаю мафҳум ва матлаби равшан дошт, бештар аз сад сол чун китоби дарсӣ хидмат кард.

Масоили шеъру шоирӣ дар асари Смотритский нисбатан бештар ва муфассал тафсир ёфтаанд – агар Зизаний ба шеър ҳамагӣ се саҳифа бахшида бошад, Смотритский онро қариб дар бист саҳифа таҳлил намудааст. Ин муаллиф аввалин шуда ба афкори назарии адабии рус мафҳуми бадеиёт, образи шоиронаро дохил намудааст. Вай доир ба синекдоха, антитеза (тазоду муқобила) ва ғ. мисолҳо овардааст, яъне, тасвирҳои шоиронаро дар санъатҳои бадеӣ дидааст.

"Риторика"-и епископи вологдай Макарий (таълиф: 1617-1619) саҳифаи наве дар таърихи афкори адабии рус боз намуд. Ин муаллиф дар таркиби сухани китобии рус се навъи нутқ ("рода глаголания")-ро мушоҳида кардааст: 1) гуфтугӯи муқаррарӣ, 2) сухани оростаи образдор, 3) сухани ҳуҷҷатгузорӣ, ки аз ду навъи боло фароҳам меояд.

Ақидаҳои Макарий, махсусан се навъи нутқ дар "Риторика" (1699) инкишоф дода шудаанд. Ин асар шартан ба Михаил Иванович Усачев нисбат дода мешавад.

Олимони Шӯравӣ А.С. Курилов ва К.В. Пигарев доир ба манбаъҳо ва қонунияти пайдоиши аввалин ақидаҳои адабиётшиносии рус ва нахустин рисолаҳо гуфтаанд: "Китобҳои аввалини поэтика ва риторикаи рус дар масъалаи заминаҳои худ оригиналӣ набуда, бо сарчашмаҳои гуногуни лотинӣ бунёд ёфтаанд. Аммо пайдоиши онҳо дар Русияи он замон таърихан амри қонунӣ ва ногузир буд" (Возникновение русской науки о литературе, с. 30). Муаллифони мазкур арзиши нахустин рисолаҳои адабии назариро таҳлил карда, аз ҷумла навиштаанд, ки "Муҳокимаҳои "доир ба вазн", "оид ба вазни шеър" ва "роҷеъ ба се ҷинси нутқ" ҳарчанд ба таҷрибаи бадеии адабиёти рус ҷавоб намедоданд ва унсурҳои поэтикаи хоссаи миллии вай набуданд, бо вуҷуди ин доираи назари хонандагону шунавандагонро васеъ карданд". (Ҳамон ҷо).

Дар охири асри XVII ва нимаи якуми асри XVIII донишманде - Феофан Прокопович - (1681-1736) ба майдон меояд, ки барои равнақи афкори адабиётшиносӣ дар Русия хидмати арзанда кардааст. Вай солҳои 1705-1707 дар академияи Киев ва Могилев аз суханшиносӣ дарс мегӯяд, ки ҳосили он дарсҳоро дар шакли ду асар – "Поэтика" (иборат аз се китоб) ва "Риторика" ба забони лотинӣ интишор медиҳад. Ин муаллиф дар китоби аввали "Поэтика" оид ба шеър, манфиати он, пайдоиш, табиат ва предмети шеър, маҳорати шоир ва ғ. мулоҳизаҳои арзишманд баён кардааст. Дар китоби дувуми "Поэтика"-и Ф. Прокопович шаклҳои ҳамосавӣ ва драмавии шеър таҳлил шудаанд. Китоби севум бошад, аз тафсири панҷ навъи назм: "буколический", "сатирический", "элегиаческий", "лирический" ва "эпиграмматический" иборат аст.

Як ҷиҳати пешқадами афкори Ф. Прокопович ин аст, ки вай мабдаи илоҳии шеърро тасдиқ намекунад. Чунончи, вай навиштааст, ки "эҳсоси одамӣ дар шакли муҳаббат нахустин офаридгори шеър буд".[1] Роҷеъ ба қонунияти асосии адабиёти бадеӣ ин донишманд мегӯяд: "охир, шеър ҳунарест, ки амалиёти одамиро тасвир мекунад ва онро барои панди зиндагӣ ба тариқи бадеӣ тафсир медиҳад" (Сочинения, с. 346). Маслиҳати ин суханшинос ба адибон, ки танҳо дар сурати "машқи муттасила" дар навиштан, рӯзе камаш як мисраъ ё як байт эҷод кардан ба "муваффақият ноил шудан мумкин аст" (с. 349), аҳамияти амалии худро ҳоло ҳам гум накардааст.

Ф. Прокопович адабиёти бадеиро ба ҳафт гурӯҳ (ҷинс) тақсим карда, онҳоро ба шарҳи зер номбар кардааст: 1) эпическая; 2) драматическая; 3) "буколическая", 4) "эпиграмматическая"; 5) "элегиаческая"; 6) "сатирическая"; 7) "лирическая". Тавре ки баъдтар дар асри XIX маълум мешавад, ин навъ таснифоти ҷинсӣ бо ҳақиқати эҷоди бадеӣ мувофиқ намеояд ва

[1] *Феофан Прокопович.* Сочинения. – М.Л.: 1961, с. 340.

аз рӯи гуфтаи В.Г. Белинский "онҳо фақат сетоанд, аз ин зиёд нестанд ва буда ҳам наметавонад".[1]

Ф. Прокопович ҳар яке аз навъҳои мазкурро, мувофиқи фаҳмиши худ, ба гуфтаҳои донишмандони қадим такя карда, тафсир додааст. Аз тавзеҳоти навъҳои адабӣ бештар шарҳи ашъори драмавӣ ҷолиби диққат мебошад, зеро Ф.Прокопович жанри севуми драмаро ҳам нишон додааст.

Ф. Прокопович агар дар "Поэтика" дар бораи масъалаҳои чинсу жанрҳои адабӣ нисбатан муфассал таваққуф карда бошад, дар рисолаи "Риторика" доир ба ҳусни сухани мансур, услубу жанрҳои насрӣ маълумот додааст. Ин муаллиф насрро услубан ба се гурӯҳ тақсим намудааст: 1) олӣ, 2) миёна ва 3) паст.

Мутантанию муҳташамӣ ва хушпардозӣ – нишонаҳои асосии услуби олӣ мебошанд; дар он маҷозу ташхису тамсил фаровон истифода мешаванд.

Дар *услуби миёна* сухан муътадилу ором ҷараён меёбад, вай ба шунаванда ҳаловат мебахшад; ҳикоятҳои ғалабаю музаффарият, мукофот ва чизҳои дигари масарратбахш бештар бо ҳамин услуб сурат мебанданд.

Услуби паст – тарзи сухани одии аз обуранг холӣ, ки дар нақли ҳаёти деҳот, зиндагии муқаррарӣ, масъалаҳои оилавӣ истифода мешавад.

Маҳдудияти асосии назарияи Ф. Прокопович ва умуман ин муаллифони лотининавис иборат аз ин аст, ки онҳо ба манбаи худ – адабиёт ва афкори муаллифони Юнону Рими қадим такя карда, онро инкишоф медоданд, аммо дар айни замон амалияи зиндаи эҷодиро, ҷараёни адабии халқи русро ҷалб ва таҳлил намекарданд.

Камбудии мазкур дар нимаи дувуми асри XVIII эҳсос шуд. Сиёсати дурбинонаи Петри Кабир дар соҳаҳои гуногуни

[1] *В.Г. Белинский.* Полн. собр. соч. т. V, - М., Изд-во АН СССР, 1954, с. 62.

фарҳанг, аз ҷумла афкори адабии эстетикӣ, нисбатан дертар натиҷа дод. В.К. Тредиаковский ва М.В. Ломоносов ба майдон омаданд. Махсусан, М.В. Ломоносов, ҳам мероси маънавии қадима, ҳам осори донишмандони ҳамватани худ, ҳам таҷрибаи эҷодии халқи русро суботкорона омӯхта, табиати махсуси адабиёти бадеии русро кашф намуд. Аз ҷумла, кашфиёти М.В. Ломоносов доир ба вазн, услуб, забон ва ғ. барои инкишофи минбаъдаи афкори назарии адабии Русия роҳи васеъ кушод.

Аммо хизмати бузургеро дар инкишофи афкори назарии адабии рус инқилобиёни демократи рус анҷом додаанд, ки баъзе ақидаҳои онҳоро иҷмолан баррасӣ хоҳем кард. Аммо дар ибтидо як ҷиҳати махсуси ин гурӯҳи донишмандони Русияро бояд қайд кард, ки онҳо олимони холиси назария набудаанд, балки ақидаҳои эстетикии худро бевосита дар амалия татбиқ менамудаанд ва тавассути фаъолияти фароҳдомани худ дар бедории фикрии мардуми Русия хидмати шоиста кардаанд.

Асосгузори идеологияи инқилобиҳои демократӣ, сардафтари эстетикаи реалистии рус **В.Г. Белинский** (1811-1848) пеш аз ҳама, мунаққид ва назариячии бузург ба шумор меравад. Ӯ ҳанӯз дар давраи донишҷӯӣ драмаи "Дмитрий Калинин"-ро менависад ва бар зидди сохти крепостнойдорӣ садо баланд мекунад. Дар як қатор мақолаю тақриз ва рисолаҳое, ки дар тӯли на чандон дарози фаъолияти В.Г. Белинский ба майдон омадаанд, хеле масъалаҳои муҳими назарияи адабӣ ё бори аввал ошкор карда ва ё такмил дода шудаанд. Аз ҳамин нуқтаи назар махсусан "Тақсимоти шеър ба ҷинсҳо ва навъҳо" (1841), "Ғояи санъат" (1841), "Нутқ дар бораи танқид" (1842), "Мактуб ба Гоголь" (1847) дорои аҳамияти бузурге мебошад.

Белинский фикри Гегелро дар бораи ба се ҷинси адабӣ тақсим шудани адабиёти бадеӣ ҳаматарафа пурқувват мекунад ва муҳимтарин нишонаҳои жанрҳои асосиро нишон медиҳад. Азбаски меъёри таснифоти адабиёти бадеӣ ба ҷинсҳо ва тафсири қонунияти ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ мутобиқи

ҳақиқати амалияи эҷоди бадеӣ сурат гирифта буданд, кори В.Г. Белинский дар замони мо арзиши худро гум накарда, балки чун дастуруламали классикӣ хидмати худро идома медиҳад.

Кашфиёти барҷастаи дигари В.Г. Белинский ба назарияи методи эҷодӣ дахл дорад, ки он низ дар мавриди худ баррасӣ хоҳад шуд.

Чизи бисёр муҳими дигар, ки аз таълифоти сершумори В.Г. Белинский бармеояд, ин вобастагии сахти адабиёти бадеӣ ба ҳаёти ҷории ҷомеа мебошад. Мувофиқи фаҳмиши ин донишманд, адиби пешқадам шахсест, ки ба рӯзгори халқ фурӯ рафта, дар ҳалли мушкилоти вай кӯмак мерасонад.

Николай Александрович Добролюбовро (1836-1861) К. Маркс дар паҳлӯи Лессинг ва Дидро гузоштааст. Ф. Энгелс бошад, ӯро ҳамроҳи Н.Г. Чернишевский ду Лессинги сотсиалистӣ шумурдааст. Дар ин ташбеҳи баланд ва сазовори доҳиён мақоми бузурги Н.А. Добролюбов дар соҳаи афкори эстетикӣ ба назар гирифта шудааст. Ақидаҳои инқилобӣ-демократии ин мунаққид ва публитсисти рус дар бисёр таълифоти ӯ, аз ҷумла "Обломовчигӣ чист?", "Мусоҳибаи дӯстдорони каломи рус", "Роҷеъ ба дараҷаи иштироки халқият дар тараққиёти адабиёти рус", "Кишвари ҷаҳолат", "Ҳаҷви рус дар замони Екатерина" ва амсоли инҳо дарҷ ёфтаанд.

Ин ҷо бояд ду ақидаи бағоят ҷолиби диққати Н.А. Добролюбовро зикр кард. Яке – таъкиди ӯ оид ба назарияи халқият аст, ки асосҳои ин усули адабиро дарбар кардааст. Дар масъалаи ифодаи манфиатҳои халқ дар адабиёти бадеӣ то ин дараҷа муфассал Н.А. Добролюбов таваққуф кардааст. Ташаккули усули халқияти адабиёту санъат дар афкори ин инқилобии демократи рус оғоз меёбад.

Масъалаи дигари қобили таваҷҷуҳ – ин мавқеи *ҳақиқат* дар адабиёти бадеӣ мебошад. Н.А. Добролюбов ба мисли адибону мутафаккирони пешқадами дигар, махсусан В.Г. Белинский, вазифаи иҷтимоии адабиёту санъатро, пеш аз

ҳама, дар таҷассуми ҳақиқат мебинад. Мувофиқи талабҳои исроркоронаи ин муаллиф, дар осори адибони ҳақиқӣ бояд ҳақиқати талхи зиндагии мардум, ки ба дараҷаи фаҷеъ расида буд, инъикос ёбад. Меъёри баҳои ҳаққонии адиб ҳам ҳамин чиз аст. Бояд гуфт, ки ин назария ва боз ақидаҳои дигари Н.А. Добролюбов ҳоло ҳам кӯҳна нашудаанд.

Николай Гаврилович Чернишевский мақоми баландеро дар таърихи афкори мардуми Русия ишғол менамояд. Асарҳои илмию танқидӣ ва публитсистию бадеии ин намояндаи гурӯҳи инқилобиҳои демократ ҳам дар такомулоти афкори назарӣ, ҳам дар пешрафти мафкураи пешқадами ҷомеаи Русия хидмати барҷаста кардаанд.

Аз ақидаҳои Н.Г. Чернишевский диққати ҳамзамононашро бештар аз ҳама *назарияи ҳусни ӯ* ҷалб намуд. Дар нимаи дувуми асри XIX, на танҳо дар Аврупо, балки дар Русия ҳам, назарияи идеалистии ҳусни Гегел ғулғула андохта буд. Н.Г. Чернишевский назарияи Гегелро таҳқиқ намуда, хатои идеалистии ӯро ислоҳ карда, дар асари арзишманди "Муносибати эстетикии санъат ба воқеият" назарияи худро пешниҳод намуд. Моҳияти асосии ин назарияи муназзам ва пешқадам аз инкори идеализми ҳусниёт ва исботи синфияти он иборат буд. Н.Г. Чернишевский нишон дод, ки ҳусн мафҳуми нисбӣ мебошад, онро ҳар кас мувофиқи баромади синфии худ, аз рӯи манфиатҳои шахсиаш мефаҳмад. Аз ҳамин нуқтаи назар, мисоли овардаи Н.Г. Чернишевский эътимодбахш ва ибратангез аст, ки духтараки рангпаридаи камҳаракати лоғар дар назари деҳқони деҳотӣ безеб асту дар пеши ашрофи шаҳрӣ зебо, аммо духтари дигар, ки суп-сурху фарбеҳ ва чолок асту дасту панҷаҳои мардона дорад, баръакс, барои деҳқони деҳотӣ зебосту барои ашрофи шаҳрӣ безеб. Сабаби гуногунии назарҳо ин аст, ки муроди яке аз ҳусни духтар меҳнати вай асту ғарази дигаре сипоҳигарии ӯ, зеро деҳқон ба сабуккунандаи корҳои рӯзгори

худ муҳтоҷ бошад, ашрофи шаҳрӣ ба риояи одоби меҳмондориву меҳмонравӣ эҳтиёҷ дорад.

Мабдаи ҳусн, мувофиқи таъкидҳои Н.Г. Чернишевский, муҳити дилхоҳи инсон аст. Вай мегӯяд: "Он муҳите мустаҳсан аст, ки зиндагиро дар вай ончуноне бубинем, ки мувофиқи фаҳмиши мо сохта шуда бошад".[1] Ин ҷо беихтиёр мисраи Хоҷа Ҳофиз ба хотир меояд:

Чарх барҳам занам, ар гайри муродам гардад!

Чизи аз ҳама зеботарин, дар назари донишманди номбурда одам мебошад. "Чизе дар рӯи замин, - мегӯяд, - зеботар аз одам нест" (с. 17). "Дар тамоми олами ҳисшаванда, - менависад Н.Г. Чернишевский дар ҷои дигар, - одам – махлуқи олитарини вай аст, аз ин рӯ, шахсияти инсонӣ ҳусни олӣ дар дунёст" (с. 132). Ҳамин гуна маъниро пештар ҳам баён карда буданд. Масалан, мувофиқи таъкидҳои сершумори Носири Хусрав, *одам ашрафи махлуқот*-и рӯи замин мебошад. Аммо назари Н.Г. Чернишевский аз пешиниёни худ бо он фарқ мекунад, ки ӯ бузургию ҳусни одамро аз мавқеи синфи мушаххаси ҷомеаи инсонӣ таъкид намудааст.

Назарияи ҳусни Н.Г. Чернишевский ба дараҷаи фаҳмиши марксистӣ камол дошт.

Тезиси хеле муҳими ҳамбастагии узвии назарияи предмет ва таърихи он низ ба Н.Г. Чернишевский дахл дорад. Ӯ гуфтааст: "Таърихи санъат ҳамчун асоси назарияи санъат хизмат мекунад, пасон назарияи санъат барои коркарди бештар комил, бештар пурраи таърихи вай кӯмак мерасонад; коркарди беҳтарини таърих барои такмили баъдинаи назария хидмат менамояд, ҳамин тариқ ин ҳамбастагӣ ба нафъи ҳамдигари таърих ва назария абадан, то даме ки одамон

[1] *Н.Г.Чернышевский.* Полн. собр. соч., т. II. – М.: Гослитиздат, 1949, с. 10.

санадҳоро меомӯзанду аз онҳо хулоса мебароранд, то даме ки бо ҷадвалҳои хронологии хушку феҳрастҳои библиографии аз эҳтиёҷи тафаккур ва лаёқати андеша маҳрум намешаванд, идома меёбад" (с. 265-266). Воқеан ҳам, ҳангоме ки чизе аз санъат, фаразан аз рубоӣ пайдо мешавад, хусусияти назарии вай ҳам якбора, ҳамроҳи худи ҳамон чиз, бигузор ба дараҷаи ибтидоиву инкишофнаёфта бошанд, офарида мешаванд. Вақте ки он хусусиятҳои назарӣ маърифат мешаванд, пас, он дониш боиси инкишофи минбаъдаи амалияи он чиз мегардад. Ин ҷо шоистаи таъкид аст, ки Н.Г. Чернишевский чун мутафаккири бузурги материалист таърихи предмет, яъне, амалияро аввал мегузораду назарияи онро ҳосили он амалия мешуморад. Вобаста ба ҳамин ҳолат ҳикмати машҳури В.И. Ленин ба хотир мерасад, ки гуфта буд: "Аз муроқибаи зинда сӯи тафаккури абстракт аз он ба таҷриба – чунин аст роҳи диалектикии маърифати ҳақиқат...".

Н.Г. Чернишевский аз муҳокимаи боло хулосаи арзишманде мебарорад, ки "Бе таърихи предмет назарияи предмет вуҷуд надорад; аммо бе назарияи предмет дар бораи таърихи он ҳоҷати фикр ҳам нест, зеро дар бораи предмет, аҳамияти он ва ҳудудҳояш низ фаҳмише вуҷуд надорад" (ҳамон ҷо).

Аз ақидаҳои арзишманди Н.Г. Чернишевский якеи дигарро хотиррасон бояд кард, ки ин *мақоми бузурги зиндагисози* санъат мебошад. Ҳикмати кӯтоҳи ӯ, ки санъатро китоби дарсии зиндагӣ номидааст, солҳои зиёд вирди забонҳо гаштааст.

Инқилобии демократи дигари рус Александр Иванович Гертсен (1812-1870) мебошад. Дар бораи ин нависанда, публитсист ва ходими инқилобӣ В.И. Ленин навишта буд, ки "ба чунин баландие баромада тавонист, ки дар сафи бузургтарин мутафаккирони замони худ қарор гирифт".

А.И. Гертсен дар бисёр навиштаҳои худ аҳамияти иҷтимоиву таърихии адабиёти бадеиро таъкид менамояд. Ӯ ҳам мисли муосирони бузурги худ дар масъалаи пойдории

адолати иҷтимоӣ ба нақши адабиёту санъати пешқадам эътибори ҷиддӣ медиҳад. Мувофиқи фаҳмиши А.И. Гертсен, санъат – зодаи ҳаёти ҷомеа мебошад.

Аз ҷумлаи хидматҳои А.И. Гертсен ин аст, ки ӯ ба ин ё он методу ҷараёнҳои адабӣ гаравидани нависандаро ба ҷаҳонбинӣ вобаста медонад. Муаллиф дар мақолаи "Дилетантҳо - романтикҳо" класситсизм, романтизм ва реализмро дар ҳамин партав аз назар гузарондааст.

А.И. Гертсен бузургии санъаткорро дар алоқамандӣ бо замон мебинад. "Санъаткори бузург, - менависад ӯ дар мақолаи "Дар бораи меъморӣ" (1938), - муосир набуда наметавонад, яъне, адиб ҳар қадар ба масъалаи муҳимтарини замон дахл карда, дар ҳалли мушкилоти муосиронаш кӯмак расонад, ҳамон андоза вай бузург мебошад".

Дар назари А.И. Гертсен, адабиёт – оинаи ҳаёти иҷтимоист. "Халқе ки аз истиқлоли иҷтимоӣ маҳрум аст, - менависад ӯ, - адабиёташ минбари ягонаи ӯст, ки аз фарози он маҷбур мекунад, то ба садои эътирозу виҷдонаш гӯш бидиҳанд".

Ҳам А.И. Гертсен, ҳам инқилобиҳои демократи дигари рус дар пешрафти афкори пешқадами Русия хидмати бебаҳои ҷасуронаро анҷом додаанд.

Аз таърихчаи афкори назарии адабии томарксистӣ пай бурдан душвор нест, ки баъзе маҳдудияти таърихӣ барояш хос мебошад, ки муҳимтаринаш дида натавонистани хусусияти синфии адабиёту санъат аст.

КАРЛ МАРКС ВА ФРИДРИХ ЭНГЕЛС

Барсохтии адабиёту санъат. Кашфиёти К. Маркс ва Ф. Энгелс дар адабиёту санъат ошкор намудани хусусиятҳои барсохтии он мебошад. Адабиёту санъат ҳамчун воситаҳои тавонои мафкураи ҷамъиятӣ дар пешравӣ ё худ таназзули он таъсири зиёд мерасонанд. Адабиёту санъат ба базиси

ҷамъиятӣ ҳарчанд таъсири бевосита надорад, аммо қудрате дорад, ки равиши онро ба воситаи мафкураи ҷамъиятӣ суръат бахшад ва заиф гардонад.

Гароиш. Тавре, ки К. Маркс таъкид кардааст, ҳар як санъаткор дар ҳар як давраи таърихӣ ҳатман мутамоил аст, яъне ӯ ба воситаи асари худ ба тариқи ҳатмӣ манфиатҳои синф, гурӯҳ ва ё табақаи конкрети ҷамъиятии замони худро ифода менамояд. Махсусан ин масъала шоистаи таъкид мебошад, ки нахустин бор К. Маркс ва Ф. Энгелс дар "Манифести партияи коммунистӣ" эълон кардаанд, ки "ақоиди ҳукмрони ҳар як давра ҳамеша ақидаҳои танҳо синфи ҳоким буд".

Детерминизм. Маданияти ҳар як давра бо шароити таърихию иҷтимоӣ, бо завқи бадеию фаҳмиши аҳли ҷомеаи худ вобаста аст. К. Маркс маданияти Юнони қадимро ба кӯдакии инсоният ташбеҳ мекунад: ба мисоли рафтори кӯдак нишотангез аст, аммо тақлид ба он қароҳатовар хоҳад буд. Аз ин нуқтаи назар, ба адибони даврае тақлид кардани адиби давраи дигар қобили қабул буда наметавонад.

Таъсири адабӣ. Маданияти халқе дар ҷудоиву кандагӣ аз маданияти халқҳои дигар инкишофи шоиста ёфта наметавонад. Аз таълифоти доҳиён бармеояд, ки тамаддуни кулли мардум бо ҳамдигар аёну ноаён иртиботи ногусастание дорад.

Таносуби ҷаҳонбинию ғоя. Ф. Энгелс ҳодисаи бағоят ҷолиби диққати эҷоди бадеиро пай бурдааст, ки гоҳе доираи ғоявии асари бадей аз ҳудуди ҷаҳонбинии муаллифи он васеътар сурат гирифта метавонад. Тавре ки Ф. Энгелс қайд кардааст, Балзак дар ҷаҳонбинии худ легетимист, яъне, тарафдори ҳокимияти мутлақи Фаронса буд, аммо дар асарҳояш образи ҷумҳурихоҳон – душманони мутлақият бо ҳусни таваҷҷуҳ оварда шудаанд. Чунон ки хоҳем дид, ин навъ ҳодисаро дар таърихи маданияти халқҳои дигар ҳам дучор омадан мумкин аст.

Реализм. Ф. Энгелс, ки инкишофи капитализмро хуб таҳлил карда, қонуният ва моҳияти онро ба дараҷаи аъло ошкор сохта буд, суръат гирифтани адабиёту санъатро низ пай бурд ва барои тараққиёти солими минбаъдаи он роҳҳои дурустро нишон додааст. Ӯ дар мактуби машҳури худ ба Маргарита Гаркнесс таърифи кӯтоҳу пурмазмуни реализмро додааст.

БОБИ I

ГАРОИШ

Мутамоилият (ё тамоюлнокӣ) – аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва принсипиалии адабиёти бадеӣ ба шумор меравад.

"Мутамоилият" калимаи арабӣ буда, бо *майл, майлнокӣ, тамоил, тамоилнокӣ, майлият* ҳамреша мебошад. Маънии луғавии калима – ба ҷониби чизе майл кардани чизи дигар, ҷонибдории касе ё чизеро мефаҳмонад. Маънии истилоҳии калима категорияи назарӣ буда, манфиати гурӯҳе, табақае, синферо ифода кардани санъаткорро дарбар мегирад.

Мутамоилияти санъаткор бо ҷаҳонбинии ӯ вобастагии узвӣ дорад. Аз ин рӯ, "ҷаҳонбинӣ"-ро бояд шарҳ дод.

Ҷаҳонбинӣ – *малакаест, ки дар ҷараёни зиндагӣ, тавассути меҳнат, мутолиа, мушоҳида ва амсоли инҳо ташаккул ёфта, муносибати шахсро ба ҳаёт, ҷамъият, ашё, ҳодиса ва г. ифода менамояд.*

Николай Тихонов доир ба мавқеи ҷаҳонбинӣ дар ҳаёти шахсӣ ва эҷодии санъаткор гуфтааст: "Ҷаҳонбинӣ – соҳиби эҷодиёт, офтоби ботинии шоир мебошад. Анвори он аз ҳар як шеър эҳсос мешавад. Ҳатто интихоби тавсиф ҳам бе ҷаҳонбинӣ намешавад. Сабабгори бисёр камбудиҳо ботилии ҷаҳонбинист".

Ҷаҳонбиниро аз истеъдод бояд фарқ кард. Истеъдод – лаёқат асту модарзодист, ва агар бо ҷаҳонбинии пешқадам ёр нашавад, дар ҷараёни меҳнат сайқал наёбад, асло натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад, истеъдод мемирад. Низомӣ гуфта буд:

Эй басо тезтабъи коҳилкуш,
Ки шуд аз коҳилӣ сафолфурӯш.

Ҳамин фарзона боз гуфта:

Сухан гуфтани нарм фарзонагист,
Дуруштӣ намудан зи девонагист.
("Иқболнома")

Воқеан ҳам зиндагӣ бисёрҳо нишон додааст, ки ёрии *истеъдоду меҳнат* дурр овардаасту *истеъдоду коҳилӣ* сафолпора фурӯхтааст. Истеъдод – гавҳарест нозук, агар эҳтиёткорона парвариш ёбад, касро ба мартабае мерасонад.

Ҷаҳонбинӣ малака мебошад, аз ин рӯ, он ҳатман ҷараёни ташаккул дорад. Ҷаҳонбинии санъаткорро ду гурӯҳи омилҳо: айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ) ташаккул медиҳанд.

Одам баромади иҷтимоӣ, сохти ҷомеа, муҳити табиии зист, ҳодисаҳои азими таърихро мувофиқи дилхоҳи худ якбора дигар карда наметавонад, чунки омилҳои айнии мавҷуда дар чигунагии ҷаҳонбинии кас нақши равшан мегузоранд.

Дуруст аст, ки нақши омилҳои зеҳнӣ – ҳамчун мутолиа, таҳсил, меҳнат, мушоҳида, саъю кӯшишҳои бевосита ва амсоли инҳо, низ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ нақш доранд. Ҳамаи адибони классик ва мутафаккирони бузурги асримиёнагӣ ба туфайли ҳамин омилҳои субъективӣ ба қуллаҳои баланди маромҳои умумиинсонӣ расидаанд.

Дар чигунагии ҷаҳонбинии фарди башар заминаҳои айнӣ омилҳои ҳалкунанда мебошанд. Аммо дар хотир бояд дошт, ки асосҳои зеҳнӣ ҳам ночиз нестанд. Масалан, дар шароити асримиёнагӣ адибони тоҷику форс дар натиҷаи мутолиаи суботкорона, мушоҳидаи дақиқназаронаи зиндагӣ ва дарки солими таърих чунон гуманизми пешқадамеро ба вуҷуд оварданд, ки назир надорад.

В.М. Жирмунский гоҳе мувофиқ наомадани афкори иҷтимоии адибро бо баромади синфии вай ин тавр қайд кардааст: "Ба ҳаёти ҷомеа вобаста будани инкишофи адабиёт, ба мисли ҳар як ҳодисаи ҷомеа, аз назари ман, худ аз худ маълум ва қобили омӯзиш мебошад; ин, албатта, чунин маънӣ надорад, ки мафкураи иҷтимоии нависанда бо баромади иҷтимоии вай як бошад".[1]

[1] *В.М. Жирмунский.* Литературные течения, как явление международное. – Л.: Наука, 1967, с. 16.

Аз нуқтаи назари моҳияти таркиб ҷаҳонбиниро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҷаҳонбинии пешқадами илмӣ;

2) ҷаҳонбинии пасмонда, ғайриилмӣ, иртиҷой.

Ҷаҳонбиние, ки ба объект баҳои сазовори илмӣ медиҳад ва ин баҳо пешрафти ҳаёти моддию маънавии ҷамъиятро тақозо менамояд, *ҷаҳонбинии пешқадами илмӣ* аст.

Ҷаҳонбиние, ки дониста ё надониста ба объект баҳои ғалат медиҳад, ва ин баҳо пешрафти ҳаёти инсонро халалдор мекунад, *ҷаҳонбинии қафомонда, ғайриилмӣ ва ҳатто иртиҷой* шумурда мешавад.

Пояи ҷаҳонбинӣ дар ҳама ҳол бо вазъи ҳаёти мардум вобастагӣ дорад. Гуфтаи Добролюбов дар ҳаққи Гогол ба ҳамин маънӣ ҷолиби диққат мебошад: "Гогол ба нуқтаи назари халқ хеле наздик шуда буд, аммо ин наздикии ӯ бешуурона ва фақат бо фаҳмиши бадеиаш ба вуҷуд омад. Аммо вақте ба ӯ фаҳмонданд, ки акнун пештар рафтан лозим аст ва бояд ба ҳамаи масъалаҳои зиндагӣ аз нуқтаи назари халқӣ нигоҳ карда, ҳар гуна мавҳумот ва таассубро пора кард, дар ин ҳол худи Гогол ҳаросид. Халқият барои ӯ чоҳи бетаг намуд ва аз он гурехтанро авло донист".

Ҷаҳонбинӣ, аз рӯи дараҷаи ташаккули худ низ ду навъ мешавад: *пурра* ва *ноқис*, яъне, малакаи ҷаҳоншиносии кас метавонад ҳадди камоли худро соҳиб шуда бошад, ва ё ба он зинаи дилхоҳ нарасад. Ҳар нависанда ё шоир ҳадафи рӯшанеро ба қалам медиҳад, ки ё мусбату созанда аст, ё манфиву харобиовар.

Ҷаҳонбинии санъаткор ба воситаи ғояи асар ифода меёбад, ки ба он дар боби "Мундариҷа ва шакл" ишора хоҳад шуд.

Зоҳиркунандаи мушаххаси мутамоилият дар илм принсипҳои адабӣ мебошанд, ки дар поён таҳлил мешаванд.

ХАЛҚИЯТИ АДАБИЁТ

Халқ дар замонҳои хеле қадим барои худ адабиёту санъат офарид. Ҳам адабиёт, ҳам санъат дар ибтидо хеле сода буданд, ки инро аз тасвирҳои бостонии рӯи сангҳо дидан мумкин аст. Одамони одӣ ҳангоми шикор, кор ва лаҳзаҳои фароғат аз суруру нишот ва ё ғаму андӯҳ мерақсиданд, менавохтанд, месуруданд, суханони дилангезу хотирнишин мегуфтанд. Тадриҷан дар асоси пешрафти ҳаёт, адабиёту санъат низ рушду камол меёбад. Баробари ҳамин усул халқияти адабиёт ҳам ба миён омада, дар муқобили адабиёти зиддихалқӣ қарор гирифт.

Суоле пеш меояд, ки адабиёти халқиро аз адабиёти зиддихалқӣ чигуна бояд фарқ кард? Барои шинохтани ин ду чиз меъёр мавҷуд аст. Меъёр (ченак, андоза, маҳак) инҳоянд:

1. Асари бадеӣ дар бораи муҳимтарин ҳодисаю воқеъаҳои таърихи халқ навишта шуда бошад, яъне санъаткор ба воситаи асари худ ба заруртарин суолу муаммои замон ҷавоб гӯяд.

2. Ба ҳодисаю воқеъаи тасвиршаванда баҳои сазовори холисона дода, яъне, ҷамъбасти объективии тасвир ба нафъи оммаи халқ нигаронида шуда бошад. Ҳамин ҷо ба хотир овардани ақидаи Ф. Энгелс дар бораи асари халқӣ бамаврид мебошад, ки гуфта буд: "чунон асар, халқӣ ҳисоб ёфта метавонад, ки ормонҳои неки мардумиро дарбар карда, онҳоро бузург медошта ва тарғиб мекарда бошад, ва ё дар заминаи онҳо майлҳои равшани худро пеш мегузошта бошад".[1]

3. Дар заминаи тасвири ҳодисаю воқеъаҳо ва ғ. нависанда образҳои бадеии намояндагони халқи меҳнатиро офарида бошад; хонанда аз эҷодиёти адиб олами ботинии халқро дида, сурати зоҳирии ӯро пеши чашм оварда тавонад. Ба гуфтаи Белинский, "ҳар гуна шеър он гоҳ ҳақиқист, ки халқӣ бошад, яъне агар дар он шахсияти халқ таҷассум шуда бошад".

[1] *К. Маркс и Ф.Энгельс об искусстве*, т. 2. – М., Искусство, 1976, с. 5.

4. Шакли асари бадеӣ бояд муассир ва оммафаҳм буда, матлаби олии ибратангез ба воситаи шакли бадеии дилпазир ифода ёфта бошад. Мазмун, ҳарчанд баланд бошад бе шакли муносиб шарафи халқиятро ёфта наметавонад.

Ҳамин тариқ, нависандаи халқӣ шахсест, ки ба воситаи асарҳои барҷастаи бадеии худ, симову хислатҳои ибратангези типӣ офарида, дар ҳалли муаммоҳои заруртарини замонааш ҳисса мегузорад. Бояд донист, ки ҳунарманди нобиға аз ду ҷанба ба халқ такя дорад: дардашро ба *дил* мегираду осорашро ба *сар*; пасон чизе менависад, ки машъали достон хоҳад шуд. Максим Горкий гуфта буд: "Даҳои фард чизе ҷомеъ надодааст, ки решааш аз осори халқ набошад; ҳеҷ типи ҷаҳоние нест, ки пештар дар афсонаву ривояти халқӣ арзи вуҷуд накарда бошад".[1]

Халқияти нависандагон гуногун мешавад. Дар як марҳила эҷодиёти гурӯҳи бештар, дар марҳилаи дигар эҷодиёти қисми ками нависандагон характери умумихалқӣ дарбар мекунад, ки сабаби ин ҳолат ба тақозои шароити таърихи давраҳои муайян вобаста мебошад. Чунончи, дар замони ҳукмронии қувваҳои иртиҷоӣ (масалан, давраи чингизиён, Темури Ланг) ҳудуди халқияти адабиёт танг шуд, зеро адибони пешқадам ба таъқиботи ҳаматарафа дучор омаданд. Аммо агар дар давраи Сомониён Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ барин фарзандони равшанфикру гениалии халқ парвариш ёфта бошанд, дар замони Чингиз, Темури Ланг ва дигар шоҳони хунхор садҳо шоирону нависандагон ва олимон ҷилои Ватан карда, рӯ ба кишварҳои бегона ниҳоданд ва аксарашон дар ғарибӣ ҷон доданд. Ё худ, ғарқ кардани Адиб Собир (1147-48), дар Эрон кушта шудани Грибоедов, кӯҳистон равон кардану ғарқ кардани Савдо, қатли ваҳшиёнаи Ҳозиқу Саҳбо, зиндон шудани Садри Зиё ҳодисаҳои тасодуфӣ нестанд, зеро ҳам подшоҳи Русия, ҳам амири Бухоро ин шахсони адолатталабро

[1] *О литературе.* – М.: 1956, с. 49.

аз муҳити тахту салтанати худ дур кардан мехостанд ва онҳо ба нияти ифлоси худ расиданд.

Солҳои 1907-1917 адабиёти рус шикаста шуд, равияҳои декадентӣ ва символистӣ инкишоф ёфтанд. М. Горкий мегӯяд: даҳсолаи пеш аз инқилоб давраи мудҳиши адабиёти рус аст. Дар ин давраи авҷи таассуб даҳҳо нависандагони Русия ҳичрат карданд, қисман ба ҷараёнҳои дунёбезорӣ дода шуданд.

Нависандагони халқӣ баъзан дар натиҷаи фишору таҳдид, сустии ирода, маҳдудияти ҷаҳонбинӣ аз ақидаи пешқадами худ даст кашида, ба тарғиби афкори зиддихалқӣ машғул мешаванд, роҳи каҷро пеш мегиранд, ё дар васфи ҳокимон асар эҷод мекунанд. Масалан, Гоголь "Порчаҳои мунтахаб аз мукотибот бо дӯстон"-ро пас аз чандин асари барҷастаи худ таълиф намуд, ки онро мешавад қафоравии ғоявӣ унвон кард. Ё худ, Ф.М. Достоевский аввал донишҷӯи пешқадам буд, ӯро ба қатл ҳукм карданд, ки дар натиҷаи бадарға дар асарҳояш рӯҳафтодагӣ ба вуҷуд омад, ки торафт ривоҷ гирифт. М. Горкий пас аз мағлубияти инқилоби якуми буржуазии демократии рус аз хурӯҷи иртиҷоиён мутаассир шуда, "Муноҷот" ном асареро навишт, ки қафоравии ҷиддии ғоявӣ буд. Аммо бо гузашти замон ва мушоҳидаи ҳақиқати ҳаёт, ӯ дубора ба роҳи дурусти эҷодӣ баргашт ва даҳҳо асари хуб таълиф намуд.

Равнақи ҳаёти моддиву сиёсии мамлакат, бешубҳа, боиси пешравии муҳити адабӣ мегардад, ки мисолашро аз замони Сомониён ва Пётри Кабир дарёфтан мумкин аст. Аммо гоҳе имкон дорад, ки ин ду падида бо ҳамдигар мувофиқ наёянд. Ин ба он маънист, ки равнақи ҳаёти адабӣ на аз пешрафти ҳаёти ҷомеа ҳосил шудааст. Ҳамин ҳолатро Маркс пай бурда, гуфта буд: "дар бораи санъат маълум аст, ки баъзе марҳилаҳои тараққиёти вай бо равнақи умумии ҷамъият ҳеҷ муносибат надорад".[1]

[1] *К. Маркс и Ф.Энгельс об искусстве*, т. 1. – М.: Искусство, 1967, с. 120.

Бояд афзуд, ки дар адабиёт "халқ" ва "мардум", чун муродифи ҳамдигар дучор меоянд. Вале донистани ин хеле муҳим аст, ки ҳар як фард дар шумори мардум намеояд – ин ҷо меъёре муайян кардаанд, ки аз ҳақиқату адолат иборат мебошад. Ҳаким Носири Хусрав айни ҳақро фармудааст:

Мардумӣ варзу ҳаргиз озори озода маҷӯй,
Мардум онро дон, к-аз ӯ озодаро озор нест.

Таносуби халқият ва миллияти адабиёт. Масъалаи халқияти адабиёт миллияти онро инкор намекунад. Ҳамзамон, халқият ва миллият ҳар ду як чиз ҳам нестанд. Тавре ки маълум аст, тасвири маҷмуи унсурҳои миллӣ дар якҷоягӣ миллияти адабиётро ба вуҷуд меоварад. Масалан, тасвири характери миллӣ, урфу одатҳо, қиёфа, афкори эстетикии миллӣ ва ғ. дар якҷоягӣ миллияти адабиёт ҳисоб меёбанд.

Хусусиятҳои зоҳирии миллӣ аҳамияти камтар доранд. Гоголь гуфта буд: "Миллияти ҳақиқӣ на дар тасвири камзӯл (сарафан), балки дар инъикоси рӯҳияи халқ аст". Ӯ боз мегӯяд: "нависанда ҳатто замоне ҳам миллӣ шуда метавонад, ки ҳангоми тасвири олами тамоман бегона, ба он бо чашми фитрати миллии худ, бо чашмони тамоми халқ нигоҳ кунад".[1]

Асари дар ҳақиқат халқӣ бешубҳа дорои хусусиятҳои миллӣ низ мебошад. Вале ҳар як асари миллӣ асари халқӣ шуда наметавонад, чунки нависандаи мутаассиб низ асари миллӣ эҷод карда метавонад, аммо азбаски он асар ба манфиати халқи меҳнаткаш хизмат намекунад, халқӣ ҳисоб намешавад. Бинобар ин, халқияти адабиёт дараҷаи баландтарини адабиёт мебошад.

Адабиётро халқ меофарад. Адабиёти асил ҷавҳари халқ аст. Адабиёти халқ, дар навбати худ, дар чигунагии сиришти

[1] *Полное собрание сочинений*, т. VIII, 1952, с. 51.

умумии наслҳои минбаъда таъсири ҳалкунанда мерасонад. М. Қаноат дар сӯҳбати мухбири ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" ҳамин ҳолатро дар мисоли адабиёти халқи тоҷик дуруст пай бурда, мегӯяд: "Ҳангоми сафарҳоям ба хориҷ аз кишвар, ба республикаҳои дигар аз ман суол мекунанд, ки дар бисёр ҷумҳуриҳо як навъ тазоҳури миллиятчиёнаи марказгурез рӯ задааст, ки ҳатто як зарра тамойили худмухторӣ ва ҷудо шудан аз Иттифоқро дорад. Барои чӣ дар Тоҷикистон ин вазъият як навъ ҷараёни қонунӣ ва муътадил дорад? Ман ҷавоб медодам, ки халқи тоҷик адабиёт ва илми классикии 1200 сола дорад. Ва ҳамин адабиётро ҳар тоҷики имрӯза мехонаду мефаҳмад. Ва дар ин адабиёт ғояи гуманизми олӣ, интернатсионализм пайваста тарғиб мешавад ва ҳатто ба қавл, фатво, ояти инсонӣ, адолат, башардӯстӣ табдил ёфтааст. Дар адабиёти мо ин фақат гап ё шиор нест, балки қудсияти оят, қавл, ҳадисро дорад. Ва категорияҳои маънавии мо аз ҳамин ҳақиқатҳои ҷовидона таркиб ёфта, озмуни асрҳоро гузаштаанд".[1]

Дар идомаи андешаҳо, ки айни ҳақиқатанд, шоир ба хулосаи ҷиддӣ меояд: "Акнун биёем сари он ки мардуми тоҷик бо ин маърифат ва заминаи маънавӣ чӣ хел метавонад имрӯз, дар замони сотсиалистӣ, ки шиори асосиаш дӯстӣ ва баробарӣ буд, хилофи маънавиёти худ рафтор кунад. Халқе, ки асрҳо бурдбору ботамкин, фурӯтан, сабрпеша буд ва санги қаноат рӯи дилаш баста буд. Инҳо меъёрҳои маънавии классикӣ буданд ва чанд шикасте, ки дар тӯли таърих хӯрдем, низ бо ҳамин сабаб рух дод. Шаҳрҳои мо аз даст рафтанд, осори адабӣ, илмӣ, меъмории моро соҳиб шуданд. Кор то ҷое расид, ки ҷамъиятҳои моро ба миллати дигар табдил доданд. Мардуми мо бошад мегуфт: ҳақ ба ҳақдораш мерасад. Ҳамин заминае, ки вуҷуд дошт. Ҷиҳати хубаш дар он буд, ки байни

[1] *Адабиёт ва санъат*, 1989, 5 январ.

мо миллатгаравию миллатчигӣ нест. Аз тарафи дигар, ин консепсия ба мо халал расонд, ки бисёр чизҳоро аз даст додем. Аз ин ҷиҳат шояд ин консепсия ба интиқол ниёз дорад". Дарвоқеъ ҳам ин ҳақиқати талх ҷой дорад, ки ҳама қавму нажод бо ҳам часпиданд, ҷуз аз тоҷикон, ки бепарвоянд, гоҳе ба ҳамдигар дармеафтанд.

Аз тақозои таърих, солҳои сиюм ҳуҷуми қаттоле ба китоб оғоз шуд: халқе, ки ҳазорон сол китоби шоирашро зери болишти тифлаш мегузошт, акнун онро месӯхт, ба об меандохт, зери хок мекард. Дар натиҷа, насли нав аз адабиёташ, аз мероси маънавияш канда шуд. Хушбахтона, М. Горбачев таназзули ҷомеаро эҳсос карду ба марҳилаи ошкорбаёнӣ оғоз ниҳод, ки дар адабиёт низ марҳилаи нақду баррасӣ ба таври ҷиддӣ сурат гирифт.

Барҷастатарин асарҳои бадеии халқӣ аз доираи халқи худ берун омада, аҳамияти умумихалқиву умумиҷаҳонӣ пайдо мекунанд. Сабаб ин аст, ки нависандаи халқӣ бо ҳодисаҳои соф миллии худ маҳдуд нашуда, балки воқеъаҳои ҳаётии халқиро холисона инъикос мекунад. Сабаби дигари аҳамияти умумиҷаҳонӣ пайдо кардани асари нависандаи асили халқӣ дар он аст, ки масъалаи муҳими дар он тасвирёфта барои халқҳои дигар низ хеле муҳим ва фоиданок ҳисоб ёфта метавонад. Чунончи, асарҳои устод Айнӣ дар кишварҳои Шарқи хориҷӣ дар мубориза ба муқобили ҷаҳолат, зулму тааддӣ ва амсоли инҳо ба мардум кӯмак мерасонданд. Сабаби дар Қоҳира дар қатори Лу Син, Рабиндранат Тҳакур, Таҳа Ҳусайн классики адабиёти Шарқ, эътирофи устод Айнӣ ҳам дар ҳамин мебошад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки интернатсионализми адабиёт бо миллияти адабиёт ҳамбастагии зич дорад.

Нависандае, ки ба миллати худ хизмат мекунад, нависандаи миллӣ аст ва дар айни замон нависандаи халқӣ ҳам ҳисоб меёбад. Гогол гуфта буд: "Шоир ҳамон вақт шоири миллӣ мешавад, ки ӯ дунёи бегонаро тасвир намояд, аммо ба

дунёи бегона ҳам бо олами миллати худ дохил шавад, ба он бо чашми халқи худ нигарад. Аз ин сабаб, ҳамватанонаш гумон мекунанд, ки он шоир аз номи онҳо сухан гуфта истодааст ва эҳсосоти онҳоро баён карда истодааст". Романи "Дуроҳаи бӯронӣ"-и Чингиз Айтматов дар ҳамин мавзуъ маводи барҷастае дода метавонад, зеро нависандаи қирғиз характерҳои равшани миллии қазоқро офаридааст.

Синфияти адабиёт. Ҳангоме ҷомеаи инсонӣ тадриҷан ба синфҳо тақсим мешавад, дар адабиёту санъат низ ҳамин навъ ҷудоӣ ба амал меояд. Чаро ки ҳар як синф, табақаи ҷомеа як завқу шавқи муайян дорад; табъ, ормон, орзуи худро дар адабиёт баён мекунад ва ҳар як синф мувофиқи завқи худ ба адибон супориш медиҳад. Бинобар ин, адиб мувофиқи талаботи ин ва ё он синф эҷод мекунад, ва маҳз аз ҳамин рӯ, асар характери синфӣ дорад. Дар ҷамъияти инсонӣ шахсе нест, ки ифодакунандаи ақидаҳои иҷтимоии ин ё он синф набошад.

Ба гуфтаи В.И. Ленин дар ҳар як маданияти миллӣ дар ҷамъияти антагонистӣ ду маданият мавҷуд аст: "Маданияти великорусии пуришкевичҳо, гучковҳо ва струвеҳо ҳаст, вале маданияти великорусие низ мавҷуд аст, ки бо номҳои Чернишевский ва Плеханов муайян мегардад. Ҳамин навъ ду маданият дар украинҳо, дар Германия, Фаронса, Англия, дар яҳудиён ва ғ. низ мавҷуд мебошад".[1]

Саволи мантиқие пеш меояд: аз ин ду маданият, ки табиатан баробарҳуқуқ нестанд, кадоме ҳоким асту кадоме мутеъ? Ба ин масъала дар "Идеологияи немис" ҷавоби равшан мавҷуд аст: "Афкори синфи ҳоким дар ҳар як давра ҳукмрон мебошад. Ин чунин маънӣ дорад, он синфе, ки иқтидори моддии ҷомеа дар вай аст, дар айни замон қувваи ҳукмрони маънавии он ҳам мебошад. Синфе, ки дар ихтиёри худ

[1] ПСС, 24, с. 129.

воситаҳои истеҳсолоти моддиро дорад, дар айни замон ихтиёри воситаҳои истеҳсолоти маънавиро ҳам соҳиб аст ва дар асоси ҳамин афкори онҳое, ки барои истеҳсолоти маънавӣ восита надоранд, дар ниҳояти кор мутеи синфи ҳоким қарор мегирад".[1]

В.И. Ленин мегӯяд, ки дар ҷамъияти антагонистӣ "дар ҳар як маданияти миллӣ ҳеҷ набошад, унсурҳои инкишофнаёфтаи маданияти демократӣ ва сотсиалистӣ мавҷуд аст, зеро дар ҳар миллат меҳнаткашон ва оммаи истисморшаванда ҳастанд, ки шароити зиндагии онҳо ногузир мафкураи демократӣ ва сотсиалистӣ ба миён хоҳад овард".

Лекин маданияти синфҳои истисморкунанда пойдор нест, зеро худи сохти антагонистӣ, ки дар асоси нобаробарӣ ва беадолатӣ бунёд ёфтааст, хоҳу нохоҳ аз байн бардошта хоҳад шуд. Баъди барҳам хӯрдани ҳукмронии истисморкунандагон барои ривоҷу равнақи унсурҳои маданияти демократӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меоянд, чунонки ин ҳодисаро дар қисмати маданияти як қатор халқҳои дар гузашта мазлуми шӯравии собиқ, аз ҷумла дар мисоли адабиёту маданияти қадимаи халқи тоҷик, мушоҳида кардан мумкин аст.

Азбаски дар ҷамъияти антагонистӣ тақдири умуман идеологияро синфи ҳоким ҳал мекунад, қисмати адибони мухолифи синфи ҳукмрон доимо фоҷеаангез аст, онҳо ё таслим мешаванд, ё маҳв мегарданд, ки ин ҳолатро дар мисоли тақдири пуркулфати аксари классикони адабиёти тоҷик ҳам равшан тасаввур кардан мумкин аст, зеро дар натиҷаи ҳокимияти маданияти синфи ҳукмрон Рӯдакӣ дар пиронсолӣ кӯр карда мешавад, Фирдавсӣ маҳкум шуда буд, ки зинда ба зинда зери пои фил партофта шавад; Ибни Синоро зиндон карданд, Камоли Хуҷандӣ ва шоирони дигар сарсону саргардон ва ҷилои ватан гаштаанд; Хоқонӣ (1126-1198), Масъуди Саъди

[1] *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Сочинения, т. 3. – М., 1956, с. 45-46.

Салмон муддати зиёди умри пурқимати худро дар зиндон гузаронданд... 2-юми июли соли 1961 ташкилотҳои мафкурабардори империализми амрикой адиби оламшумул Эрнест Хемингуэйро ба ҳалокат расониданд.[1] Печдарпечию беадолатиҳои ҷомеаи антагонистиро адибони бисёри замони гузашта маҳкум намудаанд, ки аз ҳисоби мисолҳои сершумор ин ҷо танҳо се намуна иқтибос мешавад. Бобо Савдой мегӯяд:

Бовард мисоли осиёест:
Чархаш гусса асту гам нов.
Доруға саг асту қозияш хар,
З-инҳо чӣ бувад насиби деҳқон?
- Лат хӯрдану зар шумурдану дов!

Намунае дигар, аз осори шоири асри X Абутайиби Мусъабӣ:

Ҷаҳоно! Ҳамоно фусусию бозӣ,
Ки бар кас напоиву бо кас насозӣ...
Ба зоҳир яке бути пурнақши Озар,
Ба ботин чу хуки палиди гурозӣ.
Якеро нишебӣ, якеро фарозӣ.
Яке – бӯстонӣ: пароканданеъмат,
Бар ин – бахти баста, бар он – некбозӣ...
Чаро зираконанд бас тангрӯзӣ?!
Чаро аблаҳонрост бас бениёзӣ?
Чаро умри товусу дурроҷ кӯтоҳ?!
Чаро мору каргас зияд дар дарозӣ?!

Саду андсола яке марди гарча,
Чаро шасту се зист он марди тозӣ?!
Агар на ҳама кори ту божгуна,
Чаро он ки нокастар – ӯро навозӣ?

[1] Нит.: *А. Лютый.* Хемингуэй – жертва ФБР. – Комсольская правда, 1986, 27 апреля.

Ҷаҳоно, ҳамоно, аз ин бениёзӣ
Гунаҳкор моему ту ҷои озӣ?

Шоири бузурги халқпарвар Сайидои Насафӣ (ваф. байни солҳои 1707-1711) гуфтааст:

Зи аҳли ҷоҳ, умеди мулоямат дур аст,
Муроди кас набарояд зи осмон ҳаргиз.

Муроди ҳама рӯшанфикрҳо талош барои озодиву истиқлол будааст. Маликушшуаро Абдулҳақи Бетоб мегӯяд:

Неъмате беҳтар зи истиқлол нест,
Ҳоҷати бисёр қилу қол нест.
[...] Ин саодат, ин каромат, ин шараф
Ҷуз насиби миллати фаъол нест.

Аз муҳимтарин нишонаҳои осудагӣ – хотирҷамъӣ аст. Дарвоқеъ:

Кай шеъри тар ангезад, хотир ки ҳазин бошад. (Ҳофиз)

Аҳли илму ҳунар, аз ҷумла шоирон, ба рифоҳу осудагии хотир ниёз доранд. Шоире, ки ба тангдастии моддӣ мубталост, наметавонад бо майли хотир халлоқӣ кунад, асари олӣ офарад. Бузургтарин нишонаи инсон, аз махлуқоти дигар, дар хираду забони вай аст.

Баландтарин орзуву ормони бузургон амну осоиши мардум будааст. Онҳо ба ин хотир аз баҳри ҳама чиз гузаштаанд. Орифи бузург Шайх Фаридаддини Аттор аз забони девонае мегӯяд:

Хост андар Миср қаҳтӣ ногаҳон,
Халқ мемурданду мегуфтанд: "Нон!"

Ҷумлаи раҳ халқ барҳам мурда буд
Нимзинда ниммурда хӯрда буд.
Аз қазо девонае чунон бидид,
Халқ мемурданду н-омад нон падид.
Гуфт: Эй дорандаи дунёву дин,
Чун надорӣ ризқ, камтар офарин.

Яке аз ҷанбаҳои тобноки ахлоқи адабиёти халқӣ ин аст, ки намояндагони забардасти он барои покизагии ин адабиёт кӯшидаанд, ва зинҳор-зинҳор таъкид кардаанд, ки шеъри асилро бо тамаъ олуда накунанд, суханро ба одамони нолоиқ набахшанд. Муносибати қатъии Носири Хусраву Фирдавсӣ, Низомиву Ҷомӣ дар ин мавзуъ ба ҳама равшан аст. Ин ҷо як пораи ҷолибе аз тазкираи Малеҳои Самарқандӣ нақл мешавад. Тазкиранигори суханшинос панди падари бузургвори худро чунин ба қалам додааст: "Волиди дой муътақиди ин кор буда ва дар ин либос низ ҷилва мекард ва аз ин намад кулоҳе дошт (...) бар манъи ман (дар шоирӣ) кӯшид. Азбаски ман шефтаи ин тоифа будам (...) суратпазирӣ ислоҳ нашуд. Оқибат, ҷанги худро волидам бад-ин сулҳ намуд, ки "агар ба ризои ман меравӣ, ризои ман дар он аст, ки **аз баҳри тамаъ дар мадҳи касе чизе нахонӣ ва бад-ин ният фикри шоирӣ насозӣ**" (таъкид аз мо – Р.М.). Назар ба ин мусолиҳа муоҳида чунин шуд, ки то ба ҳол чунин нашуда, ва умед аст, ки нашавад".

Дар дохили синфҳои мухталиф мутафаккирони он синфҳо ба вуҷуд меоянд ва ба меҳнати эҷодӣ ба сар мебаранд, ақидаи ин ва ё он синфро ҳимоя мекунанд, вале аксари онҳо дар замони синфӣ бо сабаби имкониятҳои мавҷуда аз байни синфҳои ҳукмрон мебароянд. Бояд таъкид кард, ки як қисми онҳо ба сабаби донишу истеъдод ҳақиқати объективиро дуруст дарк карда, афкори синфии худро ифода намекунанд, балки аз хизмати синфи худ даст кашида, ба ифодаи афкори синфи меҳнаткаш машғул мешаванд. Ин ҳолат дар ҳамаи

даврањои антагонистӣ дида мешавад. Эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, Балзак, Достоевский, Некрасов, Толстой ва дигарон ба ин мисол шуда метавонад. Ё худ, декабристонро гирем, ки ҳарчанд худ аз ашрофон буданд, аммо барои ормонҳои олии меҳнаткашон муборизаи бурдаанд, ва талаф ҳам шудаанд.

Муносибати адибон ба синфҳо гуногун ва бисёр мураккаб аст. Дар баъзе асрҳо муборизаи синфӣ равшан намудор намешавад, вале шаклҳои гуногуни он бавосита ё бевосита ба эҷодиёти нависанда мегузарад. Ва аммо ҷомеаро ба таври куллӣ ба синфҳо тақсим кардан на ҳамеша аз рӯи адолат хоҳад буд. Ин воқеиятро бояд пазируфт, ки *бештари аҳли илму фарҳанг аз табақаи боло будаанд*. Мисолҳо нишон медиҳанд: онҳое, ки аз табақаи поён ба камол расида, бо коғазу қалам машғул шудаанд, рафтору гуфтору навишторашон аз камоли одобу ҳунар поёнтар аст.

Муваффақиятҳои мундариҷаи асар ба ҷараёнҳои идеологӣ, ҷаҳонбинии нависанда алоқаманд аст. Вале гоҳе чунин воқеъа ҳам рӯй медиҳад, ки ғояи асари бадеӣ аз ҳудуди ҷаҳонбинии муаллиф васеъ мебошад. Адибон баъзан камбудиҳои ҳаётро мебинанд ва онҳоро объективона тасвир мекунанд. Дар ин ҳолат, мундариҷаи он ба ҷараён зид мебарояд. Чунончи, Гогол бо вуҷуди маҳдудияти ҷаҳонбинии худ сохти мавҷудаи ҷамъиятро танқид кард ва бар зидди идеологияи замони худ баромад.

Яке аз муаммоҳо ин аст, ки на ҳамаи адибон мавқеи синфии худро ба воситаи образҳо равшану возеҳ баён мекунанд, ин масъала бевосита аз асар муайян намешавад, вале муносибату рағбати нависанда ба воқеъаву персонажҳо мавқеи синфии ӯро муайян мекунад. Масалан, муносибати Пушкин ба қаҳрамонҳои "Дубровский", "Духтари капитан" ва "Евгений Онегин" хусни таваҷҷуҳи ӯро ба гурӯҳҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Баъзе адибон, бинобар тақозои замон ба воситаи рамзу тамсил фикри худро баён мекунанд, ки инро

дар мисоли шеърҳои устод Лоҳутӣ, чунончӣ, дар "Шамъу парвона", дидан мумкин аст.

Мавҷудияти усули синфият, дар масъалаҳои методу ҷараён низ мушоҳида мешавад. Масалан, ҷараёнҳои символизм, объективизм, формализм ва ғ. хоси адабиёти синфҳои ҳоким мебошад. Аммо романтизми инқилобӣ махсуси адабиёти пешқадам аст, онро адибони машҳур аз қабили М. Горкий, В. Маяковский истифода кардаанд.

Нишонаи асосии синфияти эҷодиёти нависанда, пеш аз ҳама мундариҷаи асари ӯст, на шакли асар. Ҳаёти таърихӣ ва муҳити иҷтимоӣ барои ташаккули ин усул ёрӣ мерасонанд. Ин ду чиз барои характери мусбат ва ё манфӣ гирифтани эҷодиёти нависанда омили муҳим мегардад. Масалан, агар табаддулоти ҷиддӣ ба вуҷуд намеомад, эҷодиёти Айнӣ низ ин рангу пояро соҳиб намегашт. Айнӣ бе муҳити нав, Айнӣ намешуд, ифодакунандаи идеяҳои синфии меҳнаткашон намегардид. Айнан ҳамин ҳолатро дар эҷодиёти Пайрав ҳам дидан мумкин аст. Муҳити иҷтимоӣ ба афкори адиб ва роҳу равиши ифодаи он таъсири бевосита мерасонад. Нависанда бо эҷодиёт ва иштироки рост дар ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардум мавқеи синфии худро собит менамояд.

Фаҳмидани моҳияти синфии адабиёту санъат ба диалектикаи тараққиёти ҷамъият вобастагӣ дорад.

Синфҳои иҷтимоии истисморгар пайдо мешаванд, тараққӣ мекунанд ва барҳам мехӯранд. Давраи аввали феодализиро дар Хуросону Мовароуннаҳр "давраи тиллоӣ" мегӯянд, чунки он нисбат ба дигар даврaҳо пешраву мутараққӣ буд. Бинобар ин, адабиёт ҳам дар ин давра инкишоф ёфт, аммо аз асри XVI давраи инқирози нисбии адабиёт сар шуд. Хонадонҳои гуногуни туркнажод, ки дар сари ҳукумат буданд, ба рушди илму адабу фарҳанг таваҷҷуҳе надоштанд, балки пеши роҳи инкишофро мегирифтанд. Ҳатто тасаввуф, ки пештар майлҳои пешқадам дошт, бештар хусусияти зарароварро дар бар мекунад.

Баъдҳо адабиёт дар доираҳои ҳунармандии шаҳр як қатор пешравиҳо дошта бошад ҳам, ин пешравиҳо ифодакунандаи тараққии сохти иҷтимоии ҷомеа не, балки эътирози зидди қафомонии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре ки маълум аст, дар давраи аввали ғуломдории Юнони қадим адабиёт тараққӣ кард, баъд таназзул ёфт. Дар аввал адабиёти буржуазӣ ҳам пешқадам буд, зеро он зиддиятҳои ҳаётро дарбар намуда, масъалаҳои такмили сохти иҷтимоиро ба миён гузошта буд, вале баъд хусусияти эпигонӣ гирифт. Аз ҳамин ҷиҳат инкишоф ва таназзули адабиёт ба пайдоиш ва суқути синфҳои гуногуни иҷтимоӣ вобастагии зич дорад.

Синфияти адабиёт бо шароити конкрет низ ба таври мустаҳкам алоқаманд мебошад, бинобар ин, дар вақти арзёбии эҷодиёти нависанда воқеъа ва шароити мушаххаси таърихро ба назар гирифтан лозим аст. Ҳатто ба ҳодисаҳои адабиёти дарборӣ низ мувофиқи вазъи муайяни таърихи давр назар кардан ҳатмист. Масалан, агар дар давраи сомониён, темуриёни Ҳинд адабиёти дарборӣ нисбатан майлҳои прогрессивӣ дошта бошад, дар адабиёти дарбори ғазнавиёну аштархониёну манғитиён ва амсоли инҳо ғояҳои иртиҷоӣ ва шаклпарастӣ авҷ мегиранд.

Мисоли дигар ин аст: агар Рӯдакӣ ба дарбор намеомад, ба кори эҷодӣ шароит намеёфт, гумон аст, ки чунин мақому мартабаи худро пайдо кунад. Дар дарбор ӯ аз ташвишҳои зиндагӣ нисбатан озод шуда, бо меҳнати эҷодӣ машғул шуд, аз тарафи дигар, дар маркази ҳаёти адабӣ истодан, аз муҳити адабию маданӣ пурра ва муттасил баҳраманд будан, ба эҷодиёти Рӯдакӣ таъсири пурсамар бахшиданд. Аз тарафи сеюм, ҳусни таваҷҷуҳи амирону вазирони сомонӣ ба ҷониби илму адаби дарӣ ва намояндагони барҷастаи он ба равнақи эҷодии шоир сабаби муҳиме нашуда наметавонад. Сомониён буданд, ки пеши нуфузи забони арабиро гирифтанд, ин расмро ҷорӣ карданд: *номанигории дарборӣ танҳо ба порсии дарӣ бошад.*

Шароити мушаххас намоёнгари хусусиятҳои халқияти адабиёт мебошад. Инчунин, ҷаҳонбинии нависанда низ ба сабаби ҳодисаҳои инкишофи шахсияти нависанда тағйир меёбад. Чунончи, Гогол дар ибтидо нависандаи халқӣ буд, дертар дар асари "Порчаҳои мунтахаб аз мукотибот бо дӯстон" ғояҳои зиддихалқиро ифода намуд. Аммо дар эҷодиёти Хоқонӣ, Анварӣ ва баъзе дигар шоирони дарбор баръакси ин ҳолат мушоҳида мешавад: онҳо аввалан ба мадҳу санои дарбориён пардохта, баъди дар таҷриба дидани бедодиҳои ҳокимон, ва пас аз дарки ҳақиқати талхи воқеӣ, аз ситоишҳои худ пушаймон шуда, ба таннуми манфиати оммаи халқ гузаштанд.

Мафкурабардорони иртиҷоии буржуазӣ муттасил мекӯшанд, ки принсипҳои адабӣ, аз ҷумла, синфияти онро инкор намоянд. Агар космополитизм бар зидди назарияи интернасионализми адабиёт ва санъат баромада, хусусиятҳои миллии онҳоро рад кунад, ва бо ҳамин адабиёту маданияти халқи худро ба халқҳои сернуфуз мутааллиқ ва мутатобеъ шуморад, назарияи ҷараёни ягона, пеш аз ҳама, синфияти адабиёту санъатро рад менамояд ва ба ҳамаи синфҳо гӯё баробар хизмат намуда, идеологияи онҳоро тарғиб мекунад. Бинобар ин, муборизаи оштинопазир ба муқобили ҳар навъ зуҳуроти назарияи зарарноки буржуазӣ аз вазифаҳои муҳими адабиётшиносии мардумӣ ба шумор меравад.

Табиист, ки доираи ғоявии аксари кулли адибони ҷомеаи антагонистӣ печдарпеч аст. Ба адиб баҳои ягонаю якхела додан аз рӯи ҳақиқат нахоҳад буд, зеро бисёр мешавад, ки адиб, бинобар тақозои шароит, дар асаре ба мавзуи тасвир баҳои воқеӣ дода наметавонад, дар ин сурат мавқеи танги ҷаҳонбинии ӯ зоҳир мегардад. Дар мавриди дигар, худи ҳамин адиб, баръакс, асаре эҷод мекунад, ки ғояи пешқадами ибратангезро ифода менамояд.

Қонунҳои тараққиёти нобаробари истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ, сабаби тағйирёбии ақидаҳои нависандагон мешавад,

ки ин ба ҳар як давраи таърих вобаста аст. Дар асри XVI инқирози ҳаёти моддӣ буд, ва он ба адабиёт низ таъсир кард. Бо сабабҳои зиёд роҳи хушкии Ҷодаи Абрешим аз даст рафт, ба ҷои он роҳи баҳрии Ҳиндустон кушода шуд; мақоми иқтисодии Осиёи Миёна барҳам хӯрд, бар замми ин, задухӯрдҳои феодалӣ, ҷудошавии форсҳо аз тоҷикон, низоъҳои шиъаю суннӣ ва ғ. ба адабиёт таъсири манфӣ расониданд.

Ба ҳодисаҳои адабӣ ба тарзи нисбӣ баҳо дода мешавад, чунки онҳо дар як давр пешқадам буда, дар давраи дигар хусусиятҳои иртиҷоӣ дарбар карда метавонанд. Масалан, *тасаввуф* дар давраи аввал ҳодисаи пешқадам ва зиндагисоз буд; равияи *ҷадидия*, ки идомаи мантиқии ҷараёни маорифпарварии Аҳмади Дониш, Савдо, Шоҳин мебошад, чун қувваи пурзӯре дар инқилоби Бухоро ҳисса гузошт, дертар ба шохаҳои мухолифи ҳамдигар тақсим шуд, як қисмашон (ҳамчун А. Муҳиддинов, С. Айнӣ, А. Ҳамдӣ, Мунзим ...) дар сохтмони ҷомеаи нав фаъолона иштирок карда бошанд, қисме дигар ба пантуркизм ва ҷараёнҳои дигари миллатчигӣ гаравида, ба пешрафти ҷомеа халалҳои ҷиддӣ расонидаанд.

Муносибати нависанда ба ҳаёт аҳамияти калон дорад, вай нисбат ба ҳаёт муносибати муайян зоҳир менамояд; агар ба зиндагӣ фаъолона дахолат қарда, ҳаётро дуруст инъикос кунад, асараш умумихалқӣ ва пешқадам мешавад. Эҷодиёти нависандагони тавоно раванди умумиҷаҳонӣ пайдо мекунад. Дар ин ҳол ҳам, асари онҳо характери синфии худро гум намекунад, зеро барои ҳамаи халқҳои пешқадам хизмат хоҳад кард.

Ғояи нависанда инкишоф меёбад, тараққӣ мекунад. Бинобар ин, нависанда аз рӯи тағйирёбии онҳо арзёбӣ мешавад.

Синфият дар фаъолияти бевоситаи нависанда низ дида мешавад. Вай ба синфҳо муомилаи махсус дорад, дар муборизаҳои синфӣ бевосита иштирок мекунад. Масалан, Пушкин бо декабристҳо, Рӯдакӣ бо қарматиҳо, Носири Хусрав бо исмоилиён ва ғ. алоқа доштанд. Ибни Ямин яке аз

тарафдорони сарбадорон буд; Шандор Петефӣ дар муҳориба ҳалок шуд; Байрон барои Эрон бар зидди туркҳо мубориза бурдааст. Дар таърихи адабиёти умумиҷаҳонӣ чунин ҳодиса кам нест.

Эстетикаи буржуазӣ адабиётро синфӣ мешуморад, дар худи ин даъво ғарази синфӣ ҷой дорад.

Назарияи объективизми буржуазӣ душмани қаттол аст, ки нависандагонро аз ҳаракати синфӣ бозмедорад, гӯё онҳо ҳаётро объективона тасвир мекардаанд, пешқадам будаанд. Дар ҳаёти ҷомеа ҳодисаҳои бисёре ҳастанд, ки наметавон онҳоро бевосита тасвир кард. Ҳар навъ ҳодисаи объективӣ ҳам ҷамъбасти бадеии ғоявиро талаб мекунад.

Нависандагони буржуазӣ даъво мекунанд, ки асарҳои онҳо барои ҳама мебошад, аз ин ҷост, ки онҳо мавҷудияти ду маданияти ҳар як адабиёти миллиро инкор мекунанд.

Агар дар давраи антагонистӣ зиддияти синфӣ тезутунд бошад, дар ҷомеаи демократӣ мафҳуми *синфият* нав мешавад. Адибон ифодакунандаи мафкураи синфҳои баробарҳуқуқ – синфҳои коргару деҳқон мебошанд. Ин маънои онро надорад, ки дар давраи мо мафҳуми анъанавии синфияти адабиёт барҳам хӯрдааст. Вале дар адабиёт бо принсипҳои дигари адабӣ – *ҳадафмандӣ* ва *халқият* қаробат пайдо кардааст.

Масъалаи истиқлоли шахс дар пеши санъаткор ҳамеша мубрам будааст, ҳамеша вайро азият мекардааст. Аз ин рубоии Умари Хайёми Нишопурӣ маънии нозуке эҳсос мешавад:

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме.
Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме!

Мисоле дигар. Абулмаонӣ Бедили Деҳлавӣ чунин дарди дил кардааст:

Ҳамчу анқо куҷо равам, Бедил,
Гум шудан ҳам сурог мегардад.

Ё худ, шоири оштабъ Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, ки ханҷари ҷаллоди амир Насруллоҳ сарашро аз тан ҷудо кард, гуфта буд:

Хатост даъвии озодият зи шӯҳрати ҷоҳ
Куҷост махласи номе, ки бар нигин афтад?

Адабиёти замони Шӯравӣ ба таври комил озод набуд, он аз озодии нисбӣ бархурдор буд.

Дар адабиёту санъат ҳам воқеъият яктарафа тасвир мешуд. Ришвахорӣ, мансабталошӣ, хотирбинӣ, бепарвоӣ ба муҳит беш аз пеш меафзуд. Адибе агар ҷасоратан чизе мегуфт, ба маҳрумият дучор мешуд, ки як мисолаш шодравон Ҷумъа Одина аст, мисоле дигараш Сотимхони Улуғзода. Аввалӣ ба тинати сиёҳи якҳизбӣ ишора кард, дувумӣ дар бораи ҷигарбанди фироркардаи худ ҳарфи баде гуфтан нахост.

БОБИ II

АДАБИЁТ ЯК НАВЪИ САНЪАТ

Роҷеъ ба истилоҳ инро бояд хотиррасон кард, ки "санъат" (шакли ҷамъаш "саноат") будани ҳунари шоириро ҳанӯз донишмандони асримиёнагӣ зикр кардаанд. Абулҳасани Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ, маъруф ба "Ибни Финдиқ" (асри XII), дар "Таърихи Байҳақ" аз ҷумла навиштааст: "Маҷдаддин Абулбаракот ал-Фазл ибни Алии ал-Алавӣ ал-Ҳусайнӣ ал-Асғарӣ зуллисонайнест, ва шеъри ӯ дар тозию порсӣ матбуъ аст, ба ғояти камол, ва дар ин ду саноат (яъне, шеър гуфтани арабӣ ва порсӣ; таъкид аз мо – Р.М.) мисли ӯ нест".[1]

Илму санъат, ки дар якҷоягӣ маданияти маънавиро ташкил медиҳанд, аз ҳамдигар фарқи усулӣ доранд. Н.Г. Чернишевский гуфта буд, ки "санъат назар ба нақли одӣ, хосса нақли олимона мақсади худро дақиқтар ноил мешавад: зери ҳарири зиндагӣ бо предмет хеле осон шинос мешавем, ба он хеле зуд мароқ зоҳир мекунем, то нишондоди хушкеро ба предмет пайдо карда бошем".[2] Маводи ҳам илму ҳам санъатро аслан як чиз ташкил медиҳад: ҳаёт. Ғаразашон ҳам якест: тарбияи одам. Вале, онҳо ба мақсад бо роҳҳои гуногун ноил мешаванд. Донишманди номбурда дар ҷои дигар навишта буд: "асари илмӣ дар бораи чизе нақл мекунад, ки он маҳз буд, ва ё ҳаст", аммо "асари адабиёти нафиса дар бораи чизе нақл мекунад, ки он ҳамеша ва ё муқаррараи дар олам мешавад".[3]

Таркиби сухани илмиро аз се чиз иборат донистаанд: *санад, муҳокима (баррасӣ)* ва *хулоса*. Гӯяндаи сухани илмӣ ба ҳеҷ яке аз инҳо дигаргунӣ ворид карда наметавонад, он истиқлол

[1] *Таърихи Байҳақӣ*. – Теҳрон, 1938, с. 2632.
[2] *Н.Г. Чернышевский*. Полн. собр. соч. т. II, с. 85.
[3] *Н.Г. Чернышевский*. Полн. собр. соч. т. III, с. 313.

надорад, ҳамеша ва дар ҳама ҳол пойбанди *ҳақиқат* хоҳад буд. Агар олиме гирифтори эҳсосости худ шаваду дар санад тасарруф кунад, ё зимни муҳокима ба иштибоҳ роҳ диҳад, ва ё дар хулосааш рахнае равад, қурби илмии асари ӯ ҳатман мекоҳад. Масалан, Муҳаммади Аббосӣ бо нияти баланд бардоштани эътибори адибони бузурги ориф Саноӣ, Аттор ва Мавлавӣ (1207-1273) мегӯяд, ки то зуҳури инҳо "адабиёти порсӣ, махсусан дар қисмати назм, иборат буд аз мадеҳасарой, ҳаҷвгӯӣ, муаммиёту илғоз".[1] Агар устод Рӯдакиро "мадеҳасаро" гуфтан як андоза дуруст бошад, ин сифат дар ҳаққи Фирдавсию Носири Хусрав барин адибони классик ҳеҷ рост намеояд. Ва аммо мадеҳсароии Рӯдакӣ бедалел нест: вай касонеро ситоиш кардааст, ки дарвоқеъ барои *ҳувияти миллату забону фарҳанги худӣ талош кардаанд*.

Дар бораи табиати фаъолияти санъаткор донишмандони бисёре изҳори ақида кардаанд, ки ҳосили фикрашон аз тасдиқи *таносуб* ва *образ* иборат мебошад. Қобили таъкид аст, ки мафҳумҳои таносуб ва образро комилан мустақилу мухолифи ҳамдигар пиндоштан дуруст нест.

Хулоса, агар ҷавҳари сухани илмӣ *санад* бошад, ҷони санъат, ба маънии ҳунар *образ* аст. Хоқонӣ мегӯяд:

Хоқонӣ, агарчи ростпайвандӣ,
Пайванди ту каҷниҳод напсандад.
Оре, ҳама каҷ зи рост бигрезад,
Чун "дол", ки дар "алиф" напайвандад.

[1] *Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ*. Куллиёти девони Шамси Табрезӣ. – Муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. – Теҳрон: Тулуъ.

ОБРАЗ

Эй обшор, навҳагар аз баҳри чистӣ?
Чин бар ҷабин ниҳода зи андӯҳи кистӣ?
Дардат чӣ дард буд, ки чун ман тамоми шаб,
Сарро ба санг мезадию мегиристӣ?

(Нурҷаҳон)

Муродифоти истилоҳ. Ин маънӣ маъмулан дар забону адабиёти тоҷик тасвир номида мешавад, ки бо калимаҳои "сурат", "сувар", "мусаввир", "мусаввар", "мусаввара", "тасаввур" ва ғ. ҳамреша мебошад. Ҳакимони суханшинос, чунончи хоҷа Насириддини Тӯсӣ, истилоҳи "муҳокот"-ро низ ба ҳамин маънӣ кор фармудаанд. Калимаи "тимсол" низ меояд. Гоҳе "тандиса" ҳам ба кор рафтааст.

Азбаски солиёни бисёр дар адабиётшиносии тоҷик дар маънии матлуб калимаи "образ"-ро ба кор бурдаанду дар забонҳо нишастааст, дар ин дастур ҳамин истилоҳ истифода мешавад. Воқеан ҳам ҳеҷ яке аз истилоҳоти зикршуда, маънии пурраи "образ"-ро дода наметавонад.

Дар бораи образ таърифи нисбатан ҷомеъ ва равшан дар китоби дарсии Л.И. Тимофеев дида мешавад: "Образ – тасвири конкрет ва дар айни замон умумиятдодашудаи манзараҳои ҳаёти инсонист, ки тавассути тахайюл эҷод шудааст ва дорои арзиши эстетикӣ мебошад".[1] Ҳамин таърифро муаллифони дигар ҳам такрор мекунанд.[2]

Таърифи образ

Моҳияти рамзе, ки дар истиораю киноя ву ташбеҳ ва монанди инҳо ниҳон аст, ба муҳити табиӣ, суннатҳои фарҳангӣ, завқу диди мардумӣ, ҳодисоти таърих ва амсоли инҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, чизе метавонад пеши халқе рамзи мусбат дошта бошад, аммо пеши халқе дигар рамзи манфӣ. Масалан, чанор барои мардуми мо рамзи тавоноию

[1] *Л.И. Тимофеев.* Основы теории литературы. – М., 1963, с. 55.
[2] Аз ҷумла ниг.: *Н.А. Гуляев.* Теория литературы. – М., 1977, с. 71.

бурдборист, аммо бори ҳамин маъниро барои славянҳо дарахти "дуб" мекашад. Ё худ, ташбеҳкунандаи беҳтарини чашми хубон, барои мо, чашми *гизол* аст, аммо барои туркон чашмони *шутур*. Ва ё худ, парвона дар суннати адабии мо рамзи камоли вафодороиву фидокорист, вале барои арабҳо рамзи аблаҳиву кӯтоҳандешист.

Тавре ки аз таъриф бармеояд, образ шомили панҷ вежагӣ будааст, ки алоҳида-алоҳида дидани онҳо воҷиб мебошад:

1) тасвири образи бадеӣ,
2) "тасвири конкрет",
3) "тасвири умумиятдодашуда",
4) нақши тахайюл,
5) арзиши образ.

Тамоми ҳастӣ, ки аз махлуқот, наботот, ҳодисот, ҳолот, ашё ва амсоли инҳо иборат мебошад, заминаи образро ташкил дода метавонад. Дар ибтидо бояд таъкид кард, ки тамоми ҳастиро якбора фаро гирифтан имкон надорад ва санъаткорон ҳамеша дар асоси ин ё он ҷузъи ҳастӣ образи бадеӣ бунёд намудаанд. Асарҳоеро, ки дар марказашон воқеъа, одам, ҳайвон, ҳолат, дарахт, ашё гузошта шудаанд, ҳар кас ба хотир оварда метавонад. Вобаста ба ҷинсу жанри асари бадеӣ доираи заминаи образ ҳам тағйир меёбад. Чунончи, дар роману достонҳои муҳташам ин доира бағоят васеъ мегардад, аммо дар повест ва ҳикоя маҳдудтар мешавад. Абулқосими Фирдавсӣ дар заминаи образҳои сершумори худ ҳазорон воқеъаю ҳолат, одаму ҳайвони воқеиву хаёлӣ, кӯҳу дарё, офтобу ситора ва амсоли онҳоро гузошта бошад, Фазлиддин Муҳаммадиев дар ҳикояи "Сози Мунаввар" миқдори нисбатан ками воқеъаю ашёро чун замима интихоб намудааст. Ҳамин тавр, дар ғазалу қитъа доираи предмет васеътар бошад, дар рубоӣ ва дубайтӣ тангтар аст. Дар фард (яъне ки байт), одатан, як чиз тасвир мешавад. Гоҳе барои офариниши як образи бадеӣ нависанда як асари

Заминаи образ

нисбатан калонтар ҳам мебахшад, ки чун мисол шеърҳои В. Маяковский "Ба рафиқ киштӣ Нетте" ва М. Қаноат "Аҳсант ба одам"-ро номбар кардан кофист.

Чунин гумон кардан, ки адиб дар асаре садҳо чизро чун замина интихоб менамояду чунин образи комилу мустақил меофарида бошад, албатта ғалат аст. Дар ҳар як асар муроди аслии санъаткор сохтани як образ мебошад. Чунончи, шоҳсутуни "Шоҳнома" Рустам аст, шоҳсутуни "Ҳасани аробакаш" Ҳасан. Азбаски гавҳари одам дар алоқамандӣ бо дигарон, бар дигар чизҳо, бо кулли ҳастӣ зоҳир мегардад, санъаткор хоҳу нохоҳ предмети тасвири конкрети худро дар ҳамбастагӣ ва иҳотаи чизҳои дигар бояд нишон диҳад. Сабаби офариниши чандин образи хурду калон дар ҳамин аст. Аз ин ҷо натиҷаи дигаре ҳам бармеояд, ки доираи заминаи образ дар асар ҳар қадар васеътар бошад, образи марказӣ ҳамон андоза комилтару муҳташамтар сурат мебандад, ва баръакс, доира ҳарчи тангтар бошад, образи асосии асар хурдтар мешавад, ки ин масъаларо дар муқоисаи се образ – Рустам ("Шоҳнома"), Ҳасан ("Ҳасани аробакаш") ва усто Оқил ("Рӯзи дафни усто Оқил") равшан тасаввур кардан мумкин. Ё ки гирем, ғазалро. Дар ғазал одатан образи маҳбуба офарида мешавад. Барои офаридани образи *умумии* маҳбуба чандин предмети умумӣ, ҳамчун гулу булбул, рӯю мӯй, рафтору гуфтор ва амсоли инҳо чун замина ба кор бурда мешаванд. Ва аммо муҳимтарин нуктаро дар байте ҷой медиҳад, ки агар он барҷаста бошад, *шоҳбайт* мегӯянд.

Таркиби ғании ҳастӣ, ки чун заминаи тасвир ба кор меравад, дар боло ишора шуд. Аммо бояд донист, ки дар маркази кулли ҳастӣ *инсон* меистад, чунон ки Носири Хисрав мегӯяд, *"аз мардум шарифтар чизе нест"*, чунки "аз ӯ тамомтар (комилтар) аз олам чизе падид наомадааст".[1]

[1] *Носири Хусрави Қубодиёнӣ.* Ваҷҳи дин. – Теҳрон, 1348, с. 32, 52.

Ҳамин мутафаккир навиштааст, ки:

Рӯи дунё аз ниёзи мост хуб,
В-арна зишту хушку зарду лоғар аст.
(Девон, с. 49)

Дар "Зод-ул-мусофирин" омада: "Мардум мар суратҳоро андар нафси хеш ҳаме тавонад овардан, ва латиф гардондан, ва боз мар он латифро бар ҳаюлои касиф ҳаме тавонад берун овардан, ва мар ҳикматҳоро, ки донистааст, ба гуфтору навиштан ҳаме муҷассам тавонад гардонидан".[1]

Ободкунандаю хушрӯибахши муҳит, сабзонандаи долу дарахт, фарбеҳкунандаи кулли ҷондор, ҳаққо ки инсон аст; аз ин рӯ, *шоҳсутуни ҳастиро инсон донистан басазост.* Ба ҳамин тартиб, кулли осори санъат ҳам, сарфи назар аз ин ки предмети образи вай инсон аст, ё чизе ғайриинсонӣ, ба инсон нигаронида шудааст, асаре пайдо кардан мумкин нест, ки мурод аз он чизе дигар бошад. Албатта, асар, сарфи назар аз чигунагии заминаи тасвир, ба нафъи инсон хидмат мекунад, ё бар зарари вай, ин масъалаи дигар аст, вале дар ҳар сурат, ғараз аз асари бадеӣ *одам* аст.

Ин ҳам сазовори зикр аст, ки дар санъати замони мо заминаи тасвир аксаран инсон қарор мегирад. Дар замонҳои пеш ин тавр набудааст. Дар давраи қадим амалиёту шахсияти худоҳо, деву париҳо ва дигар чизҳои фавқуттабиӣ бештар тасвир меёфтанд. Дертар ба ҷои онҳо одамони афсонавӣ – қаҳрамонони хаёлӣ омаданд. Дар ин масъала кор ба ҷое расида, ки Искандари Мақдунӣ, Маҷнуни Қайс, Ҳотами Той барин одамони реалиро ҳам худовандони сухан ба персонажҳои афсонавӣ табдил доданд. Дар марҳилаи баъдинаи таърих, ба дунболи пешрафти босуръати ҷомеа, дар маркази тасвироти санъат одами реалӣ қарор гирифт, одами воқеӣ бо муҳити муқаррарии воқеиаш.

[1] *Носири Хусрави Қубодиёнӣ.* Зод-ул-мусофирин. – Теҳрон, 1923, с. 9-10.

Натанҳо вожаву ибора, тамоми байт метавонад ду маънии қобили қабул дошта бошад. Масалан:

Ҳар куҷо бошад нишони пои ӯ, з-он ҷо ба чашм
Хок бардорем чандоне, ки об ояд бурун.

Пажӯҳишгари эронӣ, доктор Гулисурхӣ, ки девони шайх Камолро (ваф. 1401) соли 1374/1995 дар Теҳрон ба чоп расондааст, ин байти машҳурро: *Кас бар сари ҳеҷ рахна нагрифт маро // Маълум ҳамешавад, ки дузди ҳасанам*, - қабул надорад ва дар ин сурат меоварад:

Кас бар сари ҳеҷ рахна нагрифт маро
Маълум намешавад, ки дузди ҳасанам

Рӯшан аст, ки дар сурати пазируфтани сабки Камол, шакли якум дуруст аст.

Ба неруи тахайюл, бузургони сухан образҳое офаридаанд, ки ба аслашон наздикӣ ҳам надоранд. Биёед, ба шахсияти Искандари Мақдунӣ, ҳамон подшоҳи "додгустар", ҳамон "донишманди бемисол" лаҳзаҳаке нигарем, муаллифе, ки асараш дар асри VIII мелодӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст: "Чун Искандар мулки Дороро гирифт, ки китобҳоро ба забони юнонӣ тарҷума кард ва асли онҳоро, ки дар ганҷинаҳои Доро буд, бисӯхт. Ва ҳар киро гумон бурд, ки чизе аз он китобҳо азбар медонад, бикушт. Ва он чи аз он китобҳо расида, ба шарофати онон, ки азбар дошта буданд ва аз Искандар ба ҷазираҳои баҳрҳо ё қуллаҳои кӯҳҳо фирорӣ шуда. Пасон, пас аз марги Искандар чун ба марзҳои хеш баргаштанд, ин ҳама аз ёди онон китобат шуд. Ва он чи аз гӯяндагон навиштанд пароканда буд, хеле аз он рафта ва каме боқӣ монда...".[1]

[1] *Китоб. Зарадушт фи-л-маволид ва аҳкомиҳо.* – тарҷумаи Варзруд. – Комсомоли Тоҷикистон, 1988, 10 август.

Бояд таъкид кард, ки ҳаким Форобӣ ҳунари шеъриро бо ҳунари рассомӣ муқоиса карда, махсусияту умумияти онҳоро мухтасару равшан нишон додааст: "Дар байни аҳли ин саноат (яъне, санъати шеърӣ – **Р.М.**) ва байни аҳли санъати тазвиқ (тасвир) муносибате ҳаст; ва монанди ин ки дар моддаи санъат онҳо мухталиф, аммо дар сураташон ва дар афъолашон ва ғаразҳояшон муттафиқанд" (Фанни шеър, с. 69). Ба чаҳор нуктаи ин гуфта бояд эътибор дод: ҳунарҳои шеъру тасвир дар модда гуногунанд (яке аз сухан ва дигаре аз ранг сохта мешавад), аммо дар сурат (муҳокот), таъсир (катарсис, ба қавли Арасту) ва ғараз, муттафиқанд.

Ба масъалае бояд дахл кард, ки оё ҳамеша предмети образи бадеиро ҳастӣ ташкил медиҳад? Дар адабиёту санъати мифологӣ, дар асарҳои диниву фантастӣ магар заминаи образ чизҳои хориқулодда мавҷуд нестанд? Зоҳиран ҳамин хел аст. Дар ин қабил асарҳо, олиҳаю фариштаҳо, деву аҷинаҳо, биҳишту дӯзах, махлуқоти сайёраҳои дигар ва амсоли инҳо, инъикос меёбанд, ки дарвоқеъ вуҷуд надоранд. Лекин агар кас андаке диққат кунад, хоҳад дарёфт, ки *пояи кулли* ин навъ тасвирҳо бар ҳастии воқеӣ қарор гирифтааст, чунончи: Худо айнан мисли одам рафтор мекунад, гап мезанад; фариштаҳо мисли ҷавонзанҳои хубрӯй тасвир меёбанд; девҳо монанди мардони бадҳайбатанд; биҳишт мисли минтақаи хуши рӯи замин сабзазору дарахтзор мебошад, ҳавзҳо, кӯшкҳо нозанинҳо дорад; нишонаи дӯзах дегу оташ, гӯлахию гармои тоқатфарсо мебошанд... Ҳамаи ин ҷузъиёт асоси ҳаётӣ доранд. Аммо санъаткор аз қудрати тахайюли халлоқи худ чизе муболиға кардааст, чизе аз чизе гирифта ба чизе дигар пайвастааст (Худоро чун одам амалкунандаю нотиқ нишон додааст, ба фариштаҳо боли парандаро додааст, девро якчашма ва ё сечашма кардааст...). Таваҷҷуҳ фармоед, ки ба ҳамин маънӣ ҳаким Умари Хайём чи хуш гуфтааст:

Дӯзах шарараре зи ранҷи беҳудаи мост,
Фирдавс даме зи вақти осудаи мост.

Ё худ Иқбол моҳияти аслии эҷоди бадеиро чи хуб ифода намудааст:

Дилу дидае, ки дорам, ҳама лаззати назора,
Чи аҷаб, агар тарошам санаме зи санги хора?

Асрори бадеъро ҳар кас намефаҳмад; ҳама баробар намешиносад, чаро ки *ду карат ду чаҳор намешавад*. Хоҷа Ҳасан нағз гуфтааст:

Пур шуд зи гули назмам ҳам Машриқу ҳам Мағриб,
Ту бӯй намеёбӣ, охир, чӣ зуком аст ин?!

Беғалат шинохтани ҳақиқати асари бадей ва дода тавонистани баҳои дуруст ба он, аз дасти ҳар кас намеояд. Гоҳе чунон ҳам мешавад, ки асаре ба омма писанд меояд, дар ҳоле ки баҳои он пеши хос паст аст – ҳамон тавре, ки Ҷомӣ мегӯяд:

Шеър, к-афтад қабули хотири ом,
Хос донад, ки суст бошаду хом.

Таври дигар шуданаш ҳам мумкин нест: адабиёту санъат ойинаест, ки ҷузъиёти ҳастӣ ба бешию камӣ акс меёбад; дар ойинаи тафаккури одамӣ, ки офаридгори адабиёту санъат аст, маҳз чизе мунъакис мегардад, ки вуҷуд дошта бошад. Халлоқии тафаккури санъаткор танҳо дар ин зоҳир мегардад, ки вай метавонад чизеро кам ё зиёд кунад, чизеро ба чизе дигар мансуб донад ва амсоли ин, ки айни он дар воқеият ҳузур надорад. Ҳаким Низомӣ ба ҳамин маънӣ овардааст:

Дурӯге ки монанда бошад ба рост,
Беҳ аз росте, к-аз дурустӣ ҷудост.

Ба гуфтаи Максим Горкий, "образи бадей аз ҳоя амиқтар ва васеътар мебошад, инсонро бо тамоми ҷилваҳои олами рӯҳиаш, бо ҳамаи эҳсосот ва афкори пурихтилофаш дарбар мегирад". Ба гуфтаи Маркс – одам "маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ аст". Дар бораи тафовути навиштаи илмӣ аз адабиёти бадей Н. Чернишевский мегӯяд: агар "асари олим нақл кунад, ки маҳз чӣ буду чӣ ҳаст", "асари адабиёти бадей ҳикоят мекунад, ки ҳамеша ё муқаррараи дар олам чӣ мешавад".[1]

Дар дараҷаи арзиши образ ва умуман сифати асари бадей чигунагии моддаи тасвир таъсири калон дорад. Чунончи, ба қасидаи устод Рӯдакӣ "Бӯи ҷӯи Мӯлиён" камаш даҳ шоир назира гуфтаанд, ки миёнашон шоирони соҳибистеъдод ҳам буданд. Аммо шеъри касе ба пояи шоҳасари Одамушшуаро нарасид. Ба фикри мо, дар баландии сифати бадеии шеъри номбурда ғайр аз истеъдоди фитрӣ ва маҳорати беҳамтои шоири бузург, боз вазъияти конкрети ишқи Ватан мавқеъ ишғол намудааст, зеро устод Рӯдакиро бӯи Меҳану ёди ёри мехрубон шояд аз дигарон бештар азият медод.

Заминаи тасвир ҳеҷ гоҳ айнан ба образ табдил намеёбад. Барои он ки заминаи интихобшуда ба образи бадей табдил ёбад, ду амал ҳамчун қонун ҳатмист: *яке* – фардият, ва *дигаре* – умумияти он замина.

Фардияти заминаи образ

Фардият, ё худ конкретияти заминаи образ он аст, ки тамоми нишонаҳои предмети интихобшуда, ҳамчун амал, шаклу ҳаҷм, моҳияту вазифа, замону макони вай ва ғайра равшану дақиқ баён гарданд.

[1] *Н.Г. Чернишевский.* Полн. собр. соч., т. III, 313.

Агар нависанда образи одамро офаридан хоҳад, номи вайро мегӯяд, симояшро нишон медиҳад, вайро ба ҳаракату сухан меорад, замону макон, табақаи иҷтимоӣ ва муҳимтар аз ҳама, характери ӯро тасвир мекунад. Вобаста ба методи романтикӣ ва ё реалистии асар, замону макони амали персонаж хаёлӣ ва реалӣ мешавад, вале дар ҳар сурат, ҷои воқеӣ ишора меёбад.

Нависандаи ҳақиқӣ хуни ҷигар мехӯрад, то қаҳрамонаш фардӣ бошад, ба касе монанд нашавад, то ҷузъитарин рафтору хислаташ эътимодбахшу ибратангез бошад. Ба ҳамин маънӣ, порае аз "Таърихи Сиистон" нақл мешавад, ки дар он фаҳмиши образи Рустам аз ҷониби Фирдавсӣ хеле амиқу равшан ифода ёфтааст: "Маҳмуд гуфт:

– Ҳама "Шоҳнома" худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам. Ва (аммо) андар сипоҳи ман ҳазор марди чун Рустам ҳаст.

Булқосим (Фирдавсӣ) гуфт:

– Зиндагонии Худованд дароз бод! Надонам, андар сипоҳи ӯ чанд марди чун Рустам бошад, аммо *ин донам, ки Худои таоло хештанро ҳеҷ банда чун Рустам наёфарид.* (Таъкид аз мо – **Р.М.**).

Ин бигуфт ва замин бӯса кард".[1]

Шоири бузург дар достони худ ҳам гуфта буд:

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чу Рустам суворе наёмад падид.

Ҳангоме нависанда дар бораи ҳодиса ва ё ҳолат сухан меронад, ҳаҷму ҳудуд, сабабу моҳият, сабақу натиҷа ва дигар тарафҳои онҳоро ошкор, ё номаълум баён мекунад. Агар воқеъа хусусияти таърихӣ дошта бошад, нависандаи ҳақиқӣ вазифадор аст, моҳияти аслии онро каму зиёд накарда, чунонки дар ҳақиқат дошт, ҳамон тавр, тавассути образи персонажҳо ба хонанда

[1] *Таърихи Сиистон.* – Теҳрон, 1935, с. 7.

пешниҳод намояд. Чунон ки мисли ин корро устод Айнӣ дар очеркҳои "Исёни Муқаннаъ", "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик", Улуғзода дар романҳои "Восеъ" ва "Фирдавсӣ" кардаанд.

Агар дар ниҳоди образ ҳайвоне, парандае ва ё ҷондори дигаре гузошта шуда бошад, дар ин сурат муаллиф ҳатман феълу хӯи он махлуқ, афту андом, муносибаташ ба инсон ва ҷиҳатҳои дигари вайро тасвир менамояд.

Санъаткор дар натиҷаи тасвири нишонаҳо, аломатҳо, хусусиятҳо, моҳият ва заминаи образ муваффақ мешавад, ки он мушаххасу назаррас ба ҷилва ояд. Агар объекти тасвир, масалан, кӯҳ бошад, муаллиф виқору шаҳомат, сангу маъдан, чашмаю гиёҳ, бутта, дарахтони хоси кӯҳиро бояд нишон диҳад. Дар фардикунонӣ диққати асосӣ ба хусусият ва моҳияти марказии объекти тасвир равона мегардад. Чунончи, ҳангоми офариниши образи шер салобату ҷасорат ва олиҳимматии вай, рӯбоҳ – маккорӣ, мӯрча – хурдию заифию меҳнаткашӣ, чанор – бузургию таҳаммул, қатра – камию ночизӣ, ҷудоӣ, гул - ҳусну назокат... ишора ва таъкид карда мешаванд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, муроди шоир баъзан дар воқеияти табиии образҳо ва мавқеи анъанавии онҳо нуфуз карда, метавонад онҳоро маънии нав бахшад. Масалан, Муҳаммад Иқбол аз шеъри Саъдии Шерозӣ (ваф. 1292) порчае:

Яке қатри борон зи абре чакид,
Хиҷил шуд чу паҳнои дарё бидид –

-ро тазмин карда, дар асоси ҳамин образи қатра ғояи навро баён мекунад. Яъне, ӯ бар хилофи таълимоти ваҳдати вуҷуд ва ночиз гирифтани ҳастӣ дар ҷузъ хештандориву худсозиро талқин менамояд:

Гуҳар шав, дар оғӯши қулзум бизӣ,
Фурӯзонтар аз моҳу анҷум бизӣ.

Шаҳиди Балхӣ мегӯяд:

Танаш аз нозукӣ зи бори назар
Кисвати хун кашад чу лола ба сар

Мисоле дигар: Хору санг дар адабиёти классикӣ ғолибан образҳои манфӣ буданд, вале дар эҷодиёти шоирони муосир чун як ҷузъи ҷудонашавандаи табиату хосияти сарзамини тоҷик бакуллӣ табдили маънӣ кардаанд.

Масъалаи фардияти образи бадеӣ аз кулли ҷузъиёт хеле вобаста аст. Мутолиаи осори адибони бузург – ҳамчун А.П. Чехов, Ф.М. Достоевский, Л.Н. Толстой, М.А. Шолохов, Чингиз Айтматов аз як тараф, ва осори насрнависони заиф, аз тарафи дигар нишон медиҳад, ки агар беэътиборие ба ҷузъе рух диҳад, аз ин пеш аз ҳама фардияти образ зарар мебинад ва баръакс, агар ҳар ҷузъе пухтаву маҳкам ва дар ҷои худ бошад, фардият ҳамон дараҷа равшану эътимобахш ҳосил мегардад. Аз ин натиҷае бармеояд, ки бебарории бисёр нависандагон ба норавшанию ноустувории фардияти образҳои офаридаи онон алоқаманд мебошад, ки он дар навбати худ аз заъфи ҷузъиёти бадеӣ сар задааст.

Умумияти заминаи образ, ё худ типикунонӣ. Барои он ки заминаи образ ба образи бадеӣ табдил ёбад, нависандаро зарур аст, ки предмети интихобкардаашро умумият диҳад.

Умумияти заминаи образ он аст, ки тавассути баёни аломату хусусият, нишонаю моҳият, вазифаю ҳудуди предмети тасвир табақаю синфи иҷтимоӣ, гурӯҳу ҷинси он предмет ифода ёфта бошад. Яъне, нависанда образи муҷаррад намеофарад, заминаи образи вай *типи (намунаи) тоифаю ҷинси конкрет, замону макони муайян бояд бошад.*

Зимни офариниши образи одам, нависанда характеру ҷаҳонбинӣ, гуфтору кирдори вайро тарзе бояд тасвир кунад,

ки аз ҳамин тасвирот мансубияти миллӣ ва замонию макониии ин персонаж равшан шавад. Чунончи, аз кулли ҷиҳатҳои образи Дохунда равшан мегардад, ки вай намунаи ҷавонони тоҷики аввали асри XX мебошад, ки озодиро ба ҷон хостаанд, инқилоб кардаанд ва ҷомеаи нав сохтаанд. Ё худ устод Айнӣ дар мисоли се насли як авлоди зӯран ғуломшудаи тоҷик хислату мафкураи халқи тоҷикро дар арзи сад сол нишон додааст; тарзе нишон додааст, ки насле аз насли дигар фарқ мекунад: дар ҷаҳонбинӣ пештар рафтааст, ва пешравӣ тасодуфӣ ва тибқи хоҳиши нависанда набуда, балки амри замон ва шароити торафт такмилёбандаи таърих мебошад.

Ҳангоме устод образи Қорӣ Ишкамбаро меофарад, вай дар рафтору гуфтор, сурату муносибати вай ва ғ. чунин унсурҳоро интихоб кардааст, ки дар натиҷа байни предмети тасвир, яъне, Қорӣ Исмат ва сохти феодалии аморати Бухоро, тамоми тоифаи мумсикҳо ва судхӯрҳо умумияти том пайдо шудааст. Дар натиҷа, мо Қорӣ Ишкамбаро равшан тасаввур мекунем, ки вай намояндаи типии муфтхӯрони аморати Бухорои асри XX мебошад.

Ин нишонаи бузурги нависанда аст, ки хонанда шабеҳи қаҳрамонони асари бадеиро дар ҳаёт мебинад, онҳоро мешиносад. Масалан, А.А. Бестужев-Марлинский 9 марти 1825 дар бораи Онегини А.С. Пушкин навишта буд: "Ман одамеро мебинам, ки мислашро ҳазорон дидаам". Дар бораи худи ҳамин қаҳрамон И. Киреевский соли 1828 навишта буд, ки дар симои Онегин "як синфи одамон ифода ёфтааст". Ё худ, мактуби хонандае ба устод Айнӣ ҷолиби диққат мебошад, ки вай аз нависанда нишони манзили Дохундаро пурсидааст. Яъне, хонандаи солҳои бист, тибқи ҷаҳонбинии типии худ, ба нависанда комилан бовар кардааст. Дохундаро чун одами зиндаи реалӣ шинохтааст. Ин албатта, бахти нависанда аст, ки хонандаи худро қонеъ ва бовар кунонида тавонистааст.

Дар масъалаи умумияти образ на танҳо чизҳои калону умда, балки майдатарин ҷузъиёт ҳам нақш мебозанд. Ба ҳамин маънӣ, як пора аз "Сафари Полесйе"-и И.С. Тургенев иқтибос мешавад: "ҷо-ҷо нуқтаҳои сабзи дарахтони тӯс намудор мешуданд; тамоми муҳити чашмрасро санавбар пӯшида буд; *аз ҳеҷ ҷо калисо намудор набуд, майдонҳо наметофтанд – фақат дарахтзору дарахтзор...*". Чизи ҷолиби диққати пораи мазкури И.С. Тургенев ин аст, ки манзараи тасвиршаванда ҳатто бо чизҳои набудааш, яъне, аз нестии калисову саҳроҳо, ки барои Русия хосанд, Полесйе равшан кунонида шудааст.

Кори санъаткор ҳамеша сара кардану баргузидан аст, зеро ба қавли ҳаким Низомӣ:

На ҳар зан зан бувад, ҳар зода -- фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар найе қанд.

Гоҳе бузургон ҳам образи хуби дигареро дар мавриде такрор мекунанд. Чунончи, ҳамон Низомӣ гуфта буд:

Ба нохун санг баркандан зи кӯҳсор
Беҳ аз ҳоҷат ба назди носазовор.

Баъдан Мавлоно Ҷомӣ овардааст:

Ба нохун рахна дар фӯлод кардан
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд...

Вақте ки нависанда образи махлуқеро офариданӣ мешавад, дар маркази тасвироти худ маҳз муҳимтарин хусусияти ҳамон тоифаро мегузорад. Ин масъала аз силсилаи "Тӯтинома", "Калила ва Димна" ва осори сершумори тамсилӣ равшан тасаввур мешавад. Чунончи, ҳикояи машҳури Мавлоно Ҷомӣ "Сангпушт ва каждум"-ро мулоҳиза кунем. Муҳимтарин

хислати ҷинси каждум то дараҷаест, ки вай даруни модарашро хӯрда, баъд берун мешавад. Аз тасвири Ҷомӣ бармеояд, ки нешзанӣ одати азалии каждум аст, вай мададкору наҷотбахши худро ҳам риоя намекунад, вай аз ин ҳам парво надорад, ки нешаш ба пушти сангпушт кора намекунад, ба ин ҳам кор надорад, ки сангпушт метавонад аз ғазаб вайро ғарқ кунад. Сангпушт, баръакс дар кулли масъалаҳо зидди каждум аст: безарар, сустҳаракат, бобардошт, содадил...

Тавре ки Мавлавии Балхӣ ҷузвҳоро *сӯи кулл бошад тариқ*, фармудааст, *қонуни образ*, ё *худ сирри бадеият* ин аст, ки ҷузъ *бояд намудор ва далели кулли ҷинси худ* бошад.

Умумияти заминаи тасвир бо тоифаю ҷинсаш дар мисоли ду шеъри Муъмин Қаноат равшантар мегардад. Дар қитъаи "Пири гулфурӯшон" образи кӯҳи Тоҷикистон тасвир ёфтааст, ки нишонаҳои асосии он инҳоянд: сар аз барф сафед, дар бар аз сабза ҷомаи беқасаб, дар пеш водии хуррам чун сабади гул... Ин нишонаҳо, ки хоси кӯҳи Варзоб аст, хоси бисёр кӯҳҳои дигари Тоҷикистон ҳам мебошанд. Дар шеъри бисёр хуби дигари "Аҳсант ба одам" тамоми ҳусни дилбари нозанинро як қатра оби шаффофи кӯҳӣ дар худ акс кардааст. Ин ҷо сухан дар бораи шаффофии бағоят баланди қатраи оби чашмаи кӯҳист, ки ин сифат барои тамоми чашмаҳои кӯҳӣ хос мебошад.

Ҷойгоҳи тахайюл

"Тахайюл" – хаёл (ҷамъи хаёл). "Тафаккур" (ҷамъи фикр ва андеша) муродифҳои "тахайюл" мебошанд. Аммо азбаски "тахайюл" бештар роиҷ аст, ин ҷо чун истилоҳ асосан он кор фармуда мешавад.

Тахайюл хоси инсон аст. Маҳз ба шарофати он инсон мартабаи ашрафи махлуқотро соҳиб гардидааст.

Ҳама хаёл карда метавонанд. Аммо ҳама баробар не. Табиист, ки қудрати тахайюл гуногун аст. Инсон қадаме бидуни андеша намегузорад, қадами беандеша ҳеҷ гоҳ матлуб нахоҳад шуд. "Тахайюл" бо "кизб"-у "дурӯғ" қаробат дорад,

аммо тамоман яке нест. Ибни Рашиқ дар "Маҳосин-уш-шеър" гуфта буд: "Бартарии шеър аз он аст, ки ҳамон дурӯғи ҳама чо ва аз чониби ҳама кас маҳкумшаванда дар вай мустаҳсан аст".

Тахайюл, ду навъ мешавад:

1) муқаррарӣ ё одӣ, ки ҳангоми саволу ҷавоб, мукотиба ва дар мавридҳои дигари зиндагӣ ба кор меравад;

2) эҷодӣ, ки дар навбати худ, ду хел – *эҷоди илмӣ* ва *эҷоди бадеӣ* мешавад.

Тахайюли эҷоди илмӣ – он аст, ки дар мавриди тадқиқоти илмӣ ба кор меравад ва аз тахайюли муқаррарӣ фарқе ҷиддӣ надорад, зеро ин чо ҳам дар тағйиру такмили доираи санадҳо муаллиф соҳибихтиёр набуда, балки пойбанди ҳаҷму ҳудуди ҳуҷҷат мебошад.

Тахайюли эҷоди бадеӣ – он аст, ки тавассути он санъаткор образ меофарад. Аҳли ҳунар дар зиндагӣ чизеро мушоҳида менамояд, дар вай ҷиҳати ҷолиби диққатеро пай мебарад, пас, онро ба неруи дилхоҳ такмил медиҳад. Ҳеҷ як ҳодиса ё ҳолат, махлуқ ё ашё, ё чизе дигар бидуни тахайюл ба образи бадеӣ табдил намеёбад. *Ҳамон неру ва қуввае, ки барои тарошу такмили предмети тасвир сарф мешавад, тахайюли эҷоди бадеӣ ном дорад.*

Мувофиқи ақидаи Гегел, адиб воқеъаро "тарошидаю покиза" карда метавонад, аммо қудрати худсарона тасҳеҳу такмили онро надорад. Мегӯяд: "санъаткор аз зарурати такя бар ҳосили фантазияи худ озод мебошад".[1] Ин ақида, яъне, предмети тасвирро такмил дода натавонистани санъаткор дуруст набуд, бинобар ин, В.Г. Белинский менависад: "он асари бадеие, ки агар дар вай ҳаёт танҳо барои инъикоси ҳаёт инъикос ёфта бошад, ***бе ҳеҷ гуна дахолати пурқудрати субъективии бо рӯҳи замон алоқаманд*** *(таъкид аз мо –* **Р.М.***)*, агар вай ифодаи фиғони дардмандона ва ё нидои шодмонӣ набошад, агар он савол ва ё ҷавоби савол набошад, бечон аст".[2]

[1] *Гегель.* Эстетика, т.1, с. 293.

[2] *В.Г. Белинский.* Речь о критике. – Полн. собр. соч., т. 6, с. 271.

Воқеа ва факту рақамҳои ҳаётӣ бе ёрии тахайюл ба асари бадеӣ табдил намеёбанд, барои он ки аз ин масолеҳ иморат қомат рост кунад, меҳнати фаъолонаи тахайюл зарур мебошад. Дар ин бора В.Г. Белинский гуфтааст: "Инъикоси дурусти санадҳо танҳо бо ёрии фазл имкон надорад, боз тахайюл (фантазия) ҳам лозим аст. Санадҳои таърих, ки дар асли худ маҳфузанд, беш аз сангу хишт нестанд: танҳо санъаткор метавонад, ки аз ин масолеҳ иморати зебое бардорад".[1]

Аввалин бор дар хаёл оростани ҷавҳари асари бадеиро Камолиддини Биной низ таъкид кардааст:

Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ.

Тахайюл барои се чиз лозим аст, яъне давраи кори тахайюл ба се марҳила тақсим мешавад:

1) интихоби заминаи образ;

2) фардӣ намудани заминаи образ;

3) умумият додани заминаи образ;

Албатта, ҳар чизи пешомада заминаи образ шуда наметавонад. Санъаткор аз қудрати тахайюл дармеёбад, ки бар асоси он чизи пайдошуда образи бадеӣ бунёд кардан мумкин аст, ё не. Ин чо, пеш аз ҳама, санъаткори хушандеш аз меъёри манфиати он чиз (ба одам ва ҷомеа) менигарад. Ғайр аз ин, боз ба хотир меорад, ки шабеҳи ҳамин чиз дар таърих то ҳол бунёд ёфтааст, ё не. Баъди интихоби қатъии предмети тасвир, муаллиф барои фардӣ кунонидан, ва умумият додани предмети мазкур шурӯъ мекунад.

Баъди андешаи зиёд образ дар хаёли муаллиф мепазад. Санъаткори андешаманд то пурра пазондани образ дар тахайюл коғазу қалам ба даст намегирад. Вақте ки образ ва

[1] *В.Г. Белинский.* Собр. соч., т. 10, с. 316.

тарҳи асари бадеӣ дар хаёл ба андозаи даркорӣ мепазад, нависанда бетоқат мешавад, ки ҳамин ҳолатро омадани илҳом (ё ба тариқи шоирона: ёр шудани Парии илҳом) мегӯянд. Дар ҳамин ҳолат таълифи бевоситаи асар оғоз мешавад.

Устод Улуғзода дар романи "Фирдавсӣ" аз забони шоири кабир (дар сӯҳбати Ҳусайни Қутайб) овардааст: "Маро лозим меояд, ки аз анвои ривоятҳои ҳар як достон беҳтаринашро баргузинам, ва сипас ин беҳтаринҳоро аз ҳар гуна зиёдатиҳо, беработиҳо ва ғ. тоза, ноҳамвориҳоро ҳамвор кунем, ҷоҳои холиро пур кунам, миёни воқеъаҳо равобити ботиниашонро дарёбам ва барқарор созам, маъно ва мафҳуми онҳоро бичӯям. (...) Хулоса, маҷмуаи ривоятҳо моддаи хоме беш нестанд".[1]

Асари бадеӣ дар тахайюл ҳар қадар бештару беҳтар пухта бошад, таълифи он ҳамон андоза осонтар ва пурсамартар мегардад. Чунончи, М. Қаноат достони машҳури "Сурӯши Сталинград"-ро, ки ба Мукофоти давлатии СССР сазовор шудааст, панҷ соли дароз (солҳои 1965-70) фикр карда, дар як-ду моҳ навиштааст. Ё худ, Владимир Дудинтсев беш аз бист сол бо маводи романи "Либосҳои сафед" андармон шуда, пас, дар арзи сеюним сол онро рӯи коғаз овардааст. Устод Турсунзода ба ҳамин маънӣ мегӯяд: "Шоир бояд дар он вақт нависад, ки дигар нанавишта наметавонад. Ин фақат дар он ҳолат рух медиҳад, ки агар ҳамаи он чизеро, ки фикр карда шудааст, шоир чуқур эҳсос намояд ва мутаассир гардад".[2] Дар адабиёти муосири тоҷик танҳо Бозор Собир ба назар мерасад, ки шеъри пухта мегӯяд, ҳар байту вожаро борҳо метарошад.

Гоҳе нависанда ба масъалае мутаваҷҷеҳ мешавад, аммо барои пухтани он истиҳола мекунад, ки дар ин сурат ташвиқи шахси муътабаре нақши муҳим мебозад, чунончи қасидаи машҳури Навоӣ "Тӯҳфат-ул-афкор" бо салоҳдиди

[1] *С. Улуғзода.* Фирдавсӣ. – Адиб, 1988, с. 58.
[2] *М. Турсунзода.* Барои назми пешқадам. – Шарқи Сурх, 1954, №12, с. 104.

Абдураҳмони Ҷомӣ, достони устод Лоҳутӣ "Тоҷ ва байрақ" бо маслиҳату ташвиқҳои Максим Горкий ба майдон омадаанд.

Арзиши образ

Шарти образи бадеӣ, ҳамон тавре ки дар таъриф зикр шуда буд, доштани аҳамият аст, яъне, санъаткори ҳақиқӣ ҳанӯз дар оғози кор, ҳангоми бори аввал бо предмети тасвир дучор омаданаш, муоина мекунад, ки агар аз ин масолеҳ образ бино шавад, қимат хоҳад дошт, ё не. Агар пай барад, ки ин образ аллакай гуфтаю забонзад шудааст, ва ё арзиши кирой надорад, ба ин шуғли беҳуда меҳнат сарф намекунад.

Чунин пиндоштан, ки санъаткоре ҳамеша ҷӯёи манфиати умум аз образи бадеист, ғалат хоҳад буд, зеро адибони зиёде буданд (ва ҳастанд), ки ғаразашон маҳдуд, ҳамонанди ***санъат барои санъат*** аст, ё зарарноку иртичоист. Бинобар ин, дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми таҳлили ин ё он масъалаи назарии адабиёту санъат, дар мадди назар ҳамеша ***асари асил, осори санъаткорони ҳақиқӣ бошад***.

Адабиёти бадеӣ (ба туфайли образ) дорои чандин навъ арзиш, чунончи ***ғоявӣ, маърифатӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ*** ва ғ. мебошад. Аз мутолиаи адабиёти ҳақиқии бадеӣ ҷаҳонбинии хонандагон васеъ мегардад, дониши пухтаю амиқ ва завқи нафиси эстетикӣ ҳосил мекунанд, барои ҳусну ахлоқи ҳамида, мекӯшад. Иля Эренбург ба ҳамин маънӣ гуфтааст: "Одаме ки фоҷеаи Шекспирро дидааст, аз театр на он тавре берун мешавад, ки ба театр дохил шуда буд".[1] Ин фикр назарияи машҳури ***катарсиси*** Арастуро ба хотир меорад.

Дар аксари кулли мавридҳо доираи арзиши асари бадеӣ номаҳдуд хоҳад шуд, яъне, як асар, як образи он аз чандин тараф дорои қимат мебошад. Чунончи, образи Рустами Фирдавсӣ ба хонанда ҳам ватанпарварӣ, ҳам адолатхоҳӣ, ҳам мардонагию тобоварӣ, ҳам ҳассосият ва ҳам чизҳои зиёди дигарро талқин менамояд.

[1] *И. Эренбург.* Заметки писателя. – Сов. культура, 1988, 5 март.

Дар бораи аҳамияту мақоми адабиёти бадеӣ донишмандоне фикрҳои дурусти арзишманд гуфтаанд. Масалан, як шоири тоҷик гуфтааст:

Ба шеър гардад ҷовид номи мардуми нек,
Ба шеър – дар бинакӯҳанд ҳарзакоронро,
Ки то ба некӣ рағбатнамой гардад мард,
Зи бад бурида шавад майл ҳушёронро.

(Ал-Муъҷам, с. 455)

Ҳакими бузург Умари Хайём дар "Наврӯзнома" оид ба мақоми арҷманди сухану суханвар бо эҳтирому ихлос ва эътимоди комил навиштааст: "Қаламро доноён машшотаи мулк хондаанду сафири дил. Ва сухан то беқалам бувад, чун ҷон бе колбад бувад, ва чун ба қалам бозбаста шавад бо колбад гардаду ҳамеша бимонад. Ва чун оташест, ки аз сангу пӯлод ҷаҳад ва то сӯхта наёбад, нагираду чароғ нашавад, ки аз рӯшноӣ ёбанд. (...) ва нахуст касе, ки дабирӣ бинҳод, Таҳмурас буд. Ва мардум, агарчанд бо шарафи гуфтор аст, ки ба шарафи навиштан даст надорад, ноқис бувад, чун як нима аз мардум, зеро ки фазилати навиштан аст – фазилате сахт бузург, ки ҳеҷ фазилате бад-он нарасад. Зеро ки вай аст, ки мардумро аз мардумӣ ба дараҷаи фариштагӣ расонад ва девро аз девӣ ба мардумӣ расонад. Ва дабирӣ – он аст, ки мардумро аз пояи дун ба пояи баланд расонад, то "олим"-у "имом" ва "фақеҳ"-у "муншӣ" хонда шавад. Ва ҳамчунон мардумон ба фазилати сухан аз дигар ҳайвонот ҷудо гардад ва бар эшон солор шавад".

Кас бояд ин пораро гаштаю баргашта дар андеша гардонад, то мартабаи суханро дар табдили дев ба одам ва ба дараҷаи фариштагӣ расидани одам сарфаҳм равад.

Дар ҳақиқат ҳам, адиб ҳарзакоронро накӯҳиш мекунад, ки дар натиҷа одаме, ки дар аслаш ҷавҳар дорад, ба некию

накӯкорӣ рағиб мешавад, одами ҳушёр домани худро аз бадию бадкорӣ мебурад.

Муаййидӣ мегӯяд:

Агар бинозад шоир, бад-он шигифт мадор,
Ки пойгоҳи ҷинонаш Худой рӯзӣ кард.
Мадеҳи ӯ бирасонад сари яке ба саҳоб,
Ҳиҷои ӯ зи сари дигаре барорад гард ...
Ба шеър шод шавад марди лаҳв рӯзи нишот,
Ба шеър фахр кунад марди ҷанг рӯзи набард.
Касе, ки шоир хатте фурӯ кашад бар вай,
Зи хештан натвонад бе ҳеҷ ҳила сутурд.
Биҷӯй, то битавонӣ, ризои шоиру ҳеҷ
Дар ӯ мапеч агар бихрадиву зиракмард.

(Ал-Муъҷам, с. 454)

Шоирони дурандеш таъсири манфии асарҳои зарарнокро ҳам таъкид кардаанд. Ҳозиқ гуфта:

Манеҳ ба шеъри каҷ сифла зинҳор ангушт,
Ки мисраи галаташ мегазад чу мор ангушт.

Шайхурраис дар "Рисолат-ут-тайр" таъкид намуда: "бадтарини суханҳо он аст, ки зоеъ шавад ва беасар монад".

Шоири дигаре фармудааст, ки шеър кинаи одамро хомӯш мекунаду хуни касро ба ҷӯш меорад, шеър одамро ҳам ром карда метавонад, ҳам сарро бурида:

Ба байте шавад марди бокина нарм,
Биҷӯшад ба байте дигар хун зи тан.
Басо дил, ки гашт аз паи шеър ром,
Басо сар, ки бибрид назми сухан.

(Ал-Муъҷам)

Аз таърихи тамаддуни халқҳои олам мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки асари бадеӣ ба тақдири одамони маълум таъсири файзбахше расондааст. Таъсири беназири қасидаи устод Рӯдакӣ "Бӯи ҷӯи Мӯлиён..." ба амири айшпарвару фориғбол ба ҳама маълум аст. Ё худ, таъсири қитъаи Ҳанзалаи Бодғисӣ ба харбандаи ҳезумфурӯш, ки то мартабаи сипаҳсолорӣ расидааст, ривоят набуда, балки ҳақиқат аст:

Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер бичӯй:
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.

Борҳо шудааст, ки як аҳли завқ ба туфайли зарофате, бинобар ҷавоби образноре ҷон ба саломат бурдааст. Чунончи, мувофиқи нақли Восифӣ, Султон Ҳусайн эълон кардааст, ки ҳар касе хабари марги аспи дӯстдоштаи ӯро оварад, кушта хоҳад шуд. Тифоқо, асп мемирад ва хабари марговарро чунон мерасонанд, ки калимаи "мурд"-ро надорад, аммо ҳамин маънӣ фаҳмида мешавад. Мисоли дигар, тибқи ривояте Темури Ланг аз густохии хоҷа Ҳофиз, ки Самарқанду Бухороро ҳамагӣ ба як холи ҳинду фурӯхтааст, дар ғазаб мешавад ва шоирро барои гӯшмол ҷеғ мезанад. Шоири ҷандапӯш ҳозир мешавад ва дар ҷавоби Темур мегӯяд: ғояти ҳамин олиҳиммат ист, ки ба ин ҳолати дарвешӣ гирифтор шудам!

Азбаски адабиёт чун як воситаи тавонои идеологӣ хидмат мекунад, тақрибан дар ҳамаи даврақои антагонистӣ, ҳокимони замон онро барои ғаразҳои худ истифода кардаанд ва ё истифода карданӣ шудаанд. Ба дарбори худ шоиронро ҷалб намудани Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Темури Ланг барин сиёсатмадорони дурандеш фикри болоро тасдиқ менамояд.[1]

[1] *А. Лоҳутӣ.* Куллиёт, ҷ. 6, с.232.

Одамон аз таҷрибаи зиндагӣ сабақ мегиранд, гоҳе худро мешиносанд, ки як мисолаш иқрори як дузд аст:

"Ман – собиқ дузд. Боре дар ҷомадони дуздидаам китоби "Обутоб ёфтани пӯлод" ба дастам хӯрд. Ва ҳангоме ки тасодуфан саҳифаи аввалашро хондам, дигар аз он сар бардошта натавонистам. Ва ҳангоме ки тамоми китобро хондам, вақте донистам, ки ин одам ҳаёташро барои чӣ додааст, тамоми ботини ман чаппаю роста шуд: шармам омад, ки чи гуна зиндагӣ дорам, ҳайфам омад, ки ба касе даркор нестам. Баъди ин китоб аҳд кардам, ки аз рӯи виҷдон зиндагӣ кунам ва андаке ҳам бошад ба Островский монанд шавам. Ба аҳдам вафо кардам. Ҳоло дар сохтмони метрополитен кор мекунам. Барои бахтам аз Островский миннатдорам. Бигузор ҳама донад, ки агар лозим шавад, ман ва бисёр ман баринҳо бо душман онҷунон меҷангем, ки Н. Островский ҷангида буд...".[1]

Шартҳои санъат

Нахустин шарти умуман ҳунари нафиса, ҳамон тавре ки маълум аст, мавҷудияти *тасвир* ё худ *тандиса* будааст. Оне ки аз тандиса орист, ҳунари нафиса нахоҳад буд.

Шарти дигари санъат *таносуб* аст. Муносибату баробарӣ, мувофиқату мувозинат камтар ё бештар, нозуктар ва ё дағалтар, ошкортар ва ё ниҳонтар, печидатар ва ё содатар дар ҳар асари мансуби ҳунари нафиса, мавҷуд мебошад. Чунончи, таносуби рангҳоро дар асари рассомӣ, таносуби лаҳнҳоро дар суруду мусиқӣ, таносуби узвҳо, поя, мавзеъ ва ғайраро дар пайкара мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин таносуб дар ҳунари сухан низ мавҷуд аст, ки аз як тараф, тавассути сужаву устухонбандӣ, ҳаҷми мисраву байту банд ва фаслу бобҳо, образу характерҳо ва амсоли инҳо, аз тарафи дигар, ба туфайли таносуби вожаву ибора фароҳам меояд. Таваҷҷуҳ фармоед, ба ин байти машҳур, ки мафҳумҳояш таносуби

[1] *Правда*, 1987, 26 май.

дутарафа дорад: "дил-чашм" ва "муҳит (баҳр)-дарё" аз як тараф, "дил-муҳит" ва "чашм-лаби дарё" аз тарафи дигар:

Бар дили мо гар намеой, ба чашми мо биё,
Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё.

Бояд қайд кард, ки дараҷаи қурби санъат ба дараҷаи назокати таносуб вобаста аст, яъне, таносуб ҳар қадар нозуктар, мураккабтар (ба маънии таркиб) ва пурмаънитар бошад, қурби асар ҳамон андоза баланд мешавад, ки тимсолаш "Шоҳнома", рубоиёти ҳаким Умари Хайём, ғазалиёти хоҷа Ҳофиз шуда метавонад.

Агар аз нуқтаи назари таносуб ба пайкараҳои кишварамон нигоҳ кунем, манзараи аҷибе намудор мешавад: дар маркази ноҳияи Шаҳри Тӯс, ба хотираи шаҳидони ҷанги бузурги ватанӣ пайкараи модар ҳаст, бо синаҳои беҳад калон, дар ҳоле ки синакалонӣ ҳеҷ гоҳ рамзи хубе нест. Ғайр аз ин, мӯи дарози дутобаро пеши бар партофтан низ аломати ишвафурӯшист, на сӯтворӣ. Ё худ, муҷассамаи модар дар маркази ноҳияи Ваҳдат (Кофарниҳон), мушти чапашро қумғон кардаву болои сар афроштааст ва дар дасти рост ханҷари ҷонкоҳеро маҳкам дошта. Модари тоҷик ҳеҷ гоҳ чунин хислатҳоро надошт ва набояд дошта бошад. Пайкараи Валериан Куйбишев дар истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Душанбе назар ба пояш хеле хурд буд, маъниҳои номатлуб дошт;[1] онро аз миён бурданд, пайкарае бунёд карданд, ки маъниву мантиқ дорад. Аммо пайкараи устод Айнӣ, нисбат ба поя, бамаротиб мухташам аст. Таносуби нисбатан муътадил дар пайкараи устод Рӯдакӣ ва Шайх-уррайис мушоҳида мешавад. Тандиси мухташами Исмоили Сомонӣ ҳам дар марказ бунёд ёфт, бо ишораи дасте ба сӯи ҷанубӣ шарқ; агар даст ба сӯи Самарқанду Бухоро мебуд, маънии ҷолибтаре медошт.

[1] *Доктор Х. Шарифов низ аз он интиқод карда буд; Ҳуққабозии таърих. – адабиёт ва санъат, 1989, 21 сентябр.*

Инро низ бояд дар назар дошт, ки маърифати ҳунар ва лаззат бурдан аз назокати таносуб, ба малака вобаста аст. Бесабаб нест, ки бо мурури замон ва такмили малака шахс аз шеъри лисонулғайби Ҳофиз бештар баҳраманд мешавад. Ё мисоли дигарро гирем. Бисёр ҷавонон "Шашмақом"-ро намеписандиданд. Аммо бо гузашти замон ва шунидани мукаррари навоҳои ин асари олимақоми ҳунарӣ ба он дил мебанданд. Ин ҳолат шогирдонро водор мекунад, ки асари рассомро бештар пеши назар оранду мулоҳиза кунанд, суруду мусиқиро гӯш кунанду ба ҳамбастагӣ ва зеру бами лаҳну наво эътибор диҳанд, асари бадеӣ хонанду ҳунар таҳлил кунанд...

Нишонаи дигари мумтози ҳунари нафиса *хусусияти ҷомеӣ* доштани он мебошад, зеро санъат ҳунарест *ҷомеъ*, яъне, ҷамъкунанда. Бо сухане дигар, дар ҳунар *ду карат ду чаҳор нест.*

Санъаткори асил тамоми моҳияти як шахс, ҳодиса, масъала ва ё чизи дигарро дар як тасвир ҷой менамояд, яъне, як ишораи ӯ аз чандин маънӣ дарак медиҳад. Ба хотир овардани чашмони султон Маҳмуди Ғазнавӣ (аз романи "Фирдавсӣ") кофист, зеро устод Улуғзода тамоми тарафҳои пиндору кирдору гуфтори ин шахси қаттоли таърихро танҳо ба воситаи чашмони бигизвори ӯ фош кардааст.

Ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ. Ҳарчанд ба ин масъала дар болотар ишораҳо шуда, боз мустақиман таваққуф кардан лозим меояд. Нукта ин аст, ки *ҳақиқати бадеӣ бар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад*, вале ин ду мафҳум як маъниро ифода намекунад. Ҳақиқати воқеӣ то ба ҳақиқати бадеӣ табдил наёбад, яъне, то либоси бадеъро дарбар накунад, тароватеву дилкашие надорад. Ҳамин маъниро дар як зарофати Абудраҳмони Ҷомӣ дидан мумкин аст:

Латта дар об баски латтатар аст,
Кӯҳи Қоф аз нахӯд каттатар аст.

Дар Самарқанд гурба ях нахӯрад,
Дар Бухоро хурӯс мурги нар аст.

Ҳақиқати воқеъӣ – он ҳодисаю ҳолат, ашёву махлуқот ва амсоли инҳост, ки воқеан ҳам мавҷуд будаанд, ё мавҷуданд ва мавҷуд хоҳанд буд.

Ду нишонаи муҳимтарини ҳақиқати воқеъӣ аз инҳо иборатанд: аввалан – мавҷудияти он, сониян – аз ихтиёри субъекти фоил берун будани вай.

Ҳақиқати бадеӣ он мундариҷаи ғоявиест, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад. Баръакси ҳақиқати воқеӣ ин ҷо ҷанбаи субъективӣ пурзӯр мебошад, зеро ҳақиқати бадеиро маҳз санъаткор меофарад.

Санъаткор ҳақиқати бадеиро дар заминаи ҳақиқати воқеӣ, тавассути тахайюлоти худ эҷод мекунад. Ӯ ин ҷузъи ҳақиқатро тасвиркунон, фикру баҳои худро ҳам баён мекунад, ки он ҳақиқат шоистаи ҳусни тавоҷҷуҳ аст ва ё нафрат. А.М. Горкий гуфта буд: "Санъат ният дорад, ки хубро аз будаш зиёд нишон диҳад, то хуб хубтар бошад ва бадро – душману маслуққунандаи одамро аз будаш зиёд нишон медиҳад, то нафратро бедор кунаду иродаеро афрӯзад, ки айбу қабоҳати офаридаи зиндагии ҳарису зиштро барҳам мезанад. Санъат дар зоти худ аз ду мубориза иборат аст: **тарафдор ё муқобил**, санъати бетараф нест ва нахоҳад буд, зеро инсон дастгоҳи суратгирӣ нест, воқеиятро "инъикос" наменамояд, балки ё тасдиқ мекунад, ва ё тағйир медиҳад, хароб мекунад".[1]

Дар суханони М. Горкий чанд фикри арзишманд омадааст, чунончи: муболиға дар предмети тасвир, ҳадафи ягонаи санъати асил будани беҳбудии зиндагӣ, ҷанбаи ғоявии предмети тасвирро тасдиқ ва ё рад кардани санъаткор, яъне, ба ҳодиса, ҳолат, масъала ва ғ. зинҳор бетараф набудани вай.

[1] *М. Горький.* Собр. соч. т. 27, с. 444-445.

Ҳамин ҷо аз "Шарафнома"-и ҳаким Низомӣ порае иқтибос мешавад, то намудор гардад, ки шоир чӣ гуна ҳақиқати мавҷударо бинобар бинишу хоҳиши худ "таҳриру тасҳеҳ" карда метавонад:

Чу з-ин базмгаҳ боз пардохтам,
Шакаррез базме дигар сохтам.
Суханҳои базмӣ дар ин ним дарҷ
Басе кардам аз бикр – андеша харҷ.
Гар он дур, ки як-як бар ӯ бастиам,
Ба ҳар матлае боз пайвастаам,
Ба як ҷой дар ришта оранд боз,
Пур аз дур шавад риштаи иқдсоз.
Чудогона феҳрасти ҳар пайкаре
Зи конуни ҳикмат бувад дафтаре.
Ҳамон соқиёну гузоришгарон,
Ки барҳам нишондам карон то карон,
Нишинанда ҳар як зи рӯи қиёс
Чу бар ганҷи гавҳар нигаҳбони пос.
Ки донад чунин нақше ангехтан?
Бад-ин дилбарӣ ранге омехтан?
Чунон бастам абрешими сози ӯ,
Ки аз Зӯҳра хуштар шуд овози ӯ,
Ба ҷое, ки норостӣ ёфтам,
Бар ӯ зевари ростӣ бофтам.
Сухан, к-он на бар ростӣ раҳ барад,
Бувад хор, агар поя бар маҳ барад.
Куҷо пешпирои пиркуҳан
Ғалат ронда буд аз дурустӣ сухан.
Ғалатгуфтаро тоза кардам тироз,
Ба-дин узр гуфтам дигарбора боз.

Ҳақиқат "ғалат" дораду "савоб". Суханвар метавонад ва бояд, ки ҳақиқатро "тасҳеҳ" намояд, суханро ба тариқи "рост" нақл намояд, яъне, тарзе асар офарад, ки мақсаду вазифаи он бо роҳи дурусту рост бурдани омма аст. Вазифаи муқаддаси сухан, ба қавли Низомии бузург, бо роҳи росту дуруст пеш бурдани мардум аст.

Агар адиб дониста ё надониста, ҳодиса ё масъалаи мавриди тасвирро нопурра ба қалам диҳад, чунон ки дар романи Салдадзе "Авитсенна" рӯй додааст, аз як тараф, ҳақиқати таърих таҳриф шавад, аз тарафи дигар, мафкураи хонандагон халалдор хоҳад шуд. Ин масъала аз адиб ба замми истеъдоду меҳнати эҷодӣ, боз ҳиммати баланду виҷдони покро талаб мекунад.

Георгий Ломидзе таъкид менамояд, ки ҳақиқати ҳуҷҷат шахшудаю яхбаста аст: "Ҳақиқати бадеӣ васеътару пурратар аз ҳуҷҷати алоҳидаи таърих аст, зеро он ҳодисаро дар ҳаракату инкишоф ва ҳамбастагии мутақобила фаро мегирад".[1] Дар ҳақиқати ин гуфтор шубҳае нест, аммо бояд донист, ки ҳақиқати ҳуҷҷат пурра ба ҳақиқати бадеӣ табдил намеёбад, балки адиб танҳо як ё якчанд ҷанбаи ҳақиқати ҳуҷҷатро баргузида, аз бисёр тарафҳои дигари он сарфи назар мекунад, чунки барои кулли тарафҳои ҳуҷҷату ҳодиса ва ё ҳолату масъаларо фаро гирифтан ҳам имкон нест, ҳам эҳтиёҷ; танҳо он чиз ва ё чизҳое интихоб мешаванд, ки барои ғоя ва умуман нияти бадеии нигоранда зарур ҳастанд.

Сарчашмаи маънавии осори нависанда, бешак дониши ӯст. Дониши муътамад бошад, пеш аз ҳама, аз таҷрибаи рӯзгори адиб ҳосил мешавад. Паруйр Севак ба ҳамин маънӣ гуфтааст: "Шеър, умуман адабиёт, бидуни мабдаъи тарҷумаиҳолӣ мавҷуд нашудааст, ба гумонам, мавҷуд нахоҳад шуд, аммо шоир танҳо

[1] *Г. Ломидзе*. Единство и многообразие советской литературы. – История сов. многонациональной литературы, т. 2, кн. – 1. – М.: Наука, 1971, с. 51-52.

баёнгари худ нест. Шоир барои он ба дунё меояд, ки садои худро баланд кунад, вале аз номи одамони бисёре".[1]

Вобаста ба мабдаи маънавии асари бадеӣ бояд донист, ки адиб дар асоси як чиз ду асари мустақили мухолифҳоя сохта метавонад, ки ин айб нест. Соҳиби "Нақд-уш-шеър" Қудома ибни Ҷаъфар навишта буд: "Аз ҷумлаи нуктаҳое, ки бояд бигуфт, пеш аз ҳама, он аст, ки агар адиб дар ду қасида ва ё ду гуфтори гуногун ба ихтилоф роҳ диҳаду як чизро дар мавриде моҳирона биситояд, вале дар мавриди дигар ӯҳдабароёна накӯҳиш бинамояд, инро айб шумурдан лозим нест. Ин ҳол ба назари ман, баръакс, аз қувваи маҳорати шоир гувоҳӣ медиҳад".[2]

Арзёбии ҳақиқати бадеие, ки санъаткор меофарад, коре беш аз ҳад масъулиятталаб аст, он аз ноқиди сухан на танҳо маҳорату истеъдод, балки дониши фаровон, малакаи комил ва махсусан назари васеъ ва бурдбории ҷиддиву ҳиммати баландро тақозо менамояд. Мутаассифона, таърихи адабиёту санъати халқҳои дунё мисолҳои зиёде дорад, ки нисбати баҳои осори санъаткор саҳлангорӣ рӯй додааст, баҳо яктарафа сурат гирифта, яъне, ноқид асареро аз будаш зиёд сафед, ё сиёҳ кардааст.

Сарчашмаи ҳақиқати бадеӣ – ҳақиқати воқеист. Адиб танҳо дар бораи мушкилоти маънавию моддӣ, сиёсию ахлоқии замони худ ва халқу давлати худ асар меофарад. Мутафаккир ва суханшиноси бузурги асри XIII хоҷа Насириддини Тӯсӣ гуфтааст: "*Русуму одотро дар кори шеър мадхале азим аст. Ва ба ин сабаб, ҳарчи дар рӯзгоре, ё наздики қавме, мақбул аст, дар рӯзгори дигар ва қамве дигар, мардуду мансух аст*".

Санъаткор образро дар дилу дидаи худ чо месозад, одамро, масалан, тавре нишон медиҳад, ки худ дидан мехоҳад. Хоҷа Ҳофиз бесабаб нагуфтааст:

[1] *П. Севак*. Поэзия никогда не рождается из мелочей. -- ЛГ, 1972, 9 февраля.
[2] *Қудома ибни Ҷаъфар*. Китобу нақд-уш-шеър. – Лейдан, 1956, с. 4.

Ҳар кас ки дид рӯи ту, бӯсид чашми ман,
Коре ки кард дидаи ман, беназар накард.

Санъаткор, ҳамон ҳайкалтарошест, ки пайкараи одами воқеиро ҳам аз санг (ё гач ё чизе дигар) тибқи салоҳдиди худ метарошад.

Боид дар хотир дошт, ки омӯзиши ҳақиқати воқеӣ, муайян кардани арзиш (ё арзишҳои) ибратангези он, таҳияи сухан дар қолаби созгори асар – корест хеле мушкил ва машаққатталаб. Пурра шудани ҳақиқати бадеӣ ва арзиши баланди тарбиявии он ба туфайли машаққати азими эҷодӣ ҳосил мешавад. Чунончи, устод Айнӣ мегӯяд: "Нависанда боид пухтакор бошад, ҳар саҳифаи асари навиштаашро боид гаштаю баргашта хонад, рӯбардор кунад, на ин ки бо як-ду сухан навиштан хотирҷамъ гардад".[1] Камол Холзода дар бораи нависандагоне, ки бадсухан ҳастанд, оварда: "Шумо гумроҳ будед, ва як умр гумроҳ хоҳед монд [...]. Ин қабил нависандаҳо, ки асарҳояшон пеш аз худашон мурдаанд, гумон мекунанд, ки ҳама мисли худашонанд".[2]

Дарди эҷод

Дарди эҷод аз дарди зодан кам нест, шояд тафовут дар ин бошад, ки *тифл аз магзи устухон берун ояд, асар аз магзи ҷон бадар мешавад.*

Асари бадеӣ, махсусан дурдонаи нодир, ба осонӣ ба дунё намеояд. Ин гуфтаи Бадриддин Ҳилолӣ муболиға надорад:

Ҳар кӣ сухан бар сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.

[1] *Ф. Ниёзӣ.* Саҳифаҳо аз ёддоштҳо дар бораи устод Айнӣ. – Шарқи Сурх, 1964, №4, с. 81.
[2] *Камол Холзода.* Эй халқи ман, эй халқи ман!.. – Адолат, 1992, № 9 (21).

Дмитрий Григорович ба Иван Тургенев ин ҳикматро нисбат додааст: "Ҳангоми навиштан ман дарди зоданро мекашам". Ҳам сахтиву ҳам гувороии дарди эҷод аз он аст, ки он ҳам дарди ҷисмониву ҳам рӯҳонист. Дмитрий Григорович, ки муосири Белинский буд, мегӯяд: "Дурдонаҳои адабӣ на танҳо аз истеъдоди нодир, балки аз меҳнати пурмашаққат низ тавлид меёбанд, - аз чунон меҳнате, ки мо, хокиён, пешаш боэҳтиром сар мефарорем".[1]

Ҳангоме сухан дар бораи **машаққати эҷоди бадеӣ** меравад, ҷараёни кори тахайюл дар назар дошта шудааст. Тавре ки Низомӣ гуфта буд:

Бад-ин дилфиребӣ суханҳои бикр
Ба сахтӣ тавон зодан аз роҳи фикр.
Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,
На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст.

Воқеан ҳам: *сухани бикр гуфтан – ҷон суфтан аст.*

Назар ба ақидаи шоирона Мирзо Сойиб, ки айни ҳақиқат ҳам ҳаст, тасвири баланд ба осонӣ ҳосил намешавад:

Домани фикри баланд осон намеояд ба даст,
Сарв мепечад ба худ, то мисрае мавзун кунад.

"Сарв мепечад ба худ, то мисрае мавзун кунад" – маънии дилпазири бадеӣ!

Дар асл ҳам, асари асили санъат чунин гавҳарест, ки аз ӯҳдаи суфтани он ҳар кас намебарояд; сухани бикр – образи алҳол ногуфтаро, фикр ба сахтӣ мезояд. Асари бадеӣ аз сухан фароҳам меояд, барои офаридани як асар шоир ночор бояд чандин образ тарошад. Ба қавли ҳаким Саноӣ, суханвар барои

[1] *Литературные воспоминания*, -- М.: Худ. лит-ра, 1987, с. 98.

ёфтани як калимаи муносиб машаққате мекашад, ки андозаи онро худи Худо медонаду бас. Нависандаи бузурги рус Л. Толстой гуфта буд: "Бо машаққат кор мекунам. Шумо тасаввур карда наметавонед, ки шудгори амиқи пешакии саҳрое, ки дар он бояд кишт кунам, бароям чи андоза душвор аст. Фикр кардан, ва боз аз нав фикр намудани тамоми он чизҳое, ки дар асари хеле калони таълифшаванда бо одамон рӯй медиҳанд ва бо мақсади якеро интихоб намудан миллионҳо имкониятро дар хаёл пазондан – даҳшатовар душвор аст".[1]

Лоҳутӣ се мисраи як рубоиро мегӯяд, дар мисраи чаҳорум дармемонад – мисраи чаҳорумро баъд аз ҳафт сол пайдо мекунад:

Ман коргарам, коргарӣ дини ман аст,
Дунё Ватан асту заҳмат ойини ман аст.
Гуфтам ба арӯси фатҳ: кобини ту чист?
Гуфт: огаҳии синфи ту кобини ман аст.[2]

Адиби дигари рус Иван Тургенев дар бораи таҷрибаи эҷодии худ гуфтааст: "Дар зиндагӣ, масалан, ба ягон Фекла Андреевна, ё кадом як Петр ё Иванро дучор мешавам ва тасаввур кунед, ки нохостан дар ҳамин Фекла Андреевна, дар ҳамин Петр, дар ҳамин Иван ягон чизи махсусе, ки на дида будаму на шунида, маро ба ҳайрат меоварад. Ман ба вай менигарам, ин одам ба ман таассуроти хосае мебахшад; ба андеша фурӯ меравам; пасон ин Фекла, ин Петру Иван ғайб мезананд, аммо таассуроташон боқӣ мемонад, мепазад. Ман ин одамонро бо одамони дигар муқоиса мекунам, онҳоро ба амалу ҳаракат медарорам, ана мебинед, ки дар ман як оламчаи пурраи махсусе пайдо мешавад".[3] Гуфтаи Анна

[1] *Русские писатели о литературе*, т. 2. – Л., 1939, с. 141.
[2] *Лоҳутӣ*. Куллиёт, ч. 6, с. 241.
[3] *Н.А. Гуляев*. Теория литературы. – М.: Высш. Школа, 1985, с. 70-71.

Аҳмадова: ("ман тамоми шаб бо вичдони ромнашудаи худ гуфтугӯ дорам"), низ гувоҳи ҳамин бедорхобӣ ва дарди эҷод аст, ки ҳосилаш шеъри баланди дилнишин хоҳад буд.

Хабаре аз *ранҷи эҷод*, ки Саноӣ кашидааст:

Чу ман ба раҳи сухан дарун оям,
Хоҳам, ки қасидае биёроям,
Эзид донад, ки ҷони мискинро
То чанд анову ранҷ фармоям.
Сад бор ба қаъри дар шавам, то ман
Аз уҳдаи як сухан бурун оям.

Нависанда ба воситаи тахайюл, тибқи идеали худ, сухан рост мекунад, чизи ёфтаашро метарошаду месояд, каму косташро пур мекунад. Маҳз ба ҳамин маънӣ, ҳаким Низомӣ гуфта буд:

Маро кор бо нағзгуфторӣ аст,
Ҳама кори ман худ ғалаткорӣ аст.
Бале, ҳарчи нобобараш ёфтам,
Зи тамкини ӯ рӯй бартофтам.
Гузораш чунон кардамаш дар замир,
Ки хонандагонро бувад дилпазир.

Қонунияти дохилии кори эҷодиро Низомии бузург равшан ошкор кардааст: ҳар як предмети тасвир ба тасарруфоту тасҳеҳоти зиёде эҳтиёҷ дорад: то даме ки асар барои хонанда *дилпазир* шавад, нависанда тахайюли зиёде бояд ба харҷ диҳад.

Ҳакими бузург боз гуфтааст: *сухан, к-аз дил ояд, бувад дилпазир*. Маънии самимӣ, яъне, он чизе ки нигоранда аз мағзи ҷон ва сӯзиши дил гуфтан хостааст ва дар гуфтанаш заҳмат ҳам кашидааст, дилпазир хоҳад буд.

Фаррухии Систонӣ мегӯяд:

Худой ҳукм чунон карда буд, к-он бутро,
Зи ҷой барканад он шаҳриёри динпарвар.
Бад-он ният, ки ӯро ба Макка барад,
Биканду инак бо мо ҳамебарад амбар.
Чу бут биканд аз он ҷову молу зар бардошт,
Ба дасти хеш ба бутхона дарфиканд озар.
Бараҳманонро чандон, ки дидӣ, сар бубрид.
Бурида беҳ сари он, к-аз худо битобад сар.
Зи хуни кушта, к-аз он буткада ба дарё ронд,
Чу сурхлола шуд обу чу сабзсеб анбар.[1]

Ин ҷо шоистаи таъкид аст, ки ҳар як кори эҷодӣ, ҳатто мутолиоти он риёзатҳои беандоза дорад. Чунончи, Абӯрайҳони Берунӣ дар бораи Закариёи Розӣ гуфтааст: "Ӯ пайваста ба дарсу баҳс машғул буд. Ва аз фарти дӯстӣ ба илм чароғи худро дар чароғдоне бар рӯи девор мениҳод ва китобашро бар девор такя медод ва ба хондан мепардохт, то агар хоб ӯро даррабояд, китоб аз дасташ бияфтад, ӯ бедор шаваду мутолиаи худро идома диҳад".

Суръат ва сифати кори тахайюл яксон нест. Ин масъала ба истеъдод, маҳорат, дониш ва махсусан ба дараҷаи меҳнатдӯстии нависанда хеле вобаста аст. Ду мисол аз эҷодиёти устод Лоҳутӣ. Вай қасидаи "Кремл"-ро дар як нишастан таълиф карда, мувофиқи шаҳодати худаш, баъд ба он гӯё ягон калима ҳам илова накардааст, ягон калима аз он кам ҳам накардааст. Аммо худи ҳамин шоир, ки дар қудрати суханофаринии ӯ касе шубҳа карда наметавонад, як рубоиро ҳафт сол (!) навиштааст. Аниқтараш, дар ҷавоби як рубоии Умари Хайём рубоие гуфтан мехоҳад, ки муроди ғоявӣ дар

[1] *Фаррухӣ*. Девон, 1335, с. 81.

қофияи мисраи чорум бояд ояд, аммо он калима ба осонӣ ёфт намешавад. Шоир бисёр меҷӯяд, ҳатто аз дигарон мепурсад, ниҳоят баъди ҳафт сол бо калимаи дилхоҳ дучор мешавад, ки он калимаи "*огаҳӣ*" буд.[1]

Ҳодисаи дар як нишастан навишта шудани "Кремл" ягон қонуни фавқулодда ва хилофи тартиботи муқаррарии эҷоди бадеӣ ҳам нест. Устод Лоҳутӣ барои мавзую мазмун ва ғояи "Кремл" пешакӣ тайёр буд. Омодагии пешакии ӯ ду манбаъ дошт: яке қасидаи машҳури "Хароботи Мадоин"-и Хоқонӣ ва дигаре мушоҳидаи таърихи зинда: яъне, қасри шоҳона бунёд кардани аҳли ҳунару меҳнат, вале зиндагии хору залили онҳо, аз як тараф, айшу ишрати шоҳон, аз тарафи дигар. Ин ду санад Лоҳутии додҳохро сахт ба изтироб оварда буд. Дидани Кремл манбаи севум шуд ва маҳз он ҳадди ниҳоии таассуроти қалбии шоири инқилобиро ташкил дод. Чунон ки мегӯянд, коса ба лабрез наздик буд, бо қатрае дигар лабрез шуд.

Тахайюли нависандаи ҳақиқӣ бо офариниши образу таълифи асари бадеӣ қонеъ намешавад. Вай ҳатто баъди мақбули хонанда ва мутахассисон шудани асар ҳам дар пайи такмилу таҳрири он мешавад. Мисолҳои зиёде тақрибан аз эҷодиёти ҳамаи адибони бузург овардан мумкин аст, ки ба асари кайҳо интишорёфтаашон ислоҳу иловаҳо даровардаанд. Гоҳе муаллифи роману достони эпопея ҳам дар сари иборае, ҳатто калимае фикри зиёд карда, ниҳоят онро дигар мекунад, ҳол он ки ҳамон варианти пешинаи калима ё ибораро ҳам хуш қабул карда буданд.

Ҳеҷ як қаламкаши санъаткор аз асари худ қонеъ намешаваду сари ҳар як ҷузъи он гаштаю баргашта андеша меронад. Мегӯянд, ки Балзак ба корректураи якуми асараш он қадар тасҳеҳот ворид кардааст, ки асарро пурра аз нав чидаанд. Ӯ бо ин ҳам қаноат накарда, корректураҳои дувуму севумро низ таҳрир

[1]Ниг.: *Куллиёт*, ҷ. 6, с. 241-242.

мекардааст. Гоҳе чунин ҳам шудааст, ки ба Бальзак танҳо чаҳоряки ҳаққи қаламаш расидаасту халос (нархи ислоҳи корректура бағоят гарон будааст).

Дараҷаи истифодаи тахайюл ба метод, мавзуъ ва завқи эстетикии муаллиф вобастагӣ дорад. Ҳангоми офариниши образҳои романтикӣ тахайюли нависанда истиқлоли нисбатан зиёд дорад, аммо дар таълифи асарҳои реалистӣ дараҷаи истиқлол маҳдуд аст. Чунин тафовутро дар мавзуъҳои гуногун ҳам дидан мумкин аст, зеро ҳангоми эҷоди образи бадеии шахсони таърихӣ нависанда мухтор нест, аммо дар образҳои "озод" истиқлол дорад. Чунончи, С. Улуғзода дар номи Восеъ, номи наздиконаш, замону макон, ҷаҳонбинӣ ва амсоли инҳо чизеро дигар накардааст, аммо устод Айнӣ ба қаҳрамони романи "Дохунда" номи Ёдгор, баъдтар лақаби "Дохунда"-ро ҳам худаш додааст. Ҳамин навъ номи персонажҳои зиёди дигари ин асар, ҷои амалиёти онҳо ва ғ., ҳама натиҷаи тахайюли нависанда мебошанд.

Санъаткор бидуни завқи хосаи худ эҷод карда наметавонад. Вобаста ба махсусияти завқи адибон тахайюл ҳам ба дараҷаи гуногун истифода мешавад. Чунончи, дар асарҳои Муъмин Қаноат назар ба шеъру достонҳои Ғаффор Мирзо, дар эҷодиёти шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев нисбат ба таълифоти Юсуф Акобиров пояи тахайюл баландтар, ҳосили он фаровонтар ба назар мерасад.

Дар бораи машаққати кори эҷодӣ тақрибан ҳамаи санъаткорони бузург изҳори ақида кардаанд. Се байти ҳаким Саноӣ:

Чун ман ба раҳи сухан фароз оям,
Хоҳам, ки қасидае биёроям,
Эзид донад, ки ҷони мискинро
То чанд анову ранҷ фармоям.
Сад бор ба уқда – дар шавам, то ман
Аз уҳдаи як сухан бурун оям.

Ҳаким Низомӣ меҳнати пайвастаро маслиҳат додааст:

Ғофил будан на зи фарзонагист,
Ғофилӣ аз ҷумлаи девонагист.
Ғофил маншин, варақе мехарош,
Гар нанависӣ, қаламе метарош.
Сар макаш аз сӯҳбати соҳибдилон
Даст мадор аз камари муқбилон!
Хор, ки ҳамсӯҳбатии гул кунад,
Ғолия дар домани сунбул кунад.

Алии Деҳбошӣ мегӯяд: "Роҳи навиштану ҳунар поённопазир аст. То лаби гӯр ҳам, ки меравем, ҳанӯз муҷтадӣ ҳастем [...]. Ҳеҷ аҳли ҳунаре набояд қонеъ бошад. Рӯзе ки қонеъ шуд ва гуфт: "ҳунармандам" – он рӯз охири ҳунараш аст".[1]

Ба гуфтаи устод Айнӣ, "шоир бояд дар кор кардан ба болои шеър вақтро дареғ надорад, то метавонад димоғро кор фармояд, дар вақти хоб, дар вақти хӯрок, дар нишаст, дар бархост ҳамеша дар пайи ёфтани он калима, ё он мисраъ бошад, ки шеърашро хубтар мекунад".[2]

Ин гуфтаи устод на танҳо ба шеър, балки кулли осори бадеию илмӣ, ҳатто навиштаҳои одӣ ҳам дахл дорад.

ПЕРСОНАЖ, ТИП, ХАРАКТЕР

Персонаж. Иштироккунандаи асари бадеӣ агар инсон бошад, онро *персонаж* ё худ *иштироккунанда* мегӯянд.

Персонажҳо мувофиқи дараҷаи иштирокашон дар асари бадеӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

[1] *Фарҳанг таассубро намепазирад.* Сӯҳбати Алӣ Деҳбошӣ бо Муҳиддин Олимпур. – Адабиёт ва санъат, 23 январи соли 1992.
[2] *С. Айнӣ.* Мукотибаи Садриддин Айнӣ бо адибони тоҷик. – Шарқи Сурх, 1956, № 4, с. 100.

1) асосӣ, ё худ марказӣ,
2) дувумдараҷа,
3) лаҳзавӣ.

Персонажҳои асосӣ (марказӣ) – онҳоеанд, ки дар саросари воқеаҳои асари бадеӣ ва ё қисми зиёди онҳо иштирок менамоянд, воситаи асосии ҳалли зиддият ва танзими сужа мешаванд, дорои характеру портрет мебошанд.

Дараҷаи иштироки персонажи марказӣ дар воқьеа ва сужа ба жанри асар, замони воқеаҳо ва доираи сужа вобаста аст. Чунончи, дар роману достонҳои муҳташам имкон дорад, ки персонажҳои марказӣ дар ҳамаи воқе

аҳо иштирок накунанд (масалан, "Шоҳнома", "Ғуломон"), аммо дар ҳикоя, дар саросари сужа иштирок хоҳанд кард. Ҳамчунин, асарҳое мешаванд, ки доираи васеи сужа доранд ва он дар замони нисбатан дароз тӯл мекашад, дар ин сурат низ, ҷои як гурӯҳи персонажҳои марказиро гурӯҳи дигар ишғол менамояд.

Дараҷаи характери персонажи марказӣ ҳам ба жанри асар ва доираи сужаву воқеа вобаста аст, яъне, агар жанри асар муҳташам бошад, нависанда характери пурра меофарад, раванди ташаккул ва заминаҳои онро нишон медиҳад, вале агар жанри асар хурд бошад, адиб бо тасвири нуктаҳои асосии персонаж қаноат мекунад.

Нависанда мувофиқи имкониятҳои жанру сужаи асар, симои персонажи марказии худро нишон медиҳад.

Персонажҳои дувумдараҷа *– онҳое мебошанд, ки дар як қисми воқеаҳо ва сужаи асар ҳузур пайдо карда, барои ташаккули характери персонажҳои марказӣ, барои ҳалли зиддият, ба равиши воқеа кӯмак мерасонанд ва то дараҷае характери худро ҳам зоҳир мекунанд.* Дараҷаи иштироки ин персонаж дар асар вобаста аст ба персонажи марказӣ, яъне, баробари эҳтиёҷоти вай пайдо мешавад ва ҳангоми барҳам хӯрдани эҳтиёҷ аз миён

меравад. Чунончи, падари Бозор (аз романи "Дохунда"), падару модари Пӯлоду Гулрӯ (аз романи "Одамони ҷовид") барои камолоти фарзандони худ, ки персонажҳои асосианд, лозим шудаанд.

Масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, портрет ва характери ин тоифаи персонажҳо низ ба иштироккунандагони марказии асар, ҳаҷму ҳудуди сужаву зиддиятҳои он вобастагӣ дорад.

Персонажҳои лаҳзавӣ *– онҳоеанд, ки лаҳзае пайдо шуда, дар ҳалли гиреҳе, чунончи гиреҳи зиддият, ё сужа, ё гардиши характери персонажи марказӣ кӯмаке мекунанду нопадид мешаванд.*

Имконияти ин тоифаи персонажҳо барои нишон додани портрету характер маҳдуд аст. Ба ин масъалаҳо нависанда танҳо баробари бардошти персонажҳои марказӣ ё ҳалли сужа ва ё равиши зиддият эътибор медиҳаду бас. Чунончи, Дохунда бо душманони зиёде рӯбарӯ мешавад, зулму тааддии бисёре дида, чун як муборизи адолатхоҳ ба камол мерасад. Дар ҳамин лаҳза вай ба як такондиҳандаи ҷиддие эҳтиёҷ дорад, то ки аз қудрати болшевикӣ огоҳӣ ёбад ва бо ҳамин ҷаҳонбиниаш вусъат пайдо кунад. Бо ҳамин ният, ки бо ҷаҳонбинию хислати Ёдгор алоқа дорад, нависанда ӯро дар зиндон ба Абдуллохоҷа дучор мекунонад. Абдуллохоҷа, ки ба зиндону шиканҷаи амирӣ мубтало шуданаш як ҳодисаи табиии типӣ буд, чашми Дохундаро тамоман во мекунаду худ аз миён меравад. Нобуд карда шудани Абдуллохоҷа ҳам ҳодисаи типӣ буд, ҳам Дохундаро тамоман ҳушёр кард.

Персонажҳои дувумдараҷа ва лаҳзавиро *персонажҳои ёридиҳанда* ҳам мегӯянд. Ба ин маънӣ, ки мақоми онҳо ҳам дар такмили образу характери персонажҳои марказӣ, ҳам дар созмони сужаву ҳалли зиддият, бандубасти асари бадеӣ ва ғ. хеле калон мебошад. Ифодаҳои "дувумдараҷа" ва "севумдараҷа" аслан ба маънии беқадрию камаҳамиятии ин персонажҳо набуда, балки ба маънии мавқеи ишғолкардаи

онҳо дар системаи умумии персонажҳо мебошад. Мавқеи персонажҳои ёварро аз ҳамин чиз ҳам равшан тасаввур кардан мумкин аст, ки *бидуни онҳо образи персонажҳои асосӣ комил шуда наметавонад.*

Персонажҳо аз рӯи моҳияти худ асосан ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) мусбат,
2) манфӣ.

Персонажҳои мусбат *– онҳое мебошанд, ки идеалҳои пешқадами нависандаро ифода карда, барои ҳақиқат, адолати иҷтимоӣ, беҳбудии ҳаёти ҷомеа ва гояҳои дигари нек муборизa мебаранд, ба хонанда ахлоқи ҳамида ва равиши неки кору зиндагиро меомӯзанд.* Нависанда бидуни персонажҳои мусбат асар (ба истиснои асарҳои ҳаҷвӣ) офарида наметавонад. Ин персонажҳо ғайр аз марказӣ, боз дувумдараҷа ва лаҳзавӣ шуда метавонанд.

Персонажҳои мусбат аҳамияти бағоят бузурги тарбиявӣ доранд. Хонандагон, махсусан наврасон, аз корнома ва одоби қаҳрамонон мутаассир мешаванд. Ба персонажҳои марказии "Обутоб ёфтани пӯлод"-и Н.А. Островский, "Гвардияи ҷавон"-и А.А. Фадеев, "Василий Теркин"-и А.Т. Твардовский ҳазорон ҷавон пайравӣ намуда, аз худ қаҳрамонию олиҳиммативӣ зоҳир намудаанд.

Персонажҳои манфӣ *– онҳоеанд, ки идеали нависандаро бевосита ифода намекунанд, ба муқобили персонажҳои мусбат муборизa мебаранд, рафтору фикру зикрашон ба вайронкорӣ, бадию бадахлоқӣ, хиёнат ва дигар кирдорҳои зишт нигаронида шудаанд.* Инҳо бештар персонажҳои дувумдараҷаи лаҳзавӣ мешаванд.

Дар мавҷудияти асари бадеӣ персонажҳои манфӣ аҳамияти калон доранд, зеро бидуни онҳо воқеа ба амал намеояд, зиддият пайдо намешавад; рушд намекунад; бе воқеа ва зиддият образи персонажи марказӣ ҳам офарида намешавад.

Персонажҳои манфӣ аҳамияти тарбиявӣ ҳам доранд, чунки хонанда шикасти ногузири чунин персонажҳоро мебинаду мекӯшад, ки аз рафтору андешаи онҳо иҷтиноб карда, тарафи персонажҳои мусбатро гирад. Худи ҳамин чиз боиси *худтакмилдиҳии хонанда*, омили ботинан пеш рафтани худи вай мегардад. Ин ҳикмат беҳуда ба миён наомадааст: "Луқмони Ҳакимро пурсиданд:

– Адаб аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт:

– Аз беадабон".

Дар масъалаи таснифоти персонаж аз рӯи моҳияташон гурӯҳи севумро ҳам зикр кардан лозим аст, ки онҳоро персонажҳои *мураккаб* ё *калаванда* мегӯянд. Дар зиндагӣ одамоне пайдо мешаванд, ки мавқеи устувор надоранд, дар чорроҳа мондаанд, гоҳе ба пеш мераванд, гоҳ ба ақиб нигоҳ мекунанд. Типи ҳамин навъ одамон дар асарҳои бадеӣ ҳам гоҳе инъикос меёбанд. Масалан, Муҳаррами Ғарч аз романи Ҷалол Икромӣ "Духтари оташ". Ин зани ҷасуру бебок, вале бадбахт ҳам барои душманон хизмат мекунад, ҳам барои дӯстон, аз рӯи мақоли халқӣ "ҳам ба пошна мезанад, ҳам ба наъл".

Тип

Мафҳуми "тип" (калимаи юнонии *типос* – "намуна") дар болотар, ҳангоми таҳлили умумияти заминаи образи бадеӣ аз назар гузашт. Ин ҷо бояд зикр кард, ки ин истилоҳ дар алоҳидагӣ дар қатори образу характер, масалан, чун ифодаи "типҳои барҷастаи бадеӣ" истифода мешавад.

Гоҳе нависанда тамоми феълу хӯй, хислату характери як синф ё табақаи комили иҷтимоӣ ва ё ягон тоифаи маълуми ҷомеаро дар шахси як персонаж хеле моҳирона ва бакуллӣ инъикос менамояд, ки дар натиҷа ин образ то ба дараҷаи намунаи барҷастаи ҳамон синф ва ё тоифа мерасад. Масалан, Қорӣ Ишкамбаи устод Айнӣ тамоми нишонаҳои зоҳирию ботинии

судхӯрони аморати Бухороро дар давраи конкрети таърих – инқирози феодализм ва таназзули ҳукумати манғитҳо хеле мукаммал дар шахси худ ҷамъ намудааст. Ё худ, Ҷалол Икромӣ тавассути образи Дилором-каниз хислатҳои хосаи модарони заҳматкаши тоҷикро, аз қабили бурдборӣ, покизакорӣ, ҳунармандӣ, соҳибдилӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғ., эътимодбахш нишон дода тавонистааст.

А.М. Горкий дар хусуси роҳи офариниши образҳои типӣ хуб мегӯяд, ки "агар нависанда танҳо як дӯкондори шиноси худ, фақат як амалдор, як коргарро тасвир кунад, фотографияи маҳз як шахс ҳосил мешавад... вале агар нависанда 20, 50, 100 дӯкондор, амалдор ва коргарро дида, аз ҳар кадоми онҳо муҳимтарин вежагиҳояшон, хусусиятҳои синфиашон, одатҳояшон, табъу завқашон, дастҷунбониашон, ақидаҳои мазҳабиашон, тарзи гуфторашон ва ғайраро ҷудо карда гираду дар шахси як дӯкондор, амалдор, коргар ҷамъ кунад – бо ин усул нависанда тип месозад ва ин санъат хоҳад буд". Албатта, суханони А.М. Горкийро ҳарфоҳарф не, балки васеъ бояд фаҳмид.

Тип ба моҳияти персонаж, яъне, мусбату манфӣ будани вай вобаста нест. Дар адабиёт ҳам типҳои машҳури мусбат ҳастанд, ҳам типҳои барҷастаи манфӣ.

Аз ҷумлаи типҳои барҷастаи бадей, ки адибони тоҷик офаридаанд, образи падар (аз "Ёддоштҳои"-и устод Айнӣ), Эсанпай (аз "Шӯроб"-и Раҳим Ҷалил), акаи Барака (аз повести "Шоҳии япон"-и Фазлиддин Муҳаммадиев), Иван-амак (аз романи "Палатаи кунҷакӣ"-и ҳамин нависанда), Ҳасан (аз "Ҳасани аробакаш"-и М. Турсунзода), Фотимабону (аз романи "Фирдавсӣ"-и устод Улуғзода) ҳисоб ёфта метавонанд.

Офаридани типҳои барҷастаи бадей ба ҳар нависанда муяссар намешавад, он аз адиб **дониши мукаммал** оид ба предмети тасвир, тавони қаламронӣ, муҳаббати самимона ва **бурдбории** бепоёнро дар ранҷи фикрӣ талаб менамояд.

Қаҳрамон

Одатан, дар адабиётшиносии ҳозира персонажи марказии асари бадеиро, сарфи назар аз чигунагии моҳияташ, *қаҳрамон* мегӯянд. Масалан, дар қатори Ҳасан, Дохунда, Дилором-каниз ... *Корӣ Ишкамба низ қаҳрамон унвон шуда метавонад*. Дар ин сурат миёни маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии калимаи мазкур ихтилоф пайдо мешавад. Дуруст аст, ки ҳангоми чун истилоҳ қарор гирифтани ин ё он калима маънии истилоҳии он аз маънии луғавиаш як андоза дур меравад, вале агар ихтилофи куллӣ миёни ин ду фаҳмиш пайдо шавад, истилоҳ шудани он калима душвор мегардад. Бинобар ин, истилоҳи "қаҳрамон"-ро танҳо ба персонажҳои мусбат мансуб донистан дуруст менамояд. Дар мавриди персонажҳои манфӣ бошад, русҳо гоҳе *антигерой*-ро ба кор мебаранд, ки муродифи тоҷикиаш алҳол ба майдон наомадааст.[1] Баъзан ифодаи қаҳрамони манфӣ ҳам кор фармуда мешавад, ки бебарор аст, зеро қаҳрамон (шахсе, ки бар нафъи ҳақиқату адолат ва ҷомеа корнамоӣ мекунад) чӣ гуна манфӣ мешавад? Шояд дертар чизе аз қиёси "заҳр" ва "позаҳр", "обод" ва "нообод", "ҳаммол" ва "ноҳаммол" пайдо шуда, маълум гардад, аммо ҳоло вайро чун "персонажи марказии манфӣ" кор фармудан лозим меояд.

Персонажҳои мусбати марказии асар, бешубҳа, *қаҳрамон* ҳисоб меёбанд. Аммо гоҳе персонажҳои ёварро низ "қаҳрамон" номидан мумкин аст аст, ба шарте ки персонаж дар рушду такомули қаҳрамони асар, хуруҷи воқеа ва ҳалли зиддият таъсири бузурге дошта бошад. Чунончи, Абдуллохоҷа "қаҳрамон" ҳисоб шавад, сазовор менамояд.

Носири Хусрав мегӯяд:

Чӣ ёфтӣ, ки бад-он бар ҷаҳону ҷонварон
Чунин мусаллату солору қаҳрамон шудай?!

[1] Метавон калимаи "дужкор"-ро истифода бурд, ба мисли "дуждин"-и авастой. (Муҳаррир, Зиё Абдулло).

Образҳои ҷовид

Мафҳуми "образ" гоҳе ба ҷои "персонаж" ҳам истифода мешавад.

Дар адабиёти халқҳои олам образҳое дучор мешаванд, ки бинобар вусъати моҳияти худ дар бисёр асарҳои бадеӣ такрор меёбанд, аз насле ба насле гузашта, умри абад пайдо мекунанд. Образҳои Ҳотами Той, Рустам, Маҷнун, Лайлӣ, Фарҳод, Ширин, Юсуф, Зулайхо ва ғ. аз ҷумлаи образҳои ҷовиди адабиёт ба шумор мераванд. Мавлавии Балхӣ ғазале дорад, ки се абёти поёнӣ ин аст:

Дӣ Шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.
З-ин ҳамраҳони суст-аносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.
Гуфтанд: ёфт менашавад, ҷустаем мо.
Гуфт: он ки ёфт менашавад, онам орзуст.

Бояд донист, ки образи ҷовидро устодони сухан меофаранд, он маҳсули як нафар адиб нест, ҳар адибе аз ҳар даврае ба он чизе зам менамояд, ва ҳамин навъ тадричан *образи ҷомеи муҳташам* ба вуҷуд меояд. Дар назари аввал Рустами Достон зодаи табъи Абулқосими Фирдавсист. Дар асл, ин шахс ҳамчун қаҳрамон ҳам дар адабиёт, ҳам дар санъати тасвирӣ, ҳам дар фолклори аҷдоди мо ҳанӯз то Фирдавсӣ вуҷуд дошт. Фирдавсӣ дар заминаи воқеаҳои сершумори мушаххаси бадеӣ ин образро такмил дод, идеали мавҷудаи қаҳрамонро муназзаму яклахт ва муҳташам ҷилвагар кард.

Бисёре аз образҳои ҷовид **заминаи воқеӣ** доранд, чунон ки Искандари Мақдунӣ (ё "Искандари Зулқарнайн"), Ҳотами Той, Қайси Маҷнун, Хусрави Парвиз ва ғ. Лекин *адибони суханофарин корҳое кардаанд, ки аз ин шахсони таърихӣ танҳо ном ва ё ному макон боқӣ мондааст бас,* дар аксари кулли мавридҳо рафтору кирдор, завқу ҷаҳонбинӣ, муҳити зиндагӣ ва амалиёти одамони

воқеии пешгузашта ***мувофиқи идеал ва ҷаҳонбинии санъаткорон дигар карда шудаанд***. Аз Искандари лашкаркаш, ки яке аз садҳо харобакориҳояш Тахти Ҷамшед аст, дар адабиёти мо шахсияти мусбат ба қалам омадааст.

Дар масъалаи образҳои ҷовид баҳсе ҳам ҳаст, ки оё персонажҳои манфӣ низ ҷовидон мемонанд? Одатан, ба ин савол ҷавоби манфӣ дода мешавад. Вале агар дурусттар андеша кунем, оё инсоният метавонад, ки замоне номи одамони харобиоварро – аз қабили Чингиз, Темурланг, Гитлер ва ғ. – фаромӯш кунад? Гумон аст. **Бақои инсоният дар хотираи вай аст**. Дар хотира бошад, ҳама – ҳам шахси бағоят накӯкор, ҳам шахси беҳад зишткор ҷои худро дорад.

Адабиёти тоҷик оид ба ҳамин баҳс маводи бисёре дорад: дар тамоми давраҳои адабиёти асримиёнагӣ, дар шумори образҳои мусбати ҷовид, образҳои манфии гузаро ҳам ба мисли Заҳҳок, Ҳаҷҷоҷ, Намруд – такрор батакрор истифода шудаанд. Ин персонажҳоро ҳоло ҳам дучор шудан мумкин аст. Ҳатто яке аз асарҳои устод Айнӣ номи "Чингизи асри бист"-ро дорад.

Образҳои ҷовиде ҳастанд, ки аз ҳудуди тамаддуни як халқ баромада ба маданияти халқҳои дигар ҳам дохил мешаванд. Масалан, образҳои Рустам, Лайлию Маҷнун, Фарҳоду Ширин ва ғ. дар адабиёти халқҳои дигари Машриқзамин ҳам вомехӯранд.

Кори ҳунарманд тасаввур кардану тасаввурҳои дилхоҳу хаёлии худро бастан аст. Ин маъниро худи шоирон ҳам ишора кардаанд. Чунончи, шайх Камол мегӯяд:

Дӯш аз гами ӯ шикаста будам,
Бо зулфи каҷаш нишаста будам.
Пайванд ба он таноб карда,
Аз ришгаи ҷон гусаста будам.
Дасти ману зулфи ёр, ҳошо,
Бар хеш дурӯғ баста будам...

Камол дар робита бо дилбар "хаёл"-ро борҳо ба кор бурдааст, чунончи:

Камол, он зулф дол асту хаёл аст,
Чунон доле ба ангуштон кашидан.

Байте аз Раҳмат Назрӣ:

Ҳамчу як тухми зари Симург боз
Офтобе бар сари санге шикаст.

("Сӯгворӣ")

Характер Одамон дар зиндагӣ аз ҳамдигар на танҳо дар сурат ва қадду қомат, балки дар хислат, завқ, дониш, ҳаракат, тарзи гуфтору рафтор ва дигар одатҳо низ фарқ мекунанд. *Нависанда барои конкретияту умумияти образи персонажи худ маҷмуи хислатҳо, рафтору кирдор, гуфтор, завқ, ҷаҳонбинӣ ва тарафҳои дигари вайро тасвир мекунад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ* ***характерро*** *ташкил медиҳанд.*

Чигунагии одам, ҷаҳонбинии вай пеш аз ҳама дар амалиёт, дар муносибат бо дигарон, бо муҳити зист ошкор мегардад, бинобар ин, **амалу муносибат ва гуфтори персонаж** муҳимтарин воситаҳои характери вай ҳисоб меёбанд.

Характери персонаж таваккалан офарида намешавад, усули "ҳар чи пеш омад, хуш омад" ин ҷо кор намедиҳад. Адиб мувофиқи мавзуи интихобкардааш идеалҳои персонажи худро муайян менамояд, яъне, дар ниҳоди образ як нуқтаи муҳимеро гузошта, тамоми ҷиҳатҳои дигарро мутобиқи талаботи ҳамон нуқтаи марказӣ таҳия месозад. Чунончи, хислати асосии образи Қорӣ-Ишкамба **муфтхӯрӣ** аст; муфтхӯрӣ **бо хасисӣ ва судхӯрӣ** пайваст мешавад. Ин ҷиҳатҳои шахсияти персонаж аз нависанда тақозо карда, ки

ӯро чун **бевиҷдон, беномус, мардумфиреб, маккор, чоплус** нишон диҳад. Тамоми амалиёти ин шахс, ҳаракатҳои одатӣ, гуфтор, фикру зикри вай ба хислатҳои мазкур тобеъ шудаанд.

Характери адабӣ дар он сурат қурбе пайдо мекунаду эътимодбахш мешавад, ки агар нависанда онро чун натиҷаи қонуният ва шароити сохти ҷомеаи конкрет нишон дода тавонад. Одам дар муҳити муайян парвариш меёбад ва аз тариқи қонунияти сохти иҷтимоӣ равшан мегардад. Чунончи, Фазлиддин Муҳаммадиев тавассути образи Ивон-амак характери коргарони русро, ки ба инқилоби тоҷикон кӯмаки бародарона кардаанд, типӣ нишон дода тавонистааст. Характери акаи Барака бошад, намунаи барҷастаи коргари одии тоҷик аст, ки дар муҳити таърихи солҳои 50-60-уми асри XX, дар партави тамоми анъанаҳои неки миллӣ зуҳур кардааст. Дақиқназарии ин нависандаи шодравон ва ҷасорати ибратангези вай дар офариниши характери писари акаи Барака ҳам натиҷаи мусбат додаанд. Ин муҳандиси кордону хушқобилият хидмати шоистае ҳам ба худ, ҳам ба наздиконаш, ҳам ба ҷамъият карда метавонад, аммо баъзе тартибот садди истеъдоду ғайрати ӯ мешаванд, ки дар натиҷа вай ба тарафе номатлуб раҳ меҷӯяд.

Масъалаи характер се чизро дарбар мегирад:

1) *таркиби* характер,
2) *раванди ташаккули* характер,
3) *заминаҳои чигунагии* характер.

Ба ***таркиби характер***, ҳамон навъе ки дар боло гуфта шуд, унсурҳои зиёде, ҳамчун феълу атвор, шишту хез, муомилаю муносибат, одату дунёшиносӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Дар маркази ҳайъати характер ***ҷаҳонбинӣ*** меистад, тамоми риштаҳоро нависанда маҳз аз он мекашад ва бо унсурҳои дигар мепайвандад.

Характер модарзодӣ нест, он ташаккул меёбад, дар ин сурат вай ҳатман ***раванди ташаккул*** дорад. Унсурҳои характер лаҳза-

лаҳза инкишоф меёбанд ва бо мурури замон инсон соҳиби характери муайян мешавад. Вазифаи нависанда, махсусан адиби ҳамосасаро, хоса суханвари реалист иборат аз ин аст, ки характери қаҳрамони худро дар тағйироту такомулоти тадричӣ нишон дода, тараққиёти муназзам ва ё инқирози мантиқии вайро эътимодбахш ҷилвагар сохта тавонад.

Табиист, ки инкишофи характер худ аз худ рӯй намедиҳад, ҳар як характер *заминаи* худро дорад. Заминаҳои чигунагии характер ду навъ мешаванд:

1) *объективӣ,*
2) *субъективӣ.*

Ба заминаҳои объективии характер чигунагии сохти ҷомеа, баромади иҷтимоӣ, мафкураи ҷамъиятӣ, анъанаҳои таърихӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд, ки инсон дар муҳити онҳо парвариш меёбад. Одам заминаҳои мазкурро якбора тағйир дода ва ба тарзи дилхоҳи худ аз нав сохта наметавонад, баръакс, хоҳу нохоҳ зери таъсири онҳо мемонад.

Нависанда ҳангоми офариниши характери персонажҳои худ омилҳои объективиро бояд ҷиддан ба эътибор гирад.

Адиби таърихнигор Дмитрий Балашов[1] дар мусоҳибааш бо Людмила Антипова гуфтааст, ки сабабгори матонати характери миллии халқи рус сахтии табиати иқлими ҷуғрофӣ мебошад, зеро одам агар дар муддати муайяни кӯтоҳ зироаташро коридаву парвардаву ғундошта нагирад, яқинан нобуд мешавад. Аз ҳамин қиёс, метавон гуфт, ки боиси саховату ҳиммати баланд, аз як тараф, як дараҷа коҳилие дар табиати мардуми мо, аз тарафи дигар, шояд маҳз саховати табиати кишвари мо бошад.

Заминаҳои субъективии ташаккули характерро таҳсил, мутолиа, касбу кор, фаъолияти бевоситаи меҳнатии худи одам ташкил медиҳанд. Одам қудрате дорад, ки омилҳои мазкурро тағйир диҳад, аз онҳо пурсамар истифода кунад. Ин қудрат аз

[1] «*Литературная Газета*", 1987, 7 октябр.

ғайрат, саъю кӯшиши шахсӣ ва меҳнати бурдборона ҳосил мешавад. Ҳамчунин, имкон дорад, ки одам бинобар беҳавсалагӣ, заминаҳои субъективии характери худро тағйир дода натавонад, аз онҳо пурсамар фоида набарад, балки гирифтори қайду шарти онҳо монад.

Ба омилҳои субъективии чигунагии характер эътибори махсус додани нависанда аҳамияти бузурги тарбиявиро дорост, зеро хонанда аз вай фаъолиятмандӣ, ҳамеша кӯшо ва ҷӯё буданро меомӯзад. Бояд гуфт, ки тавоноии характерҳои барҷастаи адабӣ дар ҳамин ҷабҳа намудор мегардад.

Мафҳумҳои ***характер*** ва ***образ*** бо ҳамдигар наздиканд, баъзе ҳатто як чиз меҳисобанд. Аммо истилоҳоти мазкур категорияҳои мустақиланд, зеро доираи ***образ*** нисбатан васеъ буда, он худи характерро ҳам фаро мегирад ва назар ба гуфтаи *Л.И.* Тимофеев, *характер ҷавҳари образи бадей* мебошад.

Тасвирҳои шоирона

Кайковус насиҳате дорад: "Ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе саноату таркибе шеър магӯй, ки шеъри рост ноҳуш бувад. Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад ва ғулғула бояд, ки бувад андар шеър ва андар захмаву андар савт, то мардумро хуш ояд ва ё саноате ба расми шуаро чун: муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобеҳ ва мустаор ва мукаррар ва мураддаф ва муздавиҷ ва мувозана ва музмар ва мусалсал ва мусаҷҷаъ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зуқофиятан ва рақаз ва мақлуб ва монанди ин".[1] Воҷиб аст, ки ба ибораи шеъри рост эътибор дода шавад. Гумоне меравад, ки ин ҷо (ва баъзе ёдгориҳои замони гузашта) калимаи ***рост*** на ба маънии хилофи "кизбу дурӯғ", балки ба маънии "бевосита", "айнан", "бидуни тағйиру тасҳеҳ" омадааст...

Образ, ҳамон навъе ки маълум аст, маънии васеъ дораду маънии маҳдуд. Агар маънии маҳдуди истилоҳи мазкур

[1] *Унсурулмаолии Кайковус*. Қобуснома. – Душанбе: Маориф, 1979, с. 130.

персонажҳои дорои характерро ифода кунад, ба маънии васеъи он кулли тасвири бадеӣ, аз ҷумла, тасвирҳои шоирона ҳам дохил мешаванд.

Образҳо (ё тасвирҳо)-и шоирона *– он калимаю ибора ва ё тарзи ифодае мебошанд, ки ягон ҷузъи воқеиятро барҷастаю аён ва муассиру хотирнишин инъикос намудаанд. Инҳоро гоҳе образҳои минётурӣ ва образпораҳо ҳам мегӯянд.*

Образҳои шоирона бар асоси ҷузъи ҳастӣ сохта мешаванд. Аёният ва муассирию хотирнишинӣ – муҳимтарин нишонаҳои тасвирҳои шоирона ба ҳисоб мераванд. Чунончи, вақте касе гӯяд, ки "гурусна шудаму хӯрданӣ надорам", сухани вай чун хабар мерасаду дар хотир намешинад, вале агар вай гӯяд: *хумори дӯгро ба маҳтоб мешиканам*, ин маънӣ фавран дарк мешавад, ва дар хотир нақш мебандад. Мисоли дигар: "фалонӣ сухандон аст" – ҷумлаи муқаррарист, вале *фалонӣ ба гап ҷома мепӯшонад* – суханест образнок. Равшан аст, ки матлаб дар мавриди дувум ҳам нишонрас мебошаду ҳам зеҳннишин. Мисоли дигар:

Биҳандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.

Агар маънии ин байт аз либоси бадеиаш хориҷ карда, яъне, аз образ бароварда шавад, сухани муқаррарии "лола бишкуфаду борон борад" мешаваду халос. Азбаски сухани муқаррарӣ он асари дилхоҳеро, ки сухани бадеӣ молик мебошад, надорад, суханвар мекӯшад, то матлабаш ба **тариқи бадеӣ** баён шавад.

Аз ин ҷо сирри мафҳуми "образ" ошкортар мешавад, яъне, "сухани образнок" – сухане будааст, ки дар **либоси бадеъ** гуфта шуда бошад. *Сухани бадеӣ* – акси сухани муқаррарӣ буда, маънии *сухани навро* дорад. Воқеан ҳам, вақте ки суханвар образи шоиронае месозад, вай матлабро ба *тариқи нав* мегӯяд. Аз ин рӯ,

шоироне, ки худашон тасвирҳои шоирона эҷод карда наметавонанду образҳои дигаронро гирифта, алфозашонро тағйир дода, шеър менависанд, ***маънидузд*** мегӯянд ва ин сахттарин таҳқир аст дар ҳаққи санъаткор, зеро он умуман қудрати эҷодкории ӯро зери шубҳа қарор медиҳад.

Аз ифодаи ***маънидузд*** чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки калимаи мазкур бо "образ" алоқамандии истилоҳӣ дорад. Дар асл ҳам чунин аст. Яъне, ***маънӣ*** (шакли ҷамъаш маонӣ) дар гузашта ҳам дар адабиётшиносӣ, ҳам дар таҷрибаи эҷоди бадеӣ ба маънии "тасвири шоирона" истифода мешуд. Ибораҳои *маънии бикр, маънии тоза, маънии хосса* ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд. Лақабҳои Афзалиддини Хоқонӣ (*Халлоқ-ул-маонӣ*), Мирзо Абдулқодири Бедил (*Абулмаонӣ*), Мирзо Содиқи Мунширо *Абулмаонии Сонӣ* номидани Ҳишмат, нишони эътирофи он аст, ки шоирони мазкур дар эҷоди образҳои шоирона мумтозанд ва осорашон аз тасвирҳои нави ҳайратангез моломоланд. Мисоли дигар – Шарафиддини Ромӣ дар китоби "Ҳақойиқ-ул-ҳадойиқ"[1] овардааст: Акобири шуаро ӯро (Камол Исмоили Исфаҳониро – Р.М.) *халлоқ-ул-маонӣ* гуфтанд".

Шоира Зебуннисо мегӯяд:

Солҳо хуни ҷигар дар нофи оҳу шуд гирех,
Мушк шуд, аммо чӣ шуд? Холи рухи ёре нашуд!

Аз мисолҳои боло, аз ҷумла байти устод Рӯдакӣ пай бурдан душвор нест, ки *тасвирҳои шоирона ба воситаи ташбеҳ, муболиға, маҷоз ва дигар санъатҳои бадеӣ сохта мешудаанд.*

Санъатҳои бадеӣ

Санъатҳои бадеӣ – он калимаю ибора ва ё тарзи баёне мебошанд, ки

[1] Техрон, 1341, с. 196.

барои дар шакли нав гуфтани матлабе истифода шудаанд. Санъатҳои бадеӣ дар ҳар як забон ҳастанд, барои ифодаи бадеии матлаб хидмат мекунанд.

Миқдори санъатҳои бадеӣ дар адабиёти хаттиву даҳонии тоҷик сершуморанд. Онҳо диққати адабиётшиносии моро хеле барвақт ба худ кашида буданд. Дар Хуросону Мовароуннаҳр, Ҳиндустон ва дигар кишварҳои тоҷикнишин дар бадали тақрибан ҳазор соли охир доир ба тафсиру танзими санъатҳои бадеӣ, зиёда аз сад рисола ба забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ навишта шудааст.

Ҳанӯз Шайхурраис санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ тақсим карда буд:

1) ***маънавӣ;***
2) ***лафзӣ.***

Он санъатҳои бадеие, ки тасвирҳои шоирона месозанд, ***маънавӣ*** *номида мешаванд.* Ташбеҳ, маҷоз, киноя, истиора, муболиға, талмеҳ, ташхис ва ғ. ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Мисоле барои муболиға:

Оҳи ман чандон фурӯзон шуд, ки кӯрон ними шаб
Аз фурӯғи сӯзи оҳам ришта дар сӯзан кашанд.

(Хоқонӣ)

Мисоле дигар барои ташбеҳ:

Ҷаҳон бо ҷумла лаззоташ ба занбӯри асал монад
Ки ширинаш бисёр асту з-он афзун шару шӯраш.

(Камол)

Он санъатҳои бадеие, ки барои ороиш ва мавзунии сухан хидмат мекунанд, ***лафзӣ*** *ном доранд* – ҳамчун саҷъ, радиф, такрор, мувозана, радд-улаҷуз ала-с-садр ва амсоли онҳо.

Муаллифи "Бадоеъ-ус-саноеъ" Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (ваф. 1513), ки тафсиру танзими санъатҳои бадеии адабиёти классикиро пурра ба охир расонидааст, гурӯҳи севум – муштаракро ҳам илова намудааст. Он санъатҳое, ки дар мавриде ба офариниши образ кӯмак мерасонанду дар мавриди дигар боиси ороиши сухан мешаванд, ба ҳамин гурӯҳ ворид гардидаанд.

Бояд дар хотир дошт, ки санъатҳои маънавӣ боиси пайдоиши *маъниои нав,* яъне, образ мешаванд. Аммо гоҳе сухани хуш аз санъатҳои лафзӣ ҳам берун меояд, чунончи, Мавлавии Балхӣ гуфтааст:

Он яке шер аст андар бодия,
Он яке шир аст андар бодия.

Лутфи сухан дар байти боло аз таҷниси "шер" ва "шир", ки шакли навишташон дар хати арабиасос (ва талаффузашон дар форсии муосир) якхела мебошад, инчунин таҷниси "бодия" (дар мавриди дувум – "коса") ба даст омадааст.

Миқдори санъатҳои бадеӣ ва тобишҳои маънавии онҳо ба омилҳои зиёде, чунончи, табиати сохти ҷомеа, ҳодисаҳои азими таърихӣ, чигунагии муҳити зист ва олами ҳайвонот, табиати забон, завқи эстетикии халқ, таърихи адабиёт, тамаддуни мардумӣ ва амсоли инҳо зич алоқаманд мебошанд. Чунончи, дар адабиёти тоҷик, ки таърихи осори хаттиаш аз "Авасто" оғоз мешаваду беш аз дувуним ҳазор сол дорад,[1] ва танҳо дар як забони зиндаи тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ аз соли 677 м. инҷониб бетанаффус асар бунёд меёбад, зиёда аз сесад санъати бадеӣ қаламдод шудааст. Сабаби зиёдии санъатҳои бадеии адабиёти мо ва ба талаботи одобу маданият хуб ҷавоб дода тавонистани онҳо, аз як тараф ба нафосату назокати

[1] Ҳаким Фирдавсӣ беш аз се ҳазор сол мегӯяд (**З.А.**).

забон вобаста бошад, аз тарафи дигар ба таърихи тўлонии адабиёт алоқаманд аст. Сабаби дар забони зиндаи гуфтугўӣ зиёд истифода шудани ифодаҳои образдор ҳам дар ҳамин аст. Миқдори зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ беҳисобанд. Ҷони зарбулмасал бошад, образ аст.

Табиист, ки дар даврони тўлонии адабиёти тоҷик муносибат ба образҳои шоирона як хел набудааст. Адабиётшиносон давраи асримиёнагии адабиётро аз се сабк иборат донистаанд:

1) ***сабки хуросонӣ,***
2) ***сабки ироқӣ,***
3) ***сабки ҳиндӣ.***

Хусусияти марказии сабки хуросонӣ аз ин иборат аст, ки образҳои шоирона нисбатан кам истифода мешавад, аз тарафи дигар, заминаи онҳоро ***ҷузъиёти конкрети ҳастӣ****, бештар аз ҳама муҳити табиӣ, ташкил медиҳанд.* Чунончи, дар ин байти устод Рўдакӣ асоси ташбеҳу муболиғаро ҷузъиёти воқеӣ – *оби ҷўй, бўи гулоб, рухи гулгуни ёр* – ташкил додаанд:

Зи оби ҷўй ҳар соат ҳаме бўи гулоб ояд,
Дар ў шустаст, пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун.

Дар сабки ироқӣ образҳо миқдоран бештар ва ҳам мураккабтар истифода мешаванд; мафҳумҳои илмӣ, динӣ, абстракт зиёдтар ба доираи образ кашида мешаванд.

Мисоле аз Хоқонӣ:

Шабе гарм аз дили пурхун гузаштӣ,
Аз ин дарёи оташ чун гузаштӣ?!

Шоир мегўяд, ки шабе туро ба гармию некӣ дар дили пурхунам ёд кардам, дар мисраъи дувум бошад, дили худро ба "дарёи оташ" ташбеҳ карда, дар радифи "гузаштӣ" маънии

дигар – маънии аслии луғавии калимаро -- менамояд. *Аз дил гузаштан, дили монанди дарёи оташ* дар байти боло образҳои шоиронаанд.

Нишонаҳои асосии сабки ҳиндӣ аз фузунии санъатҳои бадеӣ, овардани образ андаруни образ, майли бештар ба тасвирҳои шоиронаи борику мафҳум иборат мебошад. Дар байти зерин, ки мурод беҳад танг шудани дил аст, маънӣ ба чандин образи муболиғадор, ҳатто, ваҳмангез таъкид ёфтааст:

Дилам аз гусса танг омад, ки чашми мўр пеши ў,
Бувад баҳре, ки дар ҷайби ҳубобаш осмон гунҷад.

Гоҳе шоир дар як мисраъ як маънии насиҳатомезро гуфта, дар мисраъи дигар шабеҳи он маънӣ образи дигари ибратомўзе меорад, ки дар натиҷа образи мисраъи сонӣ чун ташбеҳкунандаи образи мисраъи якум хидмат мекунад. Мисол, як байти Мавлоно Ҷомӣ:

Сифларо манзур натвон сохтан, к-ў хубрўст,
Мехро дар дида натвон кўфтан, к-ў аз зар аст.

Одами пастро ба хотири хубрўияш муҳтарам донистан мумкин нест, чунон ки мехи тилоро, ҳарчанд аз тило ҳам бошад, ба чашм намекўбанд. Манзур сохтани сифла бо кўфтани мехи зар ба чашм баробар аст.

Байте аз Абулмаонӣ Бедил:

Таматтўе агар хоҳӣ, зи роҳи ростӣ бигзар,
Ки бе ангушти каҷ аз кўза равған бар намеояд.

Тавре ки маълум мегардад, чизе муштараки сабкҳои хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ – муштаракии тасвирҳои шоирона будааст. Мулоҳизаи хусусиятҳои тасвироти шоиронаи ҳамаи

забон вобаста бошад, аз тарафи дигар ба таърихи тўлонии адабиёт алоқаманд аст. Сабаби дар забони зиндаи гуфтугўӣ зиёд истифода шудани ифодаҳои образдор ҳам дар ҳамин аст. Миқдори зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ беҳисобанд. Ҷони зарбулмасал бошад, образ аст.

Табиист, ки дар даврони тўлонии адабиёти тоҷик муносибат ба образҳои шоирона як хел набудааст. Адабиётшиносон давраи асримиёнагии адабиётро аз се сабк иборат донистаанд:

1) ***сабки хуросонӣ,***
2) ***сабки ироқӣ,***
3) ***сабки ҳиндӣ.***

Хусусияти марказии сабки хуросонӣ аз ин иборат аст, ки образҳои шоирона нисбатан кам истифода мешавад, аз тарафи дигар, заминаи онҳоро ***ҷузъиёти конкрети ҳастӣ****, бештар аз ҳама муҳити табиӣ, ташкил медиҳанд.* Чунончи, дар ин байти устод Рўдакӣ асоси ташбеҳу муболиғаро ҷузъиёти воқеӣ – *оби ҷўй, бўи гулоб, рухи гулгуни ёр* – ташкил додаанд:

Зи оби ҷўй ҳар соат ҳаме бўи гулоб ояд,
Дар ў шустаст, пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун.

Дар сабки ироқӣ образҳо миқдоран бештар ва ҳам мураккабтар истифода мешаванд; мафҳумҳои илмӣ, динӣ, абстракт зиёдтар ба доираи образ кашида мешаванд.

Мисоле аз Хоқонӣ:

Шабе гарм аз дили пурхун гузаштӣ,
Аз ин дарёи оташ чун гузаштӣ?!

Шоир мегўяд, ки шабе туро ба гармию некӣ дар дили пурхунам ёд кардам, дар мисраъи дувум бошад, дили худро ба "дарёи оташ" ташбеҳ карда, дар радифи "гузаштӣ" маънии

дигар – маънии аслии луғавии калимаро -- мениҳад. *Аз дил гузаштан, дили монанди дарёи оташ* дар байти боло образҳои шоиронаанд.

Нишонаҳои асосии сабки ҳиндӣ аз фузунии санъатҳои бадеӣ, овардани образ андаруни образ, майли бештар ба тасвирҳои шоирона борику мафҳум иборат мебошад. Дар байти зерин, ки мурод беҳад танг шудани дил аст, маънӣ ба чандин образи муболиғадор, ҳатто, ваҳмангез таъкид ёфтааст:

Дилам аз гусса танг омад, ки чашми мўр пеши ў,
Бувад баҳре, ки дар ҷайби ҳубобаш осмон гунҷад.

Гоҳе шоир дар як мисраъ як маънии насиҳатомезро гуфта, дар мисраъи дигар шабеҳи он маънӣ образи дигари ибратомўзе меорад, ки дар натиҷа образи мисраъи сонӣ чун ташбеҳкунандаи образи мисраъи якум хидмат мекунад. Мисол, як байти Мавлоно Ҷомӣ:

Сифларо манзур натвон сохтан, к-ў хубрўст,
Мехро дар дида натвон кўфтан, к-ў аз зар аст.

Одами пастро ба хотири хубрўияш муҳтарам донистан мумкин нест, чунон ки мехи тилоро, ҳарчанд аз тило ҳам бошад, ба чашм намекўбанд. Манзур сохтани сифла бо кўфтани мехи зар ба чашм баробар аст.

Байте аз Абулмаонӣ Бедил:

Таматтўе агар хоҳӣ, зи роҳи ростӣ бигзар,
Ки бе ангушти кач аз кўза равган бар намеояд.

Тавре ки маълум мегардад, чизе муштараки сабкҳои хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ – муштаракии тасвирҳои шоирона будааст. Мулоҳизаи хусусиятҳои тасвироти шоиронаи ҳамаи

сабкҳои мазкур дар алоқамандӣ фикри қавиеро пеш меоранд, ки ин сабкҳо мустақиман мавҷуд набуда, балки яке идомаи тараққиёфтаи дигарест ва ҳар се дар якҷоягӣ нишонаи барҷастаи инкишофи қонуни дохилии (образнокии) адабиёти моро дар тӯли ҳазорсолаи асримиёнагӣ нишон медиҳад.

Мафҳумҳое (ҳамчун ишқу дард, гулу булбул, кӯҳу дарё, офтобу маҳтоб) ҳастанд, ки бунёди тасвирҳои сершуморро ташкил додаанд. "Шароб" низ аз ҷумлаи ҳамин мафҳумҳои сертасвир мебошад, чунончи: "равон ёқути ноб", "теғи пеши офтоб", "қатраи саҳоб", "дуои мустаҷоб" (Рӯдакӣ), "талх чу панди падар" (Ибни Сино), "хуни ангур", "ҷон дар ҷисму кор дар нур", "луоби занбӯр", "ҳамчу занбӯр забонгаз", "дидаи ҳур" (Масъуди Саъди Салмон), "гудохта марҷон" (Фаррухӣ), "оби оташфурӯғ" (Фахриддини Гургонӣ), "Ҷоми Ҷам", "майи лаъл", "майи лаългун" (Фирдавсӣ), "доруи беҳушон", "бодаи ҷоми хос", "оби ҳайвонгувор", "шарбати ҷонфизой", "хуни рангини раз", "лаъли полуда", "оташи тавбасӯз", "шарбати дилфиреб", "оби ҷӯи биҳишт", "ҷоми оташсиришт", "шабчароғи муғон", "дами ҷонфизой", "оби оташхаёл", "хуни тазарв" (Низомӣ) ва ғ. Пайдост, ки чунин тасвирҳои шароб маъниҳои рамзӣ ҳам доранду аз масъалаҳои гуногуни муҳити моддию ҳаёти маънавӣ дарак медиҳанд. (Мутаассифона, ҳеҷ яке аз ин мафҳумҳо, ки маъмулан заминаи тасвири бадеӣ қарор гирифтаанд, мустақиман омӯхта нашудааст. Дар сурати омӯзиши онҳо масоили бисёре равшан хоҳад шуд).

Дар шеъри муосири тоҷик муносибат ба образи шоирона аз ду ҷиҳат тағйир ёфтааст:

якум, шоирони маҳбуби ҳозира (ҳамчун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон) барои зиёд овардани образҳои шоирона намекӯшанд, балки диққати асосӣ ба нуктаҳои иҷтимой равона мешавад;

дуюм, шоирон аксаран худи мавзуъи шеър ва предмети тасвирро бо як образи ҷиддии шоирона пайваст менамоянд,

пас ҳамин тасвири шоиронаи марказиро бо баъзе образҳои дигар такмил медиҳанд.

Хусусиятҳои шеъри муосирро дар мисоли шеъри "Ангалҳо"-и Бозор Собир ба хубӣ метавон дид:

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест!
Ин муқаддас,
Ин фаҷеатро бипурсед
Аз занони ҷомашӯи ҷанги Гирмон,
Аз ҳамон занҳо, ки андар хуни аскарбачаҳои халқ оғушта,
Ҷомаи хунини аскарбачаҳои халқро бо дасти худ шуста.

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест...
Тӯдае аз ҷабҳаҳо бигрехта,
Гашта пинҳон андаруни чинҳои ҷабҳаи халқ.
Бояд онҳоро биҷӯем,
Бояд онҳоро бironем аз даруни чинҳои ҷабҳаи халқ!
Тӯдае монанди ангалҳо тараққӣ кардаанд
Бояд онҳоро фишорем аз тараққӣ кафи дастони деҳқонон!

Бояд онҳоро бironем аз тараққӣ кафи дастони деҳқонон!
Ҳар пагоҳӣ риши худро метарошам ман,
То наёбад ришвахоре дар таҳи ришам паногоҳ,
Ришвахоре, ки ҳаросон асту муҳтоҷи паногоҳ аст,
Он ки аз муъҷизаи ришу бурутҷунбонӣ огоҳ аст.

Пеши ман олуфтае чун ҳарфи чопӣ менамояд,
Лек аз ин олуфтагиҳо чоплусӣ менамояд ...
Одами думболадор аст,
Он ки модар гарчи думдораш назода,
Ҳамчу дун аз думравоне дар паси худ дум ниҳода.

Бояд ин думро бурид аз бех,
Дум надорад хосият бар одамизода.

Ман валекин бештар аз пурнависам дар ширифт,
Нав нагуфта, нав ба нав аз халқ навдорон гирифт.
Бар тани девораш ин донишмаоб
Чида як девор аз хишти китоб,
Хишти девори утоқаш пухтаву хишти китобаш хом ...
Мон ту, корашро заминҷунбӣ кунад ҳал,
Бар сараш хишти китобаш афтад аввал!

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест!..
Пашшаҳоро бошаҳо кардан ҳунармандист,
Бошаҳоро пашшаҳо кардан ҳунар нест!

Ин шеъри устод Бозор Собир озодии нисбӣ дорад, яъне, вазни тақтеъ (фоилотун) риоят шуда, аммо теъдоди рукнҳо гуногун омада, бинобар тақозои маъниву мазмуни мисраъҳо.

Шоири муосири тоҷик Муҳаммад Ғоиб дар шеъри "Мурғи бахт" ибораи "сурби ашкам"-ро овардааст:

Агар ишқи маро созӣ фаромӯш,
Расад рӯзе ба ҷонат сурби ашкам.

Суханшиноси тавоно Алии Даштӣ дар китоби "Сайре дар девони Шамси Табрезӣ" дуруст таъкид кардааст: "Санъатҳои шеърӣ ҳангоме қобили таҳаммул аст, ки зиёд ба чашм нахӯрад ва ба ҷои ифодаи маънӣ худро нишон надиҳад".

Агар дар асрҳои миёна тасвирҳои шоирона чун алмоспораҳо тақрибан дар ҳар як мисраъу байти шеър пароканда бошанд, ҳоло як *функсияи нави ҷолиб – яклахткунандаи* асарро пайдо кардааст, ки дар ин сурат номи

шеър, мавзуъ ва предмети тасвири он, инчунин образи шоиронаи асосӣ бо ҳамдигар узван алоқаманд мешаванд ва ҳама дар якҷоягӣ боиси ваҳдату ягонагии асар мегарданд. Яке аз сабабҳои ин ҳодиса шояд ин бошад, ки дар шеъри ҳозира нақши пештараи қофияву радиф ва назарияи жанрӣ дигаргунӣ пайдо кардааст.

Образи шоиронаи марказиро ҳоло адибон барои ҳалли мавзуъ ва баёни ғояи асосӣ васеъ истифода мебаранд. Барои намуна, "Тоҷикистон" ном шеъри шоири украин Иван Неходаро мулоҳиза фармоед, ки дар чор мисраи охирини он образи асосӣ бо мавзуъ ва ғоя чи андоза созгор омезиш ёфтааст:

Тоҷикистон! Сарзамини кӯҳсор.
Қуллаҳо то осмони бегубор,
Бо кулоҳи барф рахшон нуқравор,
Ман ба умри хеш бори аввалин
Бинам ин сон вусъату зебе чунин.

Кӯҳи Помиру Ҳисори дилрабо
Ҷилвагар зери ҳавопаймои мо,
Ман шудам мафтуни ҳусни босафо,
Чун бидидам бар замин аз осмон,
Шуд зи чашмам наҳру водиҳо аён.

Пирях он ҷову ин ҷо тарма ҳаст,
Хонаҳо чун манзили парранда аст,
Кӣ шуморо дода фармоне ба даст,
То миёни санг маъво кардаед,
Чун уқобон, тоҷикон, ҷо кардаед!

Нест саҳрое, фақат сангу ҳавост,
Не, замин ҳам ҳаст! Хубу босахост,
Хоки ин ҷо омада аз даштҳост,

Одамонро нест гарчи болу пар,
Орзушон ҳаст дар дил шуълавар.

Мурғи пўлодӣ хурўшон мепарид,
Абраке дар раҳ яке омад падид,
Паҳн шуд ҳамчун гилеме сап-сафед,
Тоҷикистон, пойро дар он гилем
Пок карда, аз дарат дохил шудем.[1]

Мулло Сайлӣ байте ҷолиби шоирона дорад:

Зи ҳарзагардии мо то шикояте накунад,
Гирифтаем гулўи асои худ маҳкам.

Тавсифи "сухани тар"-ро дар осори классикон бисёр вохўрдаед. Сухан чи навъ *тар* мешавад? Кадом суханро "тар" мегўянд? Тавре ки Шайх Саъдӣ мегўяд, "шеър" *сухани тар* асту *зодаи шавқ*:

Оби шавқ аз чашми Саъдӣ меравад бар дасту хат
Лоҷарам чун шеър меояд, сухан тар мешавад.
Қавли матбуъ аз даруни сўзнок ояд, ки уд
Чун ҳамесўзад, ҷаҳон аз вай муаттар мешавад.

Боз ҳамон Саъдӣ мегўяд:

Ман ҳамон рўз, ки он хол бидидам, гуфтам:
Бими он аст, бад-ин дона, ки дар дом афтам.

Сухан гоҳе бидуни образ (муҳокот) ҳам маънии баланди дилпазир пайдо карда метавонад. Саъдӣ гуфта:

[1] "*Ба қуллаҳои дониш*", 1986, 6 октябр.

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.
Падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз наҷот баҳра диҳад.

Шатранҷии Самарқандӣ мегўяд:

Башорат орад аз Наврўз моро ҳар замон лаклак,
Кунад гамгин дили мо з-он башорат шодмон лаклак.
Дабиристон аст гўё ошёну кўдакон гунҷишк,
Нишаста чун яке пири муаллим дар миён лаклак.

Дар интиҳои мавзуи тасвирҳои шоирона баҳсро доир ба чистону таъриху муаммо хотиррасон кардан лозим меояд. Баъзе адабиётшиносони мо онҳоро ҳамчун ***жанр*** ё худ ***навъи шеърӣ*** ба қалам медиҳанд. Ба назари мо, чистон (луғз), таърих ва муаммо хусусиятҳои принсипиалии жанрсоз надоранд, балки дар қолаби рубоӣ, қитъа, маснавӣ барин жанрҳои маълум гуфта мешаванд. Аз ин лиҳоз, онҳоро на жанр, балки *санъат* шумурдан авлотар менамояд.

Суханбозиро Низомӣ ба камол расондааст: дар 10 байт 18 "парда" оварда:

Кафш диҳӣ, боздиҳандат кулоҳ,
Пардадарӣ парда дарандат чу моҳ.
Хезу макун пардадарӣ субҳвор,
То чу шабат ном бувад пардадор.
Пардаи занбўр гули сурӣ аст
В-они ту ин пардаи занбўрӣ аст.
Чанд парӣ чун магас аз баҳри қут
Дар даҳани ин танаи анкабут?
Пардагиёне, ки ҷаҳон доштанд,
Рози ту дар парда ниҳон доштанд.

Аз раҳи он парда фузун омадӣ,
Лоҷарам аз парда бурун омадӣ.
Дил, ки на дар парда, видоаш макун.
Ҳарчи ки дар парда, самоаш макун.
Шуъбадабозӣ, ки дар ин парда ҳаст,
Бар сарат ин парда ба бозӣ набаст.
Даст ҷузин парда ба ҷое мазан,
Хориҷ аз ин парда навое мазан.
Бишнав аз ин пардаву бедор шав,
Хилватии пардаи асрор шав.

Порае дигар аз ҳамин бузургвор:

Зи найранги ин пардаи дерсол
Хаёлӣ шудам, чун набозам хаёл?
Бар онам, ки ин парда холӣ кунам
Дар ин парда ҷодухаёлӣ кунам.
Хаёле барангезам аз пайкаре,
Ки н-орад чунон ҳеҷ бозигаре.

Ҳаким Низомӣ қаламро, ки *зояндаи шеър* аст, *гавҳари кимиё* мегӯяд, яъне, чизе одиро ба зар табдилдиҳанда:

Гиёи қалам гавҳари кимиёст.

Гоҳе бидуни тасвирҳои шоирона, бӯе аз шеърият пайдо мешавад. Чунончи, дар ин байти машҳур:

Ба зеварҳо биёроянд мардум наварӯсонро,
Ту, симинтан, чунон хубӣ, ки зеварҳо биёрой.

Тавассути суханҳои муқаррарӣ, манзарае ҷилвагар мешавад: наварӯсе ҳаст, зеварҳо ӯро хушрӯй кардаанд, ва боз

хушрӯе ҳам намудор мешавад, ки зеварҳоро ҳусне дигар бахшидааст.

Санъати чистону муаммо ва таърих, ки дар адабиёти тоҷику форс аз даврaҳои қадим (масалан, луғзи "Матадғони Ёвишни Фриён"-ро оид ба деҳқон ва ҷуфти барзагови ӯ ба хотир оред) истифода шудаанд, ҳам дар пешрафти завқу зеҳни мардум, ҳам дар сабти як силсила санаҳои таърих мақоми бузургеро ишғол намудаанд.

Образи адабиёти бадеӣ, ки тавассути сухан бунёд мешавад, бо ҳунарҳои дигари нафиса вобастагии маҳкаме дорад. Чунончи, агар гуфтаи Шайхурраисро ба хотир оварем, ҳеҷ мусиқӣ бе калом ва калом бе мусиқӣ, маънӣ надорад. Кинову театр барин навъҳои мустақили санъат пурра ба адабиёти бадеӣ такя мекунанд. Даҳҳо асари наққошию наҷҷорӣ ва рассомию меъморирo дучор омадан мумкин аст, ки аз сухани ибратангези бадеӣ ҷон гирифтаанд...

Қудсияти сухан. Ҷараёни таълифи асари бадеӣ лаҳзаи маҳрамона ва басо нозукест. Барои он ки Парии илҳом нарамаду ёри шоир шавад, вазъи созгор ва оромии куллӣ зарур аст. Вақти таъкиди ин нукта он аст, ки сарнавишт ягон-ягон касонро ба шарафи ҳамдамии санъаткор мерасонад; ва ҳамин ягон-ягон касон бояд донанд, ки ҷавобгари хосаи ботиние бар уҳда доранд: масъулияти пайдо шудани асар ва ё нашудани он, барҷастатар шудан ва ё сусттар гардидани он. Гоҳе мешавад, ки шахси ҳамдами суханвар аз ғояти рашк ба Парии илҳом роҳи ӯро мепояду монеъ мешавад. Нақл мекунанд, ки ҳамсари донишманде тифли гирёнро ба бағали устоди ғарқи хаёл андохтааст, ки "бекор ҳам истодай, кӯдакро ором кун". Ҳамчунин мегӯянд, ки падари нодоне ба дастнависҳои писари шаҳидаш нос печонда фурӯхтааст.

Ҳама кас бояд хуб донад, ки шоир ба худ тааллуқ надорад, ба ҳамсару наздиконаш низ тааллуқ надорад, *шоир фарзанди халқ* аст. *Дар ҳама ҳол азони мардум аст.*

Аз аҳли ҳунар, хоса ҳунари сухан, нек ҳам расад, ба ҷомеа мерасад, ва бад ҳам расад, ба ҷомеа мерасад. Ин маъниро ҳанӯз ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ нозук ишора карда буд:

Амирони каломанд аҳли ашъор,
Худошон тавбае бидҳад аз ин кор...

Шарафи сухангӯй чунин аст, ки маҳз ҳамин малака одамро аз кулли махлуқот ҷудо карда, боло гузоштааст. Ба гуфтаи Мавлавии бузург, *девро нутқи ту хомӯш мекунад.* Сухани бадей бошад, дар ҷомеаи инсонӣ мақоми улвӣ дорад. Дар китоби якуми "Эъҷози Хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ байти ибратангезе ба ҳамин маънӣ омадааст:

Гар бидонад одамӣ, к-ин неъмати гуфтор чист?
Рӯзу шаб шукри ин неъмат наёрад бар забон.

Миллати шариф ба қадри шеъру шоир мерасад, ин ҳардуро чун гавҳараки чашм нигоҳ медорад. Гузаштагони мо Фирдавсию Анварию Саъдӣ барин бузургонро пайғамбар номидаанд. Агар мулоҳиза карда тавонем, ки ин ҳукм дар замони ҳукмронии ақидаи "Муҳаммад пайғамбари охирзамон аст" гуфта шудааст, қадри пояи сухан дар ҷомеаи аҷдодони мо равшан мегардад.

Бузургдошти сухан бесабаб нест: панди рӯзгор дар сухан аст, ҳалли масъалаи зиндагӣ ҳам дар сухан аст, *сухан чароғи зиндагист. Халқи бечарог куҷо ҳам рафта метавонад?..* Ин чароғро тоҷикон, хушбахтона, беш аз ҳазор сол доранд.

Мартабаи соҳибсухани ҳақиқӣ бисёр баланд аст. Бесабаб нагуфтаанд:

Сойиб, ҷамоате ки саворанд бар сухан,
Дар кӯҳи Коф сайди паризод мекунанд.

Онҳое, ки аз чобуксаворӣ бар аспи сухан маҳруманд, ба қадри сухан ҳам намерасанд, рӯзашон сиёҳ аст; ҳамеша сиёҳ хоҳад монд.

Мурдаи садсола дар тобути мижгон бӯ гирифт,
Мурдашӯи ҳусн ку? То зинда дар гӯраш кунад!

БОБИ III

МУНДАРИҶА ВА ШАКЛ

Ҳар чизе шаклу моҳият дорад, онҳо ҷудонашавандаанд.

Асари адабиёту санъат низ ҳамин тавр аст: ҳам шакл дораду ҳам мундариҷа ва онҳо ҷудонопазиранд. В.Г. Белинский навишта буд: "Ҳангоме ки шакл ифодаи мазмунест, онҳо чунон алоқаманданд, ки аз ҳамдигар ҷудо карданашон маънии барҳам додани мундариҷаро дорад; ва баръакс: ҷудо кардани мундариҷа аз шакл, ин барҳам додани шакл аст".[1] Мавлавии Балхӣ мегӯяд: *Ҳарф зарф омад, дар ӯ маъно чу об, об дар зарф мешаваду зарфи беоб маънӣ надорад.* Пас, омӯзиши алоҳида-алоҳидаи ***мундариҷа*** ва ***шакл*** танҳо ***шартан***, дар абстраксия, барои дурусттар шинохтани қонунияти дохилии асари бадеӣ имконпазир мегардад.

Мақсади ин боб иборат аст аз таҳлили мундариҷаю шакл, муайян намудани таносуби миёни онҳо.

Мундариҷа Муродифи дигари "мундариҷа" – мазмун дар забони тоҷикӣ маъмул мебошад. Ҳар ду калима ҳам аслан арабист: "Мундариҷа" – ***дарҷшуда***, "мазмун" – ***дар зимн ифодашуда***. Чун истилоҳи адабиётшиносӣ ҳар ду калима ҳам баробаранд ва тақрибан яксон истифода мешаванд. Фарқашон дар ин аст, ки ҳоло "мундариҷа" бештар ба маънии фехрасти бобу фаслҳои китоб мавриди корбурд аст.

Сойиб мегӯяд:

То метавон ба олами маънӣ сафар намуд,
Сойиб, чаро ба олами сурат сафар кунем?

[1] *Краткий словарь по эстетике*, с. 90.

Мундариҷа (мазмун) чун истилоҳи адабиётшиносӣ ба ду маънӣ: ***маҳдуд*** ва ***васеъ*** кор фармуда мешавад. **Маънии маҳдуд** – *мазмуни асари конкретро ифода менамояд*, **маънии васеъ** – *як ҷузъи қонуни мундариҷаю шаклро мефаҳмонад.*

Устод Турсунзода гуфта: "Мисраъҳоеро, ки бо вучуди зебой ва ба кас азиз буданашон, мақсади мавзуъро инкишоф намедиҳанд, ғояи асарро ҷоннок намекунанд, бераҳмона хат задан лозим аст".[1]

Ба маънии васеъи мундариҷа, пеш аз ҳама, ***ғоя*** дохил мешавад; баъзе адабиётшиносон боз *мавзуъ* ва маънии маҳдуди *мазмунро* ҳам маҳсуб медонанд.

Ин категорияҳоро алоҳида-алоҳида дидан лозим меояд.

Ғоя "Ғоя" аслан истилоҳи шарқӣ буда, дар адабиётшиносии муосир чун муродифи "идея" ҳам истифода мешавад. *Он муроди марказие, ки барои ифодаи вай асари бадеӣ таълиф ёфтааст*, ***ғоя*** *ном дорад.*

Асари бадеӣ ҳеҷ гоҳ бидуни матлабе ба миён намеояд. Нависанда ҳамеша бо асараш ғикреро пешниҳод мекунад, яъне, ба ҳодисаю ҳолат, ашёву масъала ва умуман ба моддаи тасвир, муносибати равшан зоҳир менамояд, баҳое рӯшан медиҳад. Ҳамин муносибату баҳо ӯро бо хонандаю бинанда ва шунаванда мепайвандад. Дараҷаи ин пайванд ба қурби муносибату баҳо вобаста мебошад.

Ғоя моҳиятан ду навъ мешавад: **мусбат** ва **манфӣ.**

Ғояи мусбат, ё пешқадам - он аст, ки ба манфиати ҳаёти ҷомеа нигаронида шудааст ва боиси пирӯзии ҳақиқат, таҳкими адолат, густариши ҳусну назокат ва умуман *пешравии зиндагӣ* мегардад.

[1] *М. Турсунзода.* Барои маҳорати баланди нависандагӣ. – Шарқи Сурх, 1951, № 5, сах. 9.

Он ғояе, ки зиштию зӯроварӣ, афтодаҳолию инсонбадбинӣ, меҳнатгурезию маишатпарастӣ ва амсоли инҳоро тарғиб карда, ба пешравии ҳаёти ҷомеа ва дӯстӣ халал мерасонад, ***ғояи манфӣ*** ҳисоб меёбад.

Бори дигар бояд такрор кард, ки асари бадеӣ бе ғоя намешавад. Ф. Энгелс ва М. Каутская навишта буданд, ки "Падари фоҷеа Эсхил ва падари мазҳака Аристофан, ҳарду нависандагони равшанифодакунандаи тамоилнокӣ буданд, Данте ва Сервантес низ ҳамчунин ...".[1] Аз ҳамин нуқтаи назар, ибораи "асари беғоя", ки гоҳе дар танқиди адабии муосир кор фармуда мешавад, нодуруст аст. Ва аммо имкон дорад, ки асар ғояе норӯшан дошта бошад.

Ғоя дар маркази ҳама гуна лавозимоти асари бадеӣ қарор мегирад. Чигунагии ҳама чиз – ҳам ҷинсу жанр, ҳам методу услуб, ҳам зиддияту бандубасти асари бадеӣ ва амсоли инҳо, ба ғоя вобаста аст, яъне, чӣ гуна сурат гирифтани ҳар яке аз онҳоро ғоя муайян мекунад. Чунончи, меҳвари ғоявии "Шоҳнома"-ро ***меҳанпарастӣ*** ташкил додааст. Азбаски ин ғояи олиро ба тариқи абстракт ҳал кардан мумкин нест, Фирдавсӣ онро дар мисоли бузургдошти Эронзамин инъикос намудааст. Бинобар ин, асоси тематикии асар ҳам аз ҳаёти мардуми эронинажод – чи ҳаёти таърихӣ, чи олами асотирӣ интихоб гардидааст. Азбаски ғояи муҳташами меҳанпарастӣ ба шакли муҳташами таҳкиявӣ ниёзманд аст, шоир *достони ҳамосавиро* интихоб мекунад. Шакли миллии достонсарой – маснавӣ, забони мутамоил ба рӯҳияи архаистӣ, вазни *мутақориби мусаммани мақсур* ва лавозимоти дигар низ ба хотири ғояи конкрети интихобшуда, мувофиқи моҳияту табиати аслии он интихоб ва ба кор бурда шудаанд.

Н.Г. Чернишевский мегӯяд: "Танҳо он асар бадеӣ мешавад, ки дар вай ғояи ***ҳақиқӣ*** ифода ёфта ва шакл **комилан мутобиқи**

[1] *К. Маркс и Ф.Энгельс*. Соч. т. XXVII, с. 505.

ғоя бошад. Барои ҳалли масъалаи охирин дидан лозим аст, ки оё тамоми ***ҷузъиёт ва тафсилоти асар*** дар ҳақиқат аз ғояи асосии вай ҷараён ёфтаанд? Ҳар як тафсилоти маълум – саҳна, характер, лаҳза – худ аз худ ҳарчанд пурмазмун ва зебо бошад ҳам, агар вай барои пурратар ифода ёфтани ғояи асосии асар хизмат накунад, он ба бадеияти асар халал мерасонад".[1]

Ғоя аз нуқтаи назари сифати ифодаи худ ду хел мешавад: *равшан* ва *хира*. Асарҳое ҳастанд, ки муроди муаллиф равшану мушаххас ифода ёфтааст ва хонанда онро бидуни шакку шубҳа дармеёбад. Гоҳе асарҳое ҳам дучор меоянд, ки ғояашон хираву торик ва печдарпеч мебошад, муроди нигорандаро кас ба осонӣ пай бурда наметавонад.

Сабаби асосии чигунагии сифати ифодаи ғоя маҳорату истеъдоду ҷаҳонбинӣ ва лаёқати корияи нависанда мебошад. Агар адиб соҳибистеъдод буда, соҳиби малакаи кофии эҷодӣ, ҷаҳонбинии васеъ, лаёқати хуби корӣ бошад, мавқеъи ғоявии вай равшану возеҳ ҳувайдо хоҳад буд. Дар акси ҳол – ғоя норавшан мемонад.

Як сабаби дигари муҳими печдарпечии ғоя ҳам мавҷуд аст: гоҳе шароити таърих ба адиб имкон намедиҳад, ки фикри худро равшан баён кунад, ба ночор тавассути рамзу киноя, ташхису тамсил ва ғ. роҳҳои мураккаби ифодаро меҷӯяд. Чунончи, матлаби асосии "Ат-тайр"-и Ибни Сино, ки заминаи "Мантиқ-ут-тайр"-и Фариддадини Аттор ва "Лисон-ут-тайр"-и Алишери Навой барин асарҳои машҳурро ташкил додааст, хеле печ дар печ ва пардапӯшона баён ёфтааст. Муаллиф ғояи ободию фаровонӣ, накӯкорию адолат ва идеали шоҳи идеалро тавассути рамз ва мавзуъи тасаввуфӣ таҷассум намудааст. Дар чунин ҳолат, ки рафтори нависанда ногузир аз хотири амнияти шахсии муаллиф сар задааст, албатта, қобили қабул мебошад.

[1] *Н.Г. Чернышевский*. Полн. собр. соч., т.3, с.663.

Бояд донист, ки санъаткор ғояи конкрети худро лучу урён не, балки тавассути образҳо, баёни ҳолат, ҷамъбасти воқеа ва амсоли инҳо ифода менамояд. Персонажҳои мусбати асар ифодагари бевоситаи идеали нависанда ва персонажҳои манфӣ нишондиҳандаи акси мавқеи ғоявии ӯ мебошанд. Дар мавриди соҳӣ барои бехато дарёфтани мавқеи адиб анҷоми ҳодисаи тасвиршаванда кӯмак мерасонад, ки мисоли ин "Марги судхӯр" шуда метавонад.

Ба гуфтаи Ф. Энгелс, ки дар мактубаш ба Маргарита Гаркнесс ифода ёфтааст, "ақидаҳои муаллиф ҳар қадар бештар пинҳон бошад, барои асари бадеӣ ҳамон қадар беҳтар аст".[1] Мутафаккири номбурда дар ҷои дигар мегӯяд: "Аммо ман ақида дорам, ки мутамоилият бояд аз худи ҳолат ва амалиёт, бидуни таъкиди махсусе маълум гардад ва нависанда ҳам уҳдадор нест, ки кушоиши таърихии минбаъдаи низоъҳои иҷтимоии тасвиркунандаашро ба хонанда дар шакли тайёр пешкаш намояд".[2] Ю.М. Лотман ғояро ҳатто асоси сохти асари бадеӣ донистааст: "Мундариҷаи ғоявии асар – сохт аст. Ғоя дар санъат – ҳамеша модел мебошад, зеро он муҳокоти воқеият аст".[3]

Чигунагии ғояи асари бадеӣ дар аксари кулли мавридҳо ба ҷаҳонбинии адиб вобаста мебошад. Аммо таърихи адабиёт нишон медиҳад, ки доираи ғоявии асари бадеӣ назар ба ҷаҳонбинии муаллиф васеътар буда метавонад. Дмитрий Григорович ба ҳамин маънӣ мегӯяд: "Малакаи қиёмкардаи эҷодии адиб аз иродаи ӯ он дараҷа пурзӯртар мебошад, ки ҳангоми илҳом тавре менависад: гӯё касе омирона ҳиҷҷа мекарда бошад".[4] Воқеан ҳам, осори Низомиву Ҷомӣ, Балзаку Толстой собит менамояд, ки ***даҳои*** нависандагии онон бар иродаи шахсиашон ғолиб будааст.

[1] *К. Маркс и Ф. Энгельс.* Соч. т. XXVII, с. 27.
[2] *К. Маркс и Ф. Энгельс.* О литературе. – М., 1958, с. 70.
[3] *Ю.М. Лотман.* Анализ поэтического текста. – Л., 1972, с. 38.
[4] *Литературные воспоминания.* – М.: Худ. лит-ра, 1987,с. 98.

Ғояи асари бадеӣ бо мафҳуми ***ҳиммати одам*** вобастагии узвӣ дорад, зеро шахсиятҳои бузург, тамоми саъю кӯшишҳои эҷодии худ ва умуман фикру зикрашонро баҳри беҳбудии зиндагии мардум сарф менамоянд. Ҳаким Унсурӣ дуруст гуфтааст:

Касе ки моя надорад, сухан чӣ донад гуфт?
Чигуна парад мурғ, ки баста дорад пар!

Ба ҳамин маънӣ порае аз "Сафарнома"-и ҳаким Носири Хусрав оварда мешавад: "Панҷдеҳи Марврӯд фурӯд омадам, ки дар он рӯз қирони Раъс ва Муштарӣ буд. Гӯянд: ҳар ҳоҷат, ки дар он рӯз хоҳанд, бори таолову тақаддус раво кунад.

Ба гӯшае рафтаму ду ракъат намоз бикардам ва ҳоҷат хостам, то Худои таолову таборак маро тавонгарӣ диҳад.

Чун ба наздики ёрону асҳоб омадам, яке аз эшон шеъре порсӣ мехонд. Маро шеъре дар хотир омад, ки аз вай дархостам, то ривоят кунад. Бар коғазе навиштам, то ба вай диҳам, ки "ин шеърро бархон!". Ҳанӯз (коғаз) бад-ӯ надода будам, ки ӯ ҳамон шеър байниҳӣ оғоз кард.

Он ҳол ба фол нек гирифтам ва ба худ гуфтам; "Худо ҳоҷати маро раво кард".

Пас аз он ҷо ба Ҷузҷон шудам ва ба қурби як моҳ бибудам ва шароб пайваста хӯрдаме.

Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт:

- Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад. Агар баҳуш бошӣ, беҳтар!

Ман ҷавоб додам, ки:

- Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад.

Ҷавоб дод, ки:

- Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад! Ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад! Балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳуш биафзояд.

Гуфтам, ки:

- Ман инро аз куҷо орам?

Гуфт:

- Ҷӯянда ёбанда бошад".[1]

Ба гуфтаи Носири Хусрав, "ранҷҳои ҷисмонӣ гузаранда аст, ранҷҳои нафсонӣ боқист". Боз мегӯяд: "кас ба илм омӯхтану талаби фазл нарасад, он гоҳ мардум бо сутурон баробар шаванд".

Санъаткори асил ҳама гуна мамониатро сарфи назар мекунад, дар сангҳои сари роҳаш пешпой мехӯрад, аммо аз роҳи росташ, ки *хидмат ба мардум* аст ва ғарази олиаш, ки *саодати башарист*, пас намегардад. Гулрухсор ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Халқе, ки ба шири шер парварда бувад,
Аз хидмати аркони замон хаста бувад.
Санги раҳу пешонаи ман медонад
Роҳе, ки ба маъбад набарад – варта бувад.

Ғоя метавонад пучу зарарнок бошад ва ё хубу пешқадам. Устод Лоҳутӣ оварда: "ба гумонам, шарти якум ва асосии пурбаҳо шудани асари бадеӣ ғоянок будани он аст".[2] Маълум аст, ки муроди устод аз калимаи "ғоянок" *гояи неку ва олӣ мебошад*.

Агар муроди эҷодии муаллиф зараровар ва ё норавшан бошад, асар дар пеши халқу таърих эътиборе пайдо карда наметавонад. Ба қавли Г.В. Плеханов "ҳангоме ки дар асоси асари бадеӣ ғояи ғалат гузошта мешавад, он ба асар чунон ихтилофоти дохилӣ ворид менамояд, ки аз вай арзиши эстетикии асар ногузир осеб мебинад".[3]

[1] *Носири Хусрав.* Сафарнома. – Душанбе: Ирфон, 1970, с. 7-8.
[2] *Куллиёт*, ҷ. 6, с. 232.
[3] *Искусство и общественная жизнь.* – Соч., т. 14 – М., 1934, с. 150-151.

Асарҳои бисёре дида мешаванд, ки аз нуқтаи назари доираи ғоявӣ ғаниву мураккабанд, яъне, дар як асар силсилаи ғояҳо инъикос ёфтааст. Дар чунин маврид яке аз ғояҳои дар айни замон муҳим дар марказ гузошта шуда, дигарон бар тақвияти он оварда мешаванд. Натанҳо ғояҳои дигар, балки кулли лавозиму ҷузъиёт ба хотири ғояи марказӣ оварда мешаванд. Гегел навиштааст: "Агар мо ба масъалае муроҷиат кунем, ки умуман тибқи кадом ҳуқуқ ин ё он **ҷузъ**, унсурро ба асари санъат дохил кардан мумкин аст, мо аз рӯи он рафтор кардаем, ки умуман ба асари санъат аз рӯи вобастагӣ бо он ғояи ягонаи асосие, ки ин асари санъат инъикос менамояд, рафтор мекунанд".[1]

Ғояи асари бадеӣ зимни офариниши образ, тасвири ҳолат, баёни равиши воқеа ифода меёбад; ҳангоми ҷамъбасти ҳодисаю образ равшан мегардад.

Дар асарҳои ҳамосавӣ, ки амалиёт бевосита тасвир меёбад, ғояи асар нисбатан осон шинохта мешавад, зеро ҳусни таваҷҷуҳ ва ё нафрати муаллиф ба персонаж ва анҷоми воқеа кӯмак мерасонад. Рустаму Сӯҳроб, Гурдияву Сиёвуши ҳаким Фирдавсӣ, Ширини шайх Низомӣ, Искандари мавлоно Ҷомӣ ифодакунандаи идеали офаридгорони худ мебошанд. Анҷоми воқеа дар "Дохунда" ва "Ғуломон", "Ҳасани аробакаш" низ аз ҷониби муаллифони асар тасдиқ меёбанд. Аммо чунин ҳолат ҳамеша рух намедиҳад, яъне, муаллиф бо анҷоми воқеа ҳамфикр нест, онро тасдиқ намекунад, балки **танқид менамояд**, ки инро дар "Эҳё"-и Лев Толстой, "Муфаттиш"-и Николай Гогол, таълифоти Убайди Зоконӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва ғ. дидан мумкин аст.

Ёфтани ғоя дар асари лирикӣ барои хонанда нисбатан мураккабтар аст, аммо онро аз ҳусни таваҷҷуҳи нависанда ба ҳолат, манзара ва ё чизи дигари тасвиршаванда пай бурдан

[1] *Лекции по эстетике*, т. 14, с. 178.

мумкин аст: объектро вай рад кардааст? Ё тасдиқ? Ва ин радду тасдиқ боиси саодати инсоният мешавад? Ё ба он халал мерасонад?

Ҳусейни Размҷӯ мегӯяд: "бо таваҷҷуҳ бо равобите, ки ҳунар бо ҷомеа ва рисолату вазоифе, ки ҳунарманд дар қиблаи иҷтимои худ дорад, ҳунармандон дар зумраи ҳаводорони яке аз ду мактаб: "Ҳунар барои ҳунар" ва "Ҳунар барои инсону ҷомеа" ҷой доранд".[1]

Мавқеи ғоявии нависанда дар асари бадеӣ ба ҷаҳонбинии ӯ вобаста аст, ки дар ин бора, бинобар ҷанбаи зеҳнӣ (субъективӣ) буданаш, дар боби "Мутамоилият" таваққуф шуда буд. Аммо ин ҷо иҷмолан оид ба ду масъалаи таносуби ҷаҳонбиниву ғоя дахл кардан воҷиб аст.

Аввал – ин ки чигунагии ғояи асари бадеӣ ба ҷаҳонбинии санъаткор бевосита вобаста мебошад, яъне, асари *накӯгоя* аз ҷаҳонбинии пешқадам меруяду асари зарарнок аз ҷаҳонбинии тангу иртиҷой.

Дувум – гоҳе чунон ҳам мешавад, ки таносуби бевоситаи номбурда вайрон мегардад.

Гоҳе миёни ҷаҳонбинӣ ва ғоя таносуби бевосита мавҷуд нест. Чунончи, Оноре де Балзак тарафдори мутлақияти шоҳӣ бошад ҳам, дар таълифоташ образи душманони мутлақият – ҷумҳурихоҳон бо ҳусни таваҷҷуҳ офарида шудааст. Таҷрибаи эҷоди бадеӣ гоҳе нишон медиҳад: "мундариҷаи ғоявие, ки бунёди асарро ташкил додааст, аз тасаввуроти шахсии санъаткор амиқтару дурусттар буда метавонад".[2] Гоҳе ҳодисаи баръакс, яъне, асари зарарнок ё камарзиш навиштани адиби пешқадам ҳам мушоҳида мешавад, чунончи, А.М. Горкий, ки соли 1905 романи "Модар"-ро эҷод кардааст, баъди торумори инқилоби якуми рус асари зарарноки "Муноҷот"-ро

[1] *Омӯзгор*, 1992, № 18, 29 апрел.
[2] *Краткий словарь по эстетике*. – М.: ИПЛ, 1963, с. 334.

менависад. Садрӣ Саъдиев мегӯяд: "сабаби берун аз хоҳиши санъаткор, аз худи инкишофи ҳодисаҳои мавриди тасвир ҳосил шудани ғоя дар ин аст, ки сарчашмаи асосӣ ва бевоситаи он ҳаёт аст".[1]

Сабабҳои ихтилофи ҷаҳонбинии шахсии нависанда ва моҳияти ғоявии асари ӯ, аз афташ, ду навъ – *объективӣ* ва *субъективӣ* мешавад. Яъне, гоҳе нависанда ба неруи тафаккури худ ҳақиқати объективиро он қадар пурраю дақиқ дарк мекунад ва ба қалам меорад, ки миёни *ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ* ихтилофе наметавонад. Аммо гоҳе қудрати нависанда камӣ мекунад, моҳияти ниҳонии аслии ҳақиқати объективиро пурраю дақиқ дида наметавонад, ки дар натиҷа аз воқеаи таърих сабақи даркории ибратомӯз бароварда намешавад.

Мазмуни асари бадеӣ

Баёни воқеа, масъала, тасвири ҳолат, предмет ва амсоли инҳо дар асари бадеӣ ***мазмуни*** *он асарро ташкил медиҳад.*

Сарчашмаи мазмуни асари бадеӣ – ҳаёти иҷтимоии халқ, муҳити зисти мардум, олами ахлоқ ва завқу табъи вай мебошанд. Азбаски зиндагӣ моломол аз ҳодисаю ҳолат ва масъалаю ашё аст, онҳо дар ҷараёни муттасилаи навшавию кӯҳнашавӣ мебошанд, доираи мундариҷавии адабиёт ҳам маҳдудият надорад. Бинобар ин, гоҳе асари писандида ҳам дар давраи дигар ва ё барои халқи дигар нописанд шуда метавонад, ки ба ин маънӣ Насириддини Тӯсӣ ишора карда буд.

Таърихи ҳар як марҳилаи конкрети халқ масъалаҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, эстетикиро пеш мегузорад, ки маҳз онҳо мазмуни асарҳои бадеии адибонро ташкил медиҳанд. Ба талаботи давр чӣ дараҷа ҷавоб дода тавонистани адабиёти бадеӣ, табиист, ки ба ҷаҳонбинӣ ва малакаю маҳорати нависандагон вобаста мебошад.

[1] *С. Саъдиев*. Мазмун ва шакли асари бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976, с. 9.

Мазмуни асари бадей метавонад воқеиву ҳаётӣ ва ё сохтаву бофта бошад, ки сабабгори ин ҳолат ҳам ҷаҳонбинии адиб, ҳам малакаю маҳорати вай буда метавонад. Гоҳе адиб воқеаи ҳаёти реалиро ночор пардапӯшона тасвир менамояд, ки намунаи чунин ҳолатро аз осори бисёр суханварони даврони антагонистӣ овардан мумкин аст. Шоир ба хотири амнияти худ маҷбур мешавад, ки ба матлаби аслии худ оҳанги дигар бахшад, киноявву истиора ва дигар воситаҳои баёни рамзиро ба кор барад. Мисоле ба ҳамин маънӣ аз хоҷа Ҳофиз:

Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш "Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме!"

Дурустию нодурустии мазмуни асари бадеиро зиндагӣ ва таърих собит менамоянд, зеро, аз як тараф, ҳақиқати ҳаёт меъёри баҳои асари бадей бошад, аз тарафи дигар, таърих аз ғирболи худ асарҳоеро мегузаронад – саҳеҳтараш: на ҳама, балки сазовортарин асарҳоро мегузаронад, асарҳои мазмунан пучро бармегардонад. Бесабаб нест, ки аз садҳо асари дар бадали як сол таълифшаванда ягон-ягонаш ба даҳсолаҳо роҳҳат мегирад.

Ҳамчунин, имкон дорад, ки мазмуни асари бадей пурра бошад ё ноқис. Омили ин ҳолат малакаю маҳорат ва истеъдоди адиб ҳисоб мехӯрад. Бешубҳа, дар ин масъала дараҷаи дониш ва мавқеи санъаткор низ нақш дорад. Нависандаи камтаҷриба ё кундистеъдод дар тарошу такмили маънӣ эътибори казой намедиҳад, воқеаи дида ва ё шунидаро саросема ба қалам медиҳад, ҳол он ки воқеаҳои рӯйдиҳанда ҳам муҳтоҷи тасҳеҳу такмили оқилона мебошанд.

Мазмуну ғоя ҷудонопазиранд. Ҳангоми сохтани тарҳи мазмуни асар муаллиф тобиши ғоявиро ҳатман дар назар дорад, яъне, ӯ равшан андеша меронад, ки ҳамин мазмун ба некию беҳбудӣ нигаронида шудааст, ва ё хонандаро ба бадию нохушӣ раҳнамун месозад. Агар аз мазмуни ин ё он асари

конкрети бадей партави ғоявӣ равшан намудор нашавад, ин нуқси ҳунари нависанда мебошад.

Бузургоне будаанд, ки тавонистаанд воқеияти талхро пӯшида ба забон ованд. Як мисолаш корномаи Борбади Марвазӣ аст: "Он вақт дар назди шоҳ сурудҳо хондандӣ – сурудҳои муроҷиатӣ ва сурудҳои баҳорона ва сурудҳое, ки дар онҳо баҳодурони таҳамтан ва ситорагони боронӣ васф шудандӣ. Ва ин сурудҳои "Офарин", "Мадрастони"-и Борбад будӣ. Ва Борбад аз аҳолии Марв буд. Ва дар сурудҳои ӯ ҳамду санои шоҳ, қиссаи айёми ӯ ва маҷлисҳои он давр ва музаффариятҳо буд. Ва рӯзе набудӣ, ки ӯ суруди тозае эҷод накардӣ ва оҳанги аҷоибе. Ва агар ягон ҳодисае рух медод, ва лозим меомад, ки дар бораи он ба шоҳ хабар расонанд, ҳама метарсиданд. Ва танҳо Борбад бо шеъру суруди хеш он розро баён мекард. Чунин воқеъ гардид, ки вақте аспи шоҳ – Шабдиз, аз пой ғалтид, ҳеҷ касе ҷуръат накард, ки дар ин бобат хабар расонанд. Вале ӯ (Борбад) суруде офариду бихонд, ки "Шабдиз дар аспхона пойҳояшро дароз кардӣ, чизе намехӯрад, ва намеҷунбад". Ва шоҳ гуфт: "пас, ӯ мурдааст". Ва Борбад гуфт: "О, шоҳо, ту инро гуфтӣ".[1]

Мазмуни асосии адабиёти бадеии халқро масъалаю ҳодисаҳои воқеии ҳаёт ташкил медиҳад. Нависандагони пешқадами ҳар як халқ дар ҳар як давру замон бештар аз ҳама доир ба зиндагии замони худ эҷод мекунанд. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки мазмун аз ҳаёти гузашта интихоб намешуда бошад. Даҳҳо асарҳои оламшумулро номбар кардан мумкин аст, ки мазмунашон бар асоси воқеаю масъалаҳои даврони куҳан бино ёфтааст. Ин ба шарте писандида хоҳад буд, ки суханвар миёни замони воқеа ва замони худ хатти ниҳоние аз моҳияти масъала кашида бошад,

[1] *Наврӯзи Сосониён.* Таҳияи М. Мирраҳимов. – Адабиёт ва санъат, 1986, 20 март, с. 11.

яъне, хонанда аз ҳаёти гузашта на танҳо дониш гирад, балки аз таърих, ахлоқу одоб, афкору ҳунар, завқи эстетикӣ ва амсоли инҳо бархурдор гардад.

Истилоҳоти "мӯҳтаво" ва "дарунмоя" дар Эрон ҳам корбурд дорад. Аҳмади Зокирӣ вожаи "дарунсохт"-ро ҳам оварда, ки дар забони тоҷикӣ чандон маъмул нест.[1]

Мавзуъ

Мафҳуми *мавзуъро* ду нав маънидод мекунанд: 1) ***мавзуъ*** *материали зиндагиеро* ифода менамояд, ки асари бадеӣ инъикос ёфтааст; 2) масъалаи асосии асари бадеӣ, проблемаи марказии онро ***мавзуъ*** меноманд.

Бояд гуфт, меҳвари ҳамаи мавзуъҳо **ишқ** аст. Аммо "ишқ" ба маънии асливу васеъ ва фарогираш, ки меҳру шавқу рағбату кӯшиш... ҳама шомили он ҳастанд. Ба гуфтаи Иқбол:

Зи ишқ дарси амал гиру ҳарчи хоҳӣ кун,
Ки ишқ ҷавҳари ҳуш асту ҷони фарҳанг аст.

Ҳусайни Размҷӯ дар тафсири ин байт мегӯяд: "он ҷавҳари ҳуш ва ҷони фарҳанг, ки фаҳму дарки он ҷуз барои соҳибдилони равшанзамир, ки ҳадиси шавқро дарёфта, ва даруни хеш ковида, ва худро шинохтаанд, муяссар нест".[2]

Боз ҳам Иқбол гуфта:

Ғуломи зиндадилонам, ки ошиқи сарафанд,
На хонақоҳнишинон, ки дил ба кас надиҳанд.
Нигоҳ аз маҳу парвин баландтар доранд,
Ки ошён ба гиребони Каҳкашон наниҳанд.

[1] *Аҳмади Зокирӣ.* Назми ман хосияте аҷаб дорад. – Кайҳони фарҳангӣ, соли 12, 1374, № 125, с. 32.

[2] *Ҳусайн Размҷӯ.* Сайре дар ғазалиёти Иқбол. – Кайҳони фарҳангӣ, соли 12, 1374, № 125, с. 23.

Ошиқ – он нест, ки лаб гарми фиғоне дорад,
Ошиқ – он аст ки бар каф ду ҷаҳоне дорад.

Мушоҳида шудааст, ки гоҳе мафҳумҳои "мавзуъ" ва "мазмун"-ро омезиш медиҳанд. Масалан, мегӯянд: "Мавзуи "Сурӯши Сталинград" муҳорибаи Сталинград" (ва ҳатто) ҷанги бузурги ватанист". Ҳол он ки муҳорибаи Сталинград мазмуни ин асарро ташкил дода, мавзуи он ғалабаи адолат бар зулмот ва зафари ҳаёт бар мамот мебошад. Мавзуъ нисбат бар мазмун умумӣ ва муҷаррад (абстракт) буда, бо ҳамин ба ғоя наздиктар мешавад.

"Мавзуъ" калимаи арабӣ буда, маънии *вазъшуда*-ро дорад. Аз мутолиоти таълифоти олимон ва мушоҳидаи асарҳои бадеӣ чунин таъриф сохтан мумкин аст: *он ҷиҳат ва ё соҳа, ҳодиса ва ё ҳолат, масъала ва ё чизи дигар, ки асари бадеӣ роҷеъ ба он навишта шудааст, мавзуъ номида мешавад.*

Сарчашмаи мавзуъ ҳаёти воқеист. Ҳаёт аз воқеа ва ҳолатҳо, масъалаю ашё, соҳаю тарафҳо моломол мебошад. Аз ин рӯ, доираи тематикии адабиёт низ ҳамеша васеъ аст. Дар зиндагӣ воқеа, масъала ва амсоли инҳо қадру манзалати якхелаю баробар не, балки гуногун доранд. Бинобар ин, эътибори мавзуъҳои адабӣ низ гуногун аст. Мавзуъе аҳамияти якумдараҷа дошта бошад, арзиши мавзуии дигар пасттар аст; агар доманаи мавзуе бо ҳудуди халқе ва ё тамоми мамлакате пайваст бошад, ҳадди мавзуи дигар бо доираи шахсе ва ё гурӯҳе маҳдуд мегардад.

Ҳамчунин, масъалаю воқеаҳо аз рӯи ҳаҷму моҳияти худ мавқеи гуногуни таърихӣ доранд – баъзеҳо умри ҷовидона аз сар мегузаронанд, қисме нисбатан бештар арзи вуҷуд мекунанд, баъзеи дигар фосилавианд, яке зуҳур мекунанду аз миён мераванд. Дар адабиёт низ чунин аст, як мавзуъ умри абад дорад (чун ватан, модар, ишқ, хайру шарр), дигар

муддате ҳукм меронад (фаранҷипартоӣ), қисме мавсиме умр дорад (даъват ба пахтачинӣ, идҳо ва ғ.).

Дар зиндагӣ ҳодиса ва ё масъалаи холисеро пайдо кардан мумкин нест, ки бо ҳодисаю масъалаи дигар пайваст набошад. Аз ин сабаб, дар асарҳои бадеӣ ҳам якчанд мавзуъ алоқамандона акс ва ҳал карда мешаванд. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки якчанд мавзуъи як асар ҳама ба як андоза инъикос меёбанд. Аз силсилаи мавзуъҳои як асари бадеӣ яке марказист, дигарҳо пурракунандаанд.

Қадру эътибори адиб дар ҳузури ҷамъият ба моҳияти интихоби мавзуъ вобаста аст. В.Г. Белинский навишта буд, ки "Ҳар як шахси бузург масъалаҳои замони худро ҳал мекунад, дар фаъолияти худ руҳи ҳамон давраеро ифода мекунад, ки дар он таваллуд ва камол ёфтааст".[1] Адибе, ки масъулияти фарзанди халқу замон будани худро равшан ҳис мекунад, масъалаҳои вобастаи тақдири халқашро маърифат карда, доир ба онҳо асар меофарад. Баръакс, адибе ки дар қиёси ҳодисаю масъалаҳои муҳим зеҳни кунд дорад, бо мавзуъҳои камфоида шуғл меварзад. Бузургии ҳамаи классикон (ҳамчун Рӯдакию Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофиз, Пушкину Толстой) пеш аз ҳама дар ин аст, ки муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву таърихӣ ва ахлоқиву мадании замони худро инъикос намудаанд. Тасаввур кардан мумкин аст, дар замоне, ки Низомӣ барин суханофарин бо таҷассуми ишқу некӯкорӣ, камолоти маънавии инсонӣ барин масъалаҳои умумибашарӣ машғул буд, садҳо адибони дигари ҳамзамони ӯ бо баёни кору кочоли худ, фитнаю иғвои ҳамдигар, маддоҳии чоплусона умр зоеъ мекарданд. Вобастаи ҳамин маънӣ як фикри устод Турсунзода ба хотир мерасад, ки гуфта буд: "Бе афкори бузург насри бузург имкон надорад. На танҳо наср, балки ҳеҷ гуна адабиёт намешавад".[2]

[1] *В.Г. Белинский*. Собр.соч., т. 2, с. 70.

[2] *М. Турсунзаде*. За передовую таджикскую литературу. – В кн.: Декада таджикской советской литературы в Москве. Сб. материалов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1950, с. 36.

Қаламкашони дилсӯзи халқу кишвар ҳамеша ғами беҳбудии мардум ва ободии Меҳанро мехӯранд. Бубинед, ки Мирзо Сирочи Ҳаким дар вақташ чи гуфта буд: "Сабаб чи шуд, ки тамоми улуму фунунро онон (аврупоиён) гирифтанд, мо муҳточи илму ҳунари онон шудем. Мо бояд дар кӯчаву бозорҳои касиф зиндагӣ ва касб намоем. Дар офтобҳои гарм зироат кунем ва он чи сарват ба даст биёварем, дар ивази санъатҳои онон дода, худамонро гадо кунем. Ҷиҳат ин ки ба мо асбоби зиндагӣ ба кор аст. Мовут, фосутӣ (трико) лозим дорем. Читҳои ранга, порчаҳои ҳарир, суф ва катон, локаи англисӣ, чармии амрикоӣ, зарбофти загронич, лампаи чароғи барқ, мошини хайётӣ, сӯзан, қаламтароши фарангӣ лозим дорем. Аз пироҳани атфол гирифта то кафани мурдагонамон бояд аз Аврупо биёяд. Тамоми асбоби зиндагии мо бояд аз хорича харидорӣ шавад. Акнун мо муҳточ набуда, кӣ бошад? Онон, ки тамоми сарвати мо мардуми Осиёро мебаранд, босарват нашуда, кӣ шавад? Андак фикру қадре ҳуш лозим аст. Охир мо ҳам мисли онон одамем. Мо ҳам мадраки маъқулот мебошем. Дили мо ҳам мехоҳад, ки шаҳри мо обод ва хушиморат бошад. Мо ҳам мехоҳем босарват бошем. Ҳирси мо дар дунё аз онон бештар аст. Мо ҳеҷ вақт дунёро тарк намуда раҳбониятро пеша накардаем".[1]

Интихоби мавзуъ, ҷоҳу мартабаи иҷтимоии адибро муайян карда наметавонад. Нишондиҳандаи дигари асосии эътибори нависанда *чигунагии ҳалли мавзуъ* мебошад. Бузургон мавзуъро аз нигоҳи пешрафти ҳаёти умумиинсонӣ ҳал кардаанд, дигарон ба натичаи инъикос, аз ҷумла, ба беҳбудии зиндагӣ ҳам эътибор надодаанд. Ҳатто дар як мавзуъи муштарак адибон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Масалан, *мадҳ*. Адибони классик ҳам ночор ин мавзуъро ихтиёр кардаанд. Аммо онҳо тавассути васфи мамдуҳи худ адолати мардум,

[1] *Туҳафи аҳли Бухоро*. – Бухоро, 1902-3, с. 39.

амнияти кишвар, ободонии ҷомеаро тақозо намудаанд. Бисёр адибони дигари дарборӣ, тамоми қувваю истеъдоди худро ба ситоиши маҳзи мамдуҳ ва васфи пурдурӯғу бефоидаи шахсият ва омоли одамони ҷудогона сарф кардаанд. Аз ин ҷо равшан бармеояд, ки масъалаи мавзуъи асари бадеӣ бо мафҳуми дигари муҳим – ҷаҳонбинӣ сахт вобаста будааст. Нависанда тибқи ҷаҳонбинии худ мавзуъро интихоб менамояд, дар партави он, ҳамчунин кӯмаки истеъдоду малакаи нигорандагии худ, ҳал мекунад.

Миқдори мавзуъ, яъне, кам ё зиёд будани он, аз қудрати нависанда гувоҳӣ намедиҳад. Бисёр шудааст, ки адибони бузург дар атрофи як мавзуъ, ё силсилаи мавзуъҳои моҳиятан ба ҳамдигар вобаста, эҷод кардаанд. Ҳангоме адиб як соҳаи зиндагиро дақиқкорона меомӯзад, роҷеъ ба он соҳа асарҳо меофарад, натиҷаи бештаре ба даст хоҳад овард, зеро ӯ тамоми моҳияти ҳамон соҳаро аз худ мекунад. Ҷузъитарин назокати онро пай мебарад. Масалан, осори устод Айнӣ дар бораи ҷомеаи ба футуррасидаи тоҷик дар арафаи инқилоб; С. Улуғзода дар бораи лаҳзаҳои рахшони таърихи халқамон ва чеҳраҳои фарзандони шоистаи вай; М. Турсунзода доир ба сулҳ ва муборизаи мардуми мустамликавӣ; Ҷ. Икромӣ дар бораи иштироки занону духтарони тоҷик дар тағйироти ҷомеа; Р. Ҷалил оид ба синфи коргари миллӣ; Ф. Муҳаммадиев роҷеъ ба ахлоқу фарҳанги ҳамзамонон; Ф. Ниёзӣ аз хусуси ҷанги бузурги ватанӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ин адибон дар соҳаи интихобкардаи худ донишу малакаи басанда андӯхтаанд. М. Горкий гуфта буд: "Мавзуъ – ин ҳояест, ки дар таҷрибаи эҷодии муаллиф пайдо шудааст, ҳаёт онро ба муаллиф пешкаш кардааст".

Гоҳе мавзуи асар дар номи он ҳам ифода мегардад. Чунончи, унвони "Сафарнома", "Бадоеъ-ул-вақоеъ", "Ёддоштҳо", "Субҳи ҷавонии мо", "Садои Осиё" ва ғ. ба мавзуи асар ҳам ишора мекунад. Баъзан нависанда мавзуъро

тавассути образ дар сарлавҳа ҷой медиҳад, масалан: "Обутоб ёфтани пӯлод". Мавзуи асари машҳури Николай Островский дар кӯраи муборизаи оштинопазири синфӣ ташаккул ёфтани одамони нав ва камолоти ӯ мебошад. Ин мавзуъ зимни тасвири ҳодисоту ҳолоти бисёр, амалиёти одамони гуногун, ҳиссиёту ҳаяҷони онҳо, дар партави муҳаббату нафрат, дӯстию душманӣ, тавассути образу характерҳои мухталиф ҳалли бадеии худро ёфтааст. Ҳамин матлабро номи асар ба тарзи аёнӣ таҷассум мекунад.

Азбаски чархи зиндагӣ беист дар гардиш аст, мавзуъҳо низ ҳамеша дар ҳолати навшавию кӯҳнашавӣ қарор доранд. Мавзуи нав якбора барои ҳама ошкор намегардад, онро пеш аз ҳама адибони закӣ пай мебаранду ба маҷрои ҷараёни адабӣ мекашанд. Ба ҳамин маънӣ, Гейне гуфтааст: "Агар ҷаҳон битаркад, дарзҳои он аввалқадам аз дили шоир мегузаранд". Танҳо фарзандони асили халқ масъалаи пешомадаистодаро ҳис мекунанд, барои ҳалли воқеаи рӯйдиҳанда (тибқи ҳикмати "илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард") роҳ нишон медиҳанд. Ба ин маънӣ, мавзуи асари бадеӣ гувоҳномаи дараҷаи ҳувияти адиб ҳисоб ёфта метавонад.

Доираи тематикии асари бадеӣ, алоқамандии табиии онҳо ба қонунҳои ҷинсии асар ҳам марбут аст. Мавзуи асари лирикӣ одатан муъҷаз мешаваду муфассал инъикос намеёбад. Мавзуъ дар асари лирикӣ аксаран тоқа-тоқа меояд. Ҳодисаи инъикос ёфтани якчанд мавзуъ дар як асар нодир иттифоқ меафтад. Дар асарҳои драмавӣ, баръакс доираи мавзуъ мураккабтар сурат мегирад ва онҳо нисбатан муфассал инъикос меёбанд. Қонуни ҷинси ҳамосавӣ тақозо менамояд, ки чандин мавзуъ пайваста акс ва ҳал карда шаванд. Чунончи, мавзуъҳои муборизаи оммаи меҳнаткаши тоҷик аз ғуломӣ ба ҳаёти нав, ҳилаю найрангҳои истисморгарон, ҳақталошӣ, муҳаббати пок ва амсоли инҳо доираи тематикии роман-эпопеяи "Ғуломон"-и устод Айниро ташкил додаанд.

Ҳалли мавзуъ ба маҳорату малакаи адиб вобастагии зиёд дорад. Адиби моҳир мавзуъро табиӣ ва ибратангез ҳал мекунад. Инро дар лирикаи устод М. Турсунзода, М. Қаноат равшан дидан мумкин аст. Гоҳе дар асарҳои лирикӣ ҳам мавзуъҳо пайванд меёбанд. Дар ғазалҳои Ҳофиз, Сайидо ва дигарон мавзуъҳои ишқу ирфонӣ бо танқиди замона омезиш меёбанд. Таваҷҷуҳ шавад ба ин пораи Хоҷа Ҳофиз:

Ман ар з-он ки гардам зи мастӣ ҳалок,
Ба ойини мастон баредам ба хок.
Ба тобуте аз чӯби токам кунед,
Ба роҳи харобот хокам кунед.
Ба оби харобот гуслам диҳед,
Пас, он гоҳ бар дӯши мастам ниҳед,
Марезед бар гӯри ман ҷуз шароб,
Маёред бар мотамам ҷуз рубоб,
Валекин ба шарте, ки дар марги ман
Нанолад ба ҷуз мутрибу торзан.
Ту худ, Ҳофизо, сар зи мастӣ матоб,
Ки султон нахоҳад хироҷ аз хароб!

Байте аз Сайидҷаъфари Ҷуръат (шоири асри XVIII) дар печидагии мавзуъҳои ишқиву иҷтимоӣ:

Рехтӣ хун, магар аз шаҳри Фаранг омадай?
То дам аз сулҳ занам, бар сари ҷанг омадай.

Ин корро дар замони мо устод М. Турсунзода ҳам кардааст. Аммо на аз ночорӣ. Дар шеърҳои "Тирукамон", "Чӯпон", "Бетараф" мавзуъҳои ишқу манзара ва сиёсӣ моҳирона инъикос гардидаанд, маҳорат дар ноаёну табиӣ ва мулоим пайваст шудани ду мавзуъ мебошад.

Инро ҳам бояд донист, ки адиби заковатманд бар асоси мавзуъи назарногире ҳам асари ҷолиби диққат эҷод карда метавонад – тавассути истеъдоду маҳорат мавзуъро табиӣ ва гарм ҳал мекунад, образу характерҳои эътимодбахшу ибратангез меофарад, салису равон сухан меронад, устухонбандии дилчаспе ба кор мебарад ва ғайраву ҳоказо. Аммо адиби нотавон дар бораи мавзуъи пурқимматтарин ҳам асаре навишта наметавонад, ки ба дили хонандагон менишаста бошад. Бинобар ин, интихоби мавзуъ гарави муваффақияти нависанда ҳисоб ёфта наметавонад ва ***муваффақияти адибро ҳалли мавзуъ нишон медиҳад.***

Ҷолиби диққат аст, ки доир ба ҷанги дувуми ҷаҳон садҳо ҳазор асар таълиф ёфта ва ҳоло ҳам эҷод мешаванд. Аммо аз рӯи арзиши ғоявӣ ин асарҳо ба ду гурӯҳи мухолиф тақсим мешаванд: *пешқадам* ва *иртиҷоӣ*, зеро адибони пешқадам мавзуъро тибқи ҳақиқати таърих ҳал мекунанд, яъне, тамоми даҳшатҳои ҷанг, сабабгорони он, қаҳрамонию иттиҳоди мардум ва омилҳои аслии ғалабаро воқеъбинона нишон медиҳанд, вале нависандагони мафкурафурӯш ҳақиқатро поймол мекунанд, ки дар натиҷа мавзуъ *якторафа, ғайритабиӣ* ҳал мегардад.

Сифати бадеии асар ба дараҷаи ҳалли мавзуъ вобаста аст, яъне, мавзуъ ҳар қадар ***пурра*** ва ***табиӣ*** ҳал шуда бошад, арзиши асар ҳамон андоза баланд ва баръакс, ҳалли мавзуъ ҳар чи ***нопурра*** ва ***сунъӣ*** бошад, арзиши он ҳамон андоза паст мешавад. Чингиз Айтматов мегӯяд, ки "аҳамиятнокии мақсаду мавзуъ барои иншои китоб басанда нест".[1] Адибони ҳақиқӣ ҳамеша, ҳатто баъди аз ҷониби хонандагон хуш қабул шудани асар ҳам дар пайи пурра кардани мавзуъ ва такмили мазмун мешаванд. Масалан, устод Айнӣ мавзуи судхӯриро тавассути тасвири алоқаи Қорӣ Ишкамба бо судхӯрони деҳот дар таҳрири дувуми қиссаи "Марги судхӯр" пурра кардааст...

[1] *Ҳаёт ва масъалаҳои таълим.* – Газетаи муаллимон, 1981, 25 июл.

Ҳангоми таълими қонуни мундариҷаю шакл, тавре ки ишора шуд, онҳо шартан аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд, алоҳида-алоҳида бояд баррасӣ кард.

Шакл

Шакли асари бадеӣ *– маҷмуи лавозимоти эҷоди бадеӣ мебошад, ки барои ифодаи мундариҷа ба кор рафтааст.*

Маълум аст, ки доираи лавозимоти эҷоди бадеӣ васеъ мебошад, зеро ба он забону санъатҳои бадеӣ, ҷинсу жанр, образу характер, методу услуб, сужаву устухонбандӣ, портрету пейзаж, вазну қофия ва амсоли онҳо дохил мешаванд. Воситаҳо, ё худ унсурҳои шакли бадеӣ, дар миқёси моҳияти худ ҳама баробар нестанд, чунончи, агар образ, забон, санъатҳои бадеӣ, устухонбандӣ ва ғ. барои кулли асарҳои бадеӣ истифода шаванд, *сужа* хоси ҳамосаю драма буда, *вазну қофия* танҳо дар назм ба кор бурда мешавад.

Бояд дар хотир дошт, ки унсурҳои номбурда аз тариқи *нисбӣ*, яъне, нисбат бо ҳамдигар, унсури шаклии адабиёти бадеӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, образ ба нисбати забон *мундариҷа* мебошад, аммо забон ба нисбати образ *шакл* аст, зеро образ тавассути забон бунёд мегардад. Лекин ҳам забону ҳам образ нисбат ба *гоя*, *мазмун* ва *мавзуъ* ҳамеша категорияҳои шаклӣ ҳисоб меёбанд.

Азбаски лавозимоти шакли бадеӣ бисёранд ва ин масъалаҳо тақрибан тамоми курси "Назарияи адабиёт"-ро фаро мегиранд, ҳар яки онҳоро ин ҷо ҷудогона аз назар гузаронидан имкон надорад.

Дар системаи осори бадеӣ масоили шакл мақоми бузургеро ишғол менамоянд. Донишманди бузурги олмонӣ Гегел гуфтааст: "Роҷеъ ба Илиада гуфтан мумкин аст, ки мазмуни вай иборат аст аз ҷанги Троя, боз ҳам дақиқтараш, аз ғазаби Ахилл; ин барои мо ҳама чиз аст, вале дар айни замон хеле кам аст, зеро он чизе, ки Илиадаро Илиада кардааст, он шакли шеърие мебошад, ки дар вай мундариҷа ифода ёфтааст".

Дар бораи қимати шакли бадеӣ, махсусан шеър, устод Айнӣ дар мактубаш ба Ҷалол Икромӣ мегӯяд: "Агар он асар як асари шеърӣ бошад, ин талаб ва лузум боз ҳам қатъитар ва пурзӯртар мешавад. Зеро дар асари шеърӣ нақши калонро натанҳо мундариҷа, балки ба чӣ тарз ифода шудани он мундариҷа бозӣ мекунад". Горкий ҳам гуфта: "он муҳим нест, ки чи гуфтааст, балки он муҳим аст, ки ба чи тарз гуфтааст" (мазмунан).[1]

Таносуб – қонун

Дар ибтидои ин фасл овардани иқтибосе аз "Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ" муносиб аст: "Гуфтан мумкин нест, ки шакл аҳамияти дувумдараҷа дорад. Шакл ва мазмун ба якдигар сахт алоқаманданд ва дурусттар ин аст, ки ин ҳар ду соҳиби ягонагии комиланд. Шакл бе мазмун маъние надорад, ва мазмун бе шакли муносиб ифода шуда наметавонад".[2]

Такомулоту тағйироти мундариҷаю шакл яксон намебошад, балки мундариҷа ***якбора*** тағйир мекунаду шакл тадриҷан такомул меёбад. Агар мазмун зуд тараққӣ кунад, ҳатто фавран дигар шуда тавонад, шакли асари бадеӣ ба оҳистагӣ инкишоф меёбад, тағйироти вай он қадар заиф аст, ки гоҳе мушоҳида карданаш душвор мешавад. Ба ҳамин сабаб, шаклро гоҳе ***шахшуда*** мешуморанд, ки ин ҳукмро на мутлақ, балки нисбӣ (нисбат ба мундариҷа) бояд фаҳмид.

Сабаби тағйироти фаврии мундариҷа ва тадриҷии шакли адабиёти бадеиро дар моҳияти сарчашмаҳои категорияҳои мазкур бояд ҷуст. Истеҳсолот ва умуман ҳаёти моддии ҷамъият, ки дар айни замон заминаи мундариҷаи адабиёту санъатро ташкил медиҳад, метавонад фавран тағйир дода шавад, аммо барсохти ҷамъиятӣ, ки шакли адабиёти бадеӣ бо он беалоқа намебошад, тадриҷан дигар мешавад. Барои

[1] *Шарқи Сурх*, 1963, № 4, с. 46.
[2] Душанбе, 1964, с.133.

тараққиёти назарраси мундариҷа ва инкишофи нонамоёни шакл жанри ғазалро ба хотир овардан мумкин аст.

Дар адабиёти классикӣ асрҳо инҷониб мазмуни асосии ғазалро мавзуъҳои ишқу муҳаббат, манзараҳои табиат ташкил медод, аммо дар асри XX мувофиқи талаботи давру замон мазмуни ғазал васеъ шуда, ба он мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ бештар ворид гардид. Чунонки дида мешавад, мазмуни ғазал такомул ёфт, аммо шакли ғазал ҳамон навъе ки дар адабиёти классикӣ буд, асосан боқӣ монд, тағйироти нисбатан равшан танҳо дар забон ва санъатҳои бадеӣ мушоҳида мешавад. Дар бораи ягонагии ҷанбаҳои маънавию шаклии ғазал Шамси Қайс нозуку дақиқ гуфта буд: "Ба ҳукми он-к мақсуд аз ғазал тарвеҳи хотир ва хушомади нафс аст, бояд ки бинои он бар вазне хушу матбуъ ва алфозе азбу салис ва маоние ройиқи муравviқ ниҳанд; ва дар назми он аз калимоти мустакреҳ ва суханони хашин муҳтариз бошанд".[1]

Мегӯянд, ки *мундариҷа аввал асту шакл ба вай тобеъ мебошад*. Ин ба он маънист, ки ба хотир ҳамеша аввал маъние меояду пасон шакли мувофиқи он ба майдон меояд. Шайх Саъдӣ бесабаб нагуфтааст:

Агар ҳушмандӣ, ба маънӣ гарой,
Ки маънӣ бимонад, на сурат баҷой.

Маънии ҷолибро Мавлавӣ ба қалам додааст: нармиву мулоиматӣ – хусусияти тоҷикон мебошад ва аммо сарчашмаи ин хислат – *фарҳанг* аст:

Як ҳамлаву ду ҳамла, шаб омаду торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, на нармиву тоҷикӣ.

[1] *Ал-Муъҷам*, с. 416.

Сабаби нармии хуни тоҷикон дар таърихи дерина доштани онҳост – дар "Таворих"-и Ҳеродот омадааст, дар сурати "додик" ва "додикс". Аммо туркон, ки ҷавон ҳастанд, хунашон ҳам тоза аст, аз ҳамин сабаб, гапи худро фавран мегӯянд, интизор намешаванд, то мусоҳиби тоҷик суханашро ба поён расонад.

Фаразан асари бадеиро тарҷума карданӣ шаванд, забон тағйир меёбад, санъатҳои бадеӣ дигар мешаванд, бисёр образҳои шоирона умуман аз миён мераванд. Ҳамин маъниро ҳаким Носири Хусрав ҳам ишора карда буд:

Аз мард камол ҷӯю хушхӯй,
Мангар ба ҷамолу сурати некӯ.

Масъалаи тобеияти шакл бар мазмун аз ин мисол равшантар мегардад. Адиби ҷангноманавис Фотеҳ Ниёзӣ дар мавзуи иштироки муаллими тоҷик дар муҳорибаи Сталинград "Дастрӯмол" ном ҳикояе менависад. Азбаски муҳорибаи мазкур моҳиятан амиқу сердомана мебошад, нависанда аз дараҷаи ҳалли мавзуъ қонеъ намешавад – муҳорибаро васеътар нишон медиҳад, қаҳрамони худро бо ақибгоҳ – бо маҳбубааш, бо кору ҳамкоронаш пайваст менамояд, ки дар натиҷа ***ҳикоя*** ба ***повест*** табдил меёбад. Ин повест "Вафо" ном дошт, ба хонандагони сершумор писанд омад. Дертар нависанда бо повест ҳам қаноат накард – баъзе масъалаҳо, чунончи анҷоми ҷангу баргаштани ҷанговаронро чун қисми дувуми асар илова карда, ***повестро*** ба ***роман*** табдил дод.

Чунин пиндоштан, ки бинобар талаботи мундариҷа шакл тағйир ёфта, аммо худи мундариҷа дигар намешуда бошад, содалавҳона хоҳад буд. Яъне, *шакл аз рӯи эҳтиёҷоти мазмун инкишоф меёбад, вале ҳамзамон бо инкишофи шакл мундариҷа ҳам такмил меёбад*. Бинобар ин, мундариҷаро холис ҳоким ва шаклро ҳамеша мутеъ гумон кардан норавост, онҳо баробари

ҳамдигар инкишоф медиҳанд. Фақат инро бояд эътироф кард, ки *такомулоти шакл бинобар зарурати такомулоти минбаъдаи мундариҷа сурат мегирад*, на баръакс.

Миёни мундариҷа ва шакл бояд таносуб олӣ бошад. Ин қонун аст. Ҳар яке аз унсурҳои мундариҷа – ғоя, мавзуъ, мазмун – ҳамчунин, ҳар яке аз унсурҳои шакли бадеӣ ҳамчун забон, ҷинс, жанр, метод ва амсоли инҳо, мувофиқи табиати худ дорои моҳияти муайяне мебошад. Масалан, ғояи ишқи пок гуворову илҳомовар аст, ғояи дунёбезорӣ – ғамангез, ғояи қаҳрамонӣ рӯҳбахш аст, ғояи инсонбадбинӣ – дилрешкунанда.

Ё худ, лирика ҳиссиётро бедор мекунад, ҳамоса ақлро ба таҳрик меорад; сухани ишқӣ салису дилнишин аст, забони асари ҳаҷвӣ – тунду тез (ҳатто гоҳе аз доираи одоб берун), асари қаҳрамонӣ пуршукӯҳ, асари мадҳӣ мутантан, асари фалсафӣ – орому ботамкин ва ғ. *Санъаткори ҳақиқӣ аз маърифати анъанаҳо ва мушоҳидаи воқеият моҳияту табиати ҳар яке аз унсурҳои ҳам мундариҷа ва ҳам шаклро хуб донад ва мувофиқи талаботи гурӯҳи аввал гурӯҳи сониро кор баста тавонад.* Аммо ин амал бағоят мушкил аст. "Ташвиши такмили шакл, - мегӯяд Лев Толстой, - кори мудҳишест. Барабас не. Аммо ба шарте, ки маънӣ хайр бошад. Агар Гогол мазҳакаи худро, заиф менавишт, онро ҳиссае аз миллион, ки ҳоло хондаанд, намехонд".[1]

Ҳар як чизи тасвиршаванда лоиқи ҳаҷму моҳияти худ толиби жанре мебошад. Масалан, нависанда мундариҷаеро ба тасвир мегирад, ки он ҳодисаю воқеаҳои бисёр ва дуру дарозро дарбар карда, дар амалиёти онҳо қаҳрамону персонажҳои зиёд иштирок менамоянд. Дар чунин ҳолат, нависанда бояд жанри романро интихоб намояд. Ё худ баръакс, нависанда як воқеа, як лаҳзаро тасвир карданӣ мешавад, ки он дар ҳаҷми ҳикоят мегунҷад. Агар ин ду ҳолат

[1] Русские писатели о литературе. – Л., 1939, с. 152.

ба ҳамдигар иваз карда шавад, яъне, нависандаи аввал жанри ҳикоятро интихоб намояду нависандаи дувум жанри романро, номувофиқатии шаклу мундариҷа рӯй дода, ягонагӣ аз миён меравад.

Ё худ, як лаҳзаи манзараи табииро (масалан, "Тирукамон"-и Турсунзода) дар як достон, ё тарҷеъбанду таркиббанд барин жанри калони манзум, тасвир карда намешавад. Инчунин, мазмуну мундариҷаи достони "Ҳасани аробакаш"-ро ҳам дар як шеъри хурд (масалан, рубой, қитъа, дубайтӣ, ғазал ва ғ.) ифода кардан аз имкон берун аст.

Мазмуну мундариҷаи қаҳрамонӣ, ҳарбу зарбро бо забони лирикӣ ва баръакс лаҳзаҳои лирикии ишқиро бо забони мутантан, пуршӯр ва мутакаллаф тасвир кардан мумкин нест. Вобастагии таносуби миёни маонии некӯ ва лафзи хушро Аҳмад Маҳдуми Дониш чунин таъкид карда буд: "То лафз хуш наёяд, маонии некӯ аз он сар барназанад".

Ҳангоми арзёбии таносуби лавозимоти шакливу мундариҷавии асари бадеӣ эҳтиёткории бағоят нозук зарур аст, зеро гоҳе мешавад, ки мунаққид моҳияти аслии ин ё он воситаи шаклиро пурра дарк накарда, таносуби нозуку созгорро пай набурда, баҳои барғалат доданаш мумкин аст.

Чунин ҳолат бо достони "Парии бахт"-и устод Лоҳутӣ рӯй дода буд. Гурӯҳи адибону мунаққидон мавқеи тамсилу ташхисро дар системаи тафаккури эстетикии мардуми мо нағз надониста, ва ё донистан нахоста, достони шоирро сиёҳ карда буданд. Чунончи, Е.М. Книпович гуфта буд: "Аммо дар асоси ин достон ("Парии бахт" – Р.М.) дар бораи номувофиқатии шаклу мундариҷа, истифодаи ғайританқидии анъанаҳои гузашта масъала мондан мумкин аст".[1]

Ҳамин тариқ, дар миёни мундариҷа ва шакли тасвири бадеии он бояд ягонагӣ мавҷуд бошад. В.Г. Белинский

[1] *Декада* ..., с. 126.

гуфтааст: "Ҳангоме ки шакл ифодакунандаи мазмун мебошад, чунон вобастаи вай мешавад, ки аз мазмун ҷудо карданаш, маънии барҳам додани худи мазмунро дорад; ва барьакс: ҷудо кардани мазмун аз шакл – барҳам додани шакл аст".[1]

Масъалаи ягонагии шаклу мазмун аз назари адабиётшиносон низ дур намондааст, ки онҳо, баъзан дар бораи мувофиқат кардани мазмун бо хусусиятҳои жанрӣ изҳори ақида намудаанд. Шамси Қайс гуфтааст: "Ва ҳамчунин бояд, ки дар алфозу маонии ҳар байт дақоиқи танаввақ (дақиққорӣ) бачой орад, то агар лафзи рақик (хунук) афтад, азбӣ ба ҷои он биниҳад; ва агар маъние қосир (нопурра) ёбад, тамом кунад. Ва дар ин боб чун наққоши чирадаст бошад, ки дар тақосими нуқуш (тақсими нақшҳо) ва тадовири (кашидани доираҳо) шоху баргҳо ҳар гуле бар тарафе нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезӣ, ҳар сибғ (ранг) ба ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад: - он ҷо, ки ранги сер лоиқ ояд, нимсер сарф накунад, ва он ҷо, ки сибғи равшан бояд, торик ба кор набарад. Ва чун ҷавҳарии устод бошад, ки ба ҳусни таълиф ва таносуби таркиб равнақи иқди хеш набарад".[2]

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (ваф. декабри 1513) дар асари худ "Бӣдоеъ-ус-саноеъ" ягонагии лафзу маъниро таъкид намудааст: "Балки асл дар ҷумлаи муҳассанот (зебоиҳо, санъатҳои бадеӣ) он аст, ки калом бар вачҳе адо ёбад, ки дар инфиҳоми (фаҳми) маънӣ ва латофати он, дар аҳкоми таркиб ва салосати он ихтилоле (халале) падид наёяд". Ӯ таъкид мекунад, ки муаллиф ба ҳар ду, яъне, ҳам ба мазмун ва ҳам роҳҳои ифодаи он диққати ҷиддӣ диҳад. Ӯ мегӯяд: *"На он ки дар таҳсину тазйини алфоз кӯшанду чашм аз ҳоли ихтилоли маънӣ бипӯшанд, ё он ки, масалан, маънии хос гӯянду тариқи ҳусни адо напӯянд"*. Ҳамин нуктаи муҳим, яъне,

[1] *В.Г. Белинский.* Собр. соч., в трех томах, т. III, - М., 1948, с. 138.
[2] *Ал-Муъҷам,* с. 450.

ягонагии лафзу маъниро, то он ҷое ки банда эҳсос кардааст, бори аввал Атоулло ба қалам додаст.

Маънии дилангезеро Сойиб гуфтааст:

Лафзу маъниро ба тег аз якдигар натвон бурид,
Кист, Сойиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо?

Мисоле дигар аз ҳамон шоир:

Ҷилваи Юсуф наяфкандаст дар бозори Миср,
Аз сухани шӯре, ки ман дар Исфаҳон андохтам.

Суханро пазондан осон нест: *кас бояд худро об кунад, то сухан пухта гардад:*

То чу май, Сойиб, каломам пухтаву рангин шудааст,
Дар ҳаримӣ синаи худ солҳо ҷӯшидаам.

Афзалият ва бартарии мазмун аз суханро дар асарҳои бисёр адибон ва адабиётшиносони тоинқилобӣ пайдо кардан мумкин аст. Атоулло навиштааст: "Бидон, ки асл дар муҳасанноти лафзия он аст, ки алфозро тобеи маънӣ созанд". Ё худ, Кайковус мегӯяд: "... чаҳд кун, то сухани ту саҳли мумтанеъ бошад ... ва чизе, ки ту дониву дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки *шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш*".[1] Ӯ худи ҳамон ҷо ба хусусиятҳои жанрии ғазал ва рубоӣ дахл намуда, мегӯяд, ки "агар ғазал ва тарона гӯй, саҳлу латиф, ва тар гӯй, ва ба қавофии (қофияҳои) маъруф гӯй, тозиҳои (суханҳои арабии) сард ва ғариб магӯй; бар ҳасби ҳол ошиқона ва суханҳои латиф гӯй ва амсолҳои (масалҳои) хуш ба кор дор ...". Ҳамин донишманд дар поёнтар (с. 131) масъалаи хеле

[1] *Унсурулмаолии Кайковус.* Қобуснома. – Душанбе: Маориф, 1979, с. 130.

муҳими мутобиқати услубу маъниро нозук таъкид намудааст: "Ғазалу тарона тару обдор гӯй ва мадҳ қавиву далер". Бояд афзуд, ки "ғазал" ва "мадҳ" ин ҷо ва дар болотар дар ифодаи ҷанбаи *маънавӣ* омадаанд, на *жанрии шаклӣ*.

Шарафиддини Ромӣ зарурат ва созгории чаҳор унсури ҳатмии шеър: мазмун, сухан, санъат ва тахайюлро ҳамчун шарти асосии таълифи асари бадеӣ таъкид кардааст. Ӯ мегӯяд: "Ва хона (ба маънии "байт") бар чаҳор рукн қоим аст, чунончи: лафзу маънӣ ва санъату хаёл. Ва байт маъмури он аст, ки бад-ин аркони арбаа мустаҳкам бувад".

Аз таҷрибаи эҷодии бисёр нависандагон мушоҳида мешавад, ки дар натиҷаи ҳусни таваҷҷуҳи муаллиф ба ин ё он унсури шакл асари бадеӣ аз муваффақият маҳрум гардидааст. Масалан, корнамоии ҷанговари тоҷик Сафар Одинаев ва ҳамяроқони ӯ дар ҷанги бузурги ватанӣ бо қалами Фотеҳ Ниёзӣ дар шакли повест ("Вафо") таҷассуми бадеии худро пайдо кард ва он писанди хонандагон гардид. Аммо нависанда минбаъд воқеаҳоро давом ва инкишоф дода, повестро ба роман табдил дод, ки дар натиҷа, мазмун кашол ёфт.

Н.Г. Чернишевский қонуни ягонагии мундариҷа ва шаклро ба тарзи аёнӣ нишон дода буд: "Шакл ифодакунандаи мундариҷа аст, ва он ба мундариҷа чунон робитаи мустаҳкам дорад, ки агар шаклро аз мундариҷа ҷудо намоем, худи мундариҷа маҳв хоҳад шуд; ва баръакс, агар мундариҷаро аз шакл ҷудо намоем, шакл нест мегардад".

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мувофиқати пурраю куллии шакл бар мундариҷа гарави муваффақияти нависанда мебошад. Аммо, тавре ки таҷрибаи адабии ҳар як давра нишон медиҳад, аксари кулли асарҳои таълифшаванда мақбули хонандагони серталаб намешаванд. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки унсурҳои шаклу мундариҷа созгор наомадаанд.

Сабабҳои мувофиқат накардани мундариҷа бо шакл зиёданд, аммо муҳимтаринашон инҳост:

1) ***Шитобкории нависанда.*** Гоҳе адиб саросемавор асари хоми худро пешкаши хонанда мекунад. Чунин ҳам мешавад, ки муаллиф баъдан ба асараш баргашта, онро таҳриру тасҳеҳ мекунад;

2) ***Камии малакаи нависанда.*** Аксари кулли адибони ҷавон асарҳои суст пешниҳод менамоянд;

3) ***Лаёқату истеъдоди нависандагӣ.*** Бисёр шахсон ҳастанд, ки ҷумла сохта метавонанд, аз вазну қофия хабар доранд, мардумро бо дағдағаи нависандагию шоирӣ гаранг мекунанд, ҳол он ки воқеаеро ба рӯи коғаз оварда тавонистан, ва ё сухан манзум кардан, алҳол нависандагию шоирӣ нест. Ин тоифа на танҳо ба адибони соҳибистеъдод халал мерасонанд, балки ба мафкураи бадеии мардум зарба мезананд, завқи онҳоро кунд мекунанд;

4) ***Сохти ҷомеа.*** Гоҳе чигунагии сохти ҷомеа имкон намедиҳад, ки адиб фикру андешаи худро ошкор гӯяд, ночор воситаҳои рамзии печдарпечро ба кор мебарад, то мақсади ӯро ҳар касу нокас нафаҳмад. Ин ҳолати сонсур дар ҳамаи кишварҳо вуҷуд дорад, бо ин бежагӣ, ки дар баъзе кишвар камтар, дар баъзеи дигар бештар. Танҳо бузургони истисноӣ мекӯшанд ва то ҳадде муваффақ ҳам мешаванд, ки ҳарфи дили худро ба қалам диҳанд.

Ҳиммату накӯкорӣ болотаранд аз дину мазҳаб. Қушайрӣ овардааст: Зардуштие ба дари Иброҳим омад. Эҳтиёҷ ба таваққуф дошт. Иброҳим гуфт:

- Агар мусулмон шавӣ, меҳмондориат мекунам.

Зардуштӣ напазируфту рафт.

Худованд ба дили Иброҳим андохт: мо ӯро, сарфи назар аз дину мазҳабаш панҷоҳ сол хӯрондем, ту ӯро як бор мехӯрондӣ, чӣ мешуд?

Дар ҳамаи замонҳо масъулияти санъаткорони бузург бисёр баланд аст ва худи онҳо низ инро бештар ҳис мекунанд. Яке аз адибони бузурги замони мо Чингиз Айтматов мегӯяд:

"Яке аз вазифаҳои асосии нависанда, ташреҳи ҳолати маънавии ҷомеа ва пешбинии таҳаввулоти маънавии айём аст". Ӯ боз гуфтааст: "Санъаткори айёми мо вазифадор аст, ки дар башарият ҳусни тафоҳум ва ҳамраъйӣ талқин кунад, бо сухани худ, бо санъати худ ба тафаккур ва эҳсосоти одамон таъсир расонад".[1]

[1] *Ҳаёт ва масъалаҳои таълим.* – Газетаи муаллимон, 1981, 25 июл. Дар бораи мундариҷаю шакл, аз ҷумла ручъуъ шавад: *С. Сатдиев.* Мазмун ва шакли асари бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976.

БОБИ IV

ҚОНУНИЯТИ ҶИНСӢ ВА ЖАНРИИ АСАРҲОИ БАДЕӢ

А. Ҷинсҳои адабӣ

Қонунияти ҷинсии адабиёти бадеӣ

Барои бехтар шинохтани ҳар як чиз онро ба қисмҳо ҷудо, яъне, *тасниф* мекунанд. Адабиёти бадеиро мутахассисон одатан ба *ҷинсҳо*,[1] ҳар ҷинсро дар навбати худ ба жанрҳо[2] тақсим менамоянд. Пешакӣ бояд огоҳ кард, ки усули мазкурро на ҳамаи адабиётшиносон тарафдоранд. Дар асарҳои илмии таҳқиқотӣ, таълимӣ ва оммавии баъзе муаллифон адабиёти бадеӣ ба намудҳо[3] (назму наср), намуд ба *ҷинсҳо*, ҷинс ба *жанрҳо*, жанр ба *навъҳо* ... тақсим мешавад. Яъне, тасниф ба ҳадди ифрот мерасад, ки ин кори омӯзиши адабиёти бадеиро осон не, балки печидатар менамояд.

Кӯшиши тақсими адабиёти бадеиро ба гурӯҳҳо ҳанӯз дар Юнони қадим дидан мумкин аст. Масалан, Афлотун дар асари худ "Давлат" гуфтааст, ки шоирон бо се усул нақл мекунанд: *"ё бо нақли одӣ, ё бо нақле, ки тавассути муҳокот сурат пайдо мекунад, ё бо усуле омехта...*

Нақле ки бар муҳокот асос дорад, комилан мансуб мебошад... ба фоҷеа ва мазҳака, нақли дигар – аз шахси худи шоир, - инро ту аксаран дар дифирамбаҳо пайдо хоҳӣ кард, тарзи омехта бошад –

[1] Гоҳе ба ҷои "ҷинс" истилоҳи "жанр" кор фармуда мешавад. –Ниг.: *Тимофеев Л.И.* Основы теории литературы. М.: Просвещение, 1976, с. 344.

[2] Баъзеҳо "ҷинс"-ро ба "намуд" (вид) тақсим менамоянд (ва ба он ҳикоя, повест, роман...-ро мансуб медонанд), пас онро ба "жанр"-ҳо ҷудо мекунанд, чунончи "романи фалсафӣ", "романи моҷарой" ва амсоли инҳо. Ниг.: Тимофеев Л.И.; Ҳамон ҷо, с. 344, Тимофеев Л.И. тарафдори он аст, ки ба ҷои ҷинс калимаи "жанр" истилоҳ шавад, пас, он ба "шакли жанр" (жанровая форма) тақсим гардад.

[3] Ҳамон ҷо, с. 344-345.

дар шеъри ҳамосавӣ ...".[1] Ё худ Арасту дар "Поэтика" навиштааст, ки "таълифи эпос ва фоҷеаҳо, инчунин мазҳака ва шеъри дифирамбӣ (...) ба таври куллӣ санъати муҳокотанд".[2]

Роҷеъ ба таснифоти адабиёти бадеӣ донишмандони гузаштаи мо ҳам кӯшишҳо кардаанд. Чунончи, мувофиқи ишораи Абӯнасри Форобӣ ("Рисола дар бораи қонунҳои санъати шеър"), олимони шеършиноси форсу араби замони ӯ "ашъорро ба навъҳои ҳачв, мадҳ, мафохирот, луғз, мазҳака, ғазалиёт, васфиёт ва ғайра тақсим кардаанд". Ибни Рушд мегӯяд, ки "ҳар қавл аз қавли шеърӣ ё ҳиҷост ва ё мадеҳ". Унсурулмаолии Кайковус панҷ навъи шеърро зикр кардааст: мадҳ, ғазал, ҳиҷо, марсият ва зуҳд.

Феофан Прокопович ҳафт зинаи адабиро нишон додааст: 1) эпическая, 2) драматическая, 3) буколическая, 4) эпиграмматическая, 5) элегиаческая, 6) сатирическая, 7) лирическая.[3] Равшан аст, ки дар ин таснифот меъёри ягона риоя нашудааст.

Вазифа, дар айни замон, таҳлили тафсили ин гуфтаҳо ва ақидаҳои муаллифони баъдина набуда, балки ба тариқи умумӣ додани хусусиятҳои ҷинсиву жанрии асарҳои бадеӣ мебошад. Вале бояд таъкид кард, ки таснифоти ҷиддии илмии адабиёти бадеӣ дар осори Гегел сурат гирифта, дар асари Белинский "Таснифоти шеър ба ҷинсҳо ва жанрҳо" ҳусни камол меёбад. Донишманди номбурда доир ба миқдори ҷинсҳои адабӣ мегӯяд, ки "ҳамагӣ сетоанд, аз ин зиёд не, зиёд буда ҳам наметавонанд".[4]

Дар хусуси таснифоти адабиёти бадеӣ ба ҷинсҳо, чунон ки дар бисёр масъалаҳои дигари назарии адабӣ низ ин ҳолат

[1] *Античные мыслители об искусстве.* – М., 1938, с. 78-79.
[2] *Аристотел.* Доир ба санъати шеърӣ. – Фанни шеър. – Душанбе: Ирфон, 1985, с. 15.
[3] Муфассалтар ниг.: Возникновение русской науки о литературе. – М.: Наука, 1975, с. 30 ва баъд.
[4] ПСС, с. 5, 1954, с. 62.

ҳукмрон аст, ягонагии ақида ҳанӯз дида намешавад. Баъзеҳо адабиёти бадеиро ба се ҷинс тақсим кардаанд:

1) ҷинси ***эпикӣ*** (ҳамосавӣ),
2) ҷинси ***драма***,
3) ҷинси ***лирикӣ*** (ғиноӣ).

Муаллифоне ҳастанд, ки *публисистика*-ро ҳам ҷинси мустақили адабӣ медонанд. Инҳо мегӯянд, ки публисистика дар ҳаёти маънавии мардум он қадар мавқеи баланд ишғол кардааст, ки касе як рӯзи умри худро бидуни рӯзномаю маҷалла, радиову телевизион ва дигар воситаҳои интишори мафкура тасаввур карда наметавонад.

Бисёр муаллифон он асарҳоеро, ки хусусияти ду ҷинси адабӣ, масалан, лирикӣ ва ҳамосавиро доро мебошад, чун ҷинси мустақили *лиро-эпикӣ* эътироф мекунанд. Аз ҳамин қиёс, баъзеҳо корро то ба дараҷае расондаанд, ки асарҳои нишонаҳои се ҷинси адабӣ доштаро чун ҷинси мустақили *лиро-эпико-драмавӣ* ба қалам додаанд. Рӯшан аст, ки ин ҷо ҳам таснифро ба ҳадди ифрот расондаанд.

Сабаби ба ифрот рафтани таснифи ин навъ муаллифон дар он аст, ки меъёри таснифоташон ғалат аст, ё ки умуман меъёри таснифотро муқаррар накардаанд.

Табиист, ки барои баҳои сазовор додан ба чизе *меъёри баҳо*-ро муайян кардан зарур мебошад. Ҳаққонияти баҳо, бешубҳа, ба саҳеҳии меъёри баҳо вобаста аст. Ҳамон навъе ки Мавлавии Балхӣ мегӯяд, зарри холису қалбро бемаҳак донистан осон нест:

Зарри қалбу зарри некӯ дар иёр,
Бемаҳак ҳаргиз надонӣ з-эътибор.

Меъёри таснифоти адабиёти бадеӣ ба ҷинсҳои адабӣ бояд *қонунияти дохилии* он бошад. Агар қонунияти дохилии адабиёти бадеӣ ҳамчун меъёр қабул гардад, асарҳои бадеӣ танҳо ба се гурӯҳ:

эпикӣ (ҳамосавӣ), драмавӣ (намоишӣ) ва лирикӣ (гиной) ҷудо мешаванду бас. Чунончи:

1. ***Образ.*** Дар як гурӯҳи асарҳои бадеӣ образ муфассалу мукаммал офарида мешавад, дар дуюмаш – мухтасар, дар сеюмаш – чун зарра хурд аст; дар гурӯҳи аввал заминаи образро замону макон ва қаҳрамон ташкил медиҳанд, дар гурӯҳи дуюм – ҳамаи онҳо мухтасаранд, дар гурӯҳи сеюм – танҳо номбар мешаванду халос.

2. ***Характер, зиддият, портрет*** ва ғ. дар гурӯҳи аввал – муфассалу мукаммаланд, дар гурӯҳи дуюм – мухтасаранд, дар гурӯҳи сеюм – шартан мавҷуданд.

3. Дар гурӯҳи аввали асарҳои бадеӣ объективият ҳукмрон аст, дар гурӯҳи дуюм – ***объективият*** ва ***субъективият*** омезиш меёбанд, дар гурӯҳи сеюм – танҳо субъективият ҷой дорад.

4. ***Забон.*** Дар адабиёти бадеӣ ду роҳи истифодаи забон мавҷуд аст, ки якеро ***сухани тавсифии нависанда*** мегӯянд ва дигареро ***сухани персонаж***. Дар гурӯҳи аввали асарҳои бадеӣ ҳар ду роҳи истифодаи забон ба кор мераванд, дар гурӯҳи дуюм – танҳо муколамаи персонажҳо, дар гурӯҳи сеюм – сухани нависанда.

Ҷинсҳои адабӣ боз хусусиятҳои дигари фарқкунанда доранд, ки онҳоро дар фаслҳои дахлдори ҷинсҳо муфассалтар дидан мумкин аст.

Ба ин тариқ, адабиёти бадеӣ фақат ба се ҷинси адабӣ тақсим мешудааст, яъне, фаҳмиши Г.В. Гегел ва В.Г. Белинский, ки се навъи қонунияти ҷинсии адабиёти бадеиро ошкор кардаанд, тавре ки баъзе муосирони мо гумон мекунанд, кӯҳна нашудааст.

Ҷинси ҳамоса (эпикӣ)

Дар як силсила асарҳои бадеӣ мавҷудияти образ (ба маънии васеаш), ***характер, гурӯҳи персонажҳо, портрет, зиддият, сужа*** ва амсоли инҳо умумӣ мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, гурӯҳи калони асарҳои бадеӣ дар

масъалаи категорияҳои номбаршуда бо ҳамдигар муттаҳид мешаванд ва якҷоя ҷинси эпикиро фароҳам меоваранд.

Муҳимтарин нишонаҳои ҷинси эпикиро аз назар хоҳем гузаронд.

1. ***Амал.*** Қонунияти марказии ҳамаи асарҳои эпикиро *амал, ҳаракат* ташкил медиҳад. Бидуни амалу воқеа асари ҳамосавӣ ба майдон намеояд. Забеҳулло Сафо ба ҳамин маъно гуфтааст: "Ҳамоса – навъе аз ашъори васфист, ки мубтанӣ бар тавсифи аъмоли паҳлавонӣ ва мардонагиҳо ва ифтихороту бузургиҳои қавме, ё фарде бошад, ба навъе ки шомили мазоҳири мухталифи зиндагии онон гардад".[1]

2. ***Воқеа*** боиси ягонагию яклухтии асари бадеӣ мегардад. Албатта, воқеаи муҷарраду холису абстракт не, балки воқеае ки амалкунандагон ба вуқӯъ меоварандаш, воқеае ки сабабу натиҷа дорад, ва хоҳу нохоҳ бо муҳити иҷтимоӣ ва мафкураи аҳли ҷомеа алоқаманд мебошад.

3. ***Образ.*** Нависанда имкон дорад, ки образи комили бадеӣ офарад. Вай метавонад дар ҳудуди як асари бадеӣ даҳҳо образ эҷод кунад, масалан, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Ғуломон"-и С. Айнӣ. Дар ин қабил асарҳои муҳташам адибон муваффақ шудаанд, ки образи гурӯҳ, симои зоҳирӣ ва олами ботинии синфҳои иҷтимоӣ ва тамоми халқро ба вуҷуд оваранд.

4. ***Характер,*** ки маҷмуи хислатҳои инсон аст, дар осори ҳамоса имкониятҳои ҳаматарафа тасвир ёфтанро дорад. Нависанда метавонад (вобаста ба талаботи жанри асари бадеӣ), тамоми унсурҳои характери қаҳрамони худро ҷилва диҳад, раванди ташаккули онро намоён кунад, ҳатто омилҳои чигунагии характерро акс намояд. Масалан, характери Ёдгор, Дилором-Каниз, Қорӣ Исмат ҳаматарафа мукаммаланд.

[1] *Забеҳулло Сафо.* Ҳамосасарой дар Эрон аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ. – Техрон, 1333, с. 3.

5. ***Предмети тасвири образ*** дар асарҳои ҳамосавӣ як ҷузъи воқеият буда, ба ҳаёти иҷтимоӣ далолат мекунад. Азбаски воқеиятро пурра фаро гирифтан имкон надорад, ҷузъ дар ин маврид муҳташам ва нисбатан мукаммал мебошад ва аз одаму махлуқҳо, ҳодисаю ҳолатҳо, ашёву муносибатҳо ва амсоли инҳо, фароҳам омада метавонад. Чунончи, ҳудуди предмети тасвири "Ғуломон"-и устод Айниро сад соли таърихи халқи тоҷик ташкил додааст.

6. ***Сужа*** барои асарҳои эпикӣ ҳатмист, аммо он метавонад дар ин ҷинс бағоят мураккабу тӯлонӣ сурат гирад, яъне, аз даҳҳо воқеаҳои алоқаманд фароҳам ояд. Инчунин, нависанда имкон дорад, ки хатти муҳташами сужаро аз чандин хатти нисбатан мустақили дохилӣ ташкил диҳад. Чунончи, дар "Шоҳнома" чандин силсилаи достон мавҷуд аст, ки ҳар яке аз силсила боз ба чандин достони сужадор тақсим шудааст.

7. ***Зиддият,*** ки ҷони воқеа мебошад, дар асарҳои эпикӣ эътибори марказӣ дорад. Нависанда бояд заминаҳои зиддият, раванди пайдоиш ва инкишофи онро инъикос карда тавонад. Алоқамандона ба жанр ва ҳудуду моҳияти воқеаи асар нависанда метавонад зиддиятро аз чандин хат мураккаб созад ва заминаҳои иҷтимоию ахлоқии онро боварибахш ба қалам диҳад. *Зиддият омили ҳаёт ва асоси пешравист.* Дар асарҳои ҳамосавӣ моҳияти ахлоқӣ, эстетикӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, сиёсии зиддият муфассал инъикос ёфта метавонад.

8. ***Манзара,*** ки тасвири муҳити табиӣ, манзилу макон ва амсоли инҳо мебошад, дар асарҳои ҳамосавӣ муфассалу мукаммал истифода мешавад. Бидуни манзара асари эпикӣ арзиши муътадили эстетикии худро пайдо карда наметавонад. Нависанда имкон дорад, ки дар ташаккули характер, баёни воқеа, ҳалли зиддият, нишон додани рӯҳия ва ҷаҳонбинии персонажи худ ва умуман ба мақсадҳои гуногуни дигар аз манзара фоида барад.

9. ***Портрет*** (қиёфаю симои персонаж) дар асарҳои эпикӣ батафсилу батакрор меояд. Нависанда ба нияти фардияту умумияти персонажи худ, ба симову қиёфа эътибор медиҳад, зоҳири вайро бо ботинаш алоқаманд мекунад. Дар повест, махсусан роман, нависанда бояд портрети персонажи марказиро бағоят равшан кашад, ҷузъиёти ҷолиби онро такроран таъкид кунад. Нависанда вобаста ба услуби худ, инчунин алоқамандона бо тарҳи сужа ва моҳияти персонаж, метавонад портрети персонажро якбора пурра кунад, метавонад ҷузъ-ҷузъ дар мавридҳои гуногун нишон диҳад.

10. Забон, ҳамон навъе ки ишора шуд, ду роҳи истифода дорад ва ҳар ду дар асарҳои эпикӣ ба кор меравад. Дар масъалаи забони адабиёти бадеӣ сухани персонаж бағоят характернок мебошад, зеро нависанда бо нияти фардӣ кунонидани образ ва нишон додани моҳияти характери вай унсурҳои забонро дар нутқи ӯ раво дониста метавонад. Умуман, забон яке аз тавонотарин воситаҳои типикунонӣ (умумиятдиҳӣ) ва фардикунонии характер мебошад, ки ба ин образи Фахриддин Аминов аз ҳикояи С. Улуғзода "Ҳалокати шоҳпаланг" мисол шуда метавонад.

Забони асари эпикӣ, мувофиқи сабки хоссаи нависанда ва моҳияти мавзуву рӯҳияи асари бадеӣ хусусиятҳои гуногун пайдо мекунад, чунончи: ширадор ё хушк, серҳикмат (серзарбулмасалу мақол) ё камҳикмат, ҷумлаҳояш тӯлонию лангардор, ё кӯтоҳ-кӯтоҳ ва амсоли инҳо.

Роман, аз нигоҳи забон се вежагӣ дорад: 1) забони худи нависанда, ки ҳамеша ва дар ҳама ҳол бояд бо меъёри забони адабӣ мувофиқ бошад; 2) забони персонажҳои мусбат, ки низ қонуни меъёри забони адабӣ то ҳадде риоя мешавад; 3) забони персонажҳои манфӣ, ки ҷиҳати фардияти тинати онҳо суханони шикаставу ношоиста ба даҳон меояд.

11. Ҷанбаи объективият, ҳамон навъе ки ишора шуд, барои асарҳои эпикӣ хос аст. Нависанда ҳастиро тарзе ба

қалам медиҳад, ки субъективияти худи вай дар равиши воқеа ва ҳалли зиддият ё нақше намебозад (мисли "Ҳасани аробакаш", "Ёддоштҳо" ва ғ.), ё тамоман нопадид аст (мисли "Дохунда", "Духтари оташ" ва амсоли инҳо). В.Г. Белинский мегӯяд: "Дар ин ҷо (назми эпикӣ – Р.М.) шоир дида намешавад, олами пластикӣ тақсим шуда, худ ба худ инкишоф меёбад ва шоир гӯё танҳо нақлкунандаи одии воқеаҳои худ аз худ рӯйдода мебошад. Ин назми эпикист".[1] Субъективияти санъаткор дар чунин маврид дар идеали қаҳрамони пешқадами худ покиза маҳлул мегардад.

Ҷинси драма

Драма – мушкилтарин ҷинси адабӣ ба шумор меояд, ки ин фикрро бисёр назариячиён (аз ҷумла, Белинский), қайд кардаанд. Инкишофи драма ба тараққиёти театр ва пешрафти завқу салиқаи ҷомеа хеле вобаста аст. Драма дорои нуқтаи моҳиятан ниҳоне, ки ҷинсҳои ҳамосаву ғиной доранд, истиқлоли ҷинсӣ зоҳир намекунад, яъне, он ё ба ҳамоса (фоҷеа, мазҳака, дром) ва ё ба лирика (мелодрама, либретто) қаробати том дорад. Вақте ки намоишнома бевосита хонда мешавад, тафовутҳои он, масалан,аз повесту роман, дар ҷузъиёти зоҳирӣ ва миқдорист. Дар повесту роман низ бисёр воқеъ мешавад, ки муколамаи дурударозе, монанди матни намоишнома, вуҷуд дорад (чунончи, баъзе асарҳои Муҳиддин Хоҷаев). Асари драмавӣ танҳо баъди дар саҳна баромаданаш мустақилият ва нисбати комили ҷинсии худро ошкор менамояд.

Драма аксари мутлақи хусусиятҳои ҷинси эпикиро, ҳамчунин эҳтироснокии лирикаро низ доро мебошад. Аммо онҳоро ба тариқи хоссаи худ соҳиб аст. Махсусияти драма ба саҳнавӣ будани онвобаста аст:

1. Амал дар драма нисбат ба асарҳои эпикӣ ҳаҷман хурд аст. Дар драма амалиёти ҳамагӣ якчанд кас инъикос меёбад.

[1] *В.Г. Белинский*. Разделение поэзии на роды и виды. – Избранное. – М.: Худ. Лит-ра, 1959, с. 475.

Амали драма, аз як тараф маҳдуд бошад, аз тарафи дигар, шартиву рамзист, яъне, амалиёт дар саҳна тавассути имову ишорат, муколама ва ҳаракатҳо зоҳир мегардад.

2. Воқеаи драма ҳам аз нуқтаи назари замон, ҳам аз нуқтаи назари макон маҳдуд аст, аммо бағоят яклухт ва мазбут (қурч) мебошад. Дар вуқуъи воқеаи драма ҳамагӣ якчанд кас иштирок менамояд. Иштироки издиҳоме, ки дар асарҳои эпикӣ имкон дорад, дар асарҳои драмавӣ имконпазир нест. Драмаҳои "Дод аз дасти ақл"-и Грибоедов, "Борис Годунов"-и Пушкин, асарҳои Алексей Островский, "Фронт"-и Корнейчук, "Одамони кордон"-и Шукшин ва ғ. нишон медиҳад, ки агар муҳимтарин воқеоти замон дар драма барҷаста акс ёбад, драмаву драмнигор нуфузи калон пайдо хоҳад намуд.

3. Образ дар драма муъҷаз, аммо барҷаста мешавад. Драматург дар заминаи як ё якчанд ҳодисаи бағоят мазбут ва характернок, бояд образи пурраи бадеӣ офарад. Драматург имкон надорад, ки дар як асар силсилаи образҳоро эҷод намояд. Асари драмавӣ ҳамагӣ *як ё ду қаҳрамони марказӣ* дораду халос. Ҳол он ки қаҳрамонони роман чандин нафар шуда метавонанд. Драматург наметавонад тамоми даврaҳои фаъолияти қаҳрамони худро пурра баён кунад.

4. Характери қаҳрамонони драма низ бағоят муъҷаз, вале барҷаста мешавад. Драманавис танҳо унсурҳои характери персонажи худро зоҳир карда метавонаду бас, унсурҳои иловагии характер гоҳе ишора ва гоҳе сарфи назар мешаванд, ба шарте ки хонандаю бинанда ин хислатҳои дуюму сеюмдараҷаро низ тасаввур карда тавонад. Инчунин, дар асарҳои саҳнавӣ раванди ташаккули характер, махсусан заминаҳои чигунагии вай муфассалу мукаммал баён ёфта наметавонанд, онҳо ҳамагӣ танҳо ишора мешаванд, ва гоҳе сарфи назар. Гегел гуфтааст, ки "қаҳрамонони драма назар ба ҳамоса бештар содаанд".[1] Дар

[1] Соч., ч. XII. – М., 1938, с. 243.

характери драма асосан як ҷиҳат таъкид меёбад, чунончи рашк дар Отелло, муборизa бар алайҳи ҷаҳолат дар Алломаи Адҳам. Дар асоси интихоби воқеаи характернок нишон додани амалу муносибати характернок ва дар заминаи онҳо офарида тавонистани характери ташаккулёфтаи эътимоднок, албатта, кори бағоят мушкиле мебошад. Характери танҳо як ё ду персонажи марказӣ *мукаммал* офарида мешавад.

5. ***Предмети*** тасвири драма ҷузъи мухтасари воқеият мебошад. Драманавис масъалаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва ғ.-ро тавассути тасвири якчанд воқеа ва муносибатҳои персонажҳои худ нишон медиҳад ва ҳал мекунад. Предмети тасвири драма на *моҳиятан*, балки *ҳаҷман*, аз лиҳози замону макон, маҳдуд аст. Чиз дар шакли афшурда баён мешавад.

6. ***Сужаи*** драма низ муъҷазу мухтасар аст, он ҳамагӣ аз як, ё чанд воқеаи бо ҳамдигар сахт алоқаманд фароҳам меояд. Фаҳӯлӣ дар сужаи драма имкон надорад. Драма тобу тавони воқеаи бемавқеъ ё ҷузъи бемавқеи воқеа, лоақал камтар алоқамандро надорад. Сужаи драма аз нуқтаи назари таркиб сода мешавад, он печ дар печ буда, аз хатҳои барзиёд фароҳам омада наметавонад. Дар драма ҳамагӣ як хати сужа офарида мешавад. Дар баъзе асарҳои драманависҳои бузург гоҳе хатҳои иловагии сужаро ҳам дарёфтан мумкин аст, ки хати асосиро пурқувваттар ва мукаммалтар менамояд.

7. ***Зиддияти*** драма нисбат ба асарҳои эпикӣ кӯтоҳ, таркибан сода, аммо бағоят пуршиддат мебошад. Ин ҷо асосан як хати зиддият амал мекунад, барои хатҳои иловагӣ имконият маҳдуд аст. Омилҳои зиддият аксаран сарфи назар карда мешаванд. Раванди ташаккул ва инкишофи зиддият ба қалам меояд, аммо мухтасар. Диққати асосӣ ба лаҳзаи ошкор шудани зиддият, ки рӯй додани ҳодиса мебошад, равона мешавад. Бояд таъкид кард: зиддияти драма бағоят тезутунд ва пуршиддат хоҳад буд.

8. ***Манзара*** дар драма дар шакли махсус ҷилвагар мешавад. Ҷӯю дарё, дашту теппа, манзилу макон ва амсоли инҳо, дар саҳна ба воситаи ороиш ва ашё ба назар меарсанд. Манзара дар асарҳои эпикӣ, агар хусусиятҳои мутаҳаррикиро дошта бошад, ин хусусиятро дар драма тасаввур кардан душвортар аст.

9. ***Портрети*** персонажҳои драма аз асарҳои эпикӣ фарқи куллӣ дорад: ин ҷо қаҳрамон бо тамоми ҷузъиёти қиёфааш якбора пайдо мешавад. Аз тарафи дигар, қиёфа ва сару либоси персонаж муддати дуру дароз бидуни тағйирот мемонад, агар воқеа тамоми давраҳои фаъолияти қаҳрамонро фаро гирифта бошад, вай ҳамагӣ ду ё се дафъа тағйири қиёфа ва либос мекунад. Албатта, ба шарте ки пӯшок санги маҳаки образ қарор дода нашуда бошад.

10. ***Забони*** драма чанд хусусияти хос дорад, чунончи, агар аз як тараф, тамоми мазмун дар асоси гуфтугӯи персонажҳо (актерҳо) бунёд ёфта бошад, аз тарафи дигар, вай бояд мувофиқи забони гуфтугӯии мардум (на мисли забони китобӣ) сурат гирад. Дар забони драма ҷумлаҳои мураккабу тӯлонӣ, калимаю ибораҳои ғайритабиӣи гаронталаффуз истифода намешавад. Драма ҳарчанд аз муколама фароҳам меояд, аммо мавқеи ремарка (гуфтугӯ бо худ), ки ба ҷои суханони муаллиф хидмат менамояд, хурд нест. Ин навъ тафсилот дар саҳна чун ҷиҳоз ва амалу ишороти актерон зоҳир мешаванд. Дар драмаҳои адибони забардаст ба нияти барҷаста шудани характери персонаж ва фардияту умумияти вай аз забон моҳирона истифода мешавад, ки ба ин "Имтиҳон"-и Файзулло Ансорӣ, "Вопасин арӯси амиралмуъминин"-и Фазлиддин Муҳаммадиев ва ғ. мисол шуда метавонанд.

11. Дар драма ҷанбаҳои ***объективӣ*** ва ***субъективӣ*** омезиш меёбанд. Ҳангоме ки воқеият бевосита (объективона) тавассути муколама ва ишораю ҳаракатҳои актерон (субъективона) ифода меёбад, синтези ин ду ҷанба равшан ҷилвагар мешавад. Ба шарофати ин омезиш хонанда (бинанда) воқеа ва масъаларо ба

тариқи зинда мушоҳида мекунад, дар вай тасаввури аёнӣ ҳосил мегардад.

Ҷинси драма ба шарофати қонунияти дохилии худ, ки асосан онро ***маҳдудият*** ташкил медиҳад, соҳиби баъзе имкониятҳои шариф гардидааст. Чунончи, асари драмавиро ҳам мутолиа кардан мумкин аст, ҳам дар саҳна дидан. Ё худ (аз ҳама муҳимаш ин аст, ки) асари драмавӣ торафт нуфузи зиёд пайдо карда, рафта-рафта дар асоси он театр, кино, телевизион барин навъҳои мустақили санъат ба майдон омаданд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки навъҳои мазкури санъатро ба ҷинсҳои адабӣ мансуб донистани баъзе мутахассисон асоси маҳкам надорад. Кино, театр, телевизион – навъҳои ҷудогонаи санъат мебошанд, ки дар натиҷаи тараққиёти илму техника падид омада, ташаккул ёфтаанд. Аммо агар сухан дар бораи асоси адабии онҳо мерафта бошад, он сенарияҳо аз қонунияти ҷинси драма тафовути усулӣ надоранд, танҳо ин ки имкониятҳои замониву маконии воқеа, ва ҳаҷму доираи онро ҳар яке аз навъҳои мазкури санъат, мувофиқи имкониятҳои техникии худ, тағйир додааст.

Ҷинси ғиной (лирикӣ)

Агар ҷинсҳои адабии эпикӣ ва драмавӣ аз нуқтаи назари баъзе хусусиятҳои муҳим, ҳамчун сужа, зиддият, характер ва амсоли инҳо, бо ҳамдигар умумият дошта бошанд, лирика аз онҳо тамоман фарқ мекунад. Муҳимтарин нишонаҳои ин ҷинси бағоят паҳншуда аз инҳо иборатанд:

1. Амалиёт дар асарҳои лирикӣ ба маънии табиии худ вонамехӯрад. Ин ҷо зикри амалиёту ҳаракат, ишорат ба он метавонад бошад, аммо баёни бевосита, албатта, нест. Дар лирика, дар баробари ҳар як ишорати ҷузъитарин ҳаракату амалиёт ё сурат муроди ин ишорат бидуни таъхир ва фосилаву тафсир *маълум аст*, ё *маълум дар назар дошта шудааст*. Дар асари эпикӣ, баръакс, метавонад ишорати

сурату амал тафсир ёбад, ё чанд замоне маҷҳул ва номафҳум нигоҳ дошта шавад ва баъд тафсир шавад. Ҳатто метавонад аз аввал то охири асар мавқуф монад, ин худ як ҳунари хос, як усули эҷодист.

2. Дар асарҳои лирикӣ *амал* набошад, табиист ки *воқеа* ҳам нест. Ин ҷо ба ҷои худи воқеа ***ҳиссиёту ҳаяҷон*** аз воқеа ё ***андешаю мулоҳиза*** доир ба он баён мешавад.

3. Махсусияти образи ҷинси лирикӣ аз он иборат аст, ки тавассути амалиёту ҳаракат, дар кӯраи ҳодисаю воқеа бунёд намеёбад, балки дар асоси баёни ***эҳсосоту андеша*** офарида мешавад.

Санъаткор таассуроташро аз воқеа, ҳолат, ашё ва дигар ҷузъҳои воқеият, ё худ андешаю мулоҳизаҳояшро доир ба предмети тасвир аз забони худ баён мекунад. Бинобар ин, дар асари лирикӣ хонанда хоҳу нохоҳ бо шахси муаллиф дучор меояд, ки вайро дар адабиётшиносии муосир *қаҳрамони лирикӣ* мегӯянд. Аз ин рӯ, доираи қаҳрамони лирикӣ аз ҳудуди шахсияти муаллиф васеъ мебошад. Чунончи, устод Лоҳутӣ дар шеъри "Ду нишон" гуфтааст:

Ман ин ҷо на танҳо чу "ман", як танам,
Ки яксад ва ҳафтод милён "ман"-ам.

В.Г. Белинский мегӯяд: "Шоири бузург дар бораи худаш – дар бораи "ман" сухан ронда, умумӣ гап мезанад, зеро дар симои ӯ он чизе, ки дар зиндагии халқ аст, таҷассум ёфтааст. Бинобар ин, ҳар кас дар ғами ӯ ғами худ ва дар шахсияти вай худашро мебинад".[1]

Чунончи, шоирди Донишгоҳ Бибиҳусно (1991) гуфтааст:

То ба хуршед равам дар сурогӣ падарам.

[1] *В.Г. Белинский.* Полн. собр. соч., т. IV. – М.: Изд-во АН СССР, 1954, с. 521.

Чунин эҳсоси гармро нисбат ба падар ҳар як фарзанди одам дошта метавонад.

Гоҳе худи адибон ҳам образи қаҳрамони лирикиро равшан аз худ ҷудо кардаанд. Масалан, устод Айнӣ зарифона гуфтааст:

Айнӣ, ба пеши дӯст мабар шикваи фироқ,
Тарсам, касофати ту, мабодо, ба ман занад.

Нависандаи лирик тавассути баёни андешаю эҳсосот мавқеи худ, фаҳмишу баҳои худро умумият медиҳад, худро дар образ ҳал мегардонад.

Қаҳрамони лирикӣ умумият пайдо мекунад, яъне, сарояндаи шеър нест. Байте дигар аз Айнӣ:

Айнӣ, чӣ бало ҳариси ишқӣ?
Таҳсин ба шикебу тоқати ту.

Дар лирика ғайр аз образи қаҳрамони лирикӣ образҳои дигар ҳам мавҷуданд. Дар лирикаи адабиёти классикии тоҷик ба ҷуз қаҳрамони лирикӣ, ки одатан ҳамчун ***раҳӣ, хаста, нотавон*** ва амсоли инҳо номбар мешавад, ду образи умумии дигар – ***маъшуқа*** ва ***рақиб*** бағоят паҳн шудааст. Шоирон образҳои лирикии *қалам* (Рӯдакӣ, Пайрав, Ҳабиб Юсуфӣ), *кӯҳ* (Миршакар, Муъмин Қаноат), *киштӣ* (Маяковский) ва ғайраро барҷаста офаридаанд. Ҷиҳати намудор як пора шеъри Заҳири Форёбӣ иқтибос мешавад, ки он "раҳӣ" – қаҳрамони лирикӣ мароми шоирро созгор ифода намудааст:

Чун фалак пуштам дуто шуд баҳри нони шому чошт,
Кошкӣ мумкин шудӣ бар рафтани ҷонам шитоб.
Бар худам дилсӯз мебошам, ки то кай ҳамчу шамъ.
Бошам аз баҳри хурӯш дар изтиробу илтиҳоб?

Дӣ шунидам: бо яке з-абнои ҷинсе рӯзгор
Бурда буд навъе зи шафқат хусрави гардунхитоб.
*Пас, дар аснои сухан гуфто: "фалон", яъне, **раҳӣ**,*
"Аз чӣ медорад арӯсони суханро дар ниқоб?".

Байте аз Рашидии Самарқандӣ:

Ту Худовандӣ, эҳсон куну ин ҷурм ба фазл
*З-ин **раҳӣ** даргузарон з-он, ки туӣ ҷурмгузор.*[1]

Бӯсалик мегӯяд:

Дар ин замона бутe нест аз ту некӯтар,
*На бар ту, бар Шумане аз **раҳит** мушфиқтар.*[2]

Шеъре аз устод Рӯдакӣ:

Маккӣ ба Каъба фахр кунад, мисриён ба Нил,
Тарсо ба усқуфу алавӣ б-ифтихори ҷад.
*Фахри **раҳӣ** бад-он ду сияҳчашмакони туст,*
К-омад падид зери ниқоб аз бари ду ҳад.

Фароловӣ (аввали асри Х):

*Мани **раҳӣ** пиру суставй шудам,*
Натавон роҳ кард бе болод.[3]

Қаҳрамони лирикии суханварони бузург пурмаъниву ибратангез мебошад. Бубинед қаҳрамони хоҷа Ҳофиз чи андоза муқтадир аст:

[1] *Асрори сухан.* – Душанбе: Ирфон, 1980, сах. 13.
[2] *Ал-Муъҷам*, с. 285.
[3] Болод – асп.

Осмон бори амонат натавонист кашид,
Куръаи фол ба номи мани девона заданд.

4. *Характер* дар ҷинси лирикӣ ба он маъние, ки дар асарҳои ҳамосавию драмавӣ мавҷуд аст, дида намешавад. Санъаткор танҳо нишонаҳои асосии характерро нишон дода метавонаду бас. Масалан, дар осори шоирони бузурги лирики асримиёнагии мо қаҳрамони лирикӣ умуман чун ошиқи беҳад *содиқ*, маҳбуба – *бераҳму бепарво*, рақиб – *бадаҳду роҳзан* тасвир ёфтааст. Нависандагони забардаст дар асарҳои лирикӣ ҳам тавассути баёни унсурҳои характер рӯҳи замон, хусусиятҳои муҳимтарини таърихию иҷтимоиро низ ифода карда метавонанд, ки ба ин ҳикояҳои Ҳаким Карим "Марҳабо, баҳор", "Монанди гул нашукуфтӣ" мисол шуда метавонанд.

5. *Предмети тасвир* – ҳодиса, ҳолат, ашё ва ғ. дар лирика ***бевосита*** инъикос намеёбанд, балки ***бавосита***, ба воситаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва андешаю мулоҳизаи қаҳрамони лирикӣ баён мешаванд. Қаҳрамони лирикиро чун ойина, чун призма метавон тасаввур кард, ки предмети тасвир дар он акс ёфтааст; хонанда ҳамон акси оинавӣ, акси призмавиро мебинад, онро маърифат мекунад, чизе аз вай меомӯзад

6. Азбаски дар лирика амалиёту воқеа тасвир намеёбад, ***сужа*** ҳам дида намешавад. Баъзе адабиётшиносон, чунончи профессор Иззат Султон,[1] ақида доранд, ки дар лирика сужет мавҷуд мебошад.

7. *Зиддият* ба он маъние, ки омили воқеа мешаваду дар асарҳои ҳамосавию драмавӣ ба ҳукми қонун вуҷуд дорад, дар ҷинси лирикӣ дида намешавад. Аммо азбаски доираи мафҳуми зиддият васеъ мебошаду ҳеҷ гӯшаи зиндагӣ бидуни он имкон надорад, дар лирика ҳам зиддият инъикос меёбад. Аммо он зиддият – зиддияти тавсеаёбандаю ба воқеа ованда

[1] Ниг.: *И. Султон.* Адабиёт назарияси. – Тошкент: Ўқитувчи, 1980, с. 253 ва баъд.

намебошад. Он чун *лаҳза*, чун амри воқеии зиндагӣ намудор мегардад. Масалан, дар лирикаи адабиёти классикии мо зиддияти машҳуртарин миёни се кас мавҷуд аст: *ошиқ*, ки ***беҳад хастаю бовафост***; *маъшуқа*, ки ***беҳад зебову бевафост***; *рақиб*, ки ***бениҳоят зишту булҳавас*** аст. Ғайр аз ин, зиддият дар лирика бевосита миёни муаллиф (қаҳрамони лирикӣ) ва ғояи инкорӣ мавҷуд аст, ки он нисбат ба асари эпикӣ аз ибтидо то интиҳои асар равшану барҷаста маълум карда мешавад.

8. *Манзара* – аз мавзуъҳои муҳим ва махсуси лирика ба шумор меравад. Аммо манзара дар асарҳои лирикӣ хусусияти муҷаррадиро дорост – ба ин маънӣ, ки мурод аз тасвири он тақвияти воқеаву характер нест. Вазифаи марказии манзараи асари лирикӣ - ифшо кардани орзуву ормони муаллиф ва ҷамъбаст додани вай мебошад. Бояд дар хотир дошт, ки манзара ин ҷо дар шакли миниатюра меояд, тағйироту тамоилотро намепазирад. Чунончи, порае аз қасидаи Фаррухии Систонӣ:

Чу зар шуданд разон. Аз чӣ? Аз ниҳеби хазон,
Бакина гашт хазон. Бо кӣ? Бо сипоҳи разон.
Газанда гашт. Чӣ чиз? Об. Чун чӣ? Чун каждум
Халанда гашт ҳаме бод. Чун чӣ? Чун пайкон (...)
Бирехт. Чӣ? Гули саврӣ. Чӣ рехт? Барг. Чаро?
Зи ҳаҷри лола. Куҷо рафт лола? Шуд пинҳон.

9. *Портрет* дар лирика мавқеъ дорад, аммо на ба он маъние, ки дар ҷинсҳои собиқ ҳаст. Ин ҷо унсурҳои муҳимтарини портрети қаҳрамони шеър баён мешавад, гоҳе гаштаю баргашта таъкид ҳам меёбад. Масалан, ҳусни маҳбуба, заъфу хастагии қаҳрамони лирикӣ ва амсоли инҳо дар лирикаи классикии тоҷику форс.

10. *Забони* асарҳои лирикӣ тавассути сухани муаллиф сурат мегирад. Дуруст аст, ки санъати суолу ҷавоб хоси лирика

мебошад, аммо бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки ин гуфтугӯ, аз як тараф, тасаввурӣ мебошаду аз тарафи дигар, дар як сӯи ин муколама худи қаҳрамони лирикӣ қарор мегирад. Албатта, асарҳое ки мазмун саросар ба гуфтугӯи образҳои лирикӣ бунёд ёфта бошанд, низ ҳастанд. Ин қабил асарҳо мақоми зиёдеро ишғол намекунанд.

11. Яке аз хусусиятҳои мумтози лирика – ҷанбаи *субъективияти* он мебошад. Санъаткор воқеияти объективиро тавассути субъекти худ ифода менамояд. Ин ҷо мафҳумҳои "субъект" ва "субъективияти лирикӣ"-ро на ба маънии манфиашон, балки дар маънии аслии фалсафии худ бояд фаҳмид. Дар осори лирикии Рӯдакию Умари Хайём, Саъдию Камол ва ҳамаи бузургони гузаштаю муосир, малакаи ҷаҳоншиносӣ ва муносибаташон ба зиндагию таърих ва ғ. таҷассум ёфтааст.

Ҳамин тариқ, ақидае ки баъзеҳо ишқи холисро "лирика" мефаҳманд, ғалат аст. В.Г. Белинский навиштааст, ки ин ҷо "***шахсият дар ҷои аввал меистад, ва ҳама чизро ба воситаи он қабул менамоем ва мефаҳмем***".[1] Объективияти воқеӣ асосан тавассути қаҳрамони лирикӣ, гоҳе ба воситаи образҳои дигари лирикӣ ифода меёбад. Мисоли навъи охиринашро дар "Сурӯши Сталинград"-и Муъмин Қаноат равшан дидан мумкин аст.

Сифати дигари муҳимтарини лирика, ки бо он аз ҳамоса фарқияташ равшану ҷиддӣ зоҳир мешавад, хулосагӯӣ ва ифодаи нисбатан бевоситаи ғоя аст, хусусан дар лирикаи холис. Масалан, агар мундариҷаи "Дохунда" дар ҳачми як роман асосан барои гуфтани як ҷумла, ки ғояи марказист, яъне, "мардуми тоҷик зиндагии тоқатфарсо дошт, дар инқилоб бошуурона иштирок карду зиндагии нав сохт" хизмат карда бошад, ва ин ҷумла бевосита баён нашуда, чун

[1] *В.Г. Белинский.* Разделение поэзии на роды и виды, с. 475.

ҳосили мантиқии мундариҷа дар назар дошта шуда бошад, дар байти зерини Мирзо Бедил ғоя дар мисраи якум бевосита баён шудааст, ва сурати зоҳирияш низ бо воситаи тасдиқи он – мисраи дуюм баробар аст:

Золим аз бедастгоҳӣ нест бе тамҳиди зулм,
Дар ҳақиқат арра шамшер аст, чун дандона рехт.

Азбаски таъинот ва табиати лирика нисбат ба ҳамоса мураккабтар аст, ба навъҳо ҷудо кардани он, матлуб мебошад:

1. ***Лирикаи медитативӣ – холис.***[1] Мавриде, ки андешаву эҳсос хеле барҷаставу бевосита баён шуда, амалиёту ашёи тасвиршуда то ниҳояти имкон образноку рамзӣ мебошанд, ва ҷиҳати воқеиашон ниҳоят хира аст. Намунаи ин навъи лирика ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, хоҷа Ҳофиз ва Мирзо Бедил ҳисоб ёфта метавонанд.

2. ***Лирикаи медитативӣ – тасвирӣ.*** Мавриде, ки зимни баёни ҳиссу андеша сурати амалиёт ва сурати предметҳо ба тарзи нисбатан муфассалу равшан зикр карда мешавад, ва дар баробари воситаи ёрирасони ифодаи эҳсосу андеша буданашон, аз ҷиҳати зоҳирӣ мустақилият доранд. Ба ин гурӯҳ, ашъоре дохил карда мешавад, ки воқеияташон нисбатан равшан аст. Аксари мутлақи ашъори адибони Шӯравии тоҷик ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

3. ***Лирикаи тасвирӣ.*** Мавриде, ки шоир андешаву эҳсосоти худро бевосита баён ё хеле кам баён карда, танҳо манзара ё ҳолатро ба тасвир мегирад, ва андешаву эҳсоси муаллиф танҳо дар сурати тамомият ёфтани ин тасвир, дар шакли яклухт маълум мегардад. Намунаи хеле хубаш шеъри Муъмин Қаноат "Пири гулфурӯшон" аст.

[1] «Лирикаи медитативӣ» дар лугати устод С. Табаров «лирикаи маҳрамона» тафсир шудааст.

Б. ЖАНРҲОИ АДАБӢ

1. ЖАНРҲОИ ҲАМОСА

Аввало доир ба мафҳуми "жанр" бояд гуфт, ки он мувофиқи таърифи Н.Т. Колпакова, "типи таърихан ташаккулгардидаи қолаби бадеист, ки функсияи муайяни иҷтимоии ҳамин навъи санъат тақозо намудааст, ва мутобиқи рухи мазмун сурат бастааст".[1] Ин истилоҳ муодили тоҷикӣ надорад.

Жанрҳои эпикиро аз нуқтаи назари ҳаҷм ва доираашон, одатан ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

1) гурӯҳи хурд;
2) гурӯҳи миёна;
3) гуруҳи муҳташам.

а. Жанрҳои хурди ҳамоса

Латифа хурдтарин жанри эпикист. Сужа дар вай бағоят сода мебошад, гоҳе вай ин қадар заиф аст, ки пай наметавон бурд. Ҳарчанд дар латифа ***воқеа*** мисли ҳикоя ва жанрҳои дигари ҳамосавӣ нақши ҳалкунандаро намебозад, бо вуҷуди ин мавқеи онро инкор кардан дуруст нест, зеро агар дар аксари латифаҳо як порае аз воқеа (бигузор ба тариқи афшурда бошад) баён шавад, дар як қисми онҳо шуълае, шарорае аз воқеа ҳис мешаваду бас.

Зиддияти бениҳоят тезутунд хоси латифа мебошад.

Характерҳам мукаммал нест. Ҳамагӣ як ҷиҳати хислат ошкор карда мешавад.

Персонажи латифа ё зираки зирак аст, ё гӯлу гумроҳ. Яъне, ду ҷиҳати ашаддӣ муқобили ҳамдигар, ду қутб ба мадди назар гузошта, яке маҳкум, дигаре маҳмуд мешавад.

[1] *Н.Т. Колпакова*. Русская народная бытовая песня. – М. – Л., 1962, с. 25.

Латифа услубан чунон хусусияте дорад, ки дар вай натанҳо ҷумлаю ибора, балки калимаи зиёдатӣ ҳам набояд бошад. ***Муъҷазӣ*** – қонуни латифа мебошад.

Аз ҷумлаи воситаҳои баёни латифа саволу ҷавоб, кинояву муболиға, таҷнису лутфро бояд таъкид кард, ки бидуни санъатҳои мазкур латифа эътибор пайдо карда наметавонад. Махсусан ***лутф – қони латифа*** мебошад, яъне, калимае ё иборае, ки гӯянда ба маънии муқаррарии онҳо кор фармудааст, ҷавобдиҳанда онро ба маънии дигар таъбир мекунад, ки чунин ҷавоб, аз як тараф, хусусияти ҳаҷву зарофатро дорад, аз тарафи дигар онро пурсанда (ва хонанда) низ чашмдор набуд. Чунончи, Султон Маҳмуд, ки сар болои зонуи Аёз гузошта, мехост вайро масхара кунад, мепурсад: "ба аҳмақон чӣ мешавӣ?". Муроди Султон Маҳмуд аз "чӣ мешавӣ?", маънии "хешию наздикӣ" буд. Аммо Аёз ифодаи мазкурро тамоман тарафи дигар бурда ҷавоб медиҳад: "болишт!"

Ҷаҳонхонум сӯи шавҳараш Шоҳ Исмоили Сафавӣ мегӯяд:

То подшоҳи ҷаҳонӣ, Ҷаҳон зи даст мадеҳ!
Ки подшоҳи ҷаҳонро Ҷаҳон ба кор ояд!

Завҷаи дигари шоҳ – Ҳаётхонум ҳозир буд, гуфт:

Тарки гами ҷаҳон бикун, то зи Ҳаёт бар хӯрӣ,
Ҳар ки гами ҷаҳон хӯрад, кай зи Ҳаёт бар хӯрад?!

Санъати маънавӣ нест, аммо таҷнис ҳаст, ки лутф пайдо кардааст.

Латифа – хоси эҷодиёти даҳанакии халқ мебошад; он дар адабиёти хаттӣ низ таърихи қадима дорад. Чунончи, дар "Марзбоннома"-и Марзбони Рустам (асри X) латифа дучор меояд. Ин ҳунарро Убайди Зоконӣ ба ҳадди аълояш расонидааст.

Тамсил. *Ин калима аслан арабӣ буда, бо калимаҳои "масал, мисол, мисл, амсол"* ва монанди инҳо ҳамреша аст. Чун истилоҳ, *тамсил чунон жанри эпикиест, ки дар воқеаи начандон калони вай ҳар гуна махлуқот, наботот, ашё ва г. иштирок менамоянд.*

Муҳимтарин хусусияти тамсил ин аст, ки амалкунандагони ғайриинсонӣ, чун инсон гуфтугӯ мекунанду хулқу рафтори одамиро аз худ зоҳир менамоянд. Сужаи тамсил аз як воқеаи хурди бағоят мазбуту яклухт иборат мешавад.

Бояд донист, ки агар барои латифа воқеа характернок набошад, тамсил бидуни ҳодиса бунёд ёфта наметавонад.

Дар тамсил муҳимтарин ҷиҳати хислати предмети тасвир, ба тариқи аёнӣ, таъкид меёбад. Мурод аз ин панд аст. Бесабаб нест, ки дар адабиёти дидактикии ҳамаи халқҳо тамсил аз ҷумлаи паҳншудатарин жанрҳо ба шумор меравад. Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик "Калила ва Димна" (бо тамоми вариантҳояш), "Тӯтинома" ва чандин силсилаи дигар дар асоси тамсил бунёд ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи услубии тамсилҳои адабиёти тоҷик ин аст, ки аксаран бо наср гуфта мешаваду бо шеър оро меёбад. Зайли намуна тамсили Абдураҳмони Ҷомӣ "Каждум ва сангпушт"оварда мешавад:

"Каждуме заҳри мазаррат дар неш, ва тири хабосат дар кеш, азимати сафар кард. Ногоҳ бар лаби обе паҳновар расид, хушк фурӯ монд – на пои гузаштан ва на ёрои бозгаштан.

Сангпуште ин маъниро аз вай мушоҳида кард, бар вай тараҳҳум намуд, ва бар пушти худаш савор кард, ва худро дар об андохт, ва ошнокунон (шинокунон) рӯй ба ҷониби дигар ниҳод. Ва дар он асно овозе ба гӯши сангпушт расид, ки каждум чизе бар пушти вай мезанад. Суол кард, ки:

-- Ин чӣ овоз аст?

Ҷавоб дод, ки:

– Ин овоз неши ман аст, ки бар пушти ту мезанам. Ҳарчанд медонам, бар он коргар намеояд, аммо одати худро наметавонам гузошт, чунончи, гуфтаанд – фард:

Неши каждум на аз паи кин аст,
Муқтазои табиаташ ин аст.

Сангпушт бо худ гуфт, ки ҳеҷ бех аз он нест, ки ин бадсиришро аз ин хӯи зишт бираҳонам, ва некӯсиратонро аз осеби вай эмин гардонам. Бо об фурӯ рафт ва вай (каждум)-ро мавҷ даррабуд ва ба ҷое бурд, ки гӯё ҳаргиз набуд.

Қитъа:

Ҳар авоне, ки дар ин базмгаҳи шарру фасод
Тори сад ҳила ба ҳар лаҳзаам аз соз диҳанд.
Бех аз он нест, ки дар мавҷи фано гӯта хӯрад,
То вай аз хулқи худу халқ аз ӯ бозраҳанд".

Тамсил саросар бо назм ҳам навишта мешавад. Барои мисол тамсили машҳури Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) ба қалам меояд:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост.
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:
"Имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари шед,
Мебинам агар заррае андар таги дарёст,
Гар бар сари хошок яке пашша бичунбад,
Чунбидани он пашша аён дар назари мост".
Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид,
Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост?
Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост,
Бар боли уқоб омада он тири ҷигардӯз
В-аз абр мар-ӯро ба сӯи хок фурӯ кост.
Бар хок бияфтоду бигалтид чу моҳӣ
В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.

Гуфто: "Аҷаб ин аст, зи чӯб асту зи оҳан,
Ин тезию тундию паридан зи куҷо хост?
Бар тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид –
Гуфто: "Зи кӣ нолем, ки аз мост ки бар мост".
Ҳуҷҷат, ту маниро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба уқобе, ки манӣ карду чиҳо хост!

Тамсил дар адабиёти бисёр халқҳо мақом дорад. Тамсилҳое, ки ба Эзоп (асрҳои VI-V пеш аз мелод) мансуб дониста мешаванд, дар тамоми олам машҳуранд. Шуҳрати ин бузургмарди юнонӣ ба дараҷае расида, ки умуман суханони киноявии таҳдорро "***забони эзопӣ***" номиданд.

Лафонтени фаронсавӣ (1621-1695), И.А. Крилови рус (1769-1844) маҳз бо тамсилҳояшон эътибор пайдо кардаанд. Адибоне ба монанди Д. Бедний, С. Михалков, С. Олейник низ ба тамсил муроҷиат кардаанд.

Тамсил дар адабиёти тоҷик як навъи махсус ҳам дорад, ки онро ***мунозира*** мегӯянд.

Мунозира дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. Як намунаи барҷастаи он "Дарахти асурик ва буз" аст, аз давраи паҳлавӣ. Дар асрҳои миёна махсусан мунозираҳои Асадии Тӯсӣ машҳуранд.

Баллада. Онро гоҳе ***қисса*** ҳам мегӯянд. *Асари хурди манзуме, ки дар асоси як ё якчанд воқеаи дар атрофи як сужа гирд омада, сохта шудаанд, баллада ва ё қиссаи манзум номида мешавад.*

Дар баллада ҷараёни ҳаматарафаи ташаккули образ ва характер мавҷуд намебошад, балки нависанда онҳоро дар шакли ҷамъбаст нишон медиҳад. Дар баллада мақсади асосии нависанда на офариниши образи комили бадей, балки саъю кӯшиши ӯ бештар ба нишон додани моҳияти ҳодиса ва воқеа равона карда мешавад. Агар балладаҳои Жуковский, Тихонов барин устодони суханро мулоҳиза кунем, ҳамин хусусиятҳо рӯшан мешаванд.

Ногуфта намонад, ки балладаро баъзе муаллифон ба ҷинси муштараки ***лирикаю эпикӣ,*** ҳатто холис ***эпикӣ,*** ҳам мансуб медонанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки шакли манзуми баллада ва гоҳе қаламдод шудани эҳсосоту андешаи муаллиф боиси ҳукми мазкур шуда бошад.

Қиссаи хурди манзуми сужадор дар адабиёти асримиёнагии тоҷику форс низ эҷод мешуд. Онро аксаран "маснавӣ", ё "қитъа" меномидаанд. Балладаро дар адабиёти муосири тоҷик ҳам ба кор мебаранд. Масалан, онро дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода дидан мумкин аст.

Ҳикоя. Дар ин жанри эпикӣ як ***воқеаи*** нисбатан хурд, аммо яклухту том инъикос меёбад. Лаҳзаҳо ва қисмҳои воқеа бо ҳамдигар сахт алоқаманданд. Кам воқеъ мегардад, ки дар ҳикоя воқеаи асосӣ бо воқеаи пешин ва ё пасин вобаста тасвир ёфта бошад. Одатан алоқамандии воқеаи тасвиршаванда бо воқеаҳои гузашта ва ё минбаъда ба тариқи ҷузъӣ ва ё шартӣ сурат мегирад. Муҳимтарин хусусияти воқеаи ҳикоя ҳамин аст, ки аз нуқтаи назари замону макон, ҳаҷму ҳудуд ва моҳияти худ яклухту мазбут мебошад. Ба ин маънӣ, ҳикояҳои Ги де Мопассан, А.П. Чехов мисол шуда метавонанд. Ин хусусиятро дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев "Даъво", "Рӯзи дафни Усто Оқил", "Роҳ" ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст.

Сужаи ҳикоя равшан аст, аммо он таркибан сода мебошад, аз чандин хат фароҳам омада наметавонад. Нависанда ҳамагӣ як хат мекашад, вале аввали он, равиш ва охири вайро барҷаста нишон медиҳад.

Барои таҳияи сужаи ҳикоя ***зиддиятҳои*** мушаххас тасвир мешаванд. Масалан, дар ҳикояи Фазлиддин Муҳаммадиев "Даъво" зиддияти миёни *одоб* ва *беадабӣ* инъикос ёфтааст, ки оқибати кор *одоб* пирӯз мешавад. Табиист, ки зиддият дар зиндагӣ фаровон аст, омили зиндагию пешравӣ, худ зиддият мебошад. Дар асоси зиддияти характерноки зиндагӣ, дар

заминаи ҳалли ахлоқию иҷтимоии зиддият бофтану сохтани сужаи яклухг кори осоне нест, вай аз нависанда, ба замми истеъдод, боз ранҷи беҳисоби эҷодиро талаб мекунад. Маҳз барои ҳамин аз миёни садҳо адибони қаламкаш танҳо яке қодир аст, ки *ҳикояи асили бадеӣ* ба майдон оварад.

Доираи ***персонаж*** дар ҳикоя аз латифаю тамсил васеъ мебошад – агар дар ду жанри хурдтарин сояи танҳо ду кас (ё ду чиз) намудор гардад, дар ҳикоя амалиёти *ду кас* ва аз он ҳам бештар тасвир меёбад. Дар маркази воқеаи ҳикоя амалиёти ду кас (ё ду чиз) меистад. Амалиёти ҳамин ду кас боиси яклухтии воқеа мешавад, ва ин ҳар ду – яклухтии воқеа ва амалиёти персонажҳо – якҷоя боиси яклухтию ягонагии ҳикоя мешавад.

Имкон дорад, ки дар ҳикоя амалиёти ҳамагӣ ду кас ба қалам ояд, чунон ки дар ҳикояи Фазлиддин Муҳаммадиев "Роҳ" дида мешавад. Дар ин сурат, ин ҳар ду персонаж – персонажи марказӣ мебошанд. Аммо чунин ҳолат бештар ба назар мерасад, ки дар ҳикоя ғайр аз амалиёти ду персонажи марказӣ боз амалиёти персонажҳои дигар (ёридиҳанда) ҳам ба тасвир меояд. Ба персонажҳои иловагӣ нависанда дар сурате эҳтиёҷ дорад, ки яклухтии воқеа ва пуррагии сужаро амалиёти фақат ду кас таъмин карда натавонад. Яъне, ба нияти яклухт кардани воқеа ва пурра сохтани сужа амалиёти персонажҳои ёридиҳанда ҳам инъикос меёбад.

Персонажи марказии ҳикоя бояд ***портрет*** дошта бошад, яъне, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳими қиёфаи зоҳирӣ ва олами ботинии қаҳрамон барои хонанда маълум гардад. Нависандаи ҳикоя на танҳо ба воситаи амалиёт, гуфтор, хулқу атвор, балки тавассути портрет низ персонажи асосиро ҳам фардӣ мекунонад, ва ҳам умумият медиҳад.

Аммо бояд донист, ки барои офариниши портрети пурраю комил – барои нишон додани тамоми унсурҳои портрет ва такроран таъкид кардани ҷузъиёти муҳимтарини вай *имконият дар ҳикоя маҳдуд аст.*

Яке аз мақсадҳои таълифи ҳикоя, *офариниши характер* мебошад. Агар дар латифаю тамсил нишонаи асосии характер танҳо номбар шавад, ин ҷо муҳимтарин унсури характер, метавон гуфт, барҷаста намоиш дода мешавад. Нависанда лаҳза-лаҳза воқеаро тасвир карда, амалиёти пайдарпайи қаҳрамонашро нишон медиҳад, ба ин восита зарра-зарра характер меофарад.

Табиист, дар заминаи як воқеаи нисбатан хурд, нависанда наметавонад унсурҳои дигари характери қаҳрамонро тафсир диҳад. Барои нишон додани раванди ташаккули характер имкониятҳои нависанда маҳдуданд. Барои тасвири омилҳои чигунагии характер имконияти ҳикоя боз ҳам маҳдудтар аст. Албатта, ин чунин маънӣ надорад, ки муаллифи ҳикоя ҳеҷ гоҳ унсурҳои иловагии характери қаҳрамонро нишон намедода бошад, ҷараёни ташаккули характер ва заминаҳои чигунагии вайро мутлақо тасвир кунад. Тезиси боло ба дараҷаи мутлақ нест. Балки дар таҷрибаи эҷодӣ аксаран ҳамин тавр воқеъ мегардад. Ҳикояҳоеро ҳам дучор омадан мумкин аст, ки вобаста ба чигунагии воқеа ва сужаи асар, ҳадафи эҷодиву эстетикии нависанда ва истеъдоду маҳорати вай, характер ё таркибан бой аст, ё раванди ташаккулаш маълум аст, ё заминаҳояш аён мебошад.

Дар ҳикоя ***манзара*** мавқеъ дорад, онро нависанда барои нишон додани замону макони воқеа, чиҳати ошкор кардани рӯҳия ва завқи персонаж ба кор мебарад. Дар ҳалли мавзуъ, ифодаи ғоя, конкретияти мақсад ва умуман барои пуррагию яклухтии асари бадеӣ, манзара нақши муҳиме дорад.

Тасвири табиат аз қисматҳои муҳимтарини манзара ба шумор меравад. Дар ин сурат, манзараи тасвиршаванда бо характери персонаж ва идеали нависанда вобастагии сахт пайдо мекунад. Инро дар ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев "Рӯзи дафни Усто Очил", "Сози Мунаввар" ва ғ. дидан мумкин аст.

Ҳикоя аз нуқтаи назари мавзуъ, моҳият, рӯҳи ғоявӣ (пафос) навъи бисёр дорад. Чунончи, ҳоло дар адабиёти халқҳои олам ҳикояҳои *ахлоқӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, воқеӣ, ишқӣ, ҳаҷвӣ* ва ғ. маъмуланд.

Жанри ҳикоя дар таърихи адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. Тавассути "Сиёсатнома"-и Низомулмулк, "Қобуснома"-и Кайковус, "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва дигар китобҳои адабию бадеӣ, таърихӣ ва ғ. бисёр ҳикояҳои дар асрҳои X-XI ва минбаъд таълифшуда ба мо расидаанд.

Бояд донист, ки ҳикояҳои адабиёти даври асримиёнагӣ аз ҳикояҳои адабиёти муосир дар ҳаҷм, услуб, доираи мавзуъ хусусиятҳои фарқкунанда доранд.

Аксари ҳикояҳои адабиёти давраи гузашта дар асоси як ҳодисаи хурд сохта мешуд, ва дар вуқуи он ҳодиса миқдори ками персонажҳо иштирок мекарданд. Зиддияти ҳикоя ҳам нисбатан сода буд. Характери қаҳрамон дар бисёр мавридҳо на аз амалиёти вай, балки аз характеристикаи муаллиф равшан мешуд.

Забону услуби ҳикоя пеш асосан шоирона, бо хушпардозии романтикӣ сурат мегирифт.

Яке аз нишонаҳои равшани ҳикояҳои нависандагони замони пеш, масалан, Кайковус, Авфии Бухорой, Саъдӣ, Убайди Зоконӣ, Ҷомӣ ва дигарон дар ин аст, ки аз ҷиҳати мавзуъ *панду ахлоқӣ* буданд. Аз нимаи асри XIX сар карда, яъне, дар адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, доираи мавзуи ҳикоя васеъ гардид, ба ҳикоя масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ, сиёсӣ, воқеаҳои мухталифи реалию бофта ворид шуданд.

Аз интишори ҳикояҳои А.П. Чехов, Л.Н. Толстой, А.М. Горкий ва дигар ҳикоянависони рус ва Аврупо адибони тоҷик, ҳамчун С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон сазовор сабақ гирифта, ин жанри сернуфузи ҳамосиро ривоҷ доданд.

Новелла. Бисёр адабиётшиносон (масалан, Л.И. Тимофеев) *новелла* ва *ҳикоя*-ро як жанри адабӣ меҳисобанд. Аз рӯи ақидаи баъзе дигарон, новелла дар бисёр масъалаҳо, чунончи, воқеа, ҳудуди сужа, дараҷаи образ, характер ва ғ. бо ҳикоя баробар бошад ҳам, нишонаҳои аз вай фарқкунанда дорад.

Аз рӯи мушоҳидаҳои новеллаҳои нависандагони машҳур хусусиятҳои хоси зерини жанри мазкурро муайян кардан мумкин аст.

Якум. Тарзи баёни новелла бағоят муъҷаз аст. Дар он на танҳо ҷумла, балки калима ё ибораи қобили ихтисор набояд бошад. Сухан дар новелла *тилобаркаш* аст. Агар дар ҳикоя имкони тафсили ҷузъиёт мавҷуд бошад, дар новелла чунин имконият вуҷуд надорад.

Дуюм. Новелла бештар дар мавзуи *сиёсии иҷтимоӣ, воқеии таърихӣ* эҷод мешавад. Масъалаву воқеаи тасвиршаванда зоҳиран ҷузъист, ба одамони ҷудогона дахл дораду бас. Аммо дар асл, моҳиятан ин тавр нест, воқеа ва масъала ба бехи ҷамъият, ба зиндагии имрӯза ва фардои мардум вобаста аст.

Сеюм. Дар новелла мабдаъи *зеҳният* (субъективизм) назар ба ҳикоя бештар мавқеъ дорад. Воқеа ё аз забони шахси якум баён мешавад, ё ҳодисаю ҳолат зиёда ҳаяҷонангез тасвир меёбад.

Чорум. Новелла ба *романтизм* бештар қарин аст: ё пурра бо ин равиш эҷод мешавад, ё аз рангубори вай ҳусну тароват мегирад – нависанда ҷо-ҷо аз он истифода мекунад.

Панҷум. Новелла аксаран дар асоси *як воқеа* сохта мешавад, дар ҳикоя бошад, ғайр аз воқеаи асосӣ боз лаҳзаҳои воқеаҳои дигар истифода мешаванд.[1] Ғайр аз ин, дар новелла кӯшида мешавад, ки санаду далел, ҳақиқати рӯйдод таъкид карда шавад.[2]

[1] Ниг.: *Ф.М. Головченко.* Введение в литературоведение. – М.: Высшая школа, 1964, с. 258.

[2] Ниг.: *Ю.З. Янковский.* Модификации новеллистического жанра в зарубежной литературе 1-ой половины 19 ст. – Мач.: Жанровые формы в литературе и литературной критике. Киев: КГПИ, 1979, с. 103.

Аз нуқтаи назари сабк, бисёр ҳикояҳои адибони асримиёнагии тоҷику форс, махсусан, осори Саъдӣ ва хоҷа Самандари Тирмизиро *новелла* шумурдан мумкин аст. Дар адабиёти муосир Ҳаким Каримро устоди новелла меҳисобанд.

б. Жанрҳои миёнаи ҳамоса

Ба ин гурӯҳ ҳамагӣ ду жанр – *повест* ва *достон* дохил мешаванд.

Повест (ё қисса). Дар адабиётшиносии гузашта асарҳои сермоҷароро ***қисса*** мегуфтанд, ки ҳоло он ба жанри мустақил – повест ва роман мансуб аст. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик гоҳе ба ҷои повест ***қисса***-ро истифода мекунанд, ки дар ҳадди истилоҳи худ пурра содиқ нест.

Повест дар миёни ҳикоя ва роман ҷой дорад.

Нишонаҳои асосии повест аз инҳо иборатанд: Дар ин жанри эпикӣ *як воқеаи том* ва ё ***силсилаи воқеаҳои*** бо ҳамдигар сахт алоқаманд тасвир меёбад. Фарқи воқеаи повест аз ҳикоя дар он аст, ки доираву ҳудуди вай аз ҳар хусус васеъ мебошад. Нависанда ҳодисаро ҳам аз нуқтаи назари замон, ҳам макон вусъат дода метавонад.

Аммо муҳимтар аз ҳама, воқеаи повест ҳатман моҳияти васеъ дорад, ба тариқи ошкоро хусусияти иҷтимоӣ зоҳир менамояд. Аз повестҳои устод Айнӣ "Одина", "Марги судхӯр", Сотим Улуғзода "Ривояти суғдӣ", Фазлиддин Муҳаммадиев "Дар он дунё", "Одамони кӯҳна", "Шоҳии япон" ва ғ. ҳар кас равшан мебинад, ки домани воқеа хеле васеъ буда, он сохти иҷтимоӣ, таърих, сиёсатро фаро мегирад. (Азбаски дар повест силсилаи воқеа тасвир меёбад, сужа низ назар ба ҳикояву новелла мураккабу муфассал аст). Агар ҳикоянавис барои таҳияи ҳамаи унсурҳои сужа имконият надошта бошад, нависандаи повест чунин имкониятро дорад.

Нависандаи повест як хати устувори сужа мекашад. Вай метавонад хатти асосии сужаро ба чанд лаҳза – сужаи мустақил тақсим кунад, ки ҷумла як риштаи пурзӯрро ҳосил мекунад.

Инчунин, нависандаи повест имкон дорад, ки барои пурратару равшантар кардани хатти асосии сужа боз риштаҳои иловагӣ ҳам густурад. Ба ин маънӣ, сужаи "Одина" ва "Марги судхӯр" таркибан мураккаб ва комил таҳия шудааст.

Зиддият дар повест мураккабу тӯлонист – нависанда онро равшану ва дурудароз нишон медиҳад. Барои ҳалли зиддияти повест муддати дарозе ва қувваи бисёре сарф мешавад. Сабаб ин аст, ки зиддият ҷиддист, асоси таърихӣ ва иҷтимоӣ дорад. Зиддияти повест ҳатман аз воқеаҳои ҷиддӣ сар мезанад ва ҳалли вай, албатта, моҳияти иҷтимоӣ дорад.

Дар повест нависанда имкон дорад, ки чандин зиддияти ҳаҷман хурду калон, моҳиятан гуногунро, ки бо ҳамдигар вобастаанд, тасвир кунад. Ғайр аз ин, нависанда ин ҷо боз имкон дорад, ки заминаҳои пайдоиши зиддиятро, махсусан омилҳои инкишофи онро нишон диҳад.

Азбаски сужа ва зиддияти повест мураккаб асту воқеа бисёр дорад, дар вай персонажи бештар ҳузур пайдо мекунад. Ин ҷо ғайр аз амалиёти персонажҳои марказӣ боз ҳаракату рафтори чандин каси дигар тасвир меёбад. Шумораи персонажҳои баъзе повестҳо аз даҳҳо нафар мегузарад.

Дар повест шахси (персонажи) марказӣ бояд портрети равшан дошта бошад. Нависанда вобаста ба моҳияти образ ва идеали худ, симои зоҳирии персонаж – қадду қомат, афту андом, сару либос, имову ҳаракатҳои вайро барҷаста нишон медиҳад, унсурҳои характерноки вайро такроран таъкид менамояд. Ҳар касе "Марги судхӯр"-ро хонда бошад, симои Қорӣ Исматро равшан тасаввур менамояд ва башараи ӯро ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорад.

Инчунин, нависандаи повест баъзе ҷиҳатҳои муҳими портрети персонажҳои дувумдараҷаро ҳам кашида метавонад.

Яке аз имкониятҳои повест – офариниши ***характер*** мебошад. Нависанда тамоми риштаҳои характери персонажи марказии худро намоиш дода, раванди ташаккул ва омилҳои

чигунагии онро ба қалам меоварад. Характери Одина (аз повести "Одина"), Қорӣ Ишкамба (аз "Марги судхӯр"), акаи Барака (аз "Шоҳии япон") шаҳодат медиҳанд, ки нависандаи моҳир дар повест характерҳои таркибан мураккаб ва қобили эътимод эҷод карда метавонад.

Аз имкониятҳои дигари повест дар масъалаи характер ин аст, ки нависанда муҳимтарин хислатҳои персонажҳои дуюмдараҷаро низ ҷилва медиҳад. Хонанда атвор, хулқу хӯи Арбоб Камол, Ибод, Гуландомро низ равшан тасаввур карда метавонад.

Манзара дар повест муфассал ба қалам меояд. Адиб макони воқеа, ҷузъиёти вайро батафсил баён мекунад. Манзараҳои "Ҷаллодони Бухоро", "Одина" ва амсоли инҳо, ки реалию типӣ буда, бо мавзуъ ва ғоя узван алоқаманд мебошанд, барои фардияту умумияти образҳо хизмат карда, ба хонанда барои беҳтару аёнӣ шинохтани персонажҳо кӯмак мерасонанд.

Достон "Достон", ки онро гоҳе «*дастон*» ҳам мегӯянд, дар забони тоҷикӣ маъниҳои бисёр дорад. Маънии асосии вай ***"машҳур, маълуму маъмул, вирди забон будан"*** ҳамчунин ***"фиреб"*** аст. Масалан, мегӯянд: "фалонӣ достон шуд".

Маънии дигари "достон" – ***корнамоии барҷаста ва қаҳрамонии ҳақиқӣ*** мебошад, чунончи, ***"Достони Рустам"*** ё ***"Рустами достон"*** ҳамин маъниро дорад.

Боз "достон" маъниҳои ***"қисса, саргузашт, ҳикоя"***-ро ҳам мефаҳмонад. Чунончи, "достон" дар "Калила ва Димна" ба ҳамин маънӣ омадааст. Гоҳе "дастон" ба маънои мухолифи "достон" – *фиреб* ҳам кор фармуда шудааст. Чунончи:

Ҳар достон, ки ӯ на санои Муҳаммад аст,
Дастони коҳинон бишумораш, на достон!

Ҳаким Фирдавсӣ "дастон"-ро ба маънии ***фиребу найранг*** овардааст:

Бад-ӯ гуфт: "Марди шабистон наям,
Мачӯям, ки бо банду дастон наям".

Маъмултарин маънии имрӯзаи "достон" мафҳуми истилоҳии жанрии вай аст. Достони "Ҳасани аробакаш", достони "Гаҳвораи Сино" ба ҳамин маънианд.

Достон, одатан, дар шакли назм эҷод мешавад.

Дар адабиёти классикии тоҷик достон асосан дар шакли ***маснавӣ***, яъне тарзи қофияи ***аа, бб, вв, гг*** ... таълиф меёфт. Аммо, гоҳе ин усул тағйир ёфтааст. Масалан, Убайди Зоконӣ (1270-1370) достони худ "Мушу гурба"-ро дар шакли ***аа, бб, вв, гв, дв ...*** эҷод кардааст, яъне, баъди ду байти муқаддимавии маснавӣ, достон дар шакли қофиябандии қасида (ғазал) ҷараён меёбад. Ё худ шоир Зиёӣ (асри XVII) "Деҳқоннома" ("Панҷ ганҷ") ном достоне дорад, ки дар шакли ***мусаммати мухаммас*** эҷод шудааст.

Чун истилоҳи жанри адабӣ достон барои ду ҷинси адабӣ: *эпикӣ* ва *лирикӣ* муштарак мебошад. Яъне, дар баробари достонҳои маъмули эпикӣ боз *достонҳои лирикӣ* ҳам ҳастанд, ки оид ба ин масъала дар поёнтар таваққуф хоҳад шуд.

Достонҳои эпикӣ ду хел мешаванд: *хурд* ва *калон*. Одатан, достонҳои калонро дар радифи *роман* мегузоранду достонҳои хурдро дар радифи *повест*. Аз ҳамин рӯ, достонҳои хурд дар кулли масъалаҳои эҷодӣ - бадеӣ ҳамчун воқеа, сужа, зиддият, образ, характер ва амсоли инҳо ҳамсанги повест буда метавонанд.

Шоири достонсаро дар фароҳам овардани сужа, тавсеаи зиддият, офариниши образу хислату атвор маҳдудияти эҷодие ҳис мекунад. Барои тасвири муфассали амалиёт, баёни ҳаматарафаи манзараю қиёфа, инъикоси пурраи ҷузъиёт имкони шеър танг аст. Маҳз барои ҳамин, шоир бо тасвири характерноктарин лаҳзаю лавҳа қаноат мекунад.

Достон дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. Вай ҳанӯз дар адабиёти қадим мавқеъ дошт. Аз адабиёти давраи паҳлавӣ достони "Дарахти асурик ва буз" арзиши бадеии худро ҳоло ҳам гум накардааст.

Дар асрҳои миёна достон мақоми баландтаринро ишғол кард. Достонҳои Унсурӣ ва Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Бедил ва дигарон, ба туфайли муҳимтарин масъалаҳои ахлоқию таърихии замони худро дарбар гирифтанашон, ва бо сабаби арзиши баланди бадей-эстетикӣ доштанашон, дар даврaҳои минбаъда барои хонандагони халқҳои дигар ҳам, эътибор пайдо кардаанд.

Таваҷҷуҳ шавад ба ин чанд намуна. Низомии Ганҷавӣ гуфта:

Қолаби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нависанда зи дигар бизан.

Байте аз Сойиб:

Домани ҳар гул магиру гирди ҳар хоре магард,
Толиби ҳусни ғарибу маънии бегона бош.

Кайковус: "Шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри дили хеш".

Форобӣ: "Уламои шеършиноси форсу араби замони мо дар ин маънӣ китобҳои ҳачв, мадҳ, мафохирот, луғз, мазҳака, ғазалиёт, васфиёт ва ғ. тақсим кардаанд".[1]

Аз солҳои сиюм сар карда, дар адабиёти тоҷик як силсила достонҳо ба майдон омаданд, ки ба қалами С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва дигарон тааллуқ доранд.

[1] *Фанни шеър*, с. 64.

в. Гурӯҳи жанрҳои муҳташам

Дар адабиёти таълимӣ ба гурӯҳи муҳташами жанрҳои эпикӣ ҳамагӣ ду жанри адабӣ мансуб дониста мешаванд, ки яке – *роман* асту дигаре – *достони калон*.

Роман. Калонтарин, аз нуқтаи назари имкониятҳо – фарохтарин жанри эпикӣ **роман** мебошад. И.А. Гончаров гуфтааст: "Ба роман ҳама чиз меравад – ин дром ва ё мазҳака нест – ин мисли укёнусест: соҳил надорад, ё он наменамояд; тангӣ намекунад, он ҷо ҳама чиз меғунҷад".[1]

Воқеа дар ин жанр сурати бағоят том дорад. Нависанда чандин воқеаи ба ҳамдигар алоқамандро инъикос менамояд, чандин воқеае ки мантиқан яке сабаби дигаре ва сеюмӣ натиҷаи дувумӣ мебошад. Моҳиятан воқеаи роман ҳатман баланду иҷтимоист. Нависанда аксаран воқеаҳоеро ба тасвир мекашад, ки бевосита ба ҳаёти иҷтимоии халқ, ба ҳодисаҳои ҷиддии таърихи мардум ва масъалаҳои муҳими замон дахл доранд. Романҳои устод С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ҷумъа Одина ва нависандагони дигари тоҷик ба ин мисол шуда метавонанд.

Гоҳе дар роман масъалаҳое инъикос меёбанд, ки ба ахлоқу маишат ва қисмати одамони ҷудогона бахшида шудаанд, ва зоҳиран хусусияти ҷузъӣ доранд. Нависандагони забардасте, ҳамчун Робиндранат Такур, Эрнест Ҳемингуэй, дар мисоли ҳодисаю масъалаҳо ва саргузаштҳои зоҳиран ҷузъӣ моҳияти иҷтимоии замон ва таърихро ифода карда тавонистаанд.

Замону макони воқеа васеъ ва серҳудуд аст. Воқеаи роман дар муддати мадиде ва чандин маҳал рӯй медиҳад. Дар "Дохунда" ҳодисаҳои тақрибан сисола, дар "Ғуломон" – садсола инъикос ёфтаанд. Воқеаҳои "Дохунда" дар минтақаҳои гуногуни Бухорои Шарқӣ ва Марказӣ, "Ғуломон" – нуқтаҳои сершумори Хуросон ва Мовароуннаҳр ба амал омадаанд.

[1] *И.А. Гончаров*. Собр. соч. в 8-и томах, т. 5. – М., 1953, с. 41.

Гоҳе чунин ҳам мешавад, ки замони воқеа назар ба ҳаҷму моҳияти он маҳдуд намоён мегардад. Масалан, дар романи Чингиз Айтматов "Дуроҳаи бӯронӣ" воқеа зоҳиран дар як рӯз – *аз нисфишабӣ то шаби дигар*, -- рӯй медиҳад. Дар асл ин тавр нест. Нависанда тавассути тавони худ ҳодисаҳои сершумори дар замонҳои тӯлонии пеш ба амаломадаро дар як рӯзи комил, дар ҳофизаи персонажҳояш зинда гардонидааст.

Сужа дар роман серпаҳлӯ ва мураккабу тӯлонӣ сурат мегирад. Нависандаи роман имкон дорад, ки тамоми унсурҳои сужа – ***экспозитсия, гиреҳбанд, рабт, нуқтаи олӣ*** ва ***гиреҳкушоро*** батафсил нишон диҳад. Қобили таъкид аст, ки ҳар яке аз унсурҳои мазкури сужа дар роман муфассалан, тавассути чандин воқеа баён ёфта метавонад. Ғайр аз ин, дар баъзе романҳо унсурҳои иловагии сужа – *пролог* ва *эпилог* ҳам дида мешаванд, ки онҳоро *огоз* ва *анҷом* гуфтан мумкин аст.

Дар таркиби сужаи роман чандин хати хурду калон омада метавонад, зеро ҳар як воқеаи нисбатан мустақили тасвиршаванда сохту қонунияти муайяни мантиқии худро дорост.

Табиист, ки ***зиддият*** низ дар роман мураккаб, гуногун ва тӯлонӣ тасвир меёбад. Нависанда чандин хати зиддиятро мекашад, бо ҳамдигар мепайвандад, якеро тавассути дигаре тақвият медиҳад, дар асоси ҳалли як зиддият, барои зиддияти дигаре замина фароҳам меорад. Ҳамин тавр, то ҳалли зиддияти асосӣ, то пурра шудани образу характери персонажи марказӣ нависанда риштаҳои зиддиятро аз даст намегузорад. Масалан, дар романи "Дохунда" зиддияти асосӣ миёни ду сохти иҷтимоӣ - аз як тараф, сохти истисмории феодалӣ, ки шарафи одамиро таҳқир мекунад, ва аз тарафи дигар, сохти ғайриантагонистӣ, ки шарафи одамӣ, адолату меҳнатро ҳимоя менамояд, тасвир ёфтааст, ва нависанда то мағлубияти мутлақи қувваи аввалӣ ва зафари қатъии қувваи дуввумӣ, силсилаи воқеаҳои пурзиддиятро ба қалам додааст.

Яке аз афзалиятҳои барҷастаи роман ин аст, ки нависанда заминаҳои пайдоиши зиддияти минбаъдаро озодона ба қалам дода метавонад. Чунончи, дар романи "Дохунда" экспозитсияи сужа муфассал ва хеле равшан омадааст.

Азбаски дар роман ҳодисаю масъала васеъ мебошад, дар анҷоми онҳо одамони зиёде иштирок менамоянд. Бешубҳа, миқдори ***персонажҳои*** роман ба ҳудуди моҳияти воқеа ва масъалаҳои тасвиршаванда вобаста аст, зеро дар асарҳои саргузаштӣ амалиёти якчанд нафар баён шавад, дар романҳои ҳамосавии ба ҳодисаҳои иҷтимоию таърихӣ бахшидашуда, амалиёти одамони бисёре инъикос меёбад. Азбаски дар "Ғуломон"-и устод С. Айнӣ, "Шӯроб"-и Р. Ҷалил, сегонаи "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро"-и Ҷ. Икромӣ воқеаҳои ҷиддии таърихи халқи тоҷик тасвир ёфтаанд, дар воқеаи ҳар яке ҳудуди сад персонаж амал кардааст.

Дар роман имконияти кофӣ мавҷуд аст, ки нависанда ***образу характерҳои*** комил офарад. Дар кӯраи воқеаи серҳудуди тӯлонӣ, сужаи серпаҳлӯ ва зиддияти мураккабу серсоҳа обутоб додани характер ба хубӣ муяссар мешавад. Нависанда дар роман метавонад, тамоми тарафҳои характери персонажи марказиро нишон диҳад, сайри такомулоти характер ва заминаву омилҳои онро тасвир кунад. Адибони забардаст дар роман, махсусан дар силсилаи романҳо, чандин характери комил офарида метавонанд. Масалан, Ҷалол Икромӣ дар сегонаи "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" як силсила характерҳо эҷод кардааст, ки махсусан образҳои Дилором Каниз, Муҳаррами Ғарҷ, Асад Махсум аз ҳамин лиҳоз бағоят ҷолибанд.

Майдони роман дар офариниши ***портрети*** мукаммали бадей, такрору таъкиди унсурҳои ҷолибу муҳими вай васеъ мебошад. Нависанда қиёфаи зоҳириву олами ботинии қаҳрамони худро пурра намоиш медиҳад, тарзи либоспӯшӣ, одатҳо, ҳаракатҳои хоса ва дигар унсурҳои хурди қиёфаи

персонажро, ки боиси фардияти образ ва такомулоти характер мешаванд, таҷассум мекунад.

Портрети роман, метавон гуфт, хусусияти *мутаҳаррикӣ* дорад: симои персонаж ба гузашти замон, мувофиқи талаботи вазъият ва такомулоти характер тағйир меёбад.

Манзара дар роман васеъ ва рангоранг намудор мегардад. Манзараи роман ду хусусияти намоён дорад, ки дар жанрҳои дигар заифтар аст:

якум, манзара мутаҳаррик (ба маънии дигаршаванда, вусъатёбанда) тасвир мегардад;

дуюм, манзараи роман хоҳу нохоҳ лавҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, минтақаҳои ҷудогонаи кишвареро пеши назари хонанда аёнӣ ҷилвагар менамояд, ки воқеа дар он рӯй дода истодааст. Ҷунончи, хонанда манзараҳои биёбонро аз "Ғуломон", Дараи Ниҳонро аз "Дохунда", истгоҳи роҳи оҳан ва дашти васеъро аз романи Чингиз Айтматов "Дуроҳаи бӯронӣ" ҳаргиз фаромӯш намекунад.

Аз ҷиҳати дарбаргирии ***мавзуъ*** ва ***масъалаҳо*** доираи роман хеле васеъ аст. Доир ба воқеаҳои таърихӣ, масъалаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ, ишқӣ ва ғ. романҳо ба миён омадаанд.

Гоҳе нависанда дар бораи масъалаи азими иҷтимоӣ романе менависад, ки аз рӯи салоҳдиди худи ӯ сужа пухтааст, зиддият ҳал шудааст, ва образу характер ба ҳадди камолаш расидааст. Вале баъди фароғат аз таълиф, адиб дар тахайюли худ дармеёбад, ки масъалаи асосиро давом додан, аз думи зиддияти ҳалшуда зиддияти дигареро натиҷа гирифтан, аз анҷоми сужаи роман хати дигареро кашидан мумкин аст. Дар ин сурат, нависанда романи дигареро таълиф мекунад. Романи дувум дар доираи худ асари комил ва мустақил бояд бошад. Аммо он ба туфайли идомаи иштироки баъзе персонажҳои асосии романи аввал дар воқеаҳои романи дувум, инчунин ба ин сабаб, ки мавзуъ, сужа ва зиддияти

романи сонӣ асари аввалро боз ҳам пурра менамояд, ҳар ду дар якҷоягӣ ҳукми як асарро мегирад.

Дар ин сурат, ин ду романро ***дилогия***, ё худ ***дугона*** меноманд.

Гоҳе нависанда дар атрофи як масъалаи азим се роман эҷод мекунад, ки онро ***трилогия*** ё ***сегона*** мегӯянд. Ба ақидаи проф. И.С. Брагинский "Одина", "Дохунда" ва "Ғуломон"-и устод С. Айнӣ ***сегонаи таври махсус*** ҳастанд. Дарвоқеъ, ин се асар аз нуқтаи назари мавзуъ, ғоя, замон ва ҳатто макон бо ҳамдигар бисёр қаринанд, ҳатто ягонаанд, яъне, гӯё ба талаботи сегона ҷавоб медиҳанд. Аммо дар асарҳои мазкур ***иттисоли воқеа ва зиддият, пайдарпаии сужа, ягонагии персонажҳо***, ки хоси романҳои силсилавӣ мебошанд, мавҷуд нестанд.

Баъзан нависандагон дар атрофи як масъалаи азим чор роман ҳам эҷод мекунанд, ки онҳоро ***тетралогия*** меноманд ва ба тоҷикӣ ***бисёргона*** гуфтан мумкин аст.

Роман дар адабиёти тоҷик таърихе ғанӣ дорад. Асарҳои машҳури халқии асримиёнагӣ, монанди "Самаки айёр", "Қиссаи Амир Ҳамза", "Саргузашти Ҳотами Той"-ро, ки ба талаботи асосии жанри мазкур ҷавоб медиҳанд, *роман* номидан мумкин аст. Аммо романҳои комили реалистӣ дар садаи XX ба вуҷуд омаданд. Дар адабиёти халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон аввалин шуда романро устод С. Айнӣ эҷод кард. Шарафи кашшофӣ ба устод Айнӣ барои он муяссар шуд, ки дар адабиёти халқиву хаттии тоҷик насри ҳамосавӣ анъанаи ғанӣ дошт.

Романҳои устод Айнӣ – "Дохунда" ва "Ғуломон" ба шогирдони устод илҳом бахшиданд. "Шодӣ"-и Ҷ. Икромӣ, "Навобод"-и С. Улуғзода, "Одамони ҷовид"-и Р. Ҷалил бевосита зери сарпарастии устод С. Айнӣ ба майдон омаданд, ҳатто аз таҳрири ӯ файзҳо ёфтаанд.

Жанри роман дар адабиёти тоҷик махсусан дар нимаи дувуми асри XX инкишоф ёфт. Асарҳои Ҷ. Икромӣ "Ман гунаҳкорам", "Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро",

"Тахти вожгун", "Хатлон", С. Улуғзода "Восеъ", "Фирдавсӣ", Р. Ҷалил "Шӯроб", Ф. Муҳаммадиев "Палатаи кунҷакӣ", М. Хоҷаев "Об рӯшноӣ", "Нанг ва номус", Кӯҳзод "Ҳам шаҳри азиму ҳам кӯҳи баланд", Гулрухсор "Марзи номус", Ю. Акобиров "Замини падарон", "Норак", "Водии муҳаббат", "Дунё ба умед", Ҳ. Ирфон "Дар кулбаи косибон", Р. Ҳодизода "Ситорае дар тирашаб", Ҷумъа Одина "Гузашти айём", "Искандари Мақдунӣ", Сорбон "Актёр" ва ғ. писанди хонандагон омадаанд. Аксари ин романҳо ба забони русӣ, қисман ба забонҳои дигар ҳам тарҷума ва нашр шудаанд.

Достони муҳташам. Дар ғунҷоиши масъала ва унсурҳои эҷоди бадеӣ достонҳои муҳташам тақрибан баробари роман мебошанд. Бесабаб нест, ки ин навъ достонҳоро гоҳе *романи манзум* ҳам меноманд.

Шоир барои офаридани образу характерҳои барҷастаи бадеӣ ба воқеа, сужа, зиддият, амалиёти персонажҳо вусъат мебахшад. Аммо бинобар маҳдудияти чорчӯбаи назм дар достон, тасвири муфассали ҷузъиёт камтар дида мешавад. Сужет ин ҷо назар ба роман муъҷазтар аст. ***Воқеа*** ва ***зиддият*** ҳам суфтатар сурат мегирад.

Дар адабиёти тоҷик достони муҳташам таърихи қадима дорад. "Вис ва Ромин"-и Фахриддини Гургонӣ, "Лайлию Маҷнун", "Хусраву Ширин"-и Низомӣ ва бисёр достонҳои шоирони асримиёнагӣ ба масъалаҳои муҳими ахлоқиву иҷтимоӣ бахшида шуда, ҳодисаҳои моҳиятан ва миқёсан азимро таҷассум кардаанд, ва дорои образу характерҳои муҳташам мебошанд.

"Евгений Онегин"-и А.С. Пушкинро намунаи классикии достонҳои муҳташам шумурдан мумкин аст. Шоири бузург тавонистааст, ки моҳияти ахлоқи табақаҳои гуногуни иҷтимоии замони худро устодона намоиш диҳад ва дар партави он характерҳои комили бадеӣ офарад.

Дар адабиёти мо оид ба ин соҳа маҳорати худро устод М. Турсунзода зоҳир кардааст. Достонҳои ӯ "Ҳасани аробакаш" ва "Аз Ганг то Кремл" ҳам аз ҳайси моҳияту миқёси масъала, ҳам аз нуқтаи назари офариниши образу характерҳо ҷолиби диққатанд.

Шоир дар достони "Ҳасани аробакаш" тавассути тасвири аҳволи типии як меҳнаткаши тоҷик раванди ташкили моддию маънавии ҷомеаи нависанда, ва дар кӯраи ин раванд ташаккули характери узви типии фарди тоҷикро нишон дода тавонистааст. Моҳияти масъалагузорӣ дар достони "Аз Ганг то Кремл" боз ҳам баландтар аст. Ин ҷо шоир бузургию ҳашамати Ҳиндустони бостонӣ, муҳимтараш – ақидаҳои он мардумро реалистона инъикос кардааст. Шоир дар офариниши характери барҷаста маҳорат нишон додааст.

"Дашти лаванд"-и М. Миршакар, "Кӯчабоғи ошиқон"-и А. Шукӯҳӣ, "Фарзанди ҳукумат"-и Ғ. Мирзо аз нуқтаи назари тасвири ҳодисаҳои муҳташам ва дахл кардан ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ба талаботи достонҳои муҳташам ҷавоб дода метавонанд.

Дар бораи пайдоиши барҷастаи эпикӣ пешгӯиҳои мухталиф ба миён омадаанд. Чунончи, А. Михайлов ақида дорад, ки достони эпикии сужанок ояндаи ҷиддӣ надорад.[1] Аммо В. Кубилюс бо эътимоди қатъӣ фикри акси онро ифода намудааст: "То даме, ки дунёи объективӣ барои инсон зебоии худро гум намекунад, то даме ки инсон барои тағйир додани ҳаёт кӯшиш мекунад, барои мавҷудияти достони эпикӣ замина боқӣ мемонад".[2] Фикри муаллифи сонӣ қобили дастгирист. Пайдоиши достони муҳташами эпикӣ, ба фикри мо, ба ду омил – яке пеш омадани масъалаву воқеаи ҷиддии

[1] *А. Михайлов.* Умчался век эпических поэм. – Лит. обозрение, 1973, №7, с. 53.
[2] *В. Кубилюс.* Новые пути поэмы. – Вопросы литературы, 1982, №11, с. 41. Дар бораи жанри достон-ниг.: *Х. Отахонова.* Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1983.

сиёсӣ ва ахлоқӣ, дигаре камол ёфтани шоири соҳибистеъдоди тавоное вобаста мебошад.

Эпопея (ҳамоса). Бояд қайд кард, ки муҳимтарин нишони асари эпикӣ ***ҳамосавияти*** вай, яъне, тасвири комили воқеа ва амалиёти персонажҳо мебошад. Ба ҳамин маънӣ, асарҳое вомехӯранд, ки воқеа ва иштироки одамон то ба ҳадди аъло вусъат дода мешавад. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Ҷанг ва сулҳ"-и Л.Н. Толстой, "Дони ором"-и М.А. Шолохов, "Ғуломон"-и Айнӣ аз қабили ҳамин навъ асарҳои эпикии муҳташам ба шумор мераванд. "Маҳабҳарата" ва "Рамаяна"-и ҳиндӣ аз қадимтарин эпопеяҳо маҳсуб мешаванд.

Эпопея чанд нишона дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- ***воқеа*** аз рӯи моҳият ва миқёси худ он қадар вусъат дошта бошад, ки ба сарнавишти таърихии халқ бевосита таъсир кунад;
- ***гояи*** асар ба дараҷае бошад, ки нависанда тавассути ҳалли масъала роҳҳои беҳбудии минбаъдаи ҳаёти мардумро нишон дода тавонад;
- ***характер*** ба пояе расида бошад, ки санъаткор ба туфайли офариниши силсилаи образҳои комили бадей, олами ботинӣ, дороии маънавии халқашро эътимодбахш таҷассум кунад.

Арзиши ҳамоса, эпопея зиёд аст. Қимати вай бо тарбияи ахлоқиву сиёсӣ ва эстетикии наслҳои як халқ маҳдуд намегардад. Ин навъ асарҳо дар тарбияи мардумони дигар ҳам ҳисса гузошта метавонанд, аз сӯи дигар онҳо аҳамияти калони маърифатӣ пайдо мекунанд – ҳастии маънавии халқро ба халқҳои олам мешиносонанд.

Адибони гениалие, ки таърихи халқи худро дар ҳамбастагӣ бо халқҳои дигар нозукбинона омӯхта, муҳимтарин муаммои замони худро дарёфта, онро аз тариқи сухани бадеӣ ҳал мекунанд, номи худро на танҳо дар таърихи маданияти халқашон, балки дар кулли дунё ҷовидон мегузоранд.

Эпопея истилоҳи жанрӣ набуда, балки мафҳуме ***сифатист.***

г. Гурӯҳи махсуси жанрҳои ҳамосавӣ

Як гурӯҳи асарҳои эпикӣ ҳастанд, ки асоси онҳоро воқеаҳои реалӣ ташкил медиҳанд. Ин қабил асарҳоро таърихӣ, ҳуҷҷатӣ, воқеӣ меноманд. Аммо дар миёни асарҳои эпикӣ гурӯҳи махсусе мавҷуд аст, ки қонунияти марказии онҳоро воқеӣ - ҳуҷҷатӣ будан ташкил медиҳад. Ин гурӯҳ аз *очерк, сафарнома* ва *ёддошт* иборат аст.

Корнамоие, ки шахсе дар ин ё он соҳаи зиндагӣ, аксаран дар истеҳсолот, содир менамояд, мавриди диққати аҳли қалам мегардад. Дар бораи ин корнамой нависанда очерк менависад, моҳияти фаъолияти қаҳрамонашро, аҳамияти корнамоии вайро мекушояд.

Муҳимтарин хусусиятҳои жанри очерк аз инҳо иборат аст:

1. Дар бораи воқеаи ҳамин шабу рӯза навишта мешавад, яъне, ***фаврият*** хоси очерк аст;
2. Дар бораи корнамоие навишта мешавад, ки барои ҷамъият натиҷаи дилхоҳ дорад, яъне, дастраси аҳли ҷамъият гаштани асрори корнамоие дар гармогармиаш **аҳамияти калон** пайдо мекунад;
3. Мақсад аз очерк ду чизи асосист: *якум,* ***оммавӣ*** кардани асрори кори шахсе ё коллективе дар ҳосили натиҷаи баланд; *дувум* – нишон додани ***ҳиммати олӣ,*** умуман, олами ғании ботинии ҳамзамоне. Ин ду самти очерк дар пешравии моддӣ ва маънавии ҷамъият нақши калоне ифо мекунад. Аз ҳамин сабаб, очеркро ***жанри ҷанговари адабиёту матбуот*** меноманд.

Очерк *жанри муштараки публитсистика ва адабиёти бадеӣ аст.* Бояд гуфт, ки публитсистикаро ба адабиёти бадеӣ муқобил гузоштан, ва ё онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест. Вазифаи ин ду соҳаи маданияти маънавӣ аслан якест.

Очерке, ки дар вай нависанда амалиёт ва муносибати ҳамзамони худро типӣ тасвир карда тавонистааст, яъне,

умумият додааст, ва аз уҳдаи офариниши характери типии ибратангези одами зинда баромадааст, асари пурқимати бадеӣ ҳисоб меёбад. Он асарҳое, ки рӯзноманигорон аз ҳодисаи зиндагӣ ба ваҷд омада, онро саросемавор ва ё ноуҳдабароёна ба қалам оварда, дар матбуот чоп мекунанд, ба дараҷаи асари бадеӣ намерасанд, арзиши рӯзмарра доранду бас.

Мутахассисони очерк ин жанрро ба чанд гурӯҳ тақсим кардаанд, ки муҳимтаринашон *проблемӣ* ва *портретӣ* мебошанд.

Очеркҳои проблемӣ - он асарҳое мебошанд, ки нависанда дар натиҷаи мушоҳидаи зиндагӣ ба масъалаҳои муҳими ҳалталаб дахл менамояд, ва барои кушоданаш роҳ нишон медиҳад. Мақсад аз чунин очерк диққати аҳли ҷамъиятро ба масъалаи ҷиддӣ ҷалб кардан аст.

Очеркҳои портретӣ дар бораи одамони пешқадами замона, корхонаҳои саноатӣ, илму маданият эҷод мешавад. Ин навъ очерк бо мақсади одамони хубро шиносонидан, таҷрибаи пешқадам ва ахлоқи намунавиро паҳн кардан ба майдон меоянд.

Очерк барои рӯзноманигорон, чун мактаби нависандагӣ ҳам хизмат мекунад. Рӯзноманигорон тавассути навиштани очерк ба ҳодисаҳои ҳаётӣ, афкору асрори одамон, ба муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоӣ мутаваҷҷеҳ мешаванд, дониши зиндагӣ, инчунин маҳорати эҷодӣ ҷамъоварӣ менамоянд. Ин донишу маҳорат минбаъд барои таълифи асарҳои калонтари эпикӣ кор медиҳанд. Бо Ҳ. Карим ва Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода ва Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев ва М. Наҷмиддинов, А. Сидқӣ ва А. Баҳорӣ ва дигар адибони баркамоли имрӯзаи тоҷик ҳамин тавр шудааст.

Сафарнома. *Дар ин жанри адабӣ шахси соҳибқалам чизҳои ҷолиби диққати дар шаҳру кишварҳои дигар дидааш, ҳодисаю ҳолатҳои мароқангези мушоҳидакардааш, ва ё аз сар гузарондаашро тасвир мекунад.*

Дар адабиётшиносии баъзе халқҳои дигар сафарномаро "очеркҳои сафарӣ" меноманд. Азбаски ин жанр дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад, ва истилоҳаш дар адабиётшиносӣ маъмул мебошад, онро *сафарнома гуфтан авлост.*

Дар сафарнома чунин хусусиятҳоро дидан мумкин аст:

1) *предмети тасвири* сафарномаро чизҳои бевосита дида, мушоҳида карда, ва аз сар гузаронидаи муаллиф ташкил медиҳанд; мувофиқи ишораи Маҳмуди Тарзӣ дар сафарнома бояд чизе нигошта шавад, ки кас дидааст, ё шунидааст ва ё мушоҳида кардааст;

2) ***макони*** тасвирро шаҳру ноҳияҳо ва кишвару мамлакатҳо ташкил медиҳанд. Ин макон метавонад макони *дӯст* бошад, метавонад макони *душман* бошад;

3) дар сафарнома чизи *ғайривоқеӣ* тасвир намеёбад;

4) дар сафарнома *ҳадду ҳудуди факту рақам, ҳуҷҷату аснод* дақиқ оварда мешавад. Вобаста ба ҳамин маънӣ, хотиррасон кардани таъкиди Носири Хусрав ("Сафарнома") муносиб аст: "Ва масофати роҳ, ки аз Балх ба Миср шудем, ва аз он ҷо ба Макка; ва ба роҳи Басра ба Порс расидем ва ба Балх омадем, ғайри он ки ба атроф ба зиёратҳо ва ғайруҳу рафта будем, ду ҳазору дувисту бист фарсанг буд. Ва ин саргузашт ***он чи дида будам, ба ростӣ шарҳ додам***. Ва баъзе ки ба ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва муахазат ва накӯҳиш накунанд". Яъне, муаллиф ҳақ надорад, ки *ҳаҷму ҳудуди ҳақиқати воқеиро тағйир диҳад;*

5) дар сафарнома воқеа ҷои асосиро ишғол намекунад, умуман, воқеаи яклухт тасвир намешавад; *сужа* ва *зиддияти ягона* низ хоси сафарнома нестанд;

6) офариниши ***образу характерҳои*** пурраи бадеӣ - танҳо ҳадафи муаллифи сафарнома нест. Нависанда ба баъзе одамон эътибор медиҳад ва ҷиҳатҳои асосии хулқу хӯй ва феълу атвори ӯро дар амал нишон медиҳад. Аз саросари

сафарнома характери асосан як нафар – худи муаллиф бештар намудор мегардад;

7) дар сафарнома воқеа боиси яклухтии асар намешавад. Боиси яклухтӣ худи сафар аст – оғозу анҷоми сафар. Яклухтии сафарнома ба нияти муаллиф вобаста аст: вай аз ҷое ба ҷое меравад, ё ба ҷое рафта бармегардад; яъне, анҷоми сафар, на қатъи ғайричашмдошти он, - анҷоми асарро ифода мекунад.

8) дар сафарнома *тахайюл, албатта нақше* мебозад, аммо *истиқлол надорад*, балки *тобеи воқеият аст*. Муаллифи сафарнома аз худ чизе ҷиддӣ илова карда наметавонад. Ба ин маънӣ, методи эҷодии сафарномаҳо танҳо ***воқеият*** аст. Баъзе муаллифон дар асрҳои миёна дар тасвири баъзе чизҳо романтизмро ҳам ба кор бурдаанд, аммо ин амал арзиши сафарномаро дар масъалаи ҳақиқат як андоза халалдор менамояд.

Ҷолиби диққат аст, ки аксари сафарномаҳо номи мушаххас доранд. Чунончи, Возеҳ сафарномаашро "Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик" гуфтааст, Ҳакимхон "Мунтахаб-ут-таворих" номидааст. Устод Эраҷи Афшор худуди 500 сафарномаро баршумурда, унвон ва номи 243 нависандаро ба қалам додааст.[1]

Одатан, сафарнома бо наср иншо мешавад, аммо гоҳе бо назм ҳам таълиф ёфтааст. Масалан, "Сафарнома"-и Низории Кӯҳистонӣ (1247-1320) манзум буда, аз 1200 байт иборат аст.

Сафарнома дар ҳаёти адабии муосир ҳам мавқеъ дорад. Ҳоло сафарномаҳои Ҷ. Икромӣ "Аз Душанбе то Киев", Ғ. Мирзо "Сафари диёри дӯстон", Ф. Муҳаммадиев "Дар водии Талас" ва ғ. маълуму машҳуранд.

Сафарномаҳо дорои арзиши бузурги маърифатӣ мебошанд, хонандагонро бо зисту зиндагӣ, обу ободонӣ, урфу

[1] *Эраҷи Афшор.* Сафарномаҳои форсӣ то рӯзгори истиқрори машрутият. Ҷашнномаи устод Забеҳулло Сафо. Ба кӯшиши Сайид Муҳаммади Туробӣ. -- Техрон, 1377, с. 45-82.

одатҳо, адабиёту санъат, ҳаёти иқтисодию сиёсии мардум шинос мекунанд.

Ҳар як сафарнома мувофиқи талаби замон ва ҷаҳонбинию завқи эстетикии муаллиф, худ дорои як ҳадафи марказӣ аст – нависандае ба чизҳои аҷибу ғариб эътибор медиҳад, дигаре ба мактабу маориф, умуман ба масъалаҳои илмию фарҳангӣ, сеюмӣ ба сохти иҷтимоӣ ва мутобиқати вай бо пешрафти ҳаёти мардум ва ғ.

Ба ҳамин маънӣ, дар сафарномаҳои нависандагони тоҷик, ки таассуроти сафарҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Украина, Озарбойҷон ва дигар кишварҳоро дарбар гирифтаанд, эътибори асосӣ ба дӯстӣ, бунёдкориҳои он, шарофати дӯстиву ҳамкорӣ, қадру эътибори санъату санъаткор ва ғ. равона карда мешавад.

Ёддошт *– чунон жанри вежаи ҳамосавист, ки дар вай нависанда чизҳои дидааш, мушоҳидакарда, ва хотираҳои аз сар гузаронидааш, вохӯрию мулоқотҳояшро, ки барои худи ӯ арзишнок ва ҷолиби диққатанд, нақл менамояд.* Жан Жак Руссо дар китоби шарҳиҳолии худ "Муноҷот" (соли 1776) фикри ҷолибе гуфтааст: **"Ман мехоҳам ба бародарони худ як касро дар камоли ҳақиқаташ нишон диҳам, - ин кас худи манам".**[1]

Жанри ёддошт дорои якчанд хусусият мебошад, аз ҷумла:

1) он чиз баён мешавад, ки нависанда шоҳид ё сабабгору иштироккунандаи он бошад, яъне, предмети тасвир пурра эътимоднок ояд;

2) гоҳе дар ёддошт саргузашти одамони дигар, санаду ҳуҷҷатҳо низ чун маводи ёрирасону тақвиятдиҳанда оварда мешаванд;

3) ёддошт тавассути хотира рӯи коғаз меояд, яъне, ҳамаи тасвирот маҳсули ***замони гузаштаанд;***

[1] *Ж.Ж. Руссо.* Исповедь. – М.: ГИХЛ, 1949, с. 34.

4) дар ёддошт ҳамаи мушоҳидаю саргузаштҳои муаллиф аз рӯи тартиби хронологӣ баён намешавад, балки он чиз лоиқи сабт аст, ки аз назари муаллиф ***барои имрӯзу фардо*** арзишманд, ибратомӯз ва қобили таваҷҷуҳ бошад;

5) ҳар як ёддоштнавис ҳадафи марказие дорад. Масалан, ҳадафи Восифӣ баёни ҳодисаю воқеаҳои аҷибу ғариб ва ҳайратангез бошад, ҳадафи устод С. Айнӣ нишон додани тамоми тарафҳои ҳаёти Бухорои Марказӣ дар охири асрҳои XIX ва ибтидои асри XX, ҳадафи Ҷ. Икромӣ тасвири бузургию ҳашамати устод С. Айнӣ мебошад;

6) аз нуқтаи назари *яклухтӣ* ёддошт ба сафарнома шабоҳат дорад; боиси яклухтӣ воқеаи ягона ва ё силсилаи ҳодисаҳои бо ҳам алоқаманд намешавад, балки сабабгори ягонагию яклухтии асари ёддоштӣ ҳадафи асосии нависанда аст – ҳадафу мақсади муаллиф пурра ба ичро расад, асари бадеӣ ҳам комил мешавад;

7) *барои характеристикаи моҳияти сохти иҷтимоӣ, мафкураи ҷамъиятӣ, вазъияти илму маданият* ва амсоли инҳо, ёддошт назар ба ҳар як жанри дигари адабӣ имкониятҳои бештар дорад;

8) барои бехато донистани *рӯзгори муаллиф* мушоҳидаи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва завқи эстетикии вай, барои дуруст шинохтани ҳастии маънавии ӯ назар ба тамоми осори бадеӣ ёддоштҳо бештар ва эътимодноктар кӯмак мерасонанд;

9) методи ягонаи ёддошт – *реализм* аст. Гоҳе нависанда барои муассиртар кушодани моҳияти иҷтимоии замона, бо нияти дилчасптар шудани асар, романтизмро ҳам ба кор мебарад. Аммо романтизм ҳамчун унсур, дар тасвири ҳодиса ва масъалаҳои ҷудогона ба кор бурда мешавад. Ҳадди *муболиға* ба андозаи *гулув* мерасад, яъне, хонанда рӯшан эҳсос мекунад, ки муаллиф барои ширинтар шудани матлабаш муболиғаи рӯшане ба кор бурдааст;

10) имкониятҳои ёддошт дар офариниши *образу характер* аз жанрҳои дигари ҳамосӣ (эпикӣ) маҳдудтар аст. Нависандаи забардаст бар асоси тасвир, ҳодисаю воқеаҳои ҷудогона, ҷиҳатҳои муҳимтарини характерро офарида метавонад. Характерҳои падар ва Тӯтапошшо аз "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ фаромӯшнашавандаанд.

Ёддошт ҳам дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад. "Бадоеъ-ул-вақоеъ"- Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (асриXVI) дорои аҳамияти энсиклопедӣ мебошад. Тавре ки проф. А.Н. Болдирев нишон додааст, ин шоҳасари Восифӣ барои омӯзиши таъриху маданияти замони муаллиф ва пеш аз вай, барои пай бурдани нишонаҳои оғози суқути феодализм дар Осиёи Марказӣ ахбори гаронбаҳо медиҳад.

"Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш, ки низ арзиши энсиклопедӣ дорад, дорои маълумоти пуразриш доир ба ҳаёти табақаҳои иҷтимоии давраи охири феодализми аморати Бухоро ва ғояҳои маорифпарваронаи муаллиф ва ғ. мебошад.

Анъанаҳои бузурги Восифӣ ва Аҳмади Донишро идома ва такмил дода, устод С. Айнӣ асари ҷомеи сеюмро офарид, ки "Ёддоштҳо"-и ӯст. Устод Айнӣ мехост қомуси ҷомеи ҳаёти халқи тоҷикро дар пайвандгоҳи ду сохти иҷтимоӣ - феодализми инқирозёфта ва ҷомеаи навин ба майдон оварад, тамоми кӯчаю тангкӯча, коху торикхонаҳои иҷтимоии Бухорои феодалиро нозукбинона, бо ҷузъитарин санаду ҳуҷҷати характернокаш намоиш диҳад, ташнагии заҳматкашони халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлол эътимоднок тасвир кунад. Мутаассифона, муроди эҷодии С. Айнӣ пурра ҷомаи амал напӯшид, ҳамагӣ чаҳор ҷилди "Ёддоштҳо" ба чоп расид.

Нависандагони муосири тоҷик дар маркази хотироти худ аксар ходимони адабиёту санъатро мегузоранд. Чунон ки ишора шуд, Ҷ. Икромӣ дар маркази асари худ устод Айниро гузошта, ба туфайли вай гузаштаи худашро ҳам ба қалам додааст. М. Миршакар ҳам вохӯрию мулоқотҳояшро бо

А. Деҳотӣ, М. Турсунзода ва дигар адибону санъаткорон ба қалам додааст. Р. Ҷалил дар маркази тасвироти худ шаҳри Хуҷанди бостониро гузошта, то андозае анъанаи устод Айниро пайравӣ мекунад.

Нависанда ба ёддошти худ номи алоҳида ҳам медиҳад. Чунончи, Л.Н. Толстой – "Бачагӣ", "Ҷавонӣ", А.М. Горкий - "Бачагӣ", "Дар байни мардум", "Дорулфунунҳои ман", С. Улуғзода – "Субҳи ҷавонии мо", Ҷ. Икромӣ - "Маъвои дил", М. Миршакар – "Ёди ёри мехрубон" ва "Айёми ҷавонӣ".[1]

2. ЖАНРҲОИ ДРАМА

Ҷинси драма се жанри анъанавӣ дорад: *фоҷеа, маздҳака, дром.*

***Фоҷеа**. Асари саҳнавие, ки фоҷеаи инсонро инъикос менамояд, фоҷеа (трагедия) ном дорад. Дар фоҷеа қаҳрамон дар муборизаи пуршиддати нобаробар барои идеали нек ба мақсад нарасида, ҳалок мегардад.* Ҳалок шудани қаҳрамон – муҳимтарин нишонаи ин жанри драмавӣ мебошад. Қаҳрамони нокому бадбахтгардида дар ниҳоят талаф ҳам меёбад.

Идеали неку пок – нишонаи дигари муҳими фоҷеа мебошад. Қаҳрамон бояд барои ҳақиқат, адолат ва покизагӣ мубориза бурда, талаф ёфта бошад. Агар идеали мубориз ҳар қадар поку олӣ бошад, дараҷаи фоҷеа ҳамон андоза баланд мешавад. Ба ин маънӣ, фоҷеа дараҷа доштааст, дараҷаи вайро арзиши ахлоқию иҷтимоии фоҷеа муайян мекунад.

Хусусияти дигари фоҷеа – *нобаробарии мубориза* аст. Як қувваи моҳиятан оливу дар ҳаҷму андоза ночиз бар муқобили

[1] Дар бораи қаробат ва тафовути ёддошт бо асарҳои шарҳиҳолӣ, аз ҷумла ниг.: *К. Юсуфов.* Сотим Улуғзода ва повести шарҳиҳолии ӯ "Субҳи ҷавонии мо". – Душанбе, 1986, с. 81 ва баъд.

қувваи азими моҳиятан зишт бармехезад ва аз дасти вай ноҳақ нобуд мешавад. Қувваҳо ҳар қадар нобаробар бошанд, дараҷаи фоҷеа ҳамон қадар меафзояд.

Зиддияти тезутунду пуршиддат низ аз хусусиятҳои фоҷеа ҳисоб меёбад. Қувваҳо ҳар қадар нобаробар бошанд, тарафи маъсум ҳар қадар ноҳақ зулм бинад, баръакс тарафи ғолиб ҳар қадар ҳилаю найрангҳои нораворо ба кор барад, дараҷаи фоҷеа ҳамон андоза зиёд мешавад. Масалан, таъсири беандозаи «Отелло»-и Шекспир аз ин аст, ки қаҳрамони асар Отелло маҳбубаи аз ҷон азизтараш Дездемонаро, ки гуноҳе надорад, аз дасисаю найранги бадхоҳон бо дастони худ хафа карда, мекушад.

Воқеаи фоҷеа одатан яклухт мешавад. Он аксаран дар мавзуъҳои ахлоқ, таърих, ҳаёти ҷомеа таҳия мегардад. Воқьеа ҳар қадар ба қисмати ҷамъиятии одам бештар дахл дошта бошад, арзиши фоҷеа баробари он меафзояд. Фоҷеияти асил бо абадият ҳамрадиф аст, чунончи, Шераку Муқаннаъ барои истиқлоли меҳани худ ҷисман талаф шудаанд, аммо то даме ки ҳаммеҳанони онҳо ҳастанд, ному корнамоии онон боқӣ хоҳад монд, ҳиммати олии ватанхоҳонаашон дар замонҳо дар дили мардум рӯшной хоҳад бахшид.

Сужаи фоҷеа таркибан мухтасар мешавад, баъзе унсурҳои вай метавонад ихтисоран ва интихобан тасвир шавад. Аммо лаҳзаҳои мавҷудаи сужа бояд бо ҳамдигар бағоят алоқаманд бошанд.

Нависандаи фоҷеа имкон дорад, образу характери барҷастаи муассир офарад. Характер, албатта, таркибан мухтасар аст. Санъаткор дар характери қаҳрамон одатан ба ҷаҳонбинӣ ва завқи эстетикӣ эътибори махсус медиҳад. Омили ҳама гуна рафтору амалиёт ва муомилаю муносибати қаҳрамон маҳз *ҷаҳонбинӣ* ва *завқи эстетикии* вай мебошад.

Фоҷеа дар таърихи маданияти қадим мавқеи азиме дошт, он дар Юнони қадим инкишоф ёфта буд. Дар ривоҷи фоҷеа

хизмати Эсхил, ки ба қавли Ф. Энгелс «Падари фоҷеа» ба шумор меравад, бузург аст.

Сойиб мегӯяд:

Сухан, ки дар ӯ нест дард, теғи беоб аст,
Забон хушк шавад, Сойиб, аз насиҳати хушк.

Фоҷеа дар Аврупои асрҳои миёна ба туфайли бо ҳам барҳӯрдани ду усули ахлоқӣ - ахлоқи замони феодалӣ ва ҷамъияти навбунёди буржуазӣ ривоҷ ёфт. Баробари тараққиёти капитализм, ки шарафи одами заҳматкаш торафт бештар таҳқир меёфт, фоҷеа низ меафзуд. Фоҷеаҳои Шиллер, Шекспир – асарҳои классикии фоҷеавӣ ба шумор мераванд.

Фоҷеа дар садаи XX хусусияти нав – *рӯҳияи оптимистӣ* дарбар кард. Ҳалокати қаҳрамони фоҷеа – *нишонаи маглубияти вай нест.* Қаҳрамон ҷисман нобуд мешавад, аммо вай боварии қатъӣ дорад, ки роҳу кори ӯ ҳақ аст ва идеали ӯ ҳатман ғолиб меояд. Ба ғалабаи идеали қаҳрамони ҳалок гардида хонанда ва тамошобин ҳам эътимоди комил дорад.

Имораи Марвазӣ дар сӯги Амир Мунтасири Сомонӣ, ки дар соли 395 ҳ.қ. дар биёбони Марв ба дасти бодиянишинони араб ба шаҳодат расид, ду байт сурудааст:

Аз хуни ӯ чу рӯи замин лаълфом шуд,
Рӯи рифо сияҳ шуду чеҳри умед зард.
Теғаш бихост хӯрд ҳаме хуни маргро
Марг аз ниҳеби хеш мар он шоҳро бихӯрд.

Мазҳака. *Он асари саҳнавие, ки дар вай айбу иллатҳои одам масхара карда мешавад,* ***мазҳака*** *(комедия) ном дорад.*

Хусусияти марказии мазҳака – тамасхур кардани айбу нуқсон аст. Айбу нуқсоне, ки ба ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, дониш, касбу ҳунар, малака ва дигар тарафҳои инсон дахлдор ҳастанд.

Айбу нуқсон ҳар қадар амиқу барҷаста тасвир ёбад, таъсири мазҳака ҳамон андоза афзун мегардад.

Нуқсонҳои ҷиддии аҳли ҷомеа ба худи ҷамъият вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, нависанда тавассути иллатҳои одамони мушаххас камбудиҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятиро бояд нишон диҳад. Табиист, иллатҳои ҷамъиятӣ ҳар қадар равшану барҷаста тамасхур шуда бошад, қадри иҷтимоии мазҳака ҳамон дараҷа баланд мегардад.

Хусусияти муҳими дигари мазҳака дар *тарзи тасвири вай* мебошад. Дар ин жанр *муболиға,* махсусан дараҷаҳои баланди вай – *игроқ* ва *гулувв* – фаровон истифода мешаванд. Ғайр аз иғроқу ғулувв, боз киноявву маҷоз ва лутф ҳам ба кор мераванд.

Аз нуқтаи назари ҳаҷму ҳудуди воқеа ва сужа, мазҳака аз фоҷеа такрибан фарқе намекунад.

Мазҳака аз фоҷеа тафовути зиёд дорад. Яке аз фарқҳояш ин аст: агар дар фоҷеа мақсади муаллиф – нишон додани ***характери муқтадир*** бошад, дар мазҳака мақсади марказӣ - *намоиш додани иллат аст.*

Ҳам барои фоҷеа, ҳам барои мазҳака бештар *методи романтизм* хос аст, *реализм камтар ба кор меравад.*

Мазҳака дар адабиёти Юнони қадим низ эътибори калон дошт. Инкишофи он дар марҳилаи аввали худ ба эҷодиёти Аристофан, ки ӯро Ф. Энгелс "падари мазҳака" гуфтааст, вобаста аст.

Пайдоиши сохти буржуазӣ сабабгори иллатҳои бисёр ҷиддии иҷтимоӣ шуд. Санъаткорони бузург норасоиҳои иҷтимоиро, ки боиси норасоиҳои ахлоқию маишии одамон гардидаанд, ошкор кардаанд. Дар "Дод аз дасти ақл"-и А.С. Грибоедов, "Муфаттиш", "Ҷонҳои мурда"-и Н.В. Гогол зоҳиран иллатҳои одамони ҷудогона инъикос ёфтааст. Дар асл – сабабгори нуқсонҳои фоҳиш сохти ҷомеаи истисморӣ ва тартиботи қонунии вай мебошад.

Дар адабиёту санъати садаи XX равияи мазҳакаҳо тағйир ёфт. Ҳоло ин навъ драмаҳо аксаран доир ба норасоиҳои ҷузъии ахлоқӣ навишта мешаванд. Хусусияти дигари мазҳакаҳои муосир дар ин аст, ки аксаран ҳамроҳи суруду мусиқии шӯх сурат мегирад. Ба ин маънӣ, агар ҳаҷви маҳкумкунанда хоси мазҳакаҳои давраи ҷамъияти антагонистӣ бошад, ҳазлу зарофат – хоси мазҳакаҳои ҳозира мебошад.

Дром. Жанри севуми ҷинси драмаро дар адабиётшиносии умумӣ "драма" мегӯянд, аммо тоҷикон "дром" мехонанд. Азбаски "драма" ҳам дар маънии ***ҷинс,*** ҳам дар маънии ***жанр*** истилоҳи муштарак мебошад, маънии жанрии вайро чун "дром" хондан мувофиқ менамояд.

Он асарҳои драмавие, ки ҳам баъзе нишонаҳои фоҷеаро, ҳам мазҳакаро доро мебошанд, яъне, он драмаҳое, ки воқеаҳои муҳими зиндагиро дарбар гирифта, амалиёти қаҳрамонони ниҳоят ба мурод расидаро таҷассум намудаанд, дром номида мешаванд.

Қобили қайд аст, ки ба мақсад расидани қаҳрамон – нишонаи асосии дром нест. Дар таърихи адабиёти халқҳо дромҳое ҳастанд, ки қаҳрамон ба муроди худ норасида, дар нимароҳ мемонад. Аммо характернокаш ин аст, ки *қаҳрамон ҳалок намешавад*. Агар ҳалок шавад, ин асар фоҷеа ҳисоб меёбад.

Муҳимтарин хусусияти дром аз ин иборат аст, ки дар бораи ҳодиса ва масъалаҳои ҳалталаби воқеии зиндагӣ эҷод мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки методи асосии дром *реализм* будааст.

Ҷолиби диққат аст, ки пайдоиш ва ривоҷи дром бо сохти буржуазӣ вобаста аст. Капитализм, ки аз як тараф, қудрати халлоқии одамро ба рӯи об бароварда, аз тарафи дигар, шароити одами меҳнаткашро он қадар макид, ки худи вай ҳеҷ шуд. Дар натиҷаи суръат гирифтани истисмори одам аҳли пешқадами санъат ҳам ба воқеияти зиндагӣ мутаваҷҷеҳ шуданд. Аз ҷумла, дромнависон доир ба масъала ва ҳодисаҳои зиндагӣ асарҳо

эҷод намуданд. Бесабаб нест, ки ин навъи ҷинси драма дар кишварҳои капиталистии Аврупо, Русияи асри XVIII, хусусан асри XIX равнақ меёбад. Махсусан, таълифоти А. Островский, А. Чехов, Л. Толстой, М. Горкий ва дигарон намунаҳои классикии дром ба шумор мераванд.

Дром чунин имконият дорад, ки нависанда дар заминаи тасвири воқеаҳои ҳаётӣ характерҳои пурзӯри типӣ эҷод кунад. Характере, ки нависандаи барҷаста меофарад, хусусияту моҳияти аслии сохти ҷамъиятиро дар худ таҷассум хоҳад кард.

Дром дар мавзуъҳои гуногуни замонавӣ эҷод мешавад. Адибон ҳаёту фаъолияти одамони бузурги даврaҳои гузаштаро, ки соҳиби идеали олӣ, иродаи матин ва қувваи ақлию ҷисмонии саршор будаанд, омӯхта, образу характери шахсони таърихро офариданд. Ҳоло доир ба фаъолияти Петри Кабир, Рӯдакӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Аҳмади Дониш, Восеъ ва дигарон дромҳои таърихӣ ба майдон омадаанд.

Жанрҳои дигари драмавӣ. Ғайр аз се жанри номбаршудаи анъанавии драма дар ин ҷинс боз жанрҳое ҳастанд, ки нисбатан наванд, аз ҷумла: *мелодрама, водевил, инсенировка, либретто, киносенария.*

Мелодрама ё худ ***драмаи мусиқӣ*** - *он асарҳои саҳнавие мебошанд, ки бо ёрии сурудҳо ва мусиқӣ намоиш дода мешаванд.* Миёни тамошобинони тоҷик ҳамин навъи драма бештар эътибор дорад.

Водевил – *асари сабуки саҳнавии ҳаҷвӣ буда, дар бораи камбудиҳои гуногуни ҳаёт ва маишати одамон эҷод шудааст;* бо суруду шеърҳо, гоҳе ҳамроҳи ракс иҷро мешавад.

Инсенировка – *он асари саҳнавиро мегӯянд, ки дар асоси асари барҷастаи бадеӣ, мувофиқи қонунияти саҳна таҳия карда шудааст.* Инсенировка мувофиқи қонунияти радио ҳам таҳия мешавад. Дар ин сурат, онро ***радиоинсенировка*** мегӯянд.

Либретто – матни опера мебошад. Опера навъи махсуси санъат буда, азбаски он як навъи суруд аст, матни он, яъне, либретто манзум мешавад.

Публитсистика – навъи махсуси наср аст. Ба гуфтаи Асадулло Саъдуллоев, «публитсистика – жанри байракбардори адабиёт» мебошад.[1]

Кино, маълум аст, як навъи санъат буда, асоси онро адабиёти бадеӣ ташкил медиҳад. Филми бадеӣ дар асоси сенарияи махсус сохташуда таҳия мегардад, ки онро *киносенария* мегӯянд.

Киносенария барои филми бадеӣ ҳам эҷод мешавад, онро аз рӯи асари маълуми бадеӣ ҳам месозанд.

Ҷинси драма барои маданияти тоҷик нисбатан нав аст.

Ҳарчанд дар миёни мардум ҳунарҳои гуногуни саҳнавӣ, махсусан *масхарабозӣ* маъмул буданд, кӯшишҳо барои офариниши драматургияи касбӣ дар ибтидои асри XX, дар доираи адабиёти ҷадидӣ ба амал омаданд.

3. ЖАНРҲОИ ҒИНОӢ

Дар садаи XX драматургҳое парвариш ёфтанд, ки С. Улуғзода, С. Саидмуродов, Ғ. Абдулло, Ф. Ансорӣ ва дигарон аз ҷумлаи онҳоянд. Ҳоло драматургияи тоҷик дар ҳини инкишоф аст. Умед ҳаст, ки дар оянда асарҳои саҳнавӣ ҳам мисли роману повест, шеъру достонҳои адибони тоҷик ба арсаи байналмилалӣ бароянд.

Истилоҳи «жанр»-ро гуногун мефаҳманд. Чунон ки дар боло ҳам ишора шуда буд, гоҳе назму драматургияро ҳам «жанр» мегӯянд.

Дар адабиётшиносии тоҷик ҳангоми ташхиси жанрҳои ғиноӣ (лирика), муносибати гуногун зоҳир карда мешавад. Масалан, баъзеҳо таърих, чистон, муаммо ва амсоли инҳоро

[1] *Асадулло Саъдуллоев.* Оё манзили мурод дур аст? – Садои Шарқ, 1991, № 6, с. 139.

ҳам «жанр» мешуморанд. Агар барои ташхиси жанр масъалаи шакл дар ҷои аввал гузошта шавад, навъҳои мазкур жанр маҳсуб шуда наметавонанд, зеро ҳеҷ яке аз онҳо шакли мушаххасу ягона надорад, ҳар яке дар шаклҳои рубоӣ, қитъа, дубайтӣ, маснавӣ ва ғ. арзи вуҷуд мекунад.

Барои ташхиси жанр қонунияти мавзуъ ва мундариҷавии асар аҳаммияти хосе дорад. Аммо дар ин масъала агар ҷойгоҳи шакли он ҳам гирифта шавад, мувофиқи ҳақиқат хоҳад буд.

Лирика, бинобар қадимтарин ҷинси адабӣ буданаш, дар таърихи адабиёти ҳар як халқ мавқеи пешравро ишғол менамояд. Халқҳое, ки бинобар сабабҳои гуногуни таърих, адабиёти хаттӣ надоштанд, соҳиби адабиёти даҳонӣ, аз ҷумла *лирикаи халқӣ* мебошанд. Азбаски *лирикаи* ҳар як халқ мувофиқи мафкураи ҷамъиятӣ, завқи эстетикӣ, табиати забон ва омилҳои дигар, дар шаклҳои гуногун арзи вуҷуд мекунад, пеш аз ҳама, дар бораи жанрҳои анъанавии *лирикаи* тоҷик таваққуф мешавад.

Дар бораи жанрҳои адабӣ адабиётшиносони асримиёнагии тоҷику форс фикру мулоҳизаҳои зиёде гуфтаанд, ки як қисми он маълумотро дар рисолаи алоҳида гирд овардаем.[1] Аз ин рӯ, ин ҷо танҳо бо баёни қонунҳои жанрии навъҳои *лирика* ва зикри баъзе мисолҳо иктифо хоҳад шуд.

Фард. Маънии луғавии *фард* – *танҳо, ягона* мебошад. Шакли ҷамъи ин калима *фардиёт, муфрадот* аст. Аммо шакли «афрод» маъмул нест, зеро дар мавриди дигар – ҳамчун ҷамъи «фарди башар» («одамон») истифода мешавад.

Шодравон проф. Воҳид Асрорӣ фардро аввал дар китоби «Адабиёт ва фолклор»[2] байт, дертар дар маҷмуаи «Фолклор,

[1] Ниг.: *Р. Мусулмонқулов.* Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1980, с. 5-113.
[2] Душанбе: Ирфон, 1967, с. 146 ва г.

халқият, нависанда»[1] *фардбайт*[2] меномад, ки қабулашон амри маҳол аст, зеро истилоҳи аввала чун воҳиди шеър маъмул бошад, истилоҳи сонӣ сохтаву сунъист. Модоме ки ҳам суханшиносони асримиёнагӣ (аз қабили Ҳусайн Воизи Кошифӣ), ҳам адабиётшиносони муосир *фард*-ро ба кор бурдаанд, ба бофтани *фардбайт* эҳтиёҷе наменамонад.

Фард – чунон жанри хурди лирикиест, ки ҳамагӣ аз як байт иборат буда, мисраъҳояш гоҳе ҳамқофия, ва гоҳе аз қофия озод мешавад. Масалан, дар фарди якуми зерини Асираддини Ахсикатӣ (вафот: миёни солҳои 1196-1211) мисраъҳо ҳамқофияанд, дар дуюм – не. Фарди якум:

Сӯзест маро дар дил, аммо на чунон сӯзе!
Сӯзе, ки вуҷуди ман барбод диҳад рӯзе.

Фарди дувум:

Зи нону об, ки асли ҳаёти одамианд,
Малол гирад, чун бигзарад зи андоза.

Муфрадот, аз рӯи мавзуъ гуногун, вале бештар *ахлоқӣ, ишқӣ, шиквоӣ* ва *ҳаҷвӣ мешавад.*

Мисоли фард дар мавзуи панду ахлоқ – аз Абӯисҳоқи Атъимаи Шерозӣ (ваф. 1423 ё 1433):

Ҳаргиз надиҳад пиёз бӯи гули сурх,
«Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст».

Мисоле аз Сойиби Табрезӣ:

Аз насиме дафтари айём барҳам мехӯрад –
Аз варақгардонии лайлу наҳор андеша кун.

[1] Душанбе: Ирфон, 1982, с. 89.
[2] Муаллиф худ иқрор шудааст, ки "истилоҳи "фардбайт"-ро мо бори якум ба истеъмол даровардем" (ҳамон ҷо, с. 89).

Устод Лоҳутӣ гуфтааст:

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ки мардӣ,
К-имрӯз чи хидмате ба мардум кардӣ?

Дар мавзуи ишқ – аз Имодӣ (ваф. 1186):

То қиёмат шарҳи ишқат кардаме,
Гар касе будӣ, ки бовар доштӣ.

Дар ин фарди мавлоно Ҷомӣ таънаву шикоят омадааст:

Ҳар кас, ки аз ин ҷаҳони дилгир бичаст,
Аз нанги вазиру миннати мир бираст.

Мисоли дигар, аз осори Камоли Хуҷандӣ:

Зи чист қаҳқаҳаи шишаҳои май, донӣ? –
Ба риши муҳтасиби шаҳр мехунад ханда.

Аз Хамӯшии Бухорой:

Мо сияҳбахтон сазои ин қадар сахтӣ наем,
Донаи ашкему моро гардиши чашм осиёст.

Дар фард *таърих* ҳам гуфтаанд. Абдураҳмони Мушфиқӣ (1538-1588) дар санаи Пули Меҳтарқосими Бухоро оварда:

Зи таҳти ӯ гузарад моҳ, зи фавқи ӯ гузарем,
Аз он сабаб шуда таърихи ӯ «гузаргаҳи мо»[1]

[1] Гузаргоҳи мо – санаи 987 ҳичрӣ (1579 мелодӣ).

Шарти ҳатмии муфрадот – мавҷудияти образи барҷастаи шоирона ва маънии ибратангези зиндагӣ мебошад.

Фард чанд роҳи пайдоиш дорад, чунончи:

якум – шоир дар мавриди мувофиқе бадоҳатан пораи шеъре мегӯяд, ки ҳамагӣ як байт аст;

дуюм – адиб ҳангоми таълифи китобе, зимни баёни масъалае, барои муассир ифода кардани фикре онро дар шакли манзум мегӯяд. Гоҳе фард барои барҷаста гуфтани матлаби асосӣ эҷод мешавад, гоҳе барои ҷамъбасти фикр;

сеюм – нависандагон, ки дар айни замон суханвар ҳастанд, дар асари илмии худ барои мисол, чунончи, барои намоиш додани санъати бадеӣ ҳамагӣ як байт мегӯянд;

чорум – шоир дар натиҷаи мушоҳидаи ягон лаҳзаи воқеият образи дилангезе пайдо мекунад ва онро дар дохили байте ҷой медиҳад. Аксаран, шоир тахайюлро боз ба кор бурда, дар атрофи он байти аввал гуфта шуда, ки онро дар адабиётшиносии классикии тоҷик *байт-ул-қасида* мегӯянд, образу байтҳои дигаре эҷод карда, як асари мукаммал ба майдон меоварад. Аммо гоҳе шоир он байти танҳоро ба асари калони комил табдил дода наметавонад, ва он фард, дар шакли фардии худ боқӣ мемонад.

Дар ҳар сурат, байт – байте яктову ягона буда, ба шеъре комил табдил наёфтааст.

Дар лирикаи баъди асри XV ривоҷ гирифтани фард ҳамин роҳи чорумро бештар қувват медиҳад, ҳамон тавре ки маълум аст, дар адабиёти давраи *сабки ҳиндӣ* ҳадафи асосии эҷоди бадеӣ - офариниши образи ҳайратангези бадеӣ буд. Дар шеъри ин давра байте ёфтан маҳол аст, ки образи ҷолиби диққати шоирона надошта бошад. Баръакс шеърҳое ҳастанд, ки як байташ чандин образ дорад. Дар ҳамин машғулияти образковию образгӯӣ, баъзе образҳои дар ҳаҷми як байт (фард) гуфташуда минбаъд ба шеъри мукаммал табдил

намеёбад. Бесабаб нест, ки дар девони шоирони давраи мазкур фаслҳои ҷудогонаи "Муфрадот" мавҷуд аст.

Дубайтӣ. Дубайтиро бинобар аз рӯи қофия ва миқдори мисраъ ба рубоӣ монанд буданаш, бо он омехта мекунанд. Дар адабиётшиносӣ гоҳе ду истилоҳи мазкурро ба ҷои ҳамдигар кор мефармоянд, гоҳе ин ду жанрро яке мешуморанд.

Дар асл, дубайтӣ жанре мустақил ва қадимаи лирикаи тоҷик аст.

Дубайтӣ - чунон жанри лирикие мебошад, ки барои ифодаи эҳсосоти қалбиву андешаи қаҳрамони лирикӣ эҷод мешавад, ва ҳамагӣ як вазни анъанавӣ дорад.

Ин вазни ягонаи дубайтӣ - ҳазаҷи мусаддаси мақсур (ё маҳзуф) мебошад, ки баробари *мафоИлун мафоИлун фаӯлун* (V- - -, V- - -, V- - -) – ду бор дар ҳар байт аст.

Дубайтӣ, ҳамон тавре ки аз номаш маълум аст, *аз ду байт* (чаҳор мисраъ) фароҳам меояд. Гоҳе ҳамаи мисраъҳо ҳамқофия мешаванд.

Дубайтӣ асосан чунин тарзи қофиябандӣ дорад: *а-а-б-а*, яъне, мисраи севум аз қофия озод аст.

Доираи тематикии дубайтӣ васеъ буда, ҳасби ҳол, шикоят, муҳаббат, ҳаҷву танқид ва амсоли инҳоро дарбар мегирад. Чунончи, дар мавзуи ишқу муҳаббат – аз Бобо Тоҳири Урён (ваф. 1055):

Диле дорам харидори муҳаббат,
К-аз ӯ гарм аст бозори муҳаббат.
Либосе бофтам бар қомати дил
Зи пуди меҳнату тори муҳаббат.

Мисоли дигар аз Ҷамолиддини Исфаҳонӣ (ваф. тақрибан 1192):

Туро то з-ин ҷафо дил барнагардад,
Маро ин дарди дил камтар нагардад.

Магар ҳичрони ту савганд хӯрдаст?!
Ки то хунам нарезад, барнагардад.

Мисоле дигар аз шоираи асри XV Меҳрӣ, доир ба ҳасби ҳол:

Маро бо ту сари ёрӣ намондаст,
Дили меҳру вафодорӣ намондаст.
Туро аз заъфи пирӣ қуввату зӯр,
Чунин ки пой бардорӣ, намондаст.

Дубайтӣ хусусияти равшани *эҳсосотӣ-эмосионалӣ* дорад. Шоир ҳиссиёти самимонаи худро аз ин ё он масъала, предмет, ҳолату ҳодисаҳои ҳаётӣ баён мекунад. Дар дубайтӣ қалби қаҳрамони лирикӣ воситаи асосии ифодаи матлаб аст. Ба дубайтӣ бештар эътибор додани шоирони мутасаввиф, ҳамчун Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ, Бобо Тоҳири Урён, Фоизи Даштистонӣ ва дигарон, аз ҳамин сабаб аст. Дубайтӣ пеш аз ҳама, ба дили хонандаю шунаванда асар мекунад.

Носири Хусрав дар "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн" робитаи дилро бо офтоб, мағзи сарро ба моҳ зикр кардааст: *дил гарму хушк аст – ҳамчун офтоб, мағз сарду тар аст – чун моҳтоб.* Таносуби нозуке ин ҷо ниҳон мебошад. Ҳилолӣ, Лоҳутӣ, Шукӯҳӣ дубайтиҳое хуб сурудаанд.

Дубайтӣ аз ҷумлаи жанрҳое маҳсуб мешавад, ки дорои қонунияти равшани шаклию мундариҷавист. Ин жанри кӯҳна, ки асосаш халқист, дар лирикаи муосир ҳам мавқеъ дорад. Тақрибан шоире нест, ки дар ин жанр сухан нагуфта бошад. Аз шоирони муосир махсусан Лоиқ ва Гулназар муваффақият пайдо кардаанд.

Рубой. Паҳншудатарин жанри адабиёти хаттиву шифоҳии халқи тоҷик ***рубой*** аст. Рубой аз ду байт иборат буда, дар масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, бо рӯҳияи некбинонаи фалсафӣ эҷод мешавад.

Ба мисли дубайтӣ, *рубой* ҳам аз *чаҳор* мисраъ иборат аст.

Аз нуқтаи назари қофия, рубой ба дубайтӣ шабоҳат дорад. Аксаран сохти қофияи рубой *а-а-б-а*, яъне, мисраи сеюм аз қофия озод меояд. Дар ин сурат, онро *рубоии хасӣ* мегӯянд; гоҳе ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия мешавад, ки вайро *рубоии тарона* меноманд.

Аз нуқтаи назари вазн, рубой ва дубайтӣ дар як баҳр – *ҳазаҷ* гуфта мешавад. Аммо дар шоҳаҳои тамоман мухолифи ҳамдигар. Мисраъҳои дубайтӣ ҳамеша бо *мафоИлун* оғоз меёбад, ҳеҷ гоҳ бо ҳиҷои дароз сар намешавад. Рубой, баръакс, асло бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз намеёбад – рукнҳои аввали мисраъҳои он дар шакли *ахрам* ё *ахраби* баҳри *ҳазаҷ* сурат мегирад. Гоҳе ду ҳиҷои аввали мисраъҳо дароз мешаванд, ки он *ахраб (мафъӯлу)* аст, гоҳе се ҳиҷои дароз мешавад, ки он *ахрам (мафъӯлун)* мебошад.

Рубой аз ҷумлаи он жанрҳои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклӣ бо мундариҷаи ғоявӣ ба ҳадди аъло мутобиқат кардааст. Бо ҳиҷоҳои дароз оғоз ёфтани воҳидҳои сухан боиси мутантану муҳташам садо додани он мешавад. Ин тантанаю эҳтишоми шакл бо ҳалли некбинонаи масъалаи зиндагӣ моҳиятан созгор меояд.

Шарти асосии рубой ин аст, ки масъала, ҳолат, қонуният, умуман, чизе тарзе баён мешавад, ки аз он натиҷаи ибратангез ҳосил шуда бошад. Чунончи, хоҷа Ҳофиз гуфтааст:

Ту бадрию хуршед туро банда шудаст,
То бандаи ту шудаст, тобанда шудаст.
З-он рӯй, ки аз шуои рӯи маҳи ту
Хуршед мунири моҳ тобанда шудаст.

Мегӯянд, рубоиро устод Рӯдакӣ бо илҳом аз мардум дар адабиёти хаттӣ кашф кардааст. Ин ривоят, ки онро Шамси Қайс дар китоби худ "Ал-Муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам" боҳавсала нақл кардааст, ду ҳақиқатро тасдиқ

менамояд: *яке* – рубой дар адабиёти халқӣ мавҷуд будааст; *дигаре* – он чун жанри комили адабӣ дар осори устод Рӯдакӣ такомули олӣ ёфтааст.

Гоҳе чаҳор мисраъ ҳамқофия мешавад:

То косаи дӯғи хеш бошад пешам,
Валлаҳ, ки аз ангубини кас н-андешам,
В-ар бебаргӣ ба марг молад гӯшам,
Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.
(Мавлавии Балхӣ)

Мисраи сеюм аз қофия озод меояд:

Дар роҳи ниёз фард бояд будан,
Пайваста ҳарифи дард бояд будан,
Мардӣ набувад гурехтан сӯи висол,
Дар рӯзи фироқ мард бояд будан.
(Мавлавии Балхӣ)

Гоҳе рубой аз санъати ҷолибе ҳусну малоҳати иловагӣ пайдо мекунад. Чунончи, дар ин рубоии Мавлавии Балхӣ *таҷнис* чунин мақомро дорост:

Аз кам хӯрдан зираку ҳушёр шавӣ,
Аз пур хӯрдан аблаҳу бекор шавӣ.
Пур хории ту ҷумла зи пурхории туст,
Кам хор шавӣ, агар ту камхор шавӣ.

"Пур хорӣ" ва "пурхорӣ", "кам хорӣ" ва "камхорӣ" шаклан яканду мазмунан дигар.

Як рубой аз Салими Хатлонӣ:

Дар синаи ӯ дарди замон мегунҷад,
Андӯҳу фироқи рафтагон мегунҷад.

Хурд аст рубой, лек дар хонаи ӯ
Шодиву гами ҳар ду ҷаҳон мегунҷад.

Ин замон ба тафсири масъала напардохта, ин қадар хотиррасон бояд кард, ки рубой дар осори боқимондаи шоирони пешини Рӯдакӣ - ҳамчун Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Имораи Марвазӣ, Сонеи Балхӣ дучор меояд.[1] Чунончи, ин рубоии Сонеи Балхӣ, ки мазмунан ба воқеаҳои соли 933 мансуб аст, тавассути "Таърихи Систон" ба мо расидааст:

Хони ғами ту паст шуда, вайрон бод!
Хони тарабат ҳамеша ободон бод!
Ҳамвора сари кори ту бо некон бод!
Ту мири Шаҳиду душманат Мокон бод![2]

Устод Рӯдакӣ (858-941) вазну оҳанги рубоиро дар тавсифи одаму одамгарӣ мутобиқ ёфт, мардӣ - он аст, ки дасти фитодаро бигирад, на пой занад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) қонунияти рубоиро бо ҳашамати одамӣ мутобиқ ёфт. Вай дар бораи қудрати одам, ки тамоми мушкилоти оламро, ғайр аз асрори аҷал, ҳал кардааст, мегӯяд:

---

[1] Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958, с. 36, 80, 83, 90.

[2] Шоир ин ҷо суханбозӣ кардааст: "Мокон" – номи душмани мавсуф, ҳамчунон калимаи арабист, ки маънояш "нобуд, нест бод" ва муроди аслии шоир ҳамин маънии сонист.

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял.
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

Рубоиро ба ҳадди камолаш Умари Хайём расонид. Хайём ҳамон риштаи Рӯдакию Ибни Синоро маҳкам дошта, пуркудраттарин ва "ашрафи махлуқоти рӯи замин" (Носири Хусрав) будани одамро маҳз дар рубоӣ гуфтааст, чунончи:

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.
Ин доираи ҷаҳон чу ангуштариест,
Бе ҳеҷ шаке, нақши нигинаш моем.

Мисоли дигар:

Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ осон.

Дар эҷодиёти адибони забардасти рубоисаро қонунияти ғоявию мундариҷавии рубоӣ вусъати шоиста ёфт. Рубоисароёни мутафаккир тавассути атрибутҳои дилнишини зиндагӣ - ҳамчун *ҷавонӣ, ишқ, баҳор, ҳусн, шароб* ва амсоли инҳо, ғояҳои хушии ҳаёт, абадияти ҳастӣ, бузургии одам, улавияти ҳиммату накӯкорӣ ва ғ.-ро ифода намудаанд.

Умари Хайём ва хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил, устод Лоҳутӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ дар таърихи рубоисарой ҳар яке марҳилаи хосеро ба вуҷуд овардаанд. Агар адибони бузурги асримиёнагӣ ҳусну таровати ҳаёт ва иқтидори умуман одамро тараннум карда бошанд, Иқбол дидаашро ба одами одӣ дӯхт,

Лоҳутӣ фаълаву деҳқонро чун қаҳрамон интихоб кард, Ҳабиб Юсуфӣ дар маркази рубоӣ одами озоди замонро ҳамроҳи Ватанаш монд.

Бар замми хусусиятҳои хоси услубии рубоӣ, ки дар боло зикр ёфтанд, боз дутои дигар баён хоҳад шуд.

Якум – қаҳрамони лирикии рубоӣ на ҷанбаи *ҷузъӣ*, чунон ки хоси дубайтӣ мебошад, балки ҷанбаи *куллӣ* дорад. Дар осори рубоисароёни забардаст "ман" тамоман кам асту "мо" бештар вомехӯрад. Ҳар рубоие, ки фоили он "ман" аст, аксаран барои шакл буда, моҳияти куллиро ифода менамояд, ё худ вай предмети асосии тасвир набуда, балки воситаи ёвар мебошад. Чунончи, як рубоии ҳаким Саноӣ:

Онӣ, ки фидои ту равон мебояд,
Пеши рухи ту нисори ҷон мебояд.
Ман ҳеҷ надонам, ки киро монӣ ту?
Эй дӯст, чунонӣ, ки чунон мебояд.

Дуюм – агар барои дубайтӣ бештар ҷанбаи *эҳсосотӣ* хос бошад, рубоӣ аксаран хусусияти *ақлӣ* дорад. Шоир дар рубоӣ муҳокима ва хулосаҳои худро роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ҳастӣ баён менамояд. Бешубҳа, дар рубоӣ ҳиссиёту ҳаяҷон ҳам баён мешаванд, аммо мавқеи онҳо нисбат ба андешаю мулоҳиза ва муҳокимаю хулоса маҳдуд аст. Масалан, ин рубоии Умари Хайём мулоҳиза шавад:

Бар кӯзагаре парир кардам гузаре,
Аз хок ҳаменамуд ҳар дам ҳунаре.
Ман дидам, агар надид ҳар бебасаре:
Хоки падарон – дар кафи ҳар кӯзагаре.

Дар таърихи адабиёт гуфтани *рубоиёти мавқуф* ва *рубоиёти мусалсалро* ҳам таҷриба кардаанд. *Рубоиёти мавқуф* –

дастаи рубоиҳое, ки маънии асосии мавқуф аст ба *рубоии охирин. Рубоиёти мусалсал* – силсилаи рубоиҳое, ки дар як мавзуъ ва дар атрофи образи ягона гуфта шудаанд. Аммо ин навъ силсилаҳо муваффақият пайдо накардаанд.

Академик Раҷаб Амонов, ки роҷеъ ба асрори бадеии рубоиёти халқӣ таҳқиқоти пуразрзише анҷом додааст, ин навъ шеърро ҳаққонӣ "Ойинаи дил ва ҷаҳони розу андешаҳо" номидааст.[1]

Рубоӣ, бинобар имкониятҳои бағоят барҷаста доштанаш, аз адабиёти тоҷику форс баромада, ба адабиёти халқҳои дигар – аввал ба адабиёти араб, пас ба адабиёти халқҳои туркзабон, аз асри XIX сар карда ба адабиёти халқҳои славян таъсири пурсамар расондаст. Ҳоло дар адабиёти халқҳои номбаршуда рубоӣ эҷод мекунанд. Тахмини Т. Ковалский, ки гӯё рубоӣ аввалан дар миёни қавмҳои туркзабон пайдо шуда бошад, ва фикри Майер, ки рубоӣ дар адабиёти араб пештар арзи вуҷуд кардааст, асосе надорад ва кирои баҳс ҳам намекунад.

Хондамир дар "Макорим-ул-ахлоқ" таъкид мекунад, ки рубоӣ дар шеъри туркӣ то замони Навоӣ кам истифода мешуд, онро номбурда ба арҷи тараққиёташ расондааст.

Аз шоирони муосири тоҷик дар гуфтани рубоӣ шодравон Лоиқ дасти тавоно дошт.

Қитъа. Маънии луғавии "қитъа" – *порча, қисм, ҷузъ* мебошад. Ҳамчун истилоҳ "қитъа" ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: 1) *як пора аз як шеъри комил*, 2) *жанри мустақили адабӣ*.

Қитъа – чунон жанри лирикиест, ки дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, бештар аз ҳама панду ахлоқ, ҳодисаҳои таърих, муҳаббат, ҳасби ҳол ва г. эҷод мешавад.

[1] *Р. Амонов.* Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984, с. 42.

Қитъа аз рӯи вазну миқдори байт ба мисли дубайтӣ ва рубоӣ ҳадди муайян надорад – дар вазнҳои гуногун навишта мешавад, ва аз ду байту аз он зиёда иборат буда метавонад.

Хурдтарин қитъа аз ду байт (чаҳор мисраъ) таркиб меёбад. Барои мисол, як қитъаи Зиёвуддини Хуҷандӣ (вафот 1225), ки бисёр барҷаста гуфта шудааст, зикр мешавад:

Умрест ёр бо ман агар ҷуз вафо накард,
Узраш пазир, умр чи бо кас вафо накард.
Гуфто: баҳои бӯсаи ман деҳ ҳазор ҷон!
Ин ҳама зи лутфи ӯст, ки чандон баҳо накард.

Муҳимтарин ҳадафи қитъа – *панду насиҳати одамон* аст, чунончи, Шайх Саъдӣ (ваф. 1292) гуфтааст:

Ёд дорам зи пири донишманд,
Ту ҳам аз ман ба ёд ор ин панд:
Ҳар чи бар нафси хеш напсандӣ,
Низ бар нафси дигаре мапсанд!

Шикоят, зарофат, ҳаҷв низ дар қитъа бисёр дида мешавад, чунончи, як қитъаи Амир Хусрави Деҳлавӣ (1252-1325):

Қозиёнанд андар ин айём
Ҳама кофирмизоҷу ришватхор.
Илми эшон ба зинати ҷубба,
Фазли эшон ба бастани дастор.
Ҳама дуздикунон ба пардаи шаръ,
На гаҳе тавбаву на истигфор.
Ҳар киро як дирам бувад даъво,
Тангае ришва боядаш ночор …
Назди қозӣ баранд зулми ҳама,
Зулми қозӣ куҷо кунанд изҳор!

Он расид аз ҷафояш он бар халқ,
Ки ба Ғазнин зи кофирони татор …
Хусраво, ҳарчи мерасад – зи қазост,
Зинҳор аз қазои бад, зинҳор!

Бояд илова кард, ки "қазо"-и ду бор дар байти мақтаи шеъри мазкур такрорёфта, на ба тақдир, балки ба ҳукми қозӣ дахл дорад, зеро "қозӣ" ва "қазо" калимаҳои ҳамрешаанд.

Китъаро дар *мадҳу ситоиши* одамони ҷудогона ҳам мегӯянд. Сӯзании Самарқандӣ (вафот 1166) дар бораи суханвар ва суханшиноси бузурги замони худ Рашидаддини Ватвот гуфтааст:

Дидам Рашидаддин – шаҳи арбоби назмро,
Бар лашкари сухан чу расидӣ Худойгон.
Ганҷи сухан кушодаву ҳар нуктае аз он
Афзун зи ганҷу қимати сад ганҷи шойгон.
Насраш барӣ зи лағву хаташ – аз хатову саҳв,
Назмаш зи заҳфу ҳашву зи итову шойгон.
Бас ройгон-шеъри дидаму ҳастам бар он, ки ӯ
Дидори ӯ ба ҷон бихарам, ҳаст ройгон.
Дар ҳар ҳунар замона бар ӯ модарӣ намуд,
Дод аз барои ӯ дигаронро ба доягон.
Марди сухан вай аст, ба таҳқиқ мо – ҳама
Таввофи ришу сиблату ҳаммоли роягон.

Китъа чунон хусусияти нодире дорад, ки дар он аҳволи зиндагии шахс *реалистона* тасвир меёбад. Мавқеи ҷамъиятро шоир, вазъияти иқтисодии вай, кайфияти хонадон, зану фарзанд ва амсоли инҳо дар китъа таҷассум мешаванд. Дақиқтарин маълумотро доир ба ҳаёту фаъолияти муаллиф аз муқаттаоти вай пайдо кардан мумкин аст. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, китъа *хусусияти маҳрамона* дорад.

Як мисол аз Убайди Зоконӣ (1270-1370), ки эҳсосоти нохуши худро аз балои азими қарз ба қалам овардааст:

Мардум ба айши шодиву ман дар балои қарз,
Ҳар як ба кору бореву ман мубталои қарз,
Фарзи Худову қарзи халоиқ ба гарданам,
Оё адои фарз кунам? Ё адои қарз?
Харҷам фузун зи гояти қарзам бурун зи ҳад,
Фикр аз барои харҷ кунам? Ё барои қарз?
Аз ҳеҷ хат натобам, ғайр аз сиҷилли дин,
В-аз ҳеҷ кас нанолам, ғайр аз гувои қарз.
Дар шаҳр қарз дораму андар маҳалла қарз,
Дар шаҳр қарз дораму андар сарой қарз.
Аз субҳ то ба шом дар андеша мондаам,
То худ куҷо биёбам ногаҳ раҷои қарз.
Мардум зи дасти қарз гурезону ман ба сидқ
Хоҳам пас аз намозу дуо аз Худой қарз.
Арзам чу обрӯи гадоён ба бод рафт,
Азбаски хостам зи дари ҳар гадой қарз …

Бояд қайд кард, ки мафҳуми марказии шеъри мазкур *қарз* аст, бинобар ин он дар *радиф омада*, дар ҳашт байти он *шонздаҳ маротиба* такрор ёфтааст.

Қитъа аз нуқтаи назари қофия аксаран **аб, вб, гб** …-ро дорад, ки аз ин рӯ, онро *қасида* ё *ғазали сарбурида* мегӯянд.

Гоҳе ба ҳамин маънӣ дар адабиётшиносӣ қитъаро "матлаъ надорад" мегӯянд, ки саҳв аст, зеро шеър, умуман, асар, бесар намешавад.

Мисоли қитъае, ки мисраи якуми он аз қофия озод мебошад, аз осори Камолиддини Исфаҳонӣ (соли қатлаш 1237):

Назму насри сухан баробар нест,
Гарчи ҳар як чу дурри макнун аст.

Сухани наср агарчи бас нагз аст,
Кори манзум худ дигаргун аст.
Он набинӣ, ки оҳани беқадр
Ҳамбари зар бувад, чу мавзун аст.

Қитъа тарзи дигари қофиясозӣ ҳам дорад, ки сохти он **аа, ба, ва** ... мебошад. Адиб Собири Тирмизӣ гуфтааст:

Биё, ки бо руху зулфи ту корҳо дорам,
Зи ҷоми ишқи ту дар сар хуморҳо дорам,
Биё, ки бо ду рухи ту, ки рӯзро монад,
Ҳикояту гилаи рӯзгорҳо дорам.

Гоҳе қитъаҳои майдае ҳам дучор меоянд, ки ҳамаи мисраъҳояшон як қофия доранд, чунончи Шайх Саъдӣ гуфтааст:

Тадбири савоб аз дили хуш бояд ҷуст,
Сармояи офият кифоф аст нахуст.
Шамшери қавӣ наёяд аз бозуи суст,
Яъне, зи дили шикаста тадбири дуруст.

Шайх Камоли Хуҷандӣ дар як силсила муқаттаоти худ номи ҳамзамононеро зикр карда, ки номҳои ҷолиб доранд: *Хоҷӣ Аҳмади Кал, Хоҷӣ Найзан, Хисоми Качал, Ҳамидак, Момуш (номи духтар), Хоҷии Саққо, Хусрави Туҷҷор, Алоиддини Гилкор, Чим-Оқо, Масҷиди хоҷа Алишоҳ, Ҳамиди Гурба* ...

Маънии "чон чизе ночиз асту муносиби дилбар нест" – ҳам дар шеъри шайх Камол омада, ҳам дар хоҷа Ҳофиз – яъне, ки яке аз дигаре мутаассир шуда:

Дил нест ба дастам, бари дилбар чӣ фиристам?
***Ҷон ҳаст, вале чизи муҳаққар**, чӣ фиристам?*
(Камол)

Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад.
(Ҳофиз)

Бисёр қитъаҳои шоирони асримиёнагӣ *байти тахаллус* ҳам доранд. Ҷолиби диққат аст, ки тахаллуси шоир дар қитъа, баръакси ғазал, ки аксаран дар поён дарҷ мегардад, бештар – дар аввали шеър меояд. Як мисол аз Афзалиддини Хоқонӣ:

Хоқониё, зи нонталабӣ оби рух марез,
К-он ҳирс, к-оби рух барад, оҳанги ҷон кунад.
Одам зи ҳирси гандуми нононшуда чӣ дид?
Бо одамӣ мутолибаи нон ҳамон кунад.
Бас мӯр, к-ӯ ба бурдани нонрезае зи роҳ
Пайсудаи касон шаваду ҷон зиён кунад.
Он тифл бин, ки моҳиякон чун кунад шикор,
Бар сӯзани халида чу як пора нон кунад.
Аз одамӣ, чӣ турфа? Ки моҳӣ дар об низ
Ҷонро зи ҳирс дар сари кори даҳон кунад.

Ин ҳолат дар қитъа шояд аз он ба миён омада бошад, ки *мушаххасӣ*, ҳамон тавре ки ишора шуд, хоси ин жанр аст. Шоир бо овардани номи худ дар аввали шеър дар таъкиди ҳақиқати баён муваффақ шудааст.

Гоҳе қитъаҳое суруда мешаванд, ки ҳам аз лиҳози ғояву маънӣ, ҳам лавозимоти шаклӣ ягонагии равшан доранд. Ба ин маънӣ "Чиҳил ҳадис"-и мавлонои Ҷомиро ба ёд овардан кофист, ки аз чиҳил қитъаи *якваэна (фоилотун, мафоилун, фаълун)* ва *якқофия (абвб)* фароҳам омадааст, ва ҳам аз одаму одамигарӣ ривоят мекунанд, чунончи:

Эй камар баста касби рӯзиро,
Субҳхезӣ далели фирӯзист.

Баҳри хоби сабоҳ чашм мабанд
З-он ки ин хоб монеи рӯзист.

•

Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарин касон.
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Беш бошад ба халқ нафърасон.

•

То Худо дӯст гирадат, бо халқ
Якдилу якзабону якрӯ бош;
Шодтабъу шукуфтахотир зӣ,
Нармхӯю кушодаабрӯ бош.

•

Паҳлавон нест он ки дар гуштӣ
Паҳлавоне дигар бияндозад.
Паҳлавон – он бувад, ки вақти ғазаб
Нафси аммораро забун созад.

•

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф
Гарде зи роҳи модарон бошад.
Хок шав зери пои ӯ, ки биҳишт
Дар қадамгоҳи модарон бошад.

•

Ҳар кӣ шуд мубталои бадгӯӣ,
Ба балое аҷаб гирифтор аст.
Ҳар балое, ки мерасад ба касон,
Бештар аз мамарри гуфтор аст.

•

Ҳар ки дар хиттаи мусулмонӣ
Бошад аз нақди дин гаронмоя,
Написандад, ки хеш хуспад сер,
Бинишинад гурусна ҳамсоя.[1]

[1] *Илм ва ҳаёт*, 1990, № 11, с. 7-8.

Маснавӣ. Маънии луғавии "маснавӣ" – *ду-ду, дугонӣ* мебошад. Онро пеш "муздавоҷ" ҳам гуфтаанд. *Муздавоҷ – ҷуфткардашуда* аст. *Дар истилоҳ* ***маснавӣ*** *- шакли шеъриест, ки ҳар ду мисрааш дорои як қофия бошад.*

Аммо ин шакли шеърӣ тавзеҳоти бештарро толиб аст. Маснавӣ, пеш аз ҳама, мафҳуми *шакли шеърӣ* аст, на мафҳуми *жанрӣ*. Шеъри маснавӣ метавонад як асари хурди лирикӣ бошад, ки ба ин маънӣ истилоҳи мазкур жанрро мефаҳмонад. Инчунин, маснавӣ хеле калон буда, аз чандин ҳазор байт фароҳам омада метавонад, ки дар ин сурат жанри ин маснавӣ **достон** аст. Дар ин мавриқ "маснавӣ" мафҳумест, ки танҳо шаклро мефаҳмонаду бас.

Достон ҳам *эпикӣ-ҳамосӣ* мешавад, чунон ки дар фасли "жанрҳои эпикӣ" аз назар гузашт, ва ҳам *лирикӣ-гиноӣ*, ки минбаъд дида хоҳад шуд.

Ҳоло *маснавии лирикӣ* мавриди шарҳ қарор хоҳад гирифт.

Ҳадди аввали маснавӣ *ду байт*, ҳадди охири вай *аз сад байт* мегузарад.

Маснавӣ дар вазнҳои гуногун эҷод мешавад.

Мавзуи марказии маснавӣ - *ахлоқ, панду насиҳат* аст. Ишқу муҳаббат ҳам инъикос меёбад.

Маснавиҳои ахлоқии ибратангез, одатан дар дохили асарҳои калон, ҳамчун "Насиҳатнома", "Гулистон", "Баҳористон" ва амсоли инҳо, ҳангоми баёни лаҳзаи ҷолиби диққати ҳикояте, ё ҷамъбасти он оварда мешавад. Масалан, ин маснавии шайх Саъдӣ аз "Гулистон"-и ӯ мебошад:

Банӣ одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Муҳимтарин хусусияти услубии маснавиҳо ин аст, ки шоир зарбулмасалу мақол ва умуман образҳои ҳикматангезро

зиёд ба кор мебарад. Масалан, як маснавии Носири Хусрави Қубодиёнӣ:

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд баргу мо ҳама бар,
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.
Шараф дорад дарахт аз мевадорӣ,
Ки бошад то надорад ҳеҷ боре.
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро
Шараф бошад чунон, к-аз ақл моро.
Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,
Надорад бӯю лаззат меваи хом.
Машав чун меваҳои норасида,
Сақат ҳаргиз набошад чун гузида.
Сақат бошад дар ин бог он чи хоманд,
Ҳакимон меваҳои хуштаоманд …
Туро лаззат зи илм аст, аз амал ҷӯй …
Камолият зи илми боамал ҷӯй …
Чу хоҳӣ то ки ёбӣ донишу ҳуш,
Макун панди ҳакимонро фаромӯш.

Маснавӣ барои баёни маъниҳои ҳикмату фалсафӣ имкониятҳои хуб дорад.

Гоҳе дар маснавӣ *марсия* ҳам суруда мешавад. Масалан, Шамсиддини Шоҳин (1865-1896) маснавии марсияи калоне дар вафоти ҳамсараш гуфтааст, ки оғозаш ин аст:

Эй дидаи дудамони исмат!
Навбоваи бӯстони исмат!
Эй хонаи сад ҳазор нозам!
Эй хуфта миёни хоку хора!
Чуста зи канори ман канора!

Ҳам донишмандони асримиёнагӣ, ҳам шарқшиносони аврупой (Ремпис, Ян Рипка) боварии куллӣ доранд, ки маснавӣ ба адабиёти асрҳои миёна аз адабиёти давраи қадим (паҳлавӣ) омадааст, яъне, шакли шеърии хосаи тоҷику форс мебошад.

Дар таърихи адабиёти асримиёнагии тоҷику форс *маснавиҳои лирикӣ*, ҳамчун жанри мустақил тақрибан мавқеъ надоранд. Аммо дар лирикаи садаи XX маснавӣ бештар ба кор бурда мешавад. Масалан, шеърҳои устод М. Турсунзода "Чаманистон", "Ба кӯҳсори тоҷик", "Роҳи мақбара", баъзе шеърҳои "Қиссаи Ҳиндустон" маснавиҳои лирикианд.

Дар давраи нав доираи тематикии маснавӣ такмил ёфт. Дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, сиёсиву иҷтимоӣ низ маснавиҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ғазал *– дар луғат изҳори ишқу муҳаббат кардан аст.* Дар истилоҳ ин калима ду маънӣ дорад:

Якум – умуман сухани ишқиро мефаҳмонад, сарфи назар аз сохт ва қонунияти шаклиаш. Ин маънии таърихии истилоҳ мебошад, ки онро академик А.М. Мирзоев кашф кард.[1] Дар асрҳои IX-X, гоҳе баъдтар ҳам "ғазал" (шакли дигараш "тағаззул") *насибу ташбиби қасидаро, ки дар бораи ишқ аст, ва умуман шеърҳои доир ба муҳаббатро мефаҳмонад;*

*Дуюм – **ғазал** чунон жанри мустақили лирикие мебошад, ки аксаран дар мавзуъи ишқ дар ҳаҷми 7-12 байт (ва аз он кам ё бештар ҳам) навишта мешавад ва қофияи ягонаи сохти **аа, ба, ва**-ро дорад.*

Ғазал камтар аз ҳафт – то чор байт ва бештар аз дувоздаҳ – то бист бисту панҷ байт ҳам мешавад.

[1] Ниг.: *А.М. Мирзоев.* Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. – Сталинобод, 1956. Ин асар дар мачмуаи муаллиф "Сездаҳ мақола" (Душанбе: Ирфон, 1977, с. 5-52) ҳам чоп шудааст. Таъкиди донишманди пешини араб Қудома ибни Ҷаъфар, ки мафҳуми "насиб" ба шакли шеъру "ғазал" ба маънӣ (маънии ишқӣ) мансуб мебошанд, бори дигар фикри А. Мирзоевро тасдиқ менамояд.

Аз хусуси қофия ғазал танҳо як сохт дорад, яъне, *қофияи ягона* дар вай *риоя мешавад*.

Қонунияти дигари ғазал ин аст, ки *мисраи якуми* он *ҳатман дохили қофия меояд*. Баъзеҳо мегӯянд, ки ғазал ҳатман матлаъ дорад. Мурод аз ин сухани носаҳеҳ (ҳар як шеър тулуъгоҳ – ҷои саршавӣ дорад) ҳамин аст, ки мисраи якум ҳам тобеи қофия мебошад.

Гоҳе дар ғазал, ғайр аз байти матлаъ, мисраи якуми баъзе байтҳои минбаъда ҳам дохили қофия оварда мешавад. Ин, мувофиқи талаботи мазмуну оҳанги шеър воқеъ мегардад.

Аз чиҳати вазн, ғазал маҳдудият надорад, онро шоирони тавоно дар ҳар як вазн навишта метавонанд. Ин сухан чунин маънӣ надорад, ки дар кадом вазн эҷод шудани ғазал танҳо ба қудрати шоири ғазалсаро вобаста бошад. Дар асл, чигунагии вазни ғазалро *мавзуъ, мазмун*, бештар аз ҳама – *матлаби гоявии* шоир муайян мекунад. Шоири тавоно тавассути қудрати худ моҳияти мундариҷа ва пафоси шеърро пай бурда, мутобиқи вай вазн интихоб менамояд. Бесабаб нест, ки дар эҷодиёти шоирони бузурги ғазалсаро – ҳамчун Саъдию Ҳофиз, навъҳои вазн бештар истифода шудааст дар осори шоирони заиф, камтар.

Қонунияти устухонбандии ғазал махсус аст, робитаи мундариҷавии байтҳо бо ҳамдигар гоҳе қавӣ мешаваду гоҳе заиф. Ин, аз як тараф, вобаста аст ба моҳияти мундариҷаи ғоявии шеър, аз тарафи дигар, ба равияи пешгирифтаи шоир.

Аксаран, байтҳои ғазал бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд, байте бо маъниву образи худ байти дигарро қувват медиҳад ва ҳама дар якҷоягӣ мавзуеро равшан менамояд. Масалан, як ғазали Фаридаддини Аттор (асри XII) дар мавзуи ишқӣ баён ёфтааст:

Дило, дидӣ, ки ҷононам наёмад,
Ба дард омад, ба дармонам наёмад.
Ба дандон мегазам лабро, ки ҳаргиз,
Лаби лаълаш ба дандонам наёмад.

Надидам ҳеҷ рӯзе тири мижгон-ш,
Ки ҷӯи хун ба мижгонам наёмад.
Надидам ҳеҷ вақте лаъли хандон-ш,
Ки хун аз чашми гирёнам наёмад.
Чӣ тобе буд дар зулфи чу шасташ,
Ки он сад бор дар ҷонам наёмад.
Басе дастон бикардам, лек як даст,
Сари зулфаш ба дастонам наёмад.
Сари зулфаш басе дорад раҳи дур,
Вале як раҳ ба поёнам наёмад.
Чигуна он ҳама раҳ пеш гирам,
Ки он раҳ ҷуз парешонам наёмад.
Басе ҳиндуст зулфи кофирашро,
Яке з-онҳо мусулмонам наёмад.
Ба осонӣ зи зулфаш сар напечам,
Ки бо Аттор осонам наёмад.

Гоҳе худи ғазалсароён низ пайванди маънавии байтҳои ғазалро иқрор кардаанд. Чунончи, Сойиб гуфтааст:

Мо аз ту ҷудоем ба сурат, на ба маънӣ,
Чун фосилаи байт бувад фосилаи мо.

Робитаи байтҳо нисбатан заиф ҳам мешавад, яъне, дар дохили ғазал ба чандин мавзуъ дахл кардан пеш меояд. Барои мисол, як ғазал аз хоҷа Ҳофиз, ки байтҳои ҷудогонааш ба панду насиҳат, ишқ, қадр кардани лаззати зиндагӣ, дӯстӣ ва ғ. бахшида шудаанд:

Эй нури чашми ман, сухане ҳаст, гӯш кун,
То соҳарат пур аст, бинӯшону нӯш кун.
Пирон сухан батаҷриба гӯянд, гуфтамат:
Ҳон, эй писар, ки пир шавӣ, панд гӯш кун!

Бар ҳушманд силсила нанҳод дасти ишқ,
Хоҳӣ, ки зулфи ёр каший, тарки ҳуш кун.
Тасбеҳу хирқа лаззати мастӣ набахшадат,
Ҳиммат дар ин амал талаб аз майфурӯш кун.
Бо дӯстон музояқа дар умру мол нест,
Сад ҷон фидои ёри насиҳатниюш кун.
Дар роҳи ишқ васвасаи Аҳриман басест,
Ҳуш дору гӯши дил ба паёми Суруш кун.
Барги наво табаҳ шуду сози тараб намонд,
Эй санг, нола баркашу эй даф хурӯш кун!
Соқӣ, ки ҷомат аз маи софӣ тиҳӣ мабод!
Чашми иноятe ба мани дурднӯш кун!
Сармаст дар қабои зарафшон чу бигзарӣ,
Як бӯса назри Ҳофизи пашминапӯш кун!

Ҳолати заъфи устухонбандии ғазал, ҳамон тавре ки дар болотар ишора шуд, ду сабаб дорад: яке – тақозои лавозимоти мундариҷавии шеър асту дигаре – равияи пешгирифтаи шоир.

Дар ғазал *эҳсосот* инъикос меёбад, эҳсососте аз дастаи ҳиссиёти нек фароҳам омада, ки ғояҳои неку қаринро ифода менамояд. Ин ғояҳои некӯ, ба ҳамдигар қарин, ба силсилаи мавзуъҳое дахл доранд, ки моҳиятан бо ҳамдигар алоқаманданд. Ин ҳолатро дар ғазали иқтибосшудаи хоҷа Ҳофиз мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамеша афкор ва эҳсоси шоир ҷӯёи қолабе аст, ки мурод мутаносиб адо гардад ва бисёр воқеъ мешавад, ки як вазну як қофияву як радиф барои изҳори афкори гуногун мутобиқ меояд ва шоир низ дар ин маврид аз имконоти жанри ғазал истифода мекунад.

Ғазал нисбатан бадеҳист, ба ин маънӣ, ки шоир пеш аз навиштан чӣ тавр сурати тамом ёфтани онро тасаввур карда наметавонад. Аз таҷрибаи устод Лоҳутӣ маълум мегардад, ки ӯ аз ғазале як ё чанд байти худ, вале дар қолаби як ғазал номувофиқро ҷудо карда, дар ғазали нав ҷо медодааст.

Заъфи композитсионирo гоҳе шоир қасдан ба амал меовард, аз хотири амнияти худ. Шоири пешқадам ба масъалаю ҳодисаи таърихии замон дахл карда, онро тарзе ҳал менамояд, ки чунин тарзи ҳал ба табъи ҳокимони замон хуш намеояд. Дар ин сурат, шоир ночор мавзуъҳои моҳиятан аз ҳамдигар дурро қариби ҳамдигар ҷой медиҳад, ҷавоби масъаларо пӯшидатар баён мекунад, то имкони амният ҳосил шуда бошад. Як мисол аз Сайидои Насафӣ (вафот байни солҳои 1707-1711):

Ин чи рангу рухсор аст? – Гулшани ҷамол аст ин.
Ин чи қадду рафтор аст? – Ғояти камол аст ин.
Пеши рӯи тобонат ҷилваи таҷаллӣ чист? –
Офтобу моҳ аст он, партави ҳилол аст ин.
Бо даҳони майнӯшат нест ғунчаро нисбат,
Чашмаи ҳаёт аст он, согари сафол аст ин.
Мекунӣ гаҳ истигно, мекунӣ гаҳе дашном,
Шишаи шароб аст он, шарбати висол аст ин.
Аз ту анҷуман кардан, май зи хуни дил хӯрдан.
Базми пойдор аст он, айши безавол аст ин.
Аз фалак чӣ мехоҳӣ? В-аз замин чӣ меҷӯӣ?
Гунбади тилисм аст он, чодари хаёл аст ин.
Аз ғамат чу нақши по, хок мекунам бар сар:
Вах, чи рӯзгор аст он, оҳ, ин чи ҳол аст ин!
Ҳамнишин маро бо ту ҳар кӣ дид, мегӯяд:
"Пири кӯҳнакор аст он, шӯхи хурдсол аст ин"
Ҳар куҷо ту мебошӣ, Сайидо бувад он ҷо,
Юсуфи Миср аст он, ҳинди хокмол аст ин.

Ғазали мазкур дар ду мавзуъ эҷод шудааст: байти "Аз замин чӣ меҷӯӣ?.." – дар мавзуи иҷтимоии танқиди замон буда, тамоми байтҳои дигар дар бораи ишқу муҳаббат омадааст. Сайидо ғояи сарбастагӣ ва тундию торикии замони худро дар миёни байтҳои ишқӣ пинҳон овардааст.

Намунаи дигар. Ғазали Шаҳпури Нишопурӣ, ки матлаби сиёсии шоир ҳам дар оғози матлаъ, ҳам дар мисраи якуми байти охирин омадааст:

Рӯзгор ошуфтатар ё зулфи ту ё кори ман,
Зарра камтар ё даҳонат ё дили ғамхори ман.
Шаб сиёҳтар ё дилат ё ҳоли ман ё холи ту,
Шаҳд хуштар ё лабат ё лафзи гавҳарбори ман.
Назми парвин хубтар ё дурр ё дандони ту
Қомати ту росттар ё сарв ё гуфтори ман.
Васфи ту дилҷӯйтар ё шеърҳои нағзи ман,
Ҳаҷри ту дилсӯзтар ё нолаҳои зори ман.
Сабри ман кам ё вафои некувон ё шаҳди ту,
Хубии ту бештар ё андӯҳу тимори ман.
Чашми ту хунрезтар ё чарх ё шамшери шоҳ
Ғамзаи ту тезтар ё теғ ё озори ман.

Ин ғазал ишораҳои ҷолиби талху ширин дорад, аз қабили: *рӯзгор ошуфтатар, чашми ту хунрезтар, ё шамшери шоҳ?..*

Ғазале аз Сӯзании Самарқандӣ:

Дар роҳ маро дӯ санаме даргузар омад,
Рафтори чунон моҳ маро дар назар омад.
Шӯхе, шакаре, сарвқаде, қаҳбакаке чуст
К-аз ҳусн зи хуршед басе хубтар омад.
Дар пеши вай истодаму роҳаш бигрифтам
З-он сон, ки чунон дилбарам андар гузар омад.
Густох сухан гуфтаму пурсидаму ин сон
Бо ман ба сухан гуфтани густох даромад.
Гуфтам, ки: ба меҳмон барам, ойӣ ту? Маро гуфт:
Аз хона маро рой ба ҷои дигар омад.
Гуфтам, ки ба тақдир куҷо монад тадбир?
Ҳар рой, ки андар қазову қадар омад?

Гар бар сари мо ҳаст қазое, ки бибошад
Он мард қазо ҷӯяд, к-ӯ бехабар омад.
Рав-рав, ки сӯи ҳуҷра хиромему бибошем
К-аз сим барат кораки мо ҳамчу зар омад.
Нард асту шароб асту кабоб асту рубоб аст,
Донӣ, ки ту ҳар чор нишоти башар омад.
Ширин суханам диду бадеъ-ин чарбзабонӣ
З-он сангдилӣ поракаке нармтар омад.
Қисса чӣ кунам, бурдам то хона чунон моҳ,
Он моҳ, ки пирояи шамсу қамар омад …

Аз нуқтаи назари устухонбандӣ, як навъи махсуси ғазал мавҷуд аст, ки онро *ғазали мусалсал* мегӯянд. Ин чунон навъест, ки маънии байтҳо пай дар пай меояд, дар ғазал инъикоси воқеаи хурдеро мушоҳида кардан мумкин аст. Мисоле аз Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273):

Дидам нигори худро, мегашт гирди хона,
Бардошта рубобе мезад яке тарона.
Бо захмае чу оташ, мезад тaронаи хуш,
Масту харобу дилкаш аз бодаи шабона.
Дар пардаи "Ироқӣ" мезад ба номи соқӣ,
Мақсуд бода будаш, соқӣ будаш баҳона.
Соқии мохрӯе, дар дасти ӯ сабӯе,
Аз гӯшае даромад, бинҳод дар миёна.
Пур кард ҷоми аввал, з-он бодаи чу машъал,
Дар об ҳеҷ дидӣ, к-оташ занад забона?
Бар каф ниҳода онро, аз баҳри ошиқонро,
Он гаҳ бикард саҷда, бӯсид остона.
Бистуд нигор аз вай, андар кашид он май,
Шуд шуълаҳо аз он май бар рӯю сар равона.
Медид ҳусни худро, мегуфт неку бадро:
"Не буду не биёяд чун ман дар ин замона".

Шамс-ул-ҳақи ҷаҳонам, маъшуқи ошиқонам,
Ҳарду бувад ба пешам – ҷону равон равона.

Яке аз вежагии ба назар намоёни ғазал – зикри *тахаллуси* шоир аст, ки аксаран дар байти поёнӣ, ё яке аз байтҳои охир воқеъ мегардад. Гоҳе тахаллусро дар оғоз, ҳатто радифи ғазал ҳам дидан мумкин аст.

Дар боло ишора шуд, ки мавзуи марказии ғазал ишқу муҳаббат, тараннуми ҳусну ҷамоли маъшуқа ва изҳори садоқати самимии қаҳрамони лирикӣ мебошад. Аммо мавзуъҳои дигар ҳам дар ғазал кам нест. Яке аз мавзуъҳо, ки дар ғазал анъана дорад – *панду насиҳат* мебошад. Барои намуна як ғазали Ҷалолиддини Балхӣ оварда мешавад:

Эй дили бебаҳра аз Баҳром тарс
В-аз шаҳон дар соати икром тарс.
Донаи ширин бувад икроми шоҳ,
Дона дидӣ, он замон аз дом тарс.
Гарчи борон неъмат аст, аз барқ тарс.
Шоди айёмӣ, ту аз айём тарс.
Лутфи шоҳон гарчи густохат кунад,
Ту зи густохии ноҳангом тарс.
Чун бихандад шер, ту эмин мабош,
Он замон аз захми хуношом тарс.
Эй магасдил, бо лаби шаккар макоч,
Чашмбодом аст, аз бодом тарс.

Байте аз Урфии Шерозӣ:

Қасида кори ҳаваспешагон бувад, Урфӣ,
Ту аз қабилаи ишқӣ, вазифаат ғазал аст.

Аз таърихи адабиёти форсу тоҷик маълум аст, ки дар эҷодиёти Ҳофизу Камол, Ҷомию Саъдӣ, Бедилу Аҳмади Дониш, Муҳаммад Иқболу Абулқосими Лоҳутӣ мавзуъҳои хеле муҳими иҷтимоӣ - аз қабили ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, танқиди беадолатиҳои замона ва ниҳоят, даъватҳо ба шӯру ошӯбҳо тасвир ёфтаанд.

Ин жанри маҳбуби лирикӣ дар замони мо ҳам анъана дорад. Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ, Боқӣ Раҳимзода ва Абдусалом Деҳотӣ, Муҳиддин Фарҳат ва Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир, Гулназар Келдӣ ва бисёр шоирони дигар ғазалҳои дилнишин сурудаанд.

Ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" 10-уми июли соли 1986 "Мактуби кушода"-и шоир Ғаффор Мирзоро ба табъ расонида, ба баҳсе доир ба имрӯзу фардои ғазал оғоз ниҳод, ки хеле аз адибону мунаққидон дар он иштирок доштанд. Ҳам аз мактуби Ғаффор Мирзо, ҳам аз навиштаҳои дигарон собит мешавад, ки ғазал ҳуқуқи идоматро, бешубҳа, дорад, вале холис ба он машғул шудан касро хоҳу нохоҳ ҳам аз меҳри зиндагӣ, ҳам аз муҳити адабӣ берун меандозад, зеро ин жанри эҳсосӣ барои гузоришу ҳалли масъалаҳои пурихтилофи ҳаёт қудрат надорад. Ин ақида ҳам таъкид ёфт, ки ғазалҳои олиҷаноби замонавӣ гуфтан мумкин, аммо душвор аст. Барои ин асрори устодони гузаштаю имрӯзаи ғазалро бояд азхуд кард, эҳтиёҷоти маънавии ҳамзамононро бояд нағз донист …

Қасида дар адабиётшиносии асримиёнагии тоҷику форс, хусусан дар даврaҳои аввали он, ба маънии умуман *шеър* истифода мешуд.

Қасида – шеъри васфӣ - дар адабиёти қадим ҳам будааст, ва онро "чакома" (ё "чагома") мегуфтаанд, чунончи дар "Луғати фурс"- и Асадии Тӯсӣ ин байти Абулмасали Бухороӣ омадааст:

Чу гардад огаҳ хоҷа зи корномаи ман,
Ба шаҳриёр расонад сабки чакомаи ман.

Ба маънии маҳдуди истилоҳи худ, *қасида* – яке аз жанрҳои маъруф ва муҳташами лирикаи тоҷику форс буда, дар мавзуъҳои гуногуни ҳаётӣ, бо қофияи ягонаи сохти *аа, ба ва ғ.* суруда мешавад. Аз рӯи ҳаҷм ва вазн, қасида маҳдудият надорад.

Муҳимтарин хусусияти жанрии қасида дар объекти тасвири вай аст. Доираи объекти тасвири қасида васеъ буда, мавзуъҳои ҳодисаҳои таърих, аъмоли одамони ҷудогона, иншоот, фаслҳои сол ва амсоли инҳоро дарбар мегирад. Аммо барои тамоми объекти тасвири қасида як чиз – муҳташамӣ хос аст. Таассурот аз воқеае баён мешавад, ки азим аст, тавсифи одамоне, ки бузурганд, иншоотҳое ки камназиранд …

Хусусияти дигари ба назар намоёни қасида иборат аз ин аст, ки ба туфайли таҷассуми сердомани эҳсосот ва андешаи қаҳрамони лирикӣ моҳияти аслии ин шахс васеъ кушода мешавад. Яке аз бозёфтҳои жанри қасида – офариниши муфассали образи қаҳрамони лирикӣ аст. Ҷаҳонбинии қаҳрамони лирикӣ, дараҷаи дониш, завқи эстетикии ӯ, махсусан мавқеи иҷтимоияш, равшан баён мешавад. Аз қасидаҳои Рӯдакӣ ва Унсурӣ, Фаррухӣ ва Лабибӣ, Манучеҳрӣ ва Носири Хусрав ва ҳар як шоири қасидасарои даврони гузашта, портрети эҷодии худи шоиронро тасаввур кардан мумкин аст. Махсусан қасидаҳои Носири Хусрав ҷолибанд.

Хусусияти дигари муҳими қасида дар вазну оҳанги вай мебошад. Дар боло ишора шуд, ки қасида дар вазнҳои гуногун эҷод мешавад. Ин ҷо бояд таъкид кард, ки ин навъ асарҳо аксаран дар вазнҳои *мутантан, лангардор, босалобат* таълиф мешаванд. Яъне, *мутантанӣ - хоси оҳанги қасида мебошад.* Қофияи якнавохти *аа, ба, ва* … ҳамин оҳанги мутантанӣ ва лангардориро пурқувват мекунад.

Аз арзишҳои мундариҷавии қасида қобили таъкид ин аст, ки дар вай доир ба муҳимтарин масъала, ҳолату ҳодиса ва тафаккури ҷамъиятии замони муаллиф маълумот пайдо

кардан мумкин аст.[1] Муҳаққиқон ба туфайли қасида, санаҳои ҳодисаҳои таърихӣ, лаҳзаҳои шарҳиҳолии баъзе одамонро муайян кардаанд.

Қасидае мустазодро Сайид Ашрафиддини Қазвинӣ (тав. 1287 ҳ.қ.) суруда – қасидаи сӯзоне:

Гардида Ватан гарқаи андӯҳу меҳан, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Хезед, равед аз пайи тобуту кафан, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Аз хуни ҷавонон, ки шуда кушта дар ин роҳ,
Рангин табақи моҳ.
Хунин шуда саҳрову талу дашту даман, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Ку ҳиммату ку гайрату ку ҷӯшу футувват?
Ку ҷунбиши миллат?
Дардо, ки расид аз ду тараф сели фитан, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Танҳо на ҳамин гашт Ватан зоеъу бадном,
Гумном шуд ислом.
Пажмурда шуд ин богу гулу сарву суман, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Булбул набарад номи гул аз воҳима ҳаргиз,
Наргис шуда қирмиз.
Сурханд аз ин гусса сафедони чаман, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Баъзе вузаро маслакашон роҳзанӣ шуд,
Сирре аланӣ шуд.
Гашта уламо гарқа дар ин лою лаҷан, вой!
Эй вой Ватан, вой!

[1] Доир ба арзиши қасида ниг.: *Х. Шарифов.* Функсияи маърифатии қасида дар адабиёти тоҷик. – Дар маҷмуаи "Ёдбуди устод Рӯдакӣ". – Душанбе: Дониш, 1978, с. 102-111.

Сӯзад ҷигар аз мотами халхол, Худоё,
Маҳшар шуд оё?
Як ҷома надоранд раъият ба бадан, вой!
Эй вой Ватан, вой!
Як зарра зи арбоб надидаст маъият,
Бечора раъият,
Кораш ҳама фарёди: "Хусайн вой! Ҳасан вой!
Эй вой Ватан, вой!
Ашраф ба ҷуз аз лолаи гам ҳеҷ набӯяд,
Ҳар лаҳза бигӯяд:
Эй вой Ватан, вой Ватан, вой Ватан, вой!
Эй вой Ватан, вой![1]

Нуктае ҷолиб ин аст: пораҳое, ки баъд аз мисраи якум омадаанд, айнан такрор меёбанд, аммо пораҳои мустазоди мисраи дувум тағйир мекунанд.

Халилуллоҳи Халилӣ "Наврӯзи оворагон"-ро суруда, дар ҳамон вазну қофия (мутаассифона, рӯшан нест: кадоме нахустин гуфта):

Гӯед ба Наврӯз, ки имсол наёяд,
Дар кишвари хунинкафанон раҳ накушояд.
Булбул ба чаман нағмаи шодӣ насарояд,
Мотамзадагонро лаби пурханда нашояд,
Хун медамад аз хоки шаҳидони Ватан вой!
Эй вой Ватан, вой!!
Гулгункафанонро чӣ баҳору чӣ зимистон?
Хунинҷигаронро чӣ биёбон чӣ гулистон?
Дар кишвари оташзада, дар хонаи вайрон,
Кас нест занад бӯса ба рухсори ятимон,
Кас нест, ки дӯзад ба тани мурда кафан, вой!
Эй вой Ватан, вой!

[1] *Муҳаммадризо Муродӣ*. Гузаре бар наср у назми форсӣ, с. 57-58.

Аз синаи ҳар санги ту хун медамад имрӯз,
Аз хоки ту мастиву ҷунун медамад имрӯз,
Он лола чӣ дида, ки нагун медамад имрӯз,
В-он сабза чаро зарду забун медамад имрӯз?
Сурх аст ба хун пову сару сарву суман, вой!
Эй вой Ватан, вой!

Эй барҳанапо сарви сарафроз туӣ, ту!
Сардору сазовор ба ҳар ноз туӣ, ту!
Душманшикану фотеҳу сарбоз туӣ, ту!
Фармондеҳи ин хок зи оғоз туӣ, ту!
Ғайр аз ту касе нест дар ин марзи куҳан, вой!
Эй вой Ватан, вой!

Биштоб, ки дар бозуи ту фарри Худойист,
Дар гардиши чашмони ту анвори Илоҳист,
Ойини ту фармондиҳиву қалъакушоист,
Шамшери ту рӯшангари асрори самойист.
Таърихи ту сабт аст ба ҳар кӯҳу даман вой!
Эй вой Ватан, вой!

Ҷуз лолаи хунбор, ки рӯяд зи заминат
Кас нест ниҳад гӯш ба фарёди ҳазинат.
Ҷуз номи Худо нест дигар нақши нигинат,
Таърих занад бӯсаи иззат ба ҷабинат,
Эй кори ту зинатдеҳи аъсору заман вой!
Эй вой Ватан, вой!

Қуръони Худоро ба таҳи пошина суданд,
Бо доси ҷафо кишти умеди ту дуруданд.
Омехта бо заҳр фазои ту намуданд.
Осори гаронқадри туро ҷумла рабуданд,
Бар пову сари шер бубастанд расан, вой!
Эй вой Ватан, вой!

Не тоҷикӣ кор оядат имрӯз, на авранг,
Не соҳиби сармоя, ки бо судгарон санг,

Хуни дили ту хӯрда ба сад ҳилаву найранг,
Кас нест, ки фирӯз шавад ҷуз ту дар ин ҷанг,
Эй бозуи размандаи занҷиршикан, вой!
Эй вой Ватан, вой![1]

Дар пайравӣ аз ин бузургон, Гулрухсор низ шеъре суруда, ки се бандаш ин аст:

Гӯед ба Наврӯз, ки нав нест гами мо,
Аз ҳасрати хунинкафанон чашми нами мо,
Аз ваҳшати оқипадарон пушти хами мо,
Гӯед ба Наврӯз, ки: Ҳар сол биёяд!
Ҳар сол биёяд, дари гамхона кушояд,
З-ойинаи дил занги ҷароҳат бизудояд.
Булбул алами Миллати бечора сарояд,
Гӯед ба Наврӯз, ки ҳар рӯз биёяд!
То Меҳани мо пойгаҳи Мири шикор аст,
Дар гулшани мо куштани гулгунча баҳор аст,
Ҳар пушта мазор аст – мазори дили зор аст,
Гӯед ба Наврӯз: Аламсӯз биёяд!

Азбаски доираи тематикии қасида васеъ мебошад, ба ҳар як навъи он мувофиқи мавзуи марказиаш истилоҳи ҷудогонаро мансуб кардаанд, чунончи:

мадҳия – дар бораи мадҳу ситоиши одамони ҷудогона (подшоҳон, ҳокимон, мутафаккирон, ҳунармандони номдор ва амсоли инҳо);

хамрия – дар бораи хамр – шароб; майгусорӣ, тарзи омода кардани шароб;

ҳолия – доир ба саргузаштҳои худи муаллиф;

шиквоия – шикоят аз замон, ҳоким, тақдир ва амсоли инҳо.

[1] *Халилуллоҳи Халилӣ.* Суруди хун. – Техрон, 1368, с. 18-19.

Барои намуна, порае аз шиквоияи шоири ҳассоси садаи XIX тоҷик Шамсиддини Шоҳин:

То кай, эй чархи муарбад, зи паи кинаи ман.
Фитнаи даҳр барангезию ошӯби заман?!
Чанд з-ошуфтагии табъу парешонии дил
Бубарӣ роҳати ҷон аз ману осоиши тан?!
Зи ту ояд сари осоиши мино бар санг
В-аз ту сарпанҷаи дай чок занад ҷайби чаман.
Зи ту пероя айшест ду олам озор,
Ду ҷаҳон неш бувад нӯши туро пироман.
Ҳама чун куштаи теги ту шуд, инак – Шоҳин
Биниҳад аз сари таслим ба поят гардан.
Ҳамаро куштӣ, агар мекушиям, зуд бикуш,
То бубинам, ки маро кушта чӣ хоҳӣ кардан?

ҳабсия – шеърҳо, аз ҷумла қасидаҳое, ки дар зиндон эҷод шудаанд (масалан, ҳабсиёти Масъуди Саъди Салмон маъруф аст);

ҳаҷвия – дар ҳаҷви шахсе, гурӯҳи одамон, ё шаҳр, ё кишвар;

фахрия – оид ба ифтихор аз аслу насаб, мавқею мартаба, донишу тавоноӣ ва ғ.;

марсия – дар васфи сифатҳои шахси фавтида;

баҳория – доир ба тавсифи ҳусну малоҳати баҳор, назокати гулу сабза, борон;

хазония – доир ба тирамоҳ ва ғ.

Фаррухӣ қасидае гуфта, дар 175 байт; матлааш ин аст:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар
Сухан нависанда ор, ки навро ҳаловатест дигар.[1]

[1] *Зайнулобиддин Муътаман.* Таҳаввули шеъри форсӣ. – Техрон Ҳофиз ва Мустафӣ: 1339, с. 7.

Боз мегӯяд:

Хушо ошиқӣ, хоса вақти ҷавонӣ,
Хушо бо паричеҳрагон зиндагонӣ.
Хушо бо рафиқони якдил нишастан,
Баҳам нӯш кардан майи аргувонӣ.
Ба вақти ҷавонӣ бикун айш, зеро
Ки ҳангоми пирӣ бувад нотавонӣ.
Ҷавониву аз ишқ парҳез кардан
Чӣ бошад ҷуз аз нохушиву гаронӣ.
Ҷавоне, ки пайваста ошиқ набошад,
Дареғ аст аз ӯ рӯзгори ҷавонӣ.
Дари шодмонӣ бувад ишқи хубон
Бибояд кушодан дари шодмонӣ.[1]

Қоонӣ қасидае суруда, дар 337 байт, гумон меравад, дарозтарин қасида бошад. Матлаъаш ин аст:

Саҳар чу замзама огоз кард мурғи саҳар,
Ба сони мурғи саҳар аз тараб гушудам пар.[2]

Қасидаи Унсурӣ аз 180 байт иборат аст.[3]

Дар адабиёти асримиёнагии тоҷику форс ба тақозои сохти иҷтимоӣ як навъи қасида – *мадҳия* ривоҷ ёфт. Ривоҷи ин навъи қасидаро шоирони нотавону дарборӣ ба ҳадди ифрот ҳам расонданд. Дар натиҷа, тамоми жанри қасида бадном шуд. Бадном кардани жанри қасида, аз рӯи адолат нест. (Онро Ғаффор Мирзо ҳам дар «Мактуби кушода» зикр кардааст). «Шикоят аз пирӣ» барин шоҳасари устод Рӯдакӣ дар жанри

[1] Ҳамон ҷо, с. 15.
[2] Ҳамон ҷо, с. 8.
[3] *А. Абдуллоев.* Шеъри шоҳона. – Адабиёт ва санъат, 1985, 24 октябр.

қасида эҷод шудааст. Асари олии ватанпарварона – «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ...» қасида буда, устод Лоҳутӣ ҳам «Кремл»-ро дар жанри қасида сурудааст.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти мо мазмуну матлаб ва оҳанги қасидавӣ гоҳе дар шаклҳои дигари шеърӣ, аксаран дар шакли жанрҳои омехта зуҳур мекунад.

Мусаммат. Гурӯҳи шеърҳоеро *мусаммат* мегӯянд, ки аз бандҳои се-, чор-, панҷ-, шаш-, ҳафт-, ҳашт-, нӯҳ- ва даҳмисраъгӣ иборатанд.

Ба ҳар як навъи мусаммат мувофиқи миқдори мисраъҳои бандҳо номи алоҳида додаанд, чунончӣ:

1) бо бандҳои семисраъгӣ: - *мусаммати мусаллас,*
2) бо бандҳои чормисраъгӣ: - *мусаммати мураббаъ,*
3) бо бандҳои панҷмисраъгӣ: - *мусаммати мухаммас,*
4) бо бандҳои шашмисраъгӣ: - *мусаммати мусаддас,*
5) бо бандҳои ҳафтмисраъгӣ: - *мусаммати мусаббаъ,*
6) бо бандҳои ҳаштмисраъгӣ: - *мусаммати мусамман,*
7) бо бандҳои нӯҳмисраъгӣ: - *мусаммати мутассаъ,*
8) бо бандҳои даҳмисраъгӣ: - *мусаммати муашшар.*

Дар миёни навъҳои мазкур, мусамматҳои *мусаббаъ* ва *мутассаъ* кам истифода шудаанд.

Қонунияти умумии анъанавии *мусамматҳо* ин аст, ки тамоми мисраъҳои банди якум ҳама тобеи як қофия буда, мисраъҳои ҳар як банди минбаъда, ба истиснои мисраъҳои охир, қофияи алоҳида дошта, мисраъҳои охирини тамоми бандҳои минбаъда бояд мувофиқи банди якум бошад. Сохти анъанавии навъҳои *мусаммат*, аз ҳайси қофия чунин аст:

1) мусаммати мусаллас: ааа, бба, вва...
2) мусаммати мураббаъ: аааа, ббба, ввва...
3) мусаммати мусаллас: ааааа, ббббба, ввввва...
4) мусаммати мусаддас: аааааа, бббббба, вввввва...
5) мусаммати мусаббаъ: ааааааа, ббббббба, ввввввва...

6) мусаммати мусамман: аааааааа, бббббббa, ввввввва…

7) мусаммати мутассаъ: ааааааааа, ббббббббa, вввввввва…

8) мусаммати муашшар: ааааааааа, ббббббббa, вввввввва…

Дар масъалаи қофия мусамматҳо дар адабиёти даврои гузашта, махсусан, дар адабиёти даврои нависанда тарзҳои қофиябандӣ ҳам доранд, ки роҷеъ ба ин масъала дар поёнтар таваққуф хоҳад шуд.

Мегӯянд, дар пайдоиши жанри мусаммат, ки аз навъҳои шеъри халқии тоҷику форс мебошад, *санъати шеърии саҷъ*, нақши калон бозидааст. *Саҷъ – чунон санъатест, ки мисраъҳои ба ду пораи баробар, аз рӯи вазн тақсимшавандаро мазмунан аз ҳам ҷудо менамояд*. Мисраъ ба ду, байт ба чаҳор[1] ва банди мураббаъ ба ҳашт пораи баробарвазн тақсим мешавад. Хусусияти дигари шеъри мусаҷҷаъ иборат аз ин аст, ки калимаҳои охирини пораҳо дорои саҷъ мебошанд, яъне, дар қофия, дар вазн, ё дар ҳар ду бо ҳамдигар мувофиқат менамоянд.

Масалан, мисраи якуми байти Ҷалолиддини Балхӣ ба ду пораи мусаҷҷаъ тақсим шудааст:

Эй сабзпӯшон чун Хизир, эй ғайбҳо гӯён ба сир,
То ҳалқаи гӯш аз шумо пурдурру пурмарҷон кунем.

Ин байти Фаридаддини Аттор ба чаҳор пораи баробарвазн тақсим шудааст, ки се пораи аввалаш саҷъ дораду пораи чорумаш ба қофияи аслии шеър мувофиқ меояд:

*Эй ҷазъи ту **шаккарфурӯш**, эй лаъли ту **гавҳарфурӯш***
*Эй зулфи ту **анбарфурӯш** аз пеши Аттор омада.*

[1] Гоҳе мисолҳое ҳам вомехӯранд, ки байт ба чаҳор не, ба ҳашт пораи саҷъдор тақсим мешавад. Барои мисол, матлаъи ғазали Исмати Бухорой (ваф. 1436): Зиҳӣ ду *чашмат* ба хуни *мардум* кушода *тиру* кашида *ханҷар* // Рухи чу *моҳат* – сабоҳи *давлат*, хати *сиёҳат* шаби *муанбар*.

Намунаи он ки саҷъ банди мураббаъро ба ҳашт пора тақсим кардааст, як банд аз шеъри Абулвосеи Ҷабалӣ (вафот 1160):

*Аё соқӣ-ул **мудом**,*
*Маро бода деҳ **мудом**!*
*Суманбӯи **лолафом**,*
*Ки то ман дар ин **мақом***
*Занам як нафас ба **ком**,*
*Ки касро зи хосу **ом**.*
*Дар ин манзил, эй **ғулом**,*
Умеди қарор нест![1]

Тарзи дигари мусаммат ҳам вомехӯрад, ки бо банди якуми шеър на як мисраи охирини бандҳои минбаъда, балки думисраъгӣ бо банди аввал ҳамқофия меояд. Ин ҳолат бештар дар *мусаммати мусаддас* вомехӯрад. Барои намуна, ду банди мусаммати мусаддаси Нақибхони Туғрал (1864-1919) зикр меёбад:

Маҳро чи муносибат ба рӯят?
Гулро чи масал ба рангу бӯят.
Оташ нашавад ҳарифи хӯят!
Фирдавс – намунае зи кӯят,
Бинад ба чаман қади накӯят,
Сулсул биравад зи бог сӯят.

Ёраб, чи бало ту нозанинӣ!
Меҳри фалаку маҳи заминӣ!
Сар то ба қадам ту ангубинӣ !
Ангуштари ҳуснро нигинӣ!

[1] Дар рисолаи "Назарияи чинсҳо ва жанрҳои адабӣ", с. 61-63, намунаи навъҳои дигари мусаммат оварда шудааст.

Ойина фитад агар ба рӯят
Ҳайрон шавад аз рухи накӯят …

Ғайр аз навъи анъанавии қофиябандии мазкур боз навъҳои дигари мусаммат ҳам вомехӯранд. Масалан, муаллифи «Дурри Наҷафӣ» Наҷафқулӣ Мирзо аз мусаммати мусаддасе ёдовар мешавад, ки ҳар банде қофияи ягона дорад (мисраи охир ҳам). Ин навъи мусаммат, махсусан навъҳои наваш, дар шеъри муосири тоҷик бештар маъмул аст.

Мусамматҳо аз нуқтаи назари мавзуъ гуногун мешаванд. Ҳам масъалаҳои ишқӣ ва иҷтимоӣ, ҳам васфи манзараю шикоят дар ин жанри пурдоманаи лирикӣ таҷассум меёбанд.

Қаҳрамони лирикӣ дар мусамматҳо имконияти фаровонтар дорад, ки эҳсосоту мулоҳизаҳои худро батафсилтар баён кунад, муроди ғоявиро дар қофияву радифи банди якум гузошта, пас, онро тавассути мисраъҳои охирини бандҳои минбаъда гаштаву баргашта таъкид намояд.

Инчунин, бояд илова кард, ки мисраъҳои охирини бандҳо воситаи тавонои ягонагию яклахтии асар маҳсуб мешаванд.

Мусаммати мусаддаси тарҷеъбанди Осӣ (асри XIX):

Эй парирӯ, ба гули рӯи ту хорам, чӣ кунам?
Ба хату холи рухат дида гузорам, чӣ кунам?
Ташнаи лаъли лабу бӯсу канорам, чӣ кунам?
Аз заифӣ ба раҳат ҳамчу губорам, чӣ кунам?
«Дӯстон, ошиқи дилхастаи зорам, чӣ кунам?
Сайдгардидаи он чашми шикорам, чӣ кунам?»
Дида афтода ба дидори ту, эй ҷони ҷаҳон,
Дил ба рақс омаду гаштам ба ҷамолат нигарон.
Гуфтам аз худ ба тариқе, ки напурсед баён
Нест дар қоидаи ишқ магар оҳу фиғон.
«Дӯстон, ошиқи дилхастаи зорам, чӣ кунам?
Сайдгардидаи он чашми шикорам, чӣ кунам?» (…)

Гуфтам: эй моҳ, бигаштаст маро тоқат тоқ,
Мисли ман ғамзада набвад ба муҳити офоқ.
Мурғи ҷону дили ман бо рухи хубат муштоқ
Ки дуогӯи ту Осист дар ин нилравоқ
«Дӯстон, ошиқи дилхастаи зорам, чӣ кунам?
Сайдгардидаи он чашми шикорам, чӣ кунам?»

Мусамматҳо асосан асарҳои *лирикианд*, аммо гоҳе шоирон мусаммати *эпикӣ* ҳам гуфтаанд, ки як мисолаш «Деҳқоннома» («Панҷ ганҷ»)-и Зиёӣ мебошад. Ин асар, ки аз ҳаждаҳ банди мухаммаси анъанавӣ иборат аст, дорои як сужаи содаҳаке мебошад.[1] Банди аввалаш ин аст:

Ғазале чанд бигӯям ман аз ин нодонӣ,
Бишнав, эй дӯст, агар кошифи маънидонӣ.
Сифати панҷ бародар ба муҳаббат хонӣ,
З-он ки бо назм бигӯям сифати эшонӣ,
То ки маълум шавад, ҳар кӣ кунад деҳқонӣ.[2]

Тарҷеот. *Тарҷеот – бахши вежаи лирикаи тоҷику форс буда, аз дастаи шеърҳои дар як вазн, аммо қофияҳои гуногун эҷодшуда фароҳам меоянд. Шеърҳое, ки дар адабиётшиносӣ* ***хона, банд*** *мегӯянд, гайр аз вазни ягона, бо ҳамдигар тавассути байте алоқаманд мешаванд, он байт гоҳе айнан такрор меёбад, гоҳе тағйир мекунад, гоҳе мазмунан дигар шуда, аз рӯи қофия созгор меояд.*

Ин навъ байти алоқамандкунандаро *байти восила, байти восита* мегӯянд.

Дар таърихи адабиёт навъи сеюми тарҷеот, яъне, оне ки байти восила мазмунан дигар шуда, аз рӯи қофия якхела ояд, тақрибан дучор намеояд. Аз ин сабаб, ба вай номи махсус ҳам надодаанд.

[1] Нигр.: *А. Ҳабибов.* Ганчи Бадахшон. – Душанбе: Ирфон, 1972, с. 158-161.
[2] Ҳамон чо, с. 158.

Ба ду навъи дигари тарҷеот номҳое ҷудогона додаанд:

1) **тарҷеъбанд** – байти восила, ки хонаҳои шеърро бо ҳамдигар мепайвандад, ба тағйироте дучор намеояд;

2) **таркиббанд** – байти восила ҳамеша тағйир меёбад, ҳам мазмунан, ҳам аз рӯи қофия.

Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Муҳаммадризо Муродӣ мегӯяд: «Тарҷеъбанд – шеърест, ки дорои чанд банд, ё фасли муттаҳид-ул-вазн аст. Ҳар банд қофияе ҷудогона ва мутафовит дорад. Дар фавосили бандҳо як байти якнавохт, ба ҳамон вазн, яъне, мутаносиб бо ҳар бахш такрор мешавад, ки онро *тарҷеъбанд* ё *баргардон* гӯянд».[1]

Шоирон миқдори байтҳои хонаҳоро гуногун гуфтаанд. Ҳадди хурдтарини хонаҳои тарҷеъбанд – *дубайтӣ* дучор омад. Чунончи, Нақибхони Туғрал гуфтааст:

Аз рухат ойина то лаззати дидор гирифт,
В-аз нигоҳи дигарон ҷониби худ ор гирифт.
Хокро аз қадамат рутбаи гулзор гирифт,
Аз ту гулҳои чаман зинати дастор гирифт,
Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт?
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?
То нишастам ба раҳат баҳри таманнои висол,
Дида вақфи ту намудам шабу рӯзу маҳу сол.
Бе ҷамоли ту маро зиндагии даҳр маҳол,
Аз мани дилшуда як бор напурсидӣ ҳол!
Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт?
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?

[1] *Муҳаммадризо Муродӣ.* Гузаре бар назму насри форсӣ. – Теҳрон, 1368, с. 46.

Гоҳе шоирон баъди чаҳор мисраъ, ки яқинан аз рӯи усули мусаммат таълиф шудаанд, як байти *тарҷеъ не*, балки як *мисраи восила* меоранд. Барои намуна ду банд аз шеъри Мирзо Азими Сомӣ (1837-1908) меояд:

Дили ман буд гирифтори бути ҷилвагаре,
Дилбаре, гулбасаре, ишвагаре, лабшакаре.
Дӯш дидам бари агёр варо дар гузаре,
Сӯхт аз рашк дилам, гуфтамаш, эй рашки парӣ:
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре!

Умрҳо шуд, дилу ҷон сарфи вафояш кардам,
Сари худ гӯйсифат дар таҳи пояш кардам,
Бо ман ӯ ром нашуд, гарчи дуояш кардам,
Аз сари яъс чунин нукта адояш кардам:
Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре!

Аз тарҷеъбандҳо, аз мисоли мазкур маълум мешавад, ки онҳо рӯҳияи халқӣ дошта, дар онҳо тарзу ифодаҳои зарифонаи мардумӣ, образҳои шоиронаи омиёна бисёр вомехӯранд. Дарвоқеъ, яке аз сабабҳои пурра риоя нашудани усулҳои шеършиносии нормативӣ - шояд рӯҳияи мардумии он бошад. Барои пуркувват кардани ҳамин фикр, як мисоли дигар оварда хоҳад шуд – бинобар ҳам мазмунан, ва ҳам шаклан, характернок буданаш «Ҳачви кали Иброҳим» ном шеъри Абдулкарими Сипандии Самарқандӣ иқтибос мешавад:

Кали Иброҳими фалак задагӣ.
Ҷинс ҳам, инс ҳам малак задагӣ
Аз самовот то самак задагӣ,
Хизри Илёс муштарак задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Мурғи ҳамсоя аз катак задагӣ.
Устухон аз даҳони саг задагӣ,
Аз ҳама кафшҳо патак задагӣ,
Бавли атфол аз сумак задагӣ
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Аз сари авратон лачак задагӣ,
Оҳану чӯб, ҳам чалак задагӣ,
Луқмаи халқ аз тутак задагӣ,
Гӯшт аз линги шабпарак задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Ҳадятан ҷои пӯст рак задагӣ,
Ҷои милтиқ ӯ мушак задагӣ,
Пули мардум гирифта ӯ так задагӣ,
Аз нисоре яқин сабақ задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Чармак аз чархи беваяк задагӣ,
Тор аз паи тортанак задагӣ,
Анбиё дон, ки як ба як задагӣ,
Қандаку ҷигдаи хасак задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Ӯзи қаймоқ чанбарак задагӣ,
Аз кутубдон, ки хатбарак задагӣ,
Чашмро монда мардумак задагӣ,
Милтиқу шофи занбурак задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Ду адад дузди беитак задагӣ,
Ваҳ ки навбат ба навбатак задагӣ,
Аз миёни харон шатак задагӣ,

Ӯ саду ҳам ҳазор лак задагӣ,
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Аз самавори кампирак задагӣ,
Аз ҳаво ӯрдаку чурак задагӣ,
Аз сари нонво бурак задагӣ,
Писари Холи чиргирак задагӣ –
Кали Иброҳими фалак задагӣ.

Ин ҷо бояд чанд хусусияти барҷастаи услубию мундариҷавии ин шеърро қайд кард. Аввал ин ки, тамоми чиҳил мисраи шеър бо як қофияву як радиф омадааст. Сониян, ин ки радиф оҳанги зарифонаи халқӣ дорад («*задагӣ, задагӣ, задагӣ* ...»). Дигар ин ки, «патак», «сумак», «тутак», «беваяк», «шатак» барин калимаҳои зиёди омиёна истифода шудаанд. Чорум ин ки, «қаҳрамон»-и марказии шеър «*Кали Иброҳими фалак задагӣ*» аввалан дар ибтидои шеър гузошта шуда, пас дар охири ҳар як банд айнан такрор меёбад. Панҷум ин ки, шоир шахсияти «қаҳрамони» худро бо суханони умумӣ таҳқир накарда, балки моҳияти иҷтимоии ин образро мекушояд – аз қабили: «мурғи ҳамсоя аз катак задагӣ», «устухон аз даҳани саг задагӣ», «аз сари авратон лачак задагӣ», «луқмаи халқ аз тутак задагӣ», «пули мардум гирифта так задагӣ», «чармак аз чархи беваяк задагӣ» ва ғ.

Намунаи дигари пурраи фолклорӣ, ки имкониятҳои жанрии мусаммату тарҷеъбанд хуб истифода шудаанд:

Чор бачаи навсафар
Баромадан дар камар.
Тарма омад ай ду бар,
Хундорай барфу борон.

Чор бача шуд дар шинак,
Тайи пошон лагжидак,

Тарма омад, надидак,
Хундорай барфу борон.

Чор бачаи дар сафар
Сафарошон гашт хатар.
Балхӣ, бубар ту хабар,
Хундорай барфу борон.

Хов будан дами саҳар,
Балхӣ бибурд ин хабар
Ба падару ба модар
Хундорай барфу борон.

Чор бачаи бебова
Хованд дар тайи това,
Одам нестай букова,
Хундорай барфу борон.

Муддате чанд кофтанд,
Мурдаи чор ёфтанд,
Дарав сароҷо сохтанд,
Хундорай барфу борон.

Чор писара андохтанд,
Сар-сари бод бардоштанд,
Ба сӯи хона тохтанд,
Хундорай барфу борон.
Чор товут шуд тарвоза,
Дар қишлоқ шуд овоза.
Очаш ба кӣ буноза?
Хундорай барфу борон.

Чор товути рав-равон,
Қарор гирифт дар майдон.

Акаҳом ку, очаҷон ?
Хундорай барфу борон.

Рӯзам намози шом шуд,
Чор ҷогаҳам қатор шуд,
Чашми келино чор шуд,
Хундорай барфу борон.

Модар шудай хокистар
Дар ҳақи чорта писар.
Оҳе мега ай ҷигар,
Хундорай барфу борон.

Аз фотеҳаи келинон
Мулло Назир шуд гирён
Оби чашмуш шуд равон,
Хундорай барфу борон.

Чор келини гамдорум,
Ай гаматон беморум,
Ман фикри мурдан дорум,
Хундорай барфу борон.

Келинои дарбадарум,
Ҷаври Худо дар сарум,
Ҳамин будай тақдирум,
Хундорай барфу борон.

Хонаҳои тарҷеъбанд, одатан 10-15 байтӣ мешавад; аз инҳо каму зиёд низ вомехӯрад.

Чунончи, шоири муосири эронӣ Ризо Сафоии Муаййид дар сифати тоҷикон ва Тоҷикистон се тарҷеъбанд суруда, ки ҳар яке чаҳор хона дораду ҳар хона ду байт, ба иловаи байти тарҷеъ. Барои мисол, хонаи якум аз тарҷеъбанди якум:

Ҳар ду як рӯҳу ду ҷисмем з-айёми қадим,
Шудаем мо ду ватан бимаи раҳмону раҳим.
Ҳомии мо ду бародар шуда гаффори карим,
Душмани мо шуда дармондаю бемору раҷим.
Тоҷикистон шуда ҳамбастаи Эрони азиз,
Соқиё, бодаи гулранг ба паймона бирез![1]

Қонунияти умумии тарҷеъбандҳо ин аст, ки хонаҳо мисли ғазал қофия доранд. Ҷиҳати намудор ду банд аз тарҷеъбанди Убайди Зоконӣ оварда мешавад, ки ҷамъ ҳафт хона асту хонае ҳафт байт дорад:

Вақти он шуд, ки кор дарёбем,
Дар шитоб аст умр, биштобем.
Дидаи ҳирсу оз бардӯзем,
Панҷаи зӯҳду зарқ бартобем.
Мо гадоёни кӯи майкадаем,
На муқимони кунҷи меҳробем.
На зи ҷаври замона дар хашмем,
Н-аз ҷафои сипеҳр дар тобем.
На асирони ному номусем,
На гирифтори мулку асбобем,
Бандаи якравони якрангем,
Душмани шайхакони қаллобем.
Гирди кӯи мугон ҳамегардем,
Мутарассид, ки фурсате ёбем:
Бо муғон бодаи муғона хӯрем
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?
Ҳар ки ӯ оҳи ошиқона занад,
Оташ аз оҳи ӯ забона занад.
Ишқ шамъе аз он барафрӯзад,
Шуъла чун бар шаробхона занад,

[1] Нағмаҳои сафо. – Теҳрон, 1373 х.к., с. 119.

Май дарояд ба ҷӯшу ҳар қатра,
Акси дигар бар остона занад.
Ҳар кӣ з-он бода ҷуръае бичашид,
Лофи мастии ҷовидона занад.
Бандаи он дамам, ки бо соқӣ
Шоҳиди мо дам аз ҷамона занад.
Бо ҳарифе се-чор, к-аз мастӣ
Ин кунад рақс в-он чагона занад.
Хез, то пеш аз он ки мурғи саҳар
Боли заррин бар ошёна занад,
Бо муғон бодаи муғона хӯрем
То ба кай ғуссаи замона хӯрем?

Тарҷеъбанди шайх Саъдӣ, ки байти восилааш ин аст:

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам…

бисёр машҳур мебошад, ва ниёзе ба иқтибосро надорад. Дар ин асари ҳаҷман калон, ки ҳар хонааш аз 9 то 12 байтро ташкил медиҳад, шоир доди суханро додааст.

Банди якуми тарҷеъбанди Фахриддини Ироқӣ (асри XII):

Дар майкада бо ҳарифи қаллош
Биншину шароб нӯшу хуш бош!
Аз хатти хуши нигор бархон
Сирри ду ҷаҳон, вале макун фош.
Бар нақши нигор фитна гаштем,
З-он рӯй намерасам ба нақкош.
То бо худам, аз худам хабар нест
Бо худ нафасе набудаме кош.
Махмури маям, биёр соқӣ,
Нуқлу май аз он лаби шакарпош,
Дар савмааҳо чу май нагунҷад
Дурдикашу майпарасту қаллош.

Ман низ ба тарки зуҳд гуфтам
Инак, шабу рӯз ҳамчу авбош.
Дар майкада мекашам сабӯе,
Бошад, ки биёбам аз ту бӯе.[1]

Дар таърихи адабиёти классикӣ, махсусан марҳилаҳои аввали он, тарҷеъбандҳое вомехӯранд, ки хонаҳо мисли ғазал қофия надошта, балки тамоми мисраъҳои ҳар хонае ба як риштаи қофия даркашида шудаанд. Чунончи, аз се ду тарҷеъбанди Фаррухӣ, ки дар девони ӯ дарҷ аст, чунин мебошад. Ҷиҳати намуна ду банди як шеъри ӯ оварда мешавад:

Ҳамегуфтам, ки кай бошад, ки хуррам рӯзгор ояд,
Ҷаҳон аз сар ҷавон гардад, баҳори гамгусор ояд.
Баҳори гамгусор ояд, ки ҳар касро ба кор ояд,
Баҳоре, к-андар ӯ ҳар рӯз майро хостор ояд.
Зи ҳар боде, ки бархезад, кунун бӯи баҳор ояд,
Кунун моро зи боди бомдодӣ бӯи ёр ояд.
Чу рӯи кӯдакони мо дарахти гул ба бор ояд,
Нигори лоларух бо мо ба хуррам – лолазор ояд,
Маи мушкин гусорад, то гаҳи бӯсу канор ояд,
Ҳаво хуш гардаду бо табъи хусрав созгор ояд,
Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.
Май акнун лаъли тар гардад, ки гул рухсор бикшояд,
Ту гӯӣ, гул ҳаме ҳар рӯз дар май ранг бифзояд:
Май аз гул гуна бистонад, гул аз май ранг бирбояд,
Гулу майро ту пиндорӣ, ки як модар ҳамезояд.
Нигорино, бадин шодӣ маро гар май диҳӣ, шояд,
Май акнун дех, ки май танро ҳаме чун руҳ дарбояд.
Табиби ман гул асту гул маро ҷуз май нафармояд,
Дили зоҳид, ки мебинад ба май, ҳаққо, ки бигрояд,

[1] Аз дастнависи Фарруха Зеҳниева, с. 61-62.

Гул он ки вақти он омад, ки чашм аз хоб бикшояд,
Чу рӯи хубрӯён маҷлиси хусрав биёрояд.
Аз ин фархунда фарвардину хуррам ҷашни наврӯзӣ
Насиби хусрави одил саодат боду пирӯзӣ.

Тарҷеъбанд ва таркиббанд дар ҳақиқат аз теъдоди ғазал, ки дар баҳр ва қофияҳои гуногун суруда шудаанд, таркиб ёфтааст. Ҳар гоҳ ин ғазалҳо бо байте воҳид бо якдигар иртибот ёбанд, онро *тарҷеъбанд* гӯянд; ва ҳар гоҳ байти робит низ дар поёни ҳар ғазал тағйир ёбад, онро *таркиббанд* номанд.

Табиӣ аст, ки ин навъ шеър пас аз ривоҷ ёфтан ва такомули нисбии ғазал суруда мешавад. Аммо нуктае, ки то кунун дар боби ин ду навъ шеър ва тафовути зоҳирии он бо мусаммат гуфта нашуда ин аст ки, ҳар гоҳ тамоми мисраъҳои таркиббанду тарҷеъбанд дорои қофия бошанд (чунонки ду таркиббанди Фаррухӣ - яке дар мадҳи Маҳмуди Ғазнавӣ, дорои бисту панҷ банд, ва дигаре дар мадҳи Амир Юсуф бародари Маҳмуд, дорои бисту чаҳор банд) дигаргунӣ бо мусаммат надорад, тафовути он зиёдтар будани теъдоди мисраъҳои ҳар банд аст. Метавон онро низ навъе мусаммат ба шумор овард.

Аммо навъе дигар аз таркиб ё тарҷеъбанд вуҷуд дорад, ки тамоми мисраъҳои он қофия надорад, ҳар банде монанди як ғазал, ё қасидаи одӣ суруда мешавад (монанди тарҷеъбанди Фаррухӣ дар мадҳи Абулҳасан Алӣ б. Фазл б. Аҳмади маъруф ба Ҳаққоқ), ин навъ тарҷеъбанду таркиббанд бо мусаммат тафовути асосӣ дорад.

Як қитъаи Ғазавонии Лӯкарӣ дар мадҳи вазир Абулҳасан Убайдулло б. Аҳмад ал-Утбӣ:

Убайдуллои ибн Аҳмад вазири шоҳи Сомонӣ
Ҳаметобад шуои додаш он пурнур пешонӣ.
Ба сурат одамӣ омад, ба маънӣ нури субҳонӣ,
Бухоро хуштар аз Лӯкар, Худовандо, ҳамедонӣ,
Валекин курд нашкебид аз дӯги биёбонӣ.

Шоири соҳибистеъдоди тоҷик Гулназар байти тарҷеъро баъди ҳар байте овардааст:

Чу Фирдавсӣ ҳанӯз аз кини Маҳмуд
Тақозо мекунад суду зиёнаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.
Агар хоне ба ягмо рафт, ғам нест,
Ба дил дорам ҳароси Ҳафт Хонаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Ҳамин тарзи созмонро Гулназар дар шеъри дигар («Бибии интизори ман ... ») низ кор бастааст, ки байти тарҷеаш ин мебошад:

Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Баглон.

Аммо дар ин шеър байти ду банди охир тағйир ёфтааст, ки низ бинобар тақозои мазмун воқеъ гаштааст:

Зери айвони пасти бобоӣ
Тифли навзоди бехабар гирён:
Бобии вай наомад аз Берлин,
Падари вай наомад аз Баглон.

Тоҷикистон диёри ҷонсӯзам.
Оташи дил чӣ сон кунам пинҳон?
Деҳқонат наомад аз Берлин,
Посбонат наомад аз Баглон.

Тарзи қофияи ин ду шеъри Гулназар **абвб** мебошад, яъне, мисраъҳои дуюму чорум мувофиқи ҳамдигаранд. Ин ду мисол далели он аст, ки шоирон дар тарҷеъ ихтироороти бисёр доранд, ва ин ҳодиса қобили омӯзиши ҷудогонаест.

Навъи дуюм – таркиббанд. Шоир маънии муҳими нисбатан томро дар хонае изҳор карда, ҷамъбасти гоявии онро дар байти восила баён менамояд, гӯё таркиби мундариҷавии банд дар байти васлкунанда хулоса мешавад.

Барои мисол ду банд аз асари Ибни Ямини Фарюмадӣ (1286-1368):

Ё насими меҳргонро заргарӣ ойин шудаст? –
Лӯъбатони богро зевар ҳама заррин шудаст.
Норван аз абр ҳамчун қуббаи кофур гашт,
Аброро борон ба сони ганҷ дурогин шудаст.
Гар на сардӣ мекунад боди хазон бо ҳар касе,
Пас, чаро з-омад-шудаш рӯи самар пурчин шудаст.
Шери зангори сабо аз фарқ бӯстон даркашид,
Бо арӯсони чаман, гӯӣ ки андар кин шудаст.
Қатраи борон зи бас, к-афсурда шуд бар шохҳо,
Ҳар куҷо шохе, ту гӯӣ, матлаи парвин шудаст.
Гашт Баҳман ҳамчу Намруду халоиқ чун Халил,
З-он ки оташ ҳар якеро чун гулу насрин шудаст.
Баъд аз ин бо лашкари Баҳман накӯшад офтоб,
То зи барра пӯстин бар тан напӯшад офтоб.

Чун сипоҳи баҳманиро бими ҷон аз оташ аст,
Пуштгармии халоиқ ин замон аз оташ аст.
Гӯиё оташкада-ст андар маҳи дай синаҳо
В-ин нафасҳои духонӣ бегумон аз оташ аст.
Дар зимистон то ба хона чун гулистон аст, лек
Чӯйбор аз согари май в-аргувон аз оташ аст.

Гар набудӣ оташ андар тан, бияфсурдӣ равон,
Пас, тавон гуфтан равон дар тан равон аз оташ аст.
Гарчи аз сармо зи сар то пой шамъ афсурда шуд,
Шаб аз он зинда-ст, к-андар неши ҷон аз оташ аст.
Оташ овардаст обе ҳам ба рӯи кори шамъ.
Бингар, инак, чашмае к-обаш равон аз оташ аст.
Гарчи боди дай ба сони тир меояд, валек
Аҳли оламро сипар дар дафъи он аз оташ аст.
Ин замон, к-аз осмон тобанда моҳи баҳман аст,
Золи Зар гар нест оташ, чун ки бехаш з-оҳан аст?

Дар хонаи якуми ин шеър сухан дар бораи авзои тирамоҳ меравад. Сабаби асосии ин вазъият – кам шудани таъсири офтоб мебошад, ки дар байти восила ифода ёфтааст. Дар хонаи дуюм баёни зимистон аст. Маълум, ки неъмати ҳаловатбахши ин фасл – *оташ* мебошад. Аз ин рӯ, шоир «оташ»-ро дар радиф гузошта, онро ба тариқи латифе тавассути *таҷоҳули ориф* дар байти восила ҷамъбаст мекунад.

Ҳар як хонаи таркиббанд сохти қофияи ғазалро дорад ва аксаран аз ҳафт-ҳашт байт фароҳам меояд.

Ҳар як байти восила, одатан, қофияи алоҳида дорад. Дар ин сурат, агар ҳамаи байтҳои восила як ҷо ҷамъ карда шаванд, як қитъаи маснавӣ ҳосил мешавад.

Аз рӯи мавзуъ, таркиббандҳо чунин хусусият доранд, ки бештар дар ишқу муҳаббат, фаслҳои сол ва мотам суруда мешаванд. Дар поён ду банд аз таркиббанди марсияи Амир Шайхами Суҳайлӣ (1444-1502) дар вафоти Амир Алишери Навой оварда мешавад:

Воқиф най, эй дил, ки чӣ афтод ҷаҳонро?
Танҳо на ҷаҳонро, ки заминрову замонро.
Абре аҷабе, тира бар афлок баромад
З-он сон, ки аҷаб дошт шаби тира мар онро.
Барқаш ҳамагӣ таъназани шуълаи дӯзах,

Раъдаш ҳама бозоршикан сӯри фалонро.
Бар кӯҳе ғаму дард биборид тагарге,
К-аз шиддати он кӯҳ бароварда фигонро.
Тӯфони бало гашт аз он кӯҳ равона,
Дар пеши дар афганд ҳам инрову ҳам онро.
Афтод гузораш ба сӯи шаҳри муғоне,
Шаҳре, ки на зеботар аз ӯ шахс гумонро,
Он бесару по сар заду бехост даромад,
Нагзошт, ки маъмура дар он шаҳр нишонро.
Дардо, ки чунин турфабино шаҳри нишонро.
Аз пой ба зер омаду аз даст шуд охир.

… Рафт он ки дар офоқ на з-ӯ хубтаре буд,
Ё ақл шумурдӣ, ки ба ҷояш дигаре буд?
Дар олами маънӣ малаке буд муқарраб,
Ҳарчанд дар ойинаи сурат башаре буд,
Табъаш чу кушодӣ сари алвони ниамро,
Хони фалак аз моидааш моҳазаре буд.
Килкаш, ки алам буд ба ширинии таҳрир,
Васфаш ба найи килк камин найшакаре буд.
Дар маҳфили ҳар тоифа будӣ сухани ӯ,
Гар аз сухане сӯхтаеро асаре буд.
Бечорае ар мушкили худ арз намудӣ,
З-он сон ки дил осуда шудӣ, чорагаре буд.
Қабраш, ки сӯи ҷаннати аъло шуд аз он роҳ,
Не қабр, ки дар равзаи фирдавс даре буд.
Имрӯз азои сухану назми киромист,
К-аз мулки сухан рафта бурун Хусраву Ҷомист.

Навъи сеюм аз тарҷеъот, ки мутахассисон ба он, бинобар нодир-ул-истеъмол буданаш, номе ҳам надодаанд, гоҳе дар эҷодиёти адибон вомехӯрад. *Муҳимтарин нишонаи ин навъ он аст, ки байтҳои восила мазмунан тағйир меёбанду қофияашон*

ягона мемонад. Дар сурати ҷамъ кардани байтҳои восилаи чунин тарҷеот метавонад як қитъа шеъри алоҳида ҳосил шавад.

Мисол, ду банд аз асари Абдулқодирхоҷаи Сандо:

Эй дил, аз ин сипеҳри ситамгар вафо маҷӯй!
В-аз ин кабудҳулла дами ошно маҷӯй!
Бо заҳри сабр хӯ куну з-ӯ ангубин махоҳ!
Бо дарди фақр тан деҳу аз вай даво маҷӯй!
Бар бод деҳ нафоиси умру иваз магир !
Исор кун ҷавоҳири ашку баҳо маҷӯй!
Бунёди ҳастии ҳама бар бод додааст,
Омода шав, барои фанову бақо маҷӯй!
Дар даври чарх тухми амал бар сар аст.
З-ин тирарӯза мояи нашъу намо маҷӯй!
Не мотамаш муқаррару не ишрататаш муқим,
Ҷуз эътибор ҳосили сӯзу азо маҷӯй!
Гар чун сипанд бар сари оташ нишонадат,
З-ӯ он қадар, ки дуди ту хезад, фазо маҷӯй!
Охир туро чи ҷои иқомат бувад ҷаҳон ?
К-Одам зи ҷаври чарх бурун аз наим шуд.

З-он дам, ки чарх бар сари одам ситодааст,
Бе заҳмате ба кас дами обе надодааст.
Донӣ, ки ин ҳарири мушаббак барои чист?
Гетӣ барои сайди ту доме ниҳодааст.
Гар дар ҳунар саге зи саге имтиёз ёфт,
Бар гарданаш зи меҳнати даврон қилода аст.
Ҳаргиз надидаем саворе дар ин бисолот,
К-охир на аз ҳуҷуми ҳаводис пиёда аст.
Танҳо аз ӯ дар оташи меҳнат нишастааст,
Сарҳо аз ӯ ба хоки мазаллат фитодааст.
Чун гунбаде ба кӯҳна мазорест чарху меҳр
Лавҳе дар ӯ, вале зи хати меҳр сода аст.

Эмин машав зи шуъбадаҳояш, ки Каҳкашон
Тӯмори фитна аст, ки гардун кушодааст.
Бедоди ӯ нагӯяму эй халқ, машнавед!
К-имрӯз дар замона азои азим шуд!

Тарҷеот дар назми муосири тоҷик ба тағйироти зиёде дучор омадааст. Чунончи, гоҳе хонаҳо аз рӯи миқдори байтҳо ва чигунагии қофияашон, бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд, ё байти восила гоҳе оварда мешаваду гоҳе сарфи назар мегардад, ё усулҳои тарҷеъбанду таркиббанд омезиш меёбанд, ва ғ.

Мустазод. *Маънии луғавии «мустазод» - зиёд, илова кардашуда мебошад.* Ба гуфтаи Ҳабиби Яғмоӣ, ҳар гоҳ ба охири ҳар як аз мисраъҳои ғазал ё рубоӣ ё қасида, як ё чанд калима, ба ҳамон оҳанг бияфзоянд, ки ба он мисраъ вобастаю марбут бошад, чунин шеърро «мустазод» гӯянд.[1]

Ҳамчун истилоҳ «мустазод» дар ду соҳаи санъат: *адабиёти бадеӣ* ва *мусиқӣ* истифода мешавад.

Мустазод *дар адабиёти бадеӣ - жанри лирикиест, ки баъди як мисраъ, ду мисраъ, се мисраъ – яктоӣ, ё дутоӣ фикраи мавзуни мустақилмаъно, ба таври илова, оварда мешавад.*

Масалан, як фикраи иловагӣ баъди як мисраъ – аз *рубоии мустазоди* Абӯсаиди Абулхайр:

Дишаб зи паи гулоб мегардидам
Дар тарфи чаман,
Пажмурда гуле миёни гулҳо дидам,
Афсурда чу ман …

Як фикраи иловагӣ баъди як байти шеър – рубоии мустазод аз «Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»-и Шарафиддини Ромӣ (асри XIV):

[1] *Ҳабиб Яғмоӣ.* Илми қофия. – Теҳрон, 1340, с. 32.

Дар ҳалқаи анбарин банд андар банд,
Дилдор барои фитна бар дӯш афканд
Монанди каманд.
Моему дилеву ин дили сӯхтаро
Бо ҳар ки ниҳодем, дил аз мо барканд,
Ё раб, мапсанд!

Ғазали мустазоди Раҳмати Бадахшӣ (охири асри XVIII – аввали асри XIX), дар пайравии Ибни Ҳусом:

Гуфтам ба табиби ишқ: ман беморам
Шабҳои дароз то саҳар бедорам,
Баргӯй даво!
Саббоба ба набзи ман ниҳод аз раҳи лутф,
Гуфто: марази туро аҷаб пиндорам,
Ҳар субҳи масо!
Баргӯй ба ман рост, ки маҳбуби ту кист?
То аз мани хастаат шавад изҳорам,
Эй зори гадо!
Бар дарди ту ҳар даво надорад суде,
Ҷуз шарбати васли ёр, эй ҳушёрам,
Бишнав ту зи мо.
Рав пеши нигори хеш, гӯ дарди дилат,
Изҳор намову гӯй, эй дилдорам,
Аз баҳри Худо[1]

Як ибораи иловагӣ ба дунболи байт:

Рафтам, ба табиб гуфтамаш: беморам!
Аз аввали шаб то саҳар бедорам.
Дармонам чист?

[1] Ганҷи Бадахшон, с. 219-220.

Набзам, чу табиб дид, гуфт аз сари лутф:
Ҷуз ишқ надорӣ маразе, пиндорам,
Маҳбуби ту кист?

Як фикраи иловагӣ баъди се мисраи комил – аз шеъри Муъмин Қаноат «Меҳри модар» (с. 1956):

Дар гармиву покиву ҷаҳонорой
Кай бошад офтобро ҳамтое?!
Аз тобиши ӯ ҷумла набототи ҷаҳон
Шуд соҳиби ҷон.

Рахшандагии ҳаёт аз шуълаи ӯст,
Олам ба шарофати ҷамолаш некӯст,
Як рӯз агар нур напошад ба замин,
Дунёст ғамин ...

Фикраҳои иловагӣ чуфт-чуфт ҳам оварда мешаванд. Як мисол аз шеъри Муъмин Қаноат «Дурри ноёб меёбад» (с. 1964):

Туро, ки зинда медорӣ каломамрову номамро,
Салом аз дӯстон овардаам, бишнав саломамро.
Мурувват кун, тамомӣ бахш ишқи нотамомро,
Бигӯ боре ҷавобамро,
Бигир бори савобамро!
Туро нодида, дидам гарчи ман бисёр хубонро,
Ҳазорон пайкарони рашки ҳайкалҳои Юнонро
Бутони кӯҳсору бутпарастони биёбонро,
Сияҳкории зулфонро,
Назарбозии чашмонро ...

Намунае дигар аз Суҳайлӣ (ваф. 1502); илова баъд аз ҳар мисраъ:

Эй аз назар андохта арбоби вафоро,
Бе ҳеҷ гуноҳе.
В-эй рехта хун дидаи ғамдидаи моро,
Нокарда гуноҳе.
Рӯзи сияҳамро ҷиҳат аз зулфи сияҳ пурс,
Ҳарчанд набошад.
Ҳоли мани савдозадаи бесарупоро,
Ҳоҷат ба гувоҳе.
Ғайри саги он кӯй, ки фарёд барорад,
Чун сӯи ту оям,
Кас нест, ки такрор кунад ҳоли гадоро,
Дар ҳазрати шоҳе,
То бод раҳи гесуи мушкини ту гум кард,
Ҳамчун мани бедил
Бар сар зи таассуф натавон ёфт саборо
Ҷуз хоки сиёҳе.
Садпора дил аз дидаи пурхун бадар афтод
З-он наргиси махмур
Бар чеҳраи ҳамчу зари ман, лолаъузоро,
Пӯшида нигоҳе.
Афрӯхта хоҳам нафасе кулбаи торик
Аз шамъи шабистон,
Меҳмони сияҳхонаи ман кард гадоро
Бо рӯи чу моҳе.
Ҷуз меҳру вафо нест чу оини Суҳайлӣ
Боз ой зи кина,
Андешаи онам куну мапсанд ҷафоро,
Оҳеву чӣ оҳе?![1]

[1] Гулшани адаб, ч. 3, с. 330.

Муҳаммадризо Муродӣ низ гуфта: «Мустазод – шеърест, ки дар охири ҳар мисраъ, ҷумлае зиёда биёваранд, ки он фақат дар маънӣ бо мисраъи аввал иртибот дошта бошад, на дар вазн».[1]

Мустазод, ба мисли жанрҳои лирикии дар боло ишорашуда, шакли конкрет ва ягонаи қатъӣ надорад. Аммо мустазод *чизе дорад, ки барои жанри мустақил шумурдани вай имкон медиҳад: ин – ба тариқи иловагӣ омадани фикраҳои мавзуни мустақилмаъно мебошад.*

Фикраҳои иловашаванда бояд ба чанд шарти муҳим ҷавоб диҳанд, чунончи:

якум – бояд мазмунан характернок бошад: мундариҷаи мисраъ (мисраъҳо)-и комилро дар шакли барҷаста ҷамъбаст намояд, образи шоиронаи онро пурра кунад;

дуюм – ба шеър рӯҳияи ҳайратангезӣ бахшад;

сеюм – аз ҷиҳати вазн мавзун ва ба оҳанги умумии шеър мутобиқ бошад; ҳамагӣ аз як ё ду тақтеъ фароҳам ояд, яъне, фикраи иловашаванда дароз набошад. Гоҳе мустазодҳое вомехӯранд, ки қисми иловашуда аз ду тақтеъ ҳам дарозтаранд. Ин дар он сурат равост, ки мундариҷаи ғоявии шеър тақозо кунад.

Мустазод маъмулан ба *рубой, қитъа* ва *ғазал* баста шудааст. Аммо онро дар жанрҳои дигар ҳам санҷидаанд.

Аз нуқтаи назари қофия, мустазод дорои хусусиятҳои ҷолиби диққат аст. Чунончи:

якум – мустазодҳое, ки ба ғазал баста шудаанд, сабки ғазалро доранд, яъне, мисраъҳои комил ҳам ба тарзи *аа, бб* … мешаванд, мисраъҳои иловагӣ ҳам: *вв, ев* …

дуюм – мустазодҳое, ки ба рубой баста шудаанд, услуби онро доранд. Аммо ин ҷо бояд гуфт, ки асли рубой метавонад *хасӣ* (*ааба* бошаду мисраъҳои иловагӣ -- тарона *вввв*) ва баръакс;

сеюм – рубоиҳои мустазоде ҳастанд, ки қофияи мисраъҳои иловагиашон мувофиқи мисраъҳои комил мебошад;

[1] *Муҳаммадризо Муродӣ*. Гузаре бар назму насри форсӣ. – Теҳрон, 1368, с. 56.

чорум – мустазодҳое, ки ба қитъа баста мешаванд, услуби онро доранд, яъне, мисраъҳои комил *аб, вб* .., мисраъҳои иловагӣ - *гд, жд* …;

панҷум – мустазодҳое, ки ба маснавӣ баста мешаванд, услуби қофияи онро доранд, яъне, мисраъҳои комил *аа, бб,* мисраъҳои иловагӣ ҳам: *вв, гг* …

Сабкҳои номбаршудаи сохти қофияи мустазодҳо мутобиқи *поэтикаи нормативӣ* сурат гирифтаанд.

Дар шеъри муосири тоҷик бинобар вусъат ёфтани тарзҳои бастани мустазод, услуби қофия ҳам такмил ёфт. Азбаски дар адабиёти муосири мо мустазод аз ҷиҳати шаклу намуд хеле ғанӣ мебошад, ин ҷо бо зикри чанд навъи он, ки аз ҷумла, дар эҷодиёти устод Лоҳутӣ ва Муъмин Қаноат вомехӯранд, қонеъ хоҳем шуд.

1) Ғазали мустазод, ки мисраъҳои комил ҳамқофия нестанду мисраъҳои иловагӣ тобеи як қофия омадаанд. Мисол – аз шеъри Абулқосим Лоҳутӣ:

Ҷон медиҳад ба ман, ҷон …
Овозро бубинед!
Дил мерабояд аз ман, дил …
Нозро бубинед!
Чашмаш чу бар ман афтад,
Дилро канад зи сина!
Симурғ мекунад сайд,
Шаҳбозро бубинед!

«Садди назар» (с. 1958) ном шеъри хуби Муъмин Қаноат низ аз ҳамин қабил мустазод аст. Ба истиснои байти матлаъ, ки қофия дорад.

2) Гоҳе мисраъҳои комил аз қофия озод мешаванду мисраъҳои иловагӣ ба тарзи маснавӣ меоянд. Шеъри Муъмин Қаноат «Аҳсант ба одам» (с. 1962), ба истиснои байти дуюм, ки ҳамқофия аст, аз ҳамин қабил аст. Матлаи ин шеър:

Як моҳваше дар лаби дарёчаи кӯҳӣ
Аз об баромад.
Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде
Маҳтоб баромад …

3) Гоҳе мисраъҳои иловагӣ аз қофия озоданд. Дар сурате, ки мисраи иловагӣ баъди ҳар байти маснавӣ меояд, хушоҳангии шеър он қадар халалдор намешавад. Барои мисол, як пора аз шеъри Муъмин Қаноат «Иди бахт» (с. 1959) иқтибос мешавад:

Асрҳо аҷдодҳои мо зимистони дароз
Қиссаи сарбаста аз иқбол мепардохтанд
Бахти одамношинос.
Баски бо бечорагон асло сару коре надошт,
Гӯй, дар рӯи замин ҷуз ном осоре надошт.
Мардуми бехонумон …

Аммо мустазоди мазкур се истисно дорад: мисраъҳои байти якум ҳамқофия нестанд; мисраи иловагии пеш аз байти охирин овардашуда бо байти мақтаъ ҳамқофия буда, баъди байти охир мисраи иловагӣ оварда нашудааст. Бояд гуфт, ки мисраъҳои иловагӣ дар шеъри «Иди бахт» мазмунан, на бо мисраъҳои пешин, балки бо мисраъҳои пасини худ алоқаманд мебошанд.

4) Гоҳе мисраъҳои иловагии баъди ду ё се мисраи комил овардашуда бо онҳо ҳамқофия меоянд. Чунончи, мустазоди «Корвони нур»-и Муъмин Қаноат. Матлаи ин шеър:

Чор пои оҳанин дар хок маҳкам, устувор,
Зӯри дарё, нури дарёе ба кифти ӯ савор,
Рост истодааст ҳамчун паҳлавон дар зери бор
Поя аз пояҳои бешумор …

5) Ғазе мисраъҳои иловагӣ на баъди мисраъҳои комил, балки пеш аз онҳо оварда мешавад. Масалан, як пора аз шеъри устод Абулқосим Лоҳутӣ «Бародарон»:

Ватан! Ватан!
Ватан! Ватан!
Дар ин ҷаҳон ягона меҳрубони ман туӣ,
Чӣ ҷои ин сухан? Ки худ ҷаҳони ман туӣ!
Ҷаҳон пур аз номи ту суруди ман, суруди ман
Бувад пур аз номи ту суруди ман, суруди ман

Бувад пур аз номи ту суруди ман, суруди ман
Нури ман, зӯри ман, завқи ман, ҷони ман туӣ![1]

6) Ғазе мисраъҳои иловагӣ оварда мешаванду ғазе не. Шоир аз рӯи талаби мазмуну оҳанги шеър баъзан фикраи иловагиро меорад, ғазе барои он эҳтиёҷе намебинад. Барои ин ҳолат, шеърҳои устод Лоҳутӣ «Ватани шодӣ», «Ба Павло Тичина», Муъмин Қаноат «Дар роҳи вафо» (с. 1956) мисол шуда метавонанд. Масалан, «Ватани шодӣ», ки аслан *мусаммати мухаммас* буда, аз 12 банд[2] иборат аст, танҳо банди якумаш мустазод дорад:

Рӯе хушу бӯе хушу мӯе хушу дилкаш,
Хандону ғазалхон.
Аз омаданаш дар бадани мурда дамад ҷон,
Фаттону париваш,
Мӯ анбару лаб шаккару рӯ миҷмари оташ,
Ё меҳри фурӯзон!

[1] Дар ин шеър ҳамагӣ се банд ҳаст, ки ҳар яке панҷ мисраи комил дорад ва дар вазнҳои гуногун омадааст.
[2] Аммо банди мақтаъ *мураббаъ* аст. – Шуъла ва шамшер. Душанбе: Ирфон, 1974.

Ин чист ба ин ҷомати чун сарв хиромон?
Ин кист, кӯҷоист?
Ин олиҳа - Шодист!

7) Пайрав Сулаймонӣ *мустазоде* – «Ба муносибати Инқилоби Бухоро» (яъне, сентябри 1920) гуфта, ки ду мисраъи иловагӣ бо мисраъи комил – ҳама қофияи ягона доранд:

Эй дидаи гирёншудаи бе сару сомон,
пурхун шуда чандон
аз баҳри азизон.
В-эй абрсифат қатразани додани борон
чун ҷавҳари ғалтон,
муштоқи каримон.
Эй дил, шуда маҷруҳ ту аз ханҷари буррон,
аз дасти вазирон
в-аз ҳукми амирон.
В-эй ҳамчу кабӯтар ба қафас монда зи тайрон
парҳо шуда яксон
бо зорию афғон (...)
Ҳон, мужда, шуд озодии ҷумҳурии шоён,
эй ҷамъи ҷавонон,
шуд навбати моён.
Шуд байрақи сурх аз дару девор парафшон
чун меҳри дурахшон
ҳар сӯ шуда тобон.

8) Ғазе мисраъҳои иловагӣ аз рӯи сабки *тарҷеъбанд* айнан такрор меёбанд, чунончи шеъри Ҷумъа Қувват «Дӯстӣ»:

Бар замин то ҳусн бахшад мавҷи гандумзорҳо,
Гулпарастон гул бичинанд аз гули рухсорҳо,
То суханвар васф созад заҳмати заркорҳо,
Сулҳро бояд сипар созем мо,
Дӯстиро тоҷи сар созем мо.

То набошад умри одам бебақову бевафо,
Ашки модарҳо нарезад то ки аз доғи ҷафо,
Баҳри тифлу модарон ҳар субҳ бошад босафо,
Сулҳро бояд сипар созем мо,
Дӯстиро тоҷи сар созем мо.

Агар мутобиқи талаботи шеършиносии (поэтикаи) нормативӣ жанри ин шеърро муайян кардан лозим ояд, онро мусаммати мусалласи мустазоди тарҷеъбанд гуфтан мумкин аст.

Доираи тематикии мустазод васеъ буда, аз жанрҳои қадимаи адабиёти тоҷику форс аст, ки дар ташаккули он саҳми назми халқиро донишмандон ишора кардаанд.

Ин навъи дилписанди шеър – зодаи табъи сухангустарони тоҷику форс аст. Аввалин мустазодҳои адабиёти хаттӣ, ки ба мо дастрасанд, дар асри XI таълиф ёфтаанд. Дар тамоми даҳ асри баъдина ҳам ин жанр ба кор рафтааст.

Аллома Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

Шайхи шаҳр аз риштаи тасбеҳ сад муъмин ба дом
Кофарони содадилро бар ҳамин зуннор тоб
Инқилоб, эй инқилоб, эй инқилоб!
Воиз андар масҷиду фарзанди ӯ дар мадраса
Он ба пирӣ кӯдаке, ин пир дар аҳди шубоб
Инқилоб, эй инқилоб, эй инқилоб!

Мусаммати дигаре аз ҳамин шоир:

Фарёд зи афрангу диловезии афранг
Фарёд зи ширинию парвезии афранг.
Олам ҳама вайрона зи чингизии афранг
Меъмори ҳарам! Боз ба таъмири ҷаҳон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Иқбол ин маъниро дуруст дарёфта ва таъкид карда, ки шеъри асил сиришти одамиро ислоҳ мекунад, такмил медиҳад; яъне ки шоирӣ - одамигарист, маънавиёти одамро месозад, тинату сириштро комил менамояд:

Шеърро мақсуд агар одамигарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист.

Муаллифоне ҳамчун Р. Орзибеков[1] ва М. Ҳакимов,[2] мустазодҳои дарӣ-тоҷикии асрҳои XI-XIV-ро нодидаанд, ва ё нодида гирифтаанд, ки назар ба ҳукми эшон мустазод гӯё мансуби фолклор ва адибони туркизабон будааст ва онро гоҳе шоирони туркнажод ба форсӣ-тоҷикӣ низ сурудаанд.

Аз мушоҳидаи таърихи адабиёт бар меояд, ки *дар ҳар даври замон шоироне, дар ҳалли мушкилоти рӯзгори худ, дар истеъдоду маҳорат, дар иқтидори сухан, инчунин аз сатҳи тафаккури ҷамъиятии замони худ як сару гардан аз муосиронашон баланд будаанд, мустазодро ба кор бурдаанд.*

Мутахассисон инро ҳам қайд кардаанд, ки дар бисёр навовариҳои шоистаи мундариҷавию шаклии адабиётамон ҷойгоҳи мустазод калон аст.[3]

Жанрҳои омехта

Тавре ки маълум аст, ҳар яке аз жанрҳои адабӣ дар ифодаи мазмуну ғоя дорои имкониятҳои хоси худ мебошад. Ба ин мақсад, агар дар мустазод аз мисраъҳои иловагӣ фоида бурда шавад, дар тарҷеот аз байтҳои восила,

[1] *Р. Орзибеков.* Мустазод. – Адабий мерос, 1981, 18-сон, с. 35.
[2] *М. Ҳакимов.* Традиции фольклора в творчестве Алишера Навои. – Автореферат докторской диссертации. – Ташкент, 1989, с. 12.
[3] Доир ба мустазод, аз ҷумла ниг.: *Р. Мусулмонқулов.* Мустазод дар сарчашмаҳои адабии назарӣ. – Маҷ.: Аз таърихи афкори адабии халқи тоҷик. Маҷмуаи илмӣ, ҷ. 107. – Душанбе: (Инст. педагогӣ), 1977, с. 195-203; Боз: Асрори сухан, с. 103-112; *С. Имронов.* Мустазод. – ЭСТ, ҷ. 4, с. 591.

дар мусамматҳо аз мисраъҳои охирини ҳамқофияи бандҳо, дар ғазалу қасидаю қитъа аз ягонагии қофия ва радиф ва ғ. Истифода мешавад.

Шоирони моҳир, гоҳе дар як асари бадеӣ қонуният ва имкониятҳои ду жанри маъмулро ба кор мебаранд.

Масалан, Шамсиддин Муҳаммади Шоҳин (1866-1986) *мусаммати мусаддаси* пурошӯбе гуфтааст, ки аз панҷ банд иборат аст. Хусусияти услубии фарқунандаи он дар ин аст, ки як мисраъ ҳамчун тарҷеъ айнан такрор мешавад.

Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.

Дар ин мисраи тағйирёбанда муроди ғоявии шоир ифода ёфтааст. Шоҳин, ки дар марҳилаи пуринқирози ҷомеаи феодалии Бухоро зиндагӣ мекард, аз фисқу фасод, торикию бедодии он гурехтан мехост, "Аммо чи метавон кард – ҷои дигар набошад?". Барои намуна ду банди ҳамин шеър оварда мешавад:

Ҳ-ин сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад.
Сӯзи матои дониш гайр аз зарар набошад,
Одам касе нахонанд онро, ки хар набошад.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.
В-аммо чи метавон кард? – ҷои дигар набошад!

То кай ба ваъдаи шир Ширин диҳад фусунам?
Чун Кӯҳкан кашонад дар пои Бесутунам!
В-он гаҳ кушояд аз дил бар дида ҷӯи хунам
Ку тешае, ки аз дил оҳе занад бурунам?
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.
То бар сарам аз ин зол захми табар набошад ...

Шоҳин дар ин шеър усули тарҷеъбандро қисман риоя кардааст, яъне, мисраи якумро айнан такрор карда, мисраи дуюми байтро мувофиқи тартиботи мусаммат, бо банди якум ҳамқофия овардааст.

Ин усулро устод Лоҳутӣ ҳам ба кор бурдааст. Чунончи, дар шеъри замоничангии худ "Ман ба майдон меравам" баъди ҳар банде ин мисраъро такрор мекунад:

Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам!

Сабаби такроран омадани мисраъ равшан аст: *магзи ғоявии тамоми шеърро ифода менамояд.*

Ҳикояи лирикӣ. Нишонаҳои асосии ҳикояи лирикӣ инҳо будаанд:

1) воқеа инъикос намешавад;

2) предмети тасвири ҳикояи лирикиро ишора ба воқеа, баёни ҳолату предмет ва масъалаҳои зиндагӣ ташкил медиҳанд;

3) матлаб тавассути эҳсосот ва андешаи қаҳрамони лирикӣ баён мешавад;

4) ташхису маҷозу киноя дар ҳикояи лирикӣ фаровон ба кор меравад;

5) ҳикояҳои лирикӣ арзиши дидактикӣ доранд; муроди муаллиф одобу ахлоқ омӯхтани ҷомеа, васеъ кардани доираи маърифати онҳо мебошад.

Таърихи адабиёти халқҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки адибони забардасти ҳассос ва мутафаккир ҳикоятҳои лирикӣ эҷод кардаанд. Китоби ҳикоёти лирикии Робиндранат Такур миёни хонандагони халқҳои гуногун шуҳрат дорад.

Дар матбуоти даврии тоҷик ҳикояҳои лирикиро гоҳе *тарона, лавҳа, чакида* ҳам мегӯянд, ки ҳеҷ яке қобили қабул буда наметавонад.

Достони лирикӣ. *Достони лирикӣ, ба мисли жанрҳои маъмули лирикаи тоҷик, шакли мушаххас надорад.* Дар асрҳои миёна дар шакли *маснавӣ* зуҳур кардааст. Дар давраи нав гоҳе дар маснавӣ эҷод шавад, гоҳе дар шаклҳои дигари шеърӣ таълиф меёбад.

Агар чун меъёри муайянкунандаи жанри достони лирикӣ унсур ва ё унсурҳои мушаххаси шакл хизмат карда натавонанд, пас, барои ташхиси ин жанр чӣ кӯмак мерасонад?

Ин навъ хизматро *мундариҷа* мерасонад.

Пас, доир ба достони лирикӣ метавон гуфт, он муҳташамтарин жанри лирикӣ буда, таассуроти том ва анбӯҳи андешаҳои қаҳрамони лирикиро дарбар мегирад, андешаҳое, ки ҳамчинс ҳастанду ҳамдигарро тақвият медиҳанд.

Тавре ки аз "Махзан-ул-асрор"-и Низомии Ганҷавӣ, "Чароғи абадӣ", "Садои Осиё"-и Мирзо Турсунзода, "Сурӯши Сталинград", "Мавҷҳои Днепр"-и Муъмин Қаноат ва ғ. маълум мегардад, достони лирикӣ:

1) ба масъалаҳои хеле муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқии аҳли замон бахшида мешавад;

2) ин ҷо ба масъалаи муҷаррад дахл карда намешавад, балки силсилаи масъалаҳои узван алоқаманд, ва ё моҳиятан вобастаи ҳамдигар ба миён гузошта мешаванд;

3) дар ҳалли масъала на *воқеа*, мисолу далелҳои конкрети зиндагӣ барои хулосаҳои ҷиддии қаҳрамони лирикӣ хизмат менамоянд;

4) достони лирикӣ дорои хусусияти фалсафӣ аст; адиби мутафаккир, ки аз муосирони хосу оми худ як сару гардан боло мебошад, миёни масъалаю воқеаҳои гуногуни ҳозира ва минбаъда, ҳамбастагии мантиқиро мушоҳида карда, роҳҳои ҳалли оқилона ва пешгирӣ намудани онҳоро барои муосирон ва ворисони худ нишон медиҳад;

5) ҷавҳари ҷаҳонбинии санъаткор дар достони лирикӣ хеле равшан ифода меёбад; мавқеи ғоявии иҷтимоии адибро аз достони лирикии вай ба осонӣ хондан мумкин аст;

6) дар достони лирикӣ шоир силсилаи образҳоро офарида метавонад. Аммо ин образҳо ба тариқи *лирикӣ тасвир меёбанд*. Адиб қаҳрамони худро *танҳо* нишон медиҳад, раванди ташаккул ва такомулоти характери вайро тасвир карда наметавонад;

7) дар маркази образҳои лирикӣ худи *қаҳрамони лирикӣ* меистад. Дуруст аст, ки дар марказ будани вай на ҳамеша зоҳиру ошкор мушоҳида мешавад. Дар он асарҳое, ки шоир дар ҳалли масъалаи бағоят ҷиддӣ аз образҳои дигари лирикӣ пурсамар фоида мебарад, қаҳрамони лирикӣ зоҳиран номаълум мемонад. Аммо агар бодиққат мулоҳиза шавад, фаҳмидан душвор нест, ки дар аксари кулли мавридҳо қаҳрамони лирикӣ дар асл моҳиятан ҳузур дорад, вале ҳузури вай *бевосита* не, балки *бавосита* аст;

8) масъалаи ягонагӣ ва яклахтӣ дар достони лирикӣ хеле муҳим аст. Аз мисоли асарҳое, ки зикрашон дар боло гузашт, маълум мешавад, ки дар эҷодиёти шоирони тавоно достони лирикӣ аз ҷиҳати таҷассуми ғоя, доираи мавзуъҳо ва ҳалли онҳо, аз рӯи оғоз ва фароварди мазмун, дорои шакли ба дараҷаи аъло ягонаву яклахт ҳастанд;

9) воситаи ягонагиву яклахтии асар гуногун аст, чунончи, гоҳе худи қаҳрамони лирикӣ мешавад, гоҳе – мундариҷаи ғоявӣ, баъзан ҳалли доираи тематикӣ, гоҳе дигар унсурҳои шакл – аз қабили вазн, қофияву радиф, санъатҳои бадеӣ, ҳатто радди матлаъ ва ғ.

10) достони лирикии ҳақиқӣ мартабаи муаллифи худро натанҳо дар таърихи адабиёти он халқ, балки дар таърихи маданият ва умуман, ҷамъияти ӯ низ муайян менамояд.[1]

[1] Доир ба достонҳои лирикии тоҷик ва баъзе хусусиятҳои он, аз ҷумла, ниг.: Ю. Акбаров. Лирическая поэма в современной таджикской поэзии. – Автореферат дисс. канд. филол. наук. – Душанбе, 1973, 26 с.; *Х. Отахонова.* Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1983; с. 83-97.

"Дастон" ба маънии фиреб ҳам меояд: Абӯшакури Балхӣ гуфта:

Эй гашта ман аз ғами фаровони ту паст.
Шуд қомати ман зи дарди ҳиҷрони ту шаст.
Эй шуста ман аз фиребу дастони ту даст,
Худ ҳеҷ касе ба сирату сони ту ҳаст?

Анварии Абевардӣ:

Сарваро, покдило, з-ин фалаки бесарупо
*Зиндагонии **раҳӣ** гашт бағоят душвор.*
Нақд мебоядам имрӯз зи хизмат сад чиз,
Нақдтар аз ҳама ҳоле фарачию дастор.
Бандагонанд фаровон зи ту бо неъмату ноз,
Бандаро низ, чӣ бошад, ҳам аз эшон ангор.[1]

Ҳофиз:

Тири ошиққуш, надонам, бар дили Ҳофиз кӣ зад?
Ин қадар донам, ки аз шеъри тараш хун мечакад.

Ба гуфтаи шодравон Гулисурхӣ, "дар шеъри Камол як мусалласи ҳамешагӣ ба чашм мехӯрад. Як сӯ маъшуқа, як сӯ ошиқ, яъне, шоир ва аз сӯи дигар рақиб. Ин ҳар се мусаллас ҳастанд, ва ғазал бар пояҳои онҳо қарор мегирад".[2]

Сонет. *"Сонет" калимаи итолиёӣ буда, маънии садо доданро ифода менамояд.*

Ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ, *сонет – чунон жанри лирикиест, ки ҳамагӣ аз 14 мисраъ иборат буда, сохти қофияаш*

[1] *Девони Анварӣ*, ч. 1. – Теҳрон, 1337, с. 189-190.
[2] *Гулисурхӣ.* Муқаддима бар девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, ч. 1. – Теҳрон, 1374, с. 99.

абба-абба-ввг, дгд аст. Қонунҳои мазкури шаклии сонет қатъианд. Он ҳатман бояд аз чаҳор банд (ҷамъан 14 мисраъ) иборат бошад. Тарзи қофияаш бояд чунон бошад, ки зикр гардид. Аммо шоироне пайдо шудаанд, ки дар миқдори мисраъ ва сохти қофияи сонет тағйирот даровардаанд. Вале ин тағйирот чандон мавқеъ пайдо накардааст.

Жанри сонет дар Италия, дар асри XIII пайдо шуд. Он дар эҷодиёти Данте, махсусан Петрарка, ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасад. Сонет дар кишварҳои дигари аврупой ҳам ҳусни таваҷҷуҳ пайдо кард. Чунончи, дар эҷодиёти П. Ронсари фаронсавӣ (асри XVI), Вилям Шекспир (асри XVIII) мақом дорад. Дар Лаҳистон Адам Мискевич намунаҳои аълои сонетро офаридааст. Дар Русия В.К. Третяковский, В.А. Жуковский, А.С. Пушкин ва дигарон сонет гуфтаанд. И. Бехер сонетро ба хидмати инқилоб гузошт. Шоири дигари олмонӣ А. Гаусгофер, ки силсилаи "Сонетҳои Моабит"-ро эҷод кардааст, дар ин жанри лирикӣ ғояҳои зиддифашистиро тараннум кард. Сонет дар қитъаи Омрико ҳам эътибор дорад. Махсусан, шоираи Чили Габриэла Мистрал муваффақ будааст.

Ба доираи тематикии сонет фикру андешаҳо ба зиндагӣ, ба замон, ҷомеа, ишқу муҳаббат, панду насиҳат ва ғ. дохил мешаванд. Барои баёни ақидаҳои сиёсиву фалсафӣ ин жанр имконияти мувофиқ дорад.

Дар адабиёти рус, масалан, Л. Вшеславский, В. Палчиков сонет эҷод кардаанд. Аз шоирони муосири ӯзбек бештар Барот Бойқобилов сонет мегӯяд.

Дар адабиёти тоҷик баъзе шоирон, чунончи Қутбӣ Киром, сонет гуфта бошад ҳам, ин жанр чандон мақом ишғол накард. Сабаби ин ҳолат, аз як тараф, мураккабии қонунҳои

жанрии сонет бошад, аз тарафи дигар, мавҷудияти жанрҳои сершумори лирикист.[1]

Ашъори номаълумжанр. Адибони забардасти асри XX, пеш аз ҳама, Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ки ворисони сазовори ҳама гуна мероси маънавӣ буданд, аз ҷумла, унсурҳои созгори шакли анъанавиро ғамхорона кор фармуданд, дар ҷои даркориаш онҳоро бо камоли кордонӣ такмил доданд. Аз тарафи дигар, ин ду устоди сухан, ки сари ғаҳвораи адабиёти навини тоҷик меистоданд, ба ҷараёни адабӣ назорат мекарданд, онро ба роҳи солиму дуруст меандохтанд.

Дар натиҷаи корбарии дурусти устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва адибони дигар, имкониятҳои поэтикаи анъанавӣ, аз ҷумла, жанрҳои адабӣ, дар замони Шӯравӣ фаромӯш нашудаанд, балки дар инкишофи шоистаи маданияти навин хизмати арзанда карданд ва мекунанд. Дар баробари ин, ба шарофати ҷустуҷӯи устодони сухан имкониятҳои нави баён кашф шуданд.

Шоирони муосири тоҷик, аз як тараф, жанрҳои гуногуни маълумро омезиш доданд, аз тарафи дигар, тарзе асарҳо офариданд, ки жанрашонро муайян кардан мумкин нест.

Шоирон шеъри сафед ҳам сурудаанд. Нимо дар ин кор маҳорати том дорад. Дар шеъри озод, ки тақтеъ риоят намешавад, Шомлу хушгӯ мебошад.

Дар адабиётшиносии навини тоҷик ақидае ҳам гуфта шудааст, ки барои муайян кардани жанри ин қабил шеърҳо эҳтиёҷ нест. Шояд дар асл ҳам, жанри ин асарҳоро кофтану ба онҳо ном додан кори бефоида бошад. Аммо моҳияти шаклии ин шеърҳоро омӯхтан, қонунияти онҳоро муайян кардан,

[1] Доир ба сонет муфассалтар ниг.: *Г. Шенгели*. Техника стиха. – М., 1960, с. 303-307; *П. Бехер*. Любовь моя поэзия. – М., 1965; *В. Никонов*. Сонет. – Словарь литературоведческих терминов. Просвещение, 1974, с. 364-365.

дараҷаи созгориашонро бо мундариҷаи ифодашаванда ошкор кардан зарур аст. Ин кор табиист, ки таҳқиқоти доманадори ҷиддиро тақозо менамояд. Инаш ҳам пӯшида нест, ки ҳоло гоҳе шакли шеър беҳуда, бе ҳеҷ асос, бидуни эҳтиёҷоти мундариҷавӣ бофта мешавад, шоир моҳияти шакли асари худро дуруст муайян карда натавониста, аз рӯи услуби "пеш омаду хуш омад" мисраъву байт мебофад.

Барои он ки аз ин гуна масъалаи чигил имконияти гурез ҳосил шуда бошад, дар адабиётшиносии баъзе халқҳо жанрҳоро аз рӯи мавзуъ ва мазмунашон муайян мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, ба масъалаи жанр умуман дахл накарда, бо таъбирҳои "лирикаи ишқӣ", "лирикаи сиёсӣ", "лирикаи иҷтимоӣ", "лирикаи ахлоқӣ" ва амсоли инҳо иктифо менамоянд.

Тахмин меравад, ки дар марҳилаи минбаъдаи тараққиёти адабиёти бадеӣ, илми адабиётшиносӣ, хоса қисмати назарии вай, ниҳоят ҷон мегирад, дар таҳқиқи қонунияти шаклии адабиёти бадеӣ, дар такмили роҳу равиши дурусти вай ҳисса мегузорад.

Дар адабиёти илмӣ, таълимӣ ва матбуоти даврӣ истилоҳоте аз қабили *лиро-эпикӣ, лиро-драмавӣ, эпикӣ-драмавӣ,* ҳатто *лиро-эпико-драмавӣ* ҳам вомехӯранд. Дар фасли аввали қисми якуми рисола гуфта шуда, ки ин навъ истилоҳоти муштарак саҳеҳ нест, зеро *асари мушаххаси бадеӣ,* дар навбати аввал, *ба талаботи асосии як ҷинси бадеӣ ҷавоб медиҳад.*

Ин ҷо оид ба он масъала таваққуф хоҳад шуд, ки сабаби пайдоиши истилоҳоти ҷинсҳои муштарак дар чӣ бошад?

Албатта, сабаби бевоситаи пайдоиши истилоҳоти ба ҷинсҳои муштарак далолатдиҳанда худи асарҳои бадеӣ мебошанд. Асарҳое ҳастанд, ки дорои нишонаҳои ҷинсҳои гуногуни адабӣ ҳастанд.

Дар зиндагӣ воқеае пайдо намешавад, ки моҳияти сирф якхела ва ҷиҳати танҳо яктарафа дошта бошад. Ҳар як воқеа,

як масъала чиҳатҳои зиёде дорад, моҳиятан ғанӣ мебошад. Чунончи, воқеа ҷанбаҳои ҳамосавӣ, драмавӣ ва лирикӣ дошта метавонад. Зеро ҳодисаро як кас не, балки гурӯҳи одамон ба амал меоваранд – ин чиҳати ҳамосавияти онҳо мебошад; воқеа ба тақдири одам таъсири шадиде мерасонад, дар ҳаёти вай лаҳзаҳои пурталотум ва пуртаҳлукае ба вуҷуд меоварад – ин ҷанбаи драмавии он маҳсуб мешавад; аз воқеа худи муаллиф ҳам мутаассир мешавад, таассуроту андешаҳои худро бевосита ва ё бавосита (масалан, тавассути қаҳрамоне) баён мекунад, - ин тарафи лирикии воқеа ба шумор меравад.

Ҷолиби диққат аст, нишонаҳои ҷинсҳои гуногуни адабӣ дар асарҳои барҷастае, ки ҳодисаю воқеаҳо ва масъалаҳои таърихи ҳаёти халқро (ё халққоро) фаро гирифтаанд, бештар вомехӯранд. Сабаб ин аст, ки маҳз чунин масъалаю ҳодисаҳо аз нуқтаи назари моҳият ва чиҳатҳо бештар мукаммал ва рангорангтар мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар истифодаи хусусиятҳои ҷинсҳои гуногуни адабӣ нависандагони забардаст бештар аз ҳама муваффақ мешаванд. Маҳз суханварони бузург қодиранд, муҳимтарину нозуктарин риштаҳои воқеаро пайдо намоянд, ҳар як тобишу ҷилои ошкору ниҳони онро ҷилвагар сохта, чиҳатҳои ибратангези вайро намудор кунанд.

Дар адабиёти навин, шоирон бештар асарҳои муҳташами лирикӣ офарида, зимни лирика аз файзи ҷинсҳои эпикиву драмавӣ пурсамар фоида мебаранд. Дар ин масъала муваффақияти барҷастаи шоири маҳбуби тоҷик Муъмин Қаноат боиси қаноатмандии хонандагону мутахассисон гардидааст.

БОБИ V

ЯКЛАХТИВУ ЯГОНАГИИ АСАРИ БАДЕЙ

Ҳар як чизи солим пурраю яклахт аст. Пуразриш ё камарзиш будани он ба пуррагию ноқисӣ, яклахтию парокандагиаш вобаста аст.

Аз ҳамин қонуният асари адабиёту санъат ҳам берун нест. Гераклит гуфта: "Санъати тасвирӣ рангҳои сафеду сиёҳ, зарду сурхро мувофиқи матлаб омезиш дода, ба ин васила асар меофарад. Мусиқӣ бо ёрии омезиши садоҳои пасту баланд, дарозу кӯтоҳ (дар якҷоягӣ бо суруд) як тавозуни **яклахт**-ро ҳосил менамояд ... Пайвастагии ҳамаи онҳо **чизи том**-ро (таъкид аз мо – Р.М.) ба вуҷуд меорад".[1]

Муаллифи "Қобуснома" таъкид мекунад: "ҳаргиз сухани нотамом магӯй" (с. 131).

Масъалаи ягонагиву яклахтии асари бадей аз масъалаҳои чиддии назарӣ ба шумор меравад, ки аз давраҳои қадим ба он эътибор дода бошанд ҳам, ҳоло пурраю ҳаматарафа равшан нашудааст. Н.Г.Чернишевский ин масъаларо *нахуструкни бадеият* шумурда, навишта буд: "фаромӯш набояд кард, ки қонуни якумини бадеият ягонагии асар аст ва бинобар ҳамин, ҳангоми тасвири "бачагӣ" маҳз бачагиро бояд тасвир кард, на ягон чизи дигарро, на масъалаҳои иҷтимоиро, на саҳнаҳои ҷангиро, на Петри Кабиру Фаустро, на Индианаву на Рудинро, балки кӯдакро маҳз ҳамроҳи эҳсосоту фаҳмишҳояш".[2] Мутафаккири бузург ягонагии асари бадеиро дар ҳамбастагии мавзуъ воқеа, образу характер ва кулли ҷузъиёти бадей дидааст.

[1] Аз китоби Асмус. *Античные мыслители об искусстве.* – М.: Искусство, 1938, с. 13.
[2] *Н.Г. Чернышевский.* Полн.собр.соч., т. 3. – М.: ГИХЛ, 1947, с. 429.

Лев Толстой таҷрибаи эҷодии худро мулоҳизакунон ба хулосае омадааст, ки сабабгори ваҳдату яклахтии асар образу амалу вазъият мебошанд. Вай гуфтааст: "Дар ҳама, тақрибан дар ҳама чизе, ки ман навиштаам, таҳти талаботи ҷамъоварии афкоре будаам, ки миёни ҳамдигар, барои ифшои худ занҷирбанд мебошанд: аммо ҳар як фикр, ки махсус бо сухан ифода ёфтааст, агар аз мақоми ҳамбастагиаш ҷудо карда шавад, маъниашро гум карда, қурбашро тамоман паст мекунад. Худи ҳамбастагӣ бошад (ба фикрам), на аз афкор, балки аз кадом чизи дигар таркиб ёфтааст ва асоси ин ҳамбастагиро бевосита бо сухан ифода кардан асло имкон надорад, вале бавосита имкон дорад – ба воситаи тасвири образҳо, амалу вазъият".[1]

Доир ба зарурати ягонагии шеър ва сабабҳои он Ибни Рушд гуфтааст: "Қивоми шеър он вақт хуб мешавад, ки дар он зикри ашёи бисёре, ки *як чизи мақсуди шеърро* нишон медиҳад, тӯл накашад. Чунки дар *як чиз* чизи бисёре нишон дода мешавад, ба ҳамин монанд дар як чизи ба вай ишорашуда афъоли бисёре ҳаст". Муаллиф дар ҷои дигар мегӯяд: "Ҳамаи он корҳое, ки иҷро мешаванд, бояд барои **як ғараз** ва **як ғоя** равона шаванд" (Таъкид аз мо – Р.М.).

Асоси ҳамбастагии асари бадеиро баъзеҳо дар *ягонагию яклахтии воқеа*, баъзеҳо дар *ягонагии қаҳрамон*, баъзе дигарон дар *таносуби устувори* кулли ҷузъиёти бадей дидаанд. Ҳеҷ яке аз ин ақидаҳоро қабул карда, дигарро мутлақо рад кардан маънӣ надорад. Ҳамаи омилҳои мазкур дар ҳамбастагии таркиби асари бадей мақоми худро дорад, аммо ин масъала ба табиати ҷинсу жанри асар ва маҳорату завқи суханвар вобаста аст.

Дар айни замон ба кулли омилҳои ҳамбастагии асари бадей дахл накарда, танҳо дар бораи ду ҷиҳати муҳими он – *сужа* ва *устухонбандӣ* таваққуф хоҳад шуд.

[1] *Л.Н. Толстой*. Полн.собр.соч., т. 62. с. 269.

Сужа

*Робита ва ҳамбастагии бахшҳо ва лаҳзаҳои як воқеаи том ё силсилаи воқеаҳо, ки дар асари бадей инъикос меёбанд, **сужа** номида мешавад.* Модоме сужа ба воқеа вобаста бошад, пас он хоси ҷинсҳои ҳамосавию драмавӣ буда, дар ҷинси лирикӣ ба кор намеравад, зеро дар асарҳои лирикӣ, воқеа баён намешавад.

Аз ҳамин ҳукм, яъне, бо воқеа алоқаманд будани сужа масъалаи тафсири воқеа пеш меорад. "Воқеа" ва "ҳодиса" муродифи ҳамдигаранд. Гоҳе ҳам дар забони зиндаи гуфтугӯй, ҳам дар адабиёти хаттӣ калимаҳои мазкур ба маънии образноки **рӯзи мудҳиш** истифода мешаванд. Масалан, устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад.
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм
Як қатраи об бар лабам кас накунад.

Маънии луғавии **воқеа бо ҳамдигар вохӯрдани ду қувваи мутақобила мебошад**, яъне, **зиддият ҷони воқеа маҳсуб мешавад**.

Дар соҳаҳои гуногуни ҳастӣ, чи ҳаёти моддӣ ва чи маънавӣ, ба туфайли мусоидати шароит, қувваҳои мухолифи ҳамдигар пайдо мешаванд, ки онро *зиддият* мегӯянд. Агар мусоидати шароит идома ёбад, зиддият ҳам инкишоф меёбад, яъне, қувваҳои мутақобил тараққӣ мекунанд. Ҳангоме ки нерӯҳо муқобили ҳамдигар қарор гирифтанд, дар натиҷаи иқтизои шароит ба марҳилаи баланди инкишоф ва ислоҳнопазир мерасанд, ба муборизаи ошкоро ва маҳвкунанда мехезанд.

Дар ҳамин лаҳза *воқеа* рӯй медиҳад.

Воқеа бо ғалабаи яке аз қувваҳои муборизабаранда ва мағлубияти дигаре анҷом меёбад. Агар пирӯзии яке аз қувваҳо тибқи ҳақиқат набошад, зиддият тамоман маҳв намегардад, танҳо дар муборизаи ошкоро қафоравии муваққатӣ ба амал меояд. Дар ин сурат, қувваҳои мутақобила дар муқобили ҳамдигар боз инкишоф меёбанд, боз ба воқеа меоранд. Воқеа такрор меёбад, то даме ки қувваи ҳақ ғолиб ояд. Таърихи муборизаҳои синфӣ ба ин гувоҳ аст: ғалабаи қувваҳои синфии ғуломдорон, феодалон, капиталистон аз рӯи ҳақиқату адолат набуд, бинобар ин дар кишварҳои зиёди дунё қувваи меҳнаткашон ғолиб омада, ҷомеаи ғайриантагонистӣ бунёд намудаанд.

Зиддиятро мутахассисон ба навъҳои зиёде тақсим мекунанд, аммо онро моҳиятан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) **ислоҳшаванда, оштипазир;**

2) **оштинопазир;**

Зиддиятҳое, ки дар касбу ҳунар, дорой, дониш ва ғ. дида мешаванд, ислоҳшавандаанд, зеро ба туфайли саъю талош соҳиби ҳунари дилхоҳ, дониш, молу мартаба шудан мумкин аст. Зиддиятҳое, ки дар қадду қомат, рангу рӯи одам, дар табиат вомехӯранд, оштипазиранд, безараранд. Аммо бояд донист, ки вазифаи инсон аз зиддиятҳои табиӣ оқилона истифода бурдан аст, чунон ки аз гармову сармо, аз ҳавову оби дарё ва амсоли инҳо, фоида мебаранд. Агар таносуби зиддияти табиӣ ҷоҳилона вайрон карда шавад, пеш аз ҳама худи инсон ҷабр хоҳад дид.

Ҳамон тавре ки маълум аст, зиндагӣ моломоли воқеа аст: воқеаҳое ошкоро, ё аз назари аксарият пинҳон. Аммо воқеаҳо мувофиқи моҳияташон ва қадру манзалати зиддияташон, хелҳо ва дараҷаҳои гуногунро соҳибанд: воқеаҳои муқаррарии оилавӣ, ахлоқӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амсоли инҳо. Аз ин рӯ, нависанда низ ҳангоми

танзими воқеа ва интихоби зиддият, ба дараҷаи қурбу манзалати ҳаётию иҷтимоии онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад. Бесабаб ҳам нест, ки сужаҳои асарҳои барҷастаи оламшумул **хусусияти миллӣ** доранд, нависанда воқеияту зиддиятро аз ҳаёти **халқи худ** пайдо ва инъикос мекунад, дар заминаи онҳо *образу характерҳои миллӣ меофарад*. Албатта, ин нишонаҳо дар осори нависандаи бузург аз маҳдудияти миллии адиб дарак медиҳад, чунки суханвари ҳақиқӣ ҳамеша ва дар ҳама ҷо, дар сари ҳар як тасвир: хоҳ хурд, хоҳ калон, манфиати умумро дар назар хоҳад дошт, дари сабақро барои кулли хонандагони рӯи замин хоҳад кушод. Таълифоти Гомеру Фирдавсӣ, Низомию Ҷомӣ, Пушкину Толстой, Шолохову Айнӣ ва умуман асарҳои ҳар як соҳибсухани бузурги миллӣ чунинанд.

А.Н. Веселовский ақидае пешниҳод карда, ки гӯё сужа дар ҳаёти халқҳои гуногун такрор мешавад. Ин маънии тасдиқи бемаконии сужа ва рад кардани хусусиятҳои миллии онро дорад. Бинобар қаробати одобу маданияти халқҳо, умумияти сохти иҷтимоӣ ва омилҳои дигар, масъалаҳои якхела дар зиндагии мардуми гуногун пеш меоянд, ки дар навбати худ, имконияти сужаҳои мушобехро ба вуҷуд меоранд.

Лекин сужа шабоҳати зоҳирӣ дораду ҷараёни он дар ҳар халқ дорои хусусиятҳои хосе мебошад. Масалан, дар "Анна Каренина"-и Лев Толстой, "Хонум Бовари"-и Г. Флобер, "Домби ва писар"-и Ч. Диккенс сужаи ба ҳам монанд – зиддиятҳои оилавӣ тасвир ёбанд ҳам, равиши сужа ба тарзҳои гуногун сурат мегирад. Агар Диккенс ва Флобер низоъ ва нифоқи оилавии сохти буржуазиро реалистона тасвир карда бошанд, роҳҳои ҳалли низоъро на дар беруни сохти буржуазӣ, балки аз дохили он ҷустуҷӯ намудаанд. Аммо Л.Н. Толстой роҳи табаддулоти инқилобиро наёфта, тасвир мекунад, ки чунин зиндагӣ қабеҳ аст ва он дигар қобили идома намебошад.

Ҷолиби диққат аст, ки А. Горкий адабиётро бе амалу ҳаракати доимӣ, муборизаю бархӯрдҳо тасаввур карда наметавонад, аз ҷумла вай мегӯяд: "Нависанда бояд фаҳмад, ки ӯ натанҳо бо қалам менависад, балки бо сухан сурат мекашад, аммо на ҳамчун устоди сураткаш, ки инсонро беҳаракат тасвир менамояд, балки барои **одамонро дар ҳаракати ҳамешагӣ, дар амалиёт, дар бархӯрдҳои беохир дар набардҳои синфҳо, гурӯҳҳо, одамони алоҳида инъикос** мекунад".[1] (Таъкид аз мо – Р.М.).

М. Горкий дар ҷои дигар ба сужа таъриф дода, аз ҷумла, навиштааст ки ин "алоқаҳо, мухолифатҳо, ҳусни тавоҷҷуҳ, нафрат ва умуман муносибатҳои байни одамон – таърихи инкишоф ва ташаккули ин ё он характер, тип мебошад".[2] Дар ҳақиқат, сужаро бе амалу муносибат тасаввур кардан мумкин нест, сужаи асар бо ташаккули характер ва офариниши тип алоқамандии ногусастанӣ дорад. *Сужаро таърихи амалиёти персонаж мегӯянд,* ки беасос нест.

Зарурат надорад, ки адиб сужаро ҳамеша дар асоси воқеаҳои замони худ мураттаб намояд. Ӯ ҳатто метавонад сужаҳои маълумро гирифта, ба вай тағйирот ворид намуда, дар партави муроди ғоявии нави худ асари дигар эҷод кунад, чунон ки Ҷомӣ, Навоӣ ва бисёр адибони дигар чунин кардаанд. Аммо дар ин маврид ба муваффақият ноил шудан кори душворе мебошад ва он аз дасти ҳар кас намеояд.

Гоҳе адиб дар заминаи воқеаҳои замони гузашта сужа меофарад. Масалан, Алексей Толстой, Сергей Бородин, Сотимхон Улуғзода мутаносибан доир ба фаъолияти Петри Кабир, Улуғбек ва Восеъ асарҳои арзишманди дорои сужаҳои ҷолиб эҷод кардаанд.

Сужа аз рӯи таркиби худ ду навъ мешавад:

[1] *М. Горький.* Собр. соч. в 30 тт., т. 27. – М.; 1953, с. 5-6.
[2] Ҳамон ҷо, сах. 215.

1) *сода;*
2) *мураккаб.*

Сужаи сода он аст, ки дар асоси як воқеа ё чанд воқеаи хурди бо ҳамдигар алоқаманд, бунёд ёфтааст. Сужаи гурӯҳи жанрҳои хурди ҷинси ҳамосавӣ ва асарҳои драмавӣ аксаран чунин сурат дорад.

Сужаи мураккаб он аст, ки аз чандин воқеа, ҳатто силсилаи воқеа фароҳам меояд, ки дар гурӯҳи жанрҳои муҳташами ҳамосавӣ дида мешавад. Дар ин сурат, хати асосии сужа аз чандин хати дигар ташкил меёбад, ки ҳар яке аз ин хатҳо дар алоҳидагӣ ҳам қимати мустақил дошта метавонад. Достонҳои "Шоҳнома" мисоли равшан аст.

Ҳамон тавре ки маълум шуд, асари бадеиро *воқеа* ташкил медодааст. Воқеа бошад, аз пайдоишу инкишофи зиддият ва ҳалли он иборат будааст. Вобаста ба ҳамин хатти зиддият, дар сужа унсурҳо муқаррар шуданд, ки ба ду гурӯҳ: 1) *асосӣ*; 2) *иловагӣ* тақсим мешаванд.

Гурӯҳи асосӣ аз панҷ унсури зерин иборат аст:

1) *экспозитсия, оғоз;*
2) *завязка, гиреҳ;*
3) *рабт, инкишоф;*
4) *кулминатсия; нуқтаи олӣ* ё *худ авҷи олии ҳодиса;*
5) *развязка, қатъ; гиреҳкушо.*

Ба гурӯҳи иловагӣ ду унсур мансуб дониста шудааст:

1) *пролог,*
2) *эпилог.*

Вазифаи ин унсури сужа аз *шинос кардани хонанда бо замону воқеа, қаҳрамонону амалиётчиёни минбаъда* иборат аст.

Низомии Ганҷавӣ гуфта:

Пурзару дур гашта зи ту доманаш,
Хиштаки зар сужаи пироҳанаш.

Экспозитсия Муҳимтарин хусусияти экспозитсия ин аст: нависанда шароитеро ба қалам медиҳад, ки заминаи пайдоиши зиддият мешавад.

Барои мисол романи "Дохунда"-и Айниро мегирем. Устод дар кӯҳистони тоҷик хонадонеро тасвир мекунад, ки зиндагии миёнаҳолона дорад: Бозор соҳиби зану фарзанд, замини корам, барзагов, бозуи корӣ аст ва бародар ҳам дорад, ки дар мушкилоти меҳнатиаш кӯмак расонда метавонад ... Азбаски Бозор аз мардум тӯи бисёр хӯрдааст, бо нияте ки қарздор намонад, дар орзуи тӯи писар меафтад. Калонҳои деҳа, бинобар аз тӯй манфиатдор буданашон, Бозорро ба ташвиқ тӯй кунонда, қарздор месозанд.

Экспозитсия дар асар ҷои қатъии худро надорад. Устод Айнӣ онро дар "Дохунда", тақрибан, дар миёна, баъди *гиреҳбанд* овардааст, дар романи "Ғуломон" ба тариқи пароканда, қисм-қисм тасвир кардааст. Экспозитсияи "Ҷонҳои мурда"-и Н.В. Гогол дар охири ҷилди аввал ҷой гирифтааст. Ин ҳодиса, яъне, дар ҷойҳои гуногуни асар омадани экспозитсия ба завқу табъи нависанда, муносибати вай ба хонанда, қонунияти дохилии асар алоқаманд аст.

Гоҳе экспозитсия муфассал меояд, гоҳе мухтасар. Ин ба табиати воқеаю зиддият, ҷинсу жанр ва мавзуи асар вобаста аст. Адиб метавонад аз экспозитсия худдорӣ ҳам кунад.

Гиреҳ. Ҳангоме дар воқеа миёни ду қувва зиддият пайдо мешавад, онро *гиреҳ* ё худ *завязка* мегӯянд. Чунончи, дар романи "Дохунда" Ёдгорро тӯй кардани Бозор ва қарздор шудани вай – нишонаи гиреҳ аст, миёни *қувваи меҳнаткаши ҳақ* ва *қувваи муфтхӯри ноҳақ*.

Гиреҳ дар системаи сужаи асари бадеӣ мақоми муҳимеро ишғол мекунад ва асаре пайдо кардан душвор аст, ки сужаи он бегиреҳ бошад. Арзиши гиреҳ, аз нуқтаи

назари образу характер ин аст, ки характери персонажҳо аз ҳамин нукта сар карда инкишоф меёбанд. Чунончи, маҳз ҳамин ҷо, аз як тараф содагии Бозор ошкор мешавад, аз тарафи дигар маккорию ҳилагарӣ ва беномусию бевиҷдонии "калонҳо"-и деҳа, ки ҳамин ҳоло хушсухан буданду меҳрубонӣ зоҳир мекарданд, пурра фош мешавад.

Дар гиреҳи сужаи асарҳои муҳташами ҳамосавӣ персонажҳои марказӣ ба доираи воқеа кашида мешаванд.

Рабт. Дар ин бахши сужа зиддият бо инкишофи қувваҳои мутақобила суръат мегирад. Тараққиёти махсусан, нерӯи ҷавон босуръат аст.

Вазифаи *рабт* ин аст, ки характери ҳамаи персонажҳои асосиву ёридиҳанда бо суръати нисбатан баланд такмил меёбад, самтҳои асосии образи марказӣ намудор мегардад. Агар гиреҳ, махсусан экспозитсия, барои нишон додани заминаҳои чигунагии характер аҳамияти калон дошта бошанд, ҷойгоҳи рабт дар вусъати он бузург аст.

Бозор баъди қарздор шуданаш, хонахароб мегардаду ҷилои ватан мекунад. Дар саргардониҳо ба дасти Азимшоҳ гирифтор шуда, боз ба қарз мубтало мешавад ва оқибат дар ҳолати дилрешкунанда ҷон медиҳад. Дар ин лаҳзаҳо характери содалавҳона ва ҷаҳонбинии заифи Бозор мувофиқи бардошти мантиқи худ равшан гашта, дар айни замон Ёдгор бештар ба гирдоби воқеаҳо кашида мешавад ва характеру ҷаҳонбинии вай, чун қаҳрамони марказии воқеаҳо, башиддат ташаккул меёбад.

Дар романи "Модар"-и М. Горкий: лаҳзаи оғози фаъолияти инқилобии Павел Власов, бо ташаббуси ӯ муттаҳид шудани коргарон, паҳн кардани варақаҳо, хулоса, бо суръату сифати бисёр баланд равнақ ёфтани нерӯи софу азими зидди мутлақияти шоҳӣ ва системаи капиталистии давлатдории вай ба *рабт* дохил мешавад.

Дар асарҳои муҳташами ҳамосавӣ хонанда натанҳо бо самтҳои асосии характери персонажҳои марказӣ, балки бо симои зоҳирии ӯ низ шинос мешавад. Яъне, дар рабт портрет ҳам мувофиқи моҳияти характер такмил меёбад.

Авҷ (кулминатсия). Инкишофи зиддият ба ҳадди олии худ расида, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қувваҳои мухолиф натанҳо бо ҳамдигар созиш карда наметавонанд, балки имкони таваққуф ҳам дигар боқӣ наемонад. Низоъ аланга мезанад, муборизаи ошкори қувваҳо ба дараҷаи ниҳоии худ мерасад, яке аз қувваҳо зӯр оварда, дигареро ба мағлубият маҷбур месозад. Ҳамин лаҳза *кулминатсия*, ё худ *нуқтаи олии сужа* мебошад.

Дар кулминатсия моҳияти образҳои асар пурра равшан мешавад, яъне, ба мавқеи синфии иҷтимоӣ ва ахлоқии онҳо дар ҷомеа ҳеҷ гуна шубҳа наемонад. Ин ҷо характер тамоми самтҳо ва ҳайъати таркибии худро зоҳир менамояд. *Деги воқеа* дар кулминатсия *меҷӯшад* ва *образу характер ба қиёми худ мерасад.*

Ба зиндон гирифтор шудани Дохунда, Абдуллохоҷаро дучор кардани вай, ҳамаи душманонашро бо сардории худи амир чун душманони синфӣ шинохтанаш, ба ёрӣ омадани аскарони сурх, аз бандихона озод шудани Ёдгор ва маҳбусони сиёсии дигар ба кулминатсияи сужаи романи "Дохунда" дохил мешаванд.

Ҷабру зулми феодалӣ дар Қаротегин ва истисмори капиталистӣ дар Андиҷон, Одинаи маъсуму номуродро ба бистари марг меафканад; ҳамин лаҳза нуқтаи олии сужаи қиссаи "Одина" аст. Нуқтаи кулминатсионии сужаи романи "Модар"-ро ба қаҳру ғазаб омадани коргарон, намоиши муташаккилонаи 1 Май - чун рамзи тавоноии онҳо ташкил медиҳанд.

Қатъ. Ин унсури сужаи асари бадеиро *гиреҳкушо* ва *развязка* ҳам мегӯянд ва он охирин унсури асосии сужа мебошад. Дар ин лаҳзаи сужа, яке аз қувваҳо мағлуб мегардад, ки нишонаи ҳалли зиддиятро дорад, яъне, *гиреҳе ки баста шуда буд, боз мегардад*. Ба интиҳои худ расидани воқеа, пурра таҷассум гардидани ғоя, то ҳадди охирини камолот расидани образу характер аз нишонаҳои муҳимтарини қатъ маҳсуб мешаванд.

Фирори Амир Олимхон ба хориҷа, ҷанги дохилӣ - қатъи сужаи романи "Дохунда" мебошад. Аз романи "Модар" мурофиаи додгоҳи инқилобчиён, бадарға шудани Павел Власов унсури сужаро ташкил додаанд. Вафоти Одина дар чойхонаи Тошканд, ӯро дафн кардани дӯстони коргараш – қатъи сужаи повести "Одина" аст.

Пӯшида намонад, ки *қатъ ҳамеша маънии пурра ва қатъӣ ҳал шудани зиддиятро надорад*. Гоҳе мешавад, ки ҳодиса анҷом меёбад, аммо зиддият ҳал намегардад. Бинобар ин, воқеа ва зиддиятро тавъам донистан, анҷоми якеро бо ҳалли дигаре баробар шумурдан дуруст нест. Асарҳои зиёдеро (ҳамчун "Гвардияи ҷавон"-и А. Фадеев, "Ғалабаи Таня"-и Абулқосим Лоҳутӣ, "Тобистон"-и Пӯлод Толис) мисол овардан мумкин аст, ки воқеа анҷом меёбад, образу характер ба интиҳои худ мерасанд, муроди ғоявии муаллиф равшан мегардад, қисми асосии персонажҳо аз амалиёт боз мемонанд, *аммо низоъ пурра ҳал намегардад*. Дар ин сурат, нависанда суханро тарзе бояд об диҳад, ки хонанда аз он дар оянда пурра ҳал шудани зиддиятро пай бурда тавонад. Чунончи, суханони дар мурофиаи додгоҳ гуфтаи Павелро байни мардум паҳн кардани модар чунин маънӣ дорад, ки шикасти инқилобчиён муваққатист, ба ҷониби ин қувва модар омадааст, мардуми дигари меҳнаткаш, аз нутқи Павел огоҳӣ ёфта, ба он зам мешаванд, муборизаро ба субут мерасонанд, ва зиддиятро ба нафъи худ ҳал мекунанд.

Равиши минбаъдаи таърихи Русия дурустии фикри А. Горкийро исбот намуд.

Баъзе унсурҳои асосии сужа, аксаран ***рабт*** ва ***қатъ***, гоҳе сарфи назар мешаванд. Доираи маҳдуди ҳикоя барин жанри адабӣ ва ҳаҷми воқеа имкон намедиҳад, ки нависанда талаботи ҳама унсурҳои сужаро риоя намояд.

Оғоз (пролог). *Оғоз* ва *анҷом*, ки онҳоро *пролог* ва *эпилог* ҳам мегӯянд, унсурҳои сужа мебошанд, зеро ба таркиби воқеа ва ё силсилаи воқеаҳои тасвиршаванда бевосита дохил намешаванд. Гоҳе нависанда аз гузаштаи дури қаҳрамони худ хабар медиҳад, доир ба саргузашти вай маълумоти мухтасар нақл мекунад (на тасвир), то ки хонанда ба моҳияти сужа ва воқеаҳои минбаъд тасвиршаванда омода шаваду моҳияти онро беғалат дарк карда тавонад. Ин навъ маълумот, одатан, дар аввали асар, чун *оғози* он меояд.

Оғозро гоҳе бо сарсухан, муқаддима, дебоча ва амсоли инҳо омезиш медиҳанд, ҳол он ки дар онҳо агар сухан дар бораи шароити таълифи китоб, сохти он, таҳриру такмилҳои баъдина, нашрҳои такрорӣ, хулоса, ҳодисаю ҳолат ва шароити номарбут ба қаҳрамону сужа равад, маълумоти оғоз ба сужаи қаҳрамони асар, замону макони саргузашти вай дахл дорад. Бинобар ин, гарчи ин истилоҳот аз ҳайси луғат қарини ҳамдигаранд, тафовуте миёни онҳо гузоштан авлост.

Барои мисол оғози романи Ҷалол Икромӣ "Ман гунаҳкорам"-ро метавон номбар кард.

Умуман, нависандагон *оғоз*-ро кам истифода мекунанд.

Анҷом (эпилог). Мафҳуми *анҷом* бо *хотима, хулоса, охирсухан* ва монанди инҳо наздик аст, гоҳе чун муродиф ба кор ҳам бурда мешавад. Одатан мафҳумҳои "хотима" ва амсоли онҳо, ба маънии ҷамъбасти асар ҳам меоянд, ки эпилог ин вежагиро надорад. Гоҳе адиб воқеаи дар

назардоштаи худро инъикос намуда, бо он қаноат мекунад, ҳол он ки воқеаҳо мантиқан толиби ҳодисаҳои дигар мебошанд. Дар ин сурат, муаллиф барои қонеъ кардани шавқу рағбати хонанда дар бораи тақдири ояндаи қаҳрамонаш маълумоти мухтасаре нақл (на тасвир) мекунад, ки он идомаи сужаи асар набуда, балки ба персонажҳои асосӣ алоқамандие дораду бас. Ҳамин гуна *маълумоти иловагӣ эпилог* мебошад, ки чун муродиф *анҷом*-и тоҷикиро ҳам кор фармудан мумкин аст.

Аз асарҳои нависандагони муосири тоҷик дар романи "Навобод"-и Сотим Улуғзода эпилоги алоҳида ҷой дорад.

Анҷом (эпилог) чун унсури сужа дар алоҳидагӣ хеле кам истифода мешавад, ки ду сабаб дорад:

якум: нависанда аксаран ҳудуди воқеа ва мавзуъ, инчунин доираи идеалии образҳои худро қатъиян мутобиқи ҳамдигар дар як ришта нигоҳ медорад, ки дар ин сурат ҳеҷ яке аз онҳо ба тафсири алоҳидаи берун аз сужаи нақлӣ эҳтиёҷ надорад;

дуюм: агар ҳалли пурраи мавзуъ ва амали офариниши образҳои комили мухташам силсилаи воқеаҳоро тақозо намояд, нависанда, тавассути иштироки силсилаи ягонаи персонажҳо як асар не, балки асарҳои *дугона* (дилогия), *сегона* (трилогия), *чоргона* (тетралогия) ... эҷод мекунад. Бояд қайд кард, ки шарти асарҳои *бисёргона* танҳо ягонагии мавзуъ ва ғоя набуда, балки *умумияти воқеаҳо, силсилаи ягонаи* (ё асосан ягонаи) *персонажҳо*, ягонагии замону макони амалиёти онҳо ба доираи ҳамин шартҳо дохил мешаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, се асари устод С. Айнӣ - "Одина", "Дохунда" ва "Ғуломон"-ро сегона номидани проф. И.С. Брагинский чандон дуруст наменамояд.

Устухонбандӣ. *Робитаву алоқамандии қисматҳои таркибии асари бадеиро дар адабиётшиносии муосир аксаран*

композитсия ё худ сохти композитсионӣ мегӯянд. Дар баробари ин, гоҳе истилоҳи шоистаи *устухонбандӣ* низ ба кор меравад, ки нисбат ба он, мутаассифона, беэътиной зоҳир мешавад. Дар асл, маҳз ҳамин ифода собиқаи кӯҳна дорад ва ҳанӯз дар асри XVI ҳамчун истилоҳи маълуми анъанавӣ истифода шудааст. Масалан, Муҳаммадҳайдари Ҳусайни Кӯрагонӣ дар "Таърихи Рашидӣ" (таълиф соли 951 ҳ. (1543) зимни муқоисаи миниатюраҳои Камолиддини Беҳзод бо Шоҳмузаффар, аз ҷумла, гуфтааст ва истилоҳи мазкурро ба забон бурдааст: "Аммо қалами ин (Беҳзод – Р.М.) аз вай (Шоҳмузаффар – Р.М.) маҳкамтар аст, *тарҳу устухонбандии ӯ* аз вай беҳтар аст").[1]

Аз ин рӯ, *устухонбандӣ* низ пурра метавонад дар баробари *композитсия* истифода шавад.

Мустаҳкамии устухонбандии асари бадеӣ, ё худ ваҳдату ягонагии қисматҳои таркибии он хеле барвақт диққати суханшиносону суханварони тоҷикро ба худ ҷалб кардааст. Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайс ва дигарон дар ин бора бавосита ё бевосита ибрози ақида намудаанд. Масалан, Родуёнӣ дар фасли "Фи-т-талоум" гуфтааст: "Ва яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки шоир байтҳои қасида[2] муталоим гӯяд, яъне ки, якдаставу ҳамвор гӯяд; ва чунон кунад, ки миёни байту байт тафовути бисёр набувад ба азубату сифат". Сабаби ин талабот, назар ба фаҳмиши Родуёнӣ, чунин аст:[3] "Чи агар байте қавӣ буваду азб, ва байте суст бувад ва ё[4] бохалал, зишт ояд; ва низ гумони дуздида баранд". (Ҳамон ҷо).

[1] *C. Saleman.* Neue Erwerbungen des Asiatischen Museums. Дар кит.: Melanges Asiatischen, Bulletin, m. IX – St.Petersbourg, 1887, s. 375.

[2] Қасида ба маънии умуман *шеър* аст – ниг.: *Р. Мусулмонқулов.* Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1980, с. 5-27.

[3] *Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ.* Тарҷумон-ул-балоғат. Ба эҳтимоми Аҳмади Оташ. – Истонбул, 1949, с. 133 (фотокопия, с. 258).

[4] Дар нашри Алӣ Қавим "ё" нест. – Ниг.: *Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ.* Тарҷумон-ул-балоғат. *Алӣ Қавим.* – Теҳрон, 1339, с. 92.

Ҷолиби диққат аст, ки Родуёнӣ ба таърихи адабиёти халқи худ аз нуқтаи назари ваҳдати услубӣ нигоҳ карда, ҳолати характернокеро пай бурда, сабаби объективии онро низ ишора кардааст. Дар идомаи фасл номбурда мегӯяд: "Ва порсигӯёнро бештари шеър ботафовут аст. То бадон ҷойгоҳ, ки баъзе мардумон пиндоштанд, ки (тафовут) мазҳабест ба шоирӣ. Ва ҳол бар хилофи он аст, ки эшон гумон бурдаанд, эро ки чун шеър бар як сон бувад, бисёр беҳтар аз он бувад, ки ботафовут. Ва мутақаддимон андар шеър чунон мустаҳкам набуданд, ки аз мутаахирон, эро ки эшон ибтидо карданд ва муқтадиро (пайравонро) кор осонтар аз он бувад, ки мубтадиро (ибтидокунандагонро). Ва шеъри поки бетафовут – шеъри Унсурист; чун нигоҳкунанда тааммул кунад, бачӣ орад" (с. 133-134).

Ваҳдату ягонагии услубии асари бадеӣ дар назари суханшиносони классики мо аз талабҳои муҳимтарини эҷоди бадеӣ ба шумор мерафт. Чунончи, мувофиқи нишондоди Шамси Қайс, шоир баъди таълифи шеър бояд "ҷумларо (тамоми байтҳоро) марратан, баъда ухра аз сари иткон бозхонад ва дар нақду танқеҳ муболиғат намояд ва миёни абёт талфиқ кунад ва ҳар якро ба мавзеи хеш бозбарад ва тақдиму таъхир (пешу қафо) аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абёт аз якдигар бегона нанамояд ва ба ҳама вуҷуҳ тавофуқи масореъ (мувофиқати мисраъҳо) ва татобиқи алфозу маонӣ (мутобиқати лафзу маънӣ) лозим дорад. Чи бисёр бошад, ки ду мисраъ ё ду байт бо якдигар аз роҳи маънӣ мутаносиб наёяд ва бадон сабаб равнақи шеър ботил гардад".[1] Равшан аст, ки ин ҷо доираи мувофиқат ва мутобиқати калимаю ибораҳо, мисраъву байтҳо хеле васеъ буда, ҳам ҷиҳати шаклу услуб, ҳам ҷиҳати мазмуну мундариҷаро фаро мегирад.

[1] *Шамси Қайси Розӣ.* Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор ил-Аҷам. Бо муқобилаи *Мударрис Ризавӣ.* – Теҳрон, с. 447-448.

Шамси Қайс умумияти нозукеро миёни *шоир* ва *рассому ҷавҳарӣ* пай мебарад, ки ин умумият ҳунари *санъаткорист*. Ва муҳимтарину нозуктарин фазилатҳои ҳунарҳои рассомиву ҷавҳарӣ бояд дар шоирӣ истифода шавад. Муаллиф гуфтааст: "Ва ҳамчунин бояд ки дар алфоз ва маонии ҳар байт дақоиқи танаввуқ (диққати олӣ) бачой орад, то агар лафзе рақиқ афтад, азбӣ ба ҷои он биниҳад; ва агар маъние косир (нопурра) ёбад, тамом кунад. Ва дар ин боб (мисли) наққоши чирадаст бошад, ки дар тақосими нуқуш (таносуби нақшҳо) ва тадовири (даврakашии) шоху баргҳо ҳар гуле бар тарафе нишонад, ва ҳар шох ба сӯе берун барад; ва дар рангомезии ҳар сибғ (ранг) ҷое харҷ кунад, ва ҳар ранг ба гуле диҳад – он ҷо, ки ранги сер лоиқ ояд, нимсер сарф накунад ва он ҷо ки сибғи равшан бояд, торик ба кор набарад. Ва чун ҷавҳарии устод бошад, ки ба ҳусни таълиф ва таносуби таркиб равнақи иқди хеш бияфзояд ва ба тафовути талфиқ ва бетартибии назм оби марвориди хеш набарад".[1]

Яке аз нишонаҳои раднопазири маҳорати суханвар ин аст, ки дар асар кулли унсурҳои услуб – *ҷинс, жанр, забон, вазн, санъат* ва монанди инҳо бо мавзуъву мундариҷа мувофиқати том дошта бошанд. Ба ин маънӣ, Шамси Қайс гуфтааст: "Ва бояд, ки дар афонини (фан – соҳа, навъ) сухан ва асолиби (услубҳои) шеър – чун *насибу ташбиб*, ва *мадҳу замм*, ва *офарину нафрин*, ва *шукру шикоят* ва *қиссаву ҳикоят*, ва *суолу савоб*, ва *итобу истеътоб*, ва *таманнаъву (муқобилат кардан) таваззуъ*, ва *тааббиву тасомуҳ*[2] *(рад кардану раҳ додан)*, ва *зикри диёру русум*, ва сифати осмону нуҷум, ва сифати азҳору анҳор (гулҳову наҳрҳо), ва шарҳи риёҳу амтор (гиёҳу борон), ва ташбеҳи лайлу наҳор (шабу рӯз), ва наъти асбу силоҳ, ва шикояти ҷангу масоф, ва фанни таҳониву таозӣ (таҳнияту ҳамдардӣ), аз

[1] *Ал-муъҷам*, с. 450.
[2] Таъкид аз мо – Р.М.

тариқи афзоили шуаро, ва ашоири фузало удул нанамояд, ва дар нақл аз маъние ба маъние, ва таҳвил аз фанне ба фанне, хуруҷе латиф ва шуруе мустаҳсан воҷиб донад ... Хитоби ҳар як фарохури мансаб ва лоиқи мартабати ӯ кунад; ва ҳар маъниро дар зини лафзе мутобиқ ва либоси иборате мувофиқ берун орад, чи касвати иборот мутааддид аст, ва сувари маонӣ мухталиф; ва ҳамчунон ки зани соҳибҷамол дар баъзе малобис хубтар намояд ... Ҳар маъниро алфозе бувад, ки дар он мақбултар афтад, ва иборате бошад, ки бадин латифтар намояд. Ва дар ин боб назму наср яксон аст ва сухани мавзуну номавзун баробар".[1]

Азбаски мутобиқати услубиву мундариҷавии асар боиси устувории композитсионии он мегардад, Шамси Қайс борҳо ин масъаларо таъкид кардааст: "Агар касе хоҳад, ки дар фанни шеър ба дараҷаи камол расад, ва сухан чунон ороя, ки писанди арбоби табъ бошад, бояд ки ҷаҳд кунад, то насру назми ӯ ба алфози покиза ва маонии латиф ороста ояд, ва чунон ки ба сувари маонии бадеъ дар кисвати алфози рақик сар фурӯ наёрад, ба нуқуши иборoти балеғ бар рӯи маонии воҳӣ (суст) фирефта нашавад, чи маънии беиборат ҳеҷ тароват надорад, ва иборати бемаънӣ ба ҳеҷ нашояд".[2] Ё худ: "Ҳар сухан, ки дар ӯ маъние латиф набошад, ки тибои (табъҳои) аҳли тамйизро бадон майл бувад, ҳамчунон бошад, ки ваоими (ғилофи) холиву фориғ, дар вай ҳеҷ матоъ набувад".[3]

Роҷеъ ба робитаи маънавии байтҳо дар шеър, Шамси Қайс ақидаи маълуми замони худро зимни баёни иллати *тазмин* ба қалам додааст: "Ба ҳукми он-к устодони санъат гуфтаанд, ки шеър чунон мебояд, ки ҳар байт ба нафси хеш мустақил бошад, ва ҷуз дар тартиби маонӣ ва тансиқи сухан ба якдигар муҳтоҷ

[1] *Ал-Муъҷам*, с. 450-451.
[2] Ҳамон ҷо, с. 460.
[3] Ҳамон ҷо, с. 461.

набошад. Бад-ин ҷиҳат, тазминро[1] айб шумурдаанд. Пас, ҳарчанд ин эҳтиёҷ ва тааллуқ бештар бувад, байт маъюбтар бошад".[2] Ҷолиби диққат аст, ки мувофиқи мушоҳидаи ин суханшиноси бузург ин ҳолат дар шеъри тоҷику форс нуқсон асту дар шеъри араб раво. "Филҷумла, ин маънӣ, - мегӯяд Шамси Қайс, - дар ашъори араб бештар тавонад бувад, барои он-к дар шеъри тозӣ меафтад, ки аз як калима баъзе (қисме) қофияти мисраъи аввал мешавад ва баъзе аввали мисраи дуввум (...), ва шакк нест, ки ин ҷинс музамман қабеҳ бошад".[3] Аммо "дар ашъори порсӣ ин ҷинс тафриқот илло дар назме, ки бар сабили ҳазл (ва зарофат) гӯянд, наяфтад".[4]

Аз ин гуфта маълум мешавад, ки адабиётшиносони классик ба масъалаи *устухонбандии асар* эътибори ҷиддӣ дода, фикрҳои арзишманди назарӣ гуфтаанд.

Масъалаи дигари ҷолиби диққат, ин аст ки суханшиносони пешин асари бадеиро аз нуқтаи назари устухонбандӣ ба қисмҳо тақсим кардаанд, ё не? Ҷавоби мусбатро доир ба ин савол ҳам дар осори гузаштагон пайдо мекунем. Чунончи, назариётчии бузург Насириддини Тӯсӣ дар "Асос-ул-иқтибос" гуфтааст: "Ва бибояд донист, ки ҳамчунон-к хитобатро аҷзое бувад – монанди *садр*, ва *иқтисос*, ва *тасдир*, ва *хотима* шеърро аҷзое бувад – монанди *матлаъ*, *ташбиб* ва *тахаллус*, ва *дуо* ва *мақтаъ*. (Таъкид аз мо – Р.М.) Ва ба ҳасби ҳар яке санъатҳои мухталиф мумкин бошад".[5] Хоҷа Насир натанҳо ба қисматҳои гуногуни таркибии асари бадей

[1] Маънии маъмули тазмин ҳоло – зимни сухан овардани порчаи асари дигар аст. Аммо дар давраи классикӣ мазмуни дигар ҳам дошт: *иллати шеъриро* мегуфтанд, ки маънии байт ба байти минбаъда вогузошта бошад, яъне, ҳар байт мундаричаи нисбатан мустақил надорад.

[2] Ҳамон ҷо, с. 290-291.

[3] Ҳамон ҷо, с. 291.

[4] Ҳамон ҷо.

[5] *Асос-ул-иқтибос*. Таълифи хоҷа Насириддини Тӯсӣ. Ба тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ. – Теҳрон, 1326, с. 599.

таъкид доштааст, балки ***мувофиқи табиату моҳияти маънавии ҳар як қисм истифода шудани санъатҳои хосро низ хотиррасон намудааст.***

Дар афкори адабию эстетикии халқи тоҷик назарияи қисматҳои таркибии асари бадеӣ ҷои махсусеро ишғол мекунад. Дар адабиётшиносии классикии тоҷик ҳар як қисми асари бадеӣ ба мисли *матлаъ*, *гурезгоҳ*, *матлаб*, *мақтаъ* номҳои махсусе дорад. Ҳар яки ин қисмҳои асари бадеӣ ба ғайр аз истилоҳи алоҳида, боз дорои дараҷа низ мебошад – чунончи: матлаъ – *ҳусни матлаъ*, тахаллус (гурезгоҳ) – *ҳусни тахаллус* ва амсоли инҳо, ки ҳар якеро бояд алоҳида-алоҳида аз назар гузаронд.

Матлаъ (ар.) – тулуъгоҳ – оғози асари бадеист. Одатан, байти якуми ғазалу қасидаро, ки ҳар ду мисрааш ҳамқофия мебошанд, *матлаъ* медонанд. Ҳамин таъриф, гоҳе "ғазале, ки матлаъ надорад (яъне, мисраи якумаш аз қофия озод бошад), қитъа шуморида мешавад" мегӯянд, ки саҳеҳ нест. Байти якум, ҳатто якчанд байти аввали асари манзум, инчунин саршавии асари мансур матлаи он асар ба шумор меравад.

Ба ақидаи адабиётшиноси забардасти асри XV Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ матлаъ ба асари мансур низ нисбат дорад. Чунончи, ӯ шартҳои ҳусни матлаъро баён карда, зимнан гуфтааст: "Ва ҳамчунин муносибати миёни *ду мисраи байт*, ё *ду фиқраи наср* риоят кунанд, ки дар латофату балоғат наздик бошанд, на он ки яке аъло бошаду дигаре паст".[1] Албатта, муносибати "ду фиқраи наср" дар асари мансур мешавад.

Аксар чунин мепиндоранд, ки "матлаъ" байти якуми шеър аст. Дар асл, "матлаъ" оғози асар мебошад, сарфи назар аз ин, ки он оғоз як мисраъ аст, ё як байт, ё як банд, ва ё як ҷумла. Чунончи, ҳазрати Ҷомӣ матлаъ мегӯяду дар

[1] *Бадоеъ-ус-саноеъ*. – Душанбе: Ирфон, 1974, с. 182.

"Баҳористон" овардааст: "Вай (Абулвосеи Ҷабалӣ - Р.М.) фозиле комил ва шоире моҳир буд; ва ба ҳар ду забон – тозию форсӣ" сухан гуфта. Ва иттифоқ аст, ки ҳеҷ кас аз уҳдаи ҷавоби қасидаи машҳури вай, ки матлааш ин аст (мисраъ):

Кӣ дорад чун ту маъшуқе нигорам чобуку дилбар –

чуноне ки мебояд, берун наёмадааст".[1]

Устод Турсунзода мегӯяд, ки "барои ман ёфтани матлаи шеър бозёфти калон аст: ман фақат дар ёфтани матлаъ бисёр меҳнат мекунам".[2] Ин чунин маънӣ дорад, ки шоир баъди илҳом гирифтан аз мавзуе, доир ба он дурудароз хаёл ронда, хуб мепазонад, мувофиқи табиату моҳияти он жанр вазну қофияи муносиб интихоб намуда, пас матлаъро эҷод мекунад. Баъди офариниши матлаъ, таълифи боқии асар нисбатан мушкилие надорад, зеро аз рӯи қолаби муайяншуда мазмунро пурра ва мавзуъро ҳал кардан мемонаду халос.

Дар адабиётшиносии тоҷик, ҳамчун муродифи *матлаи шеър* истилоҳи *аввалбайт* ҳам кор фармуда мешавад.

Ҳусни матлаъ

Он матлаеро, ки аз хашв (хосса хашви қабеҳ) *холӣ*, аммо *дорои образи зебои шеърӣ буда, калимаҳояш бо ҳамдигар таносуби мустаҳкам дошта, аз мавзуъву мундариҷаи гоявии асар дарак медода бошад, **ҳусни матлаъ** мегӯянд.*

Атоулло навиштааст: "дар аввали калом алфози хушояндаи латифро, ки мутақориби якдигар бошанд дар нозукиву равонӣ, ва дар зидди он ки ҷазолату матонат аст (ованд); таркиб маҳками хушояндаи покиза кунанд, ки дар адои маънӣ мутлақо қусуре надошта бошад, ва зеҳн мустақим аз он ба мақсуд зуд нақл кунад. Ва миёни лафзу маънӣ муносибат риоят кунанд, на он ки маънии хубро ба алфози саҳл адо кунанд, ё акс".[1]

Назар ба таъкиди Атоулло, адибон дар «сиҳҳати маънӣ саъй намоянд, ки солим (холӣ) бошад аз нуқсону имтиноъ, ва бадалу мухолифати урф, ва амсоли онҳо», яъне, дар аввали насри бадеӣ ҳеҷ гуна камбудӣ роҳ наёбад. Яке аз шартҳои муҳими ҳусни матлаъ ин аст: «аз зикри чизе, ки ба ҷиҳати фол нек набошад, худдорӣ намоянд», яъне, дар оғози сухан ифодае ба кор наравад, ки аз рамузи он маъние нохуш ҳосил шавад.

Талаби дигари ҳусни матлаъ, ба риояти хусусиятҳои ҷинсиву жанрии асари таълифшаванда вобаста аст. «Ва дар ҳар каломе алфозу таркиб лоиқи он оранд, масалан, дар қасида дар ҷазолату матонат кӯшанд, дар ғазалу рубоӣ - дар нозукиву равонӣ» (Атоулло).

Хулосаи Атоулло доир ба ҳусни матлаъ ин аст, ки муаллифон «дар хубию марғубии аввали калом саъйи тамом намоянд, аз баҳри он ки *аввали чизест, ки ба гӯши сомеъ* (шунаванда) *мерасад: пас агар хуб аст, ӯро ба шунидани боқии сухан майл мешавад, вагарна тибъи ӯ аз он эъроз мекунад;* ва ҳарчанд баъди ӯ (яъне: матлаъи нописандида) хуб бошад, ислоҳи он танаффури табъ, ки дар аввали ҳол шунавандаро ҳосил шуда (буд), натавонад кард».

Барои намуна, ҳусни матлаи дар аввалбайти қасидаи Атоулло дар ситоиши Навоӣ меояд:

Начидӣ бар бисоти чарх з-анҷум санг агар даврон,
Шудӣ зеру забар аз сар-сари оҳам шаби ҳиҷрон.

Ин байт ба тамоми талабҳои ҳусни матлаъ ҷавобгӯ аст. Махсусан, ишораи нозук ба мундариҷаи ғоявӣ (вазъи ғамангези қаҳрамони лирикӣ) хеле ҷолиб аст.

[1] *Ҷомӣ*. Баҳористон. – Душанбе: Адиб, 1987, с. 111.
[2] *Куллиёт*, ҷ. 3, с. 113.

[1] *Бадоеъ-ус-саноеъ*, с. 181-182.

"Баҳористон" овардааст: "Вай (Абулвосеи Ҷабалӣ - Р.М.) фозиле комил ва шоире моҳир буд; ва ба ҳар ду забон – тозию форсӣ" сухан гуфта. Ва иттифоқ аст, ки ҳеҷ кас аз уҳдаи ҷавоби қасидаи машҳури вай, ки матлааш ин аст (мисраъ):

Кӣ дорад чун ту маъшуқе нигорам чобуку дилбар –

чуноне ки мебояд, берун наёмадааст".[1]

Устод Турсунзода мегӯяд, ки "барои ман ёфтани матлаи шеър бозёфти калон аст: ман фақат дар ёфтани матлаъ бисёр меҳнат мекунам".[2] Ин чунин маънӣ дорад, ки шоир баъди илҳом гирифтан аз мавзуе, доир ба он дурудароз хаёл ронда, хуб мепазонад, мувофиқи табиату моҳияти он жанр вазну қофияи муносиб интихоб намуда, пас матлаъро эҷод мекунад. Баъди офариниши матлаъ, таълифи боқии асар нисбатан мушкилие надорад, зеро аз рӯи қолаби муайяншуда мазмунро пурра ва мавзуъро ҳал кардан мемонаду халос.

Дар адабиётшиносии тоҷик, ҳамчун муродифи *матлаи шеър* истилоҳи *аввалбайт* ҳам кор фармуда мешавад.

Ҳусни матлаъ

Он матлаеро, ки аз хашв (хосса хашви қабеҳ) *холӣ*, аммо *дорои образи зебои шеърӣ буда, калимаҳояш бо ҳамдигар таносуби мустаҳкам дошта, аз мавзуъву мундариҷаи гоявии асар дарак медода бошад, **ҳусни матлаъ** мегӯянд.*

Атоулло навиштааст: "дар аввали калом алфози хушояндаи латифро, ки мутақориби якдигар бошанд дар нозукиву равонӣ, ва дар зидди он ки ҷазолату матонат аст (ованд); таркиб маҳками хушояндаи покиза кунанд, ки дар адои маънӣ мутлақо қусуре надошта бошад, ва зеҳн мустақим аз он ба мақсуд зуд нақл кунад. Ва миёни лафзу маънӣ муносибат риоят кунанд, на он ки маънии хубро ба алфози саҳл адо кунанд, ё акс".[1]

Назар ба таъкиди Атоулло, адибон дар «сиҳҳати маънӣ саъй намоянд, ки солим (холӣ) бошад аз нуқсону имтиноъ, ва бадалу мухолифати урф, ва амсоли онҳо», яъне, дар аввали насри бадеӣ ҳеҷ гуна камбудӣ роҳ наёбад. Яке аз шартҳои муҳими ҳусни матлаъ ин аст: «аз зикри чизе, ки ба ҷиҳати фол нек набошад, худдорӣ намоянд», яъне, дар оғози сухан ифодае ба кор наравад, ки аз рамузи он маъние нохуш ҳосил шавад.

Талаби дигари ҳусни матлаъ, ба риояти хусусиятҳои ҷинсиву жанрии асари таълифшаванда вобаста аст. «Ва дар ҳар каломе алфозу таркиб лоиқи он оранд, масалан, дар қасида дар ҷазолату матонат кӯшанд, дар ғазалу рубоӣ - дар нозукиву равонӣ» (Атоулло).

Хулосаи Атоулло доир ба ҳусни матлаъ ин аст, ки муаллифон «дар хубию марғубии аввали калом саъйи тамом намоянд, аз баҳри он ки *аввали чизест, ки ба гӯши сомеъ* (шунаванда) *мерасад: пас агар хуб аст, ӯро ба шунидани боқии сухан майл мешавад, вагарна тибъи ӯ аз он эъроз мекунад;* ва ҳарчанд баъди ӯ (яъне: матлаъи нописандида) хуб бошад, ислоҳи он танаффури табъ, ки дар аввали ҳол шунавандаро ҳосил шуда (буд), натавонад кард».

Барои намуна, ҳусни матлаи дар аввалбайти қасидаи Атоулло дар ситоиши Навоӣ меояд:

Начидӣ бар бисоти чарх з-анҷум санг агар даврон,
Шудӣ зеру забар аз сар-сари оҳам шаби ҳиҷрон.

Ин байт ба тамоми талабҳои ҳусни матлаъ ҷавобгӯ аст. Махсусан, ишораи нозук ба мундариҷаи ғоявӣ (вазъи ғамангези қаҳрамони лирикӣ) хеле ҷолиб аст.

[1] *Ҷомӣ.* Баҳористон. – Душанбе: Адиб, 1987, с. 111.
[2] *Куллиёт*, ҷ. 3, с. 113.

[1] *Бадоеъ-ус-саноеъ*, с. 181-182.

Романҳои «Дохунда», «Духтари оташ» низ ҳусни матлаи фаромӯшнашаванда доранд, ки рағбати хонандаро ба мутолиаи давоми асар ҷалб мекунад.

Ҳусни матлаъро гоҳе *ҳусни ибтидо* ва *бароати ибтидо* низ мегӯянд.

Насиб *Дар асарҳои нисбатан калони лирикӣ, махсусан қасида, пеш аз баёни мақсади асосӣ, дар аввал муаллиф дар мавзуъҳои манзара, фасли сол, ёду дидори дӯстон ва ғ., ки аз хондану шуниданашон ҳеҷ кас малул нашуда, баръакс, ҳамеша мутаассир мегардад, сухан меронад.* Ҳамин пораро насиб мегӯянд. Ин гуна порчаи муқаддамотӣ ба нияти бедор намудани шавқи хонандаю шунаванда ва ҷалб кардани рағбати вай ба мазмуни минбаъдаи асар гуфта мешавад.

Насиб дар асари бадеӣ нақши калони композитсионӣ ва психологӣ дорад. Мувофиқи ақидаи баъзе адабиётшиносон, умуман *пешгуфтори асар*, ҳатто мактубот ҳам, ба ҷумлаи *насиб* дохил мешавад.

Ташбиб *Тавсифи ҷамоли духтарон, васфи ишқу муҳаббатро дар аввали асари бадеӣ,* ***ташбиб*** *мегӯянд. Маънии истилоҳияш – он муқаддимаест, ки шоирон дар шеърҳои лирикӣ дар мавзуи ишқу муҳаббат меоранд.*

Дар бисёр сарчашмаҳои назарӣ ва китобҳои илмии адабӣ, насиб ва ташбибро аз ҳамдигар фарқ накарда, ҳамчун муродифи якдигар кор фармудаанд.

Тағаззул Насиб ва ташбибро якҷоя дар асрҳои миёна *тағаззул* ҳам меномиданд. *Тағаззул ва ғазал калимаҳои ҳамреша бошанд ҳам, истилоҳоти гуногунанд:* ***тағаззул*** *– қисмати (муқаддимавии) асари лирикии манзум буда,* ***ғазал*** *– жанри маълуми мустақили адабист.* Доираи мафҳуми тағаззул нисбатан васеътар буда, гоҳе маънии ғазалро ҳам фаро мегирад.

Ҳамин тавр, дар ибтидо, асрҳои IX-X «ғазал» умуман ба маънии «шеъри ишқӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст.

Тахаллус Дар ибтидо ба маънии *гурезгоҳ* меомад. *Баъди фароғат аз насиб (ё ташбиб) суханвар якбора ба мавзуи мақсади аслии асар намегузарад, балки як ё якчанд байт гуфта, ду мавзуъ – мавзуи муқаддима ва мавзуи муродро бо ҳамдигар мепайвандад. Ҳамин порча (ё якчанд байт)-и пайвандкунандаи муқаддима ва қисми асосии асарро дар адабиётшиносӣ* ***тахаллус (гурезгоҳ)*** *мегӯянд.*

Агар ҳамин навъ порчаи пайвасткунанда дар асар оварда нашавад, миёни ду қисми асари бадеӣ рахна пайдо мешавад ва ягонагиву ваҳдати асар зарар мебинад.

Аз асри X сар карда, дар таърихи адабиёти тоҷик ҳодисаи дигаре рӯй медиҳад, ки он *тахаллус* ном дорад. Ин дар зимни асар зикр кардани ном ва ё лақаби муаллифи шеър аст. Овардани тахаллуси шоир аз нигоҳи жанри адабӣ маҳдудият надорад – онро ҳам дар ғазалу қасида, ҳам рубоиву қитъа, ҳам тарҷеоту мусаммат, ҳатто маснавӣ (достон) ҳам дидан мумкин аст. Дар ибтидо, махсусан асрҳои X-XI тахаллуси шоир ҷои қатъӣ надошт: гоҳ дар аввали шеър, гоҳе дар мобайн, ва гоҳе дар охир сабт мешуд. Аммо баъдтар дар байти охирин овардани тахаллус маъмул гашт. Чизи дигари ҷолиби диққати тахаллус ин аст, ки агар дар баъзе шеърҳо дар ибтидо умуман дида нашавад, дар баъзе шеърҳои дигар чандборӣ дучор меояд.

Ҳамин тариқ, дар адабиётшиносӣ эҳтиёҷоти аз ҳамдигар фарқ кунонидани ду «тахаллус» - қисми *композитсионӣ* аз як тараф, *имзои муаллиф*, аз тарафи дигар – ба миён омад. Бинобар ин, ҳолати аввал, яъне «тахаллус»-ро чун унсури композитсионии асар бо истилоҳи тоҷикии *гурезгоҳ* ифода мекунанд. Ин ҳолатро Атоуллоҳ чунин ишора кардааст: *«машҳур он аст, ки қудамо инро «тахаллус» мегуфтаанд ва мутааххирони шуарои Аҷам инро «гурезгоҳ» мегӯянд».*[1]

[1] *Бадоеъ-ус-саноеъ*, с. 123.

Ҷамолиддини Исфаҳонӣ тахаллуси худро дар ғазал тақрибан наёварда; Хоқонӣ ҳатман дар охири ғазал оварда; Анварӣ гоҳе овардаву гоҳе наёварда; Саноӣ гоҳе дар охиру гоҳе дар миёнаи ғазал оварда.

Ҳусни тахаллус

Агар гурезгоҳ, чунон ки ҳусни асар талаб мекунад, созгору дилчасп сурат мегирифта бошад, яъне, гузариш аз мавзуи муқаддима ба мавзуи қисми асосӣ, мулоиму муносиб ба вуқуъ омада, калимаю ибораҳо бо ҳамдигар муносибати мустаҳкам дошта, ва порча дорои образ (ё образҳо)-и баланди дилкаш бошад, онро ***ҳусни тахаллус*** *мегӯянд.*

Гоҳе шоирон зимни тахаллус ду маъниро ҳам ҷо медиҳанд, ки агар назокату латофат дошта бошад, ба хотирҳо менишинад, чунонки шайх Камол мегӯяд:

Гар дасти ман бигирӣ, гардад фалак гуломам,
Маҳ чун Камол гирад, орандаш эътиборе.

Шайх Камол мегӯяд, ки фикри ғазалро дар ду моҳ пухтааст. Гумон аст, ки рост нагуфта бошад:

Он чи Камол аз он ду рух кард баён дар ин ғазал,
Саҳл мабин, ки фикри он ман ба ду моҳ кардаам.

Гоҳе шоир (қаҳрамони лирикӣ) тахаллуси худро чун шахси батамом дигар ба қалам медиҳад. Мисоле аз Айнӣ буд, мисоле дигар аз Урфӣ:

Рӯзе ки ду чашми ману Урфӣ ба ҳам афтод,
Бар ҳам нигаристему гиристему гузаштем.

Барои намунаи ҳусни тахаллус, гурезгоҳи қасидаи Атоуллоро дар ситоиши Навоӣ овардан мумкин аст:

Гаҳе чархам ба Тӯрон бурду кард авқоти ман тира,
Гаҳе афканд дар Эрону кард аҳволи ман вайрон.
Ҷафои чарх чун бар ман гузашт аз ҳад, хирад гуфто:
Бирав, то доди ту бистонад аз ӯ нойиби султон –
Амони мулк, амини дин, амири маъдалат – ойин –
Низомиддин Алишер – он ҷаҳони донишу эҳсон.

Дар матлаъ ба аҳволи вазнини қаҳрамони лирикӣ ишорае буд, ки он аҳвол дар гурезгоҳ як андоза тафсир меёбад ва барои илоҷ ба мамдуҳ – Алишери Навоӣ мурочиат кардан лозим меояд. Ҳамин маънӣ дар гурезгоҳи шеър хуб ифода ёфтааст ва аз ҳамин сабаб, порчаи мазкурро мисоли хуби ҳусни тахаллус шумурдан мумкин аст.

Рашиди Ватвот бо таҳсини зиёд байти зерини Камолро оварда, ки воқеан ҳам дар он мавзуи *васфи қалам* бо мавзуи *мадҳи мамдуҳ* хуб пайванд мехӯрад:

Рух тира, сар бурида, нагунсору мушкбор,
Гӯяд, ки нӯги хомаи дастури кишварам.[1]

Дар адабиётшиносии муосир таҳти истилоҳи ҳусни тахаллус, байти барҷастаеро мефаҳманд, ки тахаллуси шоир дар он зикр шуда бошад. Чунончи, донишманди муосири тоҷик Ҷобулшо Додалишоев дар сарсухани ҷилди панҷуми Куллиёти Низомӣ[2] навиштааст: «Маълум аст, ки Низомӣ на ҳама вақт мақтаъро бо тахаллус ба охир мерасонад. Баъзе ғазалҳои ӯ, ки ҳаҷман аз 6 то 9 байтро дарбар мегиранд, бе зикри тахаллус омадаанд, чунки зикри ҳатмии тахаллус, яъне, *ҳусни тахаллус* (таъкид аз мо – Р.М.), дар давраи Низомӣ ҳанӯз ба ҳукми анъанаи қатъӣ надаромада буд. Бар замми ин, дар

[1] *Хадоиқ-ус-сеҳр*, с. 652.
[2] Душанбе: Ирфон, 1984, с. 21-22.

замони Низомӣ ғазалҳое буданд, ки дар онҳо тахаллуси шоир пеш аз байти мақтаъ оварда шудаанд. Ин ҳодиса аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асри XII-XIII тахаллусро дар мақтаъи ғазал овардан низ ҳанӯз ҳатмӣ набудааст».

Ҳусни тахаллус аз истеъдод ва маҳорати баланди суханвар гувоҳӣ медиҳад.

Талаб *Ҳар як асари бадеӣ, сарфи назар аз ҷинсу жанр ва замону макони таълифи худ, аз рӯи талаб ва ҳадафи муайяне ба майдон меояд.* Бидуни талаб ва мақсаду ҳадафе асаре таълиф намешавад. Аз жанрҳои маъмули асримиёнагӣ *талаб* махсусан дар қасида унсури ҳатмӣ маҳсуб мешуд.

Талаб ва *муроди марказии муаллиф*, ки онро дар адабиётшиносии муосир *гоя* мегӯянд, бо роҳу воситаҳои гуногун – *образу характерҳо, портрету зиддият, манзара* ва ғ. зоҳир мешавад.

Ҳусни талаб *Он порчае, ки мақсади асосии гӯяндаи шеърро дар умқи худ ва ба тарзи латифу мулоим, мутобиқи шароити одоб фаро гирифтааст, ҳусни талаб мегӯянд.*

На ҳар як матлаби ифодашаванда моҳиятан дилнишин аст. Дар ин сурат агар матлаби дурушту ҷиддӣ дар либоси салис, ва ба воситаи образу таъбирҳои гуворои амиқмазмун гуфта шавад, асар қобили қабули хотири хонандаю шунаванда воқеъ мегардад. Байти зерини Атоулло мисоли барҷастаи *ҳусни талаб* шуда метавонад.

Шудӣ Салмони аҳдат дар саноеъ банда, гар ӯро
Набудӣ фикри қарзе гайри қарз-уш-шеър, чун Салмон.

Муаллиф дар ин байт гуфтааст, ки агар азияти қарздорӣ маро танг намекарду бо фароғати ҳол машғули шеър мешудам

(чунон ки ин бахти бузург насиби шоири забардасти асри XIV Салмони Совачӣ буд), дар ҳунари шеър Салмони замон мегаштам. Ғояи марказии қасидаи дар васфи Навоӣ сурудаи Атоулло баёни ҳамин *қарздориву тангдастии* муаллиф мебошад, ки дар бахши ҳусни талаб ба таври аъло сурат гирифтааст.

Талаби шоир аз асари бадеӣ ҳар қадар олиҳиммат бошад, ва ба нафъи саодати башарият бештар нигаронида шавад, арзиши он асари бадеӣ ҳамон андоза боло меравад. Вале агар он талаб бо ҳусну назокат иҷро гардад, дараҷаи таъсир ва хизмати он асар ҳамон андоза меафзояд.

Ҳусни талабро, бо истилоҳоти дигар, ҳамчун *ҳусни матлаб, бароати талаб, адаби талаб* ва *ҳусни савол* низ ишора мекунанд.

Мақтаъ Маънии луғавии «мақтаъ» ҷои *қатъшуда* буда, дар истилоҳ, *қисмати охирин, анҷоми асари бадеиро* мефаҳмонад. Байт, ё банди охирин дар шеър, достон, ҷумла ва ё порчаи хулосавии асари насриро, ки асар бо он хотима меёбад, *мақтаъ* мегӯянд.

Мақтаъ метавонад аз як, ё якчанд байт (ё чанд ҷумла) иборат бошад. Ин вобаста ба он аст, ки фикру мазмуни ҷамъбасткунанда чи андоза ҷойро ишғол мекунад. Баъзеҳо мақтаъро қатъан аз як байт иборат донистаанд, ва онро хоси танҳо ғазалу қасида шумурдаанд, ки дуруст нест.

Мақтаъ, гоҳе *хотима, анҷом* ва *фароварда* низ номида мешавад.

Ҳусни мақтаъ *Мақтаи бисёр аъло гуфташуда мебошад. Мувофиқи ҳусни асар, мақтаъ бояд ба тамоми маънӣ барҷаста бошад – мавҷудияти образи бикр, фикри оригиналии ҷамъбасткунанда, таносуби олии мафҳумҳо барои он ҳатмӣ маҳсуб мешаванд.*

Чунон ки Атоулло мегӯяд, суханварон бояд «хатми калом ба чизе кунанд, ки ба ҳасби лафзу маънӣ хубу марғуб бошад, чи он охири чизест, ки ба гӯши сомеъ мерасад; пас агар хуб бошад,

лаззату латофати он дар хотири ӯ мемонад; ва агар дар абёти собиқа қусуре воқеъ шуда бошад, онро бартараф мекунад, монанди таоми лазизи латиф, ки дар охири таомҳо мехӯранд».

Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» (с. 157) «ягон байти зебову пурмазмун» «охири ғазал ё қасида» *ҳусни мақтаъ* дониста шудааст. Ин сухан ду ғалат дорад, аввал ин ки мақтаъ танҳо *хоси ғазалу қасида намебошад*, сониян, мақтаъ метавонад *зиёда аз як байт* ҳам бошад; масалан, ҳусни мақтаи қасидаи Атоулло (дар мадҳи Навоӣ) аз се байт иборат аст. Шодравон Т. Зеҳнӣ низ мақтаъро иборат аз як байт донистааст.[1]

Ҳар як асари барҷастаи бадеӣ ҳусни мақтаъ дорад. Масалан, мақтаи қасидаи шиквоияи устод Рӯдакӣ:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон шуд.

Поёнбахши байтҳои ин шеъри Рӯдакӣ «буд» аст, аммо байти охирин бо «шуд» анҷом мепазирад.

Дар мавриди ҳусни мақтаъ истилоҳоти *ҳусни интиҳо, ҳусни хотима* ва *бароати мақтаъро* низ ба кор мебаранд.

Бароати истеҳлол Ҳамаи унсурҳои композитсионие, ки номбар шуданд, аксаран хоси асарҳои лирикӣ мебошанд. Ғайр аз инҳо, ду унсури машҳури дигар мавҷуд аст, ки ба ҷинси ҳамоса дахли бевосита дорад: яке - *бароати истеҳлол*, дигаре – *соқинома*.

Муаллифи «Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ» Наҷотии Нишопурӣ доир ба *бароати истеҳлол* навиштааст: «*Ин санъат ибтидо кардани балег бувад бад-он чи далолат кунад бар арзи муроди ӯ*, чунон ки Фирдавсӣ дар аввали қиссаи Рустаму Сӯҳроб ва кушта шудани ӯ ба дасти Рустам гуфтааст:

[1] *Санъати сухан*, с. 122-123. Муфассалтар ниг.: *Раҳим Мусулмониёни Кубодиёнӣ*. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: Ирфон, 1984, с. 11-18.

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афканад норасида турунҷ».[1]

Дар ин суханони соҳиби «Рисолаи пирӯзӣ» чанд масъала равшан шудааст, чунончи:

1) *бароати истеҳлол* – ба санъати сухан мансуб аст;

2) *бароати истеҳлол – огози балег* аст, яъне, бояд образи нодири диққатҷалбкунанда дошта бошад;

3) *бароати истеҳлол – ишораи* образноки *нозукест* ба чигунагии *ҳалли зиддияти асосии* минбаъд тасвиршавандаи асар;

Наҷотии Нишопурӣ баъди байти мазкури Фирдавсӣ илова менамояд: «Ҳар соҳибсухан, ки дар ин байт назар кунад, дарёбад, ки пире куҳан ҷавоне навро ҳалок кард» (Ҳамон ҷо).

Дарвоқеъ, агар тундбод аз ҷои ғайричашмдошт (аз кунҷ) бархезад, меваи норасидаро бо хок яксон менамояд. Мисли ҳамин, Рустами таҷрибадор Сӯҳроби бетаҷрибаро бо роҳи ғайримаъмул нобуд месозад, яъне, ҳангоме, ки аз дасти Сӯҳроб меафтад, мегӯяд ки паҳлавонон бори аввал ҳарифи худро раҳо мекунанд. Ва Рустам раҳо меёбад. Аммо ҳангоме ки худ Сӯҳробро меафканад, дарҳол ба синаи вай ханҷар мезанад.

Санъати *бароати истеҳлол* дар «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ васеътар шарҳ ёфтааст. Ин муаллиф доираи санъати мазкурро хеле васеъ медонад, яъне, он бо асарҳои эпикӣ маҳдуд нашуда, балки унсурҳои муқаддамотии ҳар як асари бадеӣ, ҳамчун *зикри номи муаллиф, феҳрасти матолиб, номгӯи адабиёти истифодашуда* ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Ба ин фикри Атоулло шарик шудан душвор аст, зеро: аз як тараф, *бароати истеҳлол* аз доираи адабиёти бадеӣ берун бароварда ва барои ҳама гуна таълифот тахсис гардонда шавад, аз тарафи дигар – ва ин аз ҳама муҳим аст – хусусияти образноки *бароати истеҳлол* аз эътибор берун мемонад.

[1] Рисолаи пирӯзӣ, в. 6 а.

Намунаи барҷастаи бароати истеҳлолро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дучор меоем:

Ин хона зи хишти куҳан андохтаам,
Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман
Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.

Бароати истеҳлол аз *эпиграф* тафовут дорад, чунончи:

1) агар эпиграф ҳамеша пеш аз матни асар ояд, бароати истеҳлол метавонад дар дохил ҳам биёяд;

2) агар эпиграф бо мавзуъ, мазмун, сужа ва тарафҳои дигари дохилии асар бевосита алоқаманд набошад, бароати истеҳлол бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад;

3) агар эпиграф дар ҳама гуна таълифот – илмӣ, публитсистӣ, таълимӣ ва ғ. раво бошад, аммо бароати истеҳлол хоси асари бадеист;

4) эпиграф орият аз сухани каси дигар буда метавонад, вале бароати истеҳлол ҳатман эҷоди муаллифи асар аст.

Соқинома. Муғаннинома. Руҷуи лирикӣ

Ҷинсҳои адабӣ аз фазилатҳои ҳамдигар баҳраманд мешаванд. Аз ҳамин тариқ, асарҳои ҳамосавӣ низ аз имкониятҳои ҷинси ғиноӣ манфиат мебинанд. Чунончи, Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» зимни баёни ҳодиса ва масъалаҳои гуногун, аксаран дар анҷом ва ё оғози баёни онҳо, эҳсосоти худро аз маънии тасвиршаванда ва ё андешаашро нисбати он ифода менамояд. Инак, порае ба ҳамин маънӣ:

Накорам кунун тухми ранҷу гуноҳ,
Ки омад сафедӣ ба ҷои сиёҳ.
Дилам сер гашт аз Фаридуни гурд.
Маро з-он чӣ, к-ӯ тахти Заҳҳок бурд.

Гирифтам дил аз мулкати Кайқубод,
Ҳамон тахти Ковуси кай бурд бод.
Надонам чӣ хоҳад буд ин ҷуз азоб?
Зи Кайхусраву ҷангу Афросиёб.
Бар ин месазад гар бихандад хирад,
Зи ман худ куҷо кай писандад хирад?
Ки як нима аз умри худ кам кунам,
Ҷаҳоне пур аз номи Рустам кунам.
Дилам гашта серу гирифтам малол
Ҳам аз пури Ковусу ҳам пури Зол.

Ин ҳолат диққати Низомии Ганҷавиро ба худ бештар ҷалб кард. Ӯ дар баъзе достонҳояш ба ин масъала дар ҳар ҷое мувофиқ ояд, эътибор медод, аммо дар «Шарафнома»-ю «Иқболнома» *ин чизро ба низом дароварда: дар оғози ҳар як фаслеву ҳикояте дар ҳаҷми ду байт хитобан ба соқӣ ва муғаннӣ эҳсосоту андешаи лирикии худро баён менамояд. Аз ҳамин ҷо истилоҳоти* ***соқинома*** *(хитоб ба соқӣ) ва* ***муғаннинома*** *(мухотаб муғаннӣ) маъмул гашт.*

Соқинома (муғаннинома), ки афкори лирикии достонсароро дарбар мегирад, барои дарёфти олами маънавии худи шоир, донистани завқу табъи ӯ хеле кӯмак мерасонад. Чунончи, ҳаким Низомӣ дар ин пораи муғаннинома роҷеъ ба мақому мартабаи асари ҳунарӣ, ки монанди чор машъал дар торикшаб аст, фикри олие гуфта:

Бисоз, эй муғаннӣ, раҳи дилписанд
Бар автори ин аргунуни баланд.
Раҳе, к-он зи меҳнат раҳӣ диҳад,
Ба торикшаб рӯшноӣ диҳад.

Он пораҳои лирикие, ки дар ҷойҳои гуногуни асари ҳамосавӣ, аксаран дар оғози он, аввалу интиҳои бобу фасл, ва ё

воқеаҳо дида мешаванд, *соқинома, муғаннинома* ва *ручуи лирикӣ* ном доранд.

Соқинома ва муғаннинома аз ҳамдигар чандон фарқе намекунанд, чун *муродифи ҳамдигар* истифода мешаванд. Аммо ручуи лирикӣ истилоҳи нисбатан нав аст.

Ин навъ параҳо дар шакли маснавӣ навишта шуда, андешаю мулоҳизаҳои қаҳрамони лирикиро дар бораи ҳаёт, муҳимтарин нишонаҳои абадияту гувороии он – *май, ҷавонӣ, ишқ, некӯкорӣ* ва амсоли инҳо фаро мегирад.

Ва аммо *май* достоне ҷолиб дорад: беш аз сад бор ба кор рафтааст, дар маъниҳои гуногун, дар сурати: *равон ёқути ноб, тег пеши офтоб, гулоб, хоб, қатри саҳоб, дуои мустаҷоб* (Рӯдакӣ); *майи гулранг* (Дақиқӣ); *бодаи раҳиқ, ба таъм талх чу насиҳати падар, май бо хирадмандон ё санаме хандон хӯр* (Ибни Сино); *хуни ангур, ҷон дар ҷисму кор дар нур, ҳамчу занбӯр забонгаз, луоби занбӯр, дидаи ҳур* (Масъуди Саъди Салмон); *бодаи чун гудохта марҷон* (Фаррухӣ); *майи муғон* (Хайём); *ҷоми заррин, соқии нӯшлаб, Ҷоми Ҷам, майи лаъл, майи лаългун, оби рангин* (Фирдавсӣ); *оби оташфурӯғ* (Фахриддини Гургонӣ); *ҷоми муҳаббатхӯр* (Аттор); *доруи беҳушон, бодаи ҷоми хос, оби ҳайвонгувор, шарбати ҷонфизой, хуни рангини раз, ратли гарон, зи меҳнат раҳоӣ диҳад, ба торикшаб рӯшноӣ диҳад, майи хусравонӣ, аргувонӣ шароб, май – фаррухпай, ҷоми ойинафом, шарбати дилфиреб, оби ҷӯи биҳишт, ҷоми оташсиришт, шабчароғи муғон, ҷонпарвар, бодаи хушгувор, дами ҷонфизой, оби оташхаёл, қаҳрабои сафол, хуни тазарв* (Низомӣ); *ҷоми шодифизой, бодаи талхфом, шарбати хушгувор, ҷоми дарёдарун, бодаи бехумор, бодаи талхфом, чашмаи зиндагӣ, хубҷом, ҷуръаи тифлваш, ганҷдони нишот, бодаи дилнавоз, майи соф, ҷоми дурафшанда, ёқути рахшанда, аргувонӣ шароб, оби хуш, соғари дилкушой, салсабили ҳаёт, илми борик, кимиёи вуҷуд* (Хусрави Деҳлавӣ); *оби оташ, ҷоми Ҷамшед, ратли гарон, оби оташнишон, бодаи сармадӣ, оби афшурда, оби оташхавос, ҷоми нӯшинравон, айни оби ҳаёт, оби айни равоҳ, офтоби равон,*

лаъли ёқутранг, ҷавҳари рух, давои дили реши маҷруҳ, майи Баҳман, оби афшурда, (Хоҷуи Кирмонӣ); *хуни суроҳӣ, оташи тобнок, ҷондоруи хуш, бодаи лаълфом, бодаи куҳан, лаъли ёқутранг, талхи ширингувор, оби харобот, аргувони қадаҳ, дармони дилҳо, ҷоми ёқутваш, ҷоми софисифат, роҳи райҳоннасим* (Ҳофиз); *майи ровакӣ, майи дилписанд, бодаи айбшӯй* (Ҷомӣ).

Соқинома[1] нақши иловагии композитсониро низ мебозад. Масалан, яке аз муаллифони китоби дарсии «Адабиёти асрҳои XVI-XX» Садрӣ Саъдиев, зимни таҳлили «Толибу Матлуб»-и Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ навиштааст: «Як хусусияти сохти достони Фитрат ин аст, ки он ба таври маъмулӣ ба бобҳо ҷудо карда нашуда бошад ҳам, вале пас аз анҷоми тасвири ҳар воқеа ё лавҳа ду байти соқиномае оварда мешавад, ки мазмунаш пешакӣ аз воқеаи навбатии мавриди тасвир хабар медиҳад (яъне, чун *бароати истеҳлол* – Р.М.). Дар ин сурат, байтҳои соқинома достонро ба бобҳо ҷудо карда ва вазифаи як навъ унвони бобҳоро низ адо намудаанд».

Муҳаққиқи номбурда боз мегӯяд: «Дигар ин ки агарчи Мулҳам монанди баъзе маснависароёни гузашта ҳар боби достони худро бо муроҷиат ба соқӣ ба охир мерасонад, вале дар ин ҷо низ вай тариқаи махсуси услубиеро пеш гирифтааст. Дар достони («Лайлию Маҷнун») ӯ муроҷиат ба соқӣ танҳо тамом шудани ин ё он боб, балки дар айни ҳол бо мазмуни худ оғоз гардидани боби ояндаро низ ифода менамояд. Аз ин ҷиҳат «Лайлию Маҷнун»-и Мулҳам «Толибу Матлуб»-и Фитрати Зардӯзро ба хотир меорад, ки дар он низ ду байти соқиномаи охири ҳар боб бо мазмуни худ аз боби оянда дарак медиҳад».

Гоҳе нависанда бо баёни амали персонаж қаноат накарда, муносибати бевоситаи худро ба предмети тасвир ифода

[1] Доир ба соқиномаҳо муфассалтар ниг.: *Ф. Зеҳниева.* Жанр Сокиноме в таджикско-персидской литературе (XIII-XV вв.). – Автореферат дис. канд. фил. наук. – Душанбе, 1972.

менамояд, андешаашро аз рафтори персонаж ва ё эҳсосоташро аз натиҷаи воқеа ба қалам медиҳад. Ин навъ параҳо, ки аз ҳиссиёту андешаи муаллиф иборатанд, ба воқеаю зиддият ва ҳодисаи мавриди тасвир бевосита мансуб нестанд, балки барои равшантар тасаввур намудани мавқеи ғоявии муаллиф, ҷой ва сарнавишти персонажҳо, ҷамъбасти воқеа ва амсоли инҳо кӯмак мерасонанд. Аз тарафи дигар, ин параҳои лирикӣ ба хонанда барои беғалат фаҳмидани ҳадафи ниҳоии нависанда, махсусан барои хуб мутаассир шудани вай аз ҳамин матлаб ёрии ҷиддӣ мерасонанд.

Доираи предмети параҳои лирикӣ хеле васеъ буда, ба он ҳодисаю ҳолатҳои зиндагӣ, масъалаҳои ахлоқию иҷтимоӣ, фалсафаи зиндагӣ, муҳити табиӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Одатан агар мухотаби пора *соқӣ* бошад, ин мавриди параро *соқинома* мегӯянд, гоҳе дигар мухотаб *муғаннӣ* мешавад, ки дар ин сурат он пора ***муғаннинома*** ном мегирад.

Функсияи композитсионӣ ва эмотсионалии соқинома аз мулоим сар кардани сужаи қисса ва бедор намудани ҳиссиёти хонандаю шунаванда иборат мебошад. Аҳамияти дигари соқинома дар он аст, ки бинобар ҳузури равшану фаъолонаи қаҳрамони лирикӣ, тамоми нақли ҳодисоти эпикӣ хусусияти зиндаи таъсирбахшро пайдо мекунад, ва ҷанбаи лирикиву ҳамосавии асар ба ҳам омада, ягонагии томро таъмин менамояд.

Тадриҷан соқинома (муғаннинома) чун *жанри* мустақили лирикӣ ҳам эҷод мешавад. Махсусан, ду маснавии соқиномаи хоҷа Ҳофиз, ки дар баҳри *мутақориби мусаммани мақсур* гуфта шудаанд, «беш аз дигарон шӯҳрат доранд». Яке чунин оғоз меёбад:

Биё, соқӣ, он май, ки ҳол оварад,
Каромат физояд, камол оварад.
Ба ман дех, ки бас бедил афтодаам
В-аз ин ҳарду беҳосил афтодаам.

Муроди хоҷа Ҳофиз аз май – *караму камоли одамӣ* будааст. Ин ду чиз дар ҳаёти ҳам фарди алоҳида, ҳам кулли ҷамъият нақши калоне мебозад. Май баҳонаест, дар караму камоли инсон. Бесабаб хоҷа Ҳофиз ин мафҳумҳоро дар матлаъ ба қалам надодааст.

Ташаббуси Ҳофизро дигарон идома додаанд. Чунончи, Зуҳурии Туршезӣ, Низомиддин Маҳмуди Шерозӣ, Мирзонизоми Дастғайб, Мулло Туғрои Машҳадӣ, Аҳлии Шерозӣ, Соқии Хуросонӣ, Солики Қазвинӣ ва дигарон маснавиҳо сурудаанд.

Ҳатто кӯшиши дар шакли ғайри маснавӣ гуфтани соқинома ба амал омад, масалан, соқиномаи Урфии Шерозӣ аз силсилаи рубоӣ иборат аст. Дертар Навоӣ дар соқиномааш лаҳзаҳои муҳими шарҳиҳолии худро дохил намудааст.[1]

«Соқинома»-и Зуҳури Туршезӣ, ки соли 1263 дар Конпур ба табъ расидааст, 4500 байт дорад.

Параҳои лирикӣ ҳам дар назм, ҳам дар насри муосир истифода мешаванд, масалан, устод Турсунзода, дар «Ҳасани аробакаш», махсусан достони «Аз Ганг то Кремл» хеле хуб ба кор бурдааст. Ё худ, С. Айнӣ дар «Дохунда», Н.В. Гоголь дар «Ҷонҳои мурда» аз он истифода кардаанд. Масъалаи параҳои лирикии осори ҳамосавӣ диққати адабиётшиносони ҳозираро ҳам ҷалб кардааст. Ин мафҳум дар таълифоти онҳо чун ***руҷуи лирикӣ*** номбар мешавад.

Умуман дар мавриди устухонбандӣ бояд гуфт, ки ҳар як жанри адабӣ, тибқи қонунияти жанрии худ, дорои сохти муайяни композитсионӣ мебошад. Чунончи, агар устухонбандии

[1] *Ё. Исоқов.* Навоий поэтикаси. – Тошканд: Фан, 1983, с. 85-99. М. Маҳчуб аз фарҳангҳо ду байти *мутақориби мусаммани мақсур (маҳзуф)* мансуб ба Фахриддини Гургонӣ пайдо кардааст, ки дар яке хитоб ба сокӣ асту дар дигаре ба муғаннӣ. Муҳаққиқ дар асоси умумияти калимаҳо ва ягонагии вазн тахмин мекунад, ки Фахриддини Гургонӣ маснавии соқинома доштааст ва аз он ҳаким Низомӣ илҳом гирифтааст. – Ниг.: *Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб.* Соқинома – Муғаннинома. – Сухан, 1339, No 1, с. 77-79.

қитъа устувор бошад, сохти композитсионии *газал* нисбатан заиф мешавад. Аз тарафи дигар, чигунагии устухонбандии асар ба табиати мавзуъ, воқеа, сужа сахт алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, устувории сохти композитсионии асар дарели истеъдоди баланди суханвар ба шумор меравад, зеро ӯ қисматҳои таркибии асарашро на худсарона, бо усули «пеш омад, хуш омад», балки қатъиян мутобиқи *рӯҳияи гоя, мантиқи мавзуъ, воқеа* ва лавозимоти дигари асари бадеӣ бо ҳамдигар пайванд месозад. Агар дар сурати табдил додани ҷои ягон қисми асар бо қисми дигар қурби умумии он асар гум ва ё паст шавад, бояд донист, ки онро суханвари забардаст эҷод кардааст ва барои таълифи он тахаюлро бедареғ сарф намудааст.

Чанд масъалаи дигари шеършиносии тоҷик мавҷуд аст, ки каму беш бо устухонбандӣ алоқаманд мебошад. Баъзеи онҳоро ин ҷо дидан ҷоиз менамояд.

Тазмин Ин истилоҳ ҳам *айб*-ро ифода мекунад, ҳам *ҳунар*-ро. Айб дар он сурат аст, ки маънӣ бидуни эҳтиёҷ ба мисраъ ва ё байту банди оянда мавқуф гузошта шуда бошад. Аммо агар мавқуфгузории мазмун аз рӯи зарурат ва табиӣ сурат бигирад, айб нест. Чунин ҳолат дар ҳамоса бисёр воқеъ мешавад. Масалан, ду байт аз «Шоҳнома»:

Чунин гуфт Ширӯй бо богбон
Ки: гар з-ин Худованди гавҳарнишон
Нагӯй ҳам акнун бибуррам сарат,
Ҳамонро, ки бошад зи бад гавҳарат.
(Ҷ. 9, сах. 339)

Он тазмине, ки ҳунар мебошаду асрҳо инҷониб ҳусни идома дорад, зимни асар дар ғояти маврид овардани порае аз асари барҷастаи адиби дигар ва гоҳе аз асари нағзи пешинаи худ аст. Ин тазминро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) тазмини нопурра,
2) тазмини пурра.

Дар тазмини нопурра порае аз асар иқтибос мешавад, чунончи:

1) тазмини камтар аз мисрае,
2) тазмини як мисраъ.

Масалан, хоҷа Ҳофиз як мисраи машҳури Рӯдакиро оварда буд:

Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме!

3) тазмини як байт;
4) тазмини зиёда аз як байт.

Хоқонӣ мегӯяд:

Овардаам се байт ба тазмини шеъри хеш,
Дар мартаба ба номи Наримон баромада.

Возеҳи Бухорой дар мақтаъ оварда:

Баъд аз ин, Возеҳ, чу Урфӣ аз фалак фарёд хоҳ:
«Ман ба ҷое меравам, к-он ҷо қадам номаҳрам аст».

Ба шеъри Рӯдакӣ:

Ҳон, Рӯдакӣ, аз қайди гам озод бизӣ!
Бо хотири хурраму дили шод бизӣ!
Вайронии худ мангару ободии даҳр,
Вайронаи даҳр бину обод бизӣ!

Камол Исмоил назирае гуфта, ки эҳсос мешавад, заиф бошад:

Дар банди ҷаҳон мабошу озод бизӣ,
В-аз бода хароб гарду обод бизӣ!
То зиндаӣ, аз марг набошӣ эмин,
Як бор бимиру то абад шод бизӣ!

Дар тазмини пурра – асари лирике аз рӯи тартибу низоми муайяне комилан иқтибос мешавад. Дар эҷодиёти адибони гузаштаю имрӯзаи тоҷик ғазал тазмин шудааст, ба ғазал мухаммас ва ё мусаддас бастаанд. Тазмин дар доираи навъи дигари шеърӣ низ истифода мешудааст.

Шарти муҳимтарини тазмин ин аст, ки пораи овардашаванда ҳам аз рӯи мазмуну ғоя, ҳам аз ҷиҳати забону услуб бо суханони нигоранда мутобиқати том дошта бошад, он чун дарбеҳ ба чашм хӯранда не, балки мисли узви ҳатмии як ҷумлаи наҳвӣ дар ҷои худ хобида бошад, ки он ҷумла бидуни он пора ноқису бемазмун бошад. Аз ҳамин ҷиҳат тазмин, махсусан мухаммаси тазминӣ, барои адибони ҷавони соҳибистеъдод чун мактаб, чун сайқали маҳорат нақш бозидаасту мебозад.

Масъуди Саъди Салмон байте аз ғазали маъруфи Шаҳид ба матлаи: *Маро ба ҷони ту савганду саъб савганде*-ро бо табдили ҷои ду мисраъ дар қасидае, ки дар мадҳи Сайфуддавла Маҳмуд ба матлаи зайл суруда:

Ба сӯи Ҳинд хиромид баҳри ҷустани кин
Рикоби Хусрави Маҳмуд, сайфи давлату дин

бад-ин гуна тазмин кардааст:

Худойгоно, ин достон маъруф аст,
Ки кард банда ба шеъри худ – андарун тазмин
Ҳазор банда надорад дили Худованде
Ҳазор кабк надорад дили яке шоҳин.[1]

[1] *Маҳҷуб.* Сабки хуросонӣ, с. 115.

Назира Маънии луғавии калима "монанда" аст. Дар истилоҳ – асареро мегӯянд, ки *дар пайравии асари дигаре эҷод шуда бошад.*

Назира ҳам дар ҳамоса, ҳам дар осори лирикӣ ба назар мерасад. *Назираи ҳамосавӣ* - пайравӣ кардан ба сужаи асосӣ, партави ғоявӣ ва образу характерҳои марказии достони адиби дигар мебошад. Чунончи, на танҳо ба достонҳои ҷудогонаи ҳаким Низомӣ, балки ба "Хамса"-и ӯ назираҳои бисёр эҷод шудаанд (вале бояд илова кард, ки камтар муаллифон ба назираи ҳақиқӣ муваффақ шудаанд, ғайр аз Амир Хусраву Мавлоно Ҷомӣ касе ба пояи ҳаким Низомӣ - чи дар маънӣ, ва чи дар сухан – нарасидааст).

Назираи лирикӣ - он аст, ки шоир дар вазну қофияву радиф ва ғояву мавзуи шоири дигар асар нависад. Имкон дорад, ки шоири сонӣ чизеро номаълум тағйир ва ё такмил диҳад. Масалан, устод Айнӣ дар ин шеър, ки назираи қасидаи машҳури устод Рӯдакист, мавзуъро ба тарафе дигар тофтааст:

Бод имшаб мушкбор ояд ҳаме,
Гӯӣ, аз кӯи нигор ояд ҳаме.
Вақти он омад, кушояд дил зи ғам,
К-аз чаман бӯи баҳор ояд ҳаме.
Лола чун лаъли лаби ҷонон ба чашм
Оташину обдор ояд ҳаме.
Мушковар боду анбарбӯ шамол
Аз ямину аз ясор ояд ҳаме.
Хуш бувад моро канори обшор,
Ёр ҳам гар дар канор ояд ҳаме.
Сояи беду шамоли Шоҳруд
Табъи касро созгор ояд ҳаме.
Реги Ҷӯгихонаро абр об зад,
Бар дил аз вай кай ғубор ояд ҳаме?
Оби ҷӯи Қаллуқону Тавсанак
З-оби Кавсар хушгувор ояд ҳаме.

Дар гамаш имсол, Айнӣ, з-ин газал
Ёди шодиҳои пор ояд ҳаме.

Ҷавобия - ҳамон назира аст, аммо ин ҷо аксаран ба ақидаи муаллифи пешин ҷавоб гуфта мешавад. Чунончи, қасидаи "Кремл"-и устод Лоҳутиро ҷавобияи "Хароботи Мадоин"-и Хоқонӣ медонанд.

Риояи вазну қофияи шеъри пешин аз шартҳои ҷавобия мебошад. Аммо ин ҳатмӣ нест. Балки шарт аст, ки посухе мухолиф ба миён ояд.

Муҳташами Кошонӣ рубоие дар бораи шамъу парвона гуфта, онро ба Хуросон ирсол медорад:

Парвона ба шамъ гуфт, к-афрӯхта шав!
Кам сӯз марову бо ман омӯхта шав!
Шамъаш гуфто: "агар мувофиқ ёрӣ,
Ман сӯхта мешавам, ту ҳам сӯхта шав!"

Чанд тан шуарои Хуросон аз мутолиаи рубоии мазкур ба шавқ омада, ба он ҷавобияҳо навиштаанд. Аз ҷумла:

Валӣ:

Парвона, ки шамъаш ҳавасафзо бошад!
Ҷуз сӯхтанаш чаро таманно бошад?!
Ғайрат нагузорадаш, ки дар базми касон,
Ӯ зиндаву ёр маҷлисоро бошад!

Нотиқӣ:

Парвона, ки шамъро талабгор шавад!
Дар сӯзиши хеш гармбор шавад!
З-он месӯзад, ки гарди хокистари ӯ,
Бошад, ки ҳиҷоби чашми агёр шавад!

Хиргоҳӣ:

Парвона, ки ойини муҳаббат омӯхт!
Ҷуз бар рухи шамъи хештан дида надӯхт!
З-ин бим, ки ҳаҷр менамонад фардо,
Бечора, шаби васл аз он худро сӯхт![1]

Татаббуъ – дар луғат "табъ кардан" аст, дар истилоҳ *шеърест, ки дар таъсири шеъри шоири дигар гуфта шудааст*, яъне, адиби сонӣ аз як асари маъруфи дигар мутаассир мешаваду мувофиқи он мавзуъ ва шабеҳи тасвирҳои шоиронаи вай, чизе эҷод мекунад.

Пайравӣ ва тақлид – низ дар ҳамин маъниҳо истифода мешаванд. "Пайравӣ" калимаи бетараф аст, аммо "тақлид" оҳанги манфӣ дорад. Тақлиди хушку холӣ ба мавзӯю мазмун, вазну қофия, тариқи муҳокот (системаҳои образҳои) адиби дигар, яъне пайравие, ки бидуни навоварӣ сурат гирифта бошад, ҳеҷ адиберо то ҳол ба муваффақият ноил нагардондааст ва нахоҳад гардонд. Пайравӣ дар сурате натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, ки бо *кобандагиву ҷӯяндагӣ* ёр шуда бошад. Айёми Наврӯз, ки гулчинӣ меравед, мебинед, ки лолаҳои нағзи сари роҳро чидаанд. "Лола хоҳӣ, дуртар рав" гуфтаанд. Ин ҳикмат беҳуда нест.

[1] *Ҷалили Орзумурод.* Ҳарирбофи сухан. – Овози тоҷик, 1992, дар бораи феврал.

БОБИ VI

ҚОЛАБИ СУХАН

Ҳар чиз қолабу шакл дорад, ки барои таҳияи он қонунҳои муайян амал мекунанд. Аз ҷумла, қолаби сухани бадеӣ ба се омил вобаста аст:

1) забон,
2) вазн,
3) қофия.

Ҳарчанд омилҳои мазкур чун лавозимоти асари бадеӣ хидмат мекунанд, дараҷаи қурби қонунии онҳо гуногун аст: агар забон лавозими ҳатмии кулли асарҳои бадеӣ бошад, дуи дигар махсуси назм аст.

Забони асари бадеӣ. Дар олам беш аз ду ҳазор забони зинда ҳаст, аммо дар қисми хеле ками он адабиёти бадеӣ офарида мешавад.

Дар асарҳои бадеӣ воситаи офариниш образ, тасвири воқеоту ҳолат забон аст, бе забон адабиёти бадеӣ вуҷуд надорад. Ба гуфтаи Насириддини Тӯсӣ "моддаи шеър сухан аст". Фаҳмост, ки ин ҷо шеър ба маънии имрӯзаи адабиёти бадеӣ аст.

М. Горкий навишта буд: "*Нахуст-унсури адабиёт забон мебошад* (таъкид аз мо – **Р.М.**), аслиҳаи асосии он ҳисоб меёбад ва дар якҷоягӣ бо далелҳо, воқеаҳои зиндагӣ маводи адабиётро ташкил медиҳад ... Калом – либоси ҳама гуна далелҳо, маъниҳо ...".[1]

Мартабаи ҳалкунандаи забон дар адабиёти бадеӣ бесабаб нест. Доир ба мақоми забон дар ҷомеа ҳамин қадар гуфтан кофист, ки он *гувоҳи ҳастии миллат аст*. Лоиқ дар

[1] *М. Горький*. Собр. Соч., т. 27, с. 221-213.

мақтаъи шеъри "Забонгумкарда" хулоса мекунад, ки шахси забонгумкарда Ватанро низ осон гум карда метавонад, - мантиқи матин дорад, ин хулоса:

Он яке қадри сухан гумкардае,
Дигаре богу чаман гумкардае.
Аз забони модарӣ гумкарда лек
Мерасад рӯзе Ватангумкардае ...

Кори нависанда дар масъалаи забон бағоят нозук буда, аз рӯи ягон хел қонуни навишта сурат намепазирад. А. Фадеев фармудааст: "Нависанда назди баҳори беканори калима ва мафҳум меистад. Барои ифодаи ҳар як мақсаду образ ба хотири ӯ дах, понздах, бист калима якбора меояд. Аммо аз инҳо яктои мувофиқтаринро бояд баргузид, ки ҳарчи дидаву хостаи туро то ҳадди имкон пурра ифода карда тавонад".[1] Муваффақияти адиб ба малакаи ӯ вобаста аст, ки аз анъанаи осори сухан, забони зиндаи халқ, пешрафти илму ҳунар ва ғ. ҳосил гаштааст. П.А. Вяземский дуруст мегӯяд, ки "барои адиб истеъдоду фикру дониш доштан кам аст, боз ҳунари навиштан ҳам зарур аст, бе ин ҳунар нависанда мисли камонандозест, ки тираш ба нишон намерасад".[2] Мушкилоти кори нависанда дар масъалаи забон аз ҳамин ҳам ҳувайдост, ки вай категорияҳои сершумори забонӣ - ҳамчун забони адабӣ, забони гуфтугӯӣ, лаҳҷа, профессионализм, жаргонизм ва амсоли инҳо рафтори хосса бояд зоҳир намояд.

Забони адабӣ он аст, ки талаботи сарфию наҳвӣ ва савтии онро соҳибони ин забон дар адабиёти илмӣ, бадеӣ, мукотибот, кулли навиштаҷоти расмӣ риоя менамоянд.

[1] Русские писатели о языке. – Л., 1965, с. 410.
[2] *Д.В. Григорович*. Литературные воспоминания. – М.: Худ. Лит-ра, 1987, с. 90.

Забони адабиёти илмӣ, матбуот, мактуботи шахсию расмӣ комилан адабӣ аст. Аммо дар адабиёти бадеӣ, хосса асарҳои ҳамосавию драмавӣ ва ҳаҷвӣ талаботи забони адабӣ саросар риоя намешавад, ки сабаби ин ҳолат дар поёнтар дида хоҳад шуд. Покизагиву ғановат ва ҳусну матонати забони адабӣ ба дараҷаи савод ва фарҳанги соҳибони забон, сиҳатии ҷомеа ва пухтагии сиёсии он дар марҳилаҳои мушаххас, таърихи маънавиёти зинда, инчунин, дараҷаи иқтисодию моддии ҳаёти иҷтимоӣ сахт вобастаанд. Мавқеи ҳар яке аз омилҳои мазкурро дар мисоли забони адабии тоҷик равшан дидан мумкин аст. Гирем, таърихи адабиёти тоҷикро, ки ба қавли донишманди муҳтарам Маҷиди Яктой "қадимтарин адабиёти зиндаи ҷаҳон" мебошад. Ин адабиёт ба як забон, ба ҳамин забони зиндаи адабии тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ[1] беш аз сездаҳ аср вуҷуд дорад, зеро яке аз аввалин пораи шеърии машҳури ба мо расидаи "Кӯри хамир" соли 56 ҳ. гуфта шудааст. Дар ин муддати тӯлонӣ ин забон аз ҳисоби луғатҳои қадимаи худ, инчунин аз ҳисоби калимаҳои арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, чинӣ, туркӣ, русӣ ва ғ. мукаммалу мустағнӣ шуд, суфтаю шево гашт, аз қудрати суханварони сершумораш образнокии баланду хушодоб пайдо кард.

Дар забон имкони суханбозӣ ҳам пеш меояд:

Эй бут, ба сари Масеҳ, агар тарсоӣ
Бояд ки ба назди мо ту бетарс оӣ.
Ё чашми тарам ба остин хушк кунӣ,
Ё бар лаби хушки ман лаби тар соӣ.

[1] Тоҷикӣ-дарӣ-форсӣ, ки имрӯз шартан се забон номида мешаванд, аслан се бародаранд, ки як модари мехрубон парвариш кардааст.

Дигаре мегӯяд:

Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,
Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.

Яъне, ин забон он дараҷа ширину гуворост, ки гӯё забони париён бошад. Агар сахтгире ҳамла кунад, ки ин ҳукмро шоири худӣ аз камоли меҳр ба забони худ гуфтааст, гуфтаи дигаре ҳам овардан мумкин аст. Чунончи, адиби донишманди араб ал-Ҷоҳиз дар "Китоб-ул-баён" беасос нанавиштааст: "Мо медонем, ки мардуми аз ҳама ширинсухан форсҳоянд". Ҳодӣ Саъидии Киёсарӣ ҳам гуфта: "Забон – хонаи ҳақиқат, тафаккур ва ҳастӣ аст".

Шоири муосир Муҳаммадмуҳити Таботабоӣ таърихчаи забони шевои форсиро хуш ба назм овардааст:

Ин забон чун давлати дерини худро боз ёфт,
Бар пару боли сухан андешаи парвоз ёфт.

Аз Хуросон дар рикоби шеъри мавзуни дарӣ,
Ҳусни истиқболи раҳ то Ганҷаву Аҳвоз ёфт.

Дар нахустин қарни ҳиҷрӣ ин забон дар вазни шеър,
Бар забони мардумӣ дар Балху Суғд огоз ёфт.

Аз Тахористон чу дар ҳар сӯйи – Эрон пеш рафт,
Номи неки хешро аз хиттаи Шероз ёфт.

Бо забони дигаре ҳаргиз зи чолиш барнахост
З-ин ҷиҳат байни забонҳо давлати эъзоз ёфт.

Лафзе аз ин гаҳ рабуду маънӣ аз он баргирифт,
Дар баёни паҳлавӣ ин қудрати эъҷоз ёфт.

Хатте аз нав баргузиду роҳу расмаш тоза сохт,
К-аз барои ҷилва гӯё шевае дамсоз ёфт.

Бо забони форсӣ фарҳанги Эрон тоза гашт,
Порс ҳам мафҳуми Эронӣ боз ёфт.

Мулки Эронро аз он пушту паноҳе шуд падид,
Дар паноҳаш эминӣ аз шарри турку тоз ёфт.

Ин мақоми арҷмандеро, ки акнун дар ҷаҳон,
Дорад ӯ аз ҳиммати табъи суханпардоз ёфт.

Аз паси Фирдавсиву Хомӯш, яъне, Мавлавӣ
Дар пайи Саъдӣ зи шеъри Ҳофизи Шероз ёфт.

Дар дифоъ аз ин забону шеъру хат дидам, Муҳит,
Солҳо тавфиқи кӯшиш бешумору оз ёфт.[1]

Ибораи сохтаи пурмаънии Иқбол – "хоки гирехҳӯрда":

Ҳар зарраи ин хоки гирехҳӯрда нигоҳест,
Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез!

Ҳодисаи ғарибу ибратангез аст, ки миллати тоҷик тақрибан ҳазор сол аз давлаташ маҳрум буд, ба сараш аз ғазнавиён сар карда то манғитиён, хонадонҳои гуногуни турку муғул ҳукмфармой кардаанд, *аммо ин миллат маҳв нашуда,* балки ба туфайли забонаш ва шарофати адабиёташ зинда мондааст. Шоир Бозор Собир ба ҳамин маънӣ дар шеъри "Забони модарӣ" мегӯяд:

Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.
Суннати волою девон дошт, дод
Тахти Сомон дошт, дод.

[1] *Оянда*, соли 4-ум, 1367, № 1-2, с. 4.

Душмани донишгадояш дониши Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.
Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.

Қомати кӯтоҳи мангит
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд,
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Халқи тоҷик,
Халқи армон
Об дар чашм,
Чун ятимон
Дар лабаш хашм,
Чун асирон
Аз Ватан то бар кафан ҳар буду набуде, ки буд,
Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод,
Душмани дарвеши худро
Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.
Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ.
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об,
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт,
сӯхт,
Бо харобиҳои девору дари Афросиёбаш шуд
хароб.

Лек лафзи модариаш
Ҳамчу номи модараш,
Дар забону дар даҳонаш монд, монд.
Ҳар сухан бо шири модар
Сахт шуд дар устухонаш монд, монд.

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.

Рӯзи ноободияш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард:
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин –
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Тораи нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.

Гӯиё чун сайди маҷруҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаю баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон аммо ҷудо буд.

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ
То наафтад бар замин қадри сухан ...

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

Ҳамин шоир мегӯяд: "Забони модарӣ моли хусусӣ нест, моли муштараки оммаи мардум аст. Халқро забон ёд надиҳед,

халқ забонашро худаш сохта, ва худаш месозад; ва нафақат забон, балки дар зарурат адабиёту театру мусиқиашро низ худаш меофарад. Дирӯз дар Майдони Озодӣ бо шеъру шиору хитобаҳояш эълон дошт, ки ӯ офаридгори барҳақ аст".[1] Ҳамин шоир боз гуфтааст: «... касоне ҳам ҳастанд, ки тахаллусҳои бемаънӣ интихоб мекунанд: Мадҳӣ, Хокӣ, Холӣ, Ҳазмӣ, Ҳилмӣ, Хилмӣ, Шармӣ ...».

Донишманди панҷобӣ Сайидмуҳаммадалӣ Акрам дар китоби "Иқбол дар роҳи Мавлавӣ" роҷеъ ба қисмати талхи забони форсӣ дар сарзамини кабири Ҳинд, ки асрҳо забони расмиву давлатиаш буд, овардааст: "Забоне, ки барои аъсори мутаволӣ (асрҳои тӯлонӣ) забони расмии кишвар буд, забоне, ки ёд гирифтани он муҷиби ифтихор ва мубоҳот шумурда мешуд, забоне, ки азизтар аз забони мазҳабӣ ба шумор мерафт, забоне ки аз забони модарӣ ҳам ширинтар пиндошта мешуд, забоне, ки забони шеър буд, завқ буд, забони дил буду забони рӯҳ буд, дар диёри худ *ғариб, аҷнабӣ* ва *ношинос* гардид. Ин достонест, ғамангез ва риққатафзое, ки қалам бар он мегиряд".[2]

Ин фоҷеа акнун ба сари забони тоҷикони Вароруд омадааст. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) мақоми давлатӣ гирифт. Аммо то ҷомеа аз калон то хурд, кӯшиш ба харҷ надиҳад, Қонун ҳам забонро наҷот дода наметавонад.

Забони гуфтугӯӣ

Он забоне, ки аҳли саводи мардум дар муҳовирот ба кор мебаранд, забони адабии гуфтугӯӣ номида мешавад.

[1] *Бозор Собир.* Забони модарӣ. – Адабиёт ва санъат, 1992, 16 апрел.
[2] *Фотеҳ Абдуллопур.* Забони модариро бузург дорем. – Ҷавонони Тоҷикистон, 1989, 20 феврал.

Гоҳе гуфтугӯи инсон бо ҳайвони безабон ҳам пеш меояд. Як мисолаш: Рустам дар хоб аст, Рахш аждаҳоро дида, Рустамро бедор мекунад. Аммо Рустам аждаҳоро надида хашмгин мешавад, ба Рахш мегӯяд:

Гар ин бор созӣ чунин растхез,
Саратро бибуррам ба шамшери тез.
Пиёда шавам сӯи Мозандарон,
Кашам худу шамшеру гурзи гарон.

Шоирон дар сохтани вожаву ибора ҷасорат нишон медиҳанд; гузашти замон онҳоро мебезад, чизҳоеро аз сӯрохи худ мегузаронад, то мавриди истифодаи ҳамагон қарор гирад; чизҳоеро низ, ба истилоҳи деҳқонон, чун чор берун меандозад. Аз ҷумлаи мисолҳои фаровон – яке "маънинигаҳон" аст, ки Ғуломқодири Гиромӣ зимни ситоиши Аллома Иқбол ба забон овардааст:

Дар дидаи маънинигаҳон ҳазрати Иқбол
Пайғамбарие карду "пайамбар" натавон гуфт.

Иқбол таъкид карда, ки "тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст":

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.
Фикри ман аз ҷилвааш масҳур гашт,
Хомаи ман шохи нахли Тур гашт.
Порсӣ аз рифъати андешаам
Дархӯрад бо фитрати андешаам.

Забони гуфтугӯии умумихалқӣ ҳамон забони адабиест, ки дар навиштаҷот истифода мешавад, бо тафриқаи ночизе, ки аз табдили пасоянду пешоянд, талаффузи баъзе ҳарфҳо,

таносуби шахсу шумора, такрори калимаҳои заданок ва амсоли инҳо иборат мебошад. Чунончи, дар забони гуфтугӯӣ аксаран ба ҷои пасоянди –ро *а, я, ра* талаффуз мешавад, гоҳе пешоянди ба чун пасоянд ба кор меравад (аз қабили *муаллимба гуфтам*) ва ҳоказо.

Миёни забони умумихалқии гуфтугӯӣ ва лаҳҷа бояд фарқ гузошт, зеро бисёр иттифоқ меафтад, ки одамон дар муҳовирот бештар ё камтар лаҳҷа ба кор мебаранд. Мутаассифона, инро дар забони баъзе муаллимоне, ки ҳисси милливу фарҳангишон паст аст, мушоҳида метавон кард. Гоҳе чунин ҳодисаи ногувор ҳам рӯй медиҳад, ки намояндаи лаҳҷае шеваи худро дар пояи баланди маданият пиндошта, лаҳҷаи дигарро нах мезанад. Ин аз нодонист. Чунин пиндошти газоф аз надонистани таърихи маҳал, муҳити сиёсиву ҷуғрофии вай ва қонунҳои табиии лаҳҷаи мавриди мазаммат пайдо шудааст. Чунин рафтор зарари чандинтарафа дорад:

1. боиси аз чашми эътибор афтидани худи одами мазамматкунанда мешавад;

2. миёни мардуми маҳалҳои гуногун нифоқу тафриқа меандозад;

3. пеши роҳи забони адабии гуфтугӯиро медорад, ба забони миллӣ зарба мезанад;

4. фардои забони модарӣ шикаста мешавад.

Дар асл, лаҳҷаҳо хазинаи забони адабии миллианд, соҳибсуханони асил (на ҳар як адиб) аз муҳовироти мардуми он минтақае, ки миёни эшон парвариш ёфтааст, калимаи нодир ё тамоман нав (барои забони адабӣ), ифодаҳои нозук, таркибҳои образи бикрдор пайдо карда, дар мавриди муносиб ба кор мебаранд, ва ба ҳамин восита, ба ғановату латофати забони адабӣ кӯмак мерасонанд. "Тақсимоти забон ба адабӣ ва халқӣ, чунин маънӣ дорад,

ки ба таъбире забони "хом" дорем ва забони аз тарафи устод сайқалёфта".[1]

Профессори ифтихории Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, шодравон Парвиз Нотили Хонларӣ мегӯяд: "Забони шеърро худи шоир месозад. Мояи кораш алфоз аст. Ин мояро албатта худи ӯ намеофаринад. Аммо ба дилхоҳи хеш бармегузинад. Пеши ӯ аз лафз хирмане ҳаст. Бояд дид, ки ин хирман аз куҷо фароҳам омадааст".

Забон нишондиҳандаи фарҳангу баёнгари сиришти мардум мебошад. Қавмҳои туркӣ дар ҳама ҳол мекӯшанд бо забону лаҳҷаи худашон сӯҳбат кунанд, аммо тоҷикон талош мекунанд бо забони мусоҳиби худ гап зананд. Дар домани Қубодиён – колхози 50-солагӣ - *муаллимони гармӣ ба ӯзбакӣ* дарс медоданд.

Аз вежагиҳои забони тоҷикӣ, дар муқоиса бо эронии муосир ин аст, ки тоҷикон калимаву ибораҳоро дар зарурат мешикананд. Забон назокатҳое дорад, ки танҳо соҳибаш сарфаҳм мераваду ба кор мебарад. Масалан: хамир омад – яъне, хамир ба дараҷаи зарурӣ расид; хамир гузашт – яъне, хамир турш кард; хамир баромад – яъне, орд нағз будаасту ғоз дод; набаромад – баръакс.

Забони гуфтугӯӣ дар тағйироту такомулоти ҳамешагӣ мебошад: муттасил дар асоси забони адабӣ, лаҳҷаҳо, забони халқҳои дигар гардиш дорад; аз ҳисоби онҳо такмил меёбад, дар навбати худ, барои ғановату сиёсати онҳо чун сарчашмаи зинда хидмат менамояд.

Тавоноии забони гуфтугӯӣ, ва ё баръакс, заъфу парокандагии он, ба шароити халқ ва сохти ҷомеа марбут аст. Мардуми минтақаҳое, ки фарҳанги баланд доранд, ва ё дар ҳоли рушд ҳастанд, фардо соҳиби забони муқтадиру мукаммал ва сернуфузи гуфтугӯӣ хоҳанд шуд. Дар заъфу

[1] *А.М. Горький*. Собр. соч. т., 24. – М., 1953, с. 493.

парокандагии забони гуфтугӯии тоҷикӣ, инкишофи сусти он, аз як тараф таъсири зарарноки хонагӣ шудани забон бошад, аз тарафи дигар, камҳавсалагию коҳилии касоне кӯтоҳбин аст.

Забони адабиёти бадеӣ

Мафҳуми забони адабиёти бадеӣ аз кулли мафҳумҳои дигари марбути забон, ҳамчун забони адабӣ, забони гуфтугӯӣ, лаҳҷа, неологизм, историзм, жаргонизм, профессионализм ва амсоли инҳо фарқи ҷиддӣ дорад. Кӯтоҳ метавон гуфт: он забонест, ки *дар таълифи асари бадеӣ ба кор рафтааст*. Дар таълифи асари образ бошад, ҳама гуна унсурҳои забонӣ истифода шуда метавонад.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки ба *воситаи забон* дар асари бадеӣ *образ* офарида мешавад. Метавон гуфт, ин вазифа бо ду тарз амалӣ мешавад:

яке – баёни бевоситаи амал ва феълу хӯи персонаж, якҷоя бо замону маконаш;

дигаре – рамзу тамсилу киноя ва дигар санъатҳои бадеӣ, ки дар бораи онҳо дар боби II сухан рафт. Аммо тариқи аввал ба тафсири бештар эҳтиёҷ дорад.

Насириддини Тӯсӣ мегӯяд: "Ва истеъмоли шоир алфозро бар вуҷуҳи мухталиф мумкин бошад. Ва баъзе асомии алфози мустаъмал ин аст: муставлӣ ва луғат, ва зинат, ва нақл, ва мавзуъ, ва мунфасил, ва мутағаййир, ва маънӣ". Ба тарзе дигар гӯем, ҳама гуна навъҳо ва унсурҳои адабиёти бадеӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Аммо аз ин сухан чунин маънӣ гирифтан хатост, ки дар истифодаи забон *низому меъёре вуҷуд надошта бошад*. Меъёр ҳаст.

Меъёри асосии истифодаи забон – моҳияти образу характер, пафоси асар, табиати методу мавзуи асари бадеӣ ва омилҳои дигари объективӣ мебошанд. Чунончи, муроди нависанда офаридани характери комили зиёӣ бошад, ӯро бо

забони фасеҳу солими адабӣ ба гуфтор меорад, аммо агар персонаж дузду ғоратгар аст, алфози вай ҳам кароҳатовар ва дур аз одоб хоҳад шуд ... Ҳамин тавр, ҳар як симои тасвиршаванда моҳияти аслии шахсии худро, доираи касбу ҳунар, дараҷаи фазилату дониш ва завқу ҷаҳонбиниашро тавассути нутқаш намудор менамояд.

Носири Хусрав гуфта буд, ки одам ба сухан ояд, рози вай ошкор мегардад:

Далели ақли мард омад сухан боз,
Чу ояд дар сухан, пайдо шавад роз.

Ба гуфтаи Абдулмаҷди Саноӣ, "тарҷумони дил аст нутқу забон", яъне, ҳарчи дар ботин бошад, ба забон зоҳир мешавад. Маънии тавассути сухан падид омадани покию палидии одамро мавлоно Ҷомӣ таъкид карда буд:

Ҳар чи ба дил ҳаст зи поку палид,
Дар сухан ояд асари он падид.

Хоқонӣ муболиғае ба кор бурда, ки хеле ҷолиб аст:

Дуди дилам гар ба фалак баршавад,
Ҳафт фалак ҳашт шавад дар замон.

Шайх Камол вожаи зебо ба кор мебарад: "гулрухсор":

Баргрезони баҳори зиндагӣ омад,
Чанд бо хубони гулрухсор бозӣ мекунӣ?!

Гоҳе лутфҳое низ вомехӯранд, ки назокати онҳоро танҳо соҳибони забон медонанду риоя мекунанд, вале бо асрорашон кор надоранд. Чунончи, "модаркалон" ва "падарбузург" мегӯянд, аммо "модарбузург" ва "падаркалон" намегӯянд.

Муҳит, аз ҷумла, муҳити ҳасудон ҳам, ба адибе покрафтор кӯмак мерасонад, то пеш равад; Шавкати Бухороӣ мегӯяд:

Айбгӯиҳои халқам мекунад соҳибҳунар –
Миннати бисёр аз аҳли ҳасад бошад маро.

Лутфу муболиға, агар бамаврид бошад, зебову зарифу писандида аст, касе бар дурӯғ буданаш таваҷҷуҳ намекунад:

Мактуби ҷонфизои ту омад ба сӯи ман,
Чун хонда гашт, бар дили сӯзон ниҳодамаш.
Аз тарси он ки сӯзи дили ман бисӯзадаш,
Филҳол бар ду дидаи гирён ниҳодамаш.
Аз хавфи он ки оби ду чашмам бишӯядаш,
Аз дида баргирифтаму бар ҷон ниҳодамаш.
(Наргисӣ)

Чигунагии забони асари бадеӣ ба пафос (рӯҳия)-и он низ вобастагӣ дорад. Масалан, агар асар ҳаҷвӣ бошад, рамзу муболиғаю киноя, алфози бадеӣ зиёд истифода мешавад. Дар асарҳои қаҳрамонӣ ташбеҳу тавсиф ва гуфтори муҳташаму мутантан бештар истифода мешаванд. Ҳамин тавр, марсияҳо, шаҳрошӯб, асарҳои бачагона хусусиятҳои хоси забонии худро доранд.

Забони асари романтикӣ аз асари реалистӣ фарқ дорад, чунончи, агар тамсилу ташхис, рамзу киноя, талмеҳ ва умуман воситаҳои хушпардозию баландпарвозии сухан хоси романтизм бошад, алфози муқаррарии воқеӣ бо доираи маъниҳои маълуми ҳаётиашон хоси методи реалистӣ мебошанд.

Хулоса, тамоми рангу тобишҳо ва навъу унсурҳо, ки дар забони халқ (натанҳо забони адабӣ ва забони умумихалқии гуфтугӯӣ) вуҷуд доранду имконпазиранд, дар адабиёти бадеӣ истифода мешаванд. Доираи забони адабиёти бадеӣ аз доираи забони халқ (ҳамроҳи архаизму историзму неологизм ва

варваризмҳояш) *васеътар мебошад*, зеро нависанда иқтидори ихтирои калимаи комилан нав ва ё иқтибоси ифодаи забони тамоман бегонаро дорост.

Сабаби вусъати доираи забони адабиёти бадеӣ ин аст, ки дар масъалаи фардияту умумияту заминаи образ, барои офариниши характери ҳаққонии типӣ, баъд аз амали персонаж, воситаи тавонотарин ба шумор меравад. Барои равшантар тасаввур намудани ҳақиқати ин фикр забони персонажҳои ҳикояи Сотимхон Улуғзода "Ҳалокати Шоҳпаланг", драмаи ӯ "Аллома Адҳам", драмаҳои Файзулло Ансорӣ "Имтиҳон", Фазлиддин Муҳаммадиев "Вопасин арӯси амиралмуъминин" ва ғайраро мисол овардан кофист.

Дар адабиёти бадеӣ ду воситаи истифодаи забон мавҷуд аст:

1) аз забони худи муаллиф, ки *сухани тавсифию тасвирии нависанда* мегӯянд;

2) аз забони худи персонажҳо, ки *муколама* ва *гуфтугӯ* меноманд;

Нависанда замону макони воқеа, симои персонаж ва ҳаяҷону ҳиссиёти ӯро, гоҳе равиши ҳодиса ва анҷоми онро ба нияти беҳтар кушодани образ, пурратар кардани характер, равшантар намудор шудани зиддият, яклахтии асар ва мақсадҳои дигар, тафсир медиҳад.

Нависанда дар сухани тафсирии худ талаботи забони адабиро бояд пурра ва ҳатман риоя намояд. Нависандаи муътабари тоҷик Ҷалол Икромӣ дар баъзе асарҳояш, чунончи, "Духтари оташ" гоҳе мутобиқати мубтадову хабарро дар шахсу шумора риоя накардааст, ки ин боиси баҳси аҳли қалам шуда буд. Нависанда *муаллиме* ноаён, вале пурзӯри забон мебошад ва ҳар як пешниҳоди ӯ сарфи назар аз моҳияташ, пайравон пайдо хоҳад намуд. (Зимнан, бо дили пурдард бояд илова намуд, ки дар масъалаи торафт ғализ шудани нутқи муосирони мо саҳми баъзе адибон, махсусан журналистони заиф калон аст).

Вобаста ба сухани муаллиф, масъалаи *шахси ноқил*-ро ҳам дохил кардан воҷиб ба назар мерасад. Гоҳе нависанда як *мане*-ро ба қатори персонажҳо оварда, воқеаро аз забони вай, мушоҳидаро ба чашмони вай намоиш медиҳад. Дар қисми зиёди чунин мавридҳо шахси ноқил дарвоқеъ ҳам худи нависанда аст, ё ба вай қаробат ва ҳусни таваҷҷуҳи том дорад, чунки инро дар мисоли Ваня дар романи "Хору таҳқиршудагон"-и Ф. Достоевский, Садриддин дар "Марги судхӯр", Қурбон дар повести "Дар он дунё"-и Ф. Муҳаммадиев ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо гоҳе шахси ноқил тамоман дар гурӯҳи дигар, ҳатто дар гурӯҳи мухолифи идеали мухолиф қарор мегирад – масалан, Белкин аз "Повестҳои Белкин"-и А. Пушкин, Панко аз "Шабҳо дар назди деҳаи Диканка"-и Н. Гоголь. Дар мавриди аввал нутқи персонажро сухани тавсифии нависанда донистан мумкин аст, аммо дар мавриди дувум – не.

Персонажҳо ғайр аз амалиёти бевосита гуфтугӯҳо мекунанд, ки ба ин восита нависанда воқеаю ҳолатро шарҳ медиҳад, дили персонажҳоро мекушояд ва ғ.

Муколамаи персонаж асосан ду хел мешавад:

1. гуфтугӯи байни худ, ки онро муколама, *диалог* мегӯянд,

2. гуфтугӯ бо худ, ки онро *монолог* меноманд.

Нутқи персонажҳо барои кушоиши олами ботинии онҳо ёрӣ мерасонад. Бесабаб нест, ки *гуфтугӯ*, махсусан *гуфтугӯ бо худ* дар асарҳои психологӣ васеъ истифода мешавад.

Дар бораи чигунагии забони асари бадеӣ, яъне, ғановату заифӣ ва салосату беранги он, омили хеле муҳими *субъективиро* таъкид бояд кард, зеро ин масъала ба дониши адиб, бардошти меҳнати вай, шавқу рағбаташ ба сарвати маънавии халқ ва ғ. вобаста аст. Таърихи адабиёти ҳар як халқ дар ҳар як давра бо чандин мисол исбот мекунад, ки таълифоти як гурӯҳи адибон аз нуқтаи назари калимаю ифода ғанӣ ва салису гуворо бошад, навиштаҳои гурӯҳи дигар

маҳдуд, берӯҳа ва ҳатто мағшуш мешаванд. Сабабаш дар он аст, ки гурӯҳи аввал ба осори адибон ва забони халқаш муҳаббати беандоза дорад, машаққатро писанд намекунад, дар сари як калима ранҷи беҳисобе мекашад, аммо гурӯҳи дигар, сифатҳои мазкурро ё кам дорад, ё тамоман надорад. Аз адибони муосири тоҷик дар ин масъала махсусан муносибати Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ, Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамиди Самад ва чанде дигарон ибратангез аст.

Баҳои баланди Шайхурраис – "шарафмандтарин ашхос – накӯкорону накӯгуфторанд" – маҳз ба ҳамин навъ адибон дахл дорад, чунки "шоирон амирони забонанду табибон – подшоҳони бадан. Яке рӯҳро бо фасоҳати калом ҳаловат бахшад, дигаре танро табобат мекунад".

Яке аз масъалаҳои муҳим – зарурати камгӯй, зарари пургӯист:

Дил зи пур гуфтан бимирад дар бадан,
Гарчи гуфторат бувад дурри адан.
(Аттор)

Кори адиб бо забон, мисли заргарист. Суханшиносу сухандони бузург Шамси Қайси Розӣ (асри XIII) амали шоирро бо ҳунари наққош монанд мекунад. Натанҳо Шамси Қайс, даҳҳо суханшиносону суханварони бузурги замони гузашта, дар бораи забон гаштаю баргашта сухан кардаанд, аз ҷумла роҷеъ ба таносуби забонии асари бадеӣ бо рӯҳи ғоявӣ, тематикӣ ва мундариҷавӣ изҳори ақида намудаанд. Бояд таъкид кард, ки асари бадеӣ ҷуз ин ки ёдгори бевоситаи муаллиф аст, боз нишондиҳандаи дараҷаи дониши соҳиби асар, завқу ҳунар, сатҳи одобу фазл ва ҳатто гувоҳномаи сиёсати фарҳангии замони зиндагии ӯ ҳисоб ёфта метавонад. Мисоли чунин ҳолатҳоро худи шоирдони азиз ҳам аз адабиёти гузашта ва ҳам аз адабиёти муосир бисёр пайдо хоҳанд кард.

Дар мавриди бонувон ибораҳои зебову дилнишин истифода мешавад, монанди: оҷиза, заифа, паршикаста, пошикаста. Шоира Исматии Самарқандӣ (асри V/XI) мегӯяд:

Аз пошикастагон талаби Каъба мушкил аст,
Он каъбае, ки даст диҳад, Каъбаи дил аст.

Забони форсии тоҷикӣ вежагиҳои тоза ва тозагиҳои вежа дорад. Аз ҷумла, яке ин аст, ки калимаю ибора *такрори батакрор* истифода мешавад, ҷиҳати таъкиди маъние нозук. Чунончи, ба ин ғазали шайх Камоли Хуҷандӣ таваҷҷуҳ кунед – шоир аз такрор қофияву радифи ҳунармандонае сохтааст:

Ба ҳолат нисбати мушки Хито кардам, хато кардам,
Ман ин ташбеҳи бе нисбат чаро кардам, чаро кардам?
Сабо андохт дар дастам шабе зулфи чу чавгонаш
Чӣ гӯям, к-он нафас бо ӯ чиҳо кардам, чиҳо кардам?
Чу дидам қиблаи рӯят ба меҳроби ду абрӯят,
Дусадсола намози худ қазо кардам, қазо кардам.
Рақибат тарбият фармуд як боре ба дашноме,
Ман аз шодӣ ду бор ӯро дуо кардам, дуо кардам.
Дили худро, ки аз реши куҳан шуд нав ба нав тоза,
Ба дорухонаи дардат даво кардам, даво кардам.
Навиштам, к-аз ту нагрезам ба хуни худ хате в-он гаҳ,
Ду чашматро бад-он маънӣ гуво кардам, гуво кардам.
Камол, ар андаке з-он хат губоре дошт дар хотир,
Чу дидам рӯи ӯ бо ӯ сафо кардам, сафо кардам.

Ҳамин шоир ғазали дигаре ҳам дорад, ки радифаш чунин аст: "гуфтем, гуфтем", "нагӯем, чу гӯем?", "ногаҳ, ногаҳ".

Дар замони пешин ба забон таваҷҷуҳе чандон зоҳир намекарданд. Рӯдакӣ ду "ки"-ро дар як мисраъ овардааст:

Ба хунёгаре нагз овард рӯй,
Ки чизе, ки дил хуш кунад, он бигӯй.

Шоире "даҳ"-ро "доҳ" гуфтааст:

Ахтаронанд осмоншон ҷойгоҳ,
Ҳафт тобанда давон дар дуву доҳ.

Назму наср. Сухан, тибқи низоми худ, ду навъ мешавад:
1. мансур,
2. манзум.

Сухани мансур он аст, ки аз рӯи талаботи қонунҳои сарфу наҳви забон мураттаб гардида бошад. Бинобар ин, таърифе, ки насрро "сухани пароканда" мегӯянд, чандон саҳеҳ нест. Адиби суханшиноси асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ навишта буд: "Наср – дар луғат пароканда кардан бошад; ва дар истилоҳ – каломеро гӯянд, ки мавзуну муқаффо набошад".[1] Сухани солими мансур ҳатман меъёр дорад ва он наҳв (грамматика)-и забон мебошад.

Сухани манзум он аст, ки мувофиқи талаботи се меъёр – вазну қофия ва грамматика гуфта шуда бошад.

Азбаски масъалаҳои вазну қофия дар фаслҳои баъдина алоҳида-алоҳида хоҳанд омад, ин ҷо доир ба махсусияти забони шеър андаке таваққуф кардан лозим меояд. Аммо аввалан ҷоиз аст, ки тахмини Абӯтуроби Розонӣ зикр ёбад, ки гуфтааст: "Дар оғоз, хосса қабл аз ихтирои арӯз, тафовуте байни назму наср вуҷуд надоштааст".[2]

Бинобар тақозои лавозимоти назм ва табиати улвии худ сухани манзум хусусиятҳое дорад, ки баъзеашон зикр мешаванд.

[1] *Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ ил ашъор*, в. 6 б.
[2] *Абӯтуроби Розонӣ.* Шеъру мусиқӣ ва созу овоз дар адабиёти форсӣ. – Теҳрон, 1342, с. 18.

Якум. Вожаҳо дар шеър кӯтоҳ мешаванд – **вагарна:** *в-арна, арна;* **ҳамчун:** *ҳамчу, чу;* **азбаски:** *зибаски, баски;* **хуршед:** *хур, шед* ва амсоли инҳо. Ин навъ кӯтоҳкуниҳо дар наср, хосса насри реалистӣ, ба ҷиддияти сухан гоҳе футур мерасонанд.

Дуюм. Калимаҳои *китобӣ*-и дар муҳовирот истифоданашаванда аз қабили меҳан, шамс, хуршед, қамар, бадр, сипеҳр, шаҳ ва амсоли инҳо - дар шеър фаровон истифода мешаванд.

Сеюм. Истифодаи баъзе калимаҳои шаклан тағйирёфта – монанди **ситора:** *истора,* **бешумор:** *бешумар;* **шиканҷа:** *ишканҷа;* **истода:** *ситода;* **сафед:** *испед;* **бараҳна:** *барҳана;* **гурусна:** *гурсна;* **подшоҳ:** *подша, падшаҳ;* **офтоб:** *афтоб;* **Фаридун:** *Офаридун, Афредун* ва ғ. дар назм равост.

Се мисол аз ҳаким Фирдавсӣ, ба ҳамин маънӣ. **Барӯ - абрӯ:**

Ҳама дил пур аз кину пурчин барӯ
Ба ҷуз ҷангашон нест чиз орзу.

Ҳазмон – ҳамзамон:

Зи курсӣ ба хашм андар овард пой,
Ҳамегуфту бархост ҳазмон зи ҷой.

Бишкарид – шикор кард:

Ҳамебуд бӯсу канору набид,
Магар шер, к-ӯ гӯрро бишкарид.

Пардахта – пардохта (холӣ):

Магар то яке чора созад ниҳон,
Ки пардохта монад зи мардум ҷаҳон.

Гоҳе ҳамсадоро бо ташдид меоваранд. Як мисол аз "Шоҳнома":

Набуд хусраве бартар аз Ҷаммшед
К-аз ӯ буд гетӣ ба биму умед …
Ҳаме бар сарошон фуруд омадӣ,
Сипаҳро якояк ба ҳам барзади.

Шоирони давраи аввал *ҳаргиз*-ро дар шакли *ҳагирз*, *нилуфар*-ро чун *нилуфал* истифода кардаанд, ки ин амал шоеъ буда, ва дертар ба эътирози суханшиносон дучор омад.

Се хусусияти мазкур фикри Жирмунскийро тасдиқ менамояд, ки "материали шеър образҳо нестанд, эҳсосот ҳам не, балки калима мебошад. Шеър санъати сухан аст, таърихи шеър таърихи сухан аст".

Чорум. Санъатҳои бадеӣ дар назм фаровон ба кор мераванд, аммо дар наср камтар. Ақидаи Арасту дар бораи ташбеҳ: "ташбеҳ дар наср ҳам манфиатбахш буда метавонад, аммо дар баъзе мавридҳо на то он дараҷае, ки дар шеър дорад".

Панҷум. Мубтадову хабар, гоҳе дар шумора мутобиқат наомада метавонанд. Дар наср ин қоидаро вайрон кардан мумкин нест.

Шашум. Ҷои сараъзо ва аъзоҳои ҷумла дар наср рӯшан аст; аввал мубтадо, баъд аъзоҳои дигар, дар охир хабар. Ин қоида дар наср тақрибан ҳамеша риоя мешавад. Аммо дар назм тартиботи мазкур тағйирпазир мебошад ва ҷои тааҷҷуб ҳам надорад.

Афзуданист, шеър, агар аз ҷониби гӯяндаи пурҳунар адо гардад, ҷамоли ин ҳунар камоли дигар меёбад. Бесабаб дар аҳди гузашта ровиёни махсус набудаанд. Ровии устод Рӯдакӣ Маҷ имрӯз ҳам миёни ҳама маълуму машҳур мебошад. Масъуди Саъди Салмон низ ба ровии худ хоҷа Абдулфатҳ эҳтироми самимона доштааст, чунончи:

Шеърҳои маро ба айб магир,
Хоҷа Булфатҳ ровии меҳтар,

Ту ба овози ҷонфизои бадеъ,
Айбҳое, ки андар ӯст, бубар.

Шодравон Маҳмуди Воҳид дар ин ҳунар нодираи аср буд.

Вобаста ба забони назму наср ҳолатеро ишора кардан бамаврид аст, ки забони шеър, бинобар қонунҳову истисноҳои номбаршуда, як рӯҳияи анъанавии худро идома медиҳад (қасдан "рӯҳияи архаистӣ" нагуфтем, зеро ин мафҳум ғолибан тобиши манфӣ дорад). Сабаби муҳими ба наср муосир бештар дастрас будани шеъри имрӯза ба кулли хонандагони тоҷикзабону даризабону форсизабон шояд ҳам ин ҳолат бошад. Аммо аз ин чунин натиҷа гирифтан нашояд, ки наср халқе барои хонандагони халқи дигар дастнорас бошад. Насри балеғ ҳама ҷо қадри шоиста дорад, ки ба ин нашри матни комили "Ёддоштҳо"-и устод С. Айнӣ дар Теҳрон (соли 1361) гувоҳ шуда метавонад.

Гоҳе ҷавонон калимаю ифодаҳои хоси шеърро дар насри бадеӣ, ҳатто хабару мақолаҳои матбуот истифода мекунанд, ки ин ранги ҷиддияти суханро мебарад. Он ҳикмате, ки мегӯянд: "ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад", ба ҳамин ҳолат алоқаманд мебошад.

Вазни шеър Дар оғози ин бахш нақли қавле муносиб менамояд: "Мавлонои Балхӣ 3500 ғазал сохтааст, дар 55 баҳри мухталиф шеър сохтааст. Дар забони форсӣ ҳеҷ як аз шуарои мо нестанд, ки ин андоза тавсеъ дар авзон дода бошанд. Он авзони матруке, ки дар шеъри қадим вуҷуд доштаву матрук шуда ва Шамси Қайс онҳоро ҷузъи авзони матрукӣ ном бурда, тамоми он авзонро Мавлоно сохта, ва беҳтар аз авзони маъмула сохтааст. Ва ин тавсеъ дар вазн мавлуди мусиқӣ аст".[1]

[1] *Бадеъуззамони Фурӯзонфар.* Шеъри Румӣ. – "Ёдномаи Мавлавӣ". – Теҳрон, 1337, с. 146.

Ба гуфтаи Хуршеда Отахонова, "мазмун тан аст, вазну қофия – ҷомаи он. Шеърро аз вазну қофия ҷудо кардан – ҷомаро аз тани одамӣ дур андохтан аст".[1]

Бо таърифи вазни шеър ду воҳид – *воҳиди шеър ва воҳиди вазн*-ро аз назар бояд гузаронд, зеро мафҳумҳои номбурда дар системаи гуногуни шеър маъниҳои гуногун доранд.

Воҳиди шеъри тоҷикӣ дар ибтидо *байт* буд. Дар жанрҳои рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа, қасида, маснавӣ, тарҷеъбанд, мустазод, фард *воҳид* қурби худро нигоҳ доштааст. Дертар, баъди пайдоиши мусаммат, воҳиди нав – *банд* илова шуд, зеро қонунияти жанрии ҳамаи навъҳои мусамматро маҳз бандҳои семисрагӣ, чормисрагӣ, панҷмисрагӣ ... ташкил додаанд. Аз тарафи дигар, дар бандҳои мисраъҳояшон тоқ, мафҳуми байт умуман рост намеояд.

Ғайр аз мафҳумҳои *байт* ва *банд*, дар шеъри тоҷикӣ *мисраъ*низ чун воҳид ба кор меравад. Пеш дар таркиби асарҳои бадеии мансур, илмӣ, таърихшиносӣ ва ғ. бо ниятҳои гуногун, вале беш аз ҳама барои таъкиди матлаб ва далели он, ҳамагӣ як мисраъ меовардand, чунончи, дар "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоулло ин мисраъ омада:

З-онки болотар аз устод дӯкон натвон кушод.

Мисраъ махсусан дар шеъри муосири тоҷик, ки аз тариқи арӯзи нав эҷод мешавад, чун *воҳид* хизмат мекунад, ҳангоми ҳисобу китоб дар замони мо воҳиди ягона *мисраъ* мебошад. Азбаски арӯзи анъанавӣ ҳоло ҳам ҳукми бештар дорад, ва воҳиди асосии он мебошад, ҳангоми таърифи вазн ва тафсири он ҳамин воҳид дар назар дошта хоҳад шуд.

Воҳиди вазн дар баъзе шеърҳо, масалан, шеъри русӣ, зада мебошад, аммо дар шеъри тоҷикӣ - *ҳиҷост*.

[1] *Хуршеда Отахонова.* Падидаҳои навҷӯй. – Душанбе: Ирфон, 1972, с. 23.

Истилоҳи *ҳиҷо* муҳтоҷи тафсири ҷиддист, зеро мафҳуми он дар шеършиносӣ аз фонетика фарқи куллӣ дорад: *агар шарти ҳиҷо дар фонетика мавҷудияти як садонок бошад, дар ҳиҷои арӯзӣ* дарозию кӯтоҳии овозҳо *ба ҳисоб гирифта мешавад,* бинобар ин, як ҳиҷои фонетикӣ (масалан, *кор*) баробари ду ҳиҷои арӯзӣ қурб дорад.

Таърифи вазн. Бо сабаби гуногунии маъниҳои воҳидҳои вазн, таърифи ҷомеи вазни шеърро ба вуҷуд овардан душвор аст, аммо инаш рӯшан мебошад, ки *вазни шеър дар ҳама гуна системаҳо аз баробарии воҳидҳои вазн фароҳам меояд.*

Дар айни замон, таъриферо, ки дар рисолаи С. Давронов омадааст, нисбатан комил донистан мумкин: *"Бо як тартибу низоми муайян, паси ҳамдигар такрор шуда омадани порчаҳои тараннумӣ - рукнҳо, бо тартиби муайян омадани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва зада дар калимаҳо вазн номида мешавад".*[1]

Дар вазни *зада* миқдори задаҳои мисраи якум то охири шеър як хел меояд.

Дар *вазни ҳиҷоӣ*, ки дар шеъри тоҷикӣ ҳам ба кор меравад, миқдори ягонаи ҳиҷоҳо дар саросари шеър риоя мешавад. Масалан, ҳар як мисраи шеъри Лоҳутӣ дах ҳиҷоист:

Ҷавоне пурсид аз пири доно,
Ки: "Эй дониши ту мушкилкушо!
Шогирдонро панди устод некӯст, -
Бигӯ: бародар беҳтар аст, ё дӯст?"
Пири хирадманд чунин посух дод,
Ки: "Зиндагонист беҳтарин устод.
Зиндагӣ собит кард байни башар,
Ки дӯст аз бародар бувад беҳтар,
Мумкин аст, бародар дӯст нашавад,
Аммо дӯст доим бародар бувад ...".

[1] *С. Давронов.* Сохти шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976, с. 9 (Ҳамчунин ниг.: Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, с. 18-19).

Аксари шеърҳои ҳиҷоии бачагона 5-7 ҳиҷоианд. Дар ин соҳа бештар аз ҳама Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Наримон Бақозода муваффақ будаанд. Порае аз шеъри Гулчеҳра "Меҳмони нав":

Кӣ омаду кӣ омад?
Гирён аз дар даромад?
Бо як олам гул омад?
Бо созу гулгул омад?

Баррачаи маст омад!
Ба рӯяки даст омад!
Меҳмонаки нав омад!
Бо "Волга" даррав омад![1]

Ин пора гувоҳӣ медиҳад, ки оҳанги он аз ашъори халқӣ омадааст. Вазну оҳанги умуман ҳамаи осори олӣ бо оҳанги суҳани халқӣ муносибати бевосита дорад. Марҳум Раҳим Ҳошим, ки шарафи шогирдиву ҳамкории устод Айнӣ насибаш гардидааст, ба хотир меорад: "Домулло (Айнӣ - Р.М.) он чиро ки ҳамон рӯз навиштааст, дар фароғи кор ба мо нақл мекард. (...) Агар ба нақл шеъре даромада бошад, онро бо оҳанг мехонд. Нағз дар хотир дорам, шеъри духтари Мулло Чорториро, ки дар "Дохунда" ҳаст, ё ин ки шоҳдухтар, ё шеъреро, ки дар боби 18 қисми аввали "Ғуломон" ғуломҳо дар ёди Ватан мехонанд. Домулло мегуфт, ки ин шеърро ба оҳанги суруде, ки як вақтҳо аз як ҳофизи мавригихони Бухоро шунида буд, навиштааст:

[1] Солҳои ҳафтодуми мелодӣ хоҳарбузургам шодравон Муаззамабону шеъргунае месуруд, ки низ "Волга" дорад: *Духтараму духтарам // Ҳазор писар беҳтарам // Як ҳазорба надиҳам // Ду ҳазорба надиҳам // "Волга"-дорба медиҳам.*

Аз ҳаво мевазад накҳати форам,
Ин магар омад аз Қаршӣ, аз ёрам?
Аз чаман бар чаман чун сабо гардам,
То ба ӯ вохӯрам, кам шавад дардам.

Вақти бо оҳанг хондани ин шеърҳо бо зарби оҳанг дасташро ба рӯи миз зада меистод".[1]

Дар вазни арӯз на танҳо *баробарии ҳиҷоҳо*, балки сифати *дарозию кӯтоҳӣ* низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ғайр аз риояи миқдори умумии ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз, боз риояи *таносуби ҷои* ҳиҷоҳо аз қонунҳои асосии вазни арӯз ба шумор меравад, яъне, агар мисраи якум бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз ёфта бошад, оғози кулли мисраъҳои шеър бояд кӯтоҳ шавад.

Дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки шеъри арӯзӣ ҳам *квалитативӣ* мебошад, ҳам *квантитативӣ*, яъне, ҳам сифати ҳиҷоҳо ба эътибор гирифта мешавад, ҳам миқдорашон.

Калимаҳои забони тоҷикиро аз рӯи бузургиашон арӯзиёни қадим ба се қолиби асосӣ тақсим кардаанд ва ба онҳо номи *сабаб*, *ватад* ва *фосиларо* додаанд.

1. Сабаб ду навъ аст:

а) *сабаби хафиф* (сабук) – *як ҳиҷои пӯшида*, ба мисли *гул* ва *гил*;

б) *сабаби сақил* (вазнин) – *ду ҳиҷои кӯтоҳи кушода*, ҳамчун *гала* ва *рама*.

II. *Ватад* низ ду хел мешавад:

а) *ватади маҷмуъ* (ҷамъкунанда) – ду ҳиҷо: аввал кӯтоҳу баъд дароз, аз қабили *падар* ва *писар*;

б) *ватади мафруқ* (фарқкунанда) – низ ду ҳиҷо: аввал дарозу баъд кӯтоҳ, ба мисли *лола* ва *жола*.

III. *Фосила* ҳам ду навъ аст:

[1] *Раҳим Ҳошим.* Дар коргоҳи эҷодии устод. – Садои Шарқ, 1971, № 4, с. 107-108.

а) *фосилаи сугро* (хурд) – се ҳиҷост: аввал ду кӯтоҳ, дар охир дароз: *бидиҳӣ* ва *бираҳӣ*;

б) *фосилаи кубро* (калон) – чаҳор ҳиҷо: аввал се кӯтоҳу баъд дароз: ҳамчун *бизанамаш* ва *бубарамаш*.

Бар асоси радду бадали қолибҳои мазкур рукнҳое ҳосил мешаванд, ки *афоилу тафоил* мегӯянд ва аз инҳо иборатанд: *фаӯлун, фоилун, мафоилун, мафоӢлун, мустафъилун, муфтаилун, муфоалатун, мустафъилатун*.

Дар натиҷаи истифодаи бевоситаи рукнҳои мазкур, ва ё омезиши онҳо бо ҳамдигар, баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ ҳосил мешаванд, ки омӯзиши пурраи он бар уҳдаи *илми арӯз* ва дарси *назмшиносӣ* мебошад.

Шартҳои ҳиҷоҳои арӯзӣ. Аз назар гузаронидани шароити пайдоиши ҳиҷоҳои арӯзӣ ба таври мухтасар зарурат дорад, то аз моҳияти вазни арӯз тасаввуроте рӯшан эҳсос шавад. Муҳимтарини шартҳо чунин аст:

1) як садоноки кӯтоҳ, ки ба дунболи садоноки кӯтоҳ омадааст, дароз талаффуз мешавад: *дили моро*; ҳиҷои кӯтоҳе, ки ба дунболи дароз омадааст - *холи*:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба хо-ли ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.
(Ҳофиз)

2) як садоноки кӯтоҳ баъд аз ҳамсадо (ҳамчун ба, ки, чи, чу …) низ ҳиҷои кӯтоҳ ҳисоб мешавад: *о-би, ту*:

Зи сар бигзашт бе ту о-би чашмам,
Яке аз саргузаштам бе ту инаст
(Лоҳутӣ)

3) агар садоноки кӯтоҳ пеш аз ҳамсадо ояд (ба мисли *аз, ан, ин, ик-)* ҳиҷо дароз мешавад, чунончи:

Абр омаду боз бар сари сабза гирист,
Бе бодаи аргувон намебояд зист.
(Хайём)

4) як садоноки кӯтоҳ дар иҳотаи ду ҳамсадо (ҳамчун *дар, гар, шав, сир, мус-…)* як ҳиҷои дарозро ташкил медиҳад, масалан:

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад.
(Рӯдакӣ)

5) як садоноки дароз (устувор) ҳамеша ҳиҷои дароз мешавад (аз қабили *о, ӯ)*, чунончи:

Бӯи ҷӯ-и Мӯлиён о-яд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон о-яд ҳаме
(Рӯдакӣ)

6) як садоноки дароз баъди ҳамсадо (ҳамчун *мо, кӣ, гӯ)*, чунончи:

Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,
Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.
(Лоҳутӣ)

7) Садоноки дарози пеш аз ҳамсадо омада (ба мисли *ош, оф, уф-)* баробари якуним ҳиҷо мебошад. Бояд илова кард, ки ифодаи якуним шартӣ аст, дар асл он ду ҳиҷо – яке дарозу дигаре кӯтоҳро мефаҳмонад, аммо ба ин қарор ки ҳамеша ҳиҷои дароз аввал ва ҳиҷои кӯтоҳ баъди он меояд:

Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бурун.

8) садоноки дароз дар иҳотаи ду ҳамсадо низ баробари якуним ҳиҷо мебошад, чунончи:

Хоб, оре бародари марг аст,
Ки аз ӯ нахли умр бебарг аст.
(Биноӣ)

9) як садоноки дароз дар иҳотаи се ҳамсадо омада (ҳамчун *дошт, дӯст, чист…*) низ якуним ҳиҷоро ташкил медиҳад, монанди:

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёриву бародархондагӣ.
(Саъдӣ)

10) як садоноки кӯтоҳи дар иҳотаи се ҳамсадо омада (ба мисли *даст, рафт, кушт, кишт…*) ҳам баробари якуним ҳиҷост:

Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст, пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун
(Рӯдакӣ)

Насириддини Тӯсӣ мегӯяд: "камтарин ададе такрорро ду "[рукн] бошад, ва бештар – чаҳор. Ва зиёдат аз ин, ба сабаби дарозӣ, мустаъмал набошад".[1]

Баъзе истисно ва анъанаҳо. Дар шеъри арӯзӣ чанд истисно ҳаст, ки донистани онҳо низ аҳамият дорад, чунончи:

[1] *Меъёр-ул-ашъор*, 1992, с. 29.

1) Ҳиҷои пӯшидаи кашидашавандае, ки баробари якуним ҳиҷо мебошад, бо *–н* поён меёбад, монанди *дон, мон, тин…* , кашида намешавад, масалан:

*Ишқ хун хӯрдану **ҳайрон** шуданӣ ҳам дорад.*
*Ҳама хуб аст, **пушаймон** шуданӣ ҳам дорад.*
Нест кӯи ту зи гавгои рақибон холӣ,
Ҳар замон дастугиребон шуданӣ ҳам дорад.
(Мушфиқӣ)

Ин ҳодиса истисно, бар шарти ҳаштуми фасли болост.

Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки овози *н*-ро ҳеҷ гоҳ кашидан мумкин набошад. Масалан, Низомӣ кашидааст:

*Ба бахшоиши **ҷонвар** кун басеч*
Ба ноҷонвар бармабахшой ҳеҷ.
("Иқболнома")

Мисол аз "Шоҳнома"-и ҳаким Фирдавсӣ:

Бад-ӯ гуфт: "Агар шоҳ борам диҳад,
*Бад-ин кардаҳо **зинҳорам** диҳад".*

Боз як мисол аз ҳамон ҷо:

*Зи ҳар чиз танҳо чаро **мондӣ**?*
*Зи дафтар чунин рӯз кай **хондӣ**?*

Мисоле дигар аз Маҳмуди Форонӣ:

Дилам хоҳад, ки чун амвоҷи саркаш
Занам силӣ ба рӯи санги соҳил.
Наёсоям зи ҷавлон, то ки ҳастам
Гузинам дар дили тӯфон манзил.

2) як ҳиҷои дароз ду ҳиҷои кӯтоҳро иваз карда метавонад:

Турки қасабпӯши ман он ҷо чу моҳ,
Карда диламро чу қасаб рахнагоҳ.
Маҳ, ки ба шаб даст барафшонда буд,
Он шаб то рӯз фурӯ монда буд.
(Низомӣ)

3) Садоноки дарози ӯ, мувофиқи талаби вазни умумии шеър гоҳе кашида мешавад, гоҳе не, чунончи:

Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.
(Рӯдакӣ)

Мисоле дигар, ки овози ӯ кӯтоҳ ба талаффуз омадааст:

Пас аз соле рикоб афшонд бар роҳ
Сӯи мулки Синоҳон ронд бунгоҳ.
(Низомӣ)

Калимаи *сӯ*-ро Фирдавсӣ низ гоҳе кӯтоҳ овардааст:

Шуморо су-и хона бояд шудан,
Бад-ин андарун рой бояд задан.

Мисоли дигар аз Низомӣ:

***Ху-ришҳоро** намак рӯ тоза дорад,*
Намак, бояд ки низ андоза дорад.

Бояд афзуд, ки садоноки номбурда дар гуфтугӯи баъзе нуқоти кишвари тоҷик воқеан ҳам кӯтоҳ, ба талаффуз меояд. Боз як мисол:

Камар бар камар бистари сабз буд,
***Ку-тал** то **ку-тал** чодари сабз буд.*
(Айнӣ)

Ин истисно ҳам ба шарти ҳаштум дахл дорад.
Мисоли дигар:

Сухан он ҷо, ки занад лофи адаб,
Хомӯшии зари сомит чӣ аҷаб?

4) садоноки *е* дар калимаи *меҳмон* мувофиқи талаби вазни шеър кашида мешавад, гоҳе намешавад, масалан:

Эй Бухоро шод бошу дер зӣ,
*Шоҳ наздат **меҳ-мон** ояд ҳаме.*
(Рӯдакӣ)

Ба нудрат, гоҳе овози мазкури *е* сарфи назар мешавад, чунончи:

Бе-андоза гирд-андараш чор пой,
Биҳиштест, гуфтӣ, ҳам эдун ба ҷой.
(Фирдавсӣ)

Мисоли дигар аз Фирдавсӣ:

Чу ӯ ром гардад ба гуфтори ман,
Бе-озор гардад дилозори ман.

5) овозҳои *и* ва *у* дар калимаҳои *дигар* ва *буд* ҳангоми зарурате кашида мешавад, ҳангоми зарурати дигар кашида намешавад.

6) аз ду ҳиҷои кӯтоҳ, ки пайдарпай омадаанд, агар вазни шеър эҳтиёҷ дошта бошад, яке дароз талаффуз мешавад, чунончи:

Шабонгоҳон, ки маҳ мераҳсад ором
Ба қалби осмони гунгу хомӯш,
Ту дар хобиву ман масти ҳавасҳо,
Та-ни *маҳтобро гирам дар оғӯш.*

7) ҳиҷои кӯтоҳи дар охири калима ҷойгирифта, ба манзалати ҳиҷои дароз омада метавонад, масалан:

Ки то кай гӯри мардонро парастӣ?
Ба ***гир-ди*** *кори мардон гардӣ, растӣ!*

8) ҳамин навъ ҳиҷои кӯтоҳ дар охири мисраъ ҳам дароз талаффуз мешавад, мисол:

Аз зуҳди намак рафта зи парҳез ма-за,
Дардо, ки намонда дар гунаҳ низ ма-за.
Об омада, шуста аз ҳама чиз на-мак,
Бод омада, бурда аз ҳама чиз ма-за.
(Паҳлавон Маҳмуд)

Ҳиҷои дуюми калимаи *маза*, ки дар радиф омадааст, (чун истисноӣ шарти дуюми фасли болоро) дароз талаффуз мешавад.

9) ҳиҷои кӯтоҳе, ки дар охири мисраъ меояд, аз эътибор соқит намешавад, дар *гуноҳ*-и мисраи якум аз *кунад*-и мисраи дуюм ҳиҷои кӯтоҳи зиёдаи беэътибор дорад:

Камоли сирри муҳаббат бубин, на нуқси гуноҳ,
Ки ҳар кӣ беҳунар афтад, назар ба айб кунад.

10) ҳиҷои кушодаи дарози охири тақтеъ кӯтоҳ талаффуз шуда метавонад, масалан:

Баромад дузде аз машриқ сабукдаст,
Арӯси субҳро зевар ба ҳам баст.
(Низомӣ)

11) овози ҳамсадо аз ҳиҷои пешин ба ҳиҷои пасин кӯчида метавонад, чунон ки хоҷа Ҳофиз гуфтааст:

Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.

Мисоле дигар, аз устод Айнӣ:

Ду чашмаш дурахшанда дар рӯи моҳ,
Ситора-ст *гӯё ки бар рӯи моҳ.*

Носири Хусрав *ҳаргиз*-ро **ҳагирз** овардааст:

Наёбад ҳагирз он се меҳмон чаҳорум
На ин ду кабӯтар биёбад се дигар.

12) дар марҳилаи аввали адабиёти асримиёнагӣ ба баъзе калимаҳо (ҳамчун *май, зар*) ҳамсадои охирро бошиддат хонда, ним ҳиҷои иловагӣ низ ҳосил кардаанд. Ҳаким Фирдавсӣ гуфтааст:

Бад-он шох буд муҳраи зарр панҷ,
Ба муҳра зи гавҳар басе дида ранҷ.

Рӯдакӣ ҳам гуфта буд:

Майӣ хоҳиву турунҷ …

13) Гоҳе *сипар* дар сурати *испар* меояд:

Нуктаҳо чун теғи алмос аст тез,
Гар надорӣ ту сипар, вопас гурез!
Пеши ин алмос бе испар маё!
К-аз буридан теғро набвад ҳаё.
(Ҷалолиддини Балхӣ)

14) Устод Айнӣ дар як ғазали Восифӣ, ки матлааш ин аст:

Наргиси ҷодуи ту оҳуи Чин,
Нофаи оҳуи ту холи ҷабин

чаҳор вазнро мушоҳида кардааст:

1) рамали мусаддаси маҳзуф (*фоилотун, фоилотун, фоилот*),
2) рамали мусаддаси махбуни мақсур (*фоилотун, фоилотун, фаилот*),
3) хафифи мусаддаси садру ибтидо солим. Ҳашв махбун ва боқӣ мақтуъ (*фоилотун, мафоилун, фаилот* ё ки *фаилон*),
4) сареъи матвии мавқуф (*муфтаилун, муфтаилун, фоилон*).[1]

Аммо ин кори шоирони пешин дар осори суханшиносони баъдина (масалан, Шамси Қайс) ба танқид дучор омад.

Табиати арӯз. Бунёди арӯз бар баҳрҳои гуногун ва зиҳофҳои сершумор ҳодисаи тасодуфӣ намебошад, балки қонунияти муҳими ниҳоние мавҷуд аст, ки суханварони бузурги асрҳои миёна пай бурдаанд. Онҳо дарёфтанд, ки:

а) ҳар яке аз мавзуъ ва мазмунҳои ҳаётӣ моҳияту табиати хосае дорад;

[1] *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, с. 107.

б) ҳар яке аз вазнҳои шеърӣ (хоҳ *солим*, хоҳ *зиҳоф*) дорои табиати махсусанд.

Инчунин, онҳо тавонистанд, ки мутобиқи мавзую мазмуни мушаххас, аз вазни муайяну созгор истифода баранд. Ба тарзи дигар гӯем, дар асрҳои миёна, зери қалами суханварону суханшиносони бузург *арӯзи классикӣ* эҷод мешавад, ки зикраш дар боло рафт. Ба нияти таъкид илова кардан зарар надорад, ки барои ҳамосаҳои қаҳрамонӣ баҳри *мутақориби мусаммани мақсур*, барои қиссаҳои ахлоқии дидактикию фалсафӣ баҳри *рамали мусаддаси мақсуру маҳзуф*, барои ифшои ранҷу дардҳои бепоёни қалбӣ, *ҳазаҷи мусаддаси мақсуру маҳзуф*, барои баёни фалсафаи оптимистонаи зиндагӣ ва ҳашамати одамӣ шаҷараҳои *ахраму ахрабу ҳазаҷ* истифода шуда, ба ҳукми анъана даромадаанд ва ҳоло ҳам идома меёбанд.

Агар шоир моҳияти аслии мавзуи интихобкарда ва воқеаи инъикосшавандаро дуруст дарк карда натавонад, табиист ки аз вазни мувофиқ ҳам бебаҳра мемонад. Дар ин ҳолат, вазни тасодуфан интихобшудаи асар, ҳатман сабаби вайронии қонуни мундариҷаю шакл мегардад. Аз тарафи дигар, шоир аз рӯи анъанаҳои мавҷуда табиату моҳияти вазнро амиқ шинохта натавонад, дар ин ҳолат ҳам, вазни мутобиқи мазмун интихоб карда наметавонад, ва хоҳу нохоҳ асараш барор пайдо нахоҳад кард.

Азбаски, имкони тафсил нест, кӯтоҳ ишора мешавад, ки пайдоиши арӯзи точикӣ-форсиро суханшиносони гузашта аз араб донистаанд. Ба ин ҳукм устод Айнӣ (тавассути мактуби машҳураш ба Мирзо Турсунзода аз 27 декабри соли 1948) шубҳа ба миён гузошт ва донишмандоне: Баҳром Сирус, Акрам Ҷаъфар, Мирзо Турсунзода ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Аҷдодони мо дар қадим (то истилои араб) шеър мегуфтанд, ки вазнаш яқинан шабеҳи моҳияти арӯз будааст. Ба ин маънӣ, бесабаб нест, ки арӯз ба зудию осонӣ ба низом даромад, ва бахшҳое пайдо намуд, ки дар арӯзи араб собиқа надошт.

Бесабаб нест, ки арӯзи тоҷикӣ-форсӣ аз арабӣ бамаротиб нозуктару дақиқтар аст.

Ин сухани охир аз рӯи эҳтирос нест, балки ҳақиқатест, ки ҳатто гузаштагон (ҳамчун Шамси Қайс ва хоҷа Насир) зикр кардаанд. Чун далел ин ҷо сухани Амир Хусрави Деҳлавӣ, аз муқаддимаи девони "Ғуррат-ул-камол", оварда мешавад: "Аввал – мизони шеъри форсӣ вазн аст. Ва дар ин мувозина *арабҳо ба мо ҳамтарозу натавонанд шуд*, зеро он чи, ки дар шеъри эшон зуҳаф аст, агар дар шеъри порсии мо бошад, мо онро номавзун хонем, ва авзони ӯ ҳояти аҳком ва истеҳком ба тафовути ҳарфе, балки ба ҳаракати ҳарфе бишканад". Ё худ, Восифӣ мақолеро мансуб ба Убайди Зоконӣ овардааст, ки "Ал-номавзун – шеъри арабӣ". Ин сухан шояд ҳазл бошад, аммо аз ҳақиқат, ба нисбати шеъри тоҷикӣ-форсӣ, он қадар ҳам дур нест.

Омезиши вазнҳо. Қонуни анъанавии арӯз талаб мекунад, ки як шеър дар як вазн навишта шавад. Вазни дар байти аввал истифода шуда муносиб нест, ки минбаъд тағйир ёбад.

Бо гузашти асрҳо, шоирони соҳибистеъдод, аз як тараф, талаботи арӯзро ба ҳадди аълои назокат риоят мекарданд, аз тарафи дигар, гоҳе имкониятҳое кашф мешуд, ки зоҳиран хилофи арӯзи нормативӣ набошад ҳам, моҳиятан усулии онро инкор мекарданд. Аз ҷумлаи чунин "ҳилаҳои шаръӣ" ҳодисаҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

1) *мустазод*, ки мисраъҳои он дар масъалаи миқдори рукнҳо баробар нестанд;

2) санъати *муталаввин*, ки мувофиқи шарти он шеърро дар якчанд вазн хондан мумкин аст;

3) достонҳои эпикие ҳастанд, ки дар таркиби худ *нома* ва *ғазалҳои* дар вазнҳои дигар навишташуда доранд. Масалан, достони Абдулатифи Балхӣ (асри XIX) дар вазни *хафиф* аст, аммо порчаҳои зиёде дорад, ки дар *ҳазаҷ* гуфта шудаанд. Мисоли дигар, достони "Ҷамшеду Хуршед"-и Салмони

Совақӣ, ки ғазалу рубоиву қитъаҳои гуногунвазн дорад, ҳатто ҳикояти тамсилие ҳаст, дар вазне дигар иншо ёфтааст.

Дар мисолҳои мазкур вайрон шудани усули арӯзи нормативӣ номаълум мемонад. Масалан, дар *мустазод*, таносуби миқдори рукнҳо дар дохили байтҳо нигоҳ дошта мешавад. Аз тарафи дигар, ин ҳодиса, яъне, мисраъҳои байт нобаробар, аммо байтҳо баробаранд, аз аввал то охири шеър, ҳамчун норма, риоят мешавад. Аз тарафи сеюм, тақтеъҳо сифатан, тағйир намеёбанд, яъне, рукни иловагии байти якум, фаразан, *мустафъилун* бошад, тамоми ибораҳои иловагӣ *мустафъилун* хоҳад шуд.

Дар мавриди *муталаввин* низ бояд гуфт, принсипе саросари шеър риоят мешавад. Масалан, байти якуми шеъреро дар ду вазн хондан мумкин бошад, тамоми байтҳои боқимондаро низ дар ҳамон ду вазн мехонанд.

Ин навъ майлу кӯшишҳо дар тағйир ва такмили талаботи арӯз, ки таркибан дар тамоми марҳилаҳои адабиёти асрҳои миёна дар ҳудуди усулҳои муайяне сурат мегирифт, дар аввали асри XX, махсусан нимаи дуюми он суръат пайдо карданд ва ба ҳодисаи равшани адабӣ оварда расонданд.

Арӯзи нав. Ин ҳодиса, ки дар вазни шеър рӯй додааст, диққати донишмандони адабиётро ба худ кашида, боиси пайдоиши мақолаю асарҳои сершуморе шудааст. Аммо ҳақиқати масъала, мутаассифона, то кунун ба тарзи қаноатбахш рӯшан нест. Зоҳиран, ин масъала, ба таҳқиқоти дастаҷамъӣ эҳтиёҷ дорад.

Бо таассуф бояд қайд кард, ки ҳодисаи нави вазни шеър номи рӯшане надорад. Баъзеҳо *шеъри нав* ва *шеъри озод* гуфтаанд, ки истилоҳоти номувофиқ будани онҳоро дар матбуот ҳам навиштаанд.

Баъзеҳо дар муқобили "арӯзи анъанавӣ", ҳодисаи навро "арӯзи нав", "арӯзи озод", "арӯзи шикаста" номидаанд, ки ин

таъбирҳо низ пурра қобили қабул нестанд, аммо шартан ба кор бурдан мумкин аст.

Доираи масъалаҳои *арӯзи нав* чунон васеъ мебошад, ки ҳалли пурраи он таҳқиқоти ҷиддии монографиро тақозо менамояд.

Баъзеҳо гумон доранд, ки моҳияти аслии *арӯзи нав* иборат аст аз пора-пора овардани мисраи пурраи шеър ба чандин мисраи нопурра. Яъне, агар якчанд мисраи нопурра ҷамъ карда, рост навишта шавад (аз рӯи қолаби вазну қофия) мисраи комил ҳосил шавад. Агар ҳамин тавр бошад, намунаи аълои чунин шеърро ҳанӯз устод Рӯдакӣ гуфта буд:

– Омад.
– Бари ман.
– Кӣ?
– Ёр!
– Кай?
– Вақти саҳар.
– Тарсанда.
– Зи кӣ?
– Зи хасм!
– Хасмаш кӣ?
– Падар!
– Додам-ш ду бӯса.
– Бар чӣ?
– Бар лаб!
– Лаб буд?
– На!
– Чӣ буд?
– Ақиқ!
– Чун буд?
– Шакар!

Равшан аст, ки ин *арӯзи нав* нест.

Бо ду сухан, моҳияти ҳодисаи нави вазн, иборат аз ин аст, ки шоирони асри XX қолиби арӯзро шикастанд ва дар ин шиканиш ба анъанаҳои мавҷуда, ҳамчун *мустазод, муталаввин, зӯбуҳур, баҳри тавил* ва ғ., такя намуданд. Дар нимаи дуюми асри XX равшан шуд, ки шоирон арӯзро инкор накарда, балки имкониятҳои нави онро кашф намудаанд, яъне, мисраъҳои шеърро аз рӯи талабот ва гунҷоиши мазмун, дарозу кӯтоҳ кардан мумкин аст, чунончи, агар мисрае як тақтеъ бошад, дигараш шаш тақтеъ шуда метавонад. Монанди, мақтаи "Шеъри ногуфта"-и Зулфия:

Ба дунё ояд аз батни хаёл орзуям гар
Чунин як шеъри ҳассоне,
Мисоли тифли гирёне,
Ба рӯҳу қудрату симои инсонӣ.
Сипас ман дар ҷаҳони гирдгардоне,
Ризо аз қисмату аз вақт хоҳам шуд,
Зани хушбахт хоҳам шуд!

Гумон кардан, ки дар шеъри *арӯзи нав* тақтеи якхела такрор меёбад, дуруст нест; ду, се ва аз он бештар ҳам рукн метавонад истифода шавад. Чунончи, "Доғи куҳан"-и Қутбӣ Киром:

Дар ҳар гузар, ки бигзарад,
Дар Рига ё ба Фалгарӣ,
Бар пирбеваҳо,
Чашмони роҳпо,
Мангар ту сар-сарӣ.

Ҳар як ба чашми дӯстҷӯ
Бар дида рӯи ту,
Аз таҳти ҷони мустаманд,
Пурсанд кӯи ту.

Ҳайрон машав, писар,
Халқе ҳанӯз умедвор,
Шояд зи ҷанг рафтагон –
сарбози навхатон,
Хезад яке зи арсаву ояд шабу саҳар.

Тақтеи якуми ҳамаи мисраъҳои ин шеър *мустаъфилун* (--У) буда, тақтеҳои дуюм гоҳе (мисраъҳои 1, 2, 6, 8, 11, 12, 14,), *мафоилун* (У—У--) ва гоҳе (мисраъҳои 3-5, 7, 9, 10, 13, 15), *фаӯл* (У--) сурат гирифтааст.

Саволе ба миён меояд: ин тағйирот ҳодисаи мусбат аст? Ё манфӣ?

Ба ин пурсиш, ба фикри мо, посухе ягонаи умумӣ додан мумкин нест, зеро тағйироти рукнӣ, бинобар эҳтиёҷе, барои ифодаи сазовори мазмун содир шуда бошад, ҳодисаи мусбат аст, агар бидуни зарурат, аз рӯи ҳавову ҳавас ба амал ояд, ҳодисае манфист.

Як мисол аз "Сурӯши Сталинград" (порча аз Сурӯши шашум):

Замин оташ
Ва дарёи дамон оташ,
Ба рӯи об ҳамчун мавҷи хунине равон оташ,
Ба ҳар хона, ба ҷои ошдон дар остон оташ.
Ба ҷои гул
Ба боғу бӯстон оташ.

Самои дудаолуда
Ба Кӯрғони Мамай ларзону овезон.

Садои тӯпҳо чун хандаи шайтон
Миёни наъраҳои тӯп ояд гиряи тифлон …

Худоро, об месӯзад,
Рухи маҳтоб месӯзад.

Туфанг аз тоб месӯзад
Ва мӯи модари бетоб месӯзад!

Пора нишон медиҳад, ки шоир бинобари талаби мазмун таносуби тақтеъҳоро тағйир додааст, ва ин рафтори шоирро маҳкум кардан дуруст нест, балки таҳсин бояд кард.

Саволе дигар пеш меояд, ки дар сурати вайрон шудани таносуби рукнӣ, таносуби оҳанги шеър оё халал намебинад? Халалдор мешавад. Аммо шоири моҳир метавонад ин халалро рафъ кунад. Воситаҳои пур кардани *заъфи таносуб* инҳо буда метавонанд:

1) мазмуни баёншаванда; шоири боистеъдод метавонад миёни *гафсӣ* ва *борикии* мазмуни пораи сухан ва зиёдиву камии (дарозиву кӯтоҳии) сухан таносуби устуворе барқарор кунад, яъне, аз ҳисоби барҳам додани *ҳашви* имконпазир метавонад *ковокиро* барҳам занад;

2) *такрор, қофия, радиф* ва амсоли онҳо, ки равониву мавзунии шеърро хуб таъмин карда метавонанд. Чунончи:

Миёни халқаи оҳан,
Миёни халқаи оташ,
Миёни халқаи ҷангам,
Ҳама хатҳои тӯлу устуво дар гирди ман омад,
Тамоми бори дунё ногаҳон бар дӯши ман омад.

Бозор Собир ташбеҳкунандаеро, ки тамоми шеърро ҷамъбаст мекунад, дар ҳаҷми як рукн, дар охир чун як мисраъ, овардааст:

Худашро об меполад ба ин ҷозиба дар дарё,
Ба ин ҷозиба дилҳо тоза мегарданд,
Чун дарё.

("Мадду ҷазр")

Ин ҳодиса ҷолиби диққат аст, ки шоирони тавонои навпардоз ҳазаҷу рамал барин бахрҳоро (дар шакли солим) бештар ба кор мебаранд, ки дорои таърихи устувори қадима ва халқии тоҷикӣ мебошанд.

Арӯзи нав дар ҳаёти адабии тоҷик ба дараҷаи имрӯзааш, якбора нарасидааст. Шоирони солҳои 20-30 навъҳои вазнро мулоим-мулоим ба ҳамдигар омезиш доданд. Азбаски омезиш мулоим буд, гӯшхарош нашуд. Як мисол аз Лоҳутӣ:

Ид омаду ман омадам идона бигирам,
Ҷон аз дами он ҳамдами ҷонона бигирам.
Хуршед дар афлок шавад хокам, агар ман
Чун хок, макон дар бари ин хона бигирам.

Вале ӯ хабараш нест,
Ба сӯям гузараш нест,
Ба рӯям назараш нест,

Хаёлам ба сараш нест.
Ғофил, ки бараш омадам идона бигирам,
Ҷон аз дами он ҳамдами ҷонона бигирам.[1]

Арзиши арӯз. Арзиши арӯз бешумор аст. Ин ҷо чаҳортои он зикр меёбад:

1) арӯз – воситаи олии мавзунии сухан мешавад; мавзунӣ - гарави санъат аст;

2) ба шарофати арӯз қолиби аслии калимаҳои тадричан кӯҳнашуда шинохта мешавад ва кӯмак мерасонад, ки марому мақсади гӯяндаи шеърҳои қадима беғалат хонда шавад;

3) арӯз боиси бақои ҳусни зебой шудааст, яъне, ба эътибори қонуни дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо имкон намедиҳад,

[1] *А. Лоҳутӣ.* Куллиёт, ҷ. 6, с. 44.

ки ҳарфҳо сохтаву худсарона талаффуз шаванд, балки арӯз сабабгори нигаҳдории талаффузи табиӣ ва анъанавии калима мегардад;

4) арӯз имкон додааст, ки ҳунарҳои мустақили хонандагию навозандагӣ ривоҷ ёбанд.

Қадимтарин вазни шеър. Қадимтарин усули шеърсарой дар Юнони қадим вомехӯрад. Ҳамосаҳои Гомер, фоҷиаҳои Эсхил, Софокл, Еврипид, мазҳакаҳои Аристофан, лирикаи Пиндар ... ҳама манзуманд. Дар шеъри онҳо дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо риоя карда шудааст. Ба дарӣ нахустин бор Баҳроми Гӯр, Абулаббоси Марвазӣ, Абӯҳафси Суғдии Самарқандӣ, Муҳаммад Васиф, Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Муҳаммад ва дигарон, ки дар замони Оли Тоҳир ва Оли Лайс зиндагӣ кардаанд, шеър сурудаанд. Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб мегӯяд: "Қасида қадимтарин қолиби шеърии форсии дарӣ, ва куҳантарин намунаи шеъри мавзун ба вазни арӯзи форсист, ки то кунун ба дасти мо расидааст; ва таърихи куҳантарин қасидаи форсӣ чакомаи Муҳаммад ибни Васифи Систонӣ дар мадҳи Яъқуби Лайс, ки ҳафт байти он дар "Таърихи Систон" нақл шуда, ба соли 251 ҳиҷрии қамарӣ мерасад".

Қадимтарин намунаи шеър, ки дар шумори "Дарахти Асурик" ва "Ёдгори Зарирон" аз форсии миёна омада, ва устод Баҳор дар пажӯҳиши он хидмат кардааст - қасидаест дувоздаҳ-ҳиҷой, дорои қофия ва ба тақлиди сурудҳои Сосонии даврони охир, ки қофия вориди шеър шуда буд, сохта шудааст.

Абар матани шаҳ Ваҳроми Варҷованд
Кай бавод пайке ояд аз Ҳиндукон
К-азмат оне шаҳ Ваҳром аз дудаи каён
К-аз пил ҳаст, абар саронсар ҳаст пилкон.
К-аз оростак драфш дорад бадей ойине Хусравон.
Пеш(и) лашкар баранд ба сипаҳ сардорон.

Марде гусей бояд кардан зирак, тарҷумон
К-аз шавад ӯ бигӯяд ба Ҳиндукон.
Ки моҳ чи дид аз дасти тозикон.
Абар айвак гурӯҳ дину вичор кард …
Ав бирафт шоҳаншоҳ моҳ аз ҳир(и) авешон
Чигун девон дин доранд, чигун сак хӯранд нон
Биситоданд потахшаҳӣ аз Хусравон
Не ба ҳунар, не ба мардиҳ, айпат афсӯсу
риёриҳ биситоданд.
Гиранд ба ситамо аз мардумон.
Зану хостакиҳои ширин, бог, бӯйистон.
Газитак аварниҳо, бибухтанд авар сарон.
Абоз аслик хостанд сокин гарон.
Бингар, к-аз чанд уганад он дуруч бад-ин геҳон.
К-аз нест ваттар аз ӯ андар геҳон аз моҳ
Биояд он шоҳ Ваҳроми Варҷованд аз дудаи каён.
Биёварем кини тозикон …
Чигун рустҳи абварит сад кина геҳон (бугон)
Ишон мазкитиҳо фуруд ҳилем, биншонем отаҳшон
Уздестчориҳо биканему пок кунем аз геҳон.
Ток абин шаванд дуруг вушут кон аз ин геҳон.
(Фарчфт ба дуруду шотиҳо)

Баргардон:

Дар омадани шоҳ Баҳроми варҷованд (Бошукӯҳ)
Кай бошад пайке ояд аз Ҳиндустон?
Расид он шоҳ – Баҳром аз дудаи Каён.
Ки фил ҳаст ҳазору бар саросар пилбон,
Ки ороста дирафш дорад ойини Хусравон.
Пеши лашкар баранд ба ҳамроҳ сипаҳсолорон.
Марде гусел бояд кардан зиракӣ, тарҷумон?
Ки шаваду бигӯяд ба Ҳиндустон.

Ки мо чи додем аз дасти тозиён.
Бар як гурӯҳ дин гузор кард …
Ва бирафт шоҳаншоҳии мо аз чизи эшон.
Чун девон дин доранд, чун сак хӯранд нон.
Биситоданд подшоҳӣ аз Хусравон.
На ба ҳунар, на ба мардӣ, бал ба истеҳзову рушханд бистонданд,
Гиранд ба ситам аз мардумон.
Зану хостакиҳои ширин, бог, бӯстон.
Чизя барниҳоданду қисмат карданд бар сарон.
Бо вуҷуди аслик, хостанд сову боҷи гарон.
Бингар, ки чанд бадфиганд дурӯг бад-ин ҷаҳон.
Ки нест бадтар аз ӯ дар ҷаҳон аз мо …
Биёяд он шоҳ Баҳроми варҷованд аз дудаи Каён.
Биёварем кини тозиён, чунон ки Рустам оварда
сад кини ҷаҳон (бағон).
Низ масҷидҳои шонро фуруд орему биншонем оташон.
Бутхонаҳо барканему пок созем аз ҷаҳон.
То нопадид шаванд дурӯғҳову гушудгон (девони дурӯғу
мунтабеъ) аз ин ҷаҳон.
(Фарҷом ёфт ба дуруду шодӣ)

Мутахассисон тақрибан сӣ тақтеъро дар шеъри Юнони қадим муайян намудаанд, ки як қисмашон ба назми халқҳои дигар, чунончи рус, гузаштааст. Машҳуртарин тақтеъҳо *хорей* – ду ҳиҷо (дарозу кӯтоҳ), *ямб* (низ ду ҳиҷо: кӯтоҳу дароз), *дактил* (се ҳиҷо: дарозу ду кӯтоҳ), *амфибрахий* (низ се ҳиҷо: кӯтоҳу дарозу кӯтоҳ), *анапест* (низ се ҳиҷо: ду кӯтоҳу як дароз) ҳисоб меёбанд.

Маълум аст, ки дар шеъри русӣ таносуби ҳиҷоҳо *зададору безада* ба ҳисоб гирифта мешаванд, чунончи *ямб* – безадаю зададор (масалан *вода*), *хорей* – зададору безада (*воды*), *дактил* – як зададору ду безада (*водами*), *амфибрахий* – безадаю зададору безада (*железо*), *анапест* – ду безадаю як зададор (*железа*).

Дар готҳои Авасто, дертар дар *хусравонӣ* низ, вазн ба кор рафтааст. Мавҷудияти вазнро дар шеъри қадим Насириддини Тӯсӣ ҳам ишора мекунад. Мутаассифона, чигунагии вазни ашъори қадимаи тоҷикӣ алҳол таҳқиқ ва сохтори он муайян нашудааст.

Қофия. Таърифи қофия. *Қофия дар луғат, аз қафо омадан аст, аммо дар истилоҳ гурӯҳи калимаҳои ҳамоҳангеро мефаҳмонад, ки дар охири мисраъ, ё байтҳои шеър ҷойгирифта, бо ҳамдигар дар ҳарфи равӣ, ё овозҳои наздики вай мувофиқат кардаанд.*[1]

Ба гуфтаи Хуррамшоҳӣ, "қофия (ва вазн) фақат ба зоҳир даступогиранд, вале ба шарти он ки исми аъзамашро бидонед, болу пари парвоз аст. Ҳамоно паре аст, ки Симурғи маъноро аз Қофи унзуво, ва аз мумкини Ғайб берун мекашад. Дар қофия ҳамон қадар маънову фаҳво нуҳуфтааст, ки дар қофияи инсон. Қофия – қиёфаи инсонии шеър аст".[2]

Қатрон қасидае дорад, иборат аз 44 байт; мисраъҳои аввали байтҳо як қофия доранду мисраъҳои дуюм – қофияи дигар; намуна:

Зи бӯи боди озорӣ, зи нақши абри найсонӣ,
Напиндорам, ки бо бӯстон биҳишти адн ёд орӣ.
Шуда кофур миноӣ ба рог аз самъи яздонӣ,
Шуда диндор марҷонӣ ба бог аз феъли додорӣ.
Гулу шамшод дидорӣ, турунҷу нор пинҳонӣ.
Биҳӣ-обӣ шуда пинҳон, шақоиқ гашта дидорӣ.
Хуш омад хоб мардумро зи нӯшин боди найсонӣ,
Бар Озар боди озорӣ бунафша ёфт озорӣ.

[1] Таърифи Ҳабиби Яғмой (Илми қофия. – Теҳрон, 1340, с. 5): Қофия "Дар истилоҳ калимаест, ки шеър бад-он тамом гардад" пурра намебошад, зеро баъд аз қофия имкони омадани радиф ҳам ҳаст.

[2] *Баҳоаддин Хуррамшоҳӣ.* Накши қофия дар офариниши маъно. – "Ёдномаи Адиби Нишопурӣ". Теҳрон, 1365, с. 123-124.

Чакида жола бар лола ба кӯҳ аз абри найсонӣ,
Шукуфта лола бар сабза ба дашт аз боди озорӣ …

Манучеҳрӣ ҳама мисраъҳоро муқаффо овардааст:

Соқӣ, биё, ки имшаб соқӣ ба кор бошад
З-он деҳ маро, ки рангаш чун ҷулли нор бошад.
Май деҳ чаҳор согар, то хушгувор бошад,
Зеро ки табъи олам ҳам бар чаҳор бошад.
Ҳам табъаро набидаш фарзонавор бошад,
То на хурӯш бошад, то на хумор бошад …
Хоса, ки рӯзи давлат Масъуд ёр бошад,
Хоса, ки моҳрӯе андар канор бошад.
Мири аҷал, ки кораш ё корзор бошад,
Ё дар миёни маҷлис, ё дар шикор бошад.
То ин ҷаҳон бақояст, ӯро виқор бошад,
Ӯ бо сурур бошад, ӯ бо ясор бошад.
Лашкаргузор бошад, душманшикор бошад.
Динорбахш бошад, динорбор бошад.
Ҳам ҳақшинос бошад, ҳам ҳақгузор бошад.
Ҳам дар бадию некӣ испосдор бошад...
То кону чашма бошад, то кӯҳсор бошад.
То бӯстону сабзӣ, то комгор бошад,
То беқарор гардун андар мадор бошад.
В-андар мадори гардун касро қарор бошад.
То саъду наҳс бошад, бо ихтиёр бошад
Чунон ки ихтиёраш бе изтирор бошад …

Бузургони гузашта ба мавқеи қофия дар муҳтавои шеър эътибори ҷиддӣ додаанд. Чунончи, ҳанӯз ҳаким Абӯнасри Форобӣ гуфтааст: "Вақте ки онҳо (шоирон) мехоҳанд калимаеро дар қофияи байт гузоранд, лозиме аз лозимҳо, ё

тавсифе аз тавсифоташро дар аввали байт зикр мекунанд, ва ин равнақи ачибе дорад".[1]

Ҳамоҳангӣ - нишонаи асосии калимаҳои қофияшаванда мебошад. Чунончи дар вожаҳои *зӯраш* ва *шӯраш* аз байти хоҷа Ҳофиз мушоҳида мешавад:

Шароби талх мехоҳам, ки мардафкан бувад зӯраш,
Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш.

Нишонаи муҳими дигари қофия, ки ҳамоҳангии калимаҳо низ ба туфайли он ҳосил мешавад, *мавқудияти ҳарфи равӣ* аст.

Равӣ. *Овози ҳамсадои охирине аст, ки дар решаи калимаҳои қофияшаванда такрор меёбад.* Мафҳуми *охирин* толиби тафсирест, зеро ҳисоби калимаи қофия *аз охир оғоз меёбад*, яъне *ҳисоб аз рост ба чап шуруъ шуда*, овози охирини калима чун овози якум ба шумор меравад. Масалан, дар ин байти Ҳасани Деҳлавӣ *фишонам* ва *нишонам* қофия шудаанд, ҳарфи *ш* равӣ мебошад:

Ашке чу ақиқ аз он фишонам,
К-аз лаъли ту медиҳад нишонам.

Қофияе, ки ба ҳарфи равӣ бунёд ёфтааст, қофияи солим (комил, пурра, пурбаҳо) *номида мешавад.*

Дар асрҳои миёна овозҳои *ҳаммахраҷро* равӣ ҳисобидан мумкин набуд. Масалан, *сот* ва *син*-ро ки аслан ҳам як овози *с*-ро ифода менамоянд, хоҷа Юсуфи Маломатӣ бадоҳатан омезиш медиҳад ва ин боиси маломати сахти Восифӣ қарор мегирад. Ба гуфтаи Восифӣ, "дар миёни шуаро айбе аз ин қавитар намебошад".

[1] *Фанни шеър*, с. 69.

Талаботи ҷиддии қофия ҳатто Пушкини бузургро ҳам ташвиш додааст. Вай мегӯяд: "Фикр мекунам, ки бо мурури замон мо ба шеъри сафед муроҷиат мекунем. Қофия дар забони русӣ аз ҳад кам аст. Яке дигареро талаб мекунад. «Пламень» ҳатман ба худ «камень»-ро мекашад. Аз паси «чувство» «искусство» намоён мешавад. Ба дили кӣ назадааст «любовь» ва «кровь», «трудный» ва «чудный...».[1]

Дар таъриф, иборае ё овозҳои наздики равӣ, зикр ёфтааст – ин ба он маънист, ки гоҳе калимаҳо дар ҳамсадои решагӣ бо ҳамдигар иттифоқ накарда, балки бо суффиксҳо ҳамоҳанг мешаванд. Масалан, дар ин байти Ҳабиб Юсуфӣ *дил* бо *мо* тавассути пасоянди *–ро* қофия шудааст:

Мекашад ҳар лаҳза сӯи хеш дилро ҳусни ту
Баҳри дил дорад ҳамеша ҷанг бо мо ҳусни ту.

Дар шеъри муосир ин ҳолат бештар дучор меояд, ки дар калимаҳои қофияшаванда овозе аз суффиксҳо такрор намеёбад. Дар ин сурат ҳамоҳангие тавассути қурби махраҷ, яъне, дар асоси наздикии ҷои пайдоиши овоз ҳосил шудааст. Устод Турсунзода мегӯяд:

*Бесару по домани **офоқ** буд,*
*Қиссаи дерини кӯҳи **Қоф** буд.*

Ҳамоҳангиро дар чунин маврид *радиф* тақвият медиҳад.

Овозҳои пеш аз равӣ ва баъд аз вай оянда, ки ҳар яке номи махсуси худро дорад, ва дар таълифоти қофияшиносони гузаштаю имрӯза муфассал таҳлил шудаанд,[1] ин ҷо дидани онҳо гунҷоиш надорад.

[1] *А.С. Пушкин*. Сочинения. – М.: ГИХЛ, 1949, с. 784.

[1] Аз ҷумла, ниг.: *Б. Сирус*. Қофия дар назми тоҷик. – Сталинобод, 1956; боз: *Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик*. – Душанбе: Ирфон, 1972.

Сохтори қофия

Дар шеъри қадимаи тоҷик калимаҳои ҳамоҳанги қофиямонанд вохӯранд ҳам, чун лавозими шеър, ба тариқи *сохтор* истифода нашудааст. Ба ин дараҷа, яъне, сохтор, қофия дар асрҳои VIII-X мерасад. Дар нахустин шеърҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарии ба мо расида, ки дар асрҳои VIII-XIX эҷод шудаанд, қофия ба назар мерасад, дар асрҳои IX-X он ҳамчун лавозими ҳатмии шеър қарор мегирад.

Дар шеъри анъанавии тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ асосан ду системаи қофия мавҷуд мебошад:

Яке – сохтори *маснавӣ*, ки мисраъҳо ҷуфт-ҷуфт (яъне: *аа, бб, вв, гг* …) қофия доранд, чунончи:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Такрори қофия далели ҳунар ҳисоб намешуд. Аммо ин корро гоҳе, бештар дар давраи аввали адабиёти классикӣ кардаанд. Мисоле аз "Шоҳнома"-и ҳаким Фирдавсӣ:

В-аз он пас ғаму шодии ***Яздгирд***
Саромад ҳаме з-ахтари ***тезгирд****.*

Зи шоҳӣ пурандеша шуд Яздгирд,
Зи ҳар кишваре муъбадон кард гирд.

Дигаре – тариқи *ғазалу қасида*, ки шеър қофияи ягона дошта, мисраъҳои якум озод мешаванд (ҳамчун *аб, вб, гб, дб* …), масалан:

Аз бақо гардун қабое бар қади яктан надӯхт,
Хилъате бас фохир омад умр, айбаш кӯтаҳист.

Системаи дуюм, ба истиснои *қитъа*, холис истифода нашуда, балки дар баъзе мавридҳо бо тариқи аввал, омезиш меёбад. Чунончи, байти якуми ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, қисман қитъа, банди аввали мусамматҳо ва тарҷеот пурра ҳамқофия мешаванд.

Гоҳе қофияҳои нозуку хушоҳанге дучор меояд, ки аз бозии калимаҳои қофияву радиф фароҳам омадааст, чунончи Абулфатҳи Бустӣ мегӯяд:

Ҳарчанд ки дарвеш писар фағ[1] *зояд,*
Ду чашми тавонгарон ҳама чағз[2] *ояд.*

Гоҳе шоирони ҳунарманд намунаҳое мегӯянд, ки шеър танҳо аз қофияву радиф иборат мешавад. Чунончи, дар ин ду рубоии шайх Камол танҳо як ҳарф тағйир меёбад:

Мо рӯи ту бинем, набинем ба моҳ,
То рӯи ту бинем, набинем ба моҳ.
Моҳе, ки расонад ба ту моро шаби васл,
Бо рӯи ту бинем, набинем ба моҳ.

Кас хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест,
Бас хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест.
Гар хубии моҳпайкарон бадмеҳрист,
Пас хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест.

Шоирони тавоно гоҳе зимни қофия санъатеро ба кор мебаранд, ки *нур болои нур* меояд. Чунончи, шоире дар ин қитъа мағзи асосии шеър – модарро дар қофия гузошта мафҳумҳои дигари ҳаммонандро ба роҳи тачнис сӯи он овардааст:

[1] фағ – хубу зебо.
[2] чағз – курбоқа.

Донӣ, ки чӣ гуфт Ҳақ таоло:
Он кун, ки ризои модарон аст.
Бо модари худ адаб нигаҳ дор,
Зеро ки ризои мо дар он аст.
Ҷаннат ки сарои ҷовидонист,
Зери кафи пои модарон аст,
Хоҳӣ, ки ризои Ҳақ биҷӯӣ,
Он кун, ки ризои мо дар он аст.

Гоҳе ба дунболи қофия ҳоҷиб меояд:

Мезанад фаввора ахгар,
Чун думи истора ахгар,
Бар замин мерезад ахгар,
Бар замин мерезад ахтар.
(Бозор Собир)

Кулли достонҳои пешини тоҷик дар шакли *маснавӣ* эҷод шудаанд. Аммо шоирони достонсарои баъдӣ системаи наверо – ҳамчун *ааба, абаб, абба, абва* ва ғ. ба кор бурдаанд, ки "Ҳасани аробакаш"-и Мирзо Турсунзода, мисол шуда метавонад.

Вазифаҳои қофия

Бояд чанд вазифаи қофияро аз назар гузаронд:
1) ғоявию мундариҷавӣ;
2) эҳсосотӣ ва равонӣ;
3) таносуби оҳангӣ;
4) шаклсозӣ.

Вазифаи ғоявию мундариҷавии қофия. Дар шеър барои баёни ғояву мазмуни асосӣ қофия нақши муҳиме дорад. Масалан, ғояи инсондӯстӣ ва интернатсионализми устод М. Турсунзода тавассути калимаҳои ҳамқофияи *дигаре* ва *кишваре* дар ин байт инъикос шудаанд:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи ***дигаре,***
Дар назар меоварам торочгашта ***кишваре.***

Абдураҳмони Ҷомӣ нуктаи ҷолиберо ба қалам додааст:

Дарего, ки бигзашт умри шариф
Ба ҷамъи қавофиву фикри радиф.
Кунад қофия танг бар ман нафас
Аз он чун радифам фитад кор пас.

Қофияе мураддаф, ба ду маънӣ:

Оташ аст ин бонги ною нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!
(Мавлавӣ)

Қофия – таъминкунандаи рӯҳияи шеър мебошад. Дар бисёр мавридҳо ҷиддияти шеър, ва ё оҳанги ҳаҷву зарофати он аз қофия бармеояд. Чунончи, порае аз шеъри Ғаффор Мирзо "Дар гуфтам, девор шунав":[1]

Ҷавонаке, ятимаке, чакии бенавояке,
Кӣ донад, аз куҷояке: ба гуфтае, ки фаркакӣ,
Ба гуфтае, ки токакӣ, ба гуфтае, ки вокакӣ.
Ба як ривояти дигар, ки хоҷиронакӣ
(Чи фарқ дорад ин яке аз он яке?)
Хулоса, ки ятими гавсувораки даридапочаке,
Чу тӯпаяк, атолаяк, ба ҳар ду по ду хомаке.
Қатори чанд роҳакӣ, қатори чанд боракӣ,
Қатори чанд лочаке, пас аз намози шомаке,
Ба гашти чархаки фалак шудаст дар сарояке,
Сарояки Бухораки шариф ҳамчу мардикораке.

[1] *Адабиёт ва санъат*, 1988, 21 июл.

Ин шеър аз чиҳил мисраъ иборат аст, ва ҳамагӣ ҳамин ришта қофияро дорад. Дар дохили шеър боз такрибан сӣ калима ҳаст, ки ба мисдоқи қофия сохта шудаанд. Ҳамаи инҳо дар якчоягӣ ба пора оҳанги шӯху зарифона бахшидаанд.

Порае аз "Достони Эстер", ки Шимъуни Хоҳом (шоири асри XIX) аз иврит ба тоҷикӣ баргардондааст – шеъре, ки батамом *муқаффо* ва *мураддаф* мебошад:

Чун моҳи Одор ояд,
Хуш фасли баҳор ояд.
Олам ба қарор ояд,
Лаклак ба мунор ояд.
Чумчуқ ба чинор ояд,
Кумрӣ ба ҳисор ояд,
Кавлик ба кӯҳсор ояд,
Уштур ба қатор ояд.
Гӯсфанд башумор ояд,
Барра ба ҳазор ояд.
Гулҳо бари бор ояд,
Булбул ба гулзор ояд.
Ошиқ бари ёр ояд,
Маҳбуб ба канор ояд.
Ҳофиз ба гуфтор ояд,
Мутриб ба дутор ояд.
Дӯсти вафодор ояд,
Душман нагунсор ояд,
Олим батакрор ояд,
Ҷоҳил бақимор ояд
Ҳомон сари дор ояд …[1]

[1] *Миерҳаим Гавриэлов.* Баҳори наҷоту озодӣ. – Тоҷикистони Советӣ, 1990, 31 май.

Ба гуфтаи хоҷа Насир, шеъри порсӣ нозуктару дақиқтар аз тозист: *зарб* ва *салб* дар *тозӣ* қофияро шояд, дар порсӣ ихтилофи *ро* ва *лом* нашояд.[1]

Достони "Мушу гурба" низ дар ҳамин сабк сохта шудааст.

В. Маяковский гуфтааст: "Ман ҳамеша калимаи аз ҳама характернокторинро дар охири мисраъ мегузорам ва ҳарчи набошад, қофияи мувофиқи онро ҷустуҷӯ мекунам".[2]

Вазифаи ҳиссию психологии қофия. Муроди ҳар як санъаткор ба дилу ақли хонандаю шунаванда таъсир расондан аст. Барои ин амал шоир воситаҳои гуногун меҷӯяд. Яке аз воситаҳои хеле хуби таъсир ба қалби хонандаю шунаванда, *қофияи шеър* мебошад. Чунонки устод Турсунзода мегӯяд:

Чаро ман зафарманду ман ***сарбаланд?!***
Чаро ту ҳақиру чаро ***мустаманд?!***
Чаро аз рухи ман саодат ***падид?!***
Чаро ту дар уммеди рӯзи ***саид?!..***

Бояд донист, ки аҳамияти эҳсосотии қофияро аз ҷойгоҳи ҷоявию мундариҷавии он, аз як тараф, аз воситаҳои дигари баён – ҳамчун такрор, тазод, таҷоҳули ориф, нидо ва амсоли онҳо, аз тарафи дигар, билкулл ҷудову алоҳида пиндоштан раво нест.

Вазифаи қофия дар оҳанг. Яке аз ду воситаи мавзунии назм қофия аст. Ҳангоме дар охири мисраъ байт (ва гоҳе банд) порае аз сухан айнан такрор меёбад, ҳамоҳангии хушу гӯшнавозе ҳосил мешавад. Чунончи:

[1] *Меъёр-ул-ашъор.* – Душанбе: Ориёно, 1992, с. 17.
[2] *В.В. Маяковский.* Как делать стихи? – Полн. Собр.соч. в 12 томах, т.11 – М.: Правда, 1978, с. 240.

Кори хирад аст боз ҷустан,
Аз ҳосили халқу чархи даврон.
Кори хирад аст дардҳоро,
Овард падид сӯи дармон.
(Носири Хусрав)

Ё худ, дар низоми оҳангии байти машҳури зерин саҳми калимаҳои *дамест – оламест* калон аст:

Чун субҳ файзи сӯҳбати соҳибдилон дамест,
Аммо дамест, ки боиси эҳёи оламест.

Оҳанги ин байти машҳур боз ҳам равонтар аст – сабабаш ба замми вазн, боз қофияву радиф аст:

Оҳу, ки дар офтоб мегашт,
Дар равғани худ кабоб мегашт.

Хайёми Нишопурӣ мегӯяд:

Май хӯрдану шод будан ойини ман аст,
Фориғ будан зи куфру дин дини ман аст.
Ғуфтам ба арӯси даҳр: кобини ту чист?
Ғуфто: Дили хуррами ту кобини ман аст.

Шоирони тавоно гоҳе шеърҳое менависанд, ки аввал гумон мекунед қофияашон вайрон аст, чунончи:

Ман хонаму дил рақсад,
Базми ману дилро бин.
Гӯр аз пайи ғам кандам,
Азми ману дилро бин!

Дар раҳгузори ҷонон,
Мо мунтазири фармон.
Сар дар кафу ҷон дар лаб,
Назми ману дилро бин!

Ман афтаму дил хезад,
Дил ғалтаду ман ҷунбам.
Бо ишқи қавипанҷа,
Разми ману дилро бин!

Ҳар кас ки дар ӯ бӯе,
Аз ишқ намеояд,
Мо чашм аз ӯ пӯшем,
Ҳазми ману дилро бин!

Дил ёру маро дорад,
Ман як дилу як дилбар.
Дар мулки вафодорӣ
Расми ману дилро бин![1]

Дар бист мисраъи ин шеър, агар "ҷонон" ва "фармон"-ро ки иттифоқан омадаанд, истисно кунем, ҳамагӣ шаш калима: *базм – азм – назм – разм – ҳазм – расм* ҳамқофия шудаанд. Аз ин миқдори ночиз ҳам яке ("расм") ноқис аст, зеро "равӣ" надорад. Аммо хушоҳангии шеърро касе мункир нахоҳад шуд, хушоҳангие, ки суханро ба суруд табдил додааст. Боиси хушоҳангӣ инҳо шудаанд:

1) вазни хуштараннуми *мустафъалу мафъӯлун* (-- – YY – – –),

2) сохтани шеър дар шакли ғазал ва шикастани байтҳо ба чаҳор пораи баробар, тибқи қонуни санъати саҷъ (бо риояи саҷъ дар банди аввал – *базм -- азм*),

[1] *Лоҳутӣ.* Куллиёт, ч. 2, с. 146.

3) риояи қонуни ("тасодуфии") *қонон – фармон* дар вазни сонӣ,

4) саросар овардани радифи тӯлонию форами *ману дилро бин!..*

Ин омилҳо ба шоир имкон додаанд, ки қусури заъфи қофия нағзу барзиёд пӯшида шавад.

Шеъре аз Деҳқоналии Шатранҷӣ:

Ҷамоли маҷлис бошад ба мардуми доно
В-агарчи бошад ҷои нишаст пойгаҳаш.
Чунонки зинати ҳар байтро зи қофия аст,
Агарчи пойгаҳи байт ҳаст ҷойгаҳаш.

Дар бораи шахсияти шоир ва моҳияти шеър Муҳаммади Ҳиҷозӣ мегӯяд: "Он ки дар сапедаи субҳ дили покон ва рӯи хубонро мебинад; он ки аз вазиши насим сӯҳбати дурафтодагонро мешунавад, ва аз дидани гул орзуҳои хобрафтааш бедор мешавад; соҳибдиле, ки аз афтодани барги дарахт дигаргун мегардад; он ки аз қиссаи муҳаббату некӣ ва фидокорӣ гулӯяш аз завқ мегирад; ва аз зулму бедоду беҳаёӣ ашкаш дар дил мерезад, - мисли ҳама нест, *шоир* аст".[1]

Маънире ба ҳамин монандро Фурӯғи Фаррухзод ҳам таъкид кардааст: "Касе, ки кори ҳунарӣ мекунад, бояд аввал худашро бисозад, ва комил кунад; баъд аз худаш берун биёяду ба худаш мисли як воҳид аз ҳастӣ ба вуҷуд нигоҳ кунад, то битавонад ба тамоми дарёфтҳо, фикрҳо ва ҳисҳояш як ҳолати умумият бубахшад".[2]

Кори шаклсозии қофия. Дар шеъри анъанавии тоҷикӣ-форсӣ нақши муҳими шаклсозиро *қофия* мебозад. Аксари жанрҳои шеърӣ тавассути қофия фарқ кардаанд, яъне:

[1] *Муҳаммади Ҳиҷозӣ.* Шеър. – Садои мардум, 19 январи 1991, (Таҳқиқи Азимқули Насимиён).
[2] *Фурӯғи Фаррухзод.* Шоир будан ... – Садои Шарқ, 1988, № 3.

1) маснавӣ: *аа, бб, вв, гг ...;*
2) ғазалу қасида: *аа, ба, ва, га ...;*
3) рубоию дубайтӣ: *ааба, аааа, ааба, аааа ...;*
4) мусаммаҳо: *ааа, ббв, ввв, ггга ...;* ва амсоли инҳо.

Дар шеъри *арӯзи нави* муосир қофия вазифаҳои пешинаи худро қавитар карда, баръакс, нақши жанрсозиашро аз даст дода истодааст. Шоири *сабки анъанавӣ*, барои такмили мисраъ ва пурра намудани жанри аслии шеър, гоҳе ночор калимаҳои камаҳамиятро ҳам меоварад, аммо шоири *сабки нав*, аз банду қайди масъулияти пуррагии мисраъ ва комилии жанр озод аст, тамоми саъй барои ифодаи бобарории маъниву ғоя равона шудааст.

Қофия нақши бузургеро дар ваҳдати композитсионии шеър мебозад, гӯё *риштаи шаддаи марворид* бошад. В. Маяковский дар сӯҳбате ҷойгоҳи композитсионии қофияро хуб таъкид кардааст: "Қофия, шуморо ба мисраи пешин ҳидоят менамояд, водор месозад, то онро дар хотир доред, ҳамаи мисраъҳои ифодакунандаи як маъниро маҷбур мекунад, ки яклахт қарор гиранд".[1]

Мавлавии Балхӣ дар ҳамин маънӣ зарофате дорад:

Қофия андешаму дилдори ман,
Гуфт: "Ту м-андеш ҷуз дидори ман!"

Мисоле дигар аз Мавлавӣ:

Нак фалон шаҳ аз барои заргарӣ,
Ихтиёрат кард, зеро меҳтарӣ.

Мавлонои Балх **нест бод**-ро ба ду маънӣ истифода кардааст:

Оташ аст ин бонги ною нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!

[1] *В.В. Маяковский.* Как делать стихи? с. 240.

Радиф пеш аз қофия меояд:

*Зории **мо шуд далели** изтирор*
*Ҳиҷлати **мо шуд далели** ихтиёр.*
(Мавлавӣ)

Санъатҳои қофия. Қофия ҳам лавозими шеър аст, ҳам санъати шеърӣ; онҳоро аз ҳамдигар фарқ кардан зарур аст. *Агар қофия дар охири мисраъ ва байт, ё пеш аз радиф омада, боиси ягонагию яклухтии асар шуда бошад, ва шеър бидуни он манзум нашавад, он лавозими шеър аст. Вале агар қофия дар ҷойҳои дигари пеш аз қофияи лавозим, барои хушоҳангию ороиши сухан оварда шавад, **он санъати шеърист.***

Гоҳе таҷниси маънавиро ҳам дар қофия раво донистаанд:

Нишастӣ кунун дар диже чун занон,
Пур аз хун дилу даст бар сар занон.
(Фирдавсӣ)

Дар маснавӣ низ мисраъҳо паиҳам дар як қофия меоянд – ҷиҳати ангехтани эҳсосот. Фирдавсӣ дар Соқинома мегӯяд:

Ба разм осмонро хурӯшон кунад,
Чу базм оядаш, гавҳарафшон кунад.
Чу хашм оварад, кӯҳрезон кунад,
Сипеҳр аз бари хок ларзон кунад.

Санъати қофия чанд навъ дорад, бештар маъмулу машҳураш: *зуқофиятан* ва *зу-л-қавофӣ*.

Зуқофиятан (дорои ду қофия) – *он аст, ки агар дар шеър гайр аз қофияи лавозим, қофияи дигар ҳам риоя шуда бошад.* Чунонки Камоли Ҳуҷандӣ мегӯяд:

*Ошиқонат ба саҳарҳо, ки **дуо мегӯянд,***
*Ба дуо бӯи ту аз боди **сабо мечӯянд.***
Ман ба сар мераваму дида ба роҳи талабат,
*Бераҳӣ бин, дигаронро, ки ба **по мепӯянд,***
Чист бар куштаи дилдор басе гиряи зор,
*Чун шудаш дар сари мӯ зинда, киро **мешӯянд?***
Ашкҳоро бизан, эй дидаи гирён, ба замин!
*Ки чаро хоки раҳаш аз рухи **мо мешӯянд?!***
Зулфи ту карда раҳо голиямӯёни Хито,
*Нофаи оҳуи мушкин ба **хато мебӯянд.***
Бо вуҷуди қади дилҷӯи гули худрӯяш
*Дар чаман сарву гул аз боду **ҳаво мерӯянд.***
Шеъри ту чун ҳама гӯянд, ки сеҳр аст, Камол,
*Дӯстон ин суханат "шеър" **чаро мегӯянд?***

Зуқофиятан ва ҳоҷиб, аз Бозор Собир:

Дасти раҳ дар гардани роҳ,
Дасти шаҳ дар гардани моҳ.

Байте аз "Шоҳнома":

*Набахшӣ ҳаме ганҷу **динор низ,***
*Ҳамоно ки шуд пеши **ту хор чиз.***

Гоҳе миёни ин ду қофия калимаи *бегона* ҳам меояд, ки онро *ҳоҷиб* (пардадор) мегӯянд.

Тоҷикон расми бадеҳагӯӣ низ доранд. Як мисолаш аз шоира Заифӣ:

Эй мард, туро ба меҳрам ангезе нест,
Ҳам пирию ҳам заифӣ чизе нест.
Бо ин ҳама медиҳӣ ба ҳастим зи задан
Худ қуввати он туро, ки бархезӣ, нест.

Шавҳар фаврӣ ҷавоб додааст:

Эй зан, дигар он ки бо ман омезӣ, нест.
Кори ту ба ғайри фитнангезӣ нест.
Дорам ҳама айбро, ки гуфтӣ, аммо
Айбе батар аз балои бечизӣ нест.[1]

Дар шаҳрҳои Машриқзамин маҷлисҳои адабӣ маъмул буданд. Суханварону суханшиносон дар атрофи адибе тавоно гирд меомаданду маҳфил ташкил медоданд. Дар чунин базмҳо шеърҳои тоза хонда мешуданд, тафсиру тавзеҳи ашъори бузургони пешин ба вуқуъ мепайваст.

Маҷлисҳои адабӣ дар ҳузури амирону ҳокимони замон низ ҷараён доштанд. Дар бораи яке аз маҷлисҳои Амир Насруллоҳи манғит (1826-1862), доктор Саидумари Султон хабаре ҷолиб овардааст, ба ин мазмун:

Ин байти Мирзо Бедил хонда шуд:

Зумурраднорае дар коми афъӣ гашт нопайдо,
Калиди қуфли ӯ алмос бошад, то ки бикшояд.

Амир Насруллоҳ ба ҳозирони маҷлис, аз ҷумла, Султонхони Адо, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва Наҷиби Ҳинду фармуд, ки онро тавҷеҳ кунанд. Адо маънии динӣ бароварда:

Зумурраднора имон аст, афъӣ куфри ло бошад,
Калиди қуфли ӯ тасдиқи инсон, то ки бикшояд.

Ҳозиқ каме дигар маънидод кард:

Замин афъӣ, зумурраднора одам, рафт дар комаш,
Калиди қуфли ӯ субҳи қиёмат, то ки бикшояд.

[1] *"Ҷавоҳир-ул-аҷоиб"*-и Фахрии Ҳиравӣ.

Наҷиби Ҳинду ин байтро гуфту таҳсини аҳли маҷлисро дарёфт:

Зумурраднора хуршед аст, афъӣ шоми ҳиҷрон аст,
Калиди қуфли ӯ субҳи саодат, то ки бикшояд.

Амир ба Наҷиб кина дошт: ҳам барои табъи баланди шоириаш, ҳам барои густохӣ, ҳам барои исломро напазируфтанаш. Вай ба шоир гуфт: "Бале, ту марди закӣ ва шоири хуб будай, аммо чаро ба ислом имон наёвардӣ?". Наҷиб бе ҳеҷ тарсу биме посух дод:

Сарнавишти мо ба ядди худ навишт,
Хуш навиштасту нахоҳад бад навишт.
Ин сухан бояд ба оби зар навишт,
Гар равад сар, барнагардад сарнавишт.

Кинаи амир Насруллоҳ афзунтар шуду аммо илоҷ надошт. Ҳолдонҳо ба Наҷиб ҳушдор доданд, ва ӯ фирор кард.

Дар маҷлисе дигар, пас аз кушта шудани Нодира ва писару набераи вай, Насруллоҳи манғит аз Ҳозиқ мепурсад: "Чӣ тур, шоир, кори хуб кардам, ё бад?". Ва Ҳозиқ посух медиҳад:

Буридӣ бар тани худ аз маломат,
Либосе то ба домони қиёмат.

Насруллоҳ кина гирифт. Ҳозиқ медонисту гурехт. Аммо одамони Насруллоҳ ӯро пайдо карданду куштанд.[1]

З-ул-қавофӣ (дорои қофияҳо): *Баъзан дар шеър як не, якчанд санъати қофия эҷод мешавад, ки онро з-ул-қавофӣ меноманд.* З-ул-

[1] *Саидумар Султон.* Шаммае аз рози Бухоро. – Адабиёт ва санъат, No 630, 1990, 4 янв., с. 4.

қавофӣ, назар ба зуқофиятан камтар аст, онро шоирон барои намунаи санъат, ва ё ҷиҳати мусобиқа гуфтаанд.

Порашеъре аз "Оташкадаи Каркӯй" дар "Таърихи Систон" омада, ки эҳтимолан дар поёни замони Сосониён, ё аввалҳои давраи ислом, гуфта шудааст:

Афрӯхта бодо рӯш,
Ханида Гаршосп хуш,
Ҳаме пур аст аз ҷӯш,
Анӯш кун, май нӯш.
Дӯст бадо гӯш (ба оғӯш),
Б-офарин ниҳода гӯш,
Ҳамеша некӣ кӯш,
(Ки) дӣ гузашту дӯш.
Шоҳо, Худойгоно,
Б-офарин шоҳо.

Се байти аввалӣ қофияи яксон дорад, байти охирин – ҷудогона.

Дар шеъри ҳиҷоӣ миқдори ҳиҷо одатан яксону баробар меояд. Аммо гоҳе ба тағйирот дучор ҳам мешавад. Дар пораи поёнӣ мисраъҳои 1 ва 3 ҳафтҳиҷоӣ, мисраъҳои 2 ва 4 ҳаштҳиҷоӣ омадааст:

Барфу борон ҷела кард,
Кампир ба ҳолаш нола кард:
Ин ҷавони нозанин
Аз санги мармар хона кард.

Радиф. *Он калима, ё гурӯҳи калимаҳое, ки баъди қофия меоянд,* ***радиф*** *номида мешавад.* Вазифаи асосии радиф он аст, ки бори ғоявӣ мекашад, яъне, гӯянда матлаби марказии худро дар радиф мегузорад. Хидмати муҳими дигари радиф дар

ягонагиву яклахтии шеър аст. Зеро радиф ҳамроҳи қофия тамоми мисраъ ва ё байту бандҳоро бо ҳамдигар узван мепайвандад. Чунончи:

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам ***меравад,***
Он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам ***меравад.***

Радиф, гоҳе як вожаи сода мешавад:

Муҳраи меҳри ӯ ба синаи ***ман***
Муҳри ганҷ аст бар хазинаи ***ман.***
(Низомӣ)

Гоҳе якчанд калима, чун радиф такрор мешавад, масалан:

Рехт бар сар дурру гавҳар абри найсон ***ин саҳар,***
Шаҳрро дар ханда дидам баъди борон ***ин саҳар.***
(Б. Раҳимзода)

Устод Рӯдакӣ байте дорад, ки танҳо як ҳарф – ҳарфи дувум, тағйир ёфта:

Бо сад ҳазор мардум танҳой,
Бе сад ҳазор мардум танҳой.

Аз 595 ғазали хоҷа Ҳофиз, 330 ғазал – аз се 2 ҳисса мураддаф аст.[1] Тақрибан 50 дарсади "Мантиқ-ут-тайр" низ мураддаф аст.[2]

Тазкираи Алиқулихон Волаи Доғистонӣ "Риёз-уш-шуаро" (таълиф: 1161 ҳ.қ.), ки зиндагиномаи 2594 шоирро дарбар

[1]Ниг.: *Баҳоваддини Хуррамшоҳӣ.* Нақши қофия, с. 128.
[2] *Аҳмади Зокирӣ.* Назми ман хосияте дорад аҷаб. – Кайҳони фарҳангӣ, 1374, No 125, с. 32.

мегирад, аз сарҳарфи ному тахаллус сохта шуда, аз Абулҳасани Харақонӣ оғоз ёфта, бо Яҳёхони Якто ба поён мерасад. Сайид Аҳмади Девонбегӣ қасидае суруда, дар 999 байт.

Ягон-ягон мисолҳое ҳам вомехӯранд (аксаран дар рубой ва қитъаи майда), ки калимаҳои якуми мисраъҳо муқаффо буда, тамоми қисми боқимондаро радиф *ташкил* медиҳад.

Радиф *лузуми шеър* нест, балки *санъати он* мебошад. Яъне, шоир метавонад бидуни риояи радиф ҳам асари манзум гӯяд. Радиф аз кашфиёти мардуми эронинажод аст, ба адабиёти халқҳои дигар аз адабиёти тоҷику форс гузаштааст. Ба гуфтаи док. Шафеии Кадканӣ, *радиф -- зангӯлаи шеър аст.*

Тахмине меравад, ки радиф дар шеър пештар аз қофия ҷой гирифтааст, чунончи, дар баъзе пораҳои калима радиф ба назар мерасад, аммо қофия не.

Радиф дар дасти шоири тавоно барои муассир ва хотирнишин баён намудани матлаби марказии байту банд ва умуман шеър воситаи беҳамтое мебошад. Масалан, дар банди матлаи шеъри Мирзо Турсунзода "Модарам", сухан дар бораи аз модар тифл мондани қаҳрамони лирикӣ ва дар хотири ӯ намондани сурати модар меравад. Бори ҳамин маъниро радифи *ту дар ёд нест*, хуб кашидааст:

Тифл мондам аз ту модар, рӯи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.
Дар сурогат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯи ту дар ёд нест.

Радиф маъмулан то охири шеър бе дигаргунӣ риоя карда мешавад. Чунончи, ғазали устод Лоҳутӣ "Ё ҳарду!". Гоҳе чунин ҳам мешавад, ки қофия тағйир меёбаду радиф не. Масалан, Ғаффор Мирзо дар китоби якуми "Сесаду шаст паҳлӯ" порае гуфтааст, ки дар қонуни шеърият олӣ набошад ҳам, аз лиҳози қофияву радиф ҷолиб аст:

Ҷони азизам, ҳамаи мо кафил,
Лашкари пурзӯри падарҳо кафил,
Анъанаи некии инсон кафил,
Одати некӯи муросо кафил,
Қоидаи хуби мадоро кафил,
Қудрати Титову Гагарин кафил,
Техникаро аспи таги зин кафил.

Гоҳе радиф дар нуқтаи гардиши ғоявию мундариҷавии шеър, ва ё ҳалли мавзуъ, андаке тағйир дода мешавад, ки намунаи ин ҳодиса дар "Шикоят аз пирӣ"-и устод Рӯдакӣ, "Чӯпон"-и устод Турсунзода мушоҳида мешавад.

БОБИ VII

РАВИШИ ЭҶОДИ БАДЕЙ

Анъана ва навоварӣ. Анъанаю навоварӣ дар тамоми давраҳо ҳамчун як амри воқеӣ вуҷуд дорад. Ҳеҷ як адабиётро бидуни анъанаю навоварӣ тасаввур кардан мумкин нест. Анъанаю навоварӣ - шарти асосии мавҷудияти адабиёти бадеӣ ва инкишофи он, рукни марказии адабиёту санъат маҳсуб мешаванд. Агар анъанаю навовариро дар тасаввур аз ягон адабиёт сарфи назар кунем, дар он адабиёт чизе боқӣ наемонад. Бинобар ин, метавон гуфт, тору пуди адабиёт саросар аз *анъанаву навоварӣ* фароҳам меояд – *анъана тор* асту *навоварӣ, пуд.*

Пас, саволҳое ба миён меояд, ки худи анъана чист, навоварӣ кадом аст?

Анъана – маҷмуи унсурҳо ва имкониятҳои эҷодӣ мебошанд, ки дар раванди таълифи асари бадеӣ ҳамчун таҷрибаи мавҷудаю муҳайё истифода мешаванд. Шарти анъана - *объективона* мавҷуд будани он аст, нависанда вайро ҳангоми эҷоди асари бадеӣ бидуни тасарруфот истифода менамояд. Маълум аст, ки адабиёти бадеӣ айният (ҷанбаи объективӣ) дораду зеҳният (ҷанбаи субъективӣ). Анъана – объективияти онро ташкил медиҳад. Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Ю. Акбаров дуруст навиштаанд, ки «маънои истилоҳии «анъана» ба наслҳои баъдина, ба давраҳои оянда ба тариқи мерос гузоштани он таҷрибаи бадеию эстетикӣ ва ғоявӣ мебошад, ки дар беҳтарин осори фолклору адабиёти халқии бадеӣ ифода ёфтааст. Он ҳама беҳтарин тарафҳои адабиёти гузашта, яъне, сабк, санъати бадеӣ, образ ва ғояҳои пешқадами он, ки дар табъу завқ ва салиқаи мардум сахт ҷой гирифта, аз санҷиши рӯзгор гузашта то рӯзҳои мо омада расидааст, анъанаи адабиро ташкил мекунад».[1]

[1] *М. Шукуров, Ю. Акбаров.* Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976, с. 3.

Мафҳуми анъана дар адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносии классикии тоҷику форс ҳамчун истилоҳи маълуми адабӣ мавҷуд буд, ва он бо калимаҳои *урф* ва *суннат* ифода меёфт. Масалан, Анварӣ «суннат»-ро ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:

Аз гуфтаҳои хеш се байт аз қасидае,
К-он ҷо на орият бувад, ин ҷо на мустаор.
Овардаам ба сурати тазмин дар ин мадеҳ,
Н-аз баҳри он ки бар суханам нест иқтидор.
Лекин чу суннатест қадимӣ раво бувад,
Эҳёи суннати шуарои бузургвор.

Иқбол мегӯяд:

Фурӯғи одами хокӣ зи тозакориҳост,
Маҳу ситора кунанд ончи пеш аз ин карданд.

Ё худ назариётчӣ ва мунаққиди асримиёнагии тоҷик Шамси Қайс зимни сухани худ «суннат»-ро чунин зикр кардааст: «Ва аммо муқаддамоти шоирӣ он аст, ки мард бар муфрадоти луғате, ки бар он шеър хоҳад гуфт, вуқуф ёбад ва ақсоми таркиботи саҳеҳу фосиди онро мустаҳзар (хабардор) шавад, ва мазоҳиби шуарои муфлиқ ва умарои калом дар таъсиси мабонии (асосҳои) шеър ва сулуки маноҳиҷи (роҳҳои) назм бишиносад, ва суннату *тариқати* эшон дар наъват (бохабарӣ аз зиндагӣ) ва сифоту дараҷоти мухотабот ва фунуни таъризот, ва тасреҳоту қавонини ташбеҳоту таҷнисот, ва қавоиди мутобиқоту муғолитот, ва вуҷуҳи маҷозоту истиорот, ва сойири маснуоти каломӣ бидонад».[1]

Хулоса, *анъана – он лаҳзаҳо, он имконияту унсурҳои эҷодӣ мебошанд, ки ҳангоми таълифи асари бадеӣ ҳамчун чизи муҳайёву мавҷуда ва таҷрибаи маълум истифода мешаванд.*

[1] *Шамси Қайси Розӣ.* Ал-Муъҷам фи маоири ашъор-ил-Ачам. – Теҳрон, с. 445-446.

Дар масъалаи чигунагии анъана дар адабиётшиносӣ фикрҳои мухталиф баён ёфтаанд. Зиддият натанҳо дар таърифи анъана, балки дар масъалаи таъин намудани унсурҳои он низ дида мешавад. Чунончи, шоири ӯзбек Рамз Бобоҷон чунин ақидае баён мекунад: «Муносибати мо ба анъанаҳои назми классикии шарқ якхела нест. Шахшудамондагии махсуси образнокии бадеӣ, шартият дар ифодаи эҳсос, консерватизми жанр ва бисёр чизҳои дигарро, ки дар асрҳои охир садди роҳи тараққиёти адабиёт шуда буданд, рад намуда, мо дар айни замон гуманизм, интернатсионализм, демократияи эҷодиёти беҳтарин шоирони гузашта, маҳорати баланд ва хеле сайқалёфтаи онҳоро эҳтиёткорона қабул мекунем».[1] Тавре ки маълум мегардад, ба ақидаи Р. Бобоҷон адабиёти шӯравӣ анъанаҳои асримиёнагии Шарқ – тарзи образофарӣ, жанр, хулоса, масъалаҳои шаклро сарфи назар мекардааст. Ба тарзи дигар гӯем, муаллиф анъанаро танҳо хоси мундариҷа дониста, мавҷудияти онро дар шакл инкор мекунад. Инчунин, давоми фикри муаллиф оид ба қафо мондани адабиёти ӯзбек дар асрҳои охир баҳснок мебошад, зеро ба фикри мо, ин адабиёт маҳз дар асри XIX аз нуқтаи назари мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ инкишоф ёфт.

Муаллифи дигар, адабиётшиноси тоҷик Расул Ҳодизода, баръакси фикри Р. Бобоҷон, мегӯяд: «Чи тавре ки маълум аст, анъанаи адабиёти классикӣ (дар ҳар ҳол классикии тоҷик) пеш аз ҳама на дар мавзуъ, балки дар шакли адабӣ зоҳир мегардад. Дар системаи образҳои бадеӣ ва поэтикаи назм, дар забон ва воситаҳои бадеии тасвири асарҳои насрӣ, мо нақши анъанаҳои гузаштаи адабиёти классикиро равшан мебинем. Он саъю кӯшиш ва тамоюлоте, ки дар мавзуъ ва ғояи адабиёти

[1] Литературная газета, 1977, 9 феврал.

советии тоҷик таъсири бевоситаи анъанаи адабиёти классикиро пайдо карданӣ мешавад, асоси илмӣ надорад».[1]

Чунон ба назар мерасад, ки проф. Р. Ҳодизода анъанаи мавзуъ ва ғояро қатъиян рад мекунанд, ки ин ақида мухолифи фикри Р. Бобоҷон мебошад. Дар боло ақидаи севум ишора шуда буд, ки муаллифони он М. Шакурӣ ва Ю. Акбаров мебошанд. Маҳз ҳамин ақида қобили қабул аст, зеро ҳамон тавре ки маълум хоҳад шуд, *анъана ҳам дар шакл, ҳам дар мундариҷа ба назар мерасад.*

Унсурҳои анъана

Пас, ба анъана чиҳо дохил мешаванд? Унсурҳои анъана кадомҳоянд?

Ба анъана, ҳамчун унсурҳои таркибӣ, *мавзуъ, ғоя,* баъзе *сужетҳо,* тарзҳои офариниши *образ, жанр, вазн, қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, забон, метод* ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Ин имкониятҳои дар таҷрибаи эҷодӣ маълум, ҳамчун унсурҳои объективона мавҷуда истифода шуда метавонанд.

Бояд равшан кард, ки *анъана* бо *мундариҷа* ва *шакл* чӣ гуна муносибат дорад?

Бояд гуфт, назар ба унсурҳои мундариҷа компонентҳои шакл бештар ҳамчун анъана давом мекунанд, яъне, сайри таърихии унсурҳои мундариҷа нисбатан кӯтоҳумр бошанд, унсурҳои шакл умри дароз доранд. Сабаби таносуби духелаи ин ҳодиса дар чист? Ин ҳолат, ба сохти иҷтимоии ҷамъият ва моҳияти мундариҷа вобастагии ботиние дорад. Бинобар тақозои сохти ҷомеа, унсурҳои мундариҷа умри кӯтоҳ доранд, дар як даврае пайдо мешаванд, дар шароити муайяне тараққӣ карда, пас, аз миён мераванд.

Ба таърихи даврaҳо назар меандозем. Ҷомеаи инсонӣ ҳамагӣ панҷ *даврaи сохт* (ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ,

[1] *Р. Ҳодизода.* Анъана ва навоварӣ (Андешаҳо). – Дар маҷ.: Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970, с. 107-108.

капиталистӣ, камунистӣ)-ро аз сар гузарондааст, вале дар ин давра дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳазорҳо ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва табиӣ рӯй додаанд.

Як сохту як шакл бо чандин мазмуни иҷтимоӣ дучор меояд, бинобар ин, номувофиқатии мантиқии сохти иҷтимоӣ дар роҳи пешравии ҳаёт монеа мешавад.

Бинобар он ки сохти иҷтимоӣ пассив буда, ба тағйирот кам ва суст дучор меояд, вале ҳаёти иҷтимоӣ аз ҳодисаю воқеаҳои бепоён моломол мебошад, яъне, дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳодисаю воқеаҳо ба вуқуъ меоянд, кӯҳна мешаванд, аз миён мераванд, ва ҷои онҳоро воқеаҳои нав мегиранд, дар адабиёти бадеӣ низ мундариҷа (мавзуъ, мазмун) муттасил дар *пайдоиш, тағйирот, такомулот* ва дигаргунӣ аст, аммо унсурҳои шакл муддати дуру дарозе боқӣ мемонад. Аз ин нуқтаи назар, дар баъзеҳо тасаввуроти нопурра пайдо шудааст, ки анъана дар мундариҷа дида намешуда бошад. Аз ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки мундариҷаи адабиёту санъат бо базиси ҷамъиятӣ иртибот дорад ва шакл бо *рӯбино, болосохти* он.

Чигунагии анъана ба тарзи мушаххас ба ҳар як адабиёти конкрет ва даврањои муайяни таърихи он вобаста аст, яъне, метавонад дар як адабиёт анъана доираи бештар дошта бошад, дар дигаре камтар. Бинобар ин, ҳукм кардан мумкин нест, дараҷаи анъана ҳудуду доираи унсурҳои он моҳият ва умри вай дар ҳамаи адабиётҳо яксон бошад.

Зарринкӯб мегӯяд: «Адабиёти зебову бошукӯҳ дирӯз низ барои мардуми имрӯз, шояд монанди ҳамон ҷомаи кӯдакона, зебову диловез бошад, аммо ночор кӯтоҳу носоз менамояд. Бояд ин ҷомаи бадеъ ва латифро дар махзани ёдгорҳои гузашта ба дасти Хозани Таърих супурд, ва ҷомае ба андоми ҳуд ҷустуҷӯ кард».[1] Ин ташбеҳ чандон муносиб ба назар намерасад. Бозёфтҳои адабиёти пешинро метавон ба кохе

[1] *Оштӣ бо адабиёт*. Сухан, 3, с. 300.

монанд кард, ки *мешавад зист*, бо таъмиру бозсозиҳое; ба олотеву дастуре монанд кард, ки метавон *истифода карду пеш рафт*, бо такмилу тасҳеҳоте.

Доираву ҳудуд ва умри анъана дар ҳар як адабиёт ба таърихи адабиёт, маҳорати эҷодии намояндагони он, завқи эстетикии мардум, таърихи тамаддуни вай, ба сохти иҷтимоӣ, ҳодисаҳои азим ва вазъияти таърихӣ, ҳатто муҳити табиӣ алоқаманд аст. Масалан, халқи тоҷик азбаски дорои адабиёти ғанӣ, маданияти қадим, завқи эстетикии нафис, забони хушоҳанг, муҳити табиии муътадил мебошад, соҳиби анъанаҳои сершумори адабӣ гардидааст; аммо баъзе халқҳои дигар, ки чунин адабиёти ғанӣ ва таърихи қадимии маданӣ надоранд, нисбатан ба анъанаҳои маҳдуди адабӣ соҳибанд. Чунончи, агар адабиёти халқи тоҷик имрӯз дорои вазн, қофия, услуб, жанрҳои анъанавии ҳазору чаҳорсадсола бошад, дар адабиёти бисёр халқҳои дигар ҳамаи ин унсурҳои эҷоди бадеӣ наванд. Дар адабиёти ӯзбек, доираи интишори анъана баробари адабиёти тоҷик нест, вале назар ба адабиёти халқҳои қазоқ, қирғиз, туркман васеътар ва қадимитар аст. Адабиёти ӯзбек, дар муқоиса бо адабиёти тоҷик, дорои анъанаҳои нисбатан маҳдудтаре мебошанд, ки онро дар мисоли жанрҳо ва вазну қофияи ин ду адабиёт ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, вазни асосии адабиёти тоҷик ҳоло ҳам арӯз аст, вале дар адабиёти ӯзбек арӯз мавқеи асосӣ надорад. Агар дар ҷараёни адабии муосири тоҷик ғазал, мусаммат, қитъа, рубой барин жанрҳо ҳамчун анъана давом кунанд, аксари онҳо дар адабиёти имрӯзаи ӯзбек ё нестанд, ва ё хеле кам истифода мешаванд. Ҳамин гуна фикрро дар мавриди дигар унсурҳои анъана, низ гуфтан мумкин аст.

Арзиши анъана

Анъана дар инкишофи адабиёти бадеии ҳар як халқ нақши калон бозида, барои ривоҷи минбаъдаи он ҳамчун таҳ-

курсӣ ва заминаи муҳимме хизмат мекунад: мисоли инро дар адабиёти тоҷик низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз касе пӯшида нест, ки адибони тоҷик – Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ба муваффақияти бузурге соҳиб шудаанд. Ин ҷо эътироф кардан зарур аст, ки як рукни асосии комёбии ин бузургон дар дуруст ва мувофиқи талаботи эҷодӣ, истифода бурдани анъана мебошад. Барои равшан кардани ин масъала ба ҳодиса ва ҳолатҳои таърихии адабӣ мурочиат кардан мумкин аст. Чунончи, анъанаҳои ғании насри бадеӣ ба устод Айнӣ имконияти судбахше додаанд, ки дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон аввалин шуда, нахустин намунаҳои повест ва романҳои сабки навро офарад.

Инчунин, агар анъанаҳои Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон намебуд, ашъори сиёсию иҷтимоии Лоҳутӣ, осори Ғафуров ва назми лирикию эпикии Турсунзода ба пояи баланд намерасиданд. Ҳатто дар ниҳоди образи реалистии Ҳасани аробакаш то андозае таъсири файзбахши қаҳрамонони романтикии Фирдавсиро дидан мумкин аст.

Як мисоли дигар. Тоҷикистон аз Аврупо ва Русия, назар ба кишварҳои дигар, нисбатан дур аст. Ба маданияти русҳо назар ба тоҷикон қазоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо, ӯзбекҳо наздиктар буданд, ва онҳо шоирони демократ низ доштанд, *вале дар давраи Шӯравӣ аввалин повесту романҳои навинро устод Айнӣ навиштааст*. Ҳанӯз дар солҳои бистуму сиюм лирикаи сиёсиву иҷтимоӣ ва мавзуъҳои байналхалқиро пештар аз дигарон ва бештар аз ҳама Лоҳутӣ, Пайрав ва Турсунзода ривоҷ додаанд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки дар пешрафти минбаъдаи адабиёти бадеӣ анъана нақши бузурге мебозад.

Нуктае ба миён меояд, ки онро ҳал накардан мумкин нест. Оё дар адабиёте, ки собиқа надорад, яъне, нав пайдо шудааст, анъанаро мебинем? Оё халқе ҳаст, ки дар адабиёти он анъана

набошад? Оё мумкин аст, ки адабиёти бадеӣ бидуни анъана ба вуҷуд биёяд?

Не! Бидуни анъана адабиёти бадеӣ ба вуҷуд омада наметавонад. Адабиёт ҳатман дар заминаи *анъана* ба вуҷуд меояд, вале анъана метавонад *заиф* ва ҳатто хеле *ночиз* ҳам бошад. Чунончи, халқҳое ҳастанд, ки дорои анъанаҳои хаттӣ набошанд ҳам, анъанаҳои адабии шифоҳӣ доранд.

Унсурҳои маданияти демократӣ ҳамчун заминаю таҳкурсии анъанавӣ, барои бунёди адабиёти хаттӣ хизмат мекунанд.

Дар ин робита, саволи дигаре ба миён меояд, ки барои пайдоиш ва тараққиёти адабиёти бадеӣ анъанаи заиф ва ё анъанаҳои адабии даҳонӣ чӣ тавр хизмат карда метавонад?

Он халқҳое, ки дорои анъанаҳои адабии заиф мебошанд, дар марҳилаи мусоиди таърихӣ, иҷтимоӣ ва адабию маданӣ, дар натиҷаи инкишофи равобити адабӣ ба адабиёти мустақили худ соҳиб мешаванд. Дар ин сурат, дар инкишофу ташаккули адабиёти ин халқ, ворисият ва таъсири адабиёти халқҳои дигар нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Ворисият – он мероси пешқадамест, ки халқҳо дар даврaҳои гуногуни таърих ба вуҷуд меоваранд. Пӯшида нест, ки аз осори гаронбаҳои як халқ адибони мардумони дигар меомӯзанд, истифода мебаранд. Ба тарзи дигар гӯем, ин ё он адиби пешқадам анъанаҳои адабии халқи дигарро омӯхта, аз он анъанаҳо дар ҷараёни эҷодии худ фоида мебаранд. Дар ин сурат, анъана бо равобити адабӣ зич алоқаманд мешавад.

Бисёр халқҳоро номбар кардан мумкин аст, ки ҳарчанд анъанаҳои адабии заиф доштанд, вале дар натиҷаи омӯзиши анъанаҳои адабии халқҳои дигар, дар як муддати кӯтоҳ ба комёбиҳои барҷаста ноил шудаанд. Мисоли барҷастаи ин Мухтор Авезов, Чингиз Айтматов, Расул Ҳамзатов шуда метавонанд, ки ҳар яке ба ганҷинаи маънавии умумиинсонӣ асарҳои бебаҳои бадеӣ зам намудаанд. Ҳол он ки ҳамагӣ сад

сол пеш аз ин, халқҳои қазоқ, қирғиз, авар (ва даҳҳо халқҳои дигар) натанҳо анъанаҳои адабӣ, балки ҳатто хатту алифбо ҳам надоштанд.

Навоварӣ чист? Анъана оё ҳамеша неку мусбат маҳсуб меёбад? Оё ҳама гуна анъана хуб ва қобили ҳаёт буда метавонад?

Не. Анъана аз анъана фарқ дорад. Анъанаро бояд аз рӯи моҳияташон тасниф кард. Ба фикри мо, анъанаҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) *анъанаҳои шоиста* (хуб, пешқадам, демократӣ);

2) *анъанаҳои ношоиста* (кӯҳнашуда, маҳдуд, иртиҷоӣ).

Масъалаи мураккаби дигаре, ки пеш меояд анъанаи шоиста аз ношоиста мебошад. Ба фикри мо, барои таснифи анъана ба *писандида* ва *нописандида*, пеш аз ҳама, муайян намудани меъёр (маҳак, ченак) зарур аст. Меъёри асосии таснифоти анъанаҳо аз инҳо иборатанд.

1. Тақозои ҳаёти иҷтимоии халқ, дар давраи мушаххаси таърих;

2. Дараҷаи завқи эстетикӣ ва доираи маърифатнокии омма дар давраи муайяни таърих;

3. Табиат ва имконияти худи унсурҳои анъанавӣ.

Хулоса, ҳангоми ташхиси анъана, яъне, ҷудо кардани ин ё он унсури анъанавӣ ба шоиста ва ношоиста, аз як тараф, талаби муҳити таърих ва ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоии даврро, аз тарафи дигар, дараҷаи завқу салиқа ва тафаккури бадеию эстетикии ҳамзамононро бояд ба ҳисоб гирифт, ва аз тарафи сеюм, қобилият ва имкониятҳои ҳамон унсурро бояд хуб донист, ки он лаёқати васеъ шудану такмил ёфтан (мисли арӯзи нав, тарҷеоту мусамматҳои нав ва ғ.) дорад, ё не.

Навоварӣ -- истилоҳи анъанавӣ ва қадимист, чунки *нав, навовар, нав овардан* дар адабиёт ва адабиётшиносии тоинқилобӣ маълум буданд. Фаррухӣ гуфтааст:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.
Фасонаи куҳану корномае бадурӯг
Ба кор н-ояду андар дурӯг ранҷ мабар.

Шеъре аз Фазлуллоҳи Кирмонӣ:

Навҷӯиву навоварӣ ойини шоирист,
Шеъре, ки нест нав, напазирад қабули ом.
Нав будааст шеъри куҳан ҳам ба вақти хеш,
З-он рӯ ҳанӯз аз шуаро мебаранд ном.[1]

Ба гуфтаи Белинский, "сабақҳои гузашта барои имрӯзу фардо манфиат доранд".

Дар адабиётшиносии тоҷик баъзан ифодаи *навовар* дида мешавад (масалан, яке аз мақолаҳои Ю. Бобоев "Доир ба масъалаи анъана ва навоварӣ" ном дорад).[2]

Таснифи анъана

Он дигаргуние, ки адиб дар раванди таълифи асари бадеӣ ба анъана, яъне, унсурҳо ва имкониятҳои мавҷудаю маъмулӣ ба амал меорад, навоварӣ номида мешавад. Навоварӣ - ҷиҳати зеҳнии адабиёти бадеиро ташкил медиҳад. Навоварӣ - он дахолатест, ки нисбат ба анъана содир карда мешавад, бинобар ин, навоварӣ дар тамоми унсурҳои анъана, яъне: интихоби мавзуъ ва ҳалли он, инъикоси ғоя, тарзи офариниш, сохтмони сужет, истифодаи вазну қофия, интихоби жанр ва ғ. вомехӯрад. Аз ин нуқтаи назар, он ақида, ки гӯё навоварӣ танҳо дар *мундариҷаи* адабиёти бадеӣ ба амал меояд, саҳеҳ

[1] *Фазлуллоҳи Кирмонӣ.* Оянда, 1359, №6, с. 5-6.
[2] Ниг.: Ҳаёт ва адабиёт. – Сталинобод, 1958, с. 53.

нест. *Навоварӣ ҳам дар мундариҷа, ҳам дар шакли адабиёти бадеӣ содир мешавад.*

Навоварӣ барои чӣ зарур аст? Навоварӣ барои диққатҷалбкунанда шудани асари бадеӣ, нишонрас гардидани матлаб, ба талаби замон ҷавоб дода тавонистани асари бадеӣ, мувофиқи тафаккурот ва завқи эстетикии ҳамзамонон ифода ёфтани мундариҷаи ғоявӣ зарур мебошад.

Табиист, ки ҳар як нависанда мекӯшад, то дар асари вай ин ё он матлаби мушаххас ифода ёбад. Инчунин, вай мехоҳад, ки ҳамин матлаб ба ҳамзамононаш ва наслҳои оянда натанҳо дастрас, балки таъсиргузор ҳам бошад. Суханвар ҳар қадар бузургтар бошад, вобастагии ӯ ба замонаш (ва замонҳои оянда) ҳамон андоза мустаҳкамтар мешавад. Нозим Ҳикмат сухане гуфтааст, ки ҳақиқат дорад: "Агар Хайём зинда шавад, ҷуз мунодии пешравии рӯзгори мо нахоҳад буд".[1]

Бинобар ин, нависанда ҳамеша саъй мекунад, ки ба мақсадаш ноил гардад. Вале тири адиб ҳамон гоҳ ба нишон мерасад, ки имконияти тавоноии навоварӣ моҳирона истифода карда тавонад. Ба тарзи дигар, нависанда матлаби худашро ба тарзи махсус, ки он ҳатман бояд муассир бошад, ифода намояд. Барои расидан ба ин мақсад суханвар бояд *навовар* бошад, чунки дар акси ҳол вай муқаллид мешавад, асари муқаллид ҳаргиз муассир нахоҳад шуд.

Шайх Низомӣ дар аввали "Иқболнома" ба мурури замон тағйир ёфтани чизро хеле хуб гуфтааст:

Ба ҳар муддате гардиши рӯзгор,
Зи тарзе дигар хоҳад омӯзгор.
Сароҳанги пешина каҷрав кунад,
Навое дигар дар ҷаҳон нав кунад.
Ва бозӣ дарояд чу бозигаре

[1] *Маориф ва маданият*, 1972, 22 январ.

Зи парда бурун оварад пайкаре.
Бад-он пайкар аз роҳи афсунгарӣ
Кунад муддате халқро дилбарӣ.
Чу пирӣ дар он пайкар орад шикаст,
Ҷавонпайкаре дигар орад ба даст.
Бад-ин гуна бар навхатони сухан,
Кунад тоза пироятҳои куҳан.
Замон то замон хомаи нахлбанд
Сари нахли дигар барорад баланд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки адабиёти бадеӣ бидуни навоварӣ натанҳо инкишоф намеёбад, балки аз миён ҳам меравад. Бинобар ин, метавон гуфт, омили тавонотарини равнақи адабиёти бадеӣ, навоварӣ мебошад.

Таносуби навоварӣ бо мундариҷаю шакл. Тавре ки ишора шуд, навоварӣ ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакл рӯй медиҳад, вале назар ба унсурҳои шакли адабӣ, навоварӣ бештар дар мундариҷаи адабиёти бадеӣ ба назар мерасад. Сабаби ин воқеият ба табиати таърихии иҷтимоии мундариҷаи адабиёти бадеӣ вобаста мебошад, зеро ҳаёти иҷтимоӣ дар тағйирот ва табаддулот бештар ва зудтар дучор меояд. Дар адабиёт низ ҳодиса ва воқеаҳои инъикосшаванда зуд-зуд бадал мешаванд, вале шакли адабӣ (ба мисли сохти иҷтимоӣ) ба осонию тезӣ ба дигаргунӣ табдил намеёбад.

Агар барои мисол ба таърихи адабиёти тоҷик назар андозем, маълум мешавад, ки дар як муддати таърихан кӯтоҳ, яъне, тақрибан 70 сол, мавзуъҳои сохти нав, даъват ба фаранҷипартоӣ, мактабу маориф, муборизаба муқобили душманони синфӣ, мудофиаи Ватан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, дӯстии халқҳо, азхуд намудани заминҳои бекорхобида, тарбияи одами нав ва ғ. ҳамчун як силсилаи маҳкаму ногусастанӣ инъикос ёфтаанд. Ба тарзи дигар гӯем, як давраи мушаххаси таърих ба пеши

адибон як масъалаи конкрет ва муҳимро мегузорад, давраи дигари конкрети таърих масъалаи муайяни дигарро. Чунончи, аввали асри X масъалаи рафоқат, дӯстӣ, донишомӯзӣ ва монанди инҳоро ба миён гузошта буд, ки ба ин мавзуъҳо бештар аз ҳама устод Рӯдакӣ ҷавоби бадеӣ гуфтааст. Таърихи нимаи дувуми асри X ватанпарвариро ҳамчун масъалаи муҳимтарин ба миён мегузорад. Ба ин масъала Абулқосими Фирдавсӣ ҷавоб мегӯяд. Таърихи давраҳои баъдина (асрҳои XI-XII) масъалаи андаке ҳам бошад, пешгирӣ намудан ва сабуктар сохтани зулмро, ки хеле ривоҷ ёфта буд, ба миён мегузорад. Ба ин масъала Носири Хусрав, Низомӣ ва дигарон ҷавоб мегӯянд.

Ин мисолҳо барои он оварда шудаанд, то равшан шавад, ки масъаларо худи замон, ҳаёт ба миён мегузорад, ва ин масъаларо адиб бояд хуб сарфаҳм рафта, дар ҳалли бадеии он кӯшиш намояд. Маҳз дар ҳамин сурат адиб аз ҷиҳати мундариҷа *навовар* мешавад.

Навоварии асосии адиб пеш аз ҳама, дар идеали вай инъикос меёбад, яъне, адиби навовар бояд талаби муҳитро *дуруст* сарфаҳм равад, онро *дуруст* инъикос кунад, ва роҳи *дурусти* ҳаллашро низ нишон диҳад. Зимнан, бояд гуфт, яке аз шартҳои адиби классик шудан ҳам дар ҳамин аст – яъне, навоварӣ дар мазмун, дар ғояи асари бадеӣ.

Бояд илова кард, ки хоҳу нохоҳ навоварӣ дар шакл низ ба амал меояд. Фарзан, навоварии шаклиро инкор мекарда бошем, хоҳу нохоҳ бояд иқрор шавем, ки адабиёт пеш намеравад, аз ҳаёт қафо мемонад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард: **сабаби пайдоиши навоварӣ ҳодиса ва воқеаҳои ҳаётӣ будааст.**

Бояд таъкид кард, ки ҳар як навоварӣ ҳодисаи мусбат маҳсуб намешавад. **Навоварии мусбат** – *он дахолату тасарруфотест, ки бинобар эҳтиёҷеву зарурате объективона ба амал омада бошад; навоварии манфӣ - он аст, ки адиб худсарона, аз*

рӯи ҳавову ҳавас татбиқ хостааст. Навоварие, ки дар содир шудани он объективияту субъективият бо ҳамдигар мутобиқ омада бошанд, мусбат аст, вале агар мутобиқ наомада бошанд, манфӣ.

Муҳаммадҷон Шакурӣ дуруст гуфта, ки "аз аввали инқилоб, аз шеъри С. Айнӣ "Марши ҳуррият" (Марселйеза, 1918) сар карда, мавзую масъалаҳои назм ба куллӣ дигар шуд. Дар натиҷа, дар воситаҳои тасвир, қофияву бандсозӣ, ҳатто дар вазн дигаргуниҳо рӯй додан гирифтанд. Бо вуҷуди ин, сохтори тафаккури бадеӣ дар шеър хусусиятҳои асосии анъанавиро бештар нигоҳ медошт ва мазмуни нав асосан ба тарзҳои кӯҳна ифода меёфт".[1]

Устод Турсунзода назари худро роҷеъ ба навоварии сохта ин гуна қатъӣ баён карда буд: "Агар навоварӣ сохта бошад, агар онро халқ написандад, он навоварӣ нест, балки ҳарҷу марҷест, натиҷаи аз рӯзгори халқ дар канор мондани шоир аст. Чунин назм ба халқ бегона аст, халқ аз он ҳазар мекунад. Мо он чизро навоварӣ мегӯем, ки халқ онро меписандад ва яроқи маънавии хеш мегардонад".[2]

Навоварии сунъию субъективона қобили қабул нест, он идома ёфта наметавонад ва ба анъана табдил намеёбад. Аммо агар пеши роҳи он сари вақт гирифта нашавад, метавонад ҳам ба равиши солими адабӣ, ҳам ба мафкураи эстетикӣ, ҳатто сиёсии аҳли ҷамъият халал расонад. Маҳз аз ҳамин рӯ, ба ҳар як зуҳуроти нисбатан ҷиддии навоварӣ адибони пешқадам, аҳли фазл, хонандагони соҳибзавқ, инчунин шахсони масъули идораю муассисаҳои дахлдор бетараф буда наметавонанд.

---

[1] *М. Шукуров.* Ташаккул ва инкишофи жанрҳои реалистӣ. (Аз таҷрибаи "Таърихи адабиёти советии тоҷик". – Ахбороти шуъбаи ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон, 1981, № 3 (105), с. 79-80.

[2] Садои Шарқ, 1972, № 4, с. 150-151. (Аз мухтасари баромади М. Турсунзода дар шӯрои адабиёти тоҷик дар ҳузури Правлениян Иттифоқи нависандагони СССР, ки маҷалла бо номи "Маҳорат ва ҳисси масъулият" чоп кардааст ва мутаассифона, аз ҷилди сеюми куллиёти шоир берун мондааст).

Бояд таъкид намуд, ки ҳама гуна тасарруфот навоварӣ ҳисоб намеёбад, ё худ ҳама гуна навоварӣ қобили қабул буда наметавонад. Бинобар ин, навовариро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. *навоварии шоиста* (пешқадам, объективона);

1. *навоварии сохта* (сунъӣ, худсарона, субъективона).

Модоме ки навоварӣ мақбул ва номақбул мешавад, онҳоро чӣ тавр фарқ кардан мумкин аст? Барои фарқ карда тавонистани навоварии шоиста аз ношоиста, меъёри дурустро муайян кардан зарур аст. Ҳамчун меъёри ташхиси навоварӣ, омилҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан зарурат дорад:

1. талаби замон, яъне, табиати ҳодиса ва воқеаҳои муҳташами замонӣ;

2. табиат, имконият ва моҳияти анъана;

3. дараҷаи тараққиёт ва завқи эстетикии омма;

4. дараҷаи мафкураи адабию эстетикии умумиҷаҳонӣ.

Бояд таъкид кард, ки навоварии субъективона натанҳо боиси тараққиёти адабиёт намешавад, балки пеши роҳи инкишофи онро медорад, ва бо ҳамин восита ба афкори адабию эстетикии омма зарбаи сахте мерасонад.

Робитаи узвию диалектикии анъанаю навоварӣ

Тавре ки ишора шуд, ҳеҷ як адабиётро бидуни анъанаю навоварӣ тасаввур кардан мумкин нест. Аз худи ҳамин тезис дидан мумкин аст, ки анъанаву навоварӣ узван *вобастаи ҳамдигаранд, ҷудоинопазиранд*. Пайвастагии анъанаю навоварӣ мисли пайвастагии *дирӯзу имрӯзу фардо* мебошад. Ҳамон тавре ки миёни ин се марҳила ҷудоӣ имкон надорад ва миёни се насли як авлод садди Чин тасаввурнопазир аст, миёни анъанаю навоварӣ низ рахна гузоштан маънӣ надорад. Фаразан, агар рахна ба зӯрӣ гузошта шавад (чунин ҳолат гоҳ-гоҳе рӯй медиҳад), ва ҳусни тавоҷҷуҳ ба яке аз ду падидаи номбурда шавад, адабиёт аз маҷрои

табиии худ берун меравад, ва эҳтиёҷоти маънавии мардумро қонеъ кунонда наметавонад. Виссарион Белинский ба ҳамин маънӣ гуфта буд: "Мо гузаштаро мепурсему таҳқиқ мекунем, имрӯзи моро фаҳмонад ва ояндаро раҳнамо бошад".

Анъанаю навоварӣ ба тарзи ҳатмӣ ду тарафи як раванданд, чунки ҳар навоварӣ на дар ҷои хушку холӣ, балки дар заминаи анъана ба вуҷуд меояд, ва ҳангоме ки навоварӣ рӯй медиҳад, тадриҷан ба анъана табдил меёбад, ва дар раванди минбаъда, дар шароити дигар кӯҳна мешавад, боз дар заминаи он навоварӣ рӯй медиҳад. Бинобар ин, робитаи анъанаю навоварӣ муқаррарӣ набуда, балки робитаи диалектикӣ мебошад ва он дар асоси *қонуни инкори инкор* сурат мегирад. Л.И. Тимофеев образнок ифода кардааст, ки *"анъана – модаркалони навоварӣ ва умуман тараққиёти адабиёт мебошад"*.[1]

Виктор Гюго образи боз бештар ҷолиби диққатро ба ҳамин маънӣ хотиррасон карда буд: "Ба дарахти булут баҳорон назар мекунем: танаи садсола, решаҳои бузурги пир ва баргҳои зиндаю сабзи навраста дорад. Анъана ва навоварӣ; анъана навовариро тавлид мекунад, ҳама чизи нав аз анъана ба миён меояд".[2] Андрей Бертелс таъкид кардааст, ки навоварӣ дар асрҳои миёна "танҳо дар заминаи анъана, дар вобастагии бағоят зич бо он имконпазир буд".[3] Ин ҳукм натанҳо доир ба асрҳои миёна, балки дар замони нав ҳам қувваи худро гум накардааст. Ҳарчанд дар замони нав, таъсир ва нуфузи адабиёти дигар торафт ба манбаи пурзӯртар табдил ёфта истодааст.

Таҷрибаи гузаштагонро надониста, чизи арзишдоре барои имрӯзу фардо эҷод кардан имкон надорад.

---

[1] *Л.И. Тимофеев*. Основы теории литературы. – М., 1971, с. 127

[2] Аз мақолаи *Э. Межелайтис*. Андешаи шеър. – Газетаи муаллимон, 1982, 30 октябр.

[3] *А.Е. Бертельс*. Низами. Вступительная статья. – Дар китоби: Низами. Пять поэм. – М., 1968, с. 11.

Анъанаю навоварӣ дар тамоми навъҳои санъат, аз ҷумла адабиёти бадеӣ низ, ҳамчун *қонун* мавҷуд аст. Робитаи анъанаю навоварӣ ба дахолати субъективона тоб надорад. Агар робитаи диалектикии анъанаю навоварӣ субъективона вайрон карда шавад, боиси таназзули адабиёт мегардад. Хушбахтона, дар давраҳои гуногуни таърихи адабиёт, адибони бузурге пайдо мешаванд, ки қонуни робитаи диалектикии анъанаю навовариро дуруст пай бурда, асарҳои безаволи адабӣ эҷод мекунанд. Бузургии Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Пушкин, Лермонтов, Толстой ва даҳҳо адибони гениалӣ дар ин аст, ки анъанаҳои мавҷударо пурраю мукаммал азхуд намуда, дар заминаи он анъанаҳо, навовариҳои шоиста падид овардаанд.

Мутаассифона, дар тамоми давраҳо кам ё беш адибоне пеш меоянд, якравона ба анъана мечаспанд, ё худсарона навоварӣ мекунанд. Чунин рафтори субъективона дар инкишофи адабиёт нақши мусбат надоранд. Дар ҳамон вақташ онҳо аз як тараф, ба ҷараёни адабӣ, аз тарафи дигар, ба афкори умум то дараҷае монеа мешаванд, зарар мерасонанд, вале тадриҷан ҳамаи онҳо, ва ҳам осорашон фаромӯш мешаванд. Чунин манзараро дар таърихи адабиёти як халқ ва дар бисёр давраҳо дидан мумкин аст.

Инкори инкор – қонуни диалектика аст. Дар асоси қонуни муборизаи ба ҳам зидҳо як ҳодиса кӯҳна мешавад, аз дунболи он ҳодисаи дигар сар мезанад. Ҳамин ҳодисаро дар адабиёт низ дидан мумкин аст. Масалан, адибони бузурги Ғарб аз адибони бузурги Юнони қадим ва аз Шарқ омӯхтаанд. Мисол, Байрон, Шиллер. Дар вақташ ин адибон дар тамоми кишварҳои Ғарб ва Русия ғалоғула андохтаанд. Аз ин адибон Пушкин омӯхт. Дар натиҷа, дар заминаи як қулла қуллаи нави азиме ба вуҷуд омад.

Мисоли дигар. Вақте Навоӣ ҳамчун адиби фозил ба майдон омад, дид ки бо забони ӯ бисёр қавмҳо гуфтугӯ мекунанд, аммо адабиёти казоӣ ба ин забон мавҷуд нест. Инчунин, ӯ дид: осори бебаҳои халқи дигаре низ мавҷуд аст,

ки ин адабиёти тоҷику форс мебошад. Навоӣ дар қатори эҷодиёти шифоҳӣ ва адабиёти хаттии мавҷудаи халқи худ, адабиёти тоҷику форсро низ суботкорона омӯхт, ки дар натиҷа адиби мумтоз шуд. Агар анъанаҳои адабии тоҷикӣ-форсӣ соқит карда шаванд, бешубҳа арзиши эҷодиёти Навоӣ бисёр чизро гум хоҳад кард.

Дар адабиёти тоҷик (ба мисли бисёр адабиётҳои дигар) муносибатҳое дида шудаанд, ки сурати яктарафа доштанд. Масалан, дар солҳои бистум нисбат ба анъана рафтори нигилистона зоҳир шудааст. Баъзе нависандагон гуфтанд, ки вазни арӯз ба мо имрӯз лозим нест. Аммо ин навъ муносибатҳои нигилистона инкишоф наёфта, ба монеа дучор омаданд, чунки табиати хатои рафтори нигилистона ба табиати замон, бо моҳияти гардиши чархи таърих мувофиқат намекард. Рафтори нигилистона субъективӣ буда, бо инкишофи ҷомеа созгор нест, бинобар ин, чунин рафтор реша давонда наметавонист.

Омилҳои анъана ва навоварӣ. Дараҷаи риояи анъана ва ҷорӣ гардидани навоварӣ дорои як қатор омилҳо мебошад:

1) *омилҳои айнӣ (объективӣ),*

2) *омилҳои зеҳнӣ (субъективӣ).*

Ба омилҳои объективӣ *сохти иҷтимоӣ, ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, муҳити табииро* дохил кардан мумкин аст.

1. Чигунагии табиат ва моҳияти сохти иҷтимоӣ. Дар таърихи адабиёти умумиҷаҳонӣ ҳодисаҳое мушоҳида мешаванд, ки бинобар имконият надодани сохти ҷомеа, ин ё он ҳодисаи пешқадами адабӣ ҳамчун анъанаи мусбат ривоҷ наёфтааст. Дар таърихи адабиёти тоҷик бисёр ақидаҳои пешқадам, ки дар марҳилаи муайяни инкишофи ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва афкори маданӣ ба миён омадаанд, минбаъд ривочи шоиста наёфтаанд, ва бисёр адибон маҳз ба

туфайли ҳамин гуна ақидаҳои пешқадам мавриди таъқиб қарор гирифтанд. Баъзе адибон намояндагони *ҷараёни шуубия*, ки аз тарафи халифаҳо ва ҳокимони ҷоҳилу мутаассиби маҳаллӣ гирифтори азияту маҳрумиҳо шуда буданд, ба ин фикр мисоли равшан шуда метавонад.

Ҷараёни шуубия дар даврони хилофат пайдо шудааст. Бузургтарин фарзандони Аҷам (аз қабили Ибни Муқаффаъ, Исмоил ибни Ясир, Башшор ибни Бурди Тахористонӣ, Абу Нувос) бо нияти анъанаҳои қадимаи адабию мадании худро бо забони арабӣ нигоҳ доштан, забони арабиро нағз азхуд карда, ба ин забон тарҷумаҳо кардаанд, асарҳои арзишманди илмию иҷтимоӣ офаридаанд. Онҳо дар амал исбот менамоянд: мардумони мағлуби Аҷам аз халқи ғолиби араб дар адабиёт, ҳунар, маданият, таърих афзалу пешқадам ва ғанитаранд. Тарафдорони ин ҷараён фош гардида, нобуд мешуданд. Аз ҳамин сабаб, ақидаи шуубӣ тадриҷан шакли дигар пайдо карда, торафт мураккабтар (пинҳонтар) мешавад, ки гоҳе онро пай бурдан ҳам душвор аст. Чунончи, идеали шуубии Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" ба воситаи образҳои бадей, забону вазни шеъри лавозимоти шаклӣ ва амсоли инҳо ифода ёфтааст.

Аммо бо мурури замон, шариати исломӣ, аз як тараф, сохти давлатдории феодалӣ, аз тарафи дигар, имкон надоданд, ки анъанаи шуубия минбаъд инкишоф ёбад, балки маҷбур намуданд, ки тадриҷан аз миён равад.

Мисоли дигар. Намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ маҳз бинобар ақидаҳои пешқадами худ ба зиддияти сахти амиру амалдорони аморат дучор шуданд. Маҳз сохти иҷтимоӣ имкон намедиҳад, ки ҳодиса ба анъана табдил ёбад.

2. Ҳодиса ва воқеаҳои конкрети таърихи давр. Дар таърихи халқҳо баъзан ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки барои ривоҷ ёфтани анъана ва ё ҷорӣ шудани навоварӣ монеа эҷод мешавад. Вобаста ба моҳияти чунин ҳодисаҳо ва алоқамандии чунин воқеаҳо ба

сохти иҷтимоӣ дер ё зуд монеа аз миён бардошта мешавад. Масалан, баъд аз падид омадани рубоиёти Умари Хайём рӯҳониёни мутаассиб ва ҳокимони ҷоҳил ба он дарафтоданд. Ба муқобили ин рубоиёт муборизаи шадид сар шуд, ки дар натиҷа муддати дарозе рубоиёти фалсафӣ ривоҷ наёфт. Вале дертар, адибони забардасти пешқадам ҳамчун Ҳофиз, Бедил анъанаҳои рубоисароии Хайёмро хуб ҳифз карда, муборизаҳои шадиди муқобили онро ба ҳисоб гирифта, он анъанаро бо тарзи дигар давом доданд.

Мисоли дигар. Як гурӯҳ бо қатъият анъанаро инкор кунанд, гурӯҳи дигар бо ҷиддият муқобили ҳама гуна навоварӣ мебаромаданд. Нигилизм, аз як тараф, конкретизм аз тарафи дигар, бо ҷӯшу хурӯш талош кард. Ҳосили тараққиёти муътадили анъанаю навоварӣ мебошад, ки адабиёту санъат дар як муддати кӯтоҳи таърих ба муваффақиятҳои барҷаста ноил гардид: ба ин асарҳои М. Горкий, В. Маяковский, М. Шолохов, Ч. Айтматов, Р. Ҳамзатов ва дигарон мисол шуда метавонад.

Ҳамин ду мисоли овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки чигунагии сохти иҷтимоӣ ба тараққиёти анъанаю навоварӣ таъсири ҷиддии гуногун мерасондааст. Агар дар мисоли якум анъана бо роҳи мураккаб инкишоф ёфта бошад, ва аммо он хуб тараққӣ накарда, дар мисоли дувум сурати ҳодиса баръакс аст.

Дар маркази рубоиёти Умари Хайём Худои бузург, тақдири одам ва вобаста будани тақдири инсон ба он меистад, ва одам ба дараҷаи худой бардошта мешавад. Хайём дар асри XII, Ҳофиз дар асри XIV зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Баъди ду аср, Хоҷа Ҳофиз рубоиёти зиёде гуфтааст, ки аз ҷиҳати дахолат ба ҳодиса, таҷассуми ғоя, доираи масъала аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ надоранд, вале аз ҳайси тарзи баёни шоирон фарқ доранд. Ҳофиз ба масъалаи марказӣ на кушоду равшан, балки бевосита (тавассути шароб, ишқ) наздик шуда, матлабро боз бештар пардапӯшона баён кардааст. Воситаҳои баёни Хайём минбаъд мувофиқи талаботи шароит такомул

меёбанд. Сабаби чунин муддати дароз таваққуф кардани анъана, чунон ки ишора шуд, сохти иҷтимоӣ ва мафкураи ҳукмрони замона мебошанд.

Дар мисоли Ҳофизу Хайём тараққиёти анъана ва навоварӣ бо пешрафти объективии сохти иҷтимоӣ мувофиқат намекунад, аммо дар мисоли дувум, мувофиқат мекунад.

Барои тараққӣ накардани анъана мисоли дигарро низ ишора кардан мумкин аст, ки он минбаъд инкишоф наёфтани сотсиализми хаёлии Низомию Ҷомӣ мебошад. Ҷомӣ дар афкори эстетикии худ ба нуктаи баландтарин мерасад, яъне, вай сотсиализмро инъикос мекунад, аммо ин сотсиализми хаёлӣ бинобар сабаби мувофиқат накардани сохти феодалӣ минбаъд ба анъана табдил намеёбад, балки ин ҳодисаи адабӣ ҳамчун ҳодисаи муҷаррад боқӣ мемонад. Аммо сотсиализми қаблии мутафаккирони фаронсавӣ ба анъана табдил меёбад, зеро он минбаъд дар асарҳои адибону олимони Фаронса, Англия ва ғ. такрору инкишоф меёбад, ва дере нагузашта дар ҷомеаи сотсиализми хаёлӣ назарияи коммунизми илмӣ ба вуҷуд меояд.

б) омилҳои зеҳнӣ (субъективӣ). Дар масъалаи чигунагии тараққиёти анъанаю навоварӣ, омилҳои субъективӣ нақши калоне мебозанд. Ба омилҳои субъективӣ истеъдоди нависанда, ҷаҳонбинии вай, завқи эстетикӣ, малакаи эҷодӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

1. Истеъдод. Агар адиб соҳиби истеъдоди ҳақиқии адабӣ набошад, дар эҷодиёти вай таносуби муътадили анъанаю навоварӣ фароҳам намеояд. Вале агар соҳиби истеъдод ва зеҳни тез бошад, моҳияти анъанаю навовариро дар шароити мушаххас дуруст сарфаҳм меравад ва мувофиқи талаби ҳамин шароит муносибати шоиста зоҳир менамояд, ки дар натиҷа ин адиб ба муваффақиятҳои барҷастаи эҷодӣ ноил гашта метавонад.

2. Ҷаҳонбинӣ. Ҷаҳонбинии нависанда дар масъалаи таносуби анъанаю навоварӣ омили ҳалкунанда мебошад, зеро агар нависанда дорои ҷаҳонбинии васеъ ва пешқадам аст, моҳияти талаби замонро дуруст сарфаҳм меравад, ва ҳамин моҳиятро бо таносуби анъанаю навоварӣ алоқаманд карда метавонад. Дар ин сурат, муносибати адиб ба анъанаю навоварӣ объективона хоҳад шуд. Ҳамчун мисол метавон қайд кард, ки муваффақиятҳои ҳамаи адибони бузург дар ҳамин ҷост.

Аммо агар ҷаҳонбинии нависанда маҳдуд бошад, талаби замон, моҳияти ҳодиса ва воқеаҳои конкрети даврро пурраю дуруст сарфаҳм рафта наметавонад, дар ин сурат миёни таносуби анъанаю навоварӣ ва муҳити конкрети таърихи ҳаёти халқ мувофиқати комилу барҷаста фароҳам намеояд. Масалан, С. Есенин ва В. Маяковский – адибони соҳибистеъдод буданд, барои ғановати маънавиёти мардумони рӯи замин хидмат кардаанд. Дар маркази эҷодиёти Сергей Есенин ботини одам, эҳсосоти вай, дар маркази эҷодиёти В. Маяковский истиқлол ва озодии одам меистад. Вай замони инқилобро фаҳмида, мувофиқи ҳамон замон анъанаро ба он тобеъ кунондааст. Мароми ӯ ин буд:

Ҳамон аст шоир дар ин рӯзгор,
Ки марше сарояд, нависад шиор!

Ярослав Смеляков ба ду адиби номбурдаи рус аз марҳилаи баъдӣ номи Александр Твардовскийро зам намуда гуфтааст: "Бароям се ном ҳаст, ки бидуни эшон, дар назарам, имкони сухан аз равнақи назми шӯравӣ вуҷуд надорад. Инҳо С. Есенин, В. Маяковский, А. Твардовский мебошанд. Саҳми инон назар ба бародарони ҳамқалами дигар бештар ва марҳилавист".[1]

3. Завқи эстетикӣ ва шахсии нависанда. Завқи эстетикии нависанда, кӯшишу меҳнатҳои вай дар эҷодиёти ӯ нақши

[1] ЛГ, 1986, 22 январ.

муайяне мегузоранд. Завқи эстетикии нависанда бо чидду чаҳд ва кӯшишҳои шахсии ӯ зич алоқаманд мебошад, чунки агар нависанда чидду чаҳд накунад, завқи вай сайқал наёфта бошад, назокату нафосати анъана ва бурду бақои онро сарфаҳм намеравад. Инчунин, нафосати навовариро пай намебарад. Дар ин сурат, эҷодиёти ин қабил адиб ҳамчун тақлиди ноуҳдабароёна ва хушку холӣ сурат хоҳад гирифт. Осори зеҳни кунд дар ҳар давр пайдо шавад, вай умр намебинад, фаромӯш мешавад.

Бинобар ин, нависанда ҳамон вақт ба масъалаи анъанаю навоварӣ баҳои мусбат дода, ба он муносибати объективона зоҳир менамояд, ки дар натиҷаи омӯзиши суботкорона ва ҷустуҷӯҳои пай дар пай дониши мукаммали адабӣ, илмӣ, таърихию сиёсӣ ва ғ. ҳосил карда, завқи солим ва сайқалёфтаи эстетикӣ ба даст дароварда бошад.

4. Малака ва маҳорати нависанда. Нависанда яку якбора ба камол намерасад, роҳи камолоти вай аз фосилаи муайяну мушаххас иборат хоҳад шуд. Ҳар як нависанда дар оғози фаъолияти эҷодӣ анъанаи мавҷударо меомӯзад, онро ба тарзи нисбатан пассив таҳқиқ менамояд, яъне, вай ба пешгузаштагони худ тақлид мекунад, дар натиҷаи омӯзиши пайвастаи анъанаҳо торафт бештар анъанаро маърифат мекунад. Агар нависанда омӯзиши анъанаҳоро дар маҳаки талаби замон ба амал барорад, дар ин сурат тезтар аз доманаи тақлид халос мехӯрад, яъне, доираи анъана торафт маҳдуд шуда, баръакс, доираи навоварӣ вусъат пайдо мекунад.

Тавре ки маълум аст, *анъанаю навоварӣ мутаносибан ба амал меоянд, яъне, агар анъана пурра риоя шавад, навоварӣ маҳдуд мемонад, вале агар навоварӣ васеътар шавад, доираи анъана танг мегардад. Аммо* ***гарави муваффақият – баробар, мутаносибан риоя шудани ҳарду хоҳад буд.***

Азбаски нависандагон дар масъалаи омӯзиш, фаъолияти якхела зоҳир намекунанд, ва малакаи эҷодӣ хусусияти

субъективӣ дорад, фосилаи роҳи камолот низ гуногун мешавад, яъне, агар адиб ҷаҳонбинии пешқадам дошта, соҳибистеъдод бошад ва фаъолияти бештар зоҳир намояд, дар он сурат вай зинаи камолотро зудтар тай хоҳад кард. Дар акси ҳол, зинаи камолот тӯл меёбад, ё баъзан адибон то охир онро паймуда наметавонанд.

Давраи муайянро дарбар гирифтани камолоти нависанда дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода равшан ба назар мерасад. Эҷодиёти ин адиб солҳои сиюм сар шудааст, вале ӯ то солҳои чилум асарҳои шогирдона навиштааст. Ӯ аз адабиёти классикӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ, аз адабиёти халқҳои бародар суботкорона ва хеле фаъолона меомӯзад. Аммо гуфтан мумкин нест, ки Турсунзода аллакай камолоти эҷодиро пурра азхуд кардааст, тамоми анъанаҳоро омӯхтааст, ва ба тарзи шоиста навоварӣ карда метавонад. Омӯзиши шоир баъд аз ин ҳам давом мекунад. Як қатор шеърҳои лирикӣ ва достони эпикии "Писари Ватан" мисоли ҳамин омӯзиш мебошанд.

Махсусан, дар достони "Писари Ватан" Мирзо Турсунзода дар офариниши образу характери қаҳрамон, дар тасвири воқеа ва аз таъсири анъанаҳо комилан халос шуда натавонистааст. Метавон гуфт, аз охири солҳои чиҳилум шоир тамоми моҳияти ҳама гуна анъанаҳоро пурра дарк мекунад, ва дар ҷои даркориаш ба тарзи шоиста *навоварӣ* менамояд. Силсилаи "Қиссаи Ҳиндустон", достони "Ҳасани аробакаш" ва дигар асарҳои ин шоири бузург шоҳиди ҳамин фикранд. Аксари мутлақи асарҳои баъд аз солҳои панҷоҳум эҷодкардаи ӯ тимсоли барҷастаи таносуби муътадили анъанаю навоварӣ мебошанд.

Аммо чунин тасаввур кардан хатост, ки баъди азхуд кардани анъана ва ҳосил кардани малакаи комили эҷодӣ нависанда ҳамеша асарҳои баркамол меофарида бошад. Имкон дорад ҳар адиби бузург дар қатори асарҳои барҷастаи адабӣ, асарҳои ноқису яктарафа (хоҳ дар анъана ва хоҳ дар

навоварӣ) эҷод кунад. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки малакаю маҳорат омили субъективӣ мебошанд ва субъект метавонад тағйир ёфта истад, яъне, гоҳе субъект бо объект комилан мувофиқат накунад.

Баъзе нависандагон моҳияти тамоми унсурҳои анъанаро дуруст сарфаҳм намераванд, дар ин сурат хоҳу нохоҳ таносуб фароҳам намеояд. Сабаби аз байн рафтани таносуб, бисёр будани омилҳои субъективӣ аст.

Дар сохти ҷамъиятии мо азбаски омилҳои объективии таносуби анъанаю навоварӣ пурра дида мешавад, тамоми шароит муҳайёст, бинобар ин, омилҳои субъективӣ фактори муҳим буда, нақши калон мебозанд.

Таносуби анъанаю навоварӣ бо мундариҷаи адабиёти бадеӣ

Бояд қайд кард, ки унсурҳои мундариҷа мафҳуми нисбӣ доранд, зеро унсурҳои мундариҷа ва шакл дар ҳолатҳои конкрет тағйир меёбанд, яъне, агар як унсур нисбат ба унсури дигар *мундариҷа* маҳсуб шавад, ҳамон унсур ба унсури сеюм *воситаи шаклӣ* ба шумор меравад. Мисол, *образ* нисбат ба забон *мундариҷа* аст, нисбат ба ғоя – *шакл*. Ё худ, *сужет* нисбат ба жанри адабӣ, *мундариҷа* бошад, нисбат ба мазмун – *шакл* аст. Аз ин нуқтаи назар, доираи мафҳумҳои унсурҳои мундариҷа нисбӣ аст. Одатан ба таркиби мундариҷа унсурҳои мазмун, мавзуъ ва ғояро ҳамеша дохил менамоянд.

Дар таркиби тамоми унсурҳои раванди эҷодӣ **ғоя** (ё худ идея) нуқтаи асосӣ ва мавқеи марказиро ишғол менамояд. Бинобар ин, бояд таъкид кард, ки идея ҳамеша ва дар тамоми ҳолатҳо унсури мундариҷа ба шумор меравад, ва ҳаргиз воситаи шаклӣ буда наметавонад. Аммо унсурҳои боқимонда чун фаҳмишҳои нисбӣ метавонанд тағйир ёбанд. (Дар бораи ғоя, мавзуъ ва мазмун муроҷиат шавад ба боби "Мундариҷа ва шакл").

Таносуби анъанаю навоварӣ бо ғоя. Ин ё он ғоя ва ё силсилаи ғояҳо мувофиқи таърихи адабиёт ва маданият, таърихи ҳаёти халқ ва завқи эстетикии омма ва омилҳои дигар дар давраҳои гуногуни таърих ҳамчун анъана идома меёбанд. Дар масъалаи ба анъана табдил ёфтани ин ё он ғоя, эҳтиёҷоти маънавӣ ва моддии халқ ҳамчун омили ҳалкунанда хизмат менамояд, зеро агар ба ин ё он ғоя эҳтиёҷе набошад, ин ғоя ба анъана табдил намеёбад. Чунончи, дар доираи ғояҳои адабии асри X *дӯстӣ, накӯкорӣ, илмомӯзӣ* ва ғ. ҳамчун сарсилсила намоён мешаванд. Сабаби иҷтимоии ин ҳолат дар он аст, ки давлати навбунёди тоҷикон ба ин масъалаҳо эҳтиёҷ ҳис менамуд, зеро *дӯстию накӯкорӣ* ва *илму дониш* бақои давлату ободии кишваранд. Дар "Шоҳнома" бошад, ғояи марказӣ *ватанпарварӣ* аст. Сабаб дар он аст, ки дар охирҳои асри X ҳуҷуми бодиянишинҳо ва суст шудани иттиҳоди дохилӣ эҳсос мешуд, яъне, хавфи барбод рафтани давлати тоҷикон ба миён омада буд. Бинобар ин, ҳимояи масъалаи заруртарини давр ба шумор мерафт.

Гирем ғояи бузургдошти деҳқониро. Халқ деҳқонро аз камоли хоксорӣ *хокпош* мегӯяд. Ҷолиби диққат ин аст, ки ҳамин амали хокпоширо мардум аз замони қадим муқаддастарину муаззамтарин амал медонист, чунончи, дар "Авасто" омадааст, ки касе ки заминро шудгор мекунаду ғалла мекорад, беҳтарин кори ҷаҳонро бачо меорад. Дар "Матадғони Ёвишни Фриён" ("Китоб дар бораи Ёвишни Фриён") бо чунин чистоне дучор мешавем: **"Он чист, ки даҳ пой дораду се сар, шаш чашму шаш гӯш, ду думу се олот, ду дасту се бинӣ, чор шоху се китф, ва ҷаҳон бар дӯши вай аст"**. Ҷавоби чистон: деҳқонест, ки бо ҷуфти барзагов замин меронад.

Дар асри XI мутафаккири бузург Носири Хусрав боиси ободию маъмурии олам ва осоиштагии тамоми ҷондорро дар деҳқонӣ дидааст, чунончи:

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст …
Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ гоҳе бӯстон аст.

Ё худ, ҳодисаи дигар. Дар адабиёти тоҷик масъалаи адолату зулм ва тарғиби ғояи адолат, дар тамоми давраҳо аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Сабаби эътибори ин ғоя ташнагии иҷтимоист. Беадолатӣ, зулм, торочгарӣ хоси сохти феодалӣ мебошад. Маҳз бинобар ин ки адолат вуҷуд надорад, онро халқ орзу менамояд. Ин орзуро адибони пешқадам ифода менамоянд.

Идеяи дигар – гуманизм аст, ки он низ чун анъана идома меёбад. Муборизаҳои шадиди мазҳабӣ, қабилавӣ ва вилояту кишварҳо аз ҳодисаҳои муқаррарӣ буданд. Ин воқеаи типии феодалӣ ҳамчун ҳодисаи таърихӣ дар "Ғуломон" дуруст инъикос ёфтааст. Маҳз бинобар мавҷуд набудани инсондӯстии ҳақиқӣ, халқ ва нависандагони пешқадам, ин идеяро орзу ва талқину тарғиб мекарданд.

Адабиёти тоҷику форс, аз ҷиҳати доираи ғояҳо ва демократизми онҳо дар ҷаҳон, метавон гуфт, мақоми баландтаринро ишғол менамояд, чунки дар олам кам адабиёте дучор меояд, ки ғояҳои *гуманизм, накӯкорӣ, сулҳҷӯӣ, ватанпарварӣ, муҳаббати поку илҳомбахшро* ба мисли адабиёти тоҷику форс, ҳамчун масъалаҳои марказӣ, тараннум ва ташвиқ карда бошанд. Сабаби ин ҳолат, завқи эстетикӣ ва ҷаҳонбинии халқ, эҷодиёт ва заковати махсуси классикони бузурги ин адабиёт мебошад. Аммо ҳамаи ғояҳои пешқадами адабиёти даврои феодалӣ маҳдудияти таърихии синфӣ ва ҷаҳонбинӣ доранд. Бинобар ин, ақидаҳои пешқадами гузашта дар адабиёти тоҷик, аз як тараф, ба тарзи шоиста чун анъана давом мекарда бошад, аз тарафи дигар, ин ғояҳо мувофиқи тақозои сохти иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии замон такмил ёфтааст.

Солҳои чихилуми садаи бистуми мелодӣ *механпарастии қалбакӣ* шиддат дошт, ки сабаби аслиаш *қатлиомҳо аз фишори Ҳукумати Шӯравӣ* буд. *Чаҳор нафар аз бузургони тоҷик:* Абдушукур Пирмуҳаммадзодаи Самарқандӣ, Ҳабиб Юсуфии Самарқандӣ, Ҳаким Карими Хуҷандӣ, Лутфулло Бузургзодаи Исфарагӣ ба майдони Ҷанги Ҷаҳонии Дувум рафтанд – аз Душанбе рафтанду шарбати шаҳодат чашиданд. Яке аз инҳо шоири тавонои замон – Ҳабиб Юсуфӣ буд. Вай шеъре гуфта – дар бораи Ватан:

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама пештар Ватан гӯяд.
Ватан, чу нағмасарой аст дил зи ишқи ту,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ба ин таровату ин рангу бӯ, ки ҳастӣ ту,
Сазад, саросари саҳни туро чаман гӯяд.
Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд.

Ҳамин навъ тафовут, дар ғояи муҳаббати пок ҳам ба назар мерасад. Дар адабиёти гузашта ишқи поки инсонӣ, ҳусну ҷамоли олии одам, садоқати баланду рӯҳбахш таҷассум меёфтанд, яъне, ғояи ишқи пок ду бахши дигар: *ҳусни маҳбуба ва садоқати ошиқ* диққатро ҷалб мекард, ва ба таври ҳатмӣ инъикос меёфт, аммо дар адабиёти муосири тоҷик дар ғояи ишқи пок компоненти дигар ҳамчун унсури муҳим дохил мешавад. Ин компонент *қаҳрамон* ва *бунёдкорист.* Дар гузашта меъёри ишқи пок садоқати шахси ошиқ буд. Баъзан муболиға дар садоқати беҳудуд инкишоф ёфт. Дар ин сурат, идеали ошиқи содиқ яктарафа ривоҷ меёбад, яъне, ошиқи қаҳрамон то ба дараҷае ошиқ мешавад, ки худро гум мекунад, ҳатто талаф ҳам меёбад. Натиҷаи чунин вусъати идеали ошиқи пок муҷаррад, гоҳе пессимистона ва фоҷеаомез мешавад. Ин гуна

ақидаро дар лирикаи Камол, Ҳилолӣ бисёр мебинем ва бисёр достонҳои ишқии романтикӣ низ аз ҳамин қабиланд.

Дар адабиёти тоҷик ин ғоя низ хеле такмил ёфтааст. Агар пеш меъёри садоқати пок муҷаррад ва яктарафа ривоҷ меёфта бошад, ки он аксаран ба натиҷаҳои нохуш меовард, ҳоло ин меъёр такмил ёфта, бо оптимизм ва бунёдкорӣ мукаммал гардидааст, яъне, садоқат дар адабиёти навин бо ободии кишвар, бо бунёдкориҳои оммавӣ ҳамроҳ ривоҷ меёбад. Агар садоқати том дар гузашта ояндаи сарбаста дошта бошад ва ошиқ ногузир ба нокомӣ дучор ояд, дар марҳилаи нави адабиёти тоҷик муҳаббат бо роҳи солим ҷараён ёфта, бо хушбахтӣ анҷом меёбад. Албатта, сабаби гуногунии ҷараёни муҳаббат ва гуногунии натиҷаҳо ба табиати сохти иҷтимоӣ вобаста аст. Ҳар як фарди ҷамъият метавонад ба мақсад бирасад, ва агар вай дар роҳи иҷрои мақсад ҳар қадар бисёртар ҷадал намояд, ҳамон қадар бештару тезтар ба саодат ноил мешавад.

Анъана бо такмилоти зарурӣ идома меёбанд; Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ корномаҳое анҷом додаанд. Аз ин нуқтаи назар, бояд таъкид кард, ки ҳеҷ як анъанаи ҳақиқӣ бе дахолати ҷасуронаи адиб давом намекунад.

Муҳимтарин ғояи мусбати "Авасто" *гуманизм* мебошад, ки он пеш аз ҳама дар ду ҷабҳа намоён мегардад: *яке* – таҳсини некию рӯшанӣ, ки дар муборизаи муттасила бо бадию зулмат собит мегардад; *дигар* – бузургдошти деҳқонӣ. Ҳардуи ин ғоя боиси ободонии кишвар ва маъмурии башарият аст.

Дар "Авасто" гуфтае ширину дилнишине омада: "Ҷавони некманиши некгуфтори неккирдори некдинро меситоям". Боз: "роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳи ростӣ аст". Мисоле дигар: "дурӯғро ба кишвар роҳ мадиҳед, ки Ватанро ачнабиён ишғол хоҳанд кард".

Ибни Надим мегӯяд: "Подшоҳони эронӣ аз назари ин ки донишҳо бимонад, ва (аз) дастбурди замон маҳфуз бошад,

онҳоро бар пӯсти дарахти хаданг, ки "туз" меномиданд, менавиштанд; ва ончунонки худ дар таърихча навиштаанд, дар нукоте, ки зилзилахез набудааст, дар ҷойҳои мустаҳкаме нигоҳдорӣ мекарданд". "Ман худ дар соли 342 ҳичрӣ, ин китобҳоро дидам, ва чунонки гуфтанд, ин китобҳо бисёр гандҷо буданд, ва то як сол аз бӯи гандаашон касе наметавонист бад-он наздик шавад". Пас аз он ки Искандар дар Форс ба Кохи Дориюш даст ёфт, ганҷинаҳои дониши онро, ки ба забони паҳлавӣ бар сангҳо ва лавҳаҳо аз донишҳои мухталифи табиӣ, пизишкӣ ва ҳаётӣ навишта шуда буд, фармон дод, то ба забони юнонӣ баргардонанд; ва онҳоро ба Миср фиристод, то дар Китобхонаи Искандария нигоҳдорӣ шавад".[1]

Махсусан ғояи инсонпарваронаи сӯфиёни бузургро таъкид кардан лозим меояд; Ансорӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ барин адибони барҷаста покии ахлоқи одамиро чун идеал ба миён гузошта, монеаҳои қабилавию нажодӣ ва ҳатто динию мазҳабиро паси сар кардаанд. Гуманизми сӯфиёни бузург ба моҳияти иҷтимоии феодализм зарбаҳо мезад.

Бояд хотирнишон кард, ки меъёри гуманизм дар гузашта асоси дину мазҳаб буд. Аммо дар эҷодиёти адибони нобиға ин меъёр хеле васеъ карда мешавад, ва ҷои онро покии ахлоқ, наҷобати рафтор ва увлавияти ҳиммат ишғол менамоянд.

Анъанаҳои ғоявӣ бо мурури замон такмил ёфта, ҳамчун сарвати бебаҳои маънавӣ наслҳои гуногунро бо роҳи нек, бо роҳи саодати башарӣ пеш мебарад. Агар назми имрӯзаи мо ба туфайли ғояҳои ҳаётиаш оламгир бошад, дар ин мартабаи бузург анъанаҳои ғоявӣ ҳамчун пойдевори азим хизмат намудаанд.

Таносуби анъанаю навоварӣ бо мавзуъ. Одатан таносуби анъана бо мавзуъ нисбатан заиф аст, зеро ҳолату ҳодисаҳои

[1] *Сафар Сулаймон.* Андар таҳкики китобхонаҳои Эрони бостон. – Душанбе: Адиб, 1992, с. 70.

ҳаётӣ, ки мабдаи мавзуъҳои адабианд, ҳамеша дар тағйирот аст. Ҳодисаҳо пайдо мешаванд, инкишоф меёбанду аз миён мераванд; бинобар ин, дар адабиёти бадеӣ низ мавзуъҳо дар тағйироти муттасилаанд, яъне, зуҳур мекунанд, инкишоф меёбанд ва иваз мешаванд. Азбаски дар ҳаёти иҷтимоӣ як силсила ҳодиса, ҳолат, масъала ва муносибатҳое ҳастанд, ки ҳамеша давом мекунанд, дар тамоми давраҳо мавқеъ ва мартабаи калон доранд, дар адабиёти бадеӣ низ мавзуъҳое ҳастанд, ки ҳамешагӣ идома меёбанд. Дар шумори чунин мавзуъҳо *дӯстии халқҳо, илму маърифат, ишқу муҳаббат* ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Дар эҷодиёти классикони гузашта ҳусну малоҳати одам, заковати инсонӣ, шуҷоату қаҳрамонӣ, зебоии ботинӣ, дӯст доштани муҳит ва амсоли инҳо, мақоми азимеро ишғол менамоянд, ки ин мавзуъҳо дар адабиёти тоҷик низ дида мешаванд. Аммо дар адабиёти тоинқилобӣ интихоби мавзуъ, ва махсусан ҳалли он, бештар муҷаррад, алоҳида, схематикӣ ва якранг сурат мегирад, яъне, мавзуъҳо бо ҳамдигар алоқаманд инъикос намеёбанд. Ҳалли мавзуъ бо ҳодисаҳои мушаххаси ҳаётӣ, бевосита бо зиндагӣ вобаста нест. Мисол, дар "Шоҳнома" қаҳрамонӣ ва ҷангҳо, ҷангҳои кишварҳо асосан дар симои паҳлавонҳои ҷудогона гирд оварда шудаанд. Ё ин ки дар достонҳои ишқии романтикӣ диққат танҳо ба саргузашти пурӣшӯри қаҳрамонон равона мешавад.

Дар адабиёти асримиёнагӣ нависандагон мекӯшиданд, то мавзуъ бештар диққатангез ҳал шавад. Табиист, ки дар ин сурат, ҳалли мавзуъ бо масъалаҳои дигари ҳаётӣ, бо ҳодисаҳои мушаххаси зиндагӣ хеле суст вобаста мегардад, ва гоҳе алоқаманд намешавад. Аммо дар садаи XX, аз як тараф, интихоби мавзуъ бо тарафҳои гуногуни ҳаётӣ вобаста бошад, яъне, агар мавзуи марказӣ бо силсилаи мавзуъҳои дигар алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, дар ҳалли мавзуҳои давраи мушаххаси таърих, ҳолату воқеаҳои зиндагӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мисол, мавзуи манзара дар адабиёти

тоинқилобӣ бештар дорои хусусияти муҷаррад аст, зеро дар шеърҳои манзаравии гузаштагон нишонаҳои манзара ба чашм мерасанд. Аз ин қабил шеърҳо маҳалле мушаххас, ҳаёти мушаххас равшан тасаввур намешавад. Барои мисол мусаммати мусаддаси машҳури Манучеҳрӣ - "Хезеду хаз ored ..."-ро ба хотир овардан мумкин аст. Ин шеър бисёр шавқангез ва самимона эҷод шудааст. Аммо бояд иқрор шуд, ки макони манзара, ба методи асосии адабиёти асримиёнагӣ, як андоза муҷаррад мебошад.

Барои муқоиса шеъри манзаравии шоири муосир Муъмин Қаноат "Пири гулфурӯшон"-ро мулоҳиза кардан мумкин аст:

Кӯҳи Варзобро чи даврон аст,
Гӯиё пири гулфурӯшон аст:
Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,
Лоқии шоҳӣ дар камар дорад,
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад.

Бояд ишора кард, ки дар ҳар ду шеър, инсон дар мадди назари шоир қарор гирифтааст. Ин ҷиҳати анъанавист. Аммо агар дар объекти тасвири Манучеҳрӣ инсон ҷои дуюмдараҷаро ишғол намуда, шахси беҳаракату ғамолуд намояд, дар шеъри Муъмин Қаноат вай дар маркази объекти тасвир қарор гирифтааст, ва ба назари хонанда шукӯҳманду фаъол ва олиҳиммат мерасад.

Дар шеърҳои манзаравии шоирони тоҷик манзара бештар ба таври мушаххас таҷассум меёбад, ва хонанда аз шеърҳои манзаравии адибони муосир донише бештар ҳосил карда метавонад. Ба тарзи дигар гӯем, анъанаи мавзуи манзара дар адабиёти муосири тоҷик васеъ идома меёбад. Аммо ин анъана хеле мукаммалтар гардидааст. Сабаби ин

дигаргунӣ, ва ба ин восита омили навоварӣ - **сохти иҷтимоӣ**, ва инчунин методи тараққиёти ҳозираи адабиёт мебошад.

Мавзуи фалсафаи зиндагӣ дар эҷодиёти Хайём, Ҳофиз, Бедил барин адибони мутафаккир ҳамчун анъана ривоҷ дошт. Ин шоирон абадияти ҳаётро, гузаранда будани умри инсонро, зебоӣ ва иқтидори одамиро тараннум кардаанд. Дар эҷодиёти ин қабил адибон ҳаёт асосан ҳамчун як предмети объективӣ инъикос карда мешавад. Дахолати субъект ба объект тақрибан мушоҳида намешавад. Аммо дар давраи нави таърих дар эҷодиёти Лоҳутӣ, Иқбол ва адибони дигар масъалаи фалсафаи ҳаёт бо дахолати фаъоли одам тасвир карда мешавад, яъне, инсон шахси фаъол – муқтадир ва дигаркунандаи объект – ҳаёт тасвир мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки як силсила мавзуъҳои анъанавӣ дар адабиёти тоҷик низ давом мекунанд, вале ин мавзуъҳои анъанавӣ мувофиқи иқтизои давраи нави таърих ва ҳаёти конкрети моддӣ, тибқи тараққиёти мафкураи ҷамъиятӣ ба тағйирот дучор шуда, мукаммал гардидаанд.[1]

Тавре ки суханшиноси забардасти асримиёнагии тоҷику форс Насириддини Тӯсӣ гуфтааст, "рӯзгорро дар кори шеър мадхале азим аст", яъне, мувофиқи рафти зиндагӣ адабиёти бадеӣ низ ҳатман ба тағйироту такомулот дучор меояд ва ба ҳамин маънӣ, анъанаҳо ҳам инкишоф меёбанд. Вобаста ба масъалаи мазкур ақидаҳои ду адиби бузург – Мирзо Турсунзода ва Самад Вурғун ба хотир мерасанд. Дар яке аз мачлисҳои Даҳаи адабиёти тоҷик дар Маскав (1 октябри 1949) устод Мирзо Турсунзода гуфта буд: "Ба қарибӣ, дар рӯзҳои Конференсияи тарафдорони сулҳ дар Маскав, миёни рафиқонӣ озарбойҷонӣ рафиқон А. Фадеев, Н. Тихонов ва дигарон нишаста буданд. Самад Вурғун масъала ба миён гузошт, ки агар шеъри Озарбойҷон аз паи Фузулӣ наравад,

[1] Доир ба масъалаҳои анъанаю навоварӣ дар жанрҳои адабии муосир ва вазну қофияи шеър, аз ҷумла ниг.: *Р. Мусулмонқулов.* Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: УДТ, 1985, с. 42-111.

анъанаҳои миллии шарқии худро гум мекунад. Ман гумон мекунам, ки ин фикр ғалат аст".[1] Баъд устод Турсунзода ақидаи худро доир ба анъанаҳои миллӣ ва як чизи шахшудамонда набудани он баён мекунад, ки айни ҳақиқат мебошад: "Анъанаҳои миллӣ чистанд? Ман чунон мефаҳмам, ки онҳо сарчашмаи халқӣ доранд, онҳоро муттасил афзун кардан лозим меояд, ҳамаи чизи беҳтаринеро, ки дар адабиёти умумичаҳонӣ, дар адабиёти рус мавҷуд аст, бояд гирифт. Бидуни ин ягон пешравӣ имкон надорад. Анъанаҳои миллӣ агар мунтазам бой карда нашаванд, анъанаҳои миллат шуда наметавонанд, зеро аз ҳаёти халқ пас мемонанд".[2]

Академик Д. Лихачев навишта буд: "Гузаштаи худро дӯст доштан ва бо он фахр кардан лозим аст, аммо гузаштаро на дар шакли яклахт, балки ҷиҳатҳои беҳтаринашро – он чизҳоеро, ки дарвоқеъ шоистаи ифтихоранду ҳам имрӯзу ҳам минбаъд даркор мешаванд, бояд дӯст дошт".[3]

Ҳақиқати ин суханонро тачрибаи эҷодии адибони тоҷик ва нависандагони халқҳои дигар равшану қатъӣ собит намудааст.

2. ***Робитаи адабӣ.*** Адабиёти бадеии ҳар як халқ, дар марҳилаи ибтидоӣ, мувофиқи тақозои эҳтиёҷоти маънавии он халқ пайдо мешавад, аммо барои инкишофи минбаъдаи вай омилҳои зерин заруранд:

1. мутобиқати сиёсию таърихии ҳаёти ҷомеа;

2. тақозои ахлоқию мадании ҳаёти ҷомеа;

3. таърихи маданияти халқ, яъне, доираву ҳудуд ва дараҷаи анъанаҳои мавҷудаи мардум;

4. робитаҳои адабӣ.

[1] Декада таджикской советской литературы в Москве. Сборник материалов. – Сталинабад, 1950, с. 124.

[2] Ҳамон ҷо, с. 125.

[3] *Д. Лихачев.* Слово о Родине. Правда, 1984, 13 январ.

Бидуни робитаи адабӣ, ҳеҷ як адабиёти рӯи замин инкишоф ёфта наметавонад, ки ин ҳақиқатро суханвари забардасти олмонӣ Иоганнес Бехер нозук ҳис намуда, таъкид кардааст: "Адабиёти ҳақиқатан миллӣ танҳо ба шарофати робитаҳои самарабахш бо адабиёти халқҳои дигар ба миён омада камол меёбад". Ҷалолиддини Балхӣ ба воситаи образи шоирона ба масъалаи ҳамкорӣ таваққуф карда, бе мадади каси дигар ва чизи дигар **касе** ва **чизе** шуда натавонистани **ҳеҷ касу ҳеҷ чизро** рехтаву матин ифода намуда буд:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

Саъдии Шерозӣ мегӯяд:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон
Чида нашуд бе мадади дӯстон.

Дар ҳақиқат, бо як гул баҳор намешавад, бо як гул гулдаста дуруст карда намешавад ва аз як гул гулистон бунёд намегардад. Баҳору гулдаставу гулистон аз маҷмуи гиёҳу лолаҳо, аз гулҳои бешумори гуногунбӯю рангоранг фароҳам меояд. Адабиёти олам низ ҳамин тавр аст, дар офариниши он, ривоҷу равнақи вай тамоми мардуми соҳибзавқи ҷаҳон мувофиқи завқи эстетикии худ саҳм гузоштаанд.

Чунонки, дар халқ "ангур ангурро дида чашмак мезанад" мегӯянд, шоирону нависандагони халқҳои гуногун аз адабиёти ҳамдигар меомӯзанд, илҳом мегиранд ва аз таҷрибаи эҷодии дигарон фоида мебаранд.

Робитаи адабии халқҳо дар сурати мавҷуд будани шароити муносиб барқарор мегардад. Ба қатори шартҳои муносиб омилҳои зеринро дохил кардан мумкин аст.

Якум – дӯстии халқҳо, ки дар сурати мусоидати сохти ҷамъиятӣ ва вазъияти сиёсӣ фароҳам меояд. Г.В. Плеханов дуруст ишора кардааст, ки "таъсири адабиёти як кишвар ба дигаре рост мутаносиб мебошад бо шабоҳати иҷтимоии ин мамлакатҳо".[1]

Дуюм – инкишофи вазъияти сиёсии дохили кишвар, ки ба соҳибдавлати оқилу дурандеш вобаста аст, ва хоҳу нохоҳ робитаҳои сиёсӣ, илмиву техникиро бо кишварҳои дигар ба амал меоварад. Чунончи, Петри Кабир, ки Русияи чоряки аввали асри XVIII-ро бо роҳи солими сиёсӣ пеш мебурд, зарурати робитаҳои хориҷии сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, техникӣ, маданӣ ва ғ-ро равшан ҳис намуд, барои ин навъ алоқаҳо кӯшишҳои оқилона сарф кард, ва ба натиҷаи дилхоҳ ҳам расид. Ба ҳама маълум аст, ки Русия дар даврaҳои баъдинаи таърих, махсусан дар асри XIX ба муваффақиятҳое ноил гардид. Ин тараққиёт самараи сиёсати пешгирифтаи Петри Кабир аст.

Аз мулоҳизаи омилҳои зикргардида хулосае ҳосил мешавад, ки дар сурати заиф шудану барҳам хӯрдани муносибатҳои сиёсии халқҳо, робитаҳои адабӣ ҳам заиф мешаванд, ҳатто қатъ мегарданд. Чунончи, адабиёти тоҷику форс то асри XVI миёни халқҳои Тоҷикистону Афғонистону Эрон тақсим намешаваду як адабиёти яклахт аст (ба осори Рӯдакиву Ҳофизу Ҷомӣ се халқи мазкур баробар ҳақ доранд), вале аз асри XVI сар карда се адабиёти мустақил ташаккул меёбад, ки миёни ҳамдигар робитаи нисбатан заиф доранд. Сабаби ин ҳолат ташкил ёфтани давлатҳои мустақил дар хоки Осиёи Марказӣ, Эрон ва Афғонистон мебошад, ки худ муносибатҳои дурусти сиёсӣ надоштанд.

Сеюм – ягонагии мазҳабӣ ва ахлоқию маданист. Ҳангоме мардумони гуногун ба як мазҳаб тобеъ гардонда мешаванд, бо осори адабию мадании ҳамдигар ошной пайдо карда, ва тадриҷан баҳраманд мегарданд. Инро дар мисоли пешрафти

[1] *Г.В. Плеханов.* Избранные философские произведения, т. 1. – М., 1956, с. 658.

адабиёти тоҷику форс дар асрҳои IX-X (ва минбаъд), ки бар асари ошноӣ бо адабиёти араб сурат гирифта буд, дидан мумкин аст. Адибони тоҷик, ки дар заминаи устувори анъанаҳои ғании адабӣ меистоданд, аз адабиёти араб чизҳои навро омӯхтанд, чунончи, арӯзу қофияи классикӣ ва назарияи классикии жанрҳои адабиро дар адабиёти худ муназзам (чун система) бунёд гузоштанд.

Мисоли дигари омили севум адабиёти халқҳои туркзабон шуда метавонад, ки дар асрҳои XV-XVI ривоҷ дошт. Барои эҷодиёти Алишери Навоӣ ва Бобур барин намояндагони бузурги ин адабиёт дар қатори сарчашмаҳои дигар адабиёти тоҷику форс ҳам мавқеъ дорад.

Агар омилҳои мазкур бо ҳамдигар иттифоқ афтанд, робитаи пурзӯри адабӣ барқарор мегардад, ки натиҷаҳои барҷаста ҳосили он робита мебошанд. Академик Д. Лихачев таъкид кардааст, ки: "Ҳар қадар маданияти халқ баландтар бошад, ҳамон қадар дар вай риштаҳои пайвасткунанда мустаҳкамтаранд, вай ҳамон қадар сулҳпарвартар, ҳамон қадар *иҷтимоитар* мебошад".[1] Ин донишманд идома медиҳад: "маданият бо роҳи ғункунӣ пеш меравад, на ба воситаи фаромӯш кардани гузашта".

Робитаи адабӣ шаклу воситаҳои зиёде дорад, ки баъзеи онҳо номбар мешаванд:

1) *донистани забони халқи дигар* ва мутолиаи асарҳои адабии вай дар асл (чунон ки адибони бузурги асримиёнагии тоҷику форс забони арабиро медонистанд, ӯзбек тоҷикиро, рус – фаронсавиюро олмониро, муосири советӣ - русиро ва ғ.);[2]

2) *тарҷумаи асарҳои беҳтарини як адабиёт* ба забони халқи дигар;

3) *ҷашни адибони бузург*, санаҳои барҷастаи таърих ва амсоли инҳо;

[1] *Д.С. Лихачев.* Искусство памяти и память искусства. – Литературная газета, 1982, № 50.

[2] *М. Турсунзода.* Куллиёт, ҷ. 3, с. 11.

4) *рӯзҳо, ҳафтаҳо ва даҳаҳои* адабии халқҳо дар кишварҳои ҳамдигар;

5) *сафари адибон* ба кишвари халқи дигар, ошноӣ бо ҳаёту адабиёти вай;

6) *ошноӣ ва дӯстии адибони халқҳои гуногун.* Тавре ки устод Мирзо Турсунзода мегӯяд, робитаҳои шахсии нависандагон бо хонандагон ҳамеша самарабахш будааст.

Дар сурати барқарор гардидани *робитаи устувори адабӣ* **таъсири адабӣ** ба амал меояд. Таъсири адабӣ дар сурате ҳосил мешавад, ки адабиёте чизҳои шоистаи таъсир дошта бошаду адабиёти дигар ба он эҳтиёҷ. Таъсири адабӣ дар сурате натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки чизҳои шоистаи таъсир барҷастатар бошаду дар адабиёти дигар – адибоне, истеъдодашон барҷастатар. Таъсири адабӣ шаклу роҳҳои зиёде дорад, чунончи:

1) пайравӣ ба *гояҳои барҷаста*, ки боиси саодати инсоният мешаванд;

2) пайравӣ ба *мавзуъҳои пешқадаме*, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ кӯмак мерасонанд;

3) пайравӣ ба *методи тасвирии* воқеияти зиндагӣ;

4) пайравӣ ба кор фармудани *ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ*;

5) пайравӣ ба сохтмони *сужа ва усулҳои тасвири зиддият*;

6) пайравӣ ба *устухонбандии асари бадеӣ*;

7) пайравӣ ба тарзу усулҳои *офариниши образ* ва характерҳо;

8) пайравӣ ба худи *сужа, образҳои барҷастаи бадеӣ*…

Натиҷаҳои таъсири адабиро ба ду гурӯҳ: *зоҳирӣ ва ботинӣ* тақсим кардан мумкин аст. Гоҳе таъсири адабиётеро ва ё ягон намояндаи бузурги вайро ба адабиёти халқи дигар равшану ошкоро мушоҳида кардан мумкин мегардад. Аммо гоҳе нависандаи соҳибистеъдоде бар асари ошноӣ бо осори барҷастаи бадеии халқи дигар илҳом мегирад ва худ кашфиёти эҷодӣ ба амал меорад. Ҳарчанд ин навъ кашфиёт бозёфти худи адиб аст, дар вай саҳми таъсири файзбахши адабиёти халқи дигарро инкор кардан мумкин нест.

Таъсири адабӣ, ки бар асари робитаи адабӣ ҳосил мегардад, қонунияти диалектикии инкишофи адабиёти умумиҷаҳониро ифода менамояд, зеро дар марҳилае адабиёте аз адабиёти халқи дигар мутаассир шуда, равнақ меёбад ва худи вай дар марҳилаи минбаъда ба адабиёти дигар таъсир мерасонад. Гоҳе чунин ҳам мешавад, ки адабиёте дар замоне ба адабиёти дигар таъсир мерасонаду дар як замони дигар худ аз вай мутаассир мешавад. Ба ин маънӣ, адабиёти халқҳои олам камубеш бо ҳамдигар иртиботе доранд ва пешравии адабиёти умумиҷаҳонӣ ба суръати равобити адабӣ вобаста аст.

Бояд таъкид кард, ки *тақлид таъсири адабӣ шуда наметавонад*. Дар ҳар давру замон имкон дорад, ки адиби нотавоне ба ин ё он ҷиҳати эҷодиёти адиби бузурги халқи дигар тақлид кунад. Асари бо ин усул ҳосилшуда талаботи хонандаро ба куллӣ қонеъ карда наметавонад, зеро ҳангоми офариниши он нависанда чигунагии завқу эҳтиёҷоти маънавии хонандаи халқи худро ба эътибор нагирифтааст. Ин ба он мемонад, ки боғбон навдаи дарахти хуберо аз боғи дигаре ораду дар боғи худ ба ниҳоле пайванд нагузаронида, бевосита худи онро ба замин шинонад. Ин навдаи хаста сабз намешавад, сабз шавад ҳам, бари дуруст дода наметавонад.

Ба ин маънӣ, *таъсири ҳақиқии адабӣ ба ҳастии адибони соҳибистеъдод сахт вобаста аст*, зеро дар адабиёте чизи қобили таъсирро адиби забардаст эҷод мекунад ва дар адабиёти дигар, адиби соҳибистеъдоде дар заминаи он чиз кашфиёти дигар ба амал меорад. Чунон ки боғбон меваи пайвандиро аз ду дарахт ҳосил мекунад, на аз як дарахт.

"Даврае, ки асри тилоии Юнон ном дорад, дарвоқеъ дунболаи мантиқии таърихи Эрон ва натиҷаи тавсеаи фарҳанги Эрон аст".

Дар мисоли таърихи адабиёти бисёрасраи тоҷик, ки анъанаҳои барҷои хаттии он аз "Авасто" сар мешавад, равшан мебинем, ки муносибатҳои адабӣ ва мадании халқҳои гуногун

бо ҳамдигар чӣ гуна натиҷаҳои фараҳбахши дилхоҳ овардааст. Аз рӯи маводи ба даст расида, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муносибатҳои адабӣ пештар аз ҳама дар шакли тарҷумаи бадеӣ сурат гирифта будааст.

Дар адабиёти қадимаи тоҷик чандин асар аз санскрит[1] тарҷума шудаанд, ки аз як тараф, барои пешрафти маънавиёти халқ, аз тарафи дигар, барои ривоҷу равнақи адабиёти бадеии паҳлавӣ нақши калоне бозидаанд. Бузургмеҳр "Панчатантра"-ро аз санскрит ба форсии миёна бо номи "Калилак ва Димнак", бо ислоҳу иловаҳо тарҷума кард, онро донишманди бузурги эронӣ Абдулло ибни Муқаффаъ, ки номи аслиаш Хусрав пури Додуя (724-759) мебошад, ба арабӣ гардонд ва ин тарҷума дар адабиёти халқҳои Осиё ва Аврупо асоси силсилаи сершумори "Калилаю Димна"-ҳоро ташкил дод. Метавон гуфт, ки шиносоии хонандагони мо, махсусан, аҳли қалам бо "Панчатантра" ва дигар осори тамсилии ахлоқии ҳиндӣ боиси минбаъд ривоҷ ёфтани тарзи тасвири тамсилӣ ва васеъ паҳн шудани мавзуи панду андарз дар адабиёти асримиёнагии тоҷику форс гардид.

Мисоли дигаре аз файзу баракатҳои ҳамкориҳои мардумони гуногун. Аз Ҳиндустон ба Эронзамин ҳикоёти гуворое омаду таҳриру такмил ёфт ва номи "Ҳазор афсона"-ро гирифт. Он дар садаи IX ба арабӣ тарҷума шуд ва номи "Ҳазору як шаб"-ро гирифт. Ин шоҳасар дар муддати тӯлонии беш аз ҳазорсола сайр кардаасту такмил ёфтааст.

"Халқҳое, ки анъанаҳои қадимаи адабӣ доранд, таъсири адабиёти халқи дигарро зудтар қабул намуда, беҳтарин хусусиятҳои онро ҳазм мекунад. Ҷолиби диққат аст, ки анъанаҳои миллии адабиёти як халқро дигар айнан қабул намекунад, балки онро мувофиқи талаботи ҳаёт ва хусусиятҳои миллии

[1] забони қадимаи ҳиндӣ.

худ ҳазм менамояд ва таъсири қабулкардааш дар шакли миллии адабиёти ҳамин халқ чилвагар мешавад".[1]

Баъди дар асри VII Осиёи Марказиро забт кардани арабҳо, дини ислом ва забони арабӣ ба гардани мардуми ин сарзамин бор карда шуд. Ин ҳолат, аз як тараф, боиси қатъ шудани анъанаҳои миллии адабию таърихӣ ва хароб гардидани ёдгориҳои маданӣ шуда бошад, аз тарафи дигар, дар натиҷаи забти арабҳо зиёиёни мо бо илму адаби араб ва ба туфайли забони арабӣ, бо осори маданӣ ва илмии баъзе халқҳои дигари ҷаҳон шинос шуданд, ки дар ҳосил, адабиёти бадеии асримиёнагии тоҷику форс ва соҳаҳои гуногуни илм то дараҷае рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Масалан, шеър, вазну қофияи шеърӣ, санъатҳои бадеӣ ва як қатор жанрҳои адабӣ, ки дар адабиёти тоисломии мо мавҷуд буданд, дертар дар натиҷаи ошноӣ бо илму адаби араб ташаккул ёфта, қонунияти муайян ва муназзами худро зоҳир карданд.

Ё худ, маҳз ба туфайли забони арабӣ мутафаккирони давраҳои гузаштаи мо бо фалсафа, тиб ва дигар соҳаҳои илму маданияти Юнони қадим шинос шуданд. Абӯнасири Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино барин фарзандони нобиғаи даврони гузашта афкору ақоиди донишмандони юнониро давом ва инкишоф доданд, ба ин восита дар пешрафти илму фарҳанги халқҳои ин сарзамин, ва алалхусус халқи тоҷик, ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ саҳми арзандае гузоштанд. Чунончи, Абӯалӣ ибни Сино тарҷумаи арабии «Поэтика»-и Арастуро эҷодкорона омӯхта, бисёр ақидаҳои ӯро инкишоф дод, ва дар адабиётшиносии тоҷику форс таърифи пурраю мукаммали шеърро ба миён овард, ки ин назария ҳоло ҳам арзишу эътибори илмӣ ва амалии худро гум накардааст.

Дар адабиёти то исломии мо дубайтӣ, рубоӣ, маснавӣ, тарҷеот ва ғ. мавҷуд бошанд ҳам, баъдтар қонунияти жанрии онҳо пурра шуд, адабиёт бо жанрҳои нави адабӣ мукаммал

[1] Мактаби Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978, с. 25.

гашт. Адабиёти тоҷику форс дар як муддати кӯтоҳ такомулоти бо сазо карда, ба як адабиёти олам шумул табдил ёфт, ки дар ин боб бе шубҳа масъалаи таъсири мутақобилаи адабиёти халқҳои дигар, махсусан ҳинд, араб, юнон ва ғ. калон аст.

Дар асрҳои миёна ҳодиса ва масъалаҳои рангоранги робитаҳои адабӣ рух доданд, ки сабабгори он воқеаҳои таърихии марбут ба давлатдории феодалӣ буданд. Мувофиқи тақозои ҳаёти иҷтимоӣ ва шароити таърихӣ, дар Ҳироту Шервон, Бухорову Хоразм, Ҳинду Бадахшон ва ғ. доираҳои адабӣ ба миён омаданд. Як хусусияти хоси доираҳои адабии номбурда дар он аст, ки тақрибан дар ҳамаи онҳо ҳусни тавоҷуҳ бештар ба осори шоирони забардасти асрҳои X-XIV равона карда мешуд. Чунончи, Алишери Навоӣ омӯзиши эҷодиёти классикони адабиёти тоҷику форс ва пайравӣ ба ононро шарафи олӣ дониста, чунин гуфтааст:

Фонӣ, чу шудӣ ҷуръакаши Ҳофизу Ҷомӣ,
Ҷамшед гадоӣ кунад аз ҷуръаи ҷомат.

Ё худ, шоири охири асри XVIII ва аввали асри XIX Мӯниси Хоразмӣ дар қатори устодони худ даҳ шоири классики тоҷику форсро ҳам номбар кардааст:

*Волии мулки тариқат гар **Низомий**дур манга,*
*Манзили маънига Хизри роҳ **Ҷомий**дур манга.*
*Пири **Ансори** сузидин чошни нутқум топиб,*
Сӯзда ҳосил шарбати юҳйил изомийдур манга.
***Ҳофизи Шероз** лутфидин тараққийлар топиб,*
Жилвагоҳ аҳли тасаввуфнинг мақомийдур манга.
*Файзи **Фирдавси** гаҳи кунглум очибдур бийддек,*
*Гоҳ **Хоқонӣ** футуҳининг паёмийдур манга.*
*Гоҳ табъим **Анварӣ** нури била равшан бӯлуб,/*
*Гоҳ **Саъдӣ** жомининг файзи мудомийдур манга.*

*Топибон ишқи **Ироқийдин** замирим нашъае,*
Ҳосил, аҳли ишқнинг шеърӯри тамомийдур манга.
*Нусхаи таъйид **Бедилдин** топиб файзи сухан,*
Маънӣ ичра номаи иқболи томийдур манга.
Қилса ҳосид дахли бечо сӯзаро йӯқтур ғамим,
Ким бу маънида Навоий рӯҳи ҳомийдур манга.

(Мазмун: Агар волии тариқат бароям Низомӣ бошад, Хизри роҳи манзили маънӣ Ҷомӣ аст. Нутқам чошнӣ аз сухани Пири Ансорӣ ёфтааст, шарбати юҳйул-изомӣ дар сухан ҳосил шудааст. Аз лутфи Ҳофизи Шерозӣ тараққиҳо ёфта, мақоми ҷилвагоҳи аҳли тасаввуф насиби ман аст. Файзи Фирдавсӣ диламро чун байд кушодааст, гоҳе фатҳи Хоқонӣ барои ман аст. Гоҳе табъам аз нури Анварӣ равшанӣ ёфта, гоҳе файзи мудоми ҷоми Саъдӣ барои ман аст. Замирам аз ишқи Ироқӣ нашъае ёфта, шӯри тамоми аҳли ишқ ба ман аст. Нусхаи таъйид аз Бедил файзи сухан ёфта, баҳри маънӣ номаи иқболи том бо ман аст. Дахли бечо накунад дар сухан кунад ҳосид, ғаме надорам, зеро дар ин маънӣ рӯҳи Навоӣ ҳомии ман аст).

Дар асри XIX баъди ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ, дар баробари адабиёти ӯзбек, туркман, қирғиз, қароқалпоқ ва ғ. адабиёти тоҷик низ пеш рафт. Суханварони мо бо эҷодиёти адибони тотор, озарӣ ва ба воситаи онҳо бо асарҳои нависандагони рус ва баъзе халқҳои Ғарб шиносоӣ пайдо карданд.

Хонандагони тоҷик бо намунаҳои осори Лев Толстой, Н. Гоголь, Жюл Верн, Виктор Гюго, А.Дюма, Фердинанд Дюшен ва дигар халқҳои аврупоӣ ҳанӯз дар ибтидои асри XX шинос шуда буданд.

Пайдоиш ва инкишофи ҷараёни маорифпарвариро бе таъсири ҳодисаи муҳими таърих – ишғоли Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва тавассути он зуҳури сохти нави ҷамъияти капиталистӣ ва бе таъсири адабиёту матбуоти

халқҳои номбаршуда тасаввур кардан мумкин нест. Маҳз ба туфайли ошноии нависандагон бо ҳаёту адабиёти халқҳои дигар, ба масъалаи инъикоси муаммоҳои муҳимтарини замон ва шакли демократии асари бадеӣ бештар диққат доданд.

Ин тасаввур ҳам дуруст нест, ки адабиёти гузаштаи тоҷик аз эҷоди бадеии ҳиндиён, юнониҳо, арабҳо, русҳо ва халқҳои дигари олам, муттасил бархурдор будааст у аммо ба ҳаёти адабӣ ва мадании ягон халқи дигар асаре нарасонида бошад. В.М. Жирмунский навишта буд: "дараҷаи маданияти халқ ҳар қадар баландтар бошад, робита ва таъсири мутақобилаи он бо дигар халқҳо ҳамон қадар пурманфиаттар мешавад".[1]

Арабҳо баъд аз забти кишварҳои бегона бо илму тамаддуни як қатор халқҳо шинос шуданд, аз соҳаҳои гуногуни маданияти он халқҳо, махсусан халқҳои эронинажод бештар баҳраманд гаштанд, ки ин масъаларо Х.А.Р. Гибб, Р. Фрай, Б. Ғафуров, Б.В. Веймарн, В.К. Чалоян, Б.Я. Шидфар барин донишмандон таъкид кардаанд. Бесабаб нест, ки адабиёти бадеии араб ва соҳаҳои гуногуни илм маҳз баъди мусулмон шавии сокинони Аҷам ба дараҷаи мислаш дида нашуда инкишоф ёфт. Қонунияти арӯз, илми қофия, сарфу наҳви забони арабӣ маҳз баъди тарвиҷи ислом муқаррар карда шуданд ва дар ин соҳаҳо ва дигарбозёфтҳо хидмати донишмандони аҷамӣ бузург аст. Муҳаққиқони араб мусаллам медонанд, ки Ибни Муқаффаъ аз ҷумлаи асосгузорони забардасти насри бадеии араб аст. Башшор ибни Бурди Тахористонӣ (714-784), Абӯ Нувос (782-813) – бунёдгузорони назми классикӣ мебошанд; ин суханварони донишманд фарзандони халқҳои эронинажод буданд. Ҳамин тариқ, дар инкишофи адабиёти бадеии араб Саолабӣ, Ибни Қутайба,

[1] *В.М. Жирмунский.* Литературные течения как явление международное. – Белград – Ленинград, 1967, с. 7.

Соҳиб ибни Ибод, Рағиби Исфаҳонӣ, Майдонӣ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Ҳарирӣ ва дигарон ҳиссаи намоёне гузоштаанд.

Адабиёти халқҳои арабизабон бо ғояву мавзуъҳо, жанрҳои адабӣ, сужету композитсия, калимаву таъбирҳо ва як қатор образҳои шеърии тоҷикӣ-форсӣ ғанитару мукаммалтар гашт. Дар тадқиқу таҳқиқ ва муайян кардани қонунҳои сарфу наҳви адабӣ Себӯя, Саолабӣ, Замахшарӣ, Ҷомӣ барин донишмандони бузург хидмати калон кардаанд.

Халил ибни Аҳмад, ки қонунияти вазни шеърии арӯзи арабро кашф карда, асоси арӯзи нормативиро гузоштааст, мувофиқи гуфтаи Ҷоҳиз, Масъудӣ, Ибни Халқон ва дигарон аз шеъру суруду мусиқӣ, умуман, тамаддуни халқҳои эронизабон, баҳраи комил доштаанд ва дар кашфиёти худ аз китобҳои форсиён истифода бурдаанд. Мувофиқи нишондоди нависанда ва мутафаккири бузурги тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ, Халил ибни Аҳмад дар таъсиси арӯз аз вазни ҳиндиёни қадим низ фоида бурдааст.

Муҳаққиқони ховаршинос дар натиҷаи таҳлили далелҳо ва ҳодисаҳои адабӣ, ба хулосаи дурусте омадаанд, ки барои пайдоиш ва ташаккули адабиёти халқҳои туркзабон адабиёти тоҷику форс, дар баробари эҷодиёти шифоҳии халқҳои туркзабон, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосӣ хизмат кардааст. Гуфтаҳои алоҳида, асарҳои адабии бадеӣ ва рисолаҳои илмии Юсуфи Баласоғунӣ, Сайфи Сарой, Ҳайдари Хоразмӣ, Навоӣ барин фарзандони халқҳои туркзабон ҳамин матлабро таъкид ва тасдиқ мекунанд.

Яке аз аввалин ёдгориҳои хаттии адабии халқҳои турк забон "Кутадғубилик" мебошад, ки шоири дарбори Қарохитоиён Юсуф Хос Ҳоҷиб дар асри XI дар пайравии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ офаридааст. Юсуф Хос Ҳоҷиб натанҳо вазни "Шоҳнома" – *мутақорибро* ба кор бурда, балки аз сужету образҳои Фирдавсӣ низ истифода кардааст.

Алишери Навоӣ дар бораи ҳаққи устодии Абдураҳмони Ҷомӣ нисбат ба худ сухан ронда, самимона ӯро гаштаю баргашта "Маҳдуми Нуран", "қибла", "устод" ва "пир" меномад, ки ин нишонаи эҳтироми том ва муносибати поку беғаши шогирди закӣ ба устод мебошад. Гуфтааст:

Улсафо аҳли пок фарҷомӣ,
Покфарҷоми покфар Ҷомӣ.
Ул яқин сорӣ дастгир манга,
Қиблаву устоду пир манга.

(Мазмунаш: Он аҳли сафо пок фарҷомӣ: покфарҷоми покфар Ҷомӣ. Сӯи ҳақиқат маро дастгир аст, маро қиблаву устоду пир аст).

Навоӣ, ки зери таъсири осори хоҷа Ҳофиз қариб 600 ғазал ба забонҳои тоҷикию туркӣ суруда аст, мақому мартабаи ин марди бузургро ин тавр таъкид мекунад:

Ғазал гуфтан мусаллам шуд ба Ҳофиз, шояд, эй Фонӣ,
Нашоӣ чошнӣ дарюза з-он назми ҷаҳонороро.

Шоирони туркзабон асарҳои суханварони тоҷику форсро суботкорона омӯхтанд; аз сужету образҳо, ғояву мавзуъҳо, жанру тарзи нигориши адабиёти тоҷику форс фоида бурда, адабиёти худро ба вуҷуд оварданд ва инкишоф доданд.

Адабиёти тоҷик натанҳо дар инкишофи адабиёти бадеии ӯзбек ва халқҳои дигари туркзабон асар кардааст, балки донишмандони соҳаҳои гуногуни илм аз асарҳои олимони тоҷику форс ба тарзи фаровон истифода бурдаанд. Масалан, Алишери Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобур асарҳои назарии Рашидаддини Ватвот ("Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър"), Шамси Қайси Розӣ ("Ал-Муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам"), хоҷа Насириддини Тӯсӣ ("Меъёр-ул-

ашъор" ва "Асос-ул-иқтибос"), Ваҳиди Табрезӣ ("Ҷамъи мухтасар"), Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ("Бадоеъ-ус-саноеъ") ва дигаронро бодиққат омӯхта, дар партави онҳо "Мизон-ул-авзон", "Рисолаи арӯз" барин асарҳои худро офариданд ва бо ҳамин *назарияи арӯзи туркиро* бунёд ниҳоданд.

Ин ҳолат низ бесабаб намебошад, ки аввалин шоирон ва асосгузорони адабиёти халқҳои озар, ӯзбек, туркман ва ғ., суханварони зуллисонайн (дузабона) буданд; онҳо адабиёти тоҷику форсро ба хубӣ омӯхта, чи ба забони туркӣ ва чи ба забони форсӣ-тоҷикӣ асарҳои бадеӣ эҷод намудаанд. Лутфӣ, Амир Шайхами Суҳайлӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон ба тоҷикӣ озодона асарҳо таълиф кардаанд. Шоирони минбаъдаи ӯзбек, аз қабили Турдӣ, Муқимӣ, Фурқат ва дигарон низ ба забони мо шеърҳо сурудаанд.

Шоири номдори Озарбойҷон Имодаддини Насимӣ, ки ӯро дар асри XIV ваҳшиёна ба қатл расонда буданд, дар баробари девонҳои озарӣ ва арабӣ, ба забони тоҷикӣ-форсӣ низ девони ҷудогонае офаридааст. Насимӣ дар ашъори худ ба бисёр суханварони гузаштаи тоҷику форс, махсусан, ба хоҷа Ҳофиз ва Ҷалолиддини Балхӣ пайравӣ намуда, аз худ шеърҳои самимона мерос гузоштааст.

Суханварони дигари Озарбойҷон, ҳамчун Фузулӣ, Фазлӣ, Воқиф, Видодӣ, Охундов, Собир, Мамадқулизода ва дигарон, баробари ба забони модарии худ шеър гуфтан, ба забони тоҷикӣ-форсӣ низ кам ё беш асарҳо ба майдон овардаанд. Як хизмати бузурги суханварони Озарбойҷон дар он аст, ки як гурӯҳи онҳо бисёр асарҳои адибони тоҷику форсро ба забони модарии худ тарҷума карданд, ки ба ин восита бо баъзе намунаҳои адабиёти бадеии тоҷику форс, идеалу сужет, образу андешаҳои адибони мо натанҳо хонандагони Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон ва дигар мардумони Кавказ, балки толибони каломи бадеъи баъзе халқҳои Ғарб ҳам шинос шуданд.

Як гуфтаи Карл Маркс ба ёд меояд: **"Ҳар як миллат метавонад ва бояд аз миллатҳои дигар биёмӯзад"**.

Адабиёти ғанӣ ва рангоранги тоҷику форс бо роҳу воситаҳои гуногун ба баҳру бар сайр мекунанд, ва дар бисёр масъалаҳо ба адабиёти халқҳои аврупой таъсири пурсамар мерасонад.

Алигйери Данте аз сужаи "Артай-Вирап-номак" илҳом гирифта, аз он дар таълифи "Мазҳакаи илоҳӣ" истифода кардааст.

Саргузашт ва моҷароҳои қаҳрамонони романҳои ҷавонмардонаи Граал ба "Корномаки Артахшери Попакон" шабоҳат дорад.

Умуман, тавре ки мутахассисон нишон додаанд, адабиёти давраи паҳлавӣ ва асримиёнагии тоҷику форс, хоса ҳикоёти тамсилӣ ба адабиёти бисёр халқҳои аврупой, махсусан қиссаҳои паҳлавонии он таъсири пурфайзе кардаанд.

Гегел аз осори бадеӣ ва фалсафии бузургони гузаштаи тоҷику форс мутаассир гашта, ӯро махсусан фалсафаи Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ ба илҳом овардааст.

Гете аз қудрати сухани каломи бадеии тоҷику форс ва махсусан хоҷа Ҳофиз, ба ваҷд омада, "Девони Шарқу Ғарб"-ро эҷод намуд. Ин суханвари бузург дар бораи қадру эътибори классикони адабиёти тоҷику форс навиштааст: **"Мегӯянд, ки форсҳо аз тамоми шоирони панҷ асри худ** (асрҳои X-XV – Р.М.) **ҳамагӣ ҳафт танро меписандиданд; ҳол он ки дар миёни боқимондагони эътирофнашуда боз суханварони зиёде ҳастанд, ки як сару гардан аз ман баланданд"**.[1]

Дар бунёди дурдонаи дигари адабиёти ғарбӣ - "Оҳангҳои шарқӣ"-и Виктор Гюгои фаронсавӣ партави осори Саъдии Шерозӣ назаррас аст. Муҳаққиқи тоҷик шодравон Шокир

[1] Аз китоби академик *А. Кримский*: История Персии, её литературы и дервишской теософии, т. III. – М., 1914-1917, саҳифаи унвон.

Мухтор ба хулосае омадааст, ки "дар бунёду инкишофи адабиёти класситсистии фаронсавӣ маҳз суханварони Аҷам ширкат варзида, заминаи ашъори пандомезонаи ононро ободу густариш дода буданд".[1]

А. Пушкин ба назми Саъдиву Ҳофиз мафтун гардида, якеро *хирадманди шоистаи иқтибос*, дигареро *шоири шоёни тақлид* донистааст. Ин шоири бузург аз осори хоҷа Ҳофиз илҳом гирифта, баъзе шеърҳои лирикии худ, ҳамчун "Машав асири шӯҳрати сарбозӣ" ("Не пленяйся бранной славой»), «Эй духтари гул» («О, дева, роза») ва ғ-ро дар пайравии ӯ офарида, дар асарҳои дигараш шумори таркиб ва образҳои шоиронаи ӯро ба кор бурдааст. Шоири рус Фет ғазалҳои Ҳофизро тарҷума кард, усулҳои қофияву радифро риоят намуд, ва бо ҳамин, дар шеъри рус *анъанаи газалро ибтидо гузошт*. Нависандаи рус Ф.М. Достоевский роҷеъ ба осори мардуми дигарро омӯхтани адибони бузург мегӯяд: «Бигиред фақат як ҷиҳатеро аз Пушкин, хусусиятҳои дигари ӯро як тараф монда, танҳо якеро бигиред: лаёқати умумиҷаҳонӣ, умумиинсонӣ, умумраѓбатро. Вай (Пушкин – Р.М.) тамоми адабиёти ҷаҳонро азхуд мекунад, ӯ ҳар якеро аз онҳо то он дараҷае мефаҳмад, ки дар шеъри худ инъикос месозад, аммо чунон инъикос мекунад, ки асрори амиқтарини хусусиятҳои бегона ба шеъри худи ӯ мегузаранд».[2]

Н.Г. Чернишевский қаҳрамонони Фирдавсиро мадҳу сано хонда, диққати ҳамзамонону наслҳои ояндаро ба шоҳасари адабиёти тоҷику форс ҷалб намуда буд. Шоирони рус Кузмин, Иванов, Брюсов ва дигарон, ба тарзи суханварони лирики мо шеър гуфта, ғазал сурудаанд. Сергей Есенин худро мусофири олами назми Аҷам донистааст ва дурдонаи гаронбаҳотаринаш – «Савтҳои форсӣ»-ро дар пайравии шоирони бузурги форсизабон офаридааст.

[1] *Шокир Мухторов.* Саъдӣ ва Гюго. – Тоҷикистони Советӣ, 1985, 22 май.
[2] *Ф.М. Достоевский.* Полное собрание сочинений, т. XIII. – М., 1980, с. 19.

Ин қабил мисолҳоро, ки аз муносибати гарму ҷӯшони оламиён ба адабиёти тоҷику форс ва таъсири пурфайзи адабиёти гузаштаи тоҷик ба суханварони забардасти ҷаҳон шаҳодат медиҳанд, бепоён овардан мумкин аст ...

Дар адабиёти гузаштаи мо дӯстиву рафоқат, инсонпарвариву адолат, ватандӯстию накӯкорӣ барин ғояҳои пешқадами ҳаётан зарур талқин карда мешуданд, ин адабиёт ба шарофати ҳамин ғояҳо ва таҷассуми моҳиронаи онҳо басазо ном баровардааст. Ва шӯҳрати рӯзафзуни умумиҷаҳонии вай ҳам дар ҳамин ғояҳои олии ҳаётӣ мебошад.

Мувофиқи тақозои шароити таърих ва сохти қафомондаи феодалии аморати Бухоро дар гузашта ҷинси драма ривоҷ наёфта буд, вале ҳоло адабиёту фарҳанги тоҷикро бе драма тасаввур кардан мумкин нест.

Дар адабиёти гузаштаи мо *рубоиву ғазал, қитъаву дубайтӣ, ҳикояву мустазод* мавҷуд буданд, ки онҳо дар замони комилан нави таърихӣ гоҳе шаклан ва махсусан мазмунан инкишоф ёфтанд. Ба туфайли ҷустуҷӯ ва навовариҳои адибони мо имкониятҳои нави *мураббаву мухаммас, мусаддасу мусамман, тарҷеъбанду таркиббанд* барин жанрҳои адабӣ кашф шуданд ва ҳоло шаклҳои нави онҳо ба миён омадаанд.

Дар насри бадеии гузашта жанрҳои қисса, роман, ёддошт, сафарнома ва амсоли инҳо мавҷуд бошанд ҳам, онҳо то имрӯз бо қонун ва хусусиятҳои нави жанрӣ такмил ёфта, ҳамчун навъҳои комилҳуқуқи адабӣ мавқеи устувори худро ишғол намудаанд.

Дар хусуси пешравӣ ва такмили босазои адабиёти тоҷик дар масъалаҳои *методи эҷодӣ, услуби бадеӣ, воситаҳои тасвир* ва монанди инҳо ҷои сухан ҳам нест. Роман, повест ва шеърҳои Айнӣ ва Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ ва Сотимхон Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва Фазлиддин Муҳаммадиев дар тарвиҷи адабиёти имрӯзаи мо саҳми намоёне доранд.

Аз ин рӯ, яке аз донишмандони адабиёти муосири тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ ба масъалаи ҷараёни имрӯзаи адабиёт таваққуф карда, дуруст қайд кардааст, ки «Ҳоло ҷавонтарин адиби тоҷикро берун аз робитаҳои рӯзафзуни интернасионалии маданияти тоҷик тасаввур кардан мумкин нест».[1]

Адабиёти халқҳои бародар ба адабиёти тоҷик натанҳо дар масъалаи ҷинсу жанр, методу услуб ва ғ. таъсири босамар расондааст, балки адибони мо аз эҷодиёти нависандагони дигар **дарси маҳорат** ҳам омӯхтаанд, ва ин омӯзишро муттасил давом ҳам медиҳанд.

Устод Айнӣ самимона изҳор кардааст, ки ӯ аз эҷодиёти Максим Горкий бисёр чизҳоро омӯхтааст. Дарвоқеъ, дар бисёр масъалаҳои эҷодӣ, чунончи, тасвири корубор ва маишат, тарзи тафаккур ва олами эстетикии халқ; дар истифода аз ҳикматҳои халқӣ; дар тарзи баёни ҳақиқати воқеӣ; дар рӯҳи зарифона ва таровати сухан ва амсоли инҳо нақши файзбахши Максим Горкийро дар эҷодиёти устод Айнӣ ва адибони дигари тоҷик пай бурдан мумкин аст.

Устод Айнӣ гуфтааст: «Шумо мебинед, ки дар «Одина»-и ман фолклор бисёр кам аст, дар «Дохунда» як миқдор фолклор ҳаст, аммо дар «Ғуломон» фолклор – зарбулмасал, латифаҳои халқӣ хеле бисёранд. Ин бешубҳа вобаста ба омӯзиши ман Максим Горкий ва таълимоти ӯрост дар бораи фоида бурдан аз фолклор ва афсонаҳои халқӣ».[2] Устод Айнӣ боз дар ҷои дигар мегӯяд: «Ман дар додани образҳо, дар ташбеҳҳо, дар баёни характери қаҳрамонҳо, дар тарзи ифодаи сода аз Максим Горкий бисёр чизҳоро омӯхтаам».[3]

Барои бори дигар равшан тасаввур намудани ҳақиқати ин масъала он далелро ба хонанда ҳавола намудан мумкин аст, ки

[1] *М. Шукуров.* Чашмандози адабиёти тоҷик. – Маориф ва маданият, 1972, 16 ноябр.
[2] *С. Айнӣ.* Зиндаи ҷовид. Куллиёт, ҷ. 11 китоби якум, с. 193-194.
[3] Ҳамон ҷо, с. 193.

С. Айнӣ, аз як тараф, ба анъанаҳои Носири Хусрав, Зайниддин Восифӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Мирзо Сирочи Ҳаким ва дигар нависандагони гузаштаи тоҷик такя карда, аз тарафи дигар, асарҳои шарҳиҳолии Максим Горкий «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва «Дорулфунунҳои ман»-ро эҷодкорона омӯхта, яке аз шоҳасарҳои худ «Ёддоштҳо»-ро ба миён овард.

Устод Айнӣ соли 1918, дар замоне, ки истибдоди амирӣ ҳанӯз идома дошту ба қиёми худ расида буд, жанр ва вазни арӯзи анъанавиро эҷодкорона истифода карда, дар ҳавои «Марселйеза» суруди «Марши ҳуррият»-ро офарид, ки он дар бедории афкори халқи мазлум нақши бузурге бозидааст.

Садриддин Айнӣ зарби ҳафтоду панҷ калтаки амириро чашида, дар мустазоди «Ба шарафи Инқилоби Октябр» чунин хитоб мекунад:

Эй машъали рахшони адолат зи куҷоӣ?
К-имрӯз ба моӣ!
Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ,
Моно ки зиёӣ!..

Устод Лоҳутӣ натанҳо аз эҷодиёти Максим Горкий баҳраманд шуда, аз асарҳои ӯ дарси ибрат омӯхтааст, балки аз маслиҳатҳои падаронаи ӯ низ файзҳо бардоштааст. Тавре ки маълум мегардад, А.М. Горкий аз корҳои эҷодии Абулқосим Лоҳутӣ муттасил бохабар будааст, ва Лоҳутӣ баъзе асарҳояшро мувофиқи маслиҳатҳои ӯ эҷод мекардааст. Бесабаб нест, ки достони машҳури устод Лоҳутӣ «Тоҷу байрақ» аз рӯи дархост ва салоҳдиди Максим Горкий офарида шудааст. Лоҳутӣ мегӯяд: «... Аз шунидани ин воқеа Горкий ба ҷӯш омад, «Шумо ҳатман бояд дар ин бора достоне нависед», гуфт ӯ ва аз он рӯз дар ҳар маҷлисе, ки ба ман рост меомад, ҳатман мепурсид: «Чӣ тавр шуд, шумо достони худро сар

кардед?» Дар натиҷаи ин таъкидоти ӯ (Максим Горкий – Р.М.) буд, ки оқибат достони «Тоҷу байрақ» ба вуҷуд омад».[1]

Устод Лоҳутӣ симои дурахшони ин суханварро дар асарҳои худ «Ба Максим Горкий» ва «Се қатра» самимона ва ҳунармандона ба қалам додааст.

Муносибати С. Айниву А. Лоҳутӣ ба эҷодиёти М. Горкий ва самимияту ҳусни таваҷҷуҳи Горкий ба эҷодиёти адибони тоҷик, аз зуҳуроти муносибатҳои тозаи адабии байни мардумон башорат медоданд.

Устод Айнӣ ҳарчанд асосан нависандаи ҳамосасарост, ба осори лирикии В. Маяковский бо дидаи ибрат менигарист, аз ганҷинаи бебаҳои эҷодиёти ӯ ҳамчун сарчашмаи маънавӣ ва маҳорат фоида мегирифт. Ӯ муносибати худро ба ин шоир дар шеъри «Ба Маяковский» чунин ба қалам додааст:

32 сол пеш аз ин рӯзе
Шеърҳои туро шунидам ман.
З-он ба конуни синаам сӯзе
Зад забона.
Шарора чидам ман.
З-он шарора баромад овозе,
Буд ин марш –
Марши озодӣ
Халқи тоҷик суруд бо шодӣ,
Гаҳ ба овову гоҳ бо созе.

Аз байтҳои боло маълум мегардад, ки устод Айнӣ бо асарҳои В. Маяковский ҳанӯз соли 1918 ошно шудааст ва «Марши ҳуррият»-ро зери таъсири эҷодиёти ин шоир сурудааст. Офариниши баъзе образҳо, тасвири лаҳзаҳо ва бандубасти сужаи чанде асарҳои устод Айнӣ, махсусан

[1] *А. Лоҳутӣ.* Куллиёт, ч. 6. – Душанбе: Ирфон, 1963, с. 228.

«Ғуломон»-ӯ, шаҳодат медиҳанд, ки адиби забардаст аз Михаил Шолохов ҳам баъзе чизҳоро омӯхтааст.

Таъсири пурсамари М. Шолохов, Ю. Лебединский ва дигар нависандагонро дар эҷодиёти Ҷалол Икромӣ ҳам эҳсос кардан мумкин аст. Ин нависанда дар айёми ҷавонӣ аз «Замини корамшуда»-и М. Шолохов, «Ҳафта»-и Ю. Лебединский, кинофилми «Аробакаши шабона» ва монанди инҳо, мутаассир шуда, дар гармогармӣ «Ду ҳафта» ва «Шодӣ»-ро эҷод намуд, ва дар интихоби мавзуъ ва тарзи ҳалли он, офариниши образу характерҳои типӣ ва ғ. илҳом гирифт. Муҳаққиқи ботачриба Л.Н. Демидчик мегӯяд, ки «Шодӣ» дар худ ду навъи ворисиятро таҷассум намуд: идомакорие, ки ба таҷрибаи бадеии миллии инъикоси ҳаёти ҷорӣ (роману очеркҳои Айнӣ, ҳикоят, повест ва очеркҳои Ҷ. Икромӣ) ва идомакорие, ки ба комёбиҳои романи шӯравӣ, махсусан ба «Замини корамшуда»-и М. Шолохов такя дорад».[1]

Ҷалол Икромӣ аз адиби мумтоз Михаил Шолохов омӯхтанро минбаъд қатъ накарда, бо маҳорати ӯ торафт дурусттар шинос шуда, сирру асрори образу характерофарии ӯро бештару бештар азхуд намудааст. Ба гумони мо, дар офариниши як қатор образҳои комил, характерҳои мураккаби Ҷалол Икромӣ, аз ҷумла Муҳаррами Ғарҷ, Асад Махсум ва баъзе дигарон сабақи мактаби маҳорати Михаил Шолоховро пай бурдан мумкин аст.

Дорандаи мукофотҳои ленинию давлатӣ, ба номи Рӯдакӣ, Нехру, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ устод Мирзо Турсунзода дар баробари омӯзиши муттасилаи адабиёти пешин ва эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик, адабиёти халқҳои дигарро пайваста меомӯхт.

[1] *М. Шукуров, Л. Демидчик.* Насри Ҷалол Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979, с. 35.

Дар лирикаи устод Мирзо Турсунзода, ки шоир ба воситаи он дар олам сазоворона ном баровардааст, бояд нақши В. Маяковский, Н. Тихонов барин суханварони русро зикр кард. Масалан, шоир дӯстии беғаразона ва ҳамкориҳояшро бо Н. Тихонов дар достони лирикию фалсафии «Ҷони ширин» чунин самимона ба риштаи назм кашидааст:

Тихонов бо мӯйҳои сап-сафед
Кард табдил сӯҳбати моро ба ид.
Дӯстиро ман аз ӯ омӯхтам,
Кишвари дилро аз ӯ афрӯхтам.
Ман аз ӯ омӯхтам касби адаб,
Ҳам муҳаббат, ҳам рафиқӣ, ҳам газаб.
Метавонад ӯ ба дарди дигарон,
Ёр гардад чун рафиқи меҳрубон …

Мирзо Турсунзода 18 июни 1965 дар рӯзномаи «Литературная Россия» дар бораи сарчашмаҳои илҳоми худ сухан ронда, оид ба муносибаташ ба ганҷинаи бепоёни адабиёти гузаштаи тоҷик, инчунин ба эҷодиёти адибони классик ва муосири рус ингуна изҳори ақида кардааст: «Ман ашъори худро натанҳо дар кӯраи назми қадимаи тоҷик обутоб додаам, балки сарчашмаҳои дигари илҳомро низ ҷустуҷӯ кардаам. Ин сарчашма пеш аз ҳама назми пешқадами инқилобии рус буд. Дар байни асарҳои ба Шарқ бахшидаи шоирони Шӯравии рус, ки диққату рағбати маро ба худ кашидаанд, асарҳои Н.С. Тихонов низ буданд».

Ин эътирофи устод Турсунзода суханони хушку холӣ набуда, ҳақиқати воқеианд, ки дар эҷодиёти шоир амалӣ гардидааст. Дар назми М. Турсунзода салосату тароват, нафосату назокати сухани Рӯдакиву Низомӣ, Ҳофизу Ҳилолӣ, пан-

ду ҳассосияти шарқиёна бо адолатхоҳиву сулҳҷӯй, ҳақталошиву озодихоҳӣ ва худхоҳиву худшиносии замонавӣ бо ҳам ачаб омезиш ёфтаанд…

Адабиёти тоҷикро бе *ҳикояву очерк* барин жанрҳои оперативии эпикиву публитсистӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Асосҳои ин жанрҳо дар адабиёти пешинаи мо мавҷуд бошанд ҳам, дар давраи навин хеле инкишоф ёфтанд. Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Пӯлод Толис, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон эҷодиёти адибони дигар мардумонро омӯхта, жанрҳои номбаршударо такмил ва ривоҷ додаанд.

Дар эҷодиёти бисёр нависандагони муосири тоҷик: Фазлиддин Муҳаммадиев, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуфҷон Акобиров, Мутеулло Наҷмиддинов, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Саидалӣ Маъмур, Сорбон, Ҳалимшо ва дигарон асари пурфайзи эҷодиёти Михаил Шолохов, Александр Твардовский, Владимир Маяковский, Сергей Есенин, Владимир Луговский, Расул Ҳамзатов, Эдуардас Межелайтис, Юстинас Марсинкиявичюс, Давид Кугултинов, Олим Кешоков, Олжас Сулаймонов, Силва Капутикян, Евгений Евтушенко, Роберт Рождественский ва дигаронро низ мушоҳида кардан мумкинаст.

Ҳамин ҳолат, яъне, таъсири файзбахши адабиёту маданияти халқҳои дигарро дар пайдоиш ва ташаккули драматургияи тоҷик низ равшан метавон дид, зеро аввалин намоишҳои театрҳои миллии мо асарҳои драмнависҳои халқҳои бародар буданд, аввалин драмаҳои миллии мо дар пайравии драматургияи адибони дигар халқҳо ба миён омадаанд. Дар ривоҷу равнақи навъҳои гуногуни драматургияи тоҷик, нақши драматургияи рус, озар, ӯзбек ва мардумони дигар калон аст. Драмнависони тоҷик сирру асрори таълифи мазҳакаю фоҷеа,

дрому либретто, водевилу киносенарияро аз драматургҳои номдори халқҳои бародар омӯхтаанд.

Дар касби камолоти бастакорону ҳайкалтарошон, рассомону ҳунармандон, ҳофизону меъморон ва дигар риштаҳои ҳунар донишкада ва донишмандони шаҳрҳои Маскав, Сан Петербург, Тошканд, Киев ва ғ. нақши бузургеро бозидаанд.

Ҳоло жанри рубоиро, ки аз кашфиёти халқи тоҷик аст, дар адабиёти бисёр халқҳои бародар: рус, украин, ӯзбек, арман, қирғиз ва дигарҳо дидан мумкин аст; шоирони русу украин, чеху словак ва ғ. *газал* мегӯянд. Ҳамин тавр, асарҳои драмавӣ, кино ва ғ. тоҷик боиси пайдоиши баъзе кинофилмҳо, асарҳои мусиқӣ ва саҳнавии халқҳои бародар гардидаанд.

Намоиши балети "Лайлӣ ва Маҷнун", "Гавҳари шабчароғ", "Зайнаббибӣ", "Тӯй", "Домоди номдор" ва дигар асарҳои драмнависони тоҷик дар театрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Ӯш ва ғ. аз такомулоти тадриҷӣ ва нуфузи драматургияи тоҷик гувоҳӣ медиҳад.

Константин Федин аҳли қаламро ба суботкорона омӯхтани анъанаҳои адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан эҷодиёти ғанӣ ва рангоранги устод Айнӣ ва маҳорати эҷодии ӯ даъват карда буд.[1]

Адабиёти тоҷик аз рӯзҳои аввали пайдоишаш диққати хонандагону нависандагони дигар халқҳои бародарро низ ба худ кашид. Устод Айниро беҳуда яке аз асосгузорони адабиёти ӯзбек намешуморанд. Ин фарзанди бузурги халқи тоҷик, ҳамчун нависандаи заковатманд, бо асарҳои сершумори бадеии эпикӣ, лирикӣ ва публитсистии худ дар адабиёту матбуоти ӯзбек, дар айёми пайдоиш ва ташаккули онҳо, як ҷунбише ба вуҷуд овард. Даҳҳо нависандагону шоирони ӯзбек дар кулли масъалаҳои раванди эҷодӣ,

[1] *К.Федин.* Речь на VI Всесоюзном совещании молодых писателей. – Известия, 1965, 8 мая.

чунончи, интихоби мавзуъ ва тарзи ҳалли он, баргузидани ҷинсу жанрҳои адабӣ, муносибат ба забон ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, тарзи тасвири ҳақиқати воқеӣ, роҳҳои офариниши образу характерҳо ва усули нишон додани сайри ташаккули характери персонажҳо ва ғ. ба устод Айнӣ лоиқи ҳоли худ пайравӣ намудаанд, ва пайравӣ кардан доранд. Аз тарафи дигар, устод Айнӣ, ки сӣ соли пурбаракати худро дар Самарқанди бостонӣ сипарӣ кардааст, дар маҷлису машваратҳои сершумори адабии Тошканд шахсан ширкат варзида, дар парвариши адибони зиёди ӯзбек бевосита ҳисса гузоштааст.

Таъсири файзбахши "Одина", "Дохунда", "Ғуломон", "Марги судхӯр", "Ёддоштҳо" барин асарҳои устод Айнӣ натанҳо дар адабиёти ӯзбек, балки дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ равшан эҳсос мешавад, ки ин ҳолатро донишмандони таърихи адабиёт нишон додаанд. Чунон чи, Муҳаммадҷон Шакурӣ дар таҳқиқоти худ муайян намудааст, ки анъанаҳои Максим Горкий дар адабиёти ҳамаи халқҳои Осиёи Марказӣ тавассути осори устод Айнӣ паҳн шудаанд.

Мувофиқи таҳқиқоти Раҳим Муқимов ва Аслиддин Қамаров дар Осиёи Миёна аввалин шуда Садриддин Айнӣ асари муҳташами ёддоштӣ офарид, пас нависандаи қазоқ Собит Муқонов ("Мактаби ҳаёт"), нависандагони ӯзбек Абдулло Қаҳҳор ("Афсона аз гузашта") ва Ойбек ("Бачагӣ"), адибони дигари тоҷик Сотимхон Улуғзода ("Субҳи ҷавонии мо"), Ҷалол Икромӣ ("Устоди ман, мактаби ман, худи ман") ва дигарон ба ӯ пайравӣ карда, анъанаи ёддоштнависиро давом ва такмил додаанд.

Соҳиб Табаров, Набӣ Раҳимов, Атахон Сайфуллоев ва дигарон собит намудаанд, ки дар Осиёи Марказӣ нахустин дафъа романи таърихиро устод Айнӣ таълиф намуд, ки он минбаъд ба анъана табдил ёфт. Дар воқеъ, ба бисёр романҳо, махсусан романҳои таърихии нависандагони ӯзбек, қазоқ,

қирғиз, туркман ва ғ. "Дохунда" ва "Ғуломон" барин асарҳои С. Айнӣ таъсири пурсамар расондаанд. Ба сарчашмаи маҳорат будани осори Айнӣ бисёр суханварон ҳамчун Маҳдӣ Ҳусайн, Мухтор Авезов, Бердӣ Карбобоев, Чингиз Айтматов ва дигарон низ таъкид намудаанд.

Ишорае кӯтоҳ ба корномаи акад. Бобоҷон Ғафуров накардан мумкин нест:

1) бо таълифоти фаровонаш собит кард, ки *тоҷикон қадимтарин сокинони бумӣ ҳастанд;*

2) Садриддин Айниро аз Самарқанд ба Душанбе кӯчонд; манзилашро ҳам дар Самарқанд нигоҳ доронд;

3) сокинони камнавои ғармиро ба ҷануби Тоҷикистон кӯчонду наводор кунонд: сокинони ин минтақа фирор карда ва хароб гашта буд; дубора обод шуд...

Бо арзи маъзарат, иловае ба забон меояд: соли 1974; гурӯҳе давраи коромӯзиро дар Маскав пушти сар мекардем; ба дидори устод Бобоҷон Ғафуров рафтем; аз ҳолу аҳволу кору бор пурсиданд; ба забон омад: "Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор" омода шудааст, гуфтанд: "анҷом шуд, биёред"; анҷом шуд, бурдам; соли 1977 аз чоп даромад; пеш аз чоп дар номаи Бобоҷон Ғафуров ин ёддошти дастӣ омада буд: *"за мой счёт"*.

Таҷассуми мавзуъҳои дӯстию бародарӣ, рафоқат ва ҳамраъйӣ аз анъанаҳои беҳтарин ва шоистаи адабиёти тоҷик ба шумор мераванд. Бояд гуфт, ин анъана таърихи хеле қадима дорад. Чунончи, ҳанӯз ҳафт аср пеш аз ин Саъдии бузург гуфта буд:

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту, к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Дар адабиёти тоҷик устод Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва дигарон ҳам анъанаи классикони адабиёти гузаштаро давом дода, ҳам ба равияи В.В. Маяковский такя карда, доир ба ҳаёти меҳнаткашони кишварҳои хориҷӣ, махсусан Шарқи азиятдида, асарҳои баландсанъату олиғоя эҷод намуданд. Дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода меҳвари асосӣ мавзуъи муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Шарқ аст. Шоири дурандеш ва нуктасанҷи тоҷик ҳақиқати таърихро маърифат намуд, ва ба хулосае омад, ки истисмори мустамликадорони ағнабӣ абадӣ нест, ва ин ҳукмронӣ бақо надорад, хоҳу нохоҳ завол меёбад. Шоири ҳақиқатбин Мирзо Турсунзода ҳамин масъалаи мураккаби иҷтимоиро, ки дар айни замон барои мардуми Ҳиндустон, Покистон, кишварҳои арабӣ ва ғ. масъалаи ҳаёту мамот ҳисоб меёфт, ба тарзи бадеӣ ва дилкашу таъсирбахш, онҷунон ки шоистаи устоди каломи бадеӣ бошад, ҳассосона ба риштаи назм даркашид. Беҳтарин асарҳои Мирзо Турсунзода "Қиссаи Ҳиндустон", "Ман аз Шарқи озод", "Садои Осиё", "Ҷони ширин" ва ғ. ба мавзуи муборизаи озодихоҳонаи халқҳои мустамликавии Шарқи мазлум бахшида шудаанд.

Мавзуи Шарқи хориҷӣ тавассути эҷодиёти Н. Тихонов ва М. Турсунзода дар адабиёт пойдор гашт. Ҳамон тавре ки Н. Тихонов мегӯяд, дар инъикоси ин мавзуъ маҳорати беҳамтои Мирзо Турсунзода зоҳир гардидааст, ва дар ин соҳа муваффақияти бузурге ба даст овардааст. Нависандагони халқҳои бародар ба Н. Тихонов ва М. Турсунзода пайравӣ намуда, ба ин мавзуи муҳими замонавӣ рӯй оварда, лоиқи ҳоли худ асарҳои бадеӣ офаридаанд ва офарида истодаанд.

Микола Бажан, Константин Симонов, Самад Вурғун, Галактион Табидзе, Евгений Евтушенко, Роберт Рождественский, Зулфия, Мамарасул Бобоев, Мустай Карим, Расул Ҳамзатов ва дигарон дар мавзуъҳои сулҳу амонӣ, дӯстию

бародарӣ, муборизаи истиқлолиятхоҳонаи кишварҳои мустамликавии Осиё ва Африқо асарҳои бадеии сершуморе эҷод намудаанд. Хурсандиовар аст, ки дар инкишофи мавзуъ дар адабиёти сермиллати рӯзгор хизмати устод Мирзо Турсунзода калон мебошад. Назар ба фикри Чингиз Айтматов, "натанҳо мазмун, балки ҳатто шакли шеъри Мирзо Турсунзода чунончи рубоиву дубайтӣ ба шеъри рус таъсир расондааст".[1]

Анъанаҳои беҳтарини адабиёт хусусиятҳои пешқадами миллии ҳар як халқ, дар шароити мусоиди замони мо равнақ ёфта, сабабгори пеш рафтани адабиёти халқи дигар, ва дар якҷоягӣ боиси такмил ва гул-гулшукуфии тамоми адабиёту маданият гардидааст.

Дар ҷомеаи мо, дар натиҷаи ҳукмфармоии яккаҳизбии ҲКИШ бӯҳрони шадиди сердоманае рух дод, ки адабиёт низ, мутаассифона, аз он бар канор намонд. Бӯҳрони адабиро метавон дар ду самти асосӣ мушоҳида кард. Аввал ин ки ба асари бадеӣ на аз рӯи *ҳунар*, балки мувофиқи *зоҳири мавзуъ* ва *гояву мазмун* баҳо дода мешуд, ки дар натиҷа ҳунари асил аз назари эътибори расмӣ, ва пасон омма афтод ва адиби *гандумнамои ҷавфурӯш* гули сари сабади ҷомеа шуд.

Сониян, бино ба тафовути қавлу амал, ки дар ҷомеаи мо, мутаассифона, ба усули фаъолияти иҷтимоӣ табдил ёфт, адибону суханшиносон ба дурӯғгӯй пардохтанд ва рафта-рафта ҳақиқати бадеӣ аз ҳақиқати воқеӣ чунон дур шуд, ки миёнашон ихтилоф пайдо шуд.

Ин ҳақиқат пӯшида нест, ки зиндагии серу пур ва адолати раҳбарон, гул-гулшукуфии кишвар, дӯстии халқҳо ва амсоли инҳо дар коғаз, аммо қашшоқии оммаи меҳнаткаш ва порахӯриву маҳалгароии раҳбарон, харобии даҳшаттоби муҳити зист ва хештанхоҳии ҳизбиён, шовинизм ва ғ. дарвоқеъ буданд.

[1]Ниг.: *Ч.Айтматов.* Шахсияти беназир. – Васлгари дилҳо. (Хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода). – Душанбе: Ирфон, 1981, с. 29-30.

Аҳли ҷомеа аксаран карахту бепарвост, ҳатто корҳое мекунанд, ки натанҳо бар зарари аҳли ҷомеа ва атрофиёни ӯянд, балки бар муқобили азизон ва худи ӯ ҳам мебошанд. Ба чунин дараҷаи ташаккули манқуртии одам саҳми адабиёти дурӯғини мо калон мебошад. Поктарин чизҳои аҷдодӣ, масалан, гаҳвораю, гаҳворабандон, суру азо, хотираи арвоҳ ва амсоли инҳо, ё чун хурофот маҳкум шуданд, ё мавриди истеҳзо қарор гирифтанд. Дар бораи ситоиши ҳаёт, садҳо балки ҳазорон асар навишта шуданд, аммо дар бораи ин ки солҳои бистуму сиюм тақдир (ва ё тақдирҷунбон) шаҳру деҳоти тоҷик, ҳатто хонадони ӯро ба ду нимаи оштинопазир ҷудо кард, ҳазорон фард хонасалоту саргашта шуд, лоақал асаре ба миён наёмад.

Дар солҳои гузашта адибони диловаре ҳам буданд, ки мардумро, баръакс ба худшиносӣ даъват мекарданд. Сотимхон Улуғзода тавассути намоиши қаҳрамониҳо ва қаҳрамонони халқаш хонандагонро бо ҷавҳари таъриху миллат ошно мекард. Фазлиддин Муҳаммадиев аз суннатҳои шариф ва ахлоқи ҳамидаи миллӣ хотиррасон месохт. Дили Муъмин Қаноат ва Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва Гулрухсор, Гулназар ва чанде дигаронро маҳрумият аз марказҳои таърихиву фарҳангии Самарқанду Бухоро ва мероси мадании қадима, инқирози фарорасидаи забони адабии тоҷикӣ ва беадолатиҳои дигар ба сӯзиш меовардаанд ва онҳо ашъори сӯзон мегуфтанд.

Андешаи таърихи адабиёти ҳаштод соли гузашта (ва даврaҳои пешин низ) хулосае пеш меорад, ки чигунагии раванди адабӣ ба ду омили ҳалкунанда пойбанд будааст: яке – ҳастии адибони соҳибистеъдод, ки ҳастиву нестии адабиёти асил маҳз ба онон вобаста мебошад; дигаре – мақомоти олии ҳукмрон, ки агар адабиётро *раҳнамо* донад, раванди адабӣ солим хоҳад буд, вале агар онро *дастёр* шуморад, ҷараёни адабӣ носолим сурат хоҳад гирифт. Имрӯз дар адабиёт

неруҳои нишотбахш ҳастанд. Дар шумори Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулрухсор, Гулназар, Кӯҳзод, Саттор Турсун, Сорбон, боз адибоне ҳамчун Зиё Абдулло, Баҳманёр, Камол Насрулло, Фарзона, Сайф ва дигарон ба майдон омаданду сафи адибони талошкунандаро афзуданд. Муосирони имрӯзаи мо шоҳиди зиндаи онанд, ки адиби лаббайгӯ аз дурӯғгӯиҳои фаровон обрӯву эътибор ва ҷоҳу мукофотҳо гирифта метавонист, аммо чун сухани ӯ дурӯғ асту умри дурӯғ кӯтоҳ, ҳақиқати зиндагӣ ҳамаи он обрӯву эътибор ва ҷоҳу мукофотҳои беасосро *чун тӯдаи барф об кардааст*.

БОБИ VIII

ТАРЗИ ТАСВИРИ ҲАҚИҚАТИ ЗИНДАГӢ

Асоси предмети тасвири адабиёту санъатро ҳақиқати зиндагӣ ташкил медиҳад. Ҳастӣ бо роҳу равишҳои гуногун, марому матлабҳои мухталиф, ва сифату рангуборҳои гуногун либоси бадеӣ дарбар мекунад. Услуб, мактаб, ҷараён ва методи эҷодӣ барин мафҳумҳои муҳими назарӣ бевосита ё бавосита, бо ҳақиқати воқеӣ алоқаманданд. Аз ин лиҳоз ҷудогона дидани онҳо вочиб аст.

Услуби эҷодӣ. *Он тафовути хоссае, ки нависанда ҳангоми интихоби мавзуъ ва ҳалли он, таҷассуми гояву мазмун, сохтани сужету бандубасти асари бадеӣ, офариниши образу характер, корбасти ҷинсу жанру метод, истифодаи забон ва санъатҳои бадеӣ ва амсоли инҳо аз худ зоҳир менамояд,* ***услуби фардии эҷодии адиб*** *номида мешавад.*

Доираи масъалаҳои услуб васеъ аст. Чунончи, ҳангоме сухани *услуб* пеш меояд, *шеваи нигориши муаллифе* ба назар мерасад. Инчунин, аз мафҳуми мазкур ҳатман тафриқа, он хусусиятҳое, ки маҳз ба ин ё он адиби конкрет хосанд, фаҳмида мешавад. Ғайр аз инҳо, тарафи дигари услуб ин аст, ки метавон гуфт, он дар кулли лавозимоти эҷоди бадеӣ зоҳир мешавад. Аммо, ин ҷо бояд қайд кард, ки нависанда нақши хосаи худро ҳатман дар кулли лавозимоти эҷоди бадеӣ не, балки дар баъзеи онҳо равшантар, дар баъзеи дигарашон хиратар мегузорад, ҳатто гоҳо ба дигарон пайравӣ ҳам менамояд. Суханвар дар ҳар яке аз лавозимоти асар нақши худро гузошта метавонад. Агар содатар гӯем, услуб он чизест, ки нависандаро аз нависандаи дигар фарқ месозад.

Барои мисол гирем, портрети персонажро. Яке ба он эътибори бағоят зиёд медиҳад, дигаре камтар; яке онро

якбора мекашад, дигаре қисм-қисм нишон медиҳад, яке вайро аз забони персонажи дигар ба қалам медиҳад, дигаре онро худаш мекашад ва ғ.

Дар ҳаққи услуб одатан сифатҳои гуногунро – ҳамчун *равон, покиза, баланд, барҷаста, носуфта, дурушт, кӯҳна, нав* ва амсоли инҳо – ба кор мебаранд.

Агар нависанда анъанаю навовариро муътадил, мувофиқи талаби замон бо ҳамдигар пайваста, мавзуъ ва масъалаҳои муҳимтарини ҳаётро дар шакли баланду пуртаъсиру дастрас инъикос намуда, барои такмили донишу ҷаҳонбинӣ, сайқали завқи эстетикии хонандагонаш хидмат гузошта бошад, он услуб *хубу баланд* ва *писандида* ҳисоб меёбад. Дар акси ҳол, услуб *дурушту номақбул* маҳсуб мешавад. Матонати услуб дар он зоҳир мегардад, ки аз таркиби асари нависанда калимае бароварда, ва ё илова карда нашавад, дар сурати табдили ифодае бо муродифи он асар халалдор шавад.

Чигунагии услуби эҷодӣ ба ду ҷанба: *объективӣ* ва *субъективӣ* вобаста аст.

Равиши умумии услубро чигунагии сохти ҷомеа, ҳодисаю масъалаҳои муҳими ҳаётӣ, завқу афкори аҳли ҷамъият ва ғ. муайян менамоянд, чунки нависанда парвардаи онҳост. Услуби эҷодии Рӯдакию Анварӣ аз ҳам тафовут дорад, ки сабабгори асосии он – тафриқаи муҳити объективии адибон мебошад.

Ба ҳамин маънӣ, ноширии нахустин рӯзномаи чопии тоҷик "Бухорои шариф" Мирзоҷалол Юсуфзода ишораи муносибе дорад. Ӯ дар сармақолаи шумораи 12-уми марти с. 1912 аз ҷумла навишта буд: "Мо бояд муносиби ҳоли оммаи мардум сухан гӯем, салоҳи амри умумиро дар назар дошта бошем. Лиҳозо, рӯзномаи мо аввалан, ҳарчи мумкин бошад, бар забони форсии сода навишта мешавад; сониян мақолаҳое, ки (ғайр аз ахбори олам) мехоҳем дарҷ намоем, иборат аз муқаддимаи инсоният хоҳад буд, яъне, таҳриси (ба ҳирс

овардани – **Р.М.**) мардум ба талаби илм ва ислоҳ намудани вазъи таълим".

Ҷанбаи субъективии услуб, ки ба он ҷаҳонбинию дониш, завқу малака ва истеъдоду лаёқати кории нависанда дохил мешаванд, таъсири ҷиддие дар шеваи нигорандагии ӯ мерасонад, зеро дар ҳар давру замон, дар муҳити якхелаи объективӣ адибони мухталифуслуб эҷод менамоянд: агар яке бо услуби нишонрас эҷод кунад, дигаре тарзе менависад, ки писанди хонанда намеояд. Бинишу заковати нависандагӣ насиби ҳар адиб нест, танҳо адибони борикбин ва ҳассос қодиранд, масъалаҳои замонро фавран пай баранд, ҷавоби беғалатро тибқи услуби қобили қабул пешкаш намоянд. Услуби эҷодии устодон С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва адибони номдори дигари тоҷик ҳамин маъниро равшан исбот менамояд.

Пардозу ороиши сухан, мураккабии тарзи нигориш – нишонаи истеъдоду маҳорати нависанда намебошанд. М. Горкий мегӯяд, ки "содагию равшании услуб аз ҳисоби паст кардани сифати адабӣ не, балки дар натиҷаи маҳорати ҳақиқӣ мерӯяд".[1] Фирдавсӣ ифодаҳои нишонраси кӯтоҳтар ва дилхоҳтарро ба забон оварда, ҷаззобию писандидагии услубро дар ҳамин дидааст. Ӯ дар фасли "Базми шашуми Анӯшервон бо Бузарҷмеҳр ва мубадон" гуфта буд:

Дабирист аз пешаҳо арҷманд,
В-аз ӯ марди афканда гардад баланд.
Чу бо олату рой бошад дабир,
Нишинад бари подшо ногузир.
Балогат чу бо хат фароз оядаш,
Ба андеша маънӣ бияфзоядаш.
Зи лафз – он гузинад, ки кӯтоҳтар,
Ба хат он намояд, ки дилхоҳтар.

[1] *М. Горький.* О детской литературе. – М.: Детская литература, 1958, с. 142.

Хирадманд бояд ки бошад дабир
Ҳамон бурдбору суханёдгир.

Услуб муродифоти дигар ҳам дорад, онро ба ҷои *шева, тарз, тариқ, равия, мазҳаб* ва ғ. кор мефармоянд, ки ҳамаи онҳо дар адабиётшиносии асримиёнагӣ вомехӯранд.

Масалан, Хоқонии Шервонӣ гуфтааст:

*Ҳаст **тариқи ғариб** назми ман аз расму сон,*
Ҳаст шиори бадеъ шеъри ман аз пуду тор.

Хоқонӣ медонист, ки услуб равшании фардӣ дорад, бинобар ин "тариқи ғариб"-ро зикр кардааст. Ҳамин маъниро такрор ҳам мекунад:

***Тарзи ғариби** ман аст нақши хирадро тироз,*
Шеъри бадеи ман аст шурби суханро шиор.

Худи ҳамин суханвар истилоҳи "шева"-ро низ ба кор бурдааст (ҳамроҳи тавсифи "тоза"):

Подшоҳи назму насрам дар Хуросону Ироқ,
К-аҳли донишро зи ҳар лафз имтиҳон овардаам.
Мунсифон устод донандам, ки дар маъниву лафз,
***Шеваи тоза**, на расми бостон, овардаам.*

Дар ҳамин қатори муродифҳои номбурда гоҳе сабк-ро ҳам дучор омадан мумкин аст. Ҳамон тавре ки суханшиноси дақиқназар Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб таҳқиқ кардааст, истилоҳи "сабк"-ро бори аввал нигорандаи "Аш-шеър в-аш-шуаро" Абумуҳаммад Абдулло б. Муслим б. Қутайбаи Динаварӣ сабт намудааст. Ӯ дар муқаддимаи китоб (чопи Лейдан, 1902, с. 9) гуфтааст: *"Шеърро нек биёзмудам ва онро бар*

чаҳор гуна ёфтам: навъе аз он дорои лафзе зебо ва маоние дилкаш аст (…); навъе дигар ҳаст, ки лафзе зебову ширин дорад, аммо агар жарф дар он дарнигарӣ, дар маъниаш он фоидате нахоҳӣ ёфт; ва ин навъ аз шеър бисёр аст; қисмате дигар аз он дорои маъниаш накӯст, аммо лафзҳои он кӯтоҳу норасост (…). Ин шеър бо он ки дорои маънӣ ва сабке накӯст, обу равнақи он кам аст". [1]

Дар ин маврид чунин мулоҳиза пеш меояд, ки миёни истилоҳоти **услуб** ва **сабк** фарқе гузоштан, доираи аввалиро маҳдуд, ба маънии **хусусиятҳои хосаи фардии адиб** қабул кардан, ва доираи дувумиро васеътар – ба маънии **ҷиҳатҳои муштараки услубии гурӯҳи суханварон** донистан авло мебошад. Мавҷудияти сабкҳои таърихии хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ ҳамин фикрро тасдиқ мекунад.

Дар "Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ" (с. 129) миёни ду истилоҳи номбурда фарқе гузошта шудааст. Доир ба услуб гуфта: "равия ва симои эҷодии як нависанда, ё гурӯҳи нависандагон аст". Боз: "Услуб натанҳо ба як нависанда, балки ба хусусиятҳои ҳоявию бадеии эҷодиёти як гурӯҳи нависандагон низ дахл дорад, ки инро гоҳе ҷараён, ё равияи адабӣ ҳам мегӯянд". Дар ин китоб роҷеъ ба сабк омада, ки он "тарзи баён ва кор фармудани воситаҳои бадеӣ, забон ва хусусиятҳои забони асарҳои ҷудогона ё ягон нависанда аст. Аз ин ҷиҳат, сабк як қисми услуб аст" (с. 95). Тавре ки дар боло ишора шуд, ҳудуди маънавии истилоҳоти мазкурро баръакс донистан, яъне услубро маҳдуд ва сабкро васеътар донистан, ба назар беҳтар мерасад.

Камолоту ғановати адабиёти халқ ба камолоти услубҳои ҷудогона ва ғановати умумии он вобастагии сахт дорад.

***Мактаби адабӣ** - қаробат ва иттиҳоди нависандагон дар масъалаҳои асосии услуби эҷодӣ мебошад.* Гоҳе *мактаби адабиро бо*

[1] Муфассалтар нигр.: *Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб.* Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. – Теҳрон, 1345, с. 3.

истилоҳоти муҳити адабӣ, доираи адабӣ, ҳавзаи адабӣ, ки дар нуқтаи чуғрофие ҷамъ омадани адибонро мефаҳмонанд, нодуруст омезиш медиҳанд. Ин мафҳумҳо доираи васеъ доранд; доираи адабие дар айни замон метавонад якчанд мактаби адабиро дарбар гирад.

Масалан, дар доираи адабии Ҳироти асри XV ғайр аз мактаби адабии Абдураҳмони Ҷомӣ мактабҳои дигари адабӣ ҳам буданд.

Пайдоиши мактаби адабӣ ҳамеша ба адиби забардаст вобаста мебошад, ки ба туфайли зеҳни тез ва ҷаҳонбинии васеъ масъалаҳои муҳимтарини замонро пай мебарад, онҳоро тавассути истеъдоди баланди худ дар услуби фаҳмо ва муассир ба хонанда пешниҳод мекунад. Равияи пешгирифтаи ин нависанда дар интихоби мавзуъ ва тариқи ҳалли он, усули офариниши образу характер, тарзи татбиқи ҳақиқати бадеӣ, истифодаи ҷинсу жанру методи эҷодӣ, муносибат ба забон ва дигар лавозимоти эҷоди бадеӣ натанҳо диққати оммаи хонандагон, балки аҳли қаламро ҳам ҷалб менамояд. Дар ин сурат адиби забардаст пайравони услуби худро пайдо мекунад.

Ҳамин адибони пайрав, ба мурури замон, мактаби адабии адиберо ба вуҷуд меоваранд. Ба ин маънӣ, *мактаби адабӣ ҳамеша соҳибмактаб* дорад, чунончи, мактаби Горкий, мактаби Маяковский, мактаби Айнӣ, мактаби Турсунзода.

Нависандаи хушкор Абдулҳамид Самадов доир ба мактаби Айнӣ мушоҳидаи дақиқе баён кардааст: "Устод Айнӣ зиндагии талху пурошӯби халқ, рӯҳияи қаҳрамонҳояшро такя бар пойдевори назм ва насри ривоятиамон зада, бо тамоми ҷузъиёташ тасвир карда тавонист, олиҷаноб тасвир карда тавонист! Чунки устод парвардаи ҳарду мактаб – назм ва насри классикӣ буд, решаи ӯ аз замини шеъру сухани асил ғизо мегирифт, нигоҳи пурмеҳру хирадмандонааш аз офтоби гарми чеҳраи халқи тоҷик ҳарорату рангҳо меҷуст. Акнун асарҳои устод Айнӣ барои наслҳои имрӯза ва ояндаи

насрнависони тоҷик, бешубҳа, мактаби хосаи адабӣ хоҳад гашт, балки ин мактаб солҳо боз дар хизмат аст".[1]

Дар ташаккули мактаби адабӣ ғайр аз осори бадеии нависандаи забардасте, ки шоистаи пайравӣ қарор гирифтааст, боз фаъолияти бевоситаи худи он адиб ҳам нақш дорад, зеро вай ҳамқаламони худ, махсусан адибони ҷавонро сӯи масъалаҳои зарурии рӯзгор ҳидоят менамояд, ба кори эҷодии онҳо бевосита роҳбарӣ мекунад; дар маслиҳат, ҳатто таҳрири таълифоти онҳо меҳнати бедареғ ба харҷ медиҳад. Масалан, Сотимхон Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фотеҳ Ниёзӣ ва дигарон, ки намояндагони мактаби адабии С. Айнӣ мебошанд, ба замми асарҳои худи устод, аз сӯҳбату маслиҳатҳо, таҳриру мактубҳои ӯ низ баҳраманд шудаанд.

Нишонаи муҳимтарини мактаби Айнӣ дар масъалаи предмети тасвир – ҳаққонӣ нишон додани ҳаёти тоҷатфарсои халқи тоҷик дар дами вопасини аморати феодалии Бухоро, ташнагии вай ба озодӣ, ҷонбозиҳояш дар роҳи истиқлол буда, ва мебошад. Ҳамаи шогирдони устод Айнӣ, ки ба таърихи маданиятамон бо номи насли ҷавон дохил шудаанд, ба ин усули устод содиқ мондаанд. Нишонаи дигари муҳими мактаби адабии устод Айнӣ - тарзи содаю демократӣ ва муассири нигориш ҳисоб меёбад, ки ба ин ҳам намояндагони мактаби мазкур пайравии шоиста кардаанд.

Пайравӣ аз тақлид, албатта, фарқ дорад. Адиби муқаллид ҳеҷ гоҳ услуби эҷодии хосаи худро бунёд гузошта наметавонад. Табиист, ки дар ин сурат вай нависандаи ҳақиқӣ ба шумор нахоҳад рафт. Мактаби адабӣ ҳеҷ гоҳ мавҷудияти услубҳои хосаи эҷодиро инкор намекунад, балки ҳар мактабе услубан ҳар қадар бой бошад, ҳамон андоза бузургу ғанист. Чунончи, ҳар яке аз адибони мактаби адабии Айнӣ услуби махсуси худро дорад. Услуби фардии нависанда агар адибонро аз ҳам ҷудо созад,

[1] *А. Самадов.* Масъалаҳои насри муосир, с. 109-110.

мактаби адабӣ онҳоро муттаҳид менамояд, чунки маҳз дар худи услуб масъалаҳои умдаи усулие ҳастанд, ки миёни адибон муштарак аст. Агар мафҳумҳои "мактаби адабӣ" ва "услуби эҷодӣ" бо ҳамдигар муқоисатан дар назар дошта шаванд, аввалӣ хусусияти куллию муштаракеро доро буда, дувумӣ ҷузъию фардиро мефаҳмонад.

Пайдоиш ва вусъати мактаби адабӣ, аз як тараф, бо замон ва масъалаҳои сиёсию ахлоқии он алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, ба истеъдодҳои нодир вобастагӣ дорад. Устод Айнӣ, ки истеъдод дошту аз ҳаёт то ҳадди ниҳоӣ сабақ омӯхта буд, зарурати мазкурро саривақт фаҳмид, ба ичрояш камар баст, ва аз уҳдааш хеле хуб баромад. Бесабаб нест, ки таъсири пурсамари мактаби адабии Айнӣ аз ҳудуди адабиёту фарҳанги тоҷик берун рафтааст.

Дар таърихи адабиёти рус мактабҳои адабии "Арзамас", ки Жуковский, Батюшков, Вяземский, Пушкин, Тургенев барин адибони бузург намояндагони он буданд ва "Муҳиббони каломи рус" (ҳамчун Шишков, Шахматов, Квастов ва дигарон) мавқеи азимеро ишғол намудаанд.

Ҷараёни адабӣ

Вусъату идомаи мактаб ба омӯзиши суботкорона ва татбиқу такмили олиҳиммatonаи адибони даврaҳои баъдина алоқаманд мебошад. Нависандаи соҳибистеъдоди муосир Абдулҳамид Самадов гуфтааст: "... имрӯз мо ҳарчанд барои омӯхтани асарҳои бузургтарини адабиёти дунё имконияти фаровон дорем, - яъне, агар хоҳем метавонем аз мактаби адабии онҳо ба қадри ҳол гузарем ва пайравашон шавем, - лекин бе хатми мактаби адабии устод Айнӣ, бе омӯзиши доимии назму насри классикиамон дар эҷод дастболо шудани нависандаи тоҷик багумон аст".[1]

[1] *А. Самадов.* Масъалаҳои насри муосир. – Садои Шарқ, 1987, № 3, с. 110.

Иттиҳод ва қаробати нависандагон дар атрофи як гояи марказии давр, ҷараёни адабӣ номида мешавад.

Ба иқтизои шароити таърих, ба эҳтиёҷи мафкураи аҳли ҷомеа ғояи ҷиддие дар маркази муборизаҳои идеологӣ қарор мегирад ва нависандагоне, ки ҷаҳонбиниашон он пояро тақозо менамояд, ба ташвиқу тарғиби вай мепардозанд. Чунончи, пайдоишу равнақ, ва ё таназзули ҷараёнҳои адабии тоҷику форс *шуубия, сӯфия, риндия, маорифпарварӣ, ҷадидия* нишон медиҳанд, ки дар маркази ҳар яке аз онҳо як ғояи асосӣ ва ё силсилаи ғояҳои марбуту мазбут қарор гирифтаанд, ки он ғояҳоро шароити мушаххаси давр тақозо намудааст.

Ҷараёни адабиро моҳияти сохти ҷомеа ва ҳодисаю воқеаҳои бузургтарини он ба майдон меоранд. Масалан, пайдоиши шуубия ба истилои араб, барбод рафтани тамаддуни қадимаю баланди мардуми эронинажод вобаста аст. Мардони соҳибдиле, ҳамчун Ибни Муқаффаъ, муборизаи пурхатаре оғоз намуданд, то ки мероси ниёкон то ҳадди имкон нигоҳ дошта шавад.

Абӯубайди Маъмар ибни Мусанно (728-825) – адиби арабизабони форс-тоҷик, муаллифи асарҳои: "Фазоил-ул-фурс", "Масолиб-ул-араб", "Нақоизи Ҷарир ва Фараздак", Аллони Шуубӣ (охири асри VIII – ибтидои асри IX) китоби арзишманди "Ал-майдон фи-л-масолиб"-ро таълиф кардааст.

Ё худ, дар натиҷаи ривоҷи зулму асорат, фитнаю фасод ва дигар хусусиятҳои зотии феодализм *сӯфия* ба миён омад, то ин ки ба мардум оромии қалбӣ бахшад ва заҳмату адолат дар рӯи замин имкон дошта бошад. Ё худ, тазйиқи истиқлоли одамӣ, ки хоси ҳар гуна ҷомеаи антагонистӣ, аз ҷумла феодализм ҳам, мебошад, ҷараёнҳои машҳури *риндия* ва *ҷавонмардирӯ* ба миён овард.

Яке аз қолабҳои хеле машҳуре, ки дар ашъори ғиноии замони пешин, ҷиҳати намудор кардани идеали хеш хидмат мекард, *ринд* буд. Ринд – касест, ки дар рафтору гуфтору

андешаи ҳуд озод буда, пойбанди қонуне нест. Шайх Аттор "ринд"-ро ба "зоҳид" ва "маст" муқобил мегузорад:

Гоҳ риндам, гоҳ зоҳид, гоҳ маст
Гоҳ ҳасту гоҳ нест, гоҳе несту ҳаст.

Ҳамин тавр, шароити пўсидани феодализм дар Осиёи Миёна маорифпарварӣ-ро тақозо намуд, то ки касолати онро табобат намуда, мардумро аз ҷаҳолат ба рўшной барорад. Ҳангоми заволи феодализм ва зуҳури буржуазия, *ҷадидия* пайдо шуд, ки *мактаби нав, дониши нав, рафтори нав, гуфтори нав*ро талқину тарғиб мекард.

Тавре ишора шуд, на танҳо дар пайдоиш, балки камолот ва инқирози ҷараён ҳам, шароити таърих сабаб мешавад. Чунончи, сўфия ва риндия хеле такомул ёфта, адибони бузургеро парвариш карда бошанд, шуубия дар асри XI қатъ мегардад, зеро нуфузи торафт афзуншавандаи ислом онро зўран хомўш мекунад.[1] Ё гирем ҷадидияро. Пурра ғалаба накарда, аз миён рафтани буржуазияи навхез дар хоки аморати Бухоро, ва аз феодализм якбора ба сотсиализм гузаштани халқи тоҷик маҷол надод, ки ҷадидия камол ёбад. Ҳукумати Шўравӣ муваффақ шуд, ки ҷунбиши ҷадидияро шикананд, ҳатто аз миён барад. Дар талоши дубора сафед кардани ин ҷараён хизмати проф. Холиқ Мирзозода бузург аст.

Дар дохили ҷараёни адабӣ услубҳои мухталиф, сабку мактабҳои гуногун имкон доранд. Чунончи, ақидаҳои сўфия ва риндияро намояндагони сабкҳои ҳам хуросонӣ, ҳам ироқӣ, ҳам ҳиндӣ ифода намудаанд.

Дар Аврупо, бинобар тақозои шароити таърих, ҷараёни класситсизм инкишоф ёфт, ки намояндагони бузурги он Раси,

[1] Ин мавзуъро устод Сотим Улуғзода дар романи "Фирдавсӣ" моҳирона инъикос кардааст.

Буало, Молйер, Сумароков, Херасков мебошанд. Ҳадафи ғоявии он ҷараён – зинда кардани бозёфтҳои азими фарҳанги давраи атиқа буд. Тадриҷан, баробари инкишофи капитализм, класситсизм танг шуда, ҷои онро ҷараёни сентименталӣ ишғол намуд, ки ҳаёти футурравандаи деҳотро ҳимоя мекард. Карамзин, Богданович, Дмитриев барин адибони рус дар инкишофи сентименталзизм саҳм ғузоштаанд. Ғарази ҷараёни декадентӣ санъати соф, санъат барои санъат буд. Намояндагони ин ҷараёни зиддихалқӣ барои он мубориза мебурданд, ки санъат поку муқаддас бошаду онро бо масъалаҳои муқаррарии мардумӣ набояд олуда кард.

Дар адабиётшиносӣ аксаран *метод* истифода мешавад, аммо гоҳе онро *типи эҷод* ҳам мегўянд. Тарзҳои тасвири романтизму реализмро баъзан чун ҷараёни адабӣ ҳам ба қалам медиҳанд. Масалан, В.М. Жирмунский навишта буд: "Истилоҳоти класситсизм, романтизм, реализм ва ғ. натанҳо барои ифодаи ҷараёнҳои адабии давраҳои муайян, чун ҳодисаҳои таърих, балки барои типҳо ё методҳои санъат ҳам, ки дар давраҳои гуногун вомехўранд, истифода мешаванд".[1]

Дар адабиётшиносии тоҷик баробари *метод* ифодаи *тарзи тасвир* ҳам ба кор меравад.

Ҳамон тавре ки аз боби II маълум аст, дар адабиёту санъат ҳастӣ инъикос мешавад. Ҳақиқати воқеӣ дар ду шакл ба ҳақиқати бадеӣ табдил меёбад: *предмети тасвирро санъаткор аз ҷиҳатҳои ҳаҷму ҳудуд ва замону макон ё тағйир медиҳад, ё намедиҳад. Предмети тасвир агар ба тағйироти куллӣ дучор омада бошад, онро методи (ё тарзи, типи тасвири) романтикӣ меноманд, вале агар ба дигаргунии ҷиддӣ дучор нашуда бошад, онро методи (ё тарзи, типи тасвири) реалистӣ мегўянд.*

Муқоисаи осори санъаткорони қадим ба андешае меоранд, ки аввалқадам романтизм пайдо шудааст баъд

[1] *В.М. Жирмунский*. Литературные течения как явление международное. – Л.: Наука, 1967, с. 13.

реализм, яъне, адибони давраи қадим (асримиёнагӣ ҳам) предмети тасвирро тибқи орзуву идеалҳои худ тағйир додаанд, яъне, ҳам замон, ҳам макон, ҳам қаҳрамон, ҳам ҳаҷму ҳудуди воқеаю масъалаҳоро *дигар* кардаанд. Асарҳои адибони Юнони қадим, "Авасто", осори давраи паҳлавӣ - ҳамчун "Дарахти асурик ва буз", "Корномаи Ардашер", "Матадғони Ёвишни Фриён" ва ғ. ҳамин фикрро исбот мекунанд.

Ин ҳолат дар тарзи тасвир, яъне, усули романтикии нигориш, аз назари суханшиносони пешини тоҷику форс пинҳон намондааст. Кофист, ба ин маънӣ порае аз ёдгории давраи аввали асримиёнагӣ - "Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансурӣ" (346-958) оварда шавад: **"Ва чизҳо андар ин нома ("Шоҳнома" – Р.М.) биёбанд, ки саҳмгин намояд"**. Гумони ғолиб ин аст, ки "саҳмгин" ба маънии "ғайривоқеӣ", "шубҳаовар" мебошад. Нигоранда (саҳеҳтараш – гурӯҳи муаллифон) таъкидан оварда: **"ва ин некӯст"**. Дар идома далелҳо қатор мешаванд: **"Чун мағзи ӯ бидонӣ, туро дуруст гардад, ва дилпазир ояд – чун Каюмарсу Таҳмурасу девону Ҷамшед; ва чун қиссаи Офаридуну валодати ӯ ва бародараш; ва ҳамон санг, куҷо Фаридун ба пой боздошт; ва чун морон, ки аз дӯши Заҳҳок баромаданд"**. Ба хонандаи "Шоҳнома"-дон равшан аст, ки ҳамаи мисолҳои номбаршуда романтикианд. Ниёкони суханшинос ба усули романтикии тасвир бетараф набуда, ҳусни онро таъкид кардаанд: **"Ин ҳама дуруст ояд ба наздики доноён ва бихрадон ба маънӣ. Ва он кӣ душмани дониш бувад, инро зишт гардонад"**. Ҳазор сол муқаддам фикри амиқи назарӣ омадааст, ки матлаб дар тарзи баёни романтикӣ бо ҳақиқати воқеӣ моҳиятан мутобиқ меояду шаклан не.

Максим Горкий дар бораи хусусияти фарқкунандаи романтизм аз реализм гуфта буд: "Фикр карда баровардан, яъне, аз маҷмуи далелҳои воқеӣ моҳияти онро ҷудо кардан, ва дар тимсоли образ таҷассум намудан аст – ба ин усул мо

реализмро ҳосил мекунем. Вале агар чизҳои моҳиятан аз ҳақиқат ҷудокардашуда боз аз нав фикр карда шавад, аз рӯи мантиқи тахмин чизи дилхоҳу имконпазир илова ва дар натиҷа образ боз мукаммалтар сохта шавад – мо романтизмро ҳосил мекунем, ки он (…) барои бедор кардани муносибатҳои инқилобӣ ба ҳақиқат ёрӣ мерасонад".

Дар саросари адабиёти асримиёнагии тоҷику форс усули асосии ҳамосасароиву қиссапардозиро *романтизм* ташкил медиҳад. Романтизми адибони асримиёнагӣ дар тасвири пурмуболиғаи амалиёти персонажҳо, тамсилу ташхис, нишон додани қувваҳои фавқуттабиӣ ва амсоли инҳо зоҳир мегардад. Умуман, дар адабиёти халқҳои Шарқ тамсилу ташхис чун усулҳои баёни романтикӣ то дараҷае такомул ёфта, ба анъанаҳои устувори адабӣ табдил шудаанд, ки осори пурфайзи он дар адабиёти давраи навин ҳам равшан дида мешавад.

Адибони бузурги пешқадам, ки ҳамеша толиби амнияту фароғати мардум, хоҳони адолату ҳақиқат будаанд, тимсоли қаҳрамонони далеру наҷотбахш ва нексиришту ибратангезро тараннум намудаанд. Чигунагии методи эҷодӣ ба ду омил: *ҷаҳонбинӣ* ва *шароити объективии ҷомеа* сахт вобаста мебошад. "Мафҳуми ҷаҳонбинӣ, - навишта буд А. Фадеев, - мафҳуми методи бадеиро рӯйпӯш намекунад … Аммо методи бадеӣ бевосита ба ҷаҳонбинӣ вобаста аст".[1]

Романтизм, мувофиқии ҷаҳонбинии адибон ва бинобар тақозои шароити сохти ҷомеа, шоҳаҳои мухталиф: пешқадам ва иртиҷоӣ пайдо кардааст. Агар Фирдавсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Низомӣ барин адибони бузурги пешқадам, ҷиҳати идеалҳои гуманистии худ романтизми пешқадамро ба кор бурда бошанд, бисёр нависандагони пастҳиммат дар тарғиби дунёбезорӣ, тавсифи комилан бардурӯғи шоҳону ҳокимон романтизми иртиҷоиро истифода намудаанд.

[1] *А. Фадеев*. Заметки о литературе. – Литературная газета, 1955, 24 сентября.

Масъалаи моҳияти романтизми адабиёти дарбориву тасаввуфӣ бағоят нозук ва мураккаб буда, онро якбораю яклахт ҳал кардан имконнопазир аст, чунки Рӯдакию Ҷалолиддини Балхӣ барин бузургон дар ҳар маврид, яъне, ҳам мадҳу ҳам тасаввуф, манфиатҳои умумии мардуми меҳнаткаш ва ҳақиқату адолатро дар назар дошта бошанд, бисёр адибони дигари тангназар аз рӯи тамаллуқ ва манфиатҳои шахсии худ, асарҳо гуфтаанд. Масалан, агар адиби сӯфӣ Саной дар "Мантиқ-ут-тайр" камолоти одамиро аз ҳама боло гузошта, азму субот ва саъю кӯшишро чун воситаҳои он нишон дода бошад, сӯфии дигар – Аҳмади Ясавӣ талқину тарғиб мекунад, ки "золим агар зулм қилса, Оллоҳ дегил!" (яъне: "агар золим зулм кунад, ту Худо бигӯ!"). Табиист, ки романтизми ин ду адиб аз замин то осмон фарқ дорад. Аз ин рӯ, доир ба мансубияти адабиёти дарборӣ, динию тасаввуфӣ ба романтизми пешқадам ва ё иртиҷоӣ, ҳукми қатъӣ наронда, балки ба тариқи конкрет ҳар як мисолро, аз лиҳози ҷанбаи ғоявии он бояд таҳлил кард ва баҳо дод.

Фазилати романтизм дар ин аст, ки он ба эҳсосот таъсири сахт мерасонад. Хонанда ба тасвири нависанда бовар намекунад, аммо аз он мутаассир мешавад. М. Горкий аҳамияти бузурги романтизмро дар таҳрики тахайюл таъкид намудааст: "Вазифаи адабиёти мо танҳо аз инъикоси ҳодисаҳои рӯйдода иборат нест. Вазифаи он бештар аст. Вай бояд хонандаро хаёл кардан, пешбинӣ намудан ва бунёдкорӣ омӯзад. Аз ҳамин рӯ, ба он намудҳои адабие – ҳамчун афсона, қиссаҳои романтикӣ, фантастикаи илмӣ - китобе рочеъ ба фардо, ки ба инкишофи хаёл кӯмак мерасонад, мо эътибори калон медиҳем".[1]

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мегӯяд:

Ҳар фасона рост бошад, ё дурӯғ,
Медиҳад мар ростиҳоро фурӯғ.

[1] *М. Горький.* О детской литературе, с. 112.

Реализм методи эҷодӣ буда, он ба қавли Энгелс (дар номааш ба Маргарет Гаркнесс), *"гайр аз ҳаққонияти ҷузъиёт, дар вазъиятҳои типӣ ҳаққонӣ офаридани характерҳои типиро тақозо менамояд".*[1] Ин таъриф ҷомеъ буда, ҳамаи масъалаҳои асосии реализм – ҳатман типӣ будани характер, вазъият, ҷузъиёт ва мутобиқати кулли онҳоро миёни худ дарбар гирифтааст.

Характер – маҷмуи рафтору кирдор, хислату гуфтор, қиёфаю одатҳост, ки нависанда ба персонажи худ мансуб медонад. Реализм нависандаро водор месозад, ки амал, феълу хӯй, қадду қомат, тарзи суханрониву ҷаҳонбинии одамро *типӣ*, яъне, эътимодбахш тасвир намояд. Мутобиқи усули мақоли халқии "мушт – намунаи хирвор", нависанда ҳангоми офариниши характер, унсурҳои онро чунон ба қалам бояд диҳад, ки хонанда намояндаи кадом синфу табақаи ҷамъиятӣ, давру замон ва халқу миллат будани соҳиби характерро равшан ва беғалат фаҳмида тавонад. Чунончи, аз тамоми унсурҳои характери Қорӣ Ишкамба ҳувайдост, ки вай намунаи судхӯрони давраи вопасини феодализми Бухорои Шариф мебошад. Дохунда типи барҷастаи он тоифаи меҳнаткаши халқи тоҷик аст, ки аз фишори зиндагӣ ба ҷон омада, инқилоб карда, сохти дилхоҳи худ бунёд намудааст.

Дар реализм ба тасвири *вазъияти типӣ* эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Вазъият, ки тасвири замону макон, равиши ҳодиса ва баёни ҳолатро фаро мегирад, дар асари реалистӣ бояд дақиқу эътимодбахш сурат гирад. Меъёри дурустию нодурустии вазъият *таърих* мебошад, зеро агар нависанда аснои тафсили вазъият, рӯҳи замонро, дониста, бешуурона вайрон карда бошад, вазъият ҳатман носаҳеҳ акс хоҳад шуд. Ҳангоми тасвири вазъият, сарфи назар аз он ки вай ба ҳодисаҳои таърих, масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқи ҷомеа ва амсоли

[1] *К. Маркс и Ф. Энгельс об искусстве.* В двух томах, том первый. – М.: Искусство, 1967, с. 6-7.

инҳо мутаалиқ мебошад, адиби реалист бояд ҳақиқати таърихию синфӣ ва моҳияти аслии замонавии онро ошкор карда тавонад. Дар ҳама ҳолат ба рӯҳи таърих содиқ мондани суханвар шарти муҳимтарини реализм маҳсуб мешавад.

Вазъият бо таърих бевосита не, балки тавассути ғояи марказии асар вобастагии сахте пайдо мекунад, ки дар навбати худ, бо сужету зиддият, устухонбандӣ ва дигар лавозимоти асар алоқаманд мебошад. Чунончи, дар романи "Дохунда" чандин навъи вазъият тасвир ёфтааст, ки яке давоми дигаре, вале дар айни замон, зоҳиран мухолифи ҳамдигар, сурат дорад – аз қабили вазъияти хуши осудаҳолонаи Бозор ва вазъияти нохуши хонасалот шуданаш баъди тӯи Ёдгор, вазъияти гуворои Дараи Ниҳону муошарати Дохундаю Гулнор ва вазъияти дилрешкунандаи дастгир шудани Дохунда ... Аммо бояд таъкид кард, ки ҳеҷ як лаҳзаи вазъият дар асари устод Айнӣ бо таърих мухолиф набуда, балки ҳар яки он комилан мувофиқи рӯҳи таърих, яъне, ба *дараҷаи типӣ* сурат гирифтааст.

Ҳар як чизи комил аз *ҷузъҳо* фароҳам меояд. Асари бадеӣ ҳам чунин аст. Ҳодисаю ҳолат, ашё, амалиёту гуфтору персонажҳо, хулоса, ҳар як қисму лаҳзаи асар аз маҷмуи ҷузъҳо иборатанд. Асари бадеиро ба *қасре* ташбеҳ кардан мумкин аст, ки аз тахтасангҳои хурду калон ва хиштҳо бунёд ёфтааст.

Чунонки санге бо санге, ва хиште бо хиште пайванду мутаносиб асту яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад, ҳамин тавр дар асари бадеӣ ҳам ҷузъиёт яке дигареро пурра мекунад, яке идомаи дигарест. Аксаран, нависанда ҷузъеро ба қалам дода, тавассути ҷузъиёти дигар онро тафсил медиҳад, чунон ки бинокор хиштеро болои хиште гузошта, девори иморатро мебардорад. Аммо гоҳе адиб ҷузъи мухтасари пурмаъниеро меораду онро шарҳ намедиҳад, бо ҷузъиёти дигар пайваст намекунад (ҳамон навъе ки меъмор ҳам гоҳе аз хиште ё сангпорае кунгурае ё тарҳе месозад). Дар чунин ҳолат,

тафсири маънавии ҷузъро нависанда ба худи хонанда ҳавола мекунад. Мисоле аз романи С. Улуғзода "Фирдавсӣ". Шоири бузурги ватанпарвар харобазори қасри Мадоинро зиёрат карда, аз ҳолати имрӯзаи қасри пуршукӯҳи дирӯза ба риққат меояд. Ин фасли начандон калонро нависанда бо чунин ҷумла анҷом медиҳад: ***"Фирдавсӣ рӯ ба сӯи тоқи Кисро истода намоз кард"***. Дар ин пора ба як олам эҳсосу фаҳмиши Фирдавсӣ ишора шудааст, ки барои тафсираш китобе навиштан мумкин аст. Ин ҷузъ дар ғояти типӣ эҷод шудааст, зеро он ҳам аз ҳусни таваҷҷуҳи шуубияи шоири бузург гувоҳӣ медиҳад, ҳам мутобиқи қонунияти ислом сурат гирифтааст.

Мисоле дигар, аз "Дохунда". Ҳангоми назъи ҷони Бозор қарзи тӯҳматии ӯро ба гардани Ёдгор бастанӣ мешаванд, вай мақоли "бузро ба пои худаш меовезанду гӯсфандро ба пои худаш" ба забон оварда, қарзро ба гардан намегирад. Ин эътирози Ёдгор, ки як ҷузъи барҷастаи типист, ҳам ба хатти инкишофи ғоявии асар, ҳам бо сайри сужету зиддияти он, ҳам бо руҳи таърихи ҳаёти халқи тоҷик дар аввалҳои асри XX пурра созгор мебошад.

Инчунин, аз қабили шартҳои муҳими реализм ҳисоб мехӯрад, ин ки ҷузъ бо ҷузъиёти дигар, яъне, умуман вазъият ва характери типӣ бо вазъияти типӣ мутобиқати том дошта бошад. Мутобиқат ҳар қадар баланд бошад, ҳамон андоза ҳам реализм устувор мешавад, ҳам ягонагию ваҳдати асар пурқувват мегардад; ва баръакс, баробари сужети мутобиқати мазкур ҳам мундариҷаи асар аз назари эътибор меафтад, ҳам ҷузъиёти он аз ҳам пош мехӯрад.

Дар реализм имкон надорад, ки миёни ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ ихтилоф вуҷуд дошта бошад. Реализми асар аз пайдоиши ихтилоф зарар мебинад ва ба ин восита қурби асар паст мешавад. Ихтилоф ҳар қадар бештар бошад, футури реализм ва беқурбии асар ҳамон андоза зиёд хоҳад буд, ки як мисолаш романи Л. Салдадзе "Авитсенна" мебошад.

Рукни реализмро воқеияти замону макони қаҳрамон ташкил медиҳад. Реализм дар адабиёти халқҳои аврупой баробари пайдоиши сохти буржуазӣ зуҳур карда, тибқи инкишофи он, чун методи эҷодӣ, ташаккул меёбад. "Дон Кихот"-и Сервантес аз ҷумлаи аввалин намунаҳои барҷастаи реализм ба шумор меравад. Дар асри XVIII, махсусан асри XIX, ки тарзи капиталистии истеҳсолот босуръат пеш мерафту истисмор ва хонахаробшавии одами меҳнаткаш торафт меафзуд, дар реализм шохаҳои гуногун ба майдон омад, ки реализми пассив, реализми танқидӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Назарияи реализм ҳанӯз хеле барвақт ба вуҷуд омада буд. Ҳанӯз Арасту пай бурда буд, ки тарзи нигориши *Софокл дигар* асту нигориши *Еврипид дигар*. Мувофиқи қайдҳои Дени Дидро навъи *"инъикоси озод"* ҳасту навъи *"инъикоси дақиқ"*. Шиллер, ду тариқи мавҷудаи нигоришро *"сентименталӣ"* ва *"муқаррарӣ"* номидааст. Ва хусусиятҳои реализмро бештар аз ҳама В.Г. Белинский ошкор карда, назмро ба ду қисм: *реалӣ* ва *идеалӣ* тақсим менамояд, ки истилоҳоти мазкур дертар чун реализм ва романтизм маъмул мегарданд. В.Г. Белинский аз ҷумла навиштааст: "назм ҳодисаю ҳолатҳои ҳаётро, гуфтан мумкин, бо ду *тарз* фаро мегирад ва инъикос менамояд. Ин тарзҳо ба як мақсад ованд ҳам, муқобили ҳамдигаранд. Шоир ҳаётро аз рӯи ҷаҳонбиниаш ба ашё, муносибаташ ба олам, ба аср ва халқе, ки дар он зиндагӣ дорад, *ё аз нав месозад, ё онро пурраю айнан, бо тамоми ҷузъиёти воқеӣ ва ҷилову тобишаш аз рӯи ҳақиқат инъикос менамояд*. Бинобар ин, назмро метавон гуфт, ба ду қисм: *идеалӣ* ва *реалӣ* тақсим кардан мумкин аст".

Назарияи реализм дар Шарқ нисбатан бармаҳал пайдо шуда буд. Ин масъала дар афкори Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Ибни Рушд, Абдулқодири Ҷурҷонӣ, Насириддини Тӯсӣ ҷои муҳимеро ишғол менамояд. Мувофиқи нуқтаи назари ин донишмандон, адиб гоҳе дар баёни предмети тасвири худ ба

ҳақиқати воқеии он содиқ мемонад, ки дар натиҷа сухан эътимодбахш мешаваду муассир намегардад, яъне, ақл гуфтаи шоирро қабул мекунад, вале қалб аз вай мутаассир намешавад. Назар ба гуфтаи образноки Абдулқодири Ҷурҷонӣ дар "Асрор-ул-балоға" миқдори гавҳарҳое, ки шоир дар асараш васф кардааст, аз теъдоди гавҳарҳои воқеии ҳаётӣ фарқ намекунад.

Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик тасвирҳои реалистӣ дида мешаванд. Дар қитъа ва рубоӣ барин жанрҳои хурди лирикӣ, ки устодони сухан эҷод кардаанд, ҳодисаю предметҳо, санаҳо ва одамони конкретро зиёд дучор меоем. Тасвирҳои воқеиро дар жанри бисёр баландпарвози замони гузашта – *қасида* ҳам дидан мумкин аст.

Масалан, муаллифи "Таърихи Систон" дар бораи қасидаи "Модари май"-и устод Рӯдакӣ гуфтааст: "Ва мо ин шеър бадон ёд кардем, ки *ҳар ки ин шеър бихонад, амир Бӯҷаъфарро дида бошад*, ки ҳама чунин буд, ки вай гуфтааст. Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот Рӯдакӣ бихондааст, ҳеҷ кас як байту як маънӣ аз ин, ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳарчи мадеҳ гӯй, муқассир бошӣ, ки марде тамом аст".

Санъатҳои *таъриху муаммо* ва *луғз* (чистон) аксаран ба ҳамин маънӣ хизмат кардаанд. Дар *шаҳрошӯб* бошад, ҳаққонӣ тасвир кардани ҷузъиёти касбу ҳунар муҳимтарин қонуни равияи мазкур ҳисоб меёфт, ҳамчунин, дар сафарномаю ёддошт, ки дар адабиёти асримиёнагии мо равнақ доштанд, муносибати мудаққиқона ба предмети тасвир – талаби марказии жанрҳои номбаршуда, махсусан сафарнома, ба шумор меравад. Намунаи барҷастаи ин ақида таълифоти Аҳмади Дониш, Возеҳ, доктор Собир маҳсуб шуда метавонанд. Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин нест, ки дар адабиёти тоҷик, реализм, чун методи комили эҷодӣ, ташаккул ёфта бошад. Ҳақиқати зиндагӣ дар асарҳои адибони пешинаи

тоҷик, ҷузъ-ҷузъ истифода шуда, тамоми ҷузъиёту лавозимоти асари бадеиро нагирифтааст, меҳвари асосӣ дар ниҳоди ягонагию яклахтии асар қарор наёфтааст. Реализм он гоҳ ба методи эҷодӣ табдил меёбад, ки натанҳо ҷузъу кулли предмети тасвир, балки ҷумлаи лавозимоти асари бадеӣ, ҳамчун образу характер, забону услуб ва амсоли инҳо мувофиқи ҳақиқати зиндагӣ сурат гирифта бошанд.

Муҳимтарин фазилати реализм аз ин иборат аст, ки предмети тасвири нависанда эътимодбахш сурат гирад, яъне, хонанда ба гуфтори адиб бовар кунад. В.Г. Белинский гуфта буд: "Содагии тахайюл дар шеъри реалӣ яке аз нишонаҳои эътимодноки шеъри ҳақиқӣ, ҳамчунин истеъдоди ҳақиқӣ ва баркамол мебошад".

Реализми танқидӣ - як шохаи бисёр муҳими реализм дар асри XVIII дар Аврупо пайдо шуда, дар асри XIX нашъунамо кардааст. Капитализм дар Аврупо босуръат тараққӣ ёфта, торафт сармоядорро сарватмандтар ва меҳнаткашро хонахаробтар мекард. Коргар рӯз аз рӯз бештар кор мекард, маҳсули меҳнати вай торафт зиёд мешуд, аммо вазъияти зиндагии вай беш аз пеш бад мешуду бад. Донишмандону адибони пешқадам ба ин ҳолати фаҷеъ ва нобаробарии сангин мутаваҷҷеҳ шуданд ва дарёфтанд, ки одамро истисмор кардани одам **беадолатии иҷтимоист**.

Ҳамин ҳолати ногувор, яъне, бадбахтшавии аҳли меҳнат, муфлисии моддӣ ва саргумиҳои маънавии онҳо дар адабиёту санъати пешқадами халқҳои Аврупо, махсусан дар Русия, инъикос меёфтанд. Нависандагон тавассути образу характерҳои типии синфу табақаҳои гуногуни воқеӣ зулми синфиро фош мекарданд, омилони зулмро дар ноинсофию бефарҳангӣ, пастию бадахлоқӣ муттаҳам менамуданд. Дар асарҳои Н.В. Гогол, А.Н. Островский, Н.Г. Чернишевский, М.Е. Салтиков-Шедрин, Н.Л. Некрасов, А.П. Чехов ва дигарон, меҳнати тоқатшикан ва ғуломворонаи коргарону деҳқонон,

тинати поку ҳиммати олии онон, муносибати самимонаашон ба ҳамдигар ва муҳиту ватан, аз як тараф, беадолатиҳои аҳли синфи муфтхӯр, пучии фитрату пастии тинати онҳо, дурӯягию қаллобӣ ва ҳатто хиёнаташон ба халқу давлат, аз тарафи дигар, воқеъбинона таҷассум ёфтаанд.

Энгелс ҳодисаи нави методиро пай бурда, навишта буд, ки "ҷои қаҳрамонони собиқ – шоҳу шоҳзодагонро акнун камбағалон ва аҳли меҳнат ишғол карда истодаанд".

Хусусияти мумтози асарҳои реализми танқидӣ ин аст, ки *меҳнат* чун меъёри одамгарию ноодамӣ тасвир меёбад, гӯё бӯтаест, ки зари холисро аз фулузоташ ҷудо мегардонад. Касоне, ки меҳнат мекунанд, аз ҷиҳати моддӣ қашшоқанд, аммо ботинан ғанианд; онҳое, ки кор намекунанд, соҳибдавлатанду аз тамоми тарафҳои дигар пуч. Зиддияти сетарафа – ихтилофи зоҳиру ботини истисморкунанда, аз як тараф, истисморшаванда, аз тарафи дувум, зиддияти миёни ду тоифа, аз тарафи севум, нависандагони воқеъбинро дар ҳайрат гузошта, ва ҳушёр карда буд.

Муваффақияти бузурги реализми танқидӣ дар ин буд, ки нависандагон хусусияти синфии антагонистӣ доштани зулму истисморро пай бурда, ба хулосае омаданд: сохти иҷтимоиро дигар кардан зарур мебошад. Ин назария дар доираи қимати худ бешубҳа пешрафта буд.

Ин реализмро бинобар он *танқидӣ* номиданд, ки нависандагон ҳақиқати меҳнату зиндагии нобаробарро зери оташи сӯзони танқид гирифта буданд. Бояд қайд кард, ки қуллаи баландтарини адабиёту санъати умумиҷаҳонӣ дар охири асри XX *реализми танқидӣ* мебошад.

Аз нигоҳи даврaҳои баъдина маълум шуда, ки реализми танқидӣ маҳдудият ҳам доштааст. Роҳи наҷоти иҷтимоиро ёфта натавонистани нависандагон – норасоии реализми мазкур мебошад. Адибони бузурги пешқадам ихтилофи оштинопазири синфҳои иҷтимоиро диданд, зарурати ислоҳи

ихтилофи мазкурро дарёфтанд, аммо **роҳи ислоҳро пайдо карда натавонистанд.**

Маҳдудияти реализми танқидӣ дар марҳилаи дигари таърих, ба туфайли оммавӣ шудани кашфиёти асосгузорони назарияи илмӣ бартараф гардид.

Реализми танқидиро нависандагон дар давраи навин ҳам кор фармудаанд. Мувофиқи фикри баъзе адабиётшиносон, чунончи, Соҳиб Табаров, повести устод Айнӣ "Одина", махсусан қиссаи "Ҷаллодони Бухоро" тибқи реализми танқидӣ эҷод шудаанд.

Реализми сотсиалистӣ - методи эҷодиест, ки баъди сотсиализми илмӣ (дар замони Шӯравӣ) чун шоҳиди ҳамовозии санъаткорони пешқадам ба он падид омадааст. Дар миёнаи садаи гузашта Маркс ва Энгелс қонунияти муборизаи синфҳои ҷамъияти антагонистиро кашф намуда, ногузир аз миён рафтани сохти истисмориро исбот карданд. Акнун натанҳо зарурати аз миён бардоштани синфи муфтхӯри капиталистӣ, ки боиси бадбахтиҳои ҷомеа будааст, ошкор шуд, балки калиди ин табаддулоти азим – **муборизаи оштинопазири синфӣ** ҳам маълум гашт. Бо мурури андак замоне, назарияи мазкур дастраси аҳли пешқадами қалам шуд ва тавассути он маҳдудияти таърихии реализми танқидӣ тасҳеҳ ёфт. Азбаски шохаи нави реализм моҳиятан хусусияти ҷиддии фарқкунанда дошт, онро *реализми сотсиалистӣ* номиданд. С. Табаров дуруст навиштааст, ки "шаклгирӣ, пайдоиш ва инкишофи пуравҷи *реализми сотсиалистӣ* бо паҳншавии идеяҳои сотсиализми илмӣ ва ғалабаи он дар арсаи таърихӣ алоқаву вобастагии қавӣ дорад".[1] "Реализми

[1] *С. Табаров.* Реализми сотсиалистӣ - методи адабиёти советӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975, с. 10.

сотсиалистӣ, - гуфта буд Максим Горкий, - шояд танҳо дар асоси фактҳои таҷрибаи сотсиалистӣ бунёд шуда бошад".[1]

Методи нав дар ибтидои асри XX дар амалияи эҷоди бадеӣ татбиқ гашта, солҳои сиюм истилоҳи *реализми сотсиалистӣ*-ро ба худ гирифт. Дар таҳияи назарияи ин метод ва тарвиҷу тарғиби он Анҷумани якуми нависандагони СССР (с. 1934) нақши калон бозидааст.

Дар Ойинномаи Иттиҳодияи нависандагони Шӯравӣ, ки Анҷумани якум тасдиқ намуда буд, методи реализми сотсиалистӣ чунин таъриф дорад: *"Реализми сотсиалистӣ методи асосии адабиёти бадеӣ ва танқиди адабии советӣ буда, аз санъаткор тасвири ҳаққонӣ, таърихии конкретии зиндагониро дар инкишофи револютсионии он талаб мекунад. Дар ин ҳолат ҳаққоният ва конкретияти таърихии тасвири бадеии зиндагонӣ бояд ба вазифаҳои азнавсозии ғоявӣ ва тарбияи меҳнаткашон дар рӯҳи сотсиализм вобаста карда шавад".*[2]

Агар ин таъриф хулоса карда шавад, чунин гуфтан мумкин аст: дар реализми сотсиалистӣ ҳақиқати воқеӣ дар ҷамъбастагии диалектикӣ ва инкишофи револютсионӣ ба нафъи ғалабаи сотсиализм тасвир меёбад.

Дар таърифи мазкур се нукта ишора ёфтааст, ки ҳар яке толиби тафсири мухтасар мебошад. Пеш аз ҳама, дар хотир бояд дошт, ки методи мазкур ба тақозои инқилоби сотсиалистӣ арзи вуҷуд кардааст. Дар асари реализми сотсиалистӣ ҳақиқати ҳаёт инъикос меёбад. Ҳақиқати ҳаёт бошад, се марҳиларо дарбар мегирад:

1) ҳақиқати ҳаёти гузашта;
2) ҳақиқати ҳаёти ҳозира;
3) ҳақиқати ҳаёти оянда.

[1] *О литературе*, 1980, с. 397.
[2] *Первый Всесоюзный съезд советских писателей*. Стенографический отчет. – М.: Гос. Политиздат, 1934, с. 716.

Пӯшида нест, ки адиб ҳар се марҳилаи ҳақиқати зиндагиро дар як асар фаро гирифта наметавонад, балки як ё ду марҳиларо ба қалам медиҳад. Талаботи реализми сотсиалистӣ чунон аст, ки марҳилаҳои ҳаёт бо ҳамдигар вобастагии қавӣ дошта бошанд, яъне, агар нависанда гузаштаю ҳозираро ба қалам дода бошад, аз мантиқи баёни ӯ оянда ҳам тасаввур шавад, ё агар зиндагии мавҷударо инъикос кунад, давраи гузаштаи ҳаёт ҳам ишора гардад. Фаҳмиши марксистонаи ҳақиқат, албатта аз фаҳмиши субъективонаи буржуазии он фарқи куллӣ дорад.

Нуктаи дигар дар реализми сотсиалистӣ ҳамбастагии *диалектикист*. Ҳамон тавре ки диалектикаи материалистӣ дар қонуни сабабу натиҷа таълим медиҳад, масъалаҳои гуногун, воқеаю ҳолатҳои мухталиф, кулли ашё ва амсоли инҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Ин алоқамандӣ, ошкоро ва ё назарнорас сурат дошта, моҳиятан гоҳе мутобиқ ва гоҳе мухолиф аст. Ҳамин вобастагии азалии ҷузъиёти воқеӣ бо ҳамдигар дар асари реалйзми сотсиалистӣ мувофиқи мантиқи табиии худ бояд риоя шавад. Нависандае, ки ҳамбастагии мантиқи мазкурро таъмин карда наметавонад, ночор ба "тасодуф"-ҳо роҳ медиҳад, яъне, мушкилот осонакак ҳал мешавад, воқеа тасодуфан ранги дигар мегирад, қаҳрамон нохостан гирехи сарбастаро мекушояд, ки дар ин сурат реализми асар ногузир беқурб мегардад. Барои дида тавонистани риштаҳои аён ва махсусан ноаёне, ки миёни ҷузъиёти моддию маънавии ҳаёт мавҷуданд, адиб ғайр аз истеъдоду фитрати нависандагӣ, боз ба дониши амиқу мукаммал эҳтиёҷ дорад. Зарурати сабру бардошт ва тасҳеҳу такмили бурдборонаро ҳам таъкид кардан бамаврид аст, зеро таҷрибаи эҷодии С. Айнӣ ва Мирзо Турсунзода барин адибони забардаст, собит менамояд, ки асари хуби бадеӣ баъди хуш қабул шуданаш аз ҷониби хонандаю мутахассис ҳам қобили такмил будааст. Чунончи, устод С. Айнӣ пас аз интишори "Марги судхӯр" (с.

1939), дарёфтааст, ки алоқамандии Қорӣ Ишкамбаро бо судхӯрони деҳот нишон надодааст, ва онро дар нашри дувум (с. 1952), тасҳеҳ менамояд. Ба ҳамин навъ такмилоти шоиста достони машҳури "Ҳасани аробакаш" ҳам дучор шудааст.

Нуктаи дигари таърифи реализми сотсиалистӣ дар инкишофи револютсионӣ тасвир ёфтани ҳақиқати воқеӣ мебошад. Муҳаққақ аст, ки ҳеҷ як масъалаю ҳодиса ва ашёву чизи дигар дар ҳолати якхела намеистад, ҳамеша дар тағйироту такомулот назаррас аст, ё ниҳоӣ ба сӯи некист, ё бадист. Инро ҳам аз назар вогузоштан нашояд, ки ҳар як тағйироту табаддулот инкишофи револютсионӣ маҳсуб намешавад, *танҳо он дигаргунии ҷиддӣ маънии инкишофи револютсиониро дорад, ки аз рӯи зарурати мантиқӣ ба амал омада, рӯ ба сӯи некию пешравӣ дошта, ва тантанаи ҳақиқату демократияро ифода карда бошад*. Дар ҳаёт дигаргуниҳои зиёде ба амал меоянд, ки моҳияти инқилобиро надоранд, зеро зӯран, бидуни тақозои мантиқӣ ба амал оварда шудаанд, ва албатта, хилофи ҳақиқату демократия қарор гирифтаанд. Дар методи реализми сотсиалистӣ, ки зотан барои ифодаи манфиати куллӣ, барои хидмати демократия, прогресс ва сотсиализм зуҳур кардааст, ҳар як предмет мувофиқи ҳамин инкишофи револютсионӣ бояд тасвир ёбад.

Хусусиятҳои методи реализми сотсиалистӣ, мувофиқи ақидаи мутахассисони таърихи адабиёт, бори аввал дар романи "Модар"-и А. Горкий татбиқ ёфтааст.

Нависанда натиҷаи даҳшатовари тарзи капиталистии истеҳсолотро дар образи коргар Власов нишон додааст. Власов, ки намояндаи пролетариати хонахаробшудаи Русия аст, бар ивази меҳнати зиёду пурмашаққати худ як дами хурамро намебинад, заҳри дар корхона ноилоҷан андӯхтаашро ба ҳамсараш Пелагея Ниловна мерезад ва қасдашро аз арақ мегирад. Азбаски Власов роҳи наҷот надошт, аз миён меравад. Ба ҷои вай писараш Павел меояд. Азбаски писар вориси падар

аст, аракхўрию мочарои падариро идома медиҳад. Зиндагии дилбазан Пелагея Ниловнаро ба ҷон оварда буд; писарашро коҳиш мекунад: наход ин ҳам, мисли падараш майзада шавад? Павел, ки ҷавон буд, аз коҳиши модар чашмаш боз мешавад; мечўяд, ниҳоят, решаи зулмро меёбад, ба инқилобчиён ҳамроҳ шуда, муборизаи зидди сохти истисмориро вусъат медиҳад. Дар ниҳояти кор, ба ин амали хатарнок, вале начиб, худи модар ҳам гирифтор мешавад, ва фаъолияти инқилобии писари маҳбус ва рафиқони вайро идома медиҳад.

А. Горкий воқеаро лаҳза-лаҳза ривоҷ дода, ҷаҳонбинии қаҳрамони онро зарра-зарра вусъат медиҳад. Аммо ривоҷи ҳар як лаҳзаи воқеаи умумӣ, ва вусъати тадричии ҷаҳонбинии персонажҳои асосӣ, сабабҳои маҳкаму шубҳанопазири худро доранд. Хусусияти марказии романи "Модар" дар масъалаи тарзи тасвир дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ин хусусият пеш дар таҷрибаи эҷодии Иван Франко, масалан, қиссаи "Болеслав механдад" мушоҳида мешуд.

Дар маркази реализми сотсиалистӣ, бегумон гуфтаи Энгелс дар бораи мувофиқати характери типӣ бо вазъияти типӣ қарор дорад. Натанҳо истеъдоду ҷаҳонбинии санъаткор, балки малакаю маҳорати ӯ, маҳз дар ҳамин ваҳла аз имтиҳон мегузарад.

Дар адабиёти халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон методи реализми сотсиалистиро бори аввал дар жанри роман устод Айнӣ ба кор бурд. Устод Айнӣ хатти тасвири худро дар романи "Дохунда" (с. 1929) аз хонадони миёнаҳоле оғоз менамояд, ки шароити қонуни сохти пўсидаи феодалӣ тадричан онро хонасалот мекунад. Бозор бозуи корӣ ва зану фарзанд дорад; барзагов, замини корам ва бародар дорад. Дар дили вай орзуи писар хона мегузорад: аз мардум тўй хўрдааст, ба мардум бояд тўй диҳад. Манфиатхўрони деҳа Бозорро ба тўй ташвиқ, ва баъдан қарздор мекунанд. Бозори дарбадари қарздор, дар як ҳолати фаҷеъ мемирад, ва ба ҷои

вай писараш Ёдгор меояд. Азбаски Ёдгор ҷавон аст, қобилияти идрок дорад ва беасосии қарзи падарро мефаҳмад, бинобар ин, роҳи халосӣ мечўяд. Ёдгор роҳҳои гуногуни наҷотро мекобад, дар ҷойҳои мухталиф бо одамони ҳархела дучор меояд, дар ёфтани ҳақиқату адолат, дар шинохтани дўстони ҷонӣ ва душманони асосӣ машаққатҳои зиёд мекашад. Ниҳоят, Ёдгор мефаҳмад, ки зулми кашидаи вай *ҷузъӣ* набуда, балки *синфӣ* аст; инчунин мефаҳмад, ки ин душманони синфиро танҳо синфи меҳнаткаш нест карда метавонад, ва вайро дар ин роҳи мубориза ҳизби болшевикӣ муттаҳид мекунад. Ёдгор ин қувваи азимро дармеёбад (аниқтараш худи ин қувва Ёдгорро аз зиндон наҷот медиҳад), бо он ҳамроҳ шуда мубориза мебарад, ғалаба мекунад ва сохти дилхоҳро барпо менамояд.

Дар романи "Дохунда"-и устод С. Айнӣ ҳам, чунон ки дар мавриди "Модар"-и М. Горкий дидем, зиддияту воқеаҳо, ҳам образу характери қаҳрамонон дар *тағйироту такомулоти* пайваста инъикос ёфтаанд, ва ҳама бакуллӣ дорои асоси маҳками мантиқии худ мебошанд.

Реализми сотсиалистӣ моҳиятан пешқадамтарин методи эҷоди бадеӣ будааст; аз як тараф, ба муҳимтарин қонунияти тараққиёти ҳастӣ асос ёфта бошад, аз тарафи дигар, ба манфиати аксари кулли башарият, ки аз оммаи меҳнаткаш ва табақаи зиёии пешқадам иборат мебошад, нигаронида шудааст. Сабаби дар як муддати кўтоҳ ба методи асосии адибону санъаткорон табдил ёфтани он, бегумон, ҳамин мебошад. Дар рушду такомули реализми сотсиалистӣ Александр Фадеев ва Михаил Шолохов, Федор Гладко ва Константин Симонов, Мухтор Авезов ва Михаил Стелмах, Чингиз Айтматов ва Валентин Распутин ва ғ. хидмати шоиста кардаанд.

Тасаввури ин ки реализми сотсиалистӣ дар доираи чорчўбае гунҷоиш дораду аз хатти формулае берун намеояд, ғалат аст. Ҳарчанд методи эҷодии гурўҳи калони нависандагон

реализми сотсиалистист, аммо он аз тарзи нигориши адибони давраҳои пешин фарқ дорад. Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов, Валентин Распутин, Фазлиддин Муҳаммадиев, Нодар Думбадзе ва дигарон, тавассути асарҳои барҷастаи худ ҳақиқати зист ва ахлоқи ҳамзамонони моро диққаткорона ва дилнишин ба қалам додаанд. Тасвири воқеии мушкилоти зиндагӣ, дар пӯйишҳо, ва гоҳе калавишҳо нишон додани инсон аз нишонаҳои нави реализми сотсиалистӣ маҳсуб мешаванд.

Реализми сотсиалистӣ бинобар аз рӯи моҳият ва рӯҳия методи пешқадам буданаш, ҳоло дар эҷодиёти нависандагони ҳамаи кишварҳои сотсиалистӣ ва кишварҳое, ки адабиёту ҳунарашон мачрои озодонаи демократӣ доранд, бомуваффақият истифода мешаванд. Умуман, суханварони пешқадами ҷаҳон, ки аз нерӯи заковати нависандагӣ моҳияти аслии реализми сотсиалистиро дарёфтаанд, ба он ҳусни таваҷҷуҳ пайдо кардаанд. Дар осори Анри Барбюс, Луи Арагон, Жоржи Амаду, Ҷон Рид, Юлиус Фучик, Пабло Неруда, Садриддин Айнӣ, Нозим Ҳикмат, Сабоҳиддин Алӣ барин суханварони бузурги ҷаҳон, хусусиятҳои реализми сотсиалистиро пай бурдан мумкин аст.

Реализми сотсиалистӣ таркибан ҳам методи демократитарини дунё маҳсуб мешавад, зеро дар вай ҳар гуна услуби писандидаи эҷодӣ равост, дар он мактабҳои гуногуни адабӣ амал мекунанд, ҳатто методҳои дигари эҷодӣ ҳам истифода мешаванд. Ҳар як нависандаи забардаст мувофиқи дараҷаи донишу ҷаҳонбинӣ ва баробари лаёқати зиндагишиносии худ сабке хосае бунёд менамояд. Аммо ин гуногунсабкӣ, агар дар муқобили рӯҳияи реализми сотсиалистӣ қарор нагирифта бошад, мухолифи табиати таркибии методи мазкур набуда, балки ғановати услубии онро ба вуҷуд меоварад.

Дар ҳар адабиёт, ё чанд адабиёти минтақае, имконияти якчанд мактаби адабӣ вуҷуд дорад, ки ба ҳастии анъанаҳои адабӣ, истеъдодҳо ва амсоли инҳо вобастагӣ дорад. Дар

сурате, ки мавқеи ғоявии намояндагони мактабҳои гуногуни адабӣ ба рӯҳияи сотсиализм содиқ бошанд, ин адибон дастурҳои як методи реализми сотсиалистиро бемалол бачо оварда метавонад. Чунон ки мактабҳои адабии М. Горкий, М. Шолохов, С. Айнӣ, М. Турсунзода ва ғ. бо табиати реализми сотсиалистӣ натанҳо ихтилоф надоштаанд, балки ғанитару мукаммалтар намудаанд. Ҳар яке аз методҳои пешқадам, ҳамчун реализми танқидӣ ва романтизми револютсионӣ бозёфту фазилатҳои нодир дорад, ки он дар асари реализми сотсиалистӣ ҷо-ҷо истифода шуда метавонад. "Ин омехташавии романтизм ва реализм, - мегӯяд М. Горкий, - махсусан барои адабиёти бузурги мо характернок аст, ба ӯ тозагӣ мебахшад, қувваеро ато мекунад, ки он торафт бештар намоён мегардад ва ба адабиёти тамоми олам амиқтар таъсир мекунад".

Таҷрибаи эҷодии адибон ба хубӣ нишон медиҳад, ки агар дар асари ҳамосавӣ тибқи мавзуъ ва ғоя, бардошти образу характерҳо, баробари имконияти воқеаю зиддият лаҳзаҳои реализми танқидӣ ва романтизми пешқадам ба кор бурда шаванд, асар дилчаспу муассир хоҳад буд. Ба унвони намуна, "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ ва роману повестҳои Ч. Айтматовро ба хотир овардан мумкин аст, ки аввалӣ аз романтизм (равшантар аз ҳама дар силсилаи ҳикояҳои ишқи духтари ноком) ва дувумӣ аз реализми танқидӣ моҳирона фоида бурдааст. Баъзе мунаққидон асарҳои Ч. Айтматовро ҳатто сирф танқидӣ ҳам мегӯянд.

Ин мавзуъ, яъне, дар масъалаи тарзи тасвир серпаҳлӯ будани адабиёт, ҳодисаи тасодуфӣ ва ғайричашмдошт нест. Қонунияти ин ҳодисаро ҳанӯз А. Горкий таъкид карда буд: "Санъате, ки одамону замони моро инъикос мекунад, чӣ гуна бояд бошад? Агар сухан дар бораи "услубҳо" ва "ҷараёнҳо" равад, беихтиёр Пушкину Толстой ба хотир меоянд. Дар санъати реалистонаи онҳо унсурҳои ҳам романтизм ҳаст, ҳам

класситсизм, ҳам агар хоҳед символизм. Аниқтараш – дар асоси эҷодиёти санъаткорони мо реализми серпаҳлӯ бояд қарор бигирад".

Аммо ба хотир ҳаргиз роҳ додан мумкин нест, ки методи реализм як баҳри беканор буда, дар вай ҳама гуна ҳарачу марач ва лашу лушҳо имкон дошта бошад. Мутлақо ин тавр нест. Дар истифодаи метод ва саропои вай **меъёри қатъие** мавҷуд аст, ки андаке риоя накардани он, мавҷудияти методи мазкурро бакуллӣ барҳам мезанад. Ин меъёр ҳамон талабҳое мебошанд, ки дар таърифи боло ишора ва тафсир ёфтаанд. Ҳамин навъ меъёри қатъӣ дар масъалаҳои муносибат ва гуногунии услуби фардии эҷодӣ, мактабҳои адабӣ ва методҳои дигари эҷодӣ низ ҳоким мебошад. Ин ҷо меъёр боз ҳам мураккабтару қатъитар мегардад, зеро дар ин сурат нависанда вазифадор аст, ки пеш аз ҳама ҷузъиёти тасвирро ҳаққонӣ, дар ҳамбастагии диалектикӣ ба қалам диҳад, аз тарафи дигар, услуб ва ё методи дигарро чунон кор бандад, ки аз он реализми умумии тасвир ва руҳияи сотсиалистии асар халалдор нашавад. Риоя накардани ин талабҳо, бешубҳа, амре мушкил буда, аз уҳдаи он танҳо адибони забардасте, ҳамчун С. Айниву М. Авезов, Е. Распутину Ч. Айтматов, Ф. Муҳаммадиеву Н. Думбадзе баромада тавонистаанд.

Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, ки дар моҳи декабри соли 1991 фурӯ пошид, фазилатҳое дошт, аз ҷумла:

1 – дар саросари қаламрави Иттиҳоди шӯравӣ озодӣ ҳукмфармо буд;

2 – бар ҳар гӯшаи кишвар, ки мерафтем, амнияте комил буд, касе ба касе коре надошт;

3 - таҳсили мактабҳои миёна ичборӣ ва ройгон буд;

4 - хадамоти пизишкӣ ва дармонӣ низ ройгон буд; ҳар минтақаи шаҳр маркази пизишкӣ дошт; касе бемор шуд, бо шумораи 03 тамос мегирифт, мошини 03 фаврӣ - ҳадди аксар дар 10 дақиқа мерасид, бо мутахассиси пизишк ва асбобу

анҷомаш; муоина мекард, зарурат бошад мебурд, ҷиддӣ набошад, ҳамон ҷо дармон мекард;

5 – ҳудудан дар сӣ соли охир дар кӯчае ё хиёбоне гуруснае, гадое ба назар намерасид;

6 – молу мулк ҳама давлатӣ буд;

7 – киштукор пешрафта буд; Тоҷикистон, ки 7 дарсад замини корам дошт, то як млн. пахта парвариш мекард.

Ва аммо Шӯравӣ айбу эрод ҳам дошт, ки саранҷом фурӯ пошид:

1 – касоне – аксарияти рӯшанфикрон – мамнуъ-ул-хуруҷ буданд (аз банда забонхат гирифта буданд, ки бо ҳеҷ хориҷие сӯҳбате нахоҳам кард);

2 - соли 1980 аз Донишгоҳи Кобул даъватнома фиристоданд; рухсатам надоданд ва проф. А. Сатторзода рафт ва ду сол тадрис кард;

3 – фарҳанг ва забони миллӣ зери фишор буд, забони идорӣ забони русӣ буд, ки ба коста шудани забони тоҷикӣ оварда расонд;

4 – М. Горбачев дар соли 1985 ошкорбаёнӣ эълон кард, ба дунболи он вай ба иштибоҳ роҳ дод: дар моддаи 6-уми Қонуни Асосӣ омада буд, ки ҳукумат дар дасти Ҳизби камунисти Иттифоқи Советӣ аст, ин модда дар ин сурат тағйир дода шуд: ҳукумат ба дасти Шӯро бигзарад. Ва ҳамон *калони ҳизб омаду сарвари Шӯро шуд;*

Танҳо фазилаташ шояд ин бошад, ки рафтуомад бо хориҷ имконпазир шуд – аз ҷумла бо Эрон – Эрони ҳамзабону ҳамфарҳангу ҳамсарнавишт.

Баргаҳое аз лутфу зарофат ...

Суннат. "*Суннат* иборат аст аз табалвури таҷрибаҳо ва донишҳои гузаштагон дар замонаҳои гуногуне монанди фарҳангу ҳунар ва ахлоқу рӯҳиёти иҷтимоӣ".[1] Азиз

[1] *Сухане чанд дар бораи масоили тозаи шеър.* – Омӯзгор, 19 феврали 1992, шумораи 8.

донистани нону гиромӣ доштани он, аз замин бардоштану ба чашм молидани нонреза – аз русуми бостонии тоҷикон аст. Пошидани як каф орд ба пешонии аспу гову гӯсфанд, ки ба хонаводае ҳадя шудааст; пошидани як каф орд ба рӯи меҳмоне, ки орд овардааст – низ аз суннатҳои дерин аст. Ин расм барои фаровонии ризқу рӯзӣ анҷом мешавад.

Аз дигар одатҳои тоҷикон ин аст, бо пои чап ба хона ворид намешаванд, бо дасти чап чизе намедиҳанд, бо дасти чап хӯрок намехӯранд, аз дасту пои чап пӯшок намепӯшанд, аммо кашидан – аз дасту пои чап аст.

Рамзи бостонии ориёиён, ки фашистони олмонӣ ба самбули сиёсии худ табдил дода буданд, маънии ҷунбиш ва ҳаракати беистро дорад. Шер, ки низ аз рамзҳои бостонии ачдодон аст, маъниҳои қудрат, тавоной, саховат, рӯшной, покизагиву ҷавонмардиро ифода мекунад. Мардуми мо ба моҳияти ранг эътибори ҷиддӣ медиҳад: гули зардро рамзи ҷудоӣ медонанд; дар мотам сиёҳу кабуд мепӯшанд; дар тӯю сур – сурх. Дар сафар "роҳи сафед" орзу мекунанд, дар баровардани арӯс "бахти сафед" мехоҳанд. Вақте Камони Рустамро дар осмон мебинанд, мегӯянд:

Сурхат ба рӯям,
Сабзат ба доманам,
Зардат ба рӯи душманон.

Суннати мардуми мо чунон аст, ки дар хушкондани пӯшоки гузаштагону зиндагон эътибор медиҳанд: пӯшоки зиндаҳоро роста мешӯянду хушк мекунанд, аммо либоси даргузаштагонро чаппа мешӯянду мехушконанд, то се рӯз дар ҳавои боз нигоҳ медоранд, баъд ба касоне тақсим мекунанд.

Расму ойин. Арзиши расму одоти милливу мардумӣ; ҷойгоҳи онҳо дар адабиёт. Ду мисол аз "Фирдавсӣ": рӯ ба Тоқи

Кисро намоз гузордани Фирдавсӣ, ва гузоштани барги сабзе рӯи дастурхон, ҳангоми сарфи таом. Пойбандии Яздигурд бар русуми ачдодӣ; талошҳояш дар дифои кишвар, ва кушта шуданаш дар ҳамин роҳ; ва анҷоми фоҷеа дар риояти суннат.

"Танҳо миллати зинда таърихи худро меомӯзад; медонад ва эҳтиром мекунад. Таърих бузургтарин омили худогоҳӣ, наздиктарин роҳ ба кӯи худшиносист. Вале ман шубҳа дорам, ки мо зинда бошем".[1]

Арҷи ҳунар. *Ҳунар* гавҳари поку обдорест, ки барои ҳамагон зебанда аст. Ҳунар оби софест, ки аз чашмае берун омада, ба оби рӯду дарё ҳамроҳ шудааст, ва ҳамагон аз вай нӯш мекунанд; вале бо ин коре надорад, ки ин об зодаи кадом чашмае ва кадом кӯҳе мебошад. Агар ба ин тамсил дурусттар зеҳн монем, бояд гуфт, ки оби чашмаи мушаххасро аз оби дарё наметавон ҷудо кард. *Ҳунар низ чунин аст: зоянда он гум мешавад.*

Рамзи ҳастӣ. Рамзи ҳастӣ ҳам чаҳоргона аст: тоқиҳои чустӣ, ироқӣ, гулдӯзӣ чаҳор бахш доранд; чаҳор фасли сол; баҳору тобистону тирамоҳу зимистон; чаҳор унсури ҳастӣ: обу боду хоку оташ; чаҳор акси олам: ҷанубу шимол, шарқу ғарб, чалепои бостонии ориёӣ: ду пову ду дасти беист даванда …

Бадеҳа. Бо супориши Атобаки Саъд шоир Афзали Кирмонӣ бадоҳатан рубоие мегӯяд, ки адасу нахӯду биринҷ дар чаҳор мисраъ омада:

То холи адасшакл шабехун овард,
Ғалтон чу нахӯд зи чашми ман хун овард.
Савдои ду чашми мошгуни ту маро,
Аз пӯст биринҷвор берун овард.

[1] *Салими Аюбзод.* Ҳузури Худоро эҳсос мекунед? – Чароғи рӯз, 1992, шумораи 8/29.

Мирчӯшиши Азимободӣ мегӯяд: рӯзе Тасвири Муршидободӣ писари ширхораи худро бар дӯш гирифта, дар саҳни хона истода буд. Мир Ишқӣ - шавҳари вай, ки шоир буд, ин мисраъро мехонад:

Дидам ба дӯши он маҳ тифле, паринажоде

Тасвир бадоҳатан ин мисраъро гуфт:

Чун мисраъе, ки бошад пайванди мустазоде.[1]

Лаффу нашр. Санъате ҳам ҳаст, ки *лаффу нашр* мегӯянд: дар мисрае вожаҳое меояд, дар мисраи дигар - тавсиф:

Руху зулфу лабу дандони ҷонон
Гул асту сунбул асту лаълу марҷон.
Зи чашму мижаву абрӯш, Фоиз,
Ҳазар кун: турк бо тир асту пайкон.[2]

Мақлуб. Афзалиддин Бадил Хоқонӣ (520 ҳ. - 582 ё 589 ҳ.) байте гуфта, дар санъати мақлуб:

Бақое нест ҳеҷ иқболро, чанд озмудастӣ,
Худ, инак "лобақо" мақлуби "иқбол" аст, бархонаш!

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар шеъре лутфе оварда: аз "Иқбол" – "лобақо" сохта:

Иқболро бақо набвад, дил бар ӯ мабанд,
Умре, ки дар гурур гузорӣ, ҳабо бувад.

[1] *Рубоиёти Фоизи Дашистонӣ.* – Исфаҳон, 1349, с. 49.
[2] *Тазкират-ул-хавотин*, с. 134.

В-ар нест бовараш, зи ман ин нукта гӯш кун:
"Иқбол"-ро чу қалб кунӣ, "лобақо" бувад.

Эҳтимоли ғолиб ин аст, ки ғурури Хоқонӣ мавриди писанди хоҷа Насир набудааст. Бо ин вуҷуд, маънии байти дуввумро аз Хоқонӣ гирифтааст.

Ҳазлу зарофат. Расул Ҳодизода дар бораи Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдо мегӯяд: "Савдо ғайр аз он ки дар мазмунҳои лирикаи ошиқона як оҳанги шӯху мутоибаомезе дохил намудааст, мувофиқи ҳамин оҳанг дар забону иборот баъзе ихтироъкориҳо низ кардааст: яке аз ин ихтироъкориҳое, ки махсуси сабку услуби худи Савдо мебошад, *аз исм феъл сохтанҳои ӯ мебошад.* Ин ихтироъоти Савдо бо мундариҷоти шеъри вай вобастагии қавие дошт. Чунин феълҳои исмӣ, ки гоҳе тамоман ғайричашмдошт, аммо бамавқеъ сохта мешуданд, оҳанги шӯх ва зарофати ашъори лирикии ӯро тақвият медоданд".

Намунае аз лутфи Савдо:

Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно ***фиребидӣ,***
Напурсидӣ ба дарди интизорам: "чун ***шикебидӣ?"***
Ба доги ҳаҷри ӯ сад соли дигар ***мешикебидам,***
Агар як шаб висолашро қазо бо ман ***насибидӣ.***
Ба поят сар ниҳодам, саҷда кардам, ***илтиҷоидам,***
Нараҳмидӣ *ба ҳолам, балки* ***хашмидӣ, итебидӣ.***
Бишавқидӣ *дили ман,* ***қумрийидӣ, андалебидӣ,***
Ниёзи мову нози ёр бо ҳам сахт ***зебидӣ!***
Қадат ***сарвидию*** *рӯят* ***гулидӣ*** *дар гулистонҳо,*
Гаҳе мастона сӯи кулбаи Савдо ***хиромидӣ.***

Ин *шоири латифгӯ дар латифагӯӣ устухон* надорад. Мисоле дигар, ки вожаҳои бегонаро ширин мешиканад: *қоқ, тӯғрӣ, ҳоқ, пичир-пичир, сиёқ, бурмаҷал, қучоқ, қуроқ, эҳтироқ:*

Гуфта будӣ, ки мекунам чора гами фироқро,
*Чун накунӣ, **чико кунам ваъдаи хушку қоқро?***
Тӯғрӣ каший агар буҷул, гум нашавад ҳисоби пул,
*Камбағалона кор кун, покиза гӯй **ҳоқро.***
*Баҳри фиреби аҳли дил чанд кунӣ **пичир-пичир?***
Нест бинои маҳкаме қоидаи нифоқро.
Гӯлахиёни ишқи ту бехабаранду бехирад,
*Ҳеҷ ба умр дидаӣ ин сару ин **сиёқро?!***
Гарчи тамаъ буридаам, ошиқи ранҷдидаам,
*Муфт чи гуна мугзарам даъвии **нони қоқро?***
*... **Камбағалему камбағал,** лек наем **бурмачал.***
*Ёр агар вафо кунад, нася диҳад **қучоқро.***
... Рафт чи кӯҳнаву чи нав, пок бибозу банда шав,
*Чун дигарон манеҳ гарав **калтачаи курокро.***
*Вазъи **қиморпешагон** пур аҷаб асту ин аҷаб:*
*Нӯкари муҳтасиб барад куртаи **садямоқро.***
Мояи ин қиморҳо аз ҷави асби муҳтасиб
Нест зиёда, пеша кун худ сафари Ироқро.
*Бепул, агар мадад кунад толеи **намкашидаат,***
*Кай ба назар дароварад кавкабат **эҳтироқро?***

Зарофате ҷолибро Возеҳ ҳам гуфта: *гижбӯл, пес, ҳез, кафурт, гӯрт, яйлоқи поякӣ, гарибкаш, чалпакӣ, камбағалони даҳанкалон:*

*Дирӯз мову Фозили **гижбӯлу** Нори **пес***
Бо Аҳмади нақорачиву Ҷӯраи саис,
*Ҳези Карими Носири биллоҳии **кафурт,***
*Тоши гадову Зокири дӯр-дӯру Нори **гӯрт,***
*Кӯри Шарифу Темури **яйлоқи поякӣ,***
*Бо Рӯзии **гарибкашу** Эшбои **чалпакӣ***
*Будем ҷумла **камбағалони даҳанкалон***
Як пул ба киса нею такаббур бар осмон ...

Мушоира – хондани шеър аст. Яъне, чанд нафар аз осори худ, аз дигарон шеър мехонанд.

Байтбарак – мусобиқаест дар шеърхонӣ. Шарт ин аст, ки пораи баъдӣ бояд бо ҳарфи охирини гӯяндаи пешин сар шавад. Маъмулан байт хонда мешавад, вале агар рубоист, он пурра хонда мешавад. Тафовути "мушоира" аз "байтбарак" ин аст, дар аввалӣ, шеър комил хонда мешавад.

Дар Эрон ҳардуро "мушоира" мегӯянд.

Ҳаҷв. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳаҷве гуфта, ва аммо дар либоси мадҳ:

Ҳаст дар силсилаи хоқонӣ
Муҳрдоре, ки надорад сонӣ.
Чун каломаш ба зарофат омехт,
Аз даҳонаш гуҳари беҳад рехт.
Фахри офоқ бувад з-ӯ шуда фош
Мардумию караму ҳусни маош ...
Аз сари лутф муини фуқарост,
Ки кушода рухаш аз айни атост.

Ҳазл. Убайди Зоконӣ лутфе ҷолиб дорад: *ҳазлро ҷидд дону ҷиддро – ҳазл:*

Ҳазл таълимест, онро ҷидд шунав,
Ту машав бар зоҳири ҳазлаш гарав.
Ҳар ҷиде ҳазлест байни ҳозилон
Ҳазлҳо ҷидд аст байни оқилон.

Нақиза. Дар луғат мухолифат ва муқобилат аст, дар истилоҳи адабӣ навъи шеъри ҳаҷвию мутоибавист; бо ин шарт, ки дар заминаи асари дигар суруда шуда бошад. Шоири нақизакунанда шеъри шоири нақизашаванда интихоб мекунад, ба маънӣ ва ё шакли сусту номаҳками он нақиза мекунад. Аксаран порае аз шеъри нақизашаванда ё

дар ибтидо иқтибос ва ё дар зимн тазмин мешавад. Шоири сонӣ бояд вазну қофия, жанр, ҳатто аз муҳимтарин образу алфози онро риоят намояд.

Сӯзании Самарқандӣ, Абӯисҳоқ Атъимаи Шерозӣ, Восифӣ, Шоҳин, Савдо, Аминзода, Суҳайлӣ ба шеъри ҳамзамонони худ нақиза гуфтаанд.

Гоҳе шоир ба асари худ ҳам нақиза мебандад. Чунон ки Пайрав Сулаймонӣ мустазоде ҷолиб гуфтааст:

Эй шоири оташқалами бо қадами нав,
Савдогари Маскав,
Дар дашнаи ишканҷаи танқид забаррав
Афтода ба тиргав,
Аз зарбаи танқид дамодам шуда беҳол
Афсурдаву помол,
З-он аср, ки худро шумурӣ "кӯру кару лол"
Тарсида зи ҷанҷол.
Ҳон, "Курсии хунин"-и ту хун-хун,
Эй шоири Маҷнун,
Чон хуну ҷаҳон хуну замин хуну замон хун,
Олам шуда гулгун …

Дар таърихи адабиёт чунин ҳам шудааст, ки шоир аз номи шоире дигар ҳам нақиза бастааст.

ПАСГУФТОР

1. Баргузидаи Пурйуткешон. Китоби бостонии "Баргузидаи андарзи Пурйуткешон", ба номи Зардушт, писари Одурбоди Маҳраспандон[1] чунин оғоз меёбад: Пурйуткешони нахустдонишон ба пайдой аз дин гуфтаанд: ҳар мардум, ки ба доди понздаҳсолагӣ расад, он гаҳ ин чанд чизро донистан боядаш:

- Кистам?
- Ва киро хеш?
- Ва аз куҷо омадаам?
- Ва боз куҷо шавам ?
- Ва аз кадом пайванду гавҳарам?
- Ва дар ҷаҳон вазифаам чист?
- Ва музди менуши (рӯҳонии) ман чист?
- Ва аз мену (ҷаҳони руҳонӣ) омадаам? Ё дар гетӣ будам?
- Аз Ҳурмуздам? Ё аз Аҳриман?
- Аз Яздон? Ё девон?
- Аз неконам? Ё бадон?
- Мардумам? Ё дев?
- Роҳам чанду динам кадом?
- Ва судам чиву зиёнам чӣ?
- Ва дӯстам киву душманам кӣ?
- Бунёдам як ва ё ду?
- Аз кӣ некиву аз кӣ бадӣ?
- Ва аз кӣ рӯшаниву аз кӣ торикӣ?
- Аз кӣ хушбӯиву аз кӣ бадбӯй?
- Ва аз кӣ доду аз кӣ бедодӣ?
- Ва аз кӣ бахшояндагиву аз кӣ нобахшояндагӣ?".[2]

[1] Вай мубади мубадони Шопури II (309-360 м.) буд.
[2] *Садои Шарқ*, 1996, № 1-4, с. 141.

2. Ҷашни Наврӯз (Саргузашти Ардашер)

Чу сар берун кашид аз ҷайби шаб рӯз,
Сабоҳ-ул-хайр барзад абди Наврӯз.
Куҳангетӣ шуд аз Наврӯз тоза,
Арӯсони чаман бастанд гоза [...]
Ҳам оби чашма дар кӯҳсор ҷӯшид,
Ҳам аз сабза даҳони чашма пӯшид.
Зи кабкон қаҳқаҳа дар кӯҳ бархост,
Хиромидан гирифтанд аз чапу рост,
Дамида сабза тарфи чашмаву ҷӯ,
Чу бар болои чашми ёр абрӯ.
Ба озодӣ навохон сарви озод,
Садои шодмонӣ дода шамшод [...]
Ҷаҳон дар майгусорӣ гашта побаст,
Фалак – соқӣ, тараб – бода, замин – маст.
Ба хум табрикхон май аз сари ҷӯш,
Ба лаб онро май инро бар забон "нӯш"!
Бузургон хурдҳоро гашта ҷӯён,
Ба якдигар "муборак бод!"-гӯён.
Гадову хоҷа дардода ба ҳам даст,
Шуда бо габриёхӯ ҳамнишин паст.
Ба ҳар гӯша сараррозу фурӯтан
Чу ду ёри мувофиқ дасту гардан.
Ба дарвешон кушода шоҳ оғӯш,
Шуда шоҳиву дарвешӣ фаромӯш.
Фурӯзон карда якрангӣ шамоил,
Фиканда гардан аз бозу ҳамоил.
Лабон суда зи бас бӯса чашидан,
Рухон фарсуда аз бӯса кашидан.
Зи дилҳо тиразанги кина шустанд,
Чу гунча бо лаби пурханда рустанд.
Бар андӯҳ хатти батлон баркашиданд,
Ба гам тори фаромӯшӣ таниданд.

Чунин рӯзе зи гардун кард гам дур.
Зи хотир хокро занги алам дур
Шаҳаншоҳе садои тоза дардод.
Ба номи Ардашер овоза дардод.
Фароҳам мубаду ахтаршиносон,
Ба кохи арҷманди пури Сосон.
Бар авранги каён бо тоҷи Ҷамшед
Нишаста шоҳ чун бар чарх хуршед.
Ба дасти чап гирифта ҷойи фағфур,
Ба самти рост манзил карда қайсур.
Бузургони ҷаҳон – румиву чинӣ,
Зи ҳиндидуда то тӯронзаминӣ.
Санодида каёну тухмаи Ҷам,
Ҳама дар ҷашн ҷо бар ҷо фароҳам.
Сипаҳдорон ҳамоил карда шамшер,
Чу шерони дижам, чун панҷаи шер [...]
Қабули шоҳро гардун дуто пушт,
Ба чашм аз моҳи нав бинҳода ангушт.
Ғуломон халқа баста гӯш бар гӯш,
Бузургон саф кашида дӯш бар дӯш.
Саодат дар ҷаҳон карда мунодӣ
Мусаххар карда гетӣ ҷайши шодӣ [...]
Зи ман бинюш гуфтори Каюмарз,
Ки шаҳ банда бувад, хоҷа кишоварз!
Раият гарчи бар шаҳ медиҳад боҷ,
Ба деҳқон аст тоҷи шоҳ муҳтоҷ.
Асоси дастгоҳи подшоҳӣ
Зару симу сапедиву сиёҳӣ.
Ба дайр аз дастранҷи ранҷбар нест,
Шаҳ илло хӯшачини барзгар нест.
Шаҳе к-ӯ аз раият пос бардошт,
Барои худ дурудан дос бардошт [...]
Намакхора намакдонро чу бишкаст,

Дари кони намак бар рӯи худ баст.
Шаҳаншоҳӣ – бувад деҳқоннавозӣ,
Мабод аз ҷавр бар деҳқон битозӣ!
Зи Яздон чун ба гетӣ подшоӣ,
Шубони гӯсфандони худоӣ!
Бикан аз бун магелони ситам кеш,
Зи нафрини ситамдида бияндеш! [...]
Зи ҷо бархост донишманд Фаршод,
Забони паҳлавӣ дар панд бикшод.
Зи дарёи сухан бархосташ ҷӯш,
Дар он дарё чу нилуфар ҷаҳон гӯш.
Ситоиш хонд Яздону Ватанро,
Мухотаб сохт он гаҳ марду занро.
Ки: "Эй эрониёни покфарҷом,
Шаҳ – огозони шоҳаншоҳи анҷом.
Агар хоҳед, к-ин гетимадоре
Дар ин кишвар намояд пойдорӣ,
Ба ёд оред даври бостонро,
Бихонед аз ниёкон достонро.
Биёмӯзед аз пешиниён панд,
Ки то гетӣ набандад бар шумо банд [...]".[1]

3. Салом бар Бухорову Самарқанду Душанбе ...

Салом бар ҳамватанони маънавии ман дар сарзамини Тоҷикистон, - он ноҳият аз иқлими фарҳангии муштараки Эрони Бузург. Наврӯз бар Шумо муборак бод! Соли нав ёдгори андешаву маънавиёти ақвому мардумони ин сарзаминҳо, ки дар тӯли ҳазорон сол ин маънавиятро пойдор нигаҳ доштаанд. Ба умеди он ки ҳарчи нерӯмандтар, асилтар ин фикрро, ин андешаро дар таърих ҳифз кунем, ба наслҳои

[1] Армуғон, соли аввал, шумораи дуввум. – 1298, № 2, с. 1-8.

оянда биспорем. Бизудоем дуриҳоро ва торикиҳоеро, ки моро аз якдигар ҷудо нигаҳ медоранд, наздик бишавем он чунон, ки ҳастем дар маънӣ, ва он чунон ки будааст дар гузашта.

Дар таърихи 12 даймоҳи 1369 (2 январи 1991) дар манзили устод Шаҷариён дар Теҳрон саодати дидори дӯстон ва азизони гиромӣ ҷаноби оқои Камолиддини Айнӣ ва Муҳиддин Олимпур барои ин ночиз ҳосил шуд ва дидори эшон беҳтарин мисдоқи (рост будан) он сухани Саъдӣ буд, ки:

Дидори ёри гоиб донӣ чӣ завқ дорад,
Абре, ки дар биёбон бар ташнае биборад.

Забон ва қалам оҷизтар аз он аст, ки битавонад иштиёқ ва дилбастагии маро ба куҳанноҳият аз Ватани маънавии хеш баён кунад. Борҳо ва борҳо ба дӯстони эронӣ гуфтаам, ки агар миёни дидори Тоҷикистон ва саросари ҷаҳон муҳайирам (ихтиёр кардан) кунанд, бе ҳеҷ тардиде дидори якрӯзаи Тоҷикистонро бар дидани чандинҳазорсолаи тамоми ҷаҳон тарҷеҳ медиҳам. Ва ин суханро касоне, ки бо зиндагӣ ва аҳволи ман ошноӣ доранд, ба хубӣ эҳсос ва тасдиқ мекунанд.

Салом бар Бухорову Самарқанду Душанбе.

Салом бар тамоми шоирону нависандагон ва ҳунармандони Тоҷикистон – ҳамзабонони Саъдиву Ҳофиз, Фирдавсиву Рӯдакиву Бедил ...

Агар Рӯдакиро пас аз Саъдиву Ҳофиз қарор додам, бар ин сабаб буд, ки аввал пиромуни чуғрофиёии хешро дидам ва баъд аз дур нигоҳе кардам ба он ноҳият, он қаволӣ ва он маҷмуаи бузург ва занҷираи фарҳанги миллии хешро ба ёд овардам, ки Рӯдакӣ сарҳалқаи он занҷир аст ва Бедилро ба ёд овардам, ки устоди маънӣ ва маҳбуби ман ва аҳолии он вилоят аст. Аз ин ки ҳад нигоҳ надоштам ва дарозсуханӣ кардам, шармандаам. Он татвили (тӯлонӣ) калом нишон аст аз мизони

иштиёқи ман ба он сарзамин ва ҳунармандону шоирону нависандагонаш.

Бо беҳтарин орзуҳо барои тамоми ҳамватанони маънавии ман ва садри ҳамаи онҳо – мардуми Тоҷикистон, сарзамини Рӯдакӣ ва Садриддин Айнӣ.

Теҳрон, 12 даймоҳи 1369 22 декабри 1990
Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ[1]

[1] *Омӯзгор*, № 12, 20 марти соли 1991, с. 7.

ФЕҲРАСТИ ИСТИЛОҲОТ

Аввалбайт - 329
адабиёти бадеӣ - 10-15, 18-21
адабиётшиносӣ – 10-12, 14
амал – 181, 184, 188
антитеза - 48
анъана, урф, суннат – 65, 420, 480, 513-514
анъана ва навоварӣ – 419-436
арӯз – 373, 393
"арӯзи анъанавӣ" – 373, 388
арӯзи классикӣ - 386
арӯзи нав – 388-390, 393
арӯзи нормативӣ – 387-388, 463
"арӯзи озод" - 388
"арӯзи шикаста" - 388

Бадеъ – 88, 105, 130, 326, 423, 485
байт -373, 374
байти восила – 274, 281
байти восита - 274
байти тахаллус - 249
байт-ул-қасида - 236
баллада – 200-201
банд, хона - 273
бароати истеҳлол - 337
баҳория 267
баҳри тавил (санъат) - 390
бисёргона - 215
"буколический" - 49

Вазн – 43-44, 47-48, 51, 129, 148, 166, 237, 239,241, 245, 249, 254, 262
вазни арӯз – 376-377, 394
вазни ҳиҷо – 374-375
варваризм - 365
ватад - 376
водевил - 231
ворисият – 426, 472
воқеъа – 180, 182, 184-189, 192-193, 196, 198, 200, 201-209, 211-219, 221, 224, 227
воҳиди вазн - 373
воҳиди шеър - 373

Гирех - 316-317
гиреҳбанд – 212, 317
гиреҳкушо, қатъ, развязка - 212, 316, 320
гуфтугӯ, муколама – 365, 366

Дактил – 47, 396
декадентӣ – 64, 492
детерминизм - 57
диалог - 366
достон – 208-210
достони муҳташам – 216-217
драма – 47, 48, 178-180, 184-188, 226
драмаи мусиқӣ (мелодрама) - 231

"драматическая" - 49
дром – 230-231, 475
дубайтӣ – 237-239, 243
ду-гона (дилогия) – 214-215, 322
дуо - 327

"Елегиаческий" - 47

Ёддошт – 223-226, 468

Жанр – 196, 201-202, 204-206, 209, 211, 215, 219-220, 223
жаргонизм – 352, 362

Забон – 29, 132-134, 136, 148, 166-169, 180, 183, 187, 193, 200, 204
забони адабӣ – 352-353, 360
забони адабиёти бадеӣ - 362
забони гуфтугӯӣ – 258-360
забоншиносӣ - 18
замм - 325
зарбулмасал -134
зарофат - 245
зиддият – 312-314, 316-320, 335, 338, 343, 365, 421
зинат – 42, 362
зиҳоф - 385
зу-л-қавофӣ - 414
зӯбуҳур - 390
зуқофиятайн – 411, 415

"Иамбический" - 47
инсенировка - 231
"ироический" - 47
истиора – 82, 132
итобу истеътоб – 325
иқтисос - 327

Катарсис – 27, 87, 99
квалитативӣ - 376
квантитавӣ – 376
кизбӣ - 40
киноя – 132, 149, 156, 197, 200, 229, 302, 362, 364
китобшиносӣ – 11, 17
класситсизм – 45, 491

Латифа – 196-198, 202-203, 470
лаҳҷа – 360-361
либретто – 231-232, 475
лирика, ҷинси ғиноӣ – 47, 164, 170, 184, 188
лирикаи ахлоқӣ - 307
лирикаи ишқӣ - 307
лирикая иҷтимоӣ - 307
лирикаи медитативӣ-тасвирӣ - 195
лирикаи сиёсӣ - 307
лирикаи тасвирӣ - 195
лирикаи холис (медитативӣ) - 195
лирикаи ҳаҷвӣ - 26
"лирический" - 49

"лиро-драмавӣ" - 308
"лиро-эпикӣ" – 179, 308
"лиро-эпико-драмавӣ" – 179, 308
луғат – 42, 44, 167
луғз – 231, 500

Мавзуъ – 41-42, 116, 136, 147, 149, 158-166, 168
мавзуъ (вазъшуда) - 159
мазҳака – 170, 177-178
мадҳ – 210, 283-284
мадҳия - 267
мактаби адабӣ – 486-489
манзара – 182, 187, 193, 195, 203, 208, 214, 272, 321, 335
маорифпарварӣ - 490
марсия – 267, 287, 364
маснавӣ – 209, 251, 253, 294-295, 302, 332, 341, 343, 344, 401, 403, 410-411
маснавии лирикӣ - 251
матлаб – 254, 258, 269
матлаъ – 254, 258, 304, 327-329
матншиносӣ -14-15, 24
маънӣ, маонӣ (маънии бикр, маънии тоза, маънии хосса) - 42, 131, 168
мақол - 134
мақтаъ, хотима, анҷом, фаровард – 327, 337
маҷоз – 131-132
миллияти адабиёт – 65, 67
мимесис - 26
мисраъ - 374
монолог - 366
муаммо - 500
муболиға – 106, 131-132, 134
мубтадо - 371
мундариҷа, мазмун – 41-42, 44, 73-74, 106, 146-147, 150, 154-155, 166-172, 174
мундариҷаю шакл – 13, 42, 146-147, 386, 430
мунозира - 200
мунфасил – 42, 362
мусаммат – 373, 402, 410, 424, 428, 450
мусаммати муашшар – 269-270
мусаммати мураббаъ – 269-270
мусаммати мусаббаъ – 269-270
мусаммати мусаддас – 269-272, 300, 450
мусаммати мусаллас – 269-270, 298
мусаммати мусалласи мустазоди тарҷеъбанд - 298
мусаммати мусамман -269-270
мусаммати мутассаъ – 269-270

мусаммати мухаммас – 269-270
мусаммати эпикӣ - 273
муставлӣ – 42, 362
мустазод – 42, 203, 264, 289, 290, 293-295
муталаввин – 387-388, 390
мутамоилият – 59, 61, 150, 154
мутағайир – 42, 362
муғаннинома – 339-341, 343
муҳокот – 20, 26-27, 35-39, 82

Навоварӣ – 419, 427-439
назарияи адабиёт – 4, 5, 13
назарияи ҳусн – 53-54
назира – 348-349
назм – 369, 372, 489
насиб – 253, 325, 331
наср – 369-370, 372
нақди адабӣ – 11-13, 24-25
нақл – 42, 80, 90, 177, 322
нафрин - 325
новелла – 204-206
нома - 387
нуқтаи олӣ (кулминатсия) – 212, 316, 319

Образ (сурат, сувар, мусаввара, тасвир, акс, инъикос, тандиаса) – 33, 36, 81-84, 87, 89, 91-92, 94, 96, 97, 99, 106, 111, 121, 126, 129, 130, 133, 134, 135, 140, 163, 166, 180-181, 185, 333
образҳои ҷовид – 124-125
опера - 232
офарин - 325
очерк – 219-221, 474
очеркҳои портретӣ - 220
очеркҳои проблемӣ - 220

Пайравӣ - 348
персонаж (иштироккунанда) – 73, 85, 90, 93, 117-123, 126, 180, 183, 202-203, 207, 214
пиррихий - 47
повест – 206, 208, 425, 469
портрет – 118-119, 166, 180, 183, 187, 193, 202, 207, 213-214, 220, 262
поэтикаи классикӣ - 44
поэтикаи нормативӣ – 43, 44, 294
пролог – 212, 316, 321
профессионализм - 352
публисистика - 179

Рабт, инкишоф – 212, 316, 318
равӣ – 399-400
радд-ул-ачуз ала-с-садр - 132
радиоинсенировка - 231

радиф – 24, 247, 256, 277, 286, 392, 400
рамз - 364
реализм – 56, 58, 224, 230, 493-496, 511
реализми сотсиалистӣ – 503-510,
реализми танқидӣ – 501-503
риндия – 490-491
робитаи адабӣ 453-454, 456-457
роман – 183-185, 194, 206, 209, 211-216
романи манзум - 216
романтизм – 56, 74, 205, 222, 224, 229, 492-495
романтизми револютсионӣ - 510
рубой – 235, 238-244, 290, 293-294, 330, 344, 349, 373
рубоиёти мавқуф - 243
рубоиёти мусалсал - 243
рубоиёти мустазод - 290
рубоии тарона - 239
руҷӯи лирикӣ -339-341

Сабаб - 376
сабк - 134
сабки ироқӣ - 134
сабки хуросонӣ - 134
сабки ҳиндӣ - 134
садр - 327
санъатшиносӣ - 19
санъатҳои бадеӣ - 131
санъатҳои лафзӣ - 132
санъатҳои маънавӣ - 133
сарсухан, муқаддима, дебоча - 321
сарчашмашиносӣ - 16
“сатирический” - 49
сафарнома – 219-223, 468
саҷъ – 132, 270
се-гона (трилогия) – 215, 322
сентиментализм - 492
сидқӣ - 39
синекдоха - 48
синфият – 53, 68, 74-78
сонет - 305
соқинома, муғаннинома - 339-344
спондей - 47
сужет – 13, 192, 216, 422, 444, 463-464, 466, 482,
суолу ҷавоб - 325
сухани бадеӣ – 10, 130, 144, 351
сухани илмӣ – 10, 80-81
сухани персонаж – 180, 366
сухани тавсифии нависанда - 366
сӯфия - 490

Тааббӣ - 325
таваззӯъ - 325

тавсиф - 365
тазмин – 326-327, 345-347
тазоду муқобила - 48
такрор - 274
талаб - 335
талмеҳ – 132, 364
таманнаъ - 325
тамсил – 34, 198-200
тарзи тасвир, методи эҷодӣ, типи эҷод – 28, 39, 52, 231, 482, 492, 494, 498
таркиббанд – 274, 283-289, 468
тарҷеот – 273-274, 288, 289, 300, 332
тарҷеъбанд – 274, 275, 277, 279, 280-284, 289, 298, 301
тасвирҳои шоирона – 48, 129-135, 138
тасдир - 327
тасомӯҳ - 325
татаббуъ - 350
тахайюл, тахайил, мухайял – 32, 34-37, 40, 345
тахаллус (гурезгоҳ) – 249, 260, 327-328, 332
тахаллус (имзо) - 332
ташбеҳ – 131-132, 134-135, 325
ташбиб – 253, 325, 327, 331
ташхис – 132, 171, 302, 364
таърих (санъат) - 500
таъсири адабӣ – 456-457
таърихи адабиёт – 11-13, 150, 243, 274, 299, 444, 519
тағаззул - 331
тақлид - 350
тип – 121, 196
трохей (хорей) - 47

Умумият (типикунонӣ) – 92, 183
услуб, шева, тарз, тариқ, равия, мазҳаб – 28, 50, 148, 482, 484, 485-486
устухонбандӣ (композитсия) – 29, 103, 166, 254, 256, 259, 311, 322-323, 327, 344-345

Фард, муфрадот, "фардбайт" – 233-234
фахрия - 267
фосила - 376
фоҷиа – 27, 29, 177, 394

Хабар - 371
хазония - 268
халқият – 52, 61-63, 65
хамрия - 267
характер – 29, 68, 74, 77, 90, 92, 103, 117-119, 121, 126, 130, 180-181, 183, 185, 192, 196, 203, 207, 213, 218, 221, 225, 229, 318, 335, 362, 482
хитобат - 40

хотима, хулоса, охирсухан, анҷом, эпилог - 321
хусравонӣ - 341

Чор гона (тетралогия) - 322
чистон – 143, 233, 445

Шакл, шакли бадеӣ – 41-42, 61-63, 73, 132, 166-167, 170, 459, 468, 483, 492
шаҳрошӯб – 364, 500
шеър – 32-44, 261
шиквоия - 267
шукру шикоят - 325
шуубия - 437

Экспозитсия, оғоз – 317-318
"элегиаческий" – 49, 178
"эпиграмматический" – 49-178
"эпико-драмавӣ" - 308
эпилог – 212, 316, 321-322
"эпическая" - 49
эпопея - 218

Ямб (иамб) – 47, 396

Ғазал – 164, 249, 253-261, 273, 283
ғазали мусалсал - 259
ғазали мустазод - 290
ғоя (идея) – 44, 57, 61, 73, 120, 139, 147-155, 170, 194, 218, 254, 311, 322, 345

Қасида – 247, 253, 261-263, 266-269, 323, 328
қаҳрамон - 470
қаҳрамони лирикӣ (раҳӣ, хаста, нотавон) – 189-190
қисса – 200-201, 206, 2308, 325, 386, 468, 493
қитъа – 141, 201, 233, 244-249, 284, 286, 288, 293
қофия – 24, 32-35, 42, 44, 129, 139, 209, 234, 351, 369, 373, 392, 397-412

Ҳабсия - 267
ҳамоса – 29, 47, 179-184, 196, 206, 218-219, 223
ҳаракату сукунат - 16
ҳақиқати бадеӣ – 105-110
ҳақиқати воқеъӣ – 105-110
ҳаҷв - 245
ҳаҷвия - 267
ҳикоя – 201-206, 321, 325, 340, 468, 474
ҳикояи лирикӣ - 301
ҳиҷо – 373, 379
ҳолия - 267
ҳоҷиб – 403, 412

ҳусни талаб, матлаб, савол, бароати талаб, адаби талаб – 335, 336
ҳусни матлаъ, бароати ибтидо – 328, 331
ҳусни мақтаъ, интиҳо, хотима, бароати мақтаъ – 336-337
ҳусни тахаллус – 333-335
Ҷавобия - 349
ҷавонмардӣ – 490, 513
ҷамъиятшиносӣ - 20
ҷараёни адабӣ – 163, 306, 424, 435, 481, 489-492
ҷаҳонбинӣ – 15, 41, 56-57, 59-64, 73, 76, 119, 126-127, 154
ҷинс, ҷинси адабӣ – 51, 92, 163, 177-189, 209, 226, 230-232
ҷузъ ва кулл – 38.

Китобҳое аз муаллифи ин китоб:

1. Сафъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970, 220 с.; (тоҷикӣ).

2. Талаби замон ва робитаҳои адабӣ. – Душанбе: Дониш, 1973; (тоҷикӣ).

3. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Душанбе: Ирфон, 1974, 224 с.; (тоҷикӣ).

4. Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор. – Маскав: Наука, 1977, 220+11 с.; (русӣ).

5. Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1980, 152 с.; (тоҷикӣ).

6. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. – Душанбе: Дониш, 1983, 196 с.; (русӣ).

7. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: Ирфон, 1984, 224 с.; (тоҷикӣ).

8. Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: ДДТ, 1985, 116 с.; (тоҷикӣ).

9. Дарахти дӯстӣ биншон. – Душанбе: Адиб, 1987, 240 с.; (тоҷикӣ).

10. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. – Душанбе: Маориф, 1987, 87 с.; (тоҷикӣ).

11. Таджикско-персидская классическая поэтика X-XV вв. – М.: Наука, 1989; 240 с. (русӣ).

12. Назарияи адабиёт. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 1990, 338 с; (тоҷикӣ).

13. Дар боғи Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1992, с. 141-291; (тоҷикӣ).

14. Тоҷикистон: Озодӣ ё марг! – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1373, 100 с.; (форсӣ).

15. Забон ва адаби форсӣ дар Фароруд. – Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1376, 220 с.; (форсӣ).

16. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1377, 256 с.; (форсӣ).

17. Устодон ва ҳамдарсон. – Теҳрон, 1378, 92 с.; (тоҷикӣ).

18. Саду як андеша. Дафтари 1. – Теҳрон, 1999, 87 с.; (тоҷикӣ).

19. Андешаҳо. – Душанбе: Адиб, 2000, 68 с.; (тоҷикӣ).

20. Пораи Самарқанд. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1378, 189 с.; (форсӣ).

21. Саду як андеша. Дафтари 2. – Теҳрон, 2000, 142 с.; (тоҷикӣ).

22. Саду як андеша. Дафтари 3. – Теҳрон: Нашри рӯзгор, 2000, 74+102 с.; (тоҷикӣ, форсӣ).

23. Аз Қубодиён то Кирмоншоҳон. – Теҳрон: Дабирхонаи Шӯрои густариши забону адаби форсӣ, 1380; 195 с. (форсӣ).

24. Чаҳор сухан аз ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ. – Теҳрон: Ал-ҳудо, 1382; 34-38 с.; (тоҷикӣ, форсӣ).

25. Ситораҳои Помир. – Теҳрон: Ал-ҳудо, 1383; 200 с.; (форсӣ).

26. Порсии дарӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1383, 245 с.; (форсӣ).

27. Тоҷикон дар таърих. – Теҳрон: Насими Бухоро, 1383, 104 с.; (форсӣ).

28. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Теҳрон: Бунёди мавқуфоти док. Эрачи Афшор.

29. Китобшиносии ҷомеъи ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ. – Теҳрон: Нашри Фарзон, 1384, 321 с.; (форсӣ).

30. Посух ба ҳазораи дувум, дуруд ба ҳазораи севум. Чопи дувум. – Теҳрон: Нашри Балх, 1384, 130 с.; (форсӣ).

31. Тоҷикон 2500 сол ... – Душанбе: Адиб, 2005, 83 с.; (тоҷикӣ).

32. Ойинаи Қубодиён. Теҳрон: Маркази аснод ва таърихи дипломатия, 1386, 285с.; (форсӣ).

33. Ойинаи Қубодиён – Душанбе: Олами дониш, 2024, 317с.; (тоҷикӣ).

ФЕҲРАСТИ МАЗУЪҲО

Дебоча 3
Китоби ҷомеъ ва судманд 5

Муқаддима 10
1. Адабиётшиносӣ 10
а. Илмҳои асосии адабиётшиносӣ 11
2. Нақди адабӣ 12
3. Назарияи адабиёт 13
б. Илмҳои ёвари адабиётшиносӣ 14
1. Матншиносӣ 14
2. Сарчашмашиносӣ 16
3. Китобшиносӣ 17
Робитаи адабиётшиносӣ бо илмҳои дигар 18
1. Забоншиносӣ 18
2. Илмҳои санъатшиносӣ 19
3. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ 20
Илми иқтисод 21
Этнография, психология, антропология, физиология
Нуҷум (ситорашиносӣ), табиатшиносӣ 22
Баъзе илмҳои дигар ҳамчун ҳисоб, ҳандаса, тиб,
топонимика 22
Мақоми назарияи адабиёт дар системаи илмҳои
адабиётшиносӣ 23
Таърихчаи афкори назарӣ 25
Юнон ва Рими қадим 26
Шарқи асрҳои миёна 30
Аврупо 45
Русия 47
Карл Маркс ва Фридрих Энгелс 56

Боби I: Гароиш (мутамоилият) 59
Халқияти адабиёт 62

Таносуби халқият ва миллияти адабиёт 65
Синфияти адабиёт 68

Боби II: Адабиёт як навъи санъат 80
Образ 82
Таърифи образ 82
Заминаи образ 83
Фардияти заминаи образ 89
Умумияти заминаи образ, ё худ типикунонӣ 92
Ҷойгоҳи тахаюл 95
Арзиши образ 99
Шартҳои санъат 103
Ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ 105
Дарди эҷод 110
Персонаж, тип, характер 117
Персонаж 118
Тип 121
Қаҳрамон 123
Образҳои ҷовид 124
Характер 126
Тасвирҳои шоирона 129
Санъатҳои бадеӣ 131
Қудсияти сухан 143

Боби III: Мундариҷа ва шакл 146
Мундариҷа 146
Ғоя 147
Мазмуни асари бадеӣ 155
Мавзуъ 158
Шакл 166
Таносуб – қонун 167

Боби IV: Қонунияти ҷинсӣ ва жанрии асари бадеӣ. 177

А. Ҷинсҳои адабӣ 177
Қонунияти ҷинсии адабиёти бадеӣ 177
Ҷинси ҳамоса (эпикӣ) 180
Ҷинси драма 184
Ҷинси ғиноӣ (лирикӣ) 188
Б. Жанрҳои адабӣ 196
Жанрҳои ҳамоса 196
а. Жанрҳои хурди ҳамоса 196
Латифа 197
Тамсил 198
Баллада 200
Ҳикоя 201
Новелла 205
б. Жанрҳои миёнаи ҳамоса 206
Повест (қисса) 206
Достон 208
в. Гурӯҳи жанрҳои муҳташам 211
Роман 211
Достони муҳташам 216
Эпопея (ҳамоса) 218
г) Гурӯҳи махсуси жанрҳои ҳамосавӣ 219
Очерк 219
Сафарнома 220
Ёддошт 223
2. Жанрҳои драма 226
Фоҷеа 226
Мазҳака 228
Дром 230
Жанрҳои дигари драмавӣ 231
Публитсистика 232
3. Жанрҳои ғиноӣ 232
Фард 233
Дубайтӣ 237

Рубой 238
Қитъа 244
Маснавӣ 251
Ғазал 253
Қасида 261
Мусаммат 269
Тарҷеот 273
Мустазод 289
Жанрҳои омехта 299
Ҳикояи лирикӣ 301
Достони лирикӣ 302
Сонет 304
Ашъори номаълумжанр 306

Боби V: Яклахтиву ягонагии асари бадеӣ 309
Сужа 312
Экспозитсия 316
Гиреҳ 316
Рабт 317
Авҷ 318
Қатъ 319
Оғоз (пролог) 320
Анҷом (эпилог) 320
Устухонбандӣ 321
Матлаъ 327
Ҳусни матлаъ 328
Насиб 330
Ташбиб 330
Тағаззул 330
Тахаллус 331
Ҳусни тахаллус 332
Талаб 334
Ҳусни талаб 334

Мақтаъ 335
Ҳусни мақтаъ 335
Бароати истеҳлол 336
Соқинома, Муғаннинома, руҷуи лирикӣ 338
Тазмин 344
Назира 347
Ҷавобия 348
Татаббуъ 349
Пайравӣ ва тақлид 349

Боби VI: Қолаби сухан 350
Забони асари бадеӣ 350
Забони гуфтугӯӣ 357
Забони адабиёти бадеӣ 361
Назму наср 368
Вазни шеър 371
Таърифи вазн 373
Шартҳои ҳиҷоҳои арӯзӣ 376
Баъзе истисно ва анъанаҳо 378
Табиати арӯз 384
Омезиши вазнҳо 386
Арӯзи нав 387
Арзиши арӯз 392
Қадимтарин вазни шеър 393
Қофия. Таърифи қофия 396
Равӣ 398
Сохтори қофия 400
Вазифаҳои қофия 402
Вазифаи ғоявию мундариҷавии қофия 402
Вазифаи ҳиссию психологии қофия 405
Вазифаи қофия дар оҳанг 405
Санъатҳои қофия 410
Радиф 414

Боби VII: Равиши эҷоди бадеӣ 418
Анъана ва навоварӣ 418
Унсурҳои анъана 421
Арзиши анъана 423
Ворисият 425
Навоварӣ чист? 426
Навоварӣ 426
Таснифи анъана 427
Таносуби навоварӣ бо мундариҷаю шакл 429
Робитаи узвию диалектикии анъанаю навоварӣ 432
Омилҳои анъана ва навоварӣ 435
Таносуби анъанаю навоварӣ бо мундариҷаи адабиёти бадеӣ 442
Таносуби анъанаю навоварӣ бо ғоя .....
Таносуби анъанаю навоварӣ бо мавзуъ .....
Робитаи адабӣ .....

Боби VIII: Тарзи тасвири ҳақиқати зиндагӣ 481
Услуби эҷодӣ 481
Мактаби адабӣ 485
Ҷараёни адабӣ 488
Баргаҳое аз лутфу зарофат 511
Пасгуфтор 519
Феҳристи истилоҳот 525
Китобҳое аз ҳамин муаллиф 533

БАРОИ ҚАЙДҲО

БАРОИ ҚАЙДҲО

РАҲИМ
МУСУЛМОНИЁНИ ҚУБОДИЁНӢ

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

Ба матбаа 11.09.2024 сол супорида шуд.
Ба чопаш 03.03.2025 сол имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҳуруфи адабӣ.
Гарнитура Times New Roman Tj
Ҷузъи чопӣ 15. Адади нашр 150 нусха.

Дар ҶДММ «Торус» чоп шудааст.
ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126